У. Тоиров
М. Солеҳов
Р. Шарифов

АДАБИЁТИ ТОҶИК

10

Урватулло Тоиров
Мирзо Солеҳов
Рачаб Шарифов

АДАБИЁТИ ТОҶИК

НАШРИ АВВАЛ
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия намудааст

ДУШАНБЕ
2007

Тоиров У., Солеҳов М., Шарифов Р.
Адабиёти тоҷик. Барои синфи 10 – Душанбе:
– 2007. – 300 с.

Муқарризон: **Абдуманнон Насриддинов,** доктори илми филология, профессор.
Аъламхон Кӯчаров, доктори илми филология, профессор.
Абдулҳай Маҳмадаминов, доктори илми филология, профессор.
Аъзам Худойдодов, номзади илми филология, дотсент.
Вафо Элбойзода, номзади илми филология ва **Сафаралӣ Афғонов,** муаллими забон ва адабиёти тоҷики Литсей-интернати Президентӣ.

МУҚАДДИМА

Адабиёт ва мавзӯи баҳси он

Адабиёт лафзи арабӣ буда, решаи он адаб аст, ки ба маънои дониш, маърифат, гуфтору кирдори нек ва хирад далолат мекунад. Адабиёт дар мафҳуми васеи он маҷмӯи осори хаттию шифоҳии қавме, халқе, миллате буда, дар фаҳмиши маҳдуди он инъикоси бадеии ҳаёт аст ва ин тарзи тасвири зиндагӣ ба воситаи образҳо ба тасвир овардани ҳаёт мебошад. Яъне адабиёт дар фаҳмиши истилоҳии он як навъи санъат буда, ба воситаи образҳо тасвир намудани ҳаёт, дунё аст ё ин ки адабиёт инъикоси образноки ҳаёт буда, дар он ҳарду паҳлуи зиндагӣ-тарафҳои мусбат ва паҳлуҳои манфӣ ба воситаи образҳо, тимсолҳо, намунаҳо тасвир карда мешавад. Ба ин восита зуҳури манфии ҷомеа маҳкум карда шуда, паҳлуҳои мусбати он тарҳибу ташвиқ мегардад. Аз ин рӯ, адабиёт ҳамчун навъи санъат барои рушду нумуи ҷамъият таъсири ниҳоят қавӣ дорад ва дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба он вобаста аст. Умуман, адабиёт инъикоси воқеият ба воситаи образест, ки тавассути каломи манзум (назм) ва мансур (наср) амалӣ мегардад.

Адабиёт китоби дарсии ҳаёт аст. Эҷодкори адабиётро адиб меноманд ва адибе, ки бо каломи манзум-шеър сару кор дорад, эҷод мекунад, шоир ва адибе, ки осори насрӣ меофарад, нависанда номида мешавад.

Ҳадаф аз лафзи адабиёт, пеш аз ҳама, адабиёти бадеӣ буда, онро дар гузашта каломи бадеъ гуфтаанд. Каломи бадеъ- сухани нав, аҷоиб, нодир буда, дар мантиқи оддии ифода сухани образнок, тасвири образнок аст. Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ ба инсон сару кор дорад, рӯзгору фаъолияти инсонро меомӯзад. Ба эҳсосоту тафаккури инсон таъсир мерасонад. Ҷаҳонбинӣ, донишу хирад, маърифату тафаккури ӯро такмил медиҳад ва аз ин ҷост, ки адибро муҳандиси рӯҳии инсон низ мегӯянд.

Калимаи адабиёт маҳсули миёнаҳои асри XIX буда, таърихи зуҳури адабиёт ҳамчун санъати сухан хеле қадима аст. Аз ин рӯ, дар асрҳои миёна ибораҳои улуми адабӣ, улуми адабия, фунуни адабия мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки аз 12 то 22 ҷузъи фунуни адабиро фаро мегирад. Аз ҷумла: илми луҳат, илми наҳв, илми сарф, илми баён, илми аӯрз, илми қофия, илми хат, илми иншо, илми маъонӣ ва ғайра ба шумор мерафтааст.

Дар маркази адабиёти бадеӣ симои инсон, шахс меистад. Яъне мавзӯи баҳси адабиёти бадеӣ ҳамоно инсон ва ҷамъият, одамон ва воқеияту муҳити иҳотакунандаи онҳост. Камолоти маънавии инсон ҳадафи адабиёти бадеист.

Адабиёт фанни инсоншиносӣ, санъати сухан ва воситаи тарбияю такмили камолоти маънавии башарият аст. Адабиёт таърихи халқ, андозаи ҷаҳонбинӣ, тафаккури бадеӣ, хазинаи зеҳнӣ, тавоноии ақлонӣ ва бардоштҳои мафкуравии инсоният аст ва аз сабаби он ки фанни миллист, пас бурду бохти ҳамон миллату халқият низ ҳаст.

Адабиёт дар заминаи эҷодиёти шифоҳии халқ дар замонҳои хеле қадим пайдо шудааст ва аз рӯи иттилооти олимон таърихи адабиёти

тоҷик 8 ҳазор сол қабл зуҳур кардааст. Дар адабиёти шифоҳӣ бошад, унсурҳои суханони образнокро дар асотир ҷустаанд ва минтақаҳои маданӣ ё гаҳвораи тамаддунро дар Эрон, Мисру Чин, Ҳиндустону Рим донистаанд. Дар Мисри Қадим аҳди Ромсиси II осори манзум тахмин карда мешавад, ки оҳози садаи XIVто милод эҷод шудааст. Ё худ «Иллиада» ва «Одиссея»-и Ҳомери Юнонӣ оҳози асри IX то милод ва «Ведо»-и ҳиндуҳо дар асри XII то милод манзум шудаанд. «Авасто» (гӯё аввалин шеърро Бобои Одам гуфтааст) ва хусусан, готҳо қадимтарин бахши он ба шумор меравад, ки аз зуҳури адабиёт ва фарҳангу ҳунар гувоҳӣ медиҳад. Вале, чунон ки ишора намудем, таърихи эҷодиёти шифоҳӣ (фолклор) боз ҳам муқаддамтар аст, зеро эҷодиёти шифоҳии халқ то зуҳури хат ва алифбо пайдо шудаву ибтидо ё худ оғози пайдоиши адабиёти касбӣ ба шумор меравад.

Дар асрҳои миёна бошад мо ҳанӯз дар оғози пайдоиши феодализм ташаккули адабиётро мушоҳида мекунем, ки ибтидои он ба эҷодиёти Рӯдакӣ ва муосирони вай рост меояд, ки ба қавле дар ин аср наздик ба 250 тан қуввоҳои адабӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Давраи нави инкишофи адабиёти асрҳои миёна ба замони эҳёи маданӣ рост омадааст. Хусусан ҷараёни маорифпарварӣ (нимаи II асри XIX) миёни нерӯҳои адабӣ табаддулоти мафкуравиро тавлид намуд ва такони иҷтимоие зуҳур кард, ки барои пешрафти ҷамъият заминаи хеле мусоид фароҳам овард.

Тарзу усули тасвир дар адабиёт моҳияти баланди зебоипарастӣ дорад, зеро нафосатро ҳама дӯст медорад ва аз ин рӯ, адабиёт тамоили пурра ба нафосат дорад. Масалан, ҷузъиёти табиат: санг, замин, кӯҳ, дарахт, дарё, гиёҳ, борон, абр, бод, осмон ва Ҳайра мавзӯи баҳси илмҳои дигар низ ҳаст. Адабиёт ҳангоми ба тасвир гирифтани онҳо, пеш аз ҳама, ба онҳо зебоӣ мебахшад, чунончи тасвири баҳор дар як баҳорияи устод Рӯдакӣ:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб[1].
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб[2].
Наффот[3] барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин муҳиб[4].
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб[5].
Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

1. Машиб-пирӣ, кӯҳансолӣ
2. Нақиб-пешво
3. Наффот-оташбоз, партавафрӯз.
4. Муҳиб-боҳайбат
5. Каиб-ғамгин

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯи суманбодро табиб.
Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз абр баркашид яке ҳуллаи қасиб[6].
Кунҷе, ки барф пеш ҳамедошт гул гирифт,
Ҳар ҷӯяке, ки хушк ҳамебуд, шуд ратиб[7].
Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб[8].
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс ба ҳино шуда хазиб[9].
Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб[10].
Сулсул ба сарвбун-бар бо наҲмаи кӯҳан,
Булбул ба шохи гул-бар бо лаҳнаки Ҳариб.
Акнун хӯред бодаву акнун зиед шод,
К-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб.
Соқӣ гузин бодаву май хӯр ба бонги Зер[11],
К-аз кишт сор ноладу аз боҲ андалеб.
Ҳарчанд навбаҳор ҷаҳон ас(т) ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар-он меҳтари ҳасиб[12].
Шеби ту бо фарозу фарози ту бо нишеб,
Фарзанди одамӣ ба ту андар ба шебу теб[13].
Дидӣ ту режу[14] ком бад-ӯ андарун басе,
Бо ридакони[15] мутриб будӣ ба фарру зеб.

Дар ин баҳория ҳама чиз зебост ва адабиёт, пеш аз ҳама, ба онҳо чунин нафосатро эҳдо намудааст. Баҳор беш аз сад ҳазор воситаҳои зебу зинат ҳамроҳ дорад ва аввалиндараҷаи он муҳассанот рангу бӯи аҷоиб аст. Ин аст, ки баҳор марди пирро шояд ҷавон гардонад, вале табиати сармозадаро аллакай бедор намуда ҷавонию ҷамол бахшидааст. Зеро борон-мушкбӯй, абр-ҳуллаваш, рӯи замин (дашту даман)-гулпӯш, киштзоронро лола мисли панҷаҳои ҳинобастаи арӯсон намудаву паррандагон наҲмасароиҳо доранд. Мақсади шоир хушгузаронии умри азиз, рӯ овардан ба шодию нишот ва баҳрабардорӣ аз ҳаёт аст.

1. Адабиёт на танҳо табиат ва аҷзои онро ҳусну тароват, нафосату зебоӣ мебахшад, беш аз он адабиёт ба инсон аз нигоҳи зоҳиру ботин, шаклу намуд ва ниҳоду сират низ нерӯ медиҳад. Башарият ҳангоми ба забон гирифтан ё хондани номҳои Рустам-таҳамтани муқтадир,

---

[6] Ҳуллаи қасиб-либоси абрешимин
[7] Ратиб-тар, намнок
[8] Қазиб-шох, шоха,
[9] Хазиб-рангин
[10] Муҷиб-ҷавобдиҳанда
[11] Зер-пардае аз мусиқӣ
[12] Ҳасиб-соҳиби фазилат
[13] Шебу теб-саргашта, ошуфта
[14] Реж-мурод, мақсад
[15] Ридакон-Ҳуломбачаҳо

халқпарвар, ватандӯст, озодихоҳ, адолатҷӯро тасаввур мекунад. Ё ки баробари ба ёд овардани Лайлӣ, Ширин, Маҷнун, Юсуф иффату исмат, покиву сафо ба хотир мерасад. Баръакс, ҳангоми шунидани Заҳҳок, Ширӯя, Хусрав, Афросиёб, Кайковус симои манфури худписандӣ, такаббур, пасттинатӣ, кӯтоҳназарӣ, бехирадӣ, гумроҳӣ, худхоҳӣ, хиёнату бевафоӣ, зиёну бадкирдорӣ, золимию қотилӣ ва Ҳайра ба ёди кас меояд, ки он аз таъсири қувваи сухан, нерӯи калом- адабиёт аст.

Албатта дар ин миён симоҳои машҳур мисли Рустам, Сӯҳроб, Сиёвуш низ Ҳалатҳо кардаанд, вале инсоният аз Ҳалатҳои онҳо низ сабақи ҳаётӣ мегирад. Аз ин рӯ, ҳатто образҳои манфӣ низ ба инсонҳо таъсири мусбат мерасонанд, зеро одамон аз кирдори зишти онҳо низ таҷриба ҳосил намуда, дар ҳаёт аз хислатҳои разила ҳазар мекунанд, дурӣ меҷӯянд, то ки ба рафтору кирдори зишт рӯ ба рӯ нашаванд. Аз ин рӯ, эҷодкорони адабиётро вобаста ба донишу маҳорат, истеъдоду ҳунар, ҷаҳонбинию пояи эҷодиашон башарият қадршиносӣ менамояд. Ин аст, ки дар таърихи эҷоди бадеъ унвонҳои ифтихории «маликушшуаро», «амирушшуаро», «надимушшуаро», «одамушшуаро», «халлоқулмаонӣ», «афсаҳулму-такаллимин», «абулахлоқ», «абулмаонӣ», «лисонулҲайб», «маликулкалом», «султонулфузало» ва Ҳайра ба миён омаданд ва суханварон вобаста ба пояи эҷодиашон сазовор дониста шудаанд. Масалан, Рӯдакӣ «одамушшуаро», Камоли Исмоил (охири асри XII) «халлоқулмаонӣ», Саъдӣ «абулахлоқ», Ҳофиз «лисонулҳайб», Бедил «абулмаонӣ» дониста шудаанд.

Адабиёти бадеӣ, ки ба инсон сару кор дорад ва мақсади асосии он тарҳиби хислатҳои ҳамидаи инсон ва маҳкум намудани аъмоли разила буда, барои ба мақсад расидани одамон дар ҷомеа кӯмак мерасонад. Адабиёти бадеӣ ба инсон барои расидан ба мақсад ёрӣ менамояд ва одамонро ба ҳаёт, ба зиндагӣ дилгарм, шердил, боҳайрат ва ӯҳдабаро мегардонад. Баробари пешравию инкишофи инсон, муҳиту ҷамъият, адабиёти бадеӣ низ дар заминаи қонунҳои муайян инкишоф меёбад, пеш меравад ва қонуниятҳои ба худ хосу ҷудогона дорад. Илме, ки қонуниятҳои пайдоишу ташаккул, рушду таҳаввулоти адабиёти бадеиро меомӯзад, **адабиётшиносӣ** ном дорад, ки он дар навбати худ, дорои се қисм аст: таърихи адабиёт, назарияи адабӣ, нақди адабӣ мебошанд. Таърихи адабиёт-пайдоиш, ташаккул ва рушду таҳаввули адабиётро меомӯзад.

Қонуниятҳои зуҳуру ташаккул ва инкишофи анвоъи адабӣ, принсипҳои эҷод ва бардоштҳои жанрию ҷинсии адабиётро қисмати назарияи адабиёт тадқиқ мекунад. Оид ба ҳунари эҷодиву ҳусну қубҳи таълиф нақди адабӣ сару кор дорад. Бахшҳои мазкури адабиётшиносиро бе якдигар наметавон мукаммал донист, зеро онҳо дар ҳамбастагии якдигар инкишоф меёбанд.

Бахшҳои мазкур қисматҳои асосии адабиётшиносӣ буда, онҳо инчунин бахшҳои ёрирасони дигар низ доранд, ки барои инкишофу пешрафти илми адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. Масалан, ба қисматҳои ёвари адабиётшиносӣ: матншиносӣ, сабкшиносӣ, сарчашмашиносӣ,

китобшиносӣ ва ғайра дохил мешаванд. Дар таърихи адабиёти тоҷик ҳатто довариҳои шоирона таърихи нақди адабӣ ё танқидро мукаммал сохтааст. Шоирони форс-тоҷик: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Аттор, Хоқонӣ, Низомӣ, Заҳири Форёбӣ, Анварӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Саъдӣ, Салмони Совақӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Нозими Ҳиротӣ, Сайидо, Бедил, Возеҳ, Шоҳин ва дигарон, ки шашуним ҳазори онҳо соҳибдевонанд, ҳар кадом сабки хоси худ, ҷою макон ва мақоми хешро доранд. Онҳо дар ашъори худ аз назокат, нерӯи ақлонӣ, ҳунари суханварию санъати сухани худ ёд карда, норасоии ҳамкасбони хешро низ ёдрас намудаанд. Масалан, Манучеҳрии Домҳонӣ (нимаи аввали асри XI) мегӯяд:

Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
Бачча нозодан беҳ аз шашмоҳа бифкандан ҷанин.

Ҳадафи шоир дар ин байт эҷоди бадеъро фарзанди эҷодкор гуфтан буда, ӯ шеърро фарзанди шоир медонад ва бояд ҳаматарафа дар камолоти эҷод сайъ намуд, то нуқсоне дар он роҳ наёбад. Ё худ Хоқонии Шарвонӣ баъд аз Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дуюмин шоир аст, ки дар ашъори худ бо олами улвӣ сару кор мегирад, зеро аз шоирон ҳампанҷаи худро намеёбад. Чунончи, ӯ мегӯяд:

Сухан гуфтан ба кӣ хатм аст, медониву мепурсӣ,
Фалакро бин, ки мегӯяд: ба Хоқонӣ, ба Хоқонӣ.

Яъне ба ҳамин тариқ, шоирон бартарию афзалияти ҳунари худро васф намудаву нуқсони ашъори ҳампешагонашонро хотиррасон кардаанд. Масалан, Унсурии Балхӣ-шоири нимаи аввали асри XI дарбори Ғазнавиён-аввалин маликушшуаро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик аст, вале Хоқонӣ ӯро бо он сарзаниш мекунад, ки ба ҷуз ғазалу қасидасароӣ ҳунари дигар надорад:

Ҷуз аз тарзи мадҳу тирози ғазал
Накардӣ зи табъ имтиҳон Унсурӣ.
Шиносанд афозил, ки чун ман набуд
Ба мадҳу Ҳазал дурфишон Унсурӣ.
Зи даҳ шева, к-он ҳиляти шоирист,
Ба як шева шуд достон Унсурӣ.
На таҳқиқ гуфту на вазъу на зӯҳд,
Ки ҳарфе надонист аз он Унсурӣ.
Маро шеваи хосу тозасту дошт
Ҳамон шеваи бостон Унсурӣ.

Ин андешаҳои шоирон-эҷодкорон барои пешрафти илми адабиётшиносӣ кӯмаки фаровон менамоянд, зеро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик он ба ҳукми анъана даромадааст.

Адабиёти бадеӣ маҷмӯи донишу тафаккур, маҳорату истеъдод, табъу тавон, худшиносию ҷаҳонбинии адиб аст. Чун адиб ба ин ва ё он халқе, миллате тааллуқ дорад, пас адабиёт бурду бохти мафкуравии ҳамон халқ, симои ҳамон миллат мебошад.

Адабиёти бадеӣ ҳамчун навъи санъат, яъне санъати сухану суханварӣ нисбат ба навъҳои дигари санъат: меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, мусиқӣ, театру кино ва Ҳайра дар ҷамъият таъсири бештар дорад. Зеро яке аз сарчашмаҳои асосии навъҳои дигари санъат низ адабиёти бадеӣ аст. Муроду мақсад ва ҳадафи эҷодкор аз адабиёт тарбияи омма, таълими мардум буда, ба ин маънӣ ҳазрати Саъдӣ мегӯяд:

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

Адабиёти бадеӣ ҳиссиёту ҳаяҷони инсонро ангезиш медиҳад, одамонро аз пастиву баландиҳо, шебу фарозҳо, бурду бохтҳо, чуну чароҳо, бешу камиҳо, тазодҳои ҳаёту зиндагӣ, рӯйдодҳои олам огоҳ месозад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ аз пайдоиши оламу одам, аз зуҳури нахустин шоҳ-Каюмарс то истилои араб, то охирин шоҳи сулолаи Сосониён-Яздигурди III (соли 651 мелодӣ) сухан рондааст. Дар мантиқи оддитари ифодаи мазкур дар «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ мо саргузашти 50-шоҳро мебинем. «Шоҳнома» моли адабиёт-шеър аст ва эҷодкори он шоири ҳакими Тӯсӣ. Магар ахбори ӯ аз ахбори сарчашмаҳои таърихӣ бо тафсилу мӯътамад ва боарзиштару судмандтар нест?!, Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, нақши тарбиявӣ ва таълимӣ дорад. Дар баробари он, адабиёти бадеӣ ба ҳиссу таассуроти хонанда таъсир расонида, ба ҳодисаҳои мусбати ҳаёт таваҷҷӯҳи ӯро бедор месозад, ӯро бо ҳаёту зиндагӣ дилгарм намуда, ба муборизаҳову талошҳои рӯзгор омода менамояд. Хонандаро нисбат ба арзишҳои умумиинсонӣ: халқдӯстӣ, ватанпарварӣ, илмдӯстӣ, касбомӯзӣ, меҳнатқаринӣ, ҳалолкорӣ, нафърасонӣ, софдилӣ, ҳалимӣ, меҳрубонӣ, хушмуомилагӣ, шердилӣ, Ҳаюрӣ, суботкорӣ, далерӣ, шуҷоаткорӣ, шикастанафсӣ, дурандешӣ ва Ҳайра муҳаббати беандоза бармеангезад. Адабиёти бадеӣ дар сирати инсон барои бедор намудани ҳиссиёти зебоӣ ва идеалҳои ҳаётии ӯ яке аз муҳимтарин воситаҳои барангезиш аст.

Тамоми ёдгориҳои хаттии адабиёти бадеӣ, ки дар шакли назму наср эҷод гардидаву маҳфуз мондаанд, **мероси адабӣ** ном доранд. Мероси адабиро Ҳановати маънавӣ, хазинаи зеҳнӣ, бардоштҳои мафкуравӣ, ҳофизаи таърихӣ, қути ҷон ва Ҳизои рӯҳ низ меноманд. Дар ин ҷода халқи тоҷик ҳампанҷа надорад, зеро танҳо шоирони соҳибдевон дар таърихи адабиёти тоҷик беш аз шашуним ҳазор буда, ашъори шоирони девонашон маҳфуз намондаву осори мансури таълифгардида ба он дохил намешаванд. Ин осор ба қавле таърихи ҳаштҳазорсола дошта, то кунун аз он кохи бегазанди ниёгон 108 матни хаттии (аз ёдгориҳои аҳди бостон) то инкишофи ислом боқӣ мондааст, ки аз онҳо 16-тояшро андарзномаҳо фароҳам овардаанд.

Бояд гуфт, ки ин осор то охири асри XV-то зуҳури давлатҳои Сафавиҳо (дар Эрон) ва Шайбониҳо (дар Мовароуннаҳру Хуросон) миёни форсизабонони қаламрави мазкур муштарак аст ва аз ин рӯ, дар илми адабиётшиносӣ истилоҳи форс-тоҷик қабул гардидааст, ки мафҳуми зикршуда моҳияти муштарак будани осори адабиро ифода менамояд.

*****

Дар таълифи ин китоб имлои исмҳои хос, хусусан ному насаби адибон тағдиди назар карда шуд. Яъне, ба ҷои Абӯ-Абдуллоҳ-Абӯабдуллоҳ, Насриддини Тӯсӣ - Насируддини Тӯсӣ, Абдураҳмон -Абдурраҳмон, Ҷалолиддин-Ҷалолуддин, Шервон-Шарвон, Ҳағвирӣ-Ҳуҷвирӣ, Хисрав-Хусрав ва ғайра навишта шудаанд.

Адабиёти иловагиро алоҳида, дар интиҳои китоб низ ба ду қисм ҷудо намуда, онҳоро вобаста ба асрҳо пешниҳод намудем, яъне аввал нусхаи асл-осори адибон (сарчашмаҳо) ва пас аз он асару мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷой дода шуд.

АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVI ВА АСРИ XVII

а) Вазъияти сиёсии Осиёи Миёна ва Эрон дар нимаи дуюми асри XVI

Дар таърихи халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон асри ЊVI аввалин асрест, ки таназзули феодализм дар қаламрави мазкур шиддат мегирад. Заминаҳои ин таназзул нисбатан барвақттар оғоз гардида буд. Зуро пас аз вафоти Темур (1336-1404) меросхорони ӯ барои соҳиб шудан ба тахт сар бардошта, оромии мамлакатро халалдор мекарданд. Баъдтар империяи Темуриёнро туркҳои бадиянишин бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ барҳам доданд. Муҳаммад Шайбонихон соли 1500 Самарқанди бостониро тасарруф намуд. Тӯли 5 сол, яъне то соли 1505 ӯ тамоми қаламрави Мовароуннаҳрро таҳти назорати худ гирифт. Ҷангу низоъҳои пайдарпай, тохту тозҳои мунтазам, мансабхоҳиву ҷоҳталабиҳо қаламрави Хуросону Мовароуннаҳрро басо харобу заъиф намуда буд. Хоҷагии халқ паст мерафт, зеро низоъҳои қаламравӣ, кашмакашиҳои дохилӣ низоми инкишофи ҷамъиятро вайрон менамуд. Табақаҳои меҳнатии аҳолӣ бештар ва ҳамаҷониба зарар медиданд.

Охирин намояндаи Темуриҳо – Султон Ҳусайн Байқаро соли 1506 вафот намуд. Ду писари Султон Ҳусайн ҳангоми ҳамлаи Шайбонихон шаҳри Ҳиротро ҳимоя карда натавонистанд. Дар натиҷа, Шайбонихон соли 1507 Хуросонро низ забт намуд ва ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон гардид.

Соли 1510 нооромии гӯшношуниди дигар рух дод. Шоҳ Исмоили Сафавӣ Ҳиротро тасарруф намуда, то интиҳои садаи ЊVI низоъҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ ниҳоят тезутунд боқӣ менонанд.

Соли 1513 Исмоили Сафавӣ ба Мовароуннаҳр ҳамла мекунад, вале чандон муваффақ намешавад. Танҳо пас аз вафоти Шайбонихон то соли 1598 (наздик ба 90-сол) ҷонишинҳои ӯ давлатдорӣ карда бошанд ҳам, комилан комёб нашуданд.

Хони бообрӯ – ҳокими Бухоро - Убайдуллоҳхони Шайбонӣ баҳри озодии Хуросон аз Сафавиҳо шаш дафъа лашкар кашида бошад ҳам, бенатиҷа анҷомид. Танҳо дар замони Абдуллоҳхон (1557-1598) ба ӯ муяссар кардид, ки як андоза муттаҳидии хонҳои ӯзбекро таъмин кунад. Зеро ҳам Хуросон ва ҳам Хоразм ба давлати хонӣ муттаҳид карда шуданд. Вале пас аз вафоти Абдуллоҳхон қувваҳои марказгурез аз нав сар бадоштанд ва ҳукумати Шайбониҳо ба ҳамин восита аз арсаи таърих рафт.

Яке аз ҳодисаҳои ниҳоят даҳшатбори аср низоъҳои мазҳабӣ ба шумор меравад. Дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон баробари зада даромадани Шоҳ Исмоили Сафавӣ муборизаҳои тезутунде миёни шиаҳо ва сунниён сар зад. Ҳаводиси мазкур аз он сабаб ҳам буд, ки Исмоили Сафавӣ худро вориси мазҳаби шиа эълон намуда, баҳри ривоҷи он дар байни мардум тавассути қатлу ғорат ниятҳои дигари худро низ амалӣ менамуд. Дар асл ҳадафи ин сиёсатмадор васеъ намудани ҳудуди давлат ва сарзамини худ аз ҳисоби мамолики ободон ва ба даст даровардани

боигариву сарват буд. Ин низоъҳои мазҳабӣ амалан то охирҳои асри ЉVI идома карда, боиси харобиҳои гӯшношуниди халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон гардида буд. Ҳатто, ду тан суханварони машҳури ин давра Мавлоно Бадриддин Ҳилолӣ ва Камолуддини Биноӣ қурбони ана ҳамин гуна низоъҳои мазҳабӣ шудаанд. Аз тарафи дигар, яке аз сабабҳои ҷудоии Мовароуннаҳру Эрон ана ҳамин моҷароҳои сиёсию мазҳубӣ гардида буд.

Ташкили давлати Темуриёни Ҳинд

Темуриёни Ҳинд ва ё ин сулола дар сарчашмаҳо бо номи Бобуриён низ ёд мешавад, аз ибтидои асри ЉVI то оғози асри ЉIЉ дар Ҳиндустон ҳукмронӣ кардаанд. Аниқтараш тӯли солҳои 1526-1858 сулолаи мазкур дар қаламрави Ҳинд ҳукумат кардааст. Асосгузори ҳукумати Темуриёни Ҳинд намояндаи ҳамин сулола - Заҳируддин Бобур мебошад. Онҳоро инчунин муғулҳои бузург низ меноманд. Ин сулола дар охирҳои салтанати Аврангзеб пароканда гардида бошад ҳам, амалан то истилои Англия (с.1857) вуҷуд дошт. Силсилаи мазкур аз Бобур (1526-30) оғоз гардида, Ҳумоюн (1530-39; 1555-56), Акбар (1556-1605), Ҷаҳонгир (1605-27), Шоҳиҷаҳон (1627-58), Аврангзеб (1658-1707), Баҳодуршоҳ (1707-1712), Ҷаҳонгиршоҳ (1712-13), Фаррух Сияр (1713-19), Муҳаммадшоҳ (1719-48), Аҳмадшоҳ (1748-54), Оламгири II(1754-59), Шоҳолами II (1806-37) идома намудааст ва охирин намояндаи сулолаи мазкур Баҳодуршоҳи II солҳои 1839-1858 ҳукмронӣ кардааст.

б) Авзои фарҳангӣ ва адабӣ

Ҳавзаҳо ё марказҳои адабӣ. Одамон дар ҳама ҳолат рӯи ниёз ба илм, фарҳанг ва адаб овардаанд. Дар асри ЉVI, сарфи назар аз нооромиҳои сиёсӣ, дар қаламрави Осиёи Миёна, Эрон, Ҳиндустон марказҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ фаъолият кардаанд, ки дар рушди ҷомеъаву фарҳанг нақши муҳим гузоштаанд. Дар Осиёи Миёна - Самарқанд, Бухоро, Балх, Бадахшон; дар сарзамини Эрон - Исфаҳону Машҳад, Шероз, Табрез; дар мулки Ҳинд - Деҳлӣ, Мултон, Лоҳур, Панҷоб, Кашмир, Сарҳинд. Ҳар кадоме аз ин доираҳои фарҳангию адабӣ дар пешрафти соҳаҳои мазкур нақши сазовор гузоштаанд. Масалан, дар Осиёи Миёна: Мушфиқӣ, Нисорӣ, Мутрибӣ, Шавкати Бухороӣ Самарқандхоҷаи Тирмизӣ, Мулҳами Бухороӣ, Фитрати Зодрӯз, Сайидо ва дигарон; дар Эрон: Соиби Табрезӣ, Камини Кошонӣ, Саймирзои Сафавӣ, Мирзо Муҳаммадтоҳири Насрободӣ ва дигарон; дар Ҳиндустон: Файзии Деканӣ, Бедили Деҳлавӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки авзои фарҳангу адабиёт дар нимаи аввали асри ЉVI нисбат ба нимаи дуюм хеле фарқкунанда аст. Ҳамлаи Шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1512 ба Хуросон, боиси парокандагии қувваҳои илмию адабӣ гардид. Бештар қувваҳои адабӣ рӯ ба Мовароуннаҳр оварданд. Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хабар медиҳад, ки: «Дар он вақт (с.1512) қариб понсад кас аз вилояти Хуросон азимати мулки Мовароуннаҳр карданд».

Дар ин сарзамин илмҳои таърих, фалсафа, риёзиёт, ҳандаса, забону адабиёт, мантиқ, мусиқӣ хеле пеш рафтааст. Масалан, Муҳаммадсолеҳи

Карминагӣ дар илми мантиқ, Мавлоно Кавкабии Бухоройӣ дар нуҷуму мусиқӣ, Исматуллоҳи Самарқандӣ дар сарфу наҳв, Хоҷа Калони Самарқандӣ дар ҳакмату риёзиёт аз ҷумлаи саромадони асри худ буданд.

Илми мусиқӣ яке аз дастовардҳои халқӣ тоҷик дар асри ЉVI буда, дар се шаҳр: Ҳирот, Самарқанд ва Бухоро хеле пеш рафтааст. Дар ин бора Ҳофизи Таниш («Шарафномаи шоҳӣ»), Дарвешалии Чангӣ («Тӯҳфат-ус-сурур»), Саид Шарифи Самарқандӣ («Таърихи касира») аз симоҳои машҳури аср: Бобоҷони Ҳофиз, Дӯстмуҳаммади Удӣ, Муҳаммадалии Ноӣ, Аҳмади Ҳофиз, Ибни Чангӣ ва дигарон ёд кардаанд.

Таърихнависӣ низ хеле пеш рафтаву асарҳои гаронарзише ба майдон омадаанд. Аз ҷумла «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Шайбонинома» ва «Футӯҳоти хонӣ»-и Биноӣ» «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳофизи Убаҳӣ, «Шарафномаи шоҳӣ» ё «Абдуллоҳнома»-и Ҳофизи Таниш ва ғайра маҳсули ҳамин асранд.

Тазкира ва тақзиранависон.

Асри ЉV ба болоравии шеър ва зиёд гардидани қуввоҳои эҷодӣ характернок аст. Дар ибтидои асри ЉV доираи адабии Ҳирот қариб ки муқоисанашаванда мебошад. Баъдтар Бухоро ҳамчун маркази адабиёту қуввоҳои адабӣ нуфуз пайдо намуд. Ҳатто ҳокими вақт Амир Убайдуллоҳхон дар баробари сиёсатмадорӣ шоир ҳам буд. Ӯ бо тахаллуси «Убайдӣ», ҳатто ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯбекӣ шеър ҳам мегуфт.

Яке аз комёбиҳои бузурги ин аср таълифи чанд тазкира ба шумор меравад, ки дар онҳо ҳам маълумоти шарҳиҳолии адибон, номгӯи осор, хусусиятҳои ашъор, тобишҳои ҳунарию эҷодӣ ва мақоми он адибон дар замони худ ва умуман дар таърихи адабиёт баҳсҳо сурат мегирифтаанд.

Тазкира худ лафзи арабӣ буда, зикру ёдоварӣ кардан, ба хотир овардан мебошад. Дар истилоҳ асарест, ки дар он шарҳи ҳол, намунаҳои осор, хусусиятҳои эҷодӣ, тобишҳои ҳунарии эҷодкорон зикр карда мешавад. Аз ин рӯ, тазкира як навъи баёни афкори адабӣ-эстетикӣ низ ҳаст. Аз ин хотир, тазкираҳо умумӣ ва хусусӣ мешаванд.

Тазкираҳои умумӣ оид ба рӯзгору осори шуарои қаблӣ ва муосирони тазкиранавис маълумот медиҳанд.

Тақзираҳои хусусӣ зиндагинома ва осори адибони муосирро дарбар мегиранд. Аз рӯи принсипи эҷод низ тазкираҳо гуногун мешаванд: тазкираҳои алифбоӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, мазҳабӣ ва ғайра.

Дар асри ЉVI, махсусан тазкираҳои «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир», «Тазкират-уш-шуаро»-и Саидмуҳаммад Мутрибии Самарқандӣ, ки маҳсули ҳамин асранд, арзиши фаровони адабӣ-илмӣ дошта барои омӯзиши адабиёти тоҷик маълумоти зарурӣ медиҳанд. «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир» эҳдо ба ҳокими Ҳиндустон - Шоҳ Ҷаҳонгир буда, соли 1625 таълиф шудааст. Шоир ба кишварҳои Балх, Файзобод, Кундуз, Кобул ва ғайра сафар намуда, маводи зарурӣ гирдоварӣ кардааст. Тазкираи «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир» шарҳи ҳолу намунаҳои ашъори 292 нафар шоирони охири асри ЉVI ва оғози асри XVII-ро фаро мегирад, ки онҳо

дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Бо хоҳиши Ҷаҳонгир ба тазкираи мазкур зиндагинома ва намунаҳои ашъори 80 нафар адибон, ки Ҷаҳонгир худ ҷамъоварӣ намуда буд, дохил карда шудааст.

«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ соли 1606 таълиф шуда, ба ҳокими вақт - Валимуҳаммадхони Аштархонӣ бахшида шудааст.

Мутрибӣ дар эҷоди ин тазкираи худ аз «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ ва «Музакир-ул-аҳбоб»-и Нисорӣ баҳра бардоштааст. Дар тазкираи мазкур оид ба 335 нафар адибон маълумот дода мешавад, ки онҳо муосирони тазкиранигоранд. Аз он ҷумла, дар бораи 17 нафар ҳокимон, ки онҳо аҳли қалам низ буданд, маълумот дода мешавад.

«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ барои омӯхтани ҳаёти адабӣ ва рӯзгори адибони нимаи дуюми асри XVI ва асри XVII аз беҳтарин сарчашмаҳои адабӣ аст. Зеро баъзе адибон танҳо дар ҳамин тазкира зикр шудаанд. Аз ҷумла: Фигорӣ, Нозимӣ, Орифӣ, Афзалӣ, Зардакӣ, Дӯстӣ ва дигарон. Аз тарафи дигар, тазкираи Мутрибӣ барои муайян намудани қазовати эҷоди бадеъ, пешрафти афкори адабӣ – эстетикии асримиёнагӣ, дарёфти асолати ҳунарии эҷодкорон ва ғайра низ аҳамияти воло дорад.

Мутрибӣ худ Самарқандӣ буда, солҳои таваллуду вафоташ номаълум аст. Аз тахаллуси ӯ пайдост, ки дар ҷодаи мусиқӣ, сароянда гию навозандагӣ соҳиби истеъдод будааст. Ӯ дар ибтидо оғози таҳсилро дар Самарқанд шурӯъ намуда, баъдтар ба Бухоро меравад. Дар ин маркази фарҳангӣ аз Хоҷа Ҳасани Нисорӣ илми шеъру шоирӣ меомӯзад. Намунаҳои ашъори Мутрибӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и ӯ ҷой дода шудааст, ки аз ҳунари баланду санъати волои шоирии Мутрибӣ гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин рӯ, мероси маҳфузмондаи адиброо «Тазкират-уш-шуаро», «Нусхаи зебои Ҷаҳонгирӣ» ва ашъори мутафарриқаи лирикӣ ташкил намудаанд.

Дигар аз тазкираҳои ин аср «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Баҳоваддин Ҳасан мутахаллис ба Нисорӣ мебошад. Нисорӣ тазкираи худро соли 1566 таълиф намуда, онро ба ҳокими вақт - Искандархони Шайбонӣ бахшидааст. Шумораи шоирон дар нусхаҳои гуногуни тазкираи Нисорӣ мухталиф қайд гардида, аз 220, 275 то 450 нафар зикр шудаанд. Албатта, ин худ аз борҳо таҳриру такмил шудани тазкираи Нисорӣ шаҳодат медиҳад. Муаллиф тазкираи худро давоми тазкираи Мир Алишери Навоӣ медонад. «Музаккир-ул-аҳбоб» аз нигоҳи сохту таркиб низ ҷолиб аст: яъне он дорои муқаддима, чаҳор боб ва хотима мебошад.

Дар таърихи афкори адабӣ тазкираи Нисорӣ яке аз асарҳои басо арзишманд ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ин асар барои омӯхтани таърихи адабиёти асри XVI сарчашмаи боэътимод ба шумор меравад. Ҳатто тавассути тазкираи мазкур бисёр адибони гумном ошкор мегарданд. Аз тарафи дигар, Музаккир-ул-аҳбоб» рӯзгору осори бисёр шуарои гузаштаву муосири Нисориро фаро мегирад. Инчунин, адибоне, ки ба «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳ ва «Маҷолис-ун-нафоис»-и

Навоӣ дохил нашудаанд, Нисорӣ онҳоро дар асари худ ҷойгир намудааст.

Дигар аз хусусиятҳои тазкираи Нисорӣ боз дар он аст, ки Хоҷа Ҳасан дар асари худ оид ба авзои фарҳангии аср ва таҳаввули адабиёти давр ҳам маълумоти арзишманди илмӣ медиҳад.

Дигар аз тазкираҳои муҳим, ки таълифи он ба адабиёти ибтидои асри XVII рост меояд, «Тазкираи Нозими Табрезӣ» буда, соли 1627 таълиф шудааст. Ин тазкира аз ду боб (чаҳор фасл) иборат мебошад. Тазкираи Нозими Табрезӣ» оид ба рӯзгору осори адибони гузашта ва ҳам оид ба аҳли қалами замони худи муаллиф маълумот медиҳад. Сарфи назар аз баъзе норасоиҳо, тазкираи мазкур арзиши адабӣ эстетикӣ дошта, оид ба баъзе лаҳзаҳои зиндагиномаи шуаро ва хусусияти ашъори онҳо баҳс карда мешавад.

Тазкираи дигар, ки соли 1601 таълиф шудааст, «Тазкират-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ буда, дар он оид ба рӯзгору осори 197 адиби гузаштаву муосири худи тазкиранигор маълумот дода шудааст. Аз шумораи мазкури шуаро 145 нафари онҳо адибони асрҳои IX-XV буда, 52 тан адибони охири асри XV ва аввалҳои асри XVI низ дар ин тазкира ҷой дода шудаанд, ки инҳоро метавон ҳамасрони муаллифи тазкира номид.

Тазкираи Абдуллоҳи Кобулӣ аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки тавассути он хонанда доир ба рӯзгору осори 35-нафар адиби асри ЉVI маълумоти тоза пайдо карда метавонад, ки дар тазкираҳои дигар зикр нашудаанд.

Бо вуҷуди баъзе ахбори такрор, тазкираи Абдуллоҳи Кобулӣ дорои арзиши хеле волои адабӣ - эстетикӣ ва илмӣ мебошад.

Каме барвақттар аз тазкираҳои дар боло номбаришуда, чанд тазкираи дигар низ рӯи кор омадааст, ки барои омӯхтани рӯзгору осори эҷодкорони асримиёнагӣ маълумоти насбатан арзишманди илмӣ медиҳанд. Аз онҳо яке асари Абӯнаср Сомирзои Сафавӣ аст, ки бо номи «Тӯҳфаи Сомӣ» соли 1560 эҷод шудааст. Ин тазкира низ давоми «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ буда, аз муқаддима, ҳафт боб ва хотима иборат аст. «Тӯҳфаи Сомӣ» пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар ин асар шарҳи ҳолу намунаҳои осори 713 тан қуввaҳои адабӣ гирдоварӣ шудааст. Ин адибон дар охирҳои асри ЉV ва ибтидои асри ЉVI зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Онҳо муқимони қаламрави Ироқи аҷам, Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд.

Дар ин тазкира баёну рӯзгору ашъори беш аз 50 шоире, ки дар тазкираи Навоӣ низ омадаанд, бо маълумоти нодиру такмилу тасҳеҳ ва ташреҳ оварда шудаанд.

Тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ» аз нигоҳи илмӣ низ хеле арзишманд мебошад, зеро дар он ҳолати доираҳои адабӣ, равобити эҷодии ҳавзаҳои адабӣ, сабқати эҷодӣ ва ғайра хеле хуб баён шудааст.

Соммирзои Сафавӣ таълифкунандаи тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ» соли 1517 дар Табрез ба дунё омадааст. Падари ӯ шоҳ Исмоили Сафавӣ аст, ки солҳои 1502-1524 ҳукмронӣ кардааст. Сомирзо низ аз ин рӯ комилан илмҳои замонро аз худ карда, чанд муддат ҳокими Ҳирот ва Озарбойҷон

ҳам будааст. Дар баробари сиёсатмадорӣ, ӯ эҷодкор низ будаасту аз мероси адабиаш дар ҳаҷми 6 ҳазор байт ғазалу рубоӣ, муфрадот ва ғайра ба ёдгор аст. Ӯ соҳиби тазкираи «Тӯҳфаи Сомӣ» мебошад, ки ин асари Сомирзо шӯҳрати ӯро асосан таъмин намудааст.

Асари дигаре, ки дар нимаи аввали асри XVI, дақиқан соли 1522 таълиф шудааст, «Тӯҳфат-ул-ҳабиб»-и Фахрии Ҳиравӣ мебошад. Ин тазкира, пеш аз ҳама, бо он хусусияти худ фарқ мекунад, ки дар он шоирони ғазалсаро ва асосан онҳое, ки ғазалҳои ҷавобия ба ашъори шоирони пешин гуфтаанд, гирдоварӣ гардидааст. Яъне муосирони Фахрӣ шоирони охири асри ЉV ва аввали асри ЉVI, ки ғазалҳои ҷавобия эҷод кардаанд, дар тазкираи мазкур фароҳам оварда шудаанд. «Тӯҳфат-ул-ҳабиб»-и Фахрии Ҳиравӣ дорои чаҳор маҷлис буда, оид ба рӯзгору осори 254 тан шоирон маълумоти зарурӣ медиҳад ва аз ашъори онҳо намунаҳо меорад.

Яке аз арзишмандтарин тазкираҳое, ки дар оғози садаи ЉVII таълиф шудааст, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ мебошад. Ин тазкира солҳои 1688-92 таълиф шуда, шомили ду бахш: асосӣ ва мулҳақот аст. Дар қисми асосии он оид ба 165 тан шоирони асри ЉVII, ки муосирони Малеҳоянд, маълумот дода шудааст. Дар бахши мулҳақот бошад, Малеҳо оид ба 37 нафар шоирони ҷавону навқалам, ки ба қисмати асосӣ дохил нашудаанд, маълумот медиҳад.

Маълумоти Малеҳо оид ба зиндагиномаи шоирон нисбатан мӯътамад аст, зеро ӯ бо ҳар як шоире, ки дар бораш иттилоъ медиҳад, вохӯрдааст. Аз тарафи дигар, ин тазкира тибқи алифбо тартиб дода шудааст ва аз ин рӯ, дар он шоҳу гадо баробар аст. «Музаккир-ул-асҳоб» аз ин ҷиҳат арзиши волои адабӣ дорад ва аз ҷиҳати дигар намунаи насри адабӣ - илмии садаи мазкур ҳам ба шумор меравад.

Ҷиҳати фарқкунандаи дигари тазкираи Малеҳо боз дар он аст, ки ба тариқи намуна овардан аз ашъори шуаро ӯ бо як ё ду байт иктифо накарда, то 60-70 байт зикр менамояд.

Умуман, тазкираҳо аз як тараф, маълумотномаи шарҳиҳолии пуразриш оид ба зиндагиномаи адибон бидиҳанд, аз тарафи дигар, оид ба ҳусну қубҳи санъати сухан ва ҳунари эҷоди эҷодкорон, мақому мартабаи онҳо баҳс ба миён меоранд, ки ин ҷанбаҳои илмӣ - адабии доштани тазкираҳоро тасдиқ менамояд.

Аз ин рӯ, тазкираҳо яке аз сарчашмаҳои мӯътамаду арзишманд барои омӯхтани таърихи адабиёт низ мебошанд.

Анвоъи шеър дар адабиёти асри XVI ва асри XVII.

Анвоъи шеър дар адабиёти асрҳои мазкур асосан аз ғазал, қасида, мусаммат, қитъа, рубоӣ, манзумаву достон иборат мебошад. Яке аз навъҳои адабии маъмул ва машҳури давраи мазкур, жанри нисбатан ҷовидонаву устувор - ғазал ба шумор меравад.

Асри XVI аввалин асрест, ки таназзули феодализм оғоз шуд ва албатта, сохти феодализм барои нигоҳдории худ сахтҷониҳо мекард ва ин раводидҳои сохт, пеш аз ҳама, дар адабиёт жанрҳои мувофиқ мечӯст. Аз ин ҷост, ки оҳангҳои сӯзу гудоз, изҳори исёнҳои қалбӣ, садоҳои

пуршӯри дилҳо, аҳёнан кӯшишҳои эътирозиву норизоиҳо аз ноадолативу бераҳмиҳо ғолибан муқтазҳои табиати ғазал аст. Ин бардоштҳо мавзӯи созгори ғазал буда, барои рушди он заминаи мувофиқ омода месозад. Аз тарафи дигар, қонунмандии инкишофи жанри ғазал, албатта, дар заминаи анъана рӯида, ба таҳаввули он дар асрҳои пешина беробита нест. Ғазал дар таърихи адабиёт жанрест, ки асрҳои махсуси инкишофи худро (а.XIII-XIV) дорад. Ҳатто дар адабиёт ибораи асрҳои ғазалсароӣ қобили қабул гардидааст, ки шояд ифодагари талаботи замон ва табиати жанр бошад.

Бояд гуфт, ки дар инкишофи ғазали нимаи аввали асри XVI саҳми шоирони ғазалсарои аҳди мазкур – Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Бадрӣ ва дигаронро метавон таъкид намуд. Баъзе аз ин шоирон масалан, Абдурраҳмони Мушфиқӣ ҳатто ду девони ғазал дорад, ки то андозае қонунияти таҳаввули жанри мазкурро дар ин давра фаро мегирад.

Бо назардошти мавзӯъ, мазмун ва мундариҷаю мӯҳтаво ғазали асри XVI асосан анъанавӣ бошад ҳам, дар ҷузъиёт тобишҳои фарқкунанда дорад. Шояд сӯзу фироқ, дарду доғ, нокомиву нобарорӣ, ранҷу азоб, шиканҷаву ҷабр ва ғайра дар ғазали асри XVI (хусусан дар нимаи аввал) хеле беҳтар мушоҳида карда шавад. Ин ҳолат хусусан дар симои маҳбуба ба назар мерасад, ки ӯ бемеҳр, бадқаҳр, бераҳм, номеҳрубон, ҷафокор, золим, мағрур, якрав, худписанд аст. Маҳбуба аз кардаҳои худ пушаймон намешавад ва бо вуҷуди ин ҳама, ошиқ пурсабру тоқат, бовафо, меҳрубон, ғамхор, устувор, тобовар, ҷафокаш мебошад.

Масалан, ҳасрати ошиқ дар байти зерин аз ғазали Ҳилолӣ:

Хоҳам, ки ба зери қадамат зор бимирам,
Ҳарчанд кунӣ зинда, дигар бор бимирам.
Ё худ дар ҷои дигар ҳамин шоир мегӯяд:
Дарди ман ишқ асту дармонаш ба ғайр аз сабр нест,
Чун кунам, к-аз дард мушкилтар бувад дармони ман.

Дар асоси ғазалиёти шуарои маъруфи асри XVI метавон ба натиҷае расид, ки дар унсурҳои шаклии ғазали ин аср тозакорӣ мушоҳида нашавад ҳам, дар мазмунсозӣ ва ҳунари шоирӣ тозаҷӯиҳо дида мешавад. Устод С.Айнӣ ғазали Мушфиқиро, ки бо матлаи:

Дар ғамаш дилро фигору хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо.

оғоз мешавад, мисол оварда менависад: «Ғазале, ки сар то ба пояш мисли ин ғазал хуб, латиф, равон афтад, кам аст».

Дар ғазали ин аср ишқ бо масъалаҳои дигари иҷтимоӣ сахт омезиш ёфтааст. Ҳолати ошиқ басо ногувор ва тоқатфарсо аст, вале маҳбуба бепарвою бераҳмиро пеша кардааст. Чунончи:

Хуни дил мегиряму ашки ҷигархун мехӯрам,
Пеш аз ин май мекашидам, ин замон хун мехӯрам.
Ҳамчу нақши панҷае савсан дамад аз хоки ман,
Баски силии ҷафо аз дасти гардун мехӯрам.
Ваҳ, ки дар аҳди ҷавонӣ пир гаштам, Мушфиқӣ,

Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехӯрам.

Ҳунари шоирони ғазалсарои садаи мазкур дар ҷилои сухан, рангорангии ифода, маънои баланд, ҷавлони андеша, коргирӣ аз санъатҳои шеърӣ, мазмунсозӣ, хаёлбофӣ ва ғайра аст, ки ин ҳамаро дар маҷмӯъ ҳунари эҷод меноманд.

Қасида. Дигар аз навъҳои маъмули адабии асри ЉVI қасида ба шумор меравад, ки дар ин навъи шеър мо ҳунари суханварии шоиронро бештар пай мебарем. Мушфиқӣ худ дар як қасидааш мефармояд, ки ӯ бо назардошти мамдӯҳ ҳунари эҷодиро ба харҷ медиҳад:

Шеъри ман гар зиннате дорад зи юмни мадҳи туст,
Хона ороят, бале, ҳар кас ба қадри меҳмон.

Дар ин аср аз навъҳои қасида бештар қасидаҳои мадҳӣ, ҳаҷвӣ, ҳасбиҳолӣ, шиквоӣ, баҳория ва ғайра ба назар мерасад. Қасоиди фалсафӣ, орифона дар ин аср манзур намегардад. Аммо андешаҳои фалсафӣ ва орифона вуҷуд доранд.

Хусусияти дигари қасоиди ин давра аз он иборат аст, ки қасидаҳои мадҳӣ комилан арзиши таърихӣ доранд, зеро амалу фаъолиятҳои сиёсии мамдӯҳон асос ё худ ҷанбаи ситоиши онҳоро ташкил медиҳанд. Хонанда шахсияти мамдӯҳ ва шуғли пайвастагии ӯ, таваҷҷӯҳи мадҳшаванда нисбат ба аҳли илму фазл, аҳли заҳмату фуқаро ва ғайраро дониста мегирад.

Чунончи, матлаи як қасидаи мадҳии Мушфиқӣ далели қазовати мазкур аст:

Биҳамдуллаҳ, ки олам эмин аст, аз фитнаи даврон,
Ба даври адли Абдуллоҳхон ибни Сикандархон.

Авзои таърихӣ дар чунин қасидаҳо хеле хуб байн карда мешавад:

То кай нидои ҳодиса даври замон диҳад,
Кас нест дар ҷаҳон, ки қарори ҷаҳон диҳад.

ва ғайра.

Қитъа. Яке аз навъҳои куҳанбунёду қадима дар таърихи адабиёти тоҷик аст. Ин навъи шеърест, ки бештар панду ардарз, мавъизату насиҳат, санаҳои таърихӣ, ҳаводису воқеоти муҳими рӯзгори шахсиятҳо, симоҳои сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва адабиро фаро мегирад. Аз тарафи дигар, он ҳаҷву накӯҳиш, мазаммату танқид ва муносибати адибро бо замон ва абнои он муайян менамояд. Аз ин рӯ, ин яке аз жанрҳои ба ҳаёти ҷомеа хеле наздик низ ҳаст.

Қитъаҳои тамсилӣ, ки моҳияти андарзӣ доранд, дар ин давра хеде зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Чунончи, қитъаи «Суроҳӣ ва шамъ»-и Мушфиқӣ беҳтарин намунаи онҳост:

Шабе бо суроҳӣ ҳамегуфт шамъ
Ки: Эй мояи маҳфилорои дӯст.
Туро бо чунин қадр пеши қадаҳ
Суҷуде паёпай бигӯ аз чӣ руст?
Суроҳӣ ба ӯ гуфт, нашнидаӣ,
Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст.

Мусаммат. Аз навъҳои хеле маъмули адабист, ки ҳанӯз дар асри Х, дар ашъори устод Рӯдакӣ бандҳои монанд ба мусаммати мураббаъ дучор мешавад. Ва дар асри ЛЫ комилтарин намунаҳои онро Манучеҳрии Домғонӣ эҷод кардааст. Дар лирикаи асри ЉVI шеъри тасмит дар шакли мусаллас дучор мешавад, ки намунаи барҷастаи онро Мушфиқӣ эҷод кардааст. Чунончи, бандеро аз он ҳамчун намуна зикр хоҳем намуд:

Рӯзе, ки ба савдои ту афсона шудам,
Бар шамъи таманнои ту парвона шудам.
Афтод нигоҳе зи иноят ба манат:
Аз хеш ба ғамҳои ту бегона шудам,
Чашми ту дилам рабуду девона шудам.
Аз хандаи пинҳониву мункир шуданат.

Мусаммати мазкури Манучеҳрӣ дорои 14 банд буда, мавзӯи марказии он ишқ буда, ҷамоли маҳбуба бо кулли ҷузъиёт тавассути ташбеҳшавандаву ташбеҳшуда ба намоиш гузошта мешавад.

Шоир маҳбубаро тарҷеҳ медиҳад ва аз ин рӯ, ташбеҳшудаи мувофиқ пайдо карда наметавонад. Шакли шеърии мазкур аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво хамрӣ, ишқӣ, мавъизатӣ, васфӣ ва ғайра мешавад.

Рубоӣ. Рубоӣ дар адабиёти асри ЉVI пас аз ғазалу қасида аз маъмултарин анвои адабии ғиноӣ ба шумор меравад.

Аз ахбори сарчашмаҳо маълум мешавад, ки баъзе шоирони асри ЉVI асосан, рубоисаро будаанд. Масалан, ҳатто маҳз барои рӯ овардан ба ин жанр Шайхи Рубоӣ барин эҷодкорон лақаби худро аз жанри мазкур гирифта будаанд. Ба ҳамин тариқ, шоирони дар ин жанр устод мисли Вазеҳии Ахсекатӣ, Ҳаким Рукнои Кошӣ, Азизи Самарқандӣ ва дигарон асосан рубоӣ сароидаанд. Ҳатто дар нимаи аввали асри ЉVI таълифи рубоиёти шаҳрошӯб басо ривоҷ кард, ки сарчашмаҳо то 160 рубоии шаҳрошӯбро қайд кардаанд. Албатта, инкишофи рубоӣ ба тақозои мавзӯии он вобастагӣ дорад, зеро он метавонад мавзӯъҳои ирфонӣ, динӣ, фалсафӣ, ишқӣ, мавъизатӣ, шиквоӣ, сиёсӣ, ҳаҷвӣ, хамрӣ, мадҳӣ, васфӣ ва ғайраро дарбар гирад.

Манзума ва достон.

Манзума лафзи арабӣ буда, ба маънии назмшуда, ба назм даровардашуда гуфтан аст. Дар истилоҳи адабӣ шакли махсус, ки дорои хусусиятҳои ҷудогонаи жанрӣ бошад, нест. Гоҳо достонҳои лирикии ҳаҷман хеле хурдро манзума гуфтаанд.

Достон бошад дар эҷоди бадеъ ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад. Достон ба маънии машҳур шудан, паҳн гардидан, достон яке аз лақабҳои Рустам низ ҳаст. Достон ба маънии макр, наёрангу фиреб низ меояд:

Бад-ӯ гуфт: Марди шабистон наям,
Маҷӯям, ки бо банду дастон наям.

Дар истилоҳи адабӣ достон асари калонҳаҷми бадеии манзуму мансурро меноманд, ки дар он ҳаводиси муҳиму барҷаста тасвир гардида, сужети муайян дорад.

Баъд аз Инқилоби октябр дар адабиёти тоҷик истилоҳоти адабии повест, роман, балада, поэма ворид шуда, мафҳуми достонро хеле

маҳдуд намуд. Достон ҳамчун ифодагари поэмаи юнонӣ боқӣ монд. Махсусан, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намунаи комили достони асримиёнагии форс-тоҷик аст. Ҳаводису воқеот, доираи фаъолияти қаҳрамонон, сужети пайваста ва муттасил инкишофёбанда тасвир ва нигошта мешаванд, ки ин ҳама боиси зуҳури образҳои мукаммали бадеӣ мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, достон сужети мукаммалу муфассал ва тӯлониву пайвастаро талаб менамояд. Достон тӯли асрҳои зиёд суфтаву аниқу дақиқ шудааст. Ин аст, ки достонҳои ишқии романтикӣ, лирикии эпикӣ, ахлоқию фалсафӣ, сӯфиёнаву орифона, моҷароҷӯёна ва ғайра таълиф шудаанд. Дар достонҳои қаҳрамонӣ нақлу ривоят ва дар достонҳои ишқии романтикӣ муколама (диалог) мавқеи марказӣ дорад. Аз ҷумла, «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ, «Вис ва Роман»-и Фахруддини Гургонӣ ва ғайра намунаҳои чунин достонҳоянд.

Намунаҳои барҷастаи достонҳои ахлоқӣ дар асри Х ба вуҷуд омада бошанд ҳам, дар асрҳои ЛЫ-ЛЫІІ машҳуртарин достонҳои сӯйиёнаву орифона таълиф шудаанд, ки чун намуна асари нахустини ирфонӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ (а.ХІ), «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор (а.ХІІ), «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ва ғайраро метавон зикр намуд.

Равияи дигари достонсароиро, ки аз «Вис ва Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ оғоз мешавад, Низомӣ таккони ҷиддие дод ва доир ба баъзе асарҳои он аз он ҷумла «Лайлӣ ва Маҷнун» то 147 ҷавобия ба вуҷуд омад. Яке аз сабабҳои машҳур гардонидани жанри мазкур дар адабиёти форс-тоҷик он аст, ки достон дар ин адабиёт таърихи басо тӯлонӣ дошта, заминаҳои миллии он ба ёдгориҳои адабиёти тоисломӣ, адабиёти паҳлавӣ ва аз он пештар ҳам рафта мерасад. Намунаи барҷастаи достонҳои аҳди паҳлавӣ достони «Дарахти ассурик ва буз» мебошад.

Дар сурудани шаклҳои гуногуни достон, асосан дар таърихи адабиёти асрҳои миёна, хидмати Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Саноӣ, Носири Хусрав, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Низомӣ, Хусрав, Хоҷу, Саъдӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Шоҳин ва дигарон шоистаи таҳсин аст.

Дар адабиёти асри XVI, ки аввалин асри инқирози сохти феодалӣ мебошад, дар адабиёт низ ин гардиши таърихӣ - сиёсӣ бетаъсир нест.

Агар мо танҳо ба таҳаввули жанри достон дар адабиётти садаи мазкур назар андозем, мебинем, ки дар ин давра достон хеле пеш рафтааст.

Дар жанри эпикии адабиёти асри XVI бештар анъанаҳои достонсароии Низомии Ганҷавӣ (достонҳои «Хамса»), Шамсуддини Муҳаммад ибни Аҳмади Табрезӣ, ки дар асри XVI достон «Меҳр ва Муштарӣ» ё худ «Ишқнома» навиштааст, ё ин ки Ҷомӣ (достонҳои «Ҳафт авранг») бештар ба мушоҳида мерасанд. Дар асри XVI достонҳои ишқии «Лайлӣ ва Маҷнун» (Ҳилолӣ, Мавҷӣ Қосимхони Бадахшони), «Юсуф ва Зулайхо» (Мавҷӣ Қосимхони Бадахшонӣ, Амир Пӯлодхоҷа ибни Девонхоҷаи Бадрӣ), «Шоҳу Дарвеш» (Ҳилолӣ), «Гулзори ирам» (Мушфиқӣ) рӯи кор омадаанд, ки ҳар кадом дар таърихи адабиёти давр мақоми махсус доранд.

Инчунин, дар ҳамин давра чандин достонҳои таърихӣ таълиф шудаанд. Аз ҷумлаи он достонҳои таърихӣ «Зафарнома» (Амир Пӯлодхоҷаи Бадрӣ), «Ҷаҳонномаи» (Мушфиқӣ) мебошанд. Аз тарафи дигар, таҳти таъсири осори ирфонӣ, инчунин «Хамса»-ҳои Низомию Хусрави Деҳлавӣ, махсусан, шоҳасарҳои манзуму мансури ахлоқии адабиёти тоҷик, китобҳои «Бӯстон»-у «Гулистон» (Саъдии Шерозӣ), асари адабӣ-ахлоқӣ ва фалсафии «Сифот-ул-ошиқин» (Ҳилолӣ) ба арсаи эҷоди бадеъ омадааст, ки хеле арзишманд ва муҳим мебошад.

Дар баробари достонҳои ишқӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, тасаффуфӣ ва ғайра, инчунин, достонҳои адабӣ - таърихӣ низ дар ин давра таълиф шудаанд, ки оид ба авзои сиёсӣ - таърихии замон, фаъолияти зимомдорони вақт, рӯҳия ва аҳволи халқ, табақаҳои иҷтимоии ҷамъият маводи фаровон медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар, ду достони таърихӣ дар асри ЉVI рӯ кор омадааст, ки ҷавобгӯи қазовати дар боло зикргардида мебошанд. Ин достонҳо яке таҳти унвони «Зафарнома» аз Амир Пӯлодхоҷа ибни Девонхоҷаи Бадрӣ ва дигаре «Ҷаҳоннамо»-и Абдурраҳмони Мушфиқӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки ҳар ду асар ҳам ба лашкаркашиҳои Абдуллоҳхони Шайбонӣ бахшида шуда, ҳаводису воқеоти сиёсӣ - таърихии нимаи дуюми асри ЉVI-ро дарбар мегиранд. Ҳар ду асар ҳам дар шакли маснавӣ ва дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур иншо шудаанд.

Аз сӯи дигар, то андозае ин достонҳо суннати эҷоди осори ҳамосиро низ таҳким бахшидаанд.

САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Сабабҳои барҳамхурии империяи Темуриёнро шарҳ диҳед.
2. Империяи Темуриёнро кадом сулола расман аз миён бурд?
3. Сабаби ба зудӣ шикаст хурдани ҳукумати Шайбонихон аз чӣ иборат буд?
4. Омилҳои тезутундшавии муносибатҳои мазҳабии замони сафавиҳо дар чист?
5. Марказ ва ҳавзаҳои адабии асрҳои ЉVI ва ЉVII-ро номбар кунед.
6. Кадом адибони доираҳои адабии Мовароуннаҳру Хуросонро медонед?
7. Хусусиятҳои ҳаёти адабӣ ва фарҳангӣ дар қаламрави Эрону Ҳинд аз чӣ иборат аст?
8. Тазкира чӣ гуна асар аст?
9. Кадом тазкираҳо ва тазкиранигорони ин асрҳоро медонед?
10. Доир ба «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ маълумот диҳед.
11. Арзиши илмӣ - адабии «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Нисориро баён кунед.
12. Доир ба тазкираҳо ва тазкиранигорони ин давраҳо маълумот диҳед.
13. Дар адабиёти ин асрҳо кадом навъҳои шеър маъмул буданд?
14. Муҳимтарин хусусиятҳои ғазали асри ЉVI-ро шарҳ диҳед.
15. Дар ин асрҳо бештар кадом навъи қасида инкишоф ёфтааст?

16. Муқаттаоти шоирони ин асрҳо бештар кадом мавзӯъҳоро дарбар мегиранд?
17. Дар бораи мусаммат ва хусусиятҳои жанрии он чӣ медонед?
18. Мавқеи рубоӣ дар адабиёти асрҳои ЉVI – ЉVII чӣ гуна аст?
19. Доир ба достонсароёни машҳури асрҳои ЉVI – ЉVII маълумот диҳад.
20. Тафовути достону манзумаро гӯед.
21. Кадом омилҳо сабаби ривоҷ ёфтани достон ва достонсароӣ гардидааст?

АБДУРРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

Ба арзи ҳол ҳоҷат, Мушфиқӣ нест,
Агар авроқи девони ман он ҷост.

Шоир ва воқеанигори номии тоҷик Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар шаҳри Бухоро, тақрибан соли 1525 таваллуд шудааст. Падару бобои шоир аслан аз Марв будаанд. Ин аст, ки Мушфиқӣ баъзан ба Марвӣ будани худ ишораҳо мекунад. Шоир дар шаҳри Самарқанд ба Абдуллохон қасидае навишта, аз мулки хеш- аз Бухоро дур афтодани худро хабар медиҳад.

«Ғариби мулки хешам дар замони давлатат, шоҳо!»

Мушфиқӣ дар хурдсолӣ аввал аз падар ва сонитар аз модар ятим мемонад. Дар ин бора баъзе ишораҳои шарҳиҳолии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Чунончи:

Бо падар хурсанд будам, бевафоӣ кард умр,
Меҳр бар модар ниҳодам, ёфт модар ҳам вафот.

Мушфиқӣ аз сабаби тангии маишӣ ба хидмати яке аз ҳунармандони шаҳри Бухоро дохил шуда, аз ӯ бисёр дастгириҳо мебинад. Бо дастгирии ин марди шариф таҳсили ибтидоиро ба поён расонида, ба мадрса дохил мешавад.

Мушфиқӣ илмҳои ҷории замонааш: ҳикмат, ҳайат, нуҷум, рамлу ҳисоб, каломро хуб меомӯзад. Хусусан умуми адабӣ ва аз миён назмро бештар дӯст медорад:

Шеър оби ҳаёт аст, хуш он ном, ки монад,
Ҷовид зи оби сухани марди сухандон.

Давраи аввали сабзиш ва камолоти маънавии шоир дар шаҳри Бухоро сипарӣ мешавад. Ӯ шеъргӯиро дар ҳамин шаҳр шурӯъ кардааст. Мактабҳои адабии Бухоро Мушфиқиро ҳамчун шоири тавоно мепазиранд, вале ҳусудони дарборӣ ӯро хеле фишор медиҳанд. Шоир дар ҷавонӣ ғолибан ашъори мутоибавӣ гуфтааст, зеро даврони ятимӣ ва бепарастории ӯ эҷоди чунин ашъор боис гардидааст.

Мушфиқӣ соли 1564 ба Самарқанд меояд, ки шояд сабаби сафари шоир ҳамоно тангии маишӣ бошад. Шоир дар Самарқанд ба вазифаи китобдори Султон Саид пазируфта мешавад ва даҳ сол дар ин шаҳр истиқомат мекунад. Ӯ дар ситоиши Султон Саид чанд қасида низ эҷод кардааст. Саид чанд қасида низ эҷод кардааст ва девони якуми ғазалиёти худро низ ба ин ҳоким бахшидааст. Аз баъзе ишораҳои шоир пайдост, ки рӯзгори ӯ дар Самарқанд низ чандон хуб набудааст:

Хони олиқадри кайвонманзилат Султон Саид,
Пеши даргоҳи ту гардуни муалло ҳеҷ нест.
Арзи ҳоли ман, ки ҳастам заррае беэътибор,
Назди хуршеди замири оламро ҳеҷ нест.
Шуд се соли рост, к-аз ҷинси ҷаву гандум маро,
Дона ҷуз дар мазраи парвину ҷавзо ҳеҷ нест.
Қуръа афкандам барои фол, мӯрон саф заданд,
Нуқтаҳоро дона пиндоранду аммо ҳеҷ нест.

Ҳамин гуна ишораҳои шикоятӣ дар ашъори Мушфиқӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Аксари ишораҳои шоир моҳияти иҷтимоӣ дошта, ҳасрати адиб аз тангии маишӣ мебошад:

Шаҳо, ту мардуми чашми саводи оламро,
Ба лутфу раҳмати ту мардуме намеёбам.
Шунидам, ки Самарқанд ҷаннати дунёст,
Чӣ одамам, ки дар ӯ гандуме намеёбам.

Баъзан чунин ҳолат ҳам рух додааст, ки инъомҳои хон ҳатто ба шоир ё қисман ва ё умуман намерасидаанд. Чунин муносибат Мушфиқиро водор кардааст, ки бевосита ӯ ба худи шоҳ мурочиат намояд:

Подшоҳо, чакмани инъомро меҳтар надод,
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хоҳад шудан.
Чун ба таври оштӣ чизе аз ӯ ҳосил нашуд,
Ҷанги чакман дар миёни мову ӯ хоҳад шудан.

Дар баъзе мавридҳо Мушфиқӣ ба вазири хон-Осаф ҳам мурочиат намуда ба ин восита шоҳу вазирро аз нобасомониҳои дохили дарбор огоҳ месозад, ки «об аз сар лой аст» ва бояд пеши чунин кирдорҳои зишт гирифта шавад:

Осафо, шаб омадам сӯи висоқи худ савор,
Аспи мискини маро аз фикр сар боло нашуд.
Дар хаёли ҷав ҳамав шаб дидам ӯ мепарид,
Хостам бар чашми ӯ коҳе ниҳам, пайдо нашуд.

Албатта, чунин шиквaҳои Мушфиқӣ оҳанги ҷолиби ҳазлу шӯхӣ низ гирифтаанд ва шояд яке аз сабабҳои аз модди назари амиру вазир дур афтодани талабҳои шоир гардида бошад. Масалан, дар ин байт аз беманзилӣ чунин шикояд менамояд:

Дар Самарқанд имтиҳон кардам, ки ёбам хонае,
Беҳтар аз байти тахаллус хонае пайдо намуд.

Аз баъзе ишораҳои шоир бармеояд, ки дар ибтидо рӯзгори шоир нисбатан беҳтар буда, ҳатто муҳити дарбор низ барояш созгор будааст. Мушфиқӣ он хушҳолиҳоро ба ёд оварда, дар як ғазали худ аз гузашти он рӯзҳо афсӯс мехӯрад:

Хуни дил мегиряму ашки ҷигархун мехӯрам,
Пеш аз ин май мекашидам, ин замон хун мехӯрам.
Ваҳ, ки дар аҳди ҷавонӣ пир гаштам, Мушфиқӣ,
Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехӯрам?!

Пас аз вафоти Султон Саид соли 980 (1573) бародари хурдии ӯ Ҷавонмардалӣ ба тахт мешинад, вале соли 1576 писарони Ҷавонмардалихон аз падар рӯ гардонида ба Абдуллохон забон як намуда буданд. Абдуллохон худи ҳамон сол Ҷавонмардалихонро қатл намуда, баъди чанд муддат он ду писари Ҷавонмардалихонро низ ба қатл мерасонад. Нобасомониҳо, албатта, ба Мушфиқӣ азми сафари Ҳиндустон мекунад, зеро дер боз чунин орзу дошт. Дар Мовароуннаҳр овоза шуда буд, ки гӯё шоҳи Ҳиндустон Акбаршоҳ шеърпарасту шоирдӯст аст. Мушфиқӣ низ соли 1577 ба Ҳиндустон меравад. Ӯро

Акбаршоҳ хуш пазируфта бошад ҳам, пас аз як сол, соли 1578 шоир боз ба диёри худ меояд:

Кардам сафари Ҳинду пушаймон шудам он ҷо,
Гардид бадал рӯзи сиёҳам ба шаби тор.
Дидам, ки агар боз наоям ба вилоят,
Хуни ҷигарам мехӯрад ин Ҳиндӣ ҷигархор.

Аз баъзе ғазалҳои Мушфиқӣ маълум мешавад, ки шоир аз сафари Ҳинд пушаймон баргаштааст:

Сафар кардам фироқи дилрабое пеши ман омад,
Намерафтам, зарурат шуд, балое пеши ман омад.
Ғаму дарди ҷудоӣ кам шавад аз қатъи манзилҳо,
Ба ҳар манзил ғаму дарди ҷудое пеши ман омад.
Ба ғурбат мурдан осон менамуду зиндагӣ мушкил,
Чӣ кори мушкиле, осоннамое пеши ман омад.

Мушфиқи пас аз сафари Ҳинд бар барбори Абдуллоҳхон роҳ меёбад. Шоир дар як муддати кӯтоҳ дар байни аҳли дарбор ва бевосита Абдуллоҳхон обрӯю эътибор пайдо мекунад. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ ба мартабаи маликушшуароӣ мушарраф мешавад. Мушкилоти модии рӯзгори ӯ низ беҳтар мегардад. Мутаасифона, ин ҳолат замоне даст медиҳад, ки умри шоир аз шаст гузашта буд. Ба ин маънӣ шоир чунин ишора мекунад:

Имтиҳон карданд пиру ҷавон,
Ҳеҷ кори фалак ба сомон нест.
Ком бахшад даме, ки ком намонд,
Нон ба вақте диҳад, ки дандон нест.

Поёни умри Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар шаҳри Бухоро гузаштааст. Ӯ соли 1588 дар ҳамин шаҳри бостонӣ аз ин олам чашм бастааст. Ӯро дар ҷавори мазори Шайх Ҷамол дафн кардаанд. Дар санги мазори шоир байте аз як ғазали худи ӯ сабт шудааст:

Ба хоки Мушфиқӣ он дам, ки дӯстон гузаранд,
Расад ба хотири эшон, ки хоксаре буд.

Мероси адабии Мушфиқӣ

Шуд Мушфиқӣ аз килкат ойини сухан тоза,
Мушкиннафасон бинанд анфоси ту мушкинтар.

Аз Абдурраҳмони Мушфиқӣ то рӯзгори кунунӣ осори зерини адабӣ боқӣ мондааст:

1. Девони мутоибот.
2. Ду девони ғазалиёт.
3. Девони қасоид.
4. Се маснавӣ:

а)«Соқинома»
б) «Гулзори Ирам»
в) «Ҷаҳоннамо»

Дар эҷодиёти Абдурраҳмони Мушфиқӣ ғазал мақоми аввалиндараҷа дорад. Ду девони ғазалиёти шоир аз чаҳор ҳазор байт

иборат аст. Мавзӯъҳои асосии ғазалиёти шоир асосан ишқу исёнҳои ботинии инсон, садои қаблҳои лабрези муҳаббат, сӯзи ошиқу бемеҳрии маҳбуба, ниёзи ошиқу бениёзии маъшуқа, маю бодагусорӣ, мусиқиву навохоҳӣ, тасвири баҳору ситоиши табиат ва ғайра аст. Ин мавзӯъҳо бо ангезаҳои дигари иҷтимоӣ: ноадолатиҳову золимӣ, бемеҳрию сустпаймонӣ, ҳавобаландиву кибр, фиребу дасисакорӣ, мунфиқиву авомфиребӣ ва ғайра хеле қавианд.

Шоир дар суннати ғазалсароӣ ғолибан ба Ҳасани Деҳлавӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайравӣ мекунад:

Назми ту, Мушфиқӣ, ба Камоли Ҳасан расид,
Ту гуфтаӣ, ки пайрави пири Хуҷандиям.

Аз ин ҷост, ки ғолибан ҳаҷми ғазалҳои Мушфиқӣ 6-7-байтӣ буда, мавзӯъҳои ишқӣ ҷои аввалиндараҷа доранд. Чунончи:

Дар ғамат дилро фигори хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо.
Бар дили мо он чи аз тоқи ду абрӯят гузашт,
Бо худ аз девонагӣ пайваста мегӯем мо.
Меравӣ тунду дуогӯён зи дунболи туанд,
Ваҳ, ки меранҷӣ агар, оҳиста мегӯем мо.
Гуфтам, ай гул, он даҳонро пистаи хандон бигӯ,
Ин сухан гуфт аз даҳони писта мегӯем мо.
Риштаи ҷони рақибон бар сари кокул мабанд,
Фитнае хоҳад шудан сарбаста мегӯем мо.
Ҳар касе пурсад зи ашки мо ҷавоби ин сухан,
Чеҳра аз ханоби ҳасрат шуста мегӯем мо.
Мушфиқӣ, ҳар кас чӣ донад мастиву ворастагӣ,
Бо гирифторони аз худ раста мегӯем мо.

Беҳуда нест, ки устод С.Айнӣ ғазали болоро «Ғазале, ки сар то ба пояш мисли ин ғазал хуб, латиф, равон афтад, кам аст»-мегӯяд.

Бешубҳа, чунин ғазалҳои шоир хеле ҳунармандона, дилкаш, хушадо, мақбулу матлуб эҷод шудаанд. Хусусан, вобаста ба мавзӯъ, мазмуну мӯҳтавои ғазал ҳунари шоир комилан ҷавобгӯ буда, тасвиргарӣ ва маъниофариву мазмунсозӣ барҷастааст. Дар иртибот бо ин ҷанбаъ хусусиятҳои шаклии ғазал низ ҷолиб мебошад.

Ғазал мураддаф буда, радифи он мураккаб аст ва аз ду калима фароҳам омадаву пас аз қофия ҷой гирифтааст. Қофияҳои ғазал калимаҳои хаста, дониста, пайваста, оҳиста, писта, сарбаста, шуста, роста мебошанд. Қофияҳои мазкур асосан муқайяд буда, таҳкими ғоявии ғазалро таъмин намудаанд.

Ғазал дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф иншо шуда, афоъили он чунин шакл дорад:

\- v - - / - v - - / - v - -/ - v -
\- v - - / - v - - / - v - -/ - v -

Яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун фоъилун.

Ғазал ишқӣ бошад ҳам, ҳаҷру фироқ, сӯзу гудоз, нозу истиғно, бераҳмиву бемеҳрии маҳбуба ба тасвир омадааст. Аз ин рӯ, оҳангҳои

иҷтимоӣ пайдо намудани он бесабаб нест. Зеро шоир барои таъсирнокии сухан ва дилнишинии баён, ҳолати образҳои лирикиро хеле нозук муоина мекунад. Ӯ чунин назокати ҳунари эҷодро дар офариниши ғазал аз Ҳасани Деҳлавӣ ва камоли Хуҷандӣ бештар омӯхтааст.

Мушфиқӣ ишқи инсонӣ, муҳаббати заминиро ҳамчун як воситаи хеле ҳалкунандаи ҳаёти инсонҳо, сарнавиштсоз ба тасвир мегирад. Аз ин рӯ, ишқи инсонӣ низ бояд поку покиза ва беолоишу мусаффо бошад. Вале ин ҷанбаъ дар тасвири Мушфиқӣ моҳияти илҳомбахшӣ ҳам дорад ва аз ин рӯ, мушаххас карда мешавад. Барои шоир он лоларӯёни Самарқанд аст:

Мушфиқӣ бе лоларӯёни Самарқанд ин қадар,
Сӯхтам, к-аз доғҳо шуд синаам нақши ҷаҳон.

Дар ғазалиёти Мушфиқӣ ҷузъиёти образҳои лирикӣ хеле ӯҳдабароёна васф карда мешавад. Шоир ба воситаи тавсифҳои «хусни хати голиябӯ», «бандаи рӯ», «ҳаваси ҳар сари мӯ» «хоки сари кӯ» ва ғ. ба маҳбуба сидқан изҳори муҳаббат мекунад. Дар ишқи маҳбуба садоқати асили худро баён менамояд. Зикри ҷузъиёти васфшаванда сӯзу гудози ошиқро ҷонгудозтару синасӯзтар ҷилва медиҳад.

Чунончи:

Волои ҳусни хати ғолиябӯи ту шавам,
Ваҳ чӣ зебо шудаӣ, бандаи рӯи ту шавам.
Гар шавад ҳар нафасе дар тани ман ҷони дигар,
Ҳар нафас ҷон диҳаму зинда ба бӯи ту шавам.
Ман на он ошиқам имрӯз, ки чун булҳавасон,
Талабам коми дилу ранҷа зи хӯи ту шавам.
Сари мӯе шудаам аз ғаму дорам ҳавасе,
Ки фидои ҳаваси ҳар сари мӯи ту шавам.
Зиндаву мурда бар инам, ки ба ҷое наравам,
Дар қадам бошаму хоки сари кӯи ту шавам.
Сад накӯӣ зи рухат дидаму як ҷон додам,
Чӣ аҷаб, гар хиҷил аз рӯи накӯи ту шавам.
Мушфиқӣ аз ҳама сӯ рӯи ту дорад ғаму дард,
Шавқро раҳгузаре нест, ки сӯи ту шавам.

Дар лирикаи ишқии Мушфиқӣ мавзӯъҳои пурракунандаи ишқу ошиқӣ: май, бодапаймоӣ, садои мусиқӣ, навозандагӣ, баҳор, насими субҳгоҳӣ, садои булбулону ҳазордастон, резиши борони найсону садои ҷӯйчаакҳати гулзорҳову бахмалосо гардидани намуди зоҳирии замин ва ғ. мебошанд:

Рухат имшаб, ки ҳамчун гул зи тоби май арақ карда,
Аҷаб дорам, ки моҳ аз ҳола худро дар табақ карда.

Ё ин ки:

Баҳор шуд, кадаҳ он беҳ, ки ранги лола намояд,
Бунафша дар назар ояд сари ғизола намояд.
Зи доғи лола расад дар чаман ба хотири мастон,
Саводи наргиси соқӣ чу дар пиёла намояд…

Рӯ овардани шоир ба маю бода, мусиқиву суруд рамзи хушгузаронии умр, ғанимат донистани лаҳзаҳои зиндагӣ, баҳрабардорӣ аз ҳаёт, барҳамзании нобасомониҳои рӯзгор, печидагиҳои ҳаёт, канорачӯӣ аз ғаму дарди замона мебошад. Бо назардошти ҳамин ҷанбаъ шоир таъкид менамояд, ки:

Гар нишоти умр хоҳӣ, бе маи гулгун мабош,
Ҳамчу даври гул ғанимат дор ин айёмро.

Вобаста ба рӯзгори нисбатан қашшоқонаи Мушфиқӣ, ҳатто лирикаи ишқии шоир саршор аз мазӯъҳои дигари иҷтимоист. Оҳангҳои иҷтимоӣ, хусусан дар ғазалҳои Мушфиқӣ хеле баландсадо буда, ҳатто баъзан ғазалҳои алоҳидаро фаро гирифтаанд. Дар баъзе ғазалҳои иҷтимоии шоир ҳам радиф (агар мураккаб бошад, боз бештар) ва ҳам қофия бори ғоявӣ мекашанд. Ин ҳолат саргузашти қаҳрамони лирикиро боз ҳам возеҳтару равшантар ва ошкоротар чилвагар месозад:

Ҳар шабе аз оҳи дил кошонаро оташ занам,
Шамъро сӯзам, дили парвонаро оташ занам.
То ба рағми ман насозад хонаи ишрат рақиб,
Пеш аз мурдан ба кӯят хонаро оташ занам.
Бо ҳама раъноӣ аз оҳи дилам андеша кун,
Хирмане сӯзад агар як донаро оташ занам.
Ин ҳама оташ ба ҷони ман зи дасти дил афтод,
Гар ба даст афтад, дили девонаро оташ занам.
Ҷои ҳар оташ дар ин вайрона доғи ҳасрат аст,
Ҷои он дорад, ки ин вайронаро оташ занам.
Мушфиқӣ дар дафтари айём мазмуни фаност,
Оқибат авроқи ин афсонаро оташ занам.

Бешубҳа ғазали боло яке аз ғазалҳои шоир аст, ки мазмуни басе баланди иҷтимоӣ дорад. дар эҷоди чунин шеърҳо Мушфиқӣ хеле қавипанҷа мебошад, зеро ҳолати мазкур дар иртибот бо авзои таърихии замони ӯ шояд пеш омада бошад. Ӯ мегӯяд:

Ҳаргиз нафасе шод надидам дили худро,
Аз банди ғам озод надидам дили худро.
То ғам нахурад кас нашавад манзиле обод,
Ғам хурдаму обод надидам дили худро.

ва ғайра. Бовуҷуди он Мушфиқӣ комилан навмед нест. Ӯ дар ин ҷода шоири некбин аст:

Замона Мушфиқӣ меҳтарсарой аст,
Бувад рӯзе, к-аз ин меҳнат бароем.

Оҳангҳои иҷтимоӣ дар навъҳои дигари лирикии шоир низ хеле хуб ба мушоҳида мерасад. Ба ин маънӣ Мушфиқӣ дар ин рубоӣ мегӯяд:

Султон сухан аз сипоҳу зар мегӯяд,
Тоҷир сухан аз суду сафар мегӯяд.
Дар ҳар сухане шеваи мо тадбир аст,
Тақдир, вале ҳарфи дигар мегӯяд.

Дар ин рубои масъалаи қазову қадар баён шудааст. Адиб се тоифаро зикр намуда гуфтан мехоҳад, ки андешаи инсон вобаста ба кору

пешаи ӯст. Аз тарафи дигар, инсон дар кадом ҷой ва кадом пешае, ки фаъолият кунад, хатман суду зиёнро пеши назар меорад. Мақсади ӯ ба даст даровардани фоида мебошад. Аз ин ҷост, ки новобаста ба касбу кор мақмад, ҳавасу орзу пайваста дар сари инсон ҳаст. Диле бе ҳавасу саре бе орзу нест. Масалан, султон пайваста меандешад, ки тавассути зӯрӣ, қувва яъне сипоҳ, суду фоида яъне зар аз куҷо ба даст биёрад. Ё ин ки тоҷир, бозаргон, аҳли савдо ҳамеша саъй дорад, ки ба куҷо сафар кунад ва аз куҷо ба куҷо чӣ биёраду бубарад. Вале ин ҳама аз доираи сарнавишт берун нест. Яъне ин ҳама тарбут ба тақдир аст.

Мушфиқӣ дар баробари мадҳи султонҳо, ситоиши шоҳону амирон, онҳоро танқиду сарзаниш ҳам мекунад. Ӯ дар ин рубоӣ мегӯяд:

Султон, ки зи ҷоҳ рӯ ба дарвеш накард,
Сад хона кам аз симу зари хеш накард.
Бо он ки замину осмон мулки Худост,
Як хона барои худ бино беш накард.

Ҳадаф дар ин рубоӣ низ қазову қадар аст. Ба шоҳ баландии мартаба имкон намедиҳад, ки ҳамнишини дарвеш бошад. Инчунин шоҳон соҳиби зару сими давлатанд, яъне хазинадоранд, вале аз як хона зиёд барояшон зарурат надорад. Ин ҷо мисраи рубойи халқӣ, ки «На шоҳаншоҳ бурда як кафан беш» ба ёд меояд, ки ба рубоии зикршудаи Мушфиқӣ ҳаммазмун мебошад.

Умуман дар лирикаи Мушфиқӣ аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво ва мавзӯъ ғазалиёту рубоиҳои ӯ хеле ва хеле наздиканд. Зеро ишқу ошиқӣ, ҳаҷру висол, сӯзу фироқ, вафову бевафоӣ, садоқату носодиқӣ, сабуриву носабурдӣ, ҳассосиву беҳисӣ ва ғайра дар ғазалиёту рубоиҳо хеле маълум буда, шоир ин навъҳои адабиётро хеле ба ба зиндагии мардум наздик намудааст. Ё худ бо рамзу киноятҳои андаке иктифо мекунад. Масалан, ҳадаф аз май ва мастӣ ба андешаи шоир, фориғ будан аз ғами замон, ғанимат донистани оддитарин лаҳзаҳои рӯзгору зиндагӣ ва ғайра:

Ғараз аз бода хурдан Мушфиқиро ғайр аз ин набвад,
Ки месозад даме фориғ аз ин дайри ғамободаш.

Мушфиқи ба таълифи қасида ҳанӯз хеле барвақт оғоз кардааст ва дар эҷодиёти шоир пас аз ғазал қасоиди ӯ меистад. Девони қасидаҳои Мушфиқӣ аз 3000 байт иборат аст. Ӯ дар шакл ва мазмуну мавзӯи қасидаҳо асосан аз қасоиди анъанавӣ берун нарафтааст. Вале дар шеърияти эҷод, мазмунсозию маъниофарӣ, ҳунари шоирӣ, коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ ва ғайра хеле ва хеле шоири навовар ва эҷодкори тозакор аст. Ӯ ғолибан дар қасоиди мадҳӣ қавипанҷа буда, дар мадҳи Султон Саид ва амир Абдулоҳхон ва дигарон қасидаҳо эҷод кардааст.

Мавзӯи қасидаҳои Мушфиқӣ ба ғайр аз мадҳу сано, инчунин пеш аз ҳама аз ҳамду наъти Худо, Муҳаммад ва ёрони ӯ, симоҳои мӯътабари дин, майлҳои сӯфиёна, тасвири манзараҳои диёр, фаслҳои сол, ишқу муҳаббат, саргузашти худи эҷодкор, ҳасби ҳолу ҳолу шиква аз замон, танқиди ноадолатиҳо ва ғайра мебошанд.

Мушфиқӣ яке аз сабабҳои асосии рӯ ба дарбор овардани худро дар осудагиву оромии дарбор медонад ва аз ин рӯ мегӯяд:

Ба ин даргоҳи олӣ Мушфиқӣ баҳри дуо омад,
Паноҳ овард аз ҷаври замону фитнаи даврон.

Ӯ Султон Саидро «шоҳи иқлими каромат», «соҳиби фазлу карам», менамояд ва ин ҳокимро басо ситоиш мекунад:

Адли ӯ то хори зулм аз пои мискинон кашид,
Нест саҳрое, ки бошад бесуруди хоркаш.
Кас ба аҳди ӯ наафтодааст дар чоҳи бало,
Ҷуз дили ошиқ, вале он низ дар чоҳи закан.

Мушфиқӣ дар санои Абдулоҳхони Шайбонӣ ҳам, хеле сидқӣ камар бастааст ва ӯро арбоби давлат дониста, асоси муваффақияти эҷодиёти худро аз шарофати давлатдории ҳамин ҳоким меҳисобад:

Шеъри ман гар зиннате дорад, зи юмни мадҳи туст,
Хона орояд, бале, ҳар кас ба қадри меҳмон.

Мушфиқи мамдӯҳи худ-шоҳро баъзан ба шоҳони пешин шабеҳ дониста, ҳатто гоҳо афзал меҳисобад. Чунончи, мегӯяд:

Хусраво, аҳди сухан тоза шуд аз давлати ту,
Натавон аҳде аз ин нодиратар пайдо кард.
Наи хушки қалам аз файзи баҳори карамат,
Барги эъҷоз бароварду самар пайдо кард.

ва ғайра. Хусусан мавзӯъҳои танқидӣ ва тасаввуфию панду насиҳатии Мушфиқӣ хеле ҷолиб ва ҷаззобанд.

Шоир сарвазир Осафро беибо дев меномад, ки чунин ҷуръат кам андар кам аст. Агар дев роҳбар бошад, пас чӣ гуна низом барқарор хоҳад гашт? Чунончи, мегӯяд:

Осаф, ки дев бошаду девон ба қукми ӯ,
Назми умури мулки Сулаймон чӣ сон диҳад?
Ӯ масти ҷоми мансабу ҳар дам ба пеши ӯ,
Соғар даҳон кушояду шиша забон диҳад.

Дар бештари ашъори лирикии Мушфиқӣ хусусан дар ғазалиёташ, шоир оҳангҳои шиквоӣ, танқидӣ ва эътирозӣ хеле баланд садо додаанд. Зеро шоир аз тангии маишӣ, аз рӯзгори нобасомон, аз ҳаёти вазнин басо бо сӯзу гудоз ва бо ҳасрат сухан мегӯяд. Албатта, қаҳрамони лирикии ӯ ҳангоми тасвир маҳдуд нест ва аз ин ҷиҳат, шояд шоир умуман аҳволи аҳли қаламро дар назар дошта бошад. Ба ҳар ҳол пеш аз ҳама шахсияти шоир бояд фаҳмида шавад. Ӯ ҷое тамоман ноилоҷ мондани худро таъкид кардааст;

Дармони дил куҷост, ки баҳри даво равам,
Бечораам, илоҷ надорам куҷо равам?

Ё ин ки:

Рӯи муроде ҳаргиз надидам,
Аз номуродӣ умрам сар омад.

Ин аст, ки шоир барои тасалӣ ёфтан ва таскин додани дили худ, ба сӯзи дилу ашки чашм (гиряи ҷигарсӯз) дар ин дунёи бевафо созиш кардан мехоҳад. Аз ин ҷост, ки танқиди рӯирости шоҳону амирон ва вазирону ҳокимон дар эҷодиёти ӯ хеле кам аст. Яъне ӯ созиш кардааст. Аз тарафи дигар, шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки шоир бештар ба ҳазлу шӯхӣ ва

ашъори мутоибавӣ рӯ меорад. Албатта, ин мазӯъ низ як навъ эътирози сахт, як шакли танқиди зимомдорони замона мебошад:

Ба ашку оташи дил сохтем аз олами фонӣ,
Хаёли сим кам дорему савдои заре камтар.

Дигар аз масъалаҳои бисёр ҷиддӣ дар лирикаи Мушфиқӣ тасвири табиат, манзараҳои диёр, гулу гиёҳ, абру борон, офтобу гармо, насиму боди баҳорон, накҳати баҳориву махмалинпӯшшавии дашту даман, назарраборои кӯҳу ҳомун, хаёлангезии водиҳои гулпӯш ва ғ. мебошад. Ин ҳолат на танҳо дар ғазалиёту рубоиёт, инчунин дар қасидаҳои ӯ хеле ҷолиб ба тасвир омадааст:

Май хӯрдаву афрӯхта рухсор шукуфа,
Гул-гул шуда аз хандаи бисёр шукуфа.
З-он пеш, ки дар боғ саропарда занад гул,
Зад хаймаи худ пеш ба гулзор шукуфа.
Азбаски ба ташрифи раёҳин гуҳар афшонд,
Шуд абр тиҳикисаву зардор шукуфа.
То сабза бар атрофи гулистон пари тӯтист,
Аз синаи боз аст намудор шукуфа.
Дар бод мабодо, ки ба шӯхӣ фитад аз шох,
Худраставу тифл асту сабӯксор шукуфа.

Ё худ:

Абри найсон ба гулистон чу гуҳарбор шавад,
Настаран пургуҳари сода садафвор шавад.
Фалаки шох, к-аз ӯ сӯбҳи шукуфа бидамад,
Авфақи тарфи чаман матлаи анвор шавад.
Сабза шона диҳад аз ғолиядон лола барад,
То насим ояду машшотаи гулзор шавад…

Ва ё лаҳзае аз фасли тирамоҳро чунин бо хусусиятҳои хоси он дар қасидаи «Васфи хазон» ба қалам медиҳад:

Ба рӯи об хазонро сари тамошо шуд,
Ҳазор заврақи заррин зи барг пайдо шуд.
Зи баски хуни гул аз шох рехт наштари хор,
Зи чеҳрааш асари заъф ошкоро шуд…

Яке аз мавзӯъҳои хеле марказӣ дар эҷодиёти Мушфиқӣ ҳаҷву мутоиба мебошад. Ӯ ба ин мавзӯъ ҳанӯз аз овони ҷавонӣ-солҳои таҳсил дар мадраса оғоз кардааст. Тақрибан солҳои 1557-58 шоир ашъори ҳаҷвии худро мураттаб намудааст. Ин аст, ки «Девони мутоибот»-и шоир ашъори ҳаҷвӣ- мутоиботии ӯро фаро мегирад. Мушфиқӣ дар бораи арзиши ҳаҷву мутоиба мегӯяд:

Шамшери ҳаҷв олату афзони шоирист,
Ин ҷинс бад мадону аз ин навъ бад мабар.

Бештар ҳаҷви ӯ доираи васеи ҳамкасбон, зиёиёни замони Мушфиқиро дар бар мегирад. Инчунин ҳаҷву мутоиботи Мушфиқӣ ба табақаҳои ҳокими замон, амалдорон, соҳибмансабон, сармоядорон низ равона гардидааст:

Хоҷа гандум ваъда карду ним ҷав ҳосил нашуд,

Дар садои ваъда доим ҳиммати дун асту доҳ
Ӯ разолат карда бошад, мо қаноат мекунем,
Бигзарад ин соли қаҳту монад он рӯи сиёҳ.

Мушфиқӣ аз табақаҳои, соҳибмансабон:

Арбобзода, қозӣ, Масъуди сармоядор ва дигаронро ҳачв кардааст. Ӯ дар бораи Масъуди сармоядор мегӯяд:

Дар кори ту, Масъуд, ачал дер кунад,
Вақт аст, ки зӯр овараду зер кунад.
Аз симу зари ҷаҳон нашуд чашми ту сер,
Чашмони туро хоки лаҳад сер кунад.

Ё ин ки Маҳмуд ном муллои Гелонӣ, ки баъд ба Самарқанд омада муқимӣ шудааст, Мушфиқӣ ӯро ҳачв мекунад:

Зи Гелон омадӣ, Маҳмуд, берун,
Кулоҳ аз Хусрави Дайлам гирифтӣ.
Задӣ саркалла бо Заҳҳоки морон,
Ту ҳам мағз аз сари одам гирифтӣ.

Дигар аз хусусиятҳои ҳачви Мушфиқӣ ва мутоиботи ӯ дар мушаххас ва ҳаётӣ будани мавзӯъ аст.

Ӯ шахсонро бо касбу фаъолияташон номбар мекунад ва кирдори зишти онҳоро ҳачву танқид менамояд.

Лексикаи ҳачвӣ- мутоибавии ашъори Мушфиқӣ хоси ҳамон касбу пеша, оддӣ, бозорӣ ва баъзан туркист. Аҳёнан аз одоб берун низ мебошанд.

Барои намуна ғазали ҳачвии «тақсими мерос»-ро зикр хоҳем кард, ки хеле ҳачви малеҳ дорад. дар ин ғазал тавассути санъати тачову муҳобила аз оғоз то анҷоми он нобаробарии зану мард ва ҳатто хоҳару бародар бошанд ҳам, нобаробарӣ сарфи назар карда намешавад, ба тасвир гирифта мешавад. Аз сӯи дигар, ҳарисӣ нисбат ба молу чиз, сарвату неъмат нишон дода шудааст. Ҳатто шеъри мазкур моҳияти шарҳиҳолӣ дорад:

Ҳамшира хакрҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману тараддуди ғавғо аз они ту.
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз он ман,
Он қоҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Ин ҷомахобу бистару болин аз они ман,
Бетоқативу нолаи шабҳо аз они ту.
Танбӯри пур зи хотами бобо аз они ман,
В-он нағмаҳои тарнатороно аз они ту.
В-он ҷои хоби мондаи бобо аз они ман,
Тасбеҳи пора-пораи бобо аз он ту.
Дастор, ҷома, фӯтаи бобо аз они ман,
Бетоқативу нолаи шабҳо аз они ту.
Кафгиру дегу дегчаи бобо аз они ман
Дастгиру дегхонаи бобо аз они ту.
Ҳамёни пур зи тангаи бобо аз они ман,
Занги фулуси мондаи бобо аз они ту.

Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,
В-он нақшҳои мондаи бурё аз они ту.
Аз рӯи ҳавлӣ то ба лаби бом аз они ман,
Аз пушти бом то ба Сурайё аз они ту.
Мардум гусел кардану шиштан аз они ман,
Такфини хоб кардани бобо аз они ту.
Рафтан ба сӯи қабру нишастан аз они ман,
Дастархони чалкаку ҳалво аз они ту.

Аз ин ғазал бармеояд, ки шоир урфу одати ҷории замонро, ки дар онҳо ба занон чандон эътибор дода намешавад, сахт ҳаҷв мекунад. Зоҳиран он чизҳое, ки ба хоҳар аз мероси бобо пешниҳод карда мешаванд, ҳам аз нигоҳи миқдор, доираи фарогирӣ, ҳаҷм, саршумор, андоза, арзишманди ҳиссаи ба хоҳар пешниҳодшуда бештар аст. Вале амалан ба хоҳар чизе мушаххас дар даст намемонад. Ва он чи ки моли меросист, ба бародар расидааст. Аз ин рӯ, шоир мантиқан ҳамшираро ҳимоя мекунад.

Ё ин ки намунае аз як ғазали дигари шоир, ки бисёр ба мавзӯи муҳим-ишқу масъалаҳои дигари иҷтимоӣ: нодорӣ, тангдастӣ, бенавоӣ, сӯзу фироқ, ҳаҷру зурӣ ва ғайра, ки қаҳрамони лирикиро ҷон ба лаб овардаву ноилоҷ сохтааст, рӯ меорем.

Дар ин ғазал ҳатто хавфи афзалияти рақиб ба назар мерасад. Аз ин ҷост, ки ошиқ-қаҳрамони лирикӣ мехоҳад рӯ ба қатъияту ҷиддият биёрад.

Мушфиқӣ мегӯяд:

Ҳар шабе аз оҳи дил кошонаро оташ занам,
Шамъро сӯзам, дили парвонаро оташ занам.
То ба рағми ман насозад хонаи ишрат рақиб,
Пеш аз мурдан ба кӯят хонаро оташ занам.
Боҳама раъноӣ аз оҳи дилам андеша кун,
Хирмане сӯзад агар як донаро оташ занам.
Ин ҳама оташ ба ҷони ман зи дасти дил фитод,
Гар ба даст афтад, дили девонаро оташ занам.
Ҷои ҳар оташ дар ин вайрона доғи ҳасрат аст,
Ҷои он дорад, ки ин вайронаро оташ занам.
Мушфиқӣ дар дафтари айём мазмуни фаност,
Оқибат авроқи ин афсонаро оташ занам.

Ғазали мазкур ишқӣ буда, дар он **содди чиноиро** (девори хитоӣ) маҳбуба тавассути ҳаҷру ҳиҷрон ва дурӣ аз висол гузоштааст. Ошиқ ҳеҷ илоҷи дигаре барои дарёфти висол намеёбад. Аз ин рӯ, маҳз ба хотири он ки рақиб аз ин пешомад комёб нашавад, дигар ҳеҷ чизро дареғ намедонад. Ошиқ бар хонаву ҷой, шамъу парвона, хирману дона ва умуман аз ҳастӣ мегузараду оташ меафканад. Оташи афкандаи ошиқ, оташи вақеӣ нест, балки дуди оҳи дил аст, ки сӯзону оташосо аст. Аз сабаби он ки ин оташ аз дил аст, пас ҳастӣ дучори фано мебошад. Зеро воситае, илоҷе, дастасие, умеде дигар барои висол дар ӯ намондааст. Албатта, чунин сурат гирифтани мазмунсозиву маъниофарӣ дар ашъори

Мушфиқӣ, пеш аз ҳама дар ғазалиёти ӯ аз нобасомониҳои замони шоир, аз тангии маишӣ, аз дасткӯтоҳӣ пеш омадааст. Ин аст, ки чунин оҳангҳои на танҳо дар ғазалҳои Мушфиқӣ дучор мешаванд, балки ҳамаи шаклҳои шеъриии эҷодиёти ӯро ҳам фаро гирифтаанд. Омӯхтани ин масъала барои равшан намудани бисёр масъалаҳои зиндагиномаи шоир кӯмаки бевоситаи ҷиддитарин хоҳанд намуд.

Маснавии «Гулзори Ирам»

Абдурраҳмони Мушфиқӣ на танҳо дар эҷоди ғазалу қасида, рубоиву шеъри тасмит, муқаттаоту марсия ва ғ. машҳур аст, балки ӯ дар маснависароӣ низ табъи баланд доштааст. Шоир маснавиҳои «Соқинома», «Гулзори Ирам» ва «Ҷаҳоннамо»-ро эҷод карда дар таҳаввули суннати маснависароӣ низ саҳми сазовор гузоштааст.

Маснавии «Гулзори Ирам» нахустин маснавии Абдурраҳмони Мушфиқӣ буда, аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво, образҳову қаҳрамонони асосӣ хеле ҷолиб мебошад. Таърихи таълиф, миқдори абёти онро худи шоир чунин ишора кардааст:

Чун адад хостам аз ин ашъор,
Шуд ҳазору саду чиҳил ба шумор
Баҳри таърихи ин саҳифа қалам,
Ҳафтро дар ду нуҳ ниҳод рақам.

Яъне маснавии мазкур соли 1571/72 таълиф гардида, зоҳиран ба абдулоҳҳони Шайбонӣ эҳдо шудааст:

Ай шаҳи нуктадон, ки ҳусни камол,
Аз ту дар мулки назм ёфт низом.
То ба номат сухан шудаст қарин
Сӯфаи байт гашта шоҳнишин.

Маснавӣ аз 24 фасл иборат буда, дар баҳри Хафифи махбуни маҳзуф иншо шудааст, ки афоъили он чунин аст:

- v - - / v - v - / v v -

Яъне: фоъилотун, мафоъилун, фаъилун.

Асар ба таври анъанавӣ: ҳамди Худо, наът, муноҷот, санои Пайғамбар (с.) ва ёрони ӯ оғоз мешавад. Баъд сабаби таълифт достон зикр мегардад, ки хоҳиши дӯстон будааст.

Достон аз нақли шахси солхурдае, ки аз достонсароии гузашта хуб огоҳӣ дошт, шурӯъ мегардад:

Дар Мағрибзамин Ақл ном шоҳе буд. Ақл шоҳи одилу доност. Ӯ фарзанд надошт. Ақл баъдтар соҳиби фарзанд шуду тифлро Дил ном кард. Дил ба балоғат расида ҳамаи илму ҳикмати замонро омӯхт. Падараш ӯро ба мулки Бадан қалъае буд, ки Димоғ ном дошт ва Дил дар он ҷо зиндагӣ мекард. Халқ аз усули мамлакатдории Дил розӣ аст. Надиме дар яке аз базмҳо пинҳонӣ ба Дил дар бораи Чашмаи Ҳаёт хабар медиҳад. Дил баъдтар талаби чашмаро мекунад. Дил мамлакатро ба ҳоли худ гузошта бо ғаму гиря барои чашма дар пинҳонӣ менишинад. Дил дар кишвари худ Назар ном ҷосусе дорад. назар аз ҳоли Дил пурсон мешавад. Дил ба Назар асрорро мегӯяд. Назар Дилро мегӯяд, ки ту оромона мулкро идора кун ва ман илоҷи Чашмаи Ҳаётро меёбам. Назар

ҳангоми сайр ба мулке мерасад, ки ягон каси бегона ба ин сарзамин пой нагузоштааст. Мардумони он шоду ғанианд ва ин шаҳр Офият ном дорад:

Муддате чун Назар сафарҳо кард,
Ҳар тараф, ҳар тараф назарҳо кард.
Сӯи шаҳре фитод чашми Назар,
Ки назираш надида буд дигар.
Халқ бар вай зи фитнаҳо эмин,
Ҳама дар кӯи Офият сокин.
Назар аз номи шаҳр чун пурсид:
«Кишвари Офият»- ҷавоб шунид.

Ҳокими шаҳри Офият Номус ном дошта, Назар бо ӯ ҳамсӯҳбат мешавад. Номус мегӯяд, ки оби ҳаёт нест ва ин ҳамон обрӯи инсонӣ аст. Вале Назар ноумед нашуда, ҷустуҷӯро давом медиҳад. Ӯ ба кӯҳе мерасад, он уқобон зиндагӣ мекунанд. Ранги кӯҳ сиёҳ ва ҳавлнок мебошад. Дар он кӯҳ қалъаест, ки Зӯҳву Риё ном дорад. ҳокими қалъа Зарқ аст. Ӯ шахси маккору дилозор аст. Назар ба назди Зарқ омада қиссаи оби Ҳаётро арз мекунад. Зарқ бар хилофи гуфтаи Номус мегӯяд, ки Оби Ҳаёт ҳаст, вале дар ҷаннат. Чамаеро, ки ин ҷо оби Ҳаёт мегӯянд, ҳамон ашки чашмони инсон мебошад. Агар хоҳӣ, ки онро ёбӣ гиряву зорӣ бикун. Назар боз сафарро давом дода ба қалъаи дигар дучор мешавад, ки ҳокими он Ҳиммат буд. Ҳиммат покдил, бофазлу камол буд.

Назар аз Ҳиммат низ имдод мепурсад. Ҳиммат мегӯяд, ки он чашма пинҳон нест, вале роҳ ёфтан ба он ҷо душвор аст, Назар зориҳо мекунад. Ҳиммат мегӯяд:

- Дар мулки Шарқ Ишқ ном шоҳ аст. Ишқ духтаре дорад, ки Ҳусн ном дорад. ишқ барои духтари худ аз нукраи шаффоф дар кӯҳи Қоф қалъае бино кардааст. Ин қалъа дар шаҳри Дидор мебошад. Дар шаҳри Дидор боғе мавҷуд аст, ки онро Гулшани Рухсор мегӯянд. Чашмаи Оби Зиндагонӣ он ҷост. Ҳусн пайваста аз он чашма менӯшад. Ҳиммат боз мегӯяд, ки: Эй Назар, ман ҷои Оби Ҳаётро гуфтам, вале роҳи он пурхатар аст. Дар сари роҳ шаҳри Сагсор аст ва ҳокими он Рақиб мебошад ва ӯ тобеи Ишқ ва нигоҳбони Дидор аст. Пас аз Дидор **ҷовушон** манзил доранду баъд манзили дигар аз **ҳабашизодагони** зангичеҳр аст. Ду камондор онҷо тороҷгарони ақлу дин ҳастанд. Ҳиммат ба бародари худ Қомат, ки сипаҳсолори Ҳусн аст, номае навишта ба Назар медиҳад. Ҷовушони Рақиб-Ҷафо ва Ситам Назарро бандӣ мекунанд. Назар ҳунари зарсозии худро ба Рақиб изҳор мекунад. Рақиб мегӯяд, ки сангро зар мекунад. Рақиб мегӯяд, ки **Лола** аз Рум ва Сунбул аз Чин биёр ва то гули Форс аз наргиси Ҳабашӣ дар назар накашӣ кор душвор мешавад.

Инҳо дар шаҳри Дидоранд. Пас назару Рақиз ба шаҳри Саломат меоянд, ки дар он ҷо бародари Ҳиммат-Қомат мезист. Дар шаҳри саломат Рақиб хоб меравад. Қомат аз Назар мақсад мепурсад ва Назар рамаи Ҳимматр ба Қомат медиҳад. Қомат назарро ба шаҳри Дидор равон мекунад. Яке аз амирони Ҳусн, ки Зулф ном дошт, аз Ҳиндустон ба Туркистон омада буд, аз гармои ҳаво дар камари кӯҳ истиқомат

мекард. Назар, ки падараш аз Туркистон ва модараш аз Ҳиндустон буд, бо Зулф ошно мешавад. Зулф канд афканда Назарро ба он кӯҳ мебарад ва Назар он ҷо гул, сарв ва булбулу тазарврро тамошо мекунад. Назар Зулфро видоъ мекунад ва Зулф ба ӯ чанд тор аз Зулф медиҳад, ки агар лозим шавад, дар болои сангу оҳан оташ афрӯз ва торе бар рӯи оташ гузор, ман ҳозир мешаваму туро халос хоҳам кард. Назар ба дасти морпоён дар шаҳри Шом асир меафтад ва аз онҳо халос шуда ба шаҳри Дидор меояд он ҷо зангибачаҳоро мебинад:

Ҳама дар рангу бӯй мушкинон,
Гулу насрину ёсуманчинон.

Назар кӣ будани онҳоро пурсид. Онҳо гуфтанд, к ғуломони Холи Ҳусн ҳастанд. Назар Ғамза ном бародаре дорад. ғамза ҳароҳи Ҳусн аст. Назар Ғамзаро мебинад, ки дар Гулшани Рухсор дар байни наргисзор нишастааст. Ғамза ба назар ҳамла кард. Дар ҷанг Назарро бандӣ кард, вале шинохт, ки бародараш аст:

Гуфт: Ман будаму бародари худ,
Ҳар ду ду нури чашми модари худ.
Чун зи хурдӣ ҷудо шудем зи ҳам,
Модар аз меҳр мӯҳрае маҳкам.
Дар ду бозуи мо зи лаъли хушоб,
Басту аз ҳаҷр кард дида пуроб.

Ҳусн огоҳ шуда Назару Ғамзаро даъват мекунад. Ҳазинадори Ҳусн Садрхозан дар рӯи коғаз пайкари сангеро кашида ба назар медиҳад. Назар сурати Дилро мешиносад. Дил писари шоҳи Мағрибу Шом мебошад. Ҳусн аз Назар хоҳиш мекунад, ки ӯро ба висоли Дил бирасонад:

Ба Назар роз дар миёна расонд,
Шаби ҳиҷрон дар фасона кушод.

Назар саргузашти Дилро ба Ҳусн баён мекунад. Ҳусн ғуломи худ Хаёлро хотаме медиҳад ва бо ҳамроҳии Назар ба пеши Дил равон мекунад. Дил бо Хаёл сӯҳбат карда мехоҳад Ҳуснро бубинад ва бо Хаёл меравад. Вазири Дил ҳолати Дилро ба падари ӯ-Ақ хабар медиҳад.пас аз ақлу вазир мехоҳанд Назару Хаёлро асир гиранд. Назар хотамро ба даҳон андоҳта Дил, Ҳиммат ва Хаёлро гул заду ба назди Ҳусн рафт. Назар хост аз чашмаи Гулшани Рухсор об нӯшад, вале хотамро афтонд. Ин вақт рақиб пайдо шуду Назарро маҳбус кард. Назар мӯе аз Зулфро оташ дод, ки Зулф ҳозир шуду ӯро наҷот дод. Назар воқеаро ба Ҳусн гуфт ва Ҳусн Ғамзаро бо Назар фиристод, то ки Дилро асиру ақлро дастгир карда биёрад. Зарқи Роҳиб писаре дошт, ки ӯ Тавба ном дошт. Ӯ сокини кӯҳи Зӯҳд буд.

Дил ва Ақлро ба назди Ҳусн меоранд ва Ҳусн дояе дошт, ки номаш Вафо буд. Боре Ҳусн ба Вафо гуфт: Ту Дилро ба қасри висол биёр. Ба ҳамин тариқ, Ҳусн ба висоли Дил мерасад.

Ғайр низ мехоҳад ба висоли Дил даст ёбад. Ӯ чунин ҳам карда ба висоли Дил мерасад. Хаёл ҳолати Дилу Ғайрро мебинад:

Ҳарду маҳушу масту лояъқиил,

Аз ҷаҳону ҷаҳониён ғофил.

Ҳусн бохабар шуда Дилро дар кӯҳи Уқоб меафканад. Ғайр ин ҳолро ба падараш Рақиб мегӯяд. Рақиб бошад табассум, Дил ва Назарро бандӣ мекунад ва онҳоро дар водии Фироқ маҳбус менамояд.

Ҳиммат барои халосии Дил ба шаҳри Қомат омад. Баъд Ҳаммат ба шаҳри Бадан омада Ишқ Ақлро халосӣ бахшид ва ба Маҳр фармуд, ки Рақибро зиндон кунадва Дилу Табассум ва Назарро озод кунад. ақлро аз Чин оварда ба садри вазорат ҷойт медиҳанд. Дар охир ҳама як ҷо ҷамъ шуда Вафо, Ноз ва Меҳр ба ҳам мепайванданд ва Дилу Ҳимматро эҳтиром мекунанд. Дар ҳамин ҷо хутбаи никоҳи Ҳусн ва Дил хонда мешавад. Ҳиммат Дилро ба сӯи чашма ва пайдо кардани Хизр мебарад. Достон ба ҳамин тамом мешавад.

Хусусиятҳои достон

Ин достон рамзӣ буда қаҳра монҳои он асосан узвҳои инсонанд. Хусусиятҳои узвҳо ба назар гирифта шудаанд. Инчунин майлҳои инсонӣ низ ҳар кадом табиати сириштии худро нигоҳ медоранд: Ишқ, Ҳусн, Ақл, Дил, Хаёл, Назар, Ғамза, Қомат, Ҳиммат, Меҳр, Вафо, Ноз, Зулф, Табассум, Номус, Тавба, Зарқ, Рақиб ва ғ. ширкаткунандагони достонанд.

Тавассути ташхис ва рамзу киноя ҳар кадом амал мекунанд. Муносибату рафтор, гуфтору кирдор ва фаъолияти мусбату манфӣ будаву доштани онҳо мисли он аст, ки онҳо дар вуҷуди инсонӣ доранд.

Масалан, Ғайр, Зарқ, Тавба бештар садди роҳи ошиқу маъшуқаанд вале, дар достон ҳар кадоми инҳо фаъолияту амали худро мустақилона ба кор мебаранд.

Қаҳрамонҳои асосии асар: Ақлу Дил ва Ишқу Ҳусн мебошанд. Дигар каҳрамонҳои лаҳзагӣ ва ё ёрирасон мебошанд. Онҳо хатти амалиётро фаъол гардонида ба ҷараёни ҳодисаву воқеаҳо таҳким мебахшанд. Ҳадаф аслан баёни ҳолоти ошиқу маъшуқа мебошад, ки онҳо Ҳусну Диланд. Ин қаҳрамонҳо (асосӣ ва ёвар) дар ашъори орифона вазифаи дигар доранд. Инчунин дар ашъори лирикӣ низ дучор мешаванд. Маснавии «Гулзори Ирам» ҳатто аз унвони он пайдост, ки дорои қавитари оҳангҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ аст.

Аз нигоҳи сабку услуб, шеваи баёну ҳунари эҷод, истифода вазну қафия, радифу санъатҳои адабӣ, мазмунҳову ҳунари тасвир, корбасти калимаҳову ибораҳо, таъбирҳои халқӣ ва ғайра низ достон хеле ҷолиб аст.

Кӯшиши шоир дар эҷоди маснавӣ аз он иборат аст, ки ӯ хостаст дар заминаи суннати бой ва бисёрсолаи боғановат тозакорӣ бикунад. Ӯ аз ӯҳдаи он ҳам баромада тавонистааст.

Албатта, дар ин мавзӯъ Ибни Сино, Шайх Шоҳубиддин Сӯҳравардӣ («Рисолата фӣ ҳақиқат-ал-Ишқ») вале чун асари адабӣ-бадеӣ Фаттоҳии Нишопурӣ («Ҳусну Дил»), Котибӣ («Хусну Дил») навиштаанд. Мушфиқӣ бештар такя дар Фаттоҳӣ кардааст:

Аввал, ки муншии устод,
Дафтари «Ҳусни Дил» ба дастам дод.

Вале ба қавли Мушфиқӣ, Фаттоҳӣ дар эҷоди асар ба нуқсонҳо бештар роҳ дода аст. Аз ин рӯ, асари ӯро «қолаби бе рӯҳ» ва «чамани бе об» мегӯяд:

Муҷмале қисса он ки дошт зуҳур,
Нусхае аз фасеҳи Нишопур.
Гоире аз назм ночашида футӯҳ,
Дар назар ҳамчу қолаби берӯҳ…

Ин аст, ки достони Мушфиқӣ бештар дар таърихи адабиёт маҳбубият пайдо кардааст. Шоири асри XVII Нишонӣ аввалин касест, ки навиштааст. Чандин шоирони дигар низ бо ин ном ва ё дар ҳамин мавзӯъ асарҳо навиштааст.

Савол ва супоришҳо:

1. Оид ба ҷараёни зиндагии Мушфиқӣ чӣ медонед?
2. Мушфиқӣ кай ба шеъру шоирӣ рӯ овардааст?
3. Сабаби ба Самарқанд сафар кардани Мушфиқиро шарҳ диҳед.
4. Муносибати шоир бо амирони давр чӣ гуна буд?
5. Сабаби ба Ҳиндустон рӯ овардани Мушфиқӣ дар чист?
6. Мушфиқӣ кай ва дар дарбори кӣ соҳиби унвони «Малик-уш-шуаро» гардид?
7. Поёни умри шоир дар куҷо сипарӣ шудааст?
8. Аз мероси адабии Мушфиқӣ то кунун чӣ боқӣ мондааст?
9. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Мушфиқиро баён кунед.
10. Арзиши адабии қасидаҳои шоир дар чист?
11. Кадом хусусиятҳои характеноки ҳаҷву мутоибаҳои шоирро медонед?
12. Ғазали Мушфиқӣ «Ҳар шабе аз оҳи дил кошонаро оташ занам»-ро азёд кунед.
13. Кадом маснавиҳои Мушфиқиро медонед?
14. Мазмуни мухтасари маснавии «Гулзори Ирам»-ро нақл кунед.
15. Образҳои асоӣ ва лаҳзавии мавнавии «Гулзори Ирам»-ро шарҳ диҳед.
16. Хусусияти фарқкунандаи маснавии «Гулзори Ирам»-ро гӯед.
17. Нуфузи эҷодиёти Мушфиқӣ ба адабиёт давр ва шуарои мутааххирин чӣ гуна аст?

ШАВКАТИ БУХОРОӢ

Ба худ кардам гуворо талхии айёмро, Шавкат,
Ба ширинӣ даҳони морро тунги шакар кардам.

Яке аз суханварони боистеъдод, навпардозу борикандеш Муҳаммадисҳоқ Шавкати Бухороӣ аст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми шоиста дорад. Ӯ тақрибан солҳои 20-уми асри XVII дар хонадони сарроф (заршинос), ки басо илмдӯсту ихлосманди шеъру адаб будааст, ба дунё омадааст. Аз ин рӯ, Шавкат ҳамаи илмҳои ҷории замонро комилан аз худ менамояд. Инчунин, нозукиҳои касби падарро ҳам хеле хуб меомӯзад. Дере нагузашта Шавкат ҳамчун яке аз шахсиятҳои илмию адабии замони худ шинохта мешавад. Ӯ махсусан ба шеъру адаб таваҷҷӯҳи бештару хубтар доштааст.

Муҳаммадисҳоқ Шавкати Бухороӣ баъзе ишораҳо дорад, ки гӯё аз ҷониби ғоратгарон зарари басо сахти моддӣ низ дидааст ва яке аз сабабҳои тарки диёр намудани шоир гӯё ҳамин амали ноҷавонмардонаи баъзе аз муосирони ӯ будаанд. Шавкат дар як қасидаи худ мегӯяд :

Ҷудо зи силсилаи дӯстони худ шудаам,
Ҳаво шавад, чу ҷудо гашт нола аз занҷир.
Матои хонаам азбас тамом ғорат ёфт,
Кашам ба сафҳаи девори хона нақши ҳасир.

Аввалин шаҳре, ки Шавкат дар он рахти иқомат меафканад, Ҳироти бостонӣ будааст, зеро дар ин бора чунин ишора менамояд:

Ранг аз гули замини Ҳирот аст фикрро,
Худро наметавон ба замини дигар кашид.

Шоир дар ин шаҳр аз ҷониби ҳокими он Сафиқулихони Шомлу қадршиносиҳо дида, ба ин лаҳзаи рӯзгораш низ баъзе ишораҳои ҷолиб мекунад:

Тарки Ватан намудаму қадрам азим шуд,
Гавҳар зи фавти сӯҳбати дарё ятим шуд.

Баъд аз чанде Шавкат ба Машҳад рӯи ниёз оварда, аз тарафи вазири Хуросон-Мирзо Саъдуддин Муҳаммад илтифоти фаровон мебинад.

Чунончи:

…Худ маро кардӣ зи барқи лутфи худ гарми сухан,
Арзи ҳоли хешро кардам ба густохӣ адо.
Чуғзи бепар будам ин дайри харобободро,
Аз ду дасти тарбият додӣ маро боли ҳумо.
Андалебӣ доштам, аммо забонам ғунча буд,
Сохтӣ аз хушнасимиҳо маро достонсаро.

Вале баъдҳо Шавкати Бухороӣ аз Машҳад ба Исфаҳон меояд, ки он ба соли 1678 иттифоқ афтодааст. Ҳамчунон аз баъзе ишораҳои шоир бармеояд, ки ӯ азми Ҳиндустон низ кардааст, вале ин қисмати масъала чандон равшан нест, зеро дар ашъори Шавкат оҳангҳои пушаймонӣ аз ин сафар низ ба назар мерасанд, чунончи ӯ мегӯяд:

Насибам аз сафари Ҳинд ғайри меҳнат нест,
Касе зи мори сиёҳи раҳаш саломат нест.
Ба бӯриёи ватан мекунам шакархобӣ,
Ба махмали сиёҳи Ҳинд хоби роҳат нест.

Ё худ дар ҷои дигар:

Зи бас бувад сафари Ҳинд сурмаи овоз,
Садо ба рафтани ранги ҳино намебошад.

Ба ҳамин тариқ, поёни рӯзгори шоир низ дар Исфаҳон гузашта, Шавкат тақрибан миёни солҳои 1107-1111 (солҳои 1695-1699) дар ҳамон ҷо аз ин олам гузаштааст. Мазораш дар атрофи шаҳри Исфаҳон воқеъ мебошад.

Эҷодиёти Шавкати Бухороӣ

Аз зикри мухтасари зиндагиномаи Шавкат бармеояд, ки ӯ аз Бухоро баромада дигар ба ватанаш наомадааст. Шоир тамоми умр дар ғарибӣ зиста дур аз диёр олами фониро тарк кардааст.

Бо вуҷуди азобҳои ғарибӣ, Шавкати Бухороӣ тавонистааст аз худ мероси бое боқӣ гузорад. Ӯ дар эҷоди бадеъ бо тахаллусҳои «Нозук» ва «Шавкат» шеър гуфтааст. Шояд дар оғоз «Нозук» тахаллус карда, баъдтар «Шавкат»-ро тахаллуси хеш қарор дода бошад.

Мероси адабии Муҳаммадисҳоқ Шавкати Бухороӣ, ки ба сифати девони ашъор то ба имрӯз маҳфуз мондааст, аз газалиёт, қасоид, рубоиҳо, муфрадот, ашъори пароканда ва муқаттаот иборат мебошад. Дар девони шоир ғазал пеш аз ҳама мавқеи аввалиндараҷа дорад, ки то 744 ғазалро ба ӯ мансуб медонанд.

Мавзӯъ, мазмуну мундариҷаи ғазалиёти шоир асосан ҷанбаҳои иҷтимоии зиндагӣ, ҳаёт, ноадолатиҳои рӯзгор, шебу фарозҳои олам, печидаҳои дунёи моддӣ, нооромию бедодгариҳои муҳити иҷтимоӣ, ғарибию ранҷҳои мусофират, нодорию тангии маъишӣ, бевафоии умр, дунё, мунофиқии зимомдорони вақт, макру ҳиллаҳои зоҳирбинон, тангназариву ғаммозии одамони ноақл ва ғайра мебошад. Муҳим он аст, ки дар ҳамин замина мавзӯъҳои ишқӣ ва ошӯбҳои қалбии инсон, шӯру валвалаҳои ботинӣ, эҳсосоти нозуки одамӣ ва ғайра баён шудааст. Яъне мавзӯъҳои ишқӣ ҷилои аввалиндараҷа надоранд ва бештар оҳангҳои шиквоию ҳасбиҳолӣ ба ҷои аввал омадаанд.

Бояд гуфт, ки мавзӯъҳои иҷтимоӣ аслан барои ғазал гароиҳо пеш меоранд, вале шоир тавонистааст, ки дар баёни чунин мавзӯъҳо ҳунари худро нишон бидиҳад:

Куҷо аз модари айём осоиш ҳавас бошад?
Париданҳои рангам ҷунбиши ғавҳора бас бошад.
Гули ҷамъияти равшандилон аз риштаи оҳ аст,
Баёзи субҳро шероза аз тори нафас бошад.
Ба зоҳирбинӣ азбас кор уфтодаст мардумро,
Агар қадди касе кӯтоҳ бошад, нимкас бошад.

Ҳадаф дар ғазали мазкур ғанимат шуморидани умр, эҳтиёткорӣ, мазаммати зоҳирбиниву кӯтоҳназарӣ аст. Дар ин шеър таъбири халқии «одаму дам» ба кор гирифта шудааст.

Ё худ дар ғазали дигар мегӯяд:

Субҳи пириҳо расиду аҳди хурсандӣ намонд,
Хандаи дандоннаморо устухонбандӣ намонд.
Меваҳо чун нахли тасвираш ба шохи ҳайрат аст,

Нахли мижгонро баҳоре аз барумандӣ намонд.
Ай, ки дорӣ мушти хокамро ба каф, посаш бидор,
Бод пуртунд аст, то аз даст афгандӣ, намонд.
Юсуфи моро зи бас гаштанд ихвон роҳзан,
Зодгоҳи Мисри мо ҷуз номи фарзандӣ намонд.
Бар сари болини ин мушти гиёҳ, ай барқи ноз,
Омадӣ рӯзе, ки моро бо ту хурсандӣ намонд.
Чун тазарви барқ аз гарминафасҳо сӯхтем,
Мурғи мо, Шавкат, ба доми орзумандӣ намонд.

Дар ғазали боло асосан ҳасби ҳол ба тасвир омадааст. Он то андозае якҷоя бо фалсафаи зиндагӣ хеле созгор ва басо ҷолиб баён шудааст. Зеро овони пирӣ бо гусели ҳамешагии аҳди барноӣ пеш омада, ба он монанд аст, ки агар кафи хок мавриди вазидани бод афканда шавад, шояд ба замин ҳеҷ нарасад. Аз тарафи дигар, то дараҷае авзои таърихии замон низ мувофиқи муроди дили инсонҳо нест, зеро ҳолат ба он овардааст, ки бародарон роҳзану хасманд ва талмеҳан ишора ба бародарони Юсуф (а.) низ шудааст.

Инчунин, дар маркази ҳадафи эҷодкор, агар хеле ҷиддӣ зеҳн монда шавад, пай бурдан осон аст, ки оҳанги яъсу ноумедӣ дар симои ошиқ-қаҳрамони лирикӣ басо қавӣ садо медиҳад. Аз ин рӯ, баробари гузаштани аҳди барноӣ, хурсандӣ, барӯмандӣ, шодию нишот баҳори умр низ аз даст раҳо мешавад.

Мӯҳтавои ҳадафи шоир паҳлӯи хеле нозуки дигар ҳам дорад. Яъне шоир ба ин восита инсонҳоро ҳушдор медиҳад, огоҳ менамояд, ки дар гузашти умр, сипарӣ гардидани айём дар ғафлат намонанд. Пас қазоватҳои адиб моҳияти ахлоқию тарбиявӣ низ доранд.

Бо назардошти хусусиятҳои шаклӣ ғазали зикршуда мураддаф (калимаи **намонд** радифи сода), муқаффо: хурсандӣ, устухонбандӣ, барӯмандӣ, афгандӣ, фарзандӣ, орзумандӣ буда, қофияҳои мазкур мутлақ мебошад, зеро пас аз ҳарфи равӣ-«д», ҳарфи васл-«ӣ» омадааст. Дар калимаҳои қофия ҷузви «-андӣ» *решаи қофия* буда, ҳарфи «д» *равии мутлақ,* ҳарфи «ӣ» васл, ҳарфи «н» қайд мебошад. Азбаски ҳарфи равӣ – «д» бо ҳарфи дигар («ӣ»-васл) часпидааст, чунин қофияро қофияи мутлақ меноманд. Аз нигоҳи вазн бошад, ғазал дар баҳри Рамали мусаммани мақсур эҷод гардидааст, ки афоъили он чунин аст:

\- ∨ - - / - ∨ - - / - ∨ - - / - ∨ ~

Яъне фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилон мебошад.

Дар ғазалиёти Шавкат ишқи ҳақиқӣ-ирфонӣ, илоҳӣ низ мақоми махсус дорад. Дар чунин ғазалҳо ишқ нерӯи пуртавонтарин ва ҷовидонаву муқаддас аст:

Шер рам мекунад аз шӯриши девонаи ишқ,
Дидаи дев бувад шамъи парихонаи ишқ.
Куфру ислом дар ин роҳ ду нақши қадам аст,
Қаъба сангест зи девори санамхонаи ишқ.

Ё худ дар ғазали дигар:

Дар он саҳро, ки ваҳшат раҳравонро роҳбар бошад,

Саводи манзил аз чашми ғизолон шӯхтар бошад.
Талабгори Худо аз хештан ғофил намебошад,
Ки тори ҷода соликро ба раҳ мадди назар бошад.

Роҳи муқаддасот – тариқати солик сӯи маърифати сулук роҳ ба сӯи ҷовидон аст, ки дар ғазалиёти ишқии Шавкати Бухороӣ тасвир шудааст.

Дар ғазалиёти шоир хислатҳои ҳамидаи инсон: вафодорӣ, ростқавлӣ, ҷавонмардӣ, инсондӯстӣ, илмдӯстӣ, адолатхоҳӣ, ҷуду сахо, олиҳиматӣ, дурандешӣ, дилҷӯӣ, ҳалолкорӣ, покӣ, садоқат, лутфу эҳсон, ҳалимию меҳрубонӣ, меҳнатдӯстиву хоксорӣ ва ғайра сидқан васф мешавад. Баръакс, хислатҳои разила мисли: макру дурӯғ, қатлу ғорат, кӯтоҳназариву инсонбадбинӣ, кибру такаббур, худхоҳиву ҳавобаландӣ, фиребгариву ҳаромхӯрӣ, мансабпарастиву ришваситонӣ, бевафоиву беномӯсӣ, кӯтоҳандешиву суханчинӣ, нопокиву беадолатӣ ва ғайра бо тамоми ҷузъиёт маҳкум карда мешавад. Чунончи:

Хирад осуда аз базми муҳаббат барнамегардад,
Касе аз бешаи шерон саломат барнамегардад,
Дами теғи аҷалро шоҳроҳи офият донад,
Дили девонаи мо аз шаҳодат барнамегардад.

Ҳадаф аз бешаи шерон парвариши нафси ҳайфонист, ки касе бо он рӯ биёварад, ҳатман пушаймон хоҳад шуд. Ҳамчуноне ки ақлу хиради инсон дар назди ишқ нотавон аст ва ғайра.

Ё худ аз ғазали зерин, ки адиб қиёси соддалавҳонаеро танқид карда, нигоҳи пурғаразро пешрави мардум набояд кард мегӯяд, зеро дар хонаи оина чӣ қадар одамон қадам зананд ҳам, бесадо мебошад. Ба ҳамин монанд дар ин ғазал намунаҳои сершуморе паёпай оварда мешавад, ки андешаи муҳокимашавандаро, яъне фикри асосии шоирро тақвият мебахшанд:

Надорам имтиёз аз содагӣ аз дӯст душманро,
Чароғи корвон кардам тасаввур чашми роҳзанро
Касе огаҳ зи рафтори сабукрӯҳон намегардад,
Садои по набошад хонаи оина рафтанро,

Як нуктаи муҳимро метавон таъкид намуд, ки ин ҳама танҳо ба воситаи ақидаҳои пандуахлоқии адиб мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд:

Бахти бад хоҳад зи душман хуни мо,
Теғи мо бас толеи вожгуни мо.
Офтоби хоксорӣ гаштаем,
Нақши по кавкаб, замин гардуни мо.

Аксаран чунин андешаҳо бо мавзӯъҳои ишқӣ ҳамроҳ меоянд ва ба ин восита шоир ба ошиқон низ панд медиҳад. Ба ин маънӣ дар ин ғазали ишқӣ омадааст:

Кард ҳусни гулрухон комил дили девонаро,
Партави шамъ оташи манзил бувад парввонаро.
Нест соҳибхонаи мо ғофил аз меҳмони худ,
Аз нигоҳи мизбон бошад ҳаво ин хонаро.
Сахтии айём шуд роҳи наҷотам з-ин муҳит,
Осиё бошад пуле аз худ гузаштан донаро.

Баски белаълаш шаробам оташи ҳалкардааст,
Шӯълаи ҷаввола донам гардиши паймонаро,
Қомати хам нафси пиронро зи ҳастӣ монеъ аст,
Ҳалқаи дум гашта занҷир ин саги девонаро.
Хонаи танро қиёми бандагӣ дорад ба по,
Як қади одам бувад девор ин кошонаро.
Нарм кун дилро, фиреби неъмати алвон махӯр,
Орд кун дар осиёе нони пухт ин донаро.

Аслан ғазали мазкур ишқӣ бошад ҳам, ҳадаф дар як байт баён шудааст ва абёти дигар (бачуз матлаъ) комилан масоили иҷтимоист, ки дар назари хонанда олами маънавии шоирро бо ҷавлони андешаҳои ӯ муаррафӣ месозад.

Ғазал мураддаф нест, муқаффост ва хеле оммафаҳму сода аст. Аз нигоҳи вазн дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф (мақсур) эҷод шудааст, ки афоъили он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v - (ё - v ~)

Яъне зебоӣ фараҳи дил ва шамъ боиси нурбахшии кошонаи парвона аст. Ноҳамвориҳои ҳаёт боиси ҳушёршавиҳост ва ин ба он монанд аст, ки донаи гандум он вақт ба мақсад мерасад, ки аз осиё гузарад ва ғайра.

Шавкат низ ҷаҳонро бо дидаи ботин мебинад ва дар айни замон дидаи зоҳирро воситае меҳисобад, ки тавассути он ба олами воқеӣ, ҳаводису рӯйдодҳо сару кор гирад. Ҳақу ботил, хубу бад, росту дурӯғ, фоиданоку бефоида, зиёновару безиён, раво ё нораво будани онро бояд дидаи ботин қазоват бикунад:

Ба нури дил фурӯғи моҳу хуршед андаке бошад,
Барои чашми ботин чашми зоҳир айнаке бошад.
Бувад соҳибдилонро баҳра аз огоҳии ғафлат,
Ба болидан баданро хобу бедорӣ яке бошад.

Шавкати Бухороӣ, ки худ бисёр сафарҳо кардаву азоби ғурбатро умре чашидааст, ҷонибдори ғарибӣ нест ва дар Ватан будану дӯстдори Ватан шуданро насиҳат мекунад:

Ҳар кас, ки рафт аз ватан, аз умр бар нахӯрд,
Фирӯза чун ҷудо зи Нишопур гашт, мурд.

Ба назари шоир, навмедӣ боиси рӯҳафтодагию шикастагист ва шахс набояд ба яъсу ноумедӣ рӯ биёрад. Ба ин маънӣ ӯ мегӯяд:

Дар шоми ғами хеш маро субҳи умед аст,
Гар нақши нигин тира бувад, ном сафед аст.

Шавкати Бухороӣ панд медиҳад, ки сирри дилро набояд ба ҳар кас қоил шуд. Зеро асрор аз як даҳон, ки берун шуд, паҳн мешавад ва аз ин рӯ, он набояд ба касе гуфта шавад. Аз тарафи дигар, инсон бояд худро аз тамаъ ва тамаъкорӣ нигоҳ дорад. Инчунин, мисраъҳо агар ҷуфт шаванд, байтро ташкил медиҳанд ва шоир мисраъҳоро дар алоҳидагӣ ба лаб монанд мекунад. Яъне ҳамин ки ду мисраъ ба ҳам часпад, байт ҳосил мешавад. Мақсади шоир аз баҳамоии мисраъҳо ва ба ҳам омадани лабҳо пӯшида нигоҳ доштани даҳон аст:

Ба ҳар кас во макун, банд аз забони арзи матлабҳо,

Ба дандони тамаъ зинҳор макшо укдаи лабҳо.
Сияҳбахтӣ чароғи аҳли дилро мекунад равшан,
Зи мушки судаи шаб тоза гардад доғи кавкабҳо.
Кунад файзи хамӯшӣ соҳиби девон суханварро,
Ба ҳам ояд ду мисраъ, чун ба ҳам меоварад лабҳо.

Шавкати Бухоройӣ дар ғазалиёти хеш олиҳиммативӣ, назарбаландӣ, бетамаъӣ, худшиносӣ барин сифатҳоро тарғиб намуда, ҷидду ҷаҳд ва саъйу талошро сабабҳои расидан ба ин ва ё он мақсад меҳисобад:

Мӯраму то накунад миннати чархам помол,
Пар баровардаму аз дасти Сулаймон рафтам.
Чун манеро нагузоранд зи каф аҳли карам,
Нақди ҳиммат шудам аз дасти каримон рафтам.
Бод хокам ба сар, оташ ба дилу об ба чашм,
Ки зи тавфи дари султони Хуросон рафтам.

Шоири тавоно Шавкати Бухоройӣ ҳатто аз баъзе сифатҳои қалам шиква мекунад, ки қалам ба ҳарфи ҳар кас гӯш медиҳад ва ба амру фармони ҳар кас сар мениҳад.

Ё худ барои шоир сарфи беҳуда дар муқоиса бо даромади бемасриф, яъне даромаде, ки ба хотири ғункунӣ гирдоварӣ карда мешавад, баробар мебошад.

Ӯ мегӯяд:

Чун қалам ангушт нагзорам ба ҳарфи ҳеҷ кас,
Нестӣ кам аз харҷи беҷо пеши ман дахли баҷо.

Шоир барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ, комёб шудан аз ҳаёт, хуш гузаронидани умр саъйу кӯшиш ва сафар кардану ҷаҳон диданро тавсия менамояд:

Ба гетӣ то ба кай маҳбус бошӣ, сайри олам кун,
Бувад як ҷо нишастан, то камар зери замин будан.

Яъне ба ақидаи Шавкати Бухоройӣ, шахсе, ки ба ҷое сафар намекунад, мисли маҳбус аст, ки ба ҷуз ҷои зисташ ҷоеро намебинад. Дар ин муносибат инсонро ба хуршед нисбат медиҳад, ки касе аз инсонҳо ба офтоб гуфта наметавонад бигӯяд, ки имрӯз бирав ва ё фардо рав. Хуршед аз сабаби пайваста дар сафар буданаш саховатманду нафърасони ҳама кас ва ҳар чиз аст. Аз ин рӯ, шоир сафарро тарғибу ташвиқ менамояд.

Ҳунари шоирии Шавкати Бухоройӣ махсусан дар эҷоди ғазал ба назар мерасад. Хатто худи шоир ҳунарманд ва устод будани хешро ҳанӯз дар рӯзгораш ҳис карда будааст. Зеро дар як қатор шеърҳои худ ба ин масъала ишораҳои сершумор дорад. Шавкати Бухоройӣ то андозае худро хотиматушшуаро ном мебарад ва дар ишора ба ин масъала мегӯяд:

Мешавад маҳбус чун гул маънии рангин зи ман,
Ҳамчу ман, Шавкат, кучо ҳарфофарин пайдо шавад?!

Шавкати Бухоройӣ шоирест, ки комилан дар сабки ҳиндӣ ғазал сурудааст ва умуман дар ин сабк эҷод кардааст. Маълум аст, ки яке аз хусусиятҳои сабки ҳиндӣ бо назардошти инкишофи навъҳои шеърӣ он аст, ки газал нисбат ба дигар анвои адабӣ рушди бештар доштааст. Зеро таркиби асосии девонҳои шоирони дар ин сабки адабӣ эҷоднашударо

агар варақгардон намоем, мебинем, ки асосан ҳамаи онҳо ба ғазал рӯ овардаанд. Аз ин рӯ, Шавкат низ асосан ғазал эҷод намудаю маҳз дар ин жанр қувваозмоӣ кардааст. Хатто ифтихороти шоирии ӯро худаш дар эҷоди ғазал медонад.

Шавкати Бухороӣ бо ишора ба ин маънӣ ҷое мегӯяд:

Лаззат зи ворасидани шеърам барад адӯ,
Ангушт чун ниҳад ба ҳадисам, асал хурад.

Шавкат ҳатто шоирони нисбатан машҳуру шинохтаи сабки ҳиндӣ:

Нозиму Носиралӣ ва Соибро дар сатҳи хуб қабул намекунад ва эҷодиёти онҳоро аз ашъори худ поинтар меҳисобад. Албатта, ин қазоват муболиғавӣ бошад ҳам, як андоза беҳуда нест. Чунончи мегӯяд:

Бо парешонихтилотон ошноӣ мушкил аст,
Шона ҷаври аррaро аз баҳри гесӯ мекашад.
Нозиму Носиралӣ, Соиб надоранд ин намак,
Шавкати нозуксухан мӯ аз дили мӯ мекашад.

Шоир ин ҷо ҳунари нозуксуханию адои ширини эҷодии худро мавриди баён қарор додааст. Аз тарафи дигар, албатта ҳунари ӯ дар эҷоди бадеъ баробари Соиб набошад ҳам, дар ҳар сурат ғазали боҳунарона мегӯяд. Ба назари Шавкати Бухороӣ, шеъри ӯ сухани муқаррариву оддӣ, ки дорои вазну қофия ва радиф бошад, нест, балки он порае аз дили эҷодкор аст. Чун дар урфият фарзандро ҷони ширин мегӯянд, пас ба назари ин шоир низ шеър фарзанди эҷодкор аст. Ба ин маънӣ ӯ мегӯяд:

Зи баски маънии ӯ лахти дил бувад, Шавкат,
Чу шеърҳои ту бишкофтанд, хун омад.

Ҳолати эҷод аз нигоҳи Шавкат мӯҳлати тӯлонии умри эҷодкор аст. Яъне шеъри хуб созгор омадани он бо рӯзгори воқеист. Ӯ агар шеъри асил эҷод кунад, аввал намунаи насрии онро эҷод карда, пас онро ба риштаи назм мекашад:

Кори осон набувад маънии равшан бастан,
Наср то назм шавад, об гуҳар мегардад.

Дуруст аст, ки ӯ дар эҷоди ғазал асосан ба Толиби Омулӣ пайравӣ кардааст ва дар иртибот ба ин фармуда ишораҳо низ дорад. Чунончи:

Хост то равшан кунад Шавкат чароғи табъро,
Равғани маънӣ зи хоки Толиби Омул кашид.

Ба назари Шавкати Бухороӣ, эҷоди шеър рӯ овардани эҷодкор ба олами зебоӣ, ба дунёи сернакҳату рангини ҳаёт, ҷаҳони гуворову рӯзгори ширин низ ҳаст. Мақсади адиб дар ин ҳолат бори эстетикӣ кашидани суханварӣ, моҳияти зебоиофарии каломи бадеӣ мебошад. Чунончи, дар ин байт гуфтааст:

Пеши мо фикри сухан сайри гулистон кардан аст,
Лафзро аз ранги маънӣ гул ба домон кардан аст.

Дар ҳар сурат шеъри Шавкати Бухороӣ асосан шеъри ҳикмат, сухани андарзогин, каломи пандунасиҳатист:

Нашъаи фикрам дигар, Шавкат, ба мавҷи ҳикмат аст,
Хишти хум бояд ба мағзи фикри Афлотун задан.

Калимаҳо, вожаҳо, таъбиру ибораҳое, ки Шавкат ба кор мебарад, дар алоҳидагӣ қариб ки мушкилӣ надоранд ва оммафаҳму оддианд. Онҳо танҳо дар матн моҳиятан мураккабу мушкмилфаҳмтар мешаванд:

Карда наззораи рӯи ту зи бас ҳайронам,
Оби оина ба доман чакад аз мижгонам.

Дар ин байт калима, ибораи душворфаҳме нест. Яъне ҳамаи калимаҳо аз нигоҳи маънии луғавӣ ҳеҷ мушкилие надоранд. Аммо мазмуни байт то андозае дастнорас аст, зеро калимаҳо дар матн ҷилваҳои гуногуни маъноӣ гирифтаанд. Мақсад ҳиҷрон аст. Наззораи рӯ, ҳайрон будан киноя аз ба ёд овардани чеҳраи маҳбуба буда, оби оина, чакидан ба домон, аз мижгон нола аз фироқу ҳиҷрон аст. Оби оина – сӯзиши дил, ба мижгон омадани ашк – ҳузну ғусса ва нола буда, ба домон афтодани он – бенатиҷа, бесамар сомон ёфтани кори ошиқ аст ва ғайра.

Умуман Шавкати Бухороӣ шоири хуб аст ва махсусан дар эҷоди ғазал табъи нисбатан саршортар дорад. Омӯзиши эҷодиёти Шавкати Бухороӣ таҳқиқу фарогирии ҷузъе аз тафаккури бадеии халқи тоҷик дар асри XVII, худшиносӣ ва таърихи ниёгон дар он рӯзгорон аст. Аз тарафи дигар, ғановати таркиби лексикии забони тоҷикӣ ба ҳунари сухансанҷии ҳаммиллатон дар ин аср ба шумор меравад.

Савол ва супоришҳо:

1.Овони тифлӣ ва ҷавонии Шавкати Бухороӣ чӣ гуна гузаштааст?

2.Сабаби ҷалои диёр намудани Шавкат дар чист?

3.Мероси адабии Шавкати Бухороӣ аз чиҳо иборат аст?

4.Мавзӯъ, мазмун ва мундариҷави ғоявии ғазалиёти Шавкатро баён кунед.

5.Ғазали «Субҳи пириҳо расиду аҳди хурсандӣ намонд» ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

6.Мазмун ва мундариҷаи ғазали «Дар он саҳро, ки ваҳшат раҳравонро роҳбар бошад»-ро баён кунед.

7.Шавкат дар эҷоди ғазал ба кадом шоирони гузашта таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст?

8.Мақом ва пояи шоирии Шавкат дар таърихи адабиёт аз чӣ иборат аст?

ҚОФИЯ ВА РАДИФ

Қофия калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш пушти сар, охири ҳар чиз, аз пай раванда мебошад. Дар забони тоҷикӣ баъзеҳо калимаи пасованд (шакли мухаффафи он ***пасванд*)**-ро ба маънои қофия ба кор бурдаанд. Шоири асри ёздаҳ- Лабибӣ мегӯяд:

Ҳама ёва, ҳама хому ҳама суст,
Маъонӣ аз чакова то ***пасованд.***

Дар илми забоншиносӣ пасовандро ба маънои ***пасоянд-*** як ҳиссаи охири калима, ки маънои онро тағйир медиҳад, низ кор мефармояд. Ба маънои истилоҳӣ калимаҳои ҳамшакл, ҳамоҳанг ё ҳамвазнеро қофия меноманд, ки дар бештари маврид дар охири мисраъҳои шеър омада, вазн ва оҳангнокии онро муайян месозад. Масалан, «дод», «бод», «шод», «род» ва «даст»-у «раст»-у «ҳаст» ва ғайра. Мисол:

То нагиряд абр, кай хандад чаман,
То нагиряд тифл, кай нӯшад лабан.

ё ки:

Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.

Дар байти аввал калимаҳои «чаман» ва «лабан», дар байти сонӣ калимаҳои «костӣ» ва «ростӣ» қофия шудаанд. Сабаби асосии ҳамқофия шудани ин калимаҳо дар он аст, ки дар таркиби калимаҳои «чаман»-у «лабан» ду ҳарфи якхела- «ан» ва дар таркиби калимаҳои «костӣ»-ю «ростӣ» чор ҳарфи якхела «остӣ» омадаанд. Барои донистани илми қофия бояд ду мафҳуми асосӣ: к а л и м а и қ о ф и я (ё к а л и м а ҳ о и қ о ф и я) ва р е ш а и қ о ф и я ро ҳамеша дар хотир нигоҳ дошт. Калимаҳое, ки ба вазифаҳои қофия меоянд, калимаҳои қофия ё к а л и - м а и қ о ф и я, ҳарфҳои якхелаи калимаҳои қофияро р е ш а и қ о ф и я меноманд. Масалан, дар ин байти Фирдавсӣ:

Яке бандагӣ кардам, ай шаҳриёр,
Ки монд зи ман дар ҷаҳон ёдгор.

Калимаҳои «шаҳриёр» ва «ёдгор» қофия буда, ҷузвҳои «-ёр»-у «-ор» решаи қофия мебошанд.

Дар ин байти Ҳофиз:

Ман бандаи он касам, ки шавқе дорад,
Дар гардани худ зи ишқ тавқе дорад.

«Шавқе» ва «тавқе» калимаҳои қофия буда, ҷузви «-авқе»-и ҳарду калимаи қофия решаи қофия аст. Агар шумо бо ин мисолҳо диққат карда бошед, мебинед, ки қофия аз маҷӯъи ҳарфҳо сохта мешаванд. Барои ҳамин аксари адабиётшиносон қофияро аз як ҳарф иборат донистаанд ва онро р а в ӣ ном додаанд.

Равӣ низ аз калимаи арабии риво (ресмоне, ки бо он бори уштурро бандад), гирифта шудааст. Дар илми қофия охирин ҳарфи решагии калимаи қофияро р а в ӣ номидаанд. Яъне мисли он ки бори уштур бо ресмон баста мешавад, то ки он наафтад, пас тамоми байтҳои шеър ба ҳарфи равӣ вобастагӣ дорад. Ҳарчанд қофияро як ҳарф донистаанд, аммо дар асл ҳашт ҳарфи дигар тобеъи он

мебошад, ки дар мақмӯъ нӯҳ ҳарфро ташкил медиҳад. Он нӯҳ ҳарф инҳоянд: **таъсис, дахил, ридф, қайд, равӣ, васл, хурӯҷ, мазид** ва **нойира.**

Дар боло таъкид кардем, ки ду мафҳуми асосӣ – к а л и м а и (калимаҳои) қ о ф и я ва р е ш а и қ о ф и я ро мо ҳамеша дар хотир нигоҳ дошта бошем. Ин гуфта чунин маънӣ дорад, ки ҳар ҳарфи решаи қофия номи махсус дорад. Мисол:

Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,
Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.

(Ҳофиз)

Дар ин байти Ҳофиз «дилшодам» ва «озодам» калимаҳои қофия ва ҷузви «-одам» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия се ҳарф (о, д, м) ва як ҳаракат (а) омадааст ва ҳар кадоми онҳо ном доранд. Мувофиқи қоидаи илми қофия, дар ин решаи қофия ҳарфи «о» ридфи муфрад (ҳарфи садоноки дарозест, ки дар қофия пеш аз равӣ меояд), ҳарфи «д» р а в и и м у т л а қ (равие, ки бо ҳарфи в а с л часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад), садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о (ҳаракатест, ки баъди равӣ омада, онро бо ҳарфи в а с л мепайвандад, одатан садоноки кӯтоҳи «а» ба вазифаи маҷро меояд) ва ҳарфи «м»в а с л (ҳарфест, ки баъди равӣ меояд) мебошанд.

Аз ин нӯҳ ҳарф чортои он (таъсис, дахил, ридф, қайд) ҳамеша пеш аз ҳарфи равӣ ва чортои дигараш – васл, хурӯҷ, мазид ва нойира ҳамеша баъди равӣ меоянд. Донишманди асри 15, муаллифи «Ҷамъи мухтасар» - Ваҳиди Табрезӣ ҳарфҳои қофияро дар ин қитъа ба назм даровардааст, ки кори хонандаро хеле осон менамояд:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта, инҳо дойира.
Ҳарфи *таъсису дахилу ридфу қайд,* он гаҳ *равӣ*,
Пас аз он *васлу хурӯҷ* асту *мазиду нойира.*

Радиф низ калимаи арабист, маънои луғавиаш ду ё якчанд чиз, ки дар паҳлуи ҳам ё паси ҳам омада бошанд, ҳамсаф, ҳамсафар. Инчунин, касеро гӯянд, ки дар асп, шутур ё хар баъди ҷилавдор савор шуда бошад. Ба маънии истилоҳӣ радиф калима ё ибораест, ки дар бештари маврид баъди қофия аз аввал то охири шеър ба такрор биояд. Мисол:

Ай бод, бӯи Юсуфи дилҳо ба мо расон,
Як навбар аз баҳори дили мо ба мо расон.
Аз зулфи ӯ чу бар сари зулфаш гузар кунӣ,
Пинҳон бидузд мӯеву пайдо ба мо расон.

(Хоқонӣ)

Дар рубоии Хоқонӣ калимаҳои «дилҳо», «мо» ва «пайдо» қофия буда, ибораи «ба мо равон», ки дар ҳарсе мисраъ такрор омадааст, радиф аст.

Радиф ва қофия латофати табъ, ҷазолати сухан ва ягонагии зеҳни шоирро хубтар намуда, барои дилкашу зебо шудани шеър аҳамияти махсус дорад. Радиф метавонад, ки як калима бошад, мисли ин ду байти Парвини Эътисомӣ:

Сару ақл гар хидмати ҷон кунанд,
Басе кори душвор осон кунанд.
Бихоҳанд гар дидаю дил зи оз,
Басо чархҳоро, ки арзон кунанд.

Дар чор мисраъи боло калимаҳои «ҷон», осон» ва «арзон» қофия буда, калимаи «кунанд» радиф мебошад.

Гоҳе радиф қисми зиёди мисраъи шеърро ташкил медиҳад ва ҳатто дар мисраъе як калима ба вазифаи қофия омада, боқии калимаҳо ҳама радиф. Мисол:

***Биё,* ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад,**
***Даро,* ки хонаи дил бе ту нур надорад,**
Зи хонаи дили ман нури рух дареғ надорӣ,
***Чаро,* ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад.**

Дар абёти боло калимаҳои «биё», «даро» ва «чаро» қофия, калимаҳои боқии мисраъҳо ҳама радифанд.

Шеъре, ки радиф дорад, ***мураддаф*** меноманд. Дар таърихи адабиёти классики форс-тоҷик ашъори шоирони гуногунро, ки ба радифи мувофиқи ҳамдигар гуфта шудаанд, ҷамъ оварда р а д о и ф у л - а ш ъ о р ном ниҳодаанд.

Дар баробари қофия ва радиф дар байни аҳли адаб мафҳуми ҳ о - ҷ и б ва м а ҳ ҷ у б хеле маъмул аст.

Ҳоҷиб низ калимаи арабист, маънояш монеъа, пардадор, дарбон буда, дар истилоҳи адабиётшиносӣ калимае бошад, ки пеш аз қофия дар ҳар мисраъ оварда шавад, мисли он ки радифро баъди қофия оранд. Дар бештари маврид ҳоҷиб дар байни қофиятан (ду қофия) меояд. Мисол:

Ай шоҳ, замин бар *осмон* дорӣ *тахт,*
Суст аст адӯ, то ту *камон* дорӣ *сахт.*
Ҳамла сабук ориву *гарон* дорӣ *рахт,*
Пирӣ ту ба донишу *ҷавон* дорӣ *бахт.*

Дар ин рубоии Муъиззӣ калимаҳои «осмон»-у «тахт», «камон»-у, «сахт», «гарон»-у «рахт» ва «ҷавон»-у «бахт» қофиятайн буда, калимаи «дорӣ» ҳоҷиб мебошад. Шеъре, ки дар он ҳоҷиб омадааст, м а ҳ ҷ у б меноманд, аз ин рӯ, рубоии боло рубоии маҳҷуб аст.

Шеъре, ки дар он қ о ф и я в у р а д и ф у ҳ о ҷ и б омадаанд, дилкашу зебо буда, ба зеҳни хонандаю шунаванда хеле хуш менамояд.

Қофия дар адабиёти классикии форс-тоҷик аз воситаҳои асосии шакли шеър буда, вобаста ба тарзи қофиябандӣ навъҳои шеърро (ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, мусаммат ва ғайра) ҷудо мекунанд. Масалан, тарзи қофиябандии, маснавӣ ба сурати: аа, бб, вв, гг; тарзи қофиябандии ғазалу қасида ба сурати: аа, ба, ва, га; тарзи қафиябандии қитъа ба сурати: аб, вб, гб, ғб мебошад. Мисол барои маснавӣ:

Пайафкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

(Фирдавсӣ)

Калимаҳои «баланд»-у «газанд» қофия буда, ҷузви «-анд» решаи қофия аст, ки садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв (ҳаракате, ки пеш аз ҳарфи қайд

меояд), ҳарфи «н» қ а й д (ҳамсадоеро гӯянд, ки пеш аз ҳарфи равӣ меояд), ҳарфи «р» р а в и и м у т л а қ (равиеро гӯянд, ки бо ҳарфи в а с л часпида бошад), ҳарфи «ӣ» в а с л (ҳарфе бошад, ки баъди равӣ омадааст). Калимаи «накардӣ», ки аз аввал то охири байтҳои ғазал омадааст, радиф аст ва аз ин рӯ, ин ғазалро мураддаф (радифдор) мегӯянд.

Мисол барои қитъа:

Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти махдуме ба дастам.
Ба-д-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯи диловези ту мастам.
Бигуфто: «Ман гиле ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам.
Камоли ҳамнишин бо ман асар кард
Вагарна, ман ҳамон гулам, ки ҳастам».

(Саъдӣ)

Дар ин қитъаи Саъдӣ калимаҳои «дастам», «мастам», «нишастам» ва «ҳастам» қофия буда, ҷузви «-астам» р е ш а и қ о ф и я мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳарфи «с» қ а й д, ҳарфи «т» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о ва ҳарфи «м» васл аст.

Дар баъзе китобҳои адабиётшиносӣ таъкид шудааст ва баъзе муҳаққиқон дар ҳамин ақидаанд, ки тарзи қофиябандии қитъа мисли ғазалу қасида низ ҳаст, яъне гӯё қитъаҳое вуҷуд доранд, ки байти аввал ва мисраъҳои ҷуфти байтҳои дигари қитъа ҳамқофияанд (мисли аа, ба, ва, га). Чунин ақида дар мавриди қофиясозии қитъа ҳеҷ гуна асоси илмӣ надорад, зеро тафовути ғазалу қасида аз қитъа фақат дар тарзи қофиябандии онҳо ҳасту халос. Байти авали қитъа ҳамқофия (мусарраъ) нест, аммо байтҳои аввали ғазалу қасида хамқофияанд, яъне мусарраъанд. Донишманди бузурги асри сездаҳи форс-тоҷик-Шамси Қайси Розӣ дар китоби «Ал-мӯъҷам» менависад: «Ҳар қасида, ки матлаъи он мусарраъ (ҳамқофия) набошад, агарчи дароз бувад, онро **қасида** нахонанд ва исми қасида бар он итлоқ накунанд (надиҳанд)». Азбаски байти аввали қитъа ҳамқофия (мусарраъ) нест, гоҳе онро ғазал ё қасидаи сарбурида низ мегӯянд.

Барои мисол чанд байти қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор»-и Ҷомиро меорем, ки дар ҷавоби қасидаи «Дарёи аброр»-и Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнахо, дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Чун саломат монад аз тороҷ нақди ин ҳисор?
Посбон дар хобу бар ҳар рахна дузде дигар аст.
Чист зарри ноб? Рангин гашта хоке з-офтоб,
Ҳар ки кард афсар зи зарри ноб хокаш бар сар аст.
Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гада,
Дар бараш дил баҳри дониш в-ӯ шаҳи баҳри бар аст…
Мар бувад паноҳу чун омад ду мар абёти он,

Дар сафову маҳкамӣ шояд, ки гӯ мармар аст.

Худи қасида аз сад байт (дусад мисраъ) иборат буда, мо барои мисол панҷ байти онро овардем. Қасида дар баҳри Рамали мусаммани мақсур (ё маҳзуф) эҷод шуда, калимаҳои «бартар», «дар», «дигар», «сар», «бар», қофия буда, ҷузви «-ар» решаи қофияро ташкил медиҳад, ки садоноки кӯтоҳи «а» т а в ҷ е ҳ ва ҳамсадои «р « р а в и и м у қ а й д мебошанд.

Мисол барои мусаммати мусаллас:

Монанди сабо хезу вазидан дигар омӯз,
Домони гулу лола кашидан дигар омӯз,
Андар дилаки ғунча хазидан дигар омӯз!
Мӯина ба бар кардиву бе завқ тапидӣ,
Он гуна тапидӣ, ки ба ҷое нарасидӣ,
Дар анҷумани шавқ тапидан дигар омӯз.
Кофир дили овора дигарбора ба ӯ банд,
Бар хеш кушо дидаву аз ғайр фурӯ банд,
Дидан дигар омӯзу надидан дигар омӯз…

Дар ин мусаммати мусалласи Муҳаммад Иқбол калимаҳои «варзидан», «кашидан», «хазидан»-и банди аввал ва калимаи «тапидан»-и банди дуюм ва калимаи «надидан»-и банди сеюм қофия буда, ҷузви «-идан» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «и» р и д ф и м у ф р а д (ё а с - л ӣ), ҳарфи «д» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о ва ҳарфи «н» в а с л аст. Худи қофия қофияи мутлақ аст, зеро ҳарфи равӣ («д») бо ҳарфи васл («н») часпидааст. Дар банди якуми мусаммати мусаллас, дар мисраъҳои сеюми бандҳои дуюму сеюм калимаҳои «дигар омӯз» такроран омадаанд, ки радиф мебошанд. Дар банди дуюми ин мусаммати мусаллас калимаҳои «тапидӣ» ва «нарасидӣ» қофия буда, ҷузви «-идӣ» решаи қофияро ташкил медиҳанд. Дар ин решаи қофия ҳарфи «и» р и д ф и м у ф р а д, ҳарфи «д» р а в и и м у т л а қ ва ҳарфи «ӣ» в а с л мебошанд. Дар банди сеюм калимаҳои «ӯ» ва «фурӯ» қофия буда, решаи он аз як ҳарф – «ӯ» иборат шудааст, ки он ҳарфи равии муқайяд аст. Калимаи «банд» дар ду мисраъи ин банд такрор шуда, радифи онро ташкил додаст. Ҳамин тариқ, дар ин мусаммати мусаллас ба ҷуз мисраъҳои якуму дуюми банди дуюм тамоми мисраъҳои дигар дорои радифанд, барои ҳамин, мо метавонем ин мусаммати мусалласро м у с а м м а т и м у с а л л а с и м у р а д д а ф номем.

Савол ва супоришҳо:

1.Қофия чист?

2.Маънои луғавӣ ва истилоҳии радифро гӯед.

3.Муносибати қофия ва радиф дар чӣ зоҳир мешавад?

4.Мураддаф бо радиф чӣ муносибат дорад?

5.Ҳарфҳои асосии қофияро номбар кунед.

6.Калимаи қофия ва решаи қофия аз кадом ҷиҳат аз ҳам фарқ мекунанд?

7.Барои чӣ ҳарфи равиро аз ҳарфҳои асосии қофия медонанд.

8.Тафовути қофияи муқайяд ва қофияи муталақро фаҳмонед.

9.Байте биоред, ки дар он қофияи муқайяд омада бошад.
10.Қофия ва радифи байти зеро ёбед:

Ба ёрони куҳан ёрӣ накардӣ,
Ҷадал кардӣ, вафодорӣ накардӣ.

10.Вазифаҳои бадеии қофия ва радифро баён кунед.

САЙИДОИ НАСАФӢ

Дар фикри дона мӯрчае буд даргузар,
Омад ба шеру гуфт, ки: Ай Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилb магар
В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон? (Сайидои Насафӣ)

Тарҷумаи ҳол

Насаф мулки ободе буд. Дар он диёр аз касбҳои ҳунармандӣ пешаи бофандагӣ ривоҷ дошт. Бофандагон, ки барои мардум либосворихои арзонбаҳое тайёр мекарданд, дар он рӯзгор соҳибиззат буданд. Касби бофандагӣ меҳнати душворро талаб мекард. Бесабаб нест, ки халқ бо дили пурдард дар бораи сахтию душвориҳои бофандагӣ сурудҳо эҷод кардааст:

Дилакам зардоб шуд аз чақ-чақи бофандагӣ,
Чашмакам пуроб шуд аз ришташои кандагӣ.
Аз саҳар то шом почак мезанам дар чаҳ-чаҳак,
Қоматам дар тоб шуд аз кору бори зиндагӣ.

Миробид Сайидои Насафӣ барои таъмини рӯзгори хеш пайваста нозукиҳои касби меросии бофандагиро меомӯзад ва дар баробари касбомӯзӣ Сайидо дар мактаб низ таҳсил мекард. Ин буд, ки тадриҷан хату савод бароварда, эҷодиёти пешиниёнро меомӯхт. Ашъори Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасан, Ҳофизу Камол ва бисёр дигаронро ҳифз мекард ва худ низ аҳён-аҳён шеър мегуфт. Муҳаббат ба мероси маънавии гузаштагон, санъати волои суханварӣ, ҳунари нотакрори ҳар як эҷодкор ӯро кайҳо мафтун намуда буд. Ҳамин дилбастагӣ ӯро водор сохт, ки роҳи Бухороро пеш гирад. Ӯ ба Бухоро омада, таҳсили олии худро дар мадрасаи Лаби Ҳавзи Нодир – девонбегӣ пеши олимону донишмандони бузурги замон давом медиҳад. Пас аз дарс Сайидо бештари вақти худро барои омӯхтани ашъори пешгузаштагону муосиронаш сарф намуда, нозукиҳои каломи бадеъ, сирри ҳунари эҷодро меомӯхт. Илова бар ин, ба табақаҳои ҳунарманди ҷомеаи онрӯзаи Бухоро пайваста дар иртибот буд. Аз миёни тоифаи мазкур дӯстони зиёде пайдо мекунад ва он ёрону дӯстонаш дар мавридҳои зарурӣ ва Сайидо ёрии моддӣ мерасонанд, то ки ӯ таҳсилашро давом бидиҳад. Чун вазъи зиндагӣ имконият дод, ки Сайидои Насафӣ таҳсили мадрасаро бомуваффақият ба анҷом расонад ва дар айни замон маҳорати суханварию нуктасанҷии худро такмил диҳад. Беш аз ин дар ҳаёти адабии шаҳр ширкат варзад.

Сонитар ҳаёти оилавӣ Сайидои Насафиро маҷбур месозад, ки дар рӯзгори ҷавонӣ пешаи бофандагиро давом бидиҳад. Ӯ дар ғазали «Мекунам бофандагӣ» аз ноҷӯриҳои аҳди худ шикоят менамояд:

Дар баҳор аз фоқа ранги заъфарон бошад маро,
Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро.
Баҳри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут,
Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.
Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир,
Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.
Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони қоқ,

Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.

Сайидои Насафӣ бо мақсади раҳоёбӣ аз мушкилоти рӯзгор бо баъзе соҳибмансабони замонааш Ҳоҷидодхоҳ ва Раҳимбӣ Юз наздикӣ пайдо мекунад. Шоир ҳатто бахшида ба ҳокимони давр Абдулазизхону Субҳонқулихон ва Убайдуллоҳхон бо нияти дарёфти инъому эҳсон чандин шеърҳо менависад. Сайидои Насафӣ ашъори ҳадафноки мадеҳавии худро камарзиш дониста, ба ин восита аз миёни сарватмандону соҳибмансабон дигар муттакоҷӯиву мураббикобӣ намекунад, зеро ба ӯ асрори дарбору дарбориён то андозае ошкор мегардад, ки зимомдорони давр камхираду бедонишанд. Аз ин рӯ, дур будан аз эшонро авлотар меҳисобад. Ин аст, ки Сайидо мегӯяд:

Дар аҳди мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонд,
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонд.
Аз ҳеҷ хонае набаромад садои ҷуд,
Дар рӯзгори мо зи каримон асар намонд.
Гардуни сифла беҳунаронро ривоҷ дод,
Азбаски эътибор ба соҳибҳунар намонд.

Ҳол он ки ашъори Сайидо ҳанӯз дар замони худи ӯ на танҳо дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон,ҳатто дар қаламрави Эрону Ҳиндустон паҳн гардида буд. Шоир ба ин маънӣ мегӯяд:

Ба мулки Исфаҳону Ҳинд мехонанд ашъорам,
Зи Туркистонаму ҳаргиз надорам эътибор ин ҷо.

Чун зимомдорон аз аҳли шеъру адаб, илму фарҳанг қадршиносӣ намекарданд, бисёре аз фарҳангиёни замони шоир ҷалои диёр карда буданд ва бештари онҳо ба сарзамини Ҳинд мерафтанд. Шоир ба ҳолати мазкур чунин ишора менамояд:

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар ватан дорам ҳанӯз,
Такя чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз.

Аз як тараф, заъфи пириву дурии роҳ ва аз тарафи дигар, бебизоатию тангдастӣ ба Сайидо имкони сафар карданро намедод, ки азми сафари Ҳиндро ихтиёр бикунад:

Аз тиҳидастӣ чу сарви боғ поям дар гил аст,
Рахт мебандам, агар зоди сафар бошад маро.

Кӯшишу такопӯҳои Сайидо бенатиҷа поён ёфт ва ин ҳолатҳо шоирро рӯҳан азият медод. Ин буд, ки шоир раҳоӣ аз ин ҳолати пешомадаро дар гӯшанишинӣ, канорачӯӣ пайдо кардан хост ва ин роҳро низ пеш гирифт. Муддате узлатшинӣ намуд.

Гӯшанишинӣ аҳволи Сайидои Насафиро боз ҳам вазнинтар, ҳолоти рӯҳии ӯро заъифтар намуд. Чуноночи, шоир мегӯяд:

Он ки мегиряд ба ҳолам, чашми хунини ман аст
В-он ки бардорад Сарам аз хок, болини ман аст.

Ин буд, ки шоир аз рӯи эҳтиёҷоти рӯзгор боз рӯ ба миёни мардум меорад ва ғалати худро фаҳмида дар як муддати кӯтоҳ ислоҳ менамояд:

Ҳосил нашуд зи гӯшанишинӣ муроди ман,
Худро зи хона бар сари бозор мекашам.

Ӯ на танҳо азоби эҷодиро аз сар мегузаронду тоқат менамуд, балки меҳнати ҷисмонӣ-бофандагӣ мекард ва дар ин роҳ худро ба Фарҳоди кӯҳкан ҳамсангу монанд медонист. Ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд:

Ба зӯри дасту бозӯ мехӯрам, ай Сайидо, рӯзӣ,
Маро чун кӯҳкан хуни ҷигар бошад беҳ аз ширам.

Аз баъзе тасвирҳои иҷтимоии шоир бисёр лаҳзаҳои рӯзгори ӯро метавон пеши назар овард, ки барои барқарору пурра намудани зиндагиномаи Сайидо ёрӣ мерасонад. Масалан, ба ин тасвири иҷтимоии шоир агар таваҷҷӯҳ карда шавад, аҳволи иҷтимоии адиб боз ҳам равшантар мегардад:

Видоаш карда мерафтам ба хона,
Таваҷҷӯҳ зад қадам бар остона.
Даре дидам ба нокомӣ кушода,
Ба роҳам дидаи во истода.
Фиғон ногаҳ зи қуфли дар баромад,
Ки : «Имшаб турфа дузде бар сар омад.
Қавичангол гурге тезхашме,
Ба бозу филзӯру тангчашме.
Сари ӯро зи дор андешае не,
Ба ғайр аз дуздӣ ӯро пешае не».
Ман он ҷо то саҳар дар хоби роҳат,
Кушода дузд ин ҷо дасти ғорат.
Даруни хонаам ҷуз бӯрё не,
Ба зери пой ғайр аз нақши по не.
Зи беасбобиям дар сина чок аст,
Матои хонаи ман обу хок аст.
Чӣ гӯям ман ба рӯи хонаи худ,
Шудам шарманда аз кошонаи худ.
Шудаш тороҷи ӯ кунҷи фаромӯш,
Зи дасти дузд гаштам хонабардӯш.
Туро бод, ай фалак, даврон мусаллам,
Ба як шодӣ кунӣ омода сад ғам.

Дар ин ҷо асосан вазъи хонаводагии шоир, аҳволи иҷтимоии Сайидо рӯи тасвир омадааст. Зимни он норизоии шоир аз низоми давлатдории соҳибдавлатону мансабдорони даврони худ ҳатто бо қавитарин оҳангҳои эътирозӣ мушоҳида карда мешавад. Хусусан, берҳмию ҷафопешагии дуздон, ки онҳо аз низоми сустии давлатдорон истифода бурдаанду заррае тарсу ҳарос надоранд, хеле хуб ба тасвир гирифта шудааст.

Поёни умри Сайидои Насафӣ низ дар Бухоро гузаштааст ва ӯ тахминан соли 1711 дар ҳамон ҷо вафот кардааст.

Мероси адабии Сайидо

Осори адабии Сайидои Насафӣ, ки «Куллиёт»-и ӯро фароҳам овардааст, дорои 8500 байт мебошад. Дар осори маҳфузмондаи шоир ҷои аввалро ғазал ишғол менамояд, ки миқдори он 4600 байт аст. Мухаммас бошад пас аз ғазал дар ҷои дуюм буда, 1050 байтро ташкил медиҳад. Эҷоди онҳо низ хеле ҳунармандона аст.

Инчунин, Миробид Сайидои Насафӣ ба ҳунармандон, намояндагони ҳунарҳои мухталиф як силсила шеърҳо бахшидааст. Сайидо чанд маснавии дигар низ дорад, ки ҳаҷми онҳо аз 16 то 68 байтро дар бар мегиранд. Яке аз чунин маснавиҳои ӯ «Дар мазаммати дузде, ки хонаи шоирро ғорат кардааст»-ном дорад, хеле ҷолиб буда, дар баробари арзиши адабӣ – эстетикӣ аҳамияти иҷтимоию шарҳиҳолӣ низ дорад.

Дигар аз асарҳои Сайидо, ки то ба ҳадде шӯҳрати эҷодии шоирро таъмин мекунад, «Шаҳрошӯб»-и шоир аст, ки ӯ ба эҷоди ин асари худ, аз як тараф, анъанаи адабиро давом дода бошад, аз тарафи дигар, авзои ҳунару фарҳанги замони худ, ривоҷи касбу ҳунарҳо ва тарзи зиндагии муосирони хешро ба таври бадеӣ баён кардааст. Ин асари Сайидои Насафӣ оид ба ҳунару пешаи 212 нафар ҳамзамонони ӯ ва ҷузъиёти ҳунарию хусусиятҳои дигари фаъолияти мардуми меҳнаткаш маълумот медиҳад. Аз ҷумла, доир ба намояндагони касбу корҳои мухталифи давр: заргару бофанда, кӯлолу мӯзадӯз, деворзану кабобпаз ва ғайра васфу тавсифҳои рангин ба назар мерасад. Теъдоди ашъори мазкур низ басо ҷолиб буда аз як то се-чор байтро фаро мегирад.

Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Миробид Сайидои Насафӣ аз нигоҳи истифодаи авзон низ гуногун буда, аз «Шаҳрошӯб» бо он фарқ мекунанд, ки дар ашъори ба аҳли ҳунар ихтисосдода ҳаҷву ҳазв хеле малеҳ дида мешавад.

Маснавии тамсилии Сайидо, ки «Баҳориёт» ё «Ҳайвонотнома» ном доранд, шӯҳрати шоирро дар эҷоди ин навъи адабӣ таъмин менамояд.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Сайидо

Ғазал дар осори адабии Сайидо мақоми аввалиндаҷа дорад. Мавзӯи ғазалиёти ӯ ҳамоно ишқу ошиқӣ, дӯстдориву муҳаббат, эҳсосоти қалбӣ, шӯру исёнҳои ботинии инсонҳо ва ғайра буда, ин ҷанбаи анъанавии мундариҷавии ғазалиёти шоир аст. Ҳунари Сайидо дар сурудани мавзӯъҳои иҷтимоӣ-ситёсӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ, ҷамъиятӣ-инсондӯстӣ, фардӣ-шарҳиҳолӣ ва монанди инҳо низ ҳаст. Албатта, ҷанбаъҳои мавзӯи мазкур бо оҳангҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ҳанӯз аз Саъдии Шерозӣ шурӯъ шуда буд. Сайидо мавзӯъҳои ҳасбиҳол ва умуман адолати иҷтимоиро ба баландтарин нуқта расонида тавонист ва дар ҳамин замина тозакориҳову навовариҳо кард. Танқиди ноадолатиҳои замон, нобасомониҳои давр, хориву бекадрии инсон, зикри нодорию бенавоӣ, камбағаливу бечорагӣ, ҳимояи аҳли меҳнат ва фуқарову дармондагон, танқиди аҳли ҳусуд, золимон, соҳибмансабони бераҳм, риёкорону чоплусон, зоҳидони зоҳирбин, тасвири аҳволи бади хеш, мазаммати бухлу кинаварзӣ ва ғайра низ асоси мундариҷавии ғазалҳои Сайидоро ташкил медиҳанд.

Сайидо ҳатто ғазалҳое ҳам дорад, ки саропо арзиши шарҳиҳолӣ доранд:

Бо кӣ равшан созам аҳволи дили афгори хеш,
То ба кай чун шамъ сӯзам бар сари бемори хеш?
Баҳри осоиш гар аз ғамхона сар берун кунам,
Мениҳам чун соя паҳлу бар таҳи девори хеш.

Юсуфи ман аз харидорон касодӣ мекашад,
Бар дӯкон оташ занам аз сардии бозори хеш.
Бар сари ман осиё гардад, таҳаммул[16] мекунам,
Чун намебинам касеро зери гардун ёри хеш.
Бар бадан аз нолаи ҷонкоҳ дорам рахнаҳо,
Бастаам чун най камар, умрест бар озори хеш.
Аз баланду пасти олам гашт сӯҳон комёб,
Хасм[17] меболад ба худ аз вазъи ноҳамвори хеш.
Сайидо, бошад кудурат[18] рӯзии соҳибҳунар,
Шохи гул аз пой натвонад кашидан хори хеш.

Ҳолати мазкур, яъне ҷанбаи тамоман воқеии тасвир бахшидан ба ғазал яке аз хизматҳои Сайидо дар таърихи адабиёти тоҷик аст.

Инъикоси замон, вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ дар ғазалиёти Сайидо.

Оид ба мавзӯи мазкур Сайидо асари ҷудогонаи худ – «Баҳориёт» ё худ «Ҳайвонотнома»-ро навиштааст.

Гузориши масъалаи мазкур дар ғазалиёти шоир пурвусъаттар мебошад.

Яъне аз доираи мавзӯъҳои ишқӣ рӯ овардан ба рӯзгори иҷтимоии инсон ва ҷамъият яке аз хусусиятҳои ғазалиёти шоир ба шумор меравад:

Нигаҳи масти ту хуни дили аҳбоб хурад,
Теғи бедоди ту аз фарқи аҷал об хурад.
Аз ҷаҳон гум шуда меҳри падару фарзандӣ,
В-арна Рустам зи чӣ доде сари Сӯҳроб хурд.
Қатраи май сари Мансур баровард ба дор,
Вои он кас, ки ҳама умр майи ноб хурад.
Ҳар ки бо душмании халқ равон аст чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирбод хурад.
Сайидо, печиши он зулф ба он рух зи чӣ руст,
Мӯй бар шӯълаи оташ чу фитад, тоб хурад.

Мавзӯи ғазали мазкур асосан адолати иҷтимоӣ буда, шоир душманони халқро ҳушдор медиҳад, ки аз оҳи мазлумон ҳазар кунанд ва агар накунанд, онҳоро марг интизор аст. Сайидо бесарусомониҳои ҷамъиятро дар мансабталошиву ҷаҳонпарастии муосирон мебинад ва аз ин рӯ, ба ҳимояи мардумони оддӣ овоз баланд мекунад:

Дар талоши салтанат афтодаанд аз пой халқ,
Тоҷ агар ин аст, олам сарнагун хоҳад шудан.

Аз ин сабаб, ӯ аз ғами халқ, аз ҳоли мардумони оддӣ дилхуну ҷигаркабоб аст ва фиғону нолааш танҳо баҳри беҳбудии рӯзгори бечорагону дармондагон мебошад:

Ашки ман гар инчунин, к-аз дил бурун хоҳад шудан,
Доғҳои синаам гирдоби хун хоҳад шудан,

[16] Таҳаммул - сабр
[17] Хасм - душман
[18] Қудурат – ғам, андӯҳ

Дар ғазалиёти Сайидо оҳангҳои хеле амиқи фалсафӣ, бо мазмунҳои иҷтимоӣ дар ғояти ҳунариву ҷилои тозаи хаёлбофӣ рӯи кор омадаанд. Чунончи:

Нафси саркашро мусаххар ақли пуртадбир кард,
Саг чу шуд девона, ӯро метавон занҷир кард.
Бемураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.
Бо бузургони ҷаҳон густох будан хуб нест,
Охир ин беиззатӣ бар Кӯҳкан таъсир кард.
Беибо натвон ба базми тундхӯён по ниҳод,
Бемуҳобо такя натвон бар дами шамшер кард.
То ба пои хум нарафтам соғарам ёрӣ надод,
Дастгирӣ бо мани афтода рӯҳи пир кард.
Мераванд аҳли тамаъ дар базмҳо девонавор,
Метавон дарҳои меҳмонхонаро занҷир кард.
Қомати хилватшинон мекунад кори камон,
Метавон мисвоки зоҳидро нишони тир кард.
Водии девонагӣ ҷои фароғат будааст,
Хоби роҳат пои мо дар хонаи зианҷир кард.
Сайидо, музди ҳунарвар мерасад дар хурди кор,
Рӯзии Фарҳодро гардун зи ҷӯи шир кард.

Ғазали зикршуда моҳияти амиқи панду андарзӣ, насиҳатӣ – тарбиявӣ дошта, олами сабаб – олами инсонҳо хеле нозуку ҳунармандона мавриди тасвир қарор гирифтааст ва ғазал аз оғоз то анҷом (байт-байт) ирсоли масал аст.

Ғазал дорои қофияву радиф буда, қофияҳои он бо ҳарфи равӣ «р» ба итмом мерасад, ки шакли он муқайяд аст ва радифи ғазал содда мебошад.

Ғазал чун мӯҳтавои ахлоқӣ дорад, дар баҳри Рамали мусаммани мақсур эҷод шудааст ва афоъили он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фаъилотун, фоъилон.

Ё худ ғазали дигари шоир, ки аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво, моҳияти қавитари иҷтимоӣ дошта, ҳасби ҳоли шоир ва ҳолати қаҳрамони лирикӣ аз оғоз то анҷоми ғазал давом мекунад, ки аз тангии маишӣ ва бенавоӣ ба сари шоир омадааст:

Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,
Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.
Аз фиребу ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг,
Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.
Дар талоши баҳр чун гирдоб саргардон шудам,
Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.
Сар назад аз киштзори умри ман ғайр аз сипанд,
Сӯхтам чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.
Сайидо, дидам ба хок афтода барги лоларо,
Теғи ноҳақ хурда сайди бисмилам омад баёд.

Яъне интиҳои мақсади адиб ҳимояи адлу дод ва танқиди ноадолатиҳои замони шоир низ мебошад.

Ғазал хеле ҳунармандона буда, дорои қофияи мутлақ ва радифи мураккаб аст. Яке аз вазифаҳои радиф дар ин ғазал таъкиди маъно низ ҳаст, ки бори ғоявии онро дар ӯҳда мегирад, зеро тангии маишӣ ба шоир умре рӯ ба рӯ будааст.

Аз нигоҳи вазн бошад, ғазали мазкур дар баҳри рамали мусаммани мақсур эҷод шудааст ва афоъили он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилон.

Ҷиҳати ҷолиби ҳунарии ғазали Сайидо он аст, ки оҳангҳои иҷтимоӣ тору пӯди ғазалро ташкил намуда, рамзи хеле баландро ба миён меоранд, ки дарки мақсад каме мушкил ҳам мешавад. Вале ҷиҳати дигари характерноки ғазалиёти ин суханвар боз дар он аст, ки сар то по ғазали ӯ тасвирҳои воқеӣ, ҷузъиёти ҳаётиву мушаххас, вожаҳои маъмулӣ, хаёлбофиҳои рӯзгориву мушоҳидаҳои зиндагиро фаро мегиранд. Чунончи, далели қазовати мазкур ғазали зерин аст:

Шамъаму пайваста дар рагҳои ҷонам оташ аст,
Дар даҳонам мавҷи обу бар забонам оташ аст.
Золимон аз бекасӣ вайронаамро сӯхтанд,
Чуғзам аз бехонумонӣ, ошёнам оташ аст.
Булбулам, аммо мақоми дилнишинам гулхан аст,
Сабзаам хокистар асту бӯстонам оташ аст.
Аз сари кӯи бутон рахти сафар то бастаам,
Маҳмили ман гирдбоду корвонам оташ аст.
Ай, ки бо мо мекунӣ савдо, ба худ андеша кун,
Дар бисотам дуди оҳу бар дӯконам оташ аст.
Сӯҳбати ман бемаю бемутриб имшаб дар гирифт,
Хона равшан мекунам, то меҳмонам оташ аст.
Нест дилсӯзе ба мулки синаи ман ғайри доғ,
Сайидо, имрӯз ёри меҳрубонам оташ аст.

Ғазалиёти Сайидо боз бо он характернок аст, ки аслан ҳаҷман калон нест, 6-7 ва 10-12 байтист. Сайидо ғазале дар ҳаҷми 27 байт низ дорад.

Истиқлоли байтҳо аҳёнан манзур шаванд ҳам, аз доираи мавзӯи марказӣ ҷудо нест. Яъне муносибати Сайидо ба сиёсатмадорон, ҳокимон, аҳли мансаб, табақаҳои ҳунармандон, меҳнаткашон, бозоргонон, олимон, широн, толибилмону мударрисон ва ғайра ба мушоҳида мерасад. Дар ғазалиёти шоир қаҳрамони дирикӣ – ошиқ ё фарди соҳибтаҷриба, хирадманд, рӯзгорӣ, меҳнатқарин, соҳибҳунар аст, вале бенаво, бекадру манзалат, пурсабру пуртоқат ва боз бештар аз ин ростқавл, бовафо, адолатпараст, ҳақиқатхоҳ, дурандеш, покизазамиру софдил, самимиву некӯкор мебошад.

Ӯ дар ғазали зерин мегӯяд:

Бувад мунъим азизи кишвару озод хор ин ҷо,
Зи сарви боғ раънотар дарахти мевадор ин ҷо.
Дар оғози муҳаббат ошиқ аз мурдан наяндешад,

Занад худро ба коми шер тифли найсавор ин ҷо.
Худоҷуро сарҳархезӣ шавад афзунтар аз пирӣ,
Дар айёми хазон гулдаста мебандад баҳор ин ҷо.
Аламҳои туро фардо гувоҳонанд дар маҳшар,
Макун озурда аз худ хотири лайлу наҳор ин ҷо.
Зи заҳри чашм арбоби тамаъро нест андеша,
Кунанд ин қавм майли сурма аз мижгони мор ин ҷо.
Зи заҳри чашм арбоби тамаъро нест андеша,
Кунанд ин қавм майли сурма аз мижгони мор ин ҷо.
Саводи беди маҷнун беҳтар аз занҷир Маҷнунро,
Бувад аз дасти гиро нозанинтар раъшадор ин ҷо,
Ба берӯӣ тавон аз аҳли дунё баҳрвар гаштан,
Зи тифлон шикваҳо дорад дарахти мевадор ин ҷо,
Бувад кори ту, ё Раб, дар ду олам парда пӯшидан,
Макун маҳҷуб он ҷову магардон шармсор ин ҷо,
Набошад раҳ ба базми хилвати мо ҳарзагӯёнро,
Сари Мансур силӣ мехӯрад аз пои дор ин ҷо,
Зи базми шеър набвад баҳрае афсурдатабъонро,
Бувад килки суханпардоз чун шамъи мазор ин ҷо.
Ба мулки Исфаҳону Ҳинд мехонанд ашъорам,
Зи Туркистонаму ҳаргиз надорам эътибор ин ҷо.
Набошад бо фашу мисвоки зоҳид ҳеҷ таъсире,
Наандешад касе аз кавкаби дунболадор ин ҷо,
Хату зулфаш камар барбастаанд аз баҳри хуни ман,
Ҳазар кун, Сайидо, аз иттифоқи мӯру мор ин ҷо.

Ғазали зикршуда низ оҳанги бисёр қавии иҷтимоӣ дошта, шоир шиква аз тангии маишӣ ва аз ноадолатиҳои даврони худ дорад. Умуман дар ин ғазал танқиду истеҳзо, мазаммату ҳиҷо, шикояту норизоӣ, ҳимояи адлу ҳақиқат, ростиву садоқат, дурандешиву покӣ, вафодориву ростқавлӣ, худотарсиву интихоби роҳи рост ва ғайраро васф менамояд. Ин ҷанбаъ низ яке аз хусусиятҳои ғазалҳои Сайидо ба шумор меравад. Яке аз масъаалҳое, ки мисли хатти сурх аз миёни масъаалҳои баёнгардида дар ғазали боло мегузорад, ҳимояи ватан, дӯст доштани он, дилбастагии сидқӣ ба ватан, авло шуморидани обу хоки он аст. Ӯ ҳатто ватанро аз мафҳуми зодгоҳ васеътар маърифат мекунад ва Туркистонро дӯст медорад ва макону диёреро бо он баробар намедонад ва аз ин рӯ, сарфи назар аз қадршиносиҳо, ки нисбат ба шоир раво дида мешуд, ӯ хастадилу навмед намешавад.

Ғазали боло муқаввофу мураддаф буда, қофияи он муқайяд ва радифаш мураккаб мебошад. Аз нигоҳи вазн бошад, дар баҳри Ҳазаҷи мусаммаи солим иншо шудааст, ки афоъили он чуни наст:

V---IV---IV---IV---

Яъне: мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлум, мафоъӣлун.

Сайидо дар эҷоди ғазал, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат мақом дорад, ки ӯ ин навъи адабиро ба ҳаёти мардум, ба рӯзгору зиндагӣ басо қарину наздик намудааст. Аз ин рӯ, дар ғазалҳои ӯ ҷанбаъҳои иҷтимоӣ зиёдтар қувват

гирифта, як андоза рӯҳияи мардумии шеъри Сайидоро таъмин кардааст. Дар ғазали Сайидо то ба ҳадде авзои сиёсӣ- таърихӣ ва иҷтимоии замони ӯ инъикос гардидааст. Аз тарафи дигар, ҷанбаи таълимӣ, панду андарзӣ, насиҳатию мавъизатӣ гирифтани ғазали шоир бурҳони пойдории адаб ба суннат ва баҳрабардорӣ аз анъанаҳои куҳантаърихии шеъру адаби тоҷик мебошад.

Андешаҳои панду ахлоқии Сайидо.

Аслан панду ахлоқ ва тарбияву таълим мақсади адабиёти бадеӣ аст. Эҷодкоре, ки ба эҷоди бадеӣ рӯ меорад, ҳатман муносибати худро ба ин масъала баён мекунад. Ғазалиёти Сайидо дар баробари фаро гирифтани мавзӯъҳои дигар, ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии шоирро низ дарбар гирифтаанд. Аз тарафи дигар, ба ин восита таълимоти фалсафаи амалии Сайидо маърифат мешавад, ки хеле муҳим низ ҳаст.

Масалан, Сайидо ҷонибдори саъю кӯшиш, ҷаҳду ҷадал, амалу ҳаркат аст. Барои дарёфти қути лоямут инсон бояд мисли санги осиё пайваста дар ҷадал бошад, яъне ризқи худро ҳалол кунад, тавассути меҳнат ба даст биёрад. Ӯ ба ин маънӣ таъкид мекунад, ки:

Рӯзӣ насиби кас ба нишастан намешавад,
Бояд чу осиё зи пайи обу дона рафт.

Ба ақидаи шоир, инсон набояд ғафлат варзад, балки бояд мақсади муайян дошта бошад. Ӯ кӯшишу ҳаракат, ҷаҳду талош, саъю ҷадалро талаб меномад ва мегӯяд:

Бе талаб, ай Сайидо, мақсад намеояд ба даст,
Ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан.

Меҳнату кор, машғулияту фаъолият, обрӯ ва эътибори инсон аст ва мардумоне, ки ин сифатҳоро доро ҳастанд, соҳибҳунаранд ва дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ хору залил нахоҳанд шуд:

Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,
Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехурад.

Ё худ:

Шир мегардад бурун аз кӯҳ баҳри Кӯҳкан,
Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

Сайидо барои инсони меҳнаткаш на танҳо саҳрову дашт, балки ҳама ҷоро меҳнаткада медонад ва бояд дар ҳама ҳолату дар ҳама ҷо кас фориғ аз саъю кӯшиш набошад:

Мурғи кабоб рӯзии соҳибтараддуд аст,
Дар хона анкабут шикори магас кунад.

Ё ин ки:

Устухони хушк беташвиш кай ояд ба даст
Аз паи рӯзӣ магӯ табъи ҳумо осуда аст.

Шоир, ки худ бо меҳнати ҳалол зистааст, муфтхӯронро чашми дидан надорад. Ҳатто дасту пои инсон, ки агар вазифаи худро ба ҷо наоранд, онҳоро бояд баст, мегӯяд:

Паймонае, ки бода надорад, шикастанист,
Дасте, ки масдари эҷод нест, бастанист.

Ба назари шоири меҳнатдӯсту покизакор, хисоли ҳамидаи инсонӣ аз қабили вафодорӣ, сидқу сафо, ростгӯӣ, ростқавлӣ, некиву некӯкорӣ, раҳму шафқат, инсондӯстиву мардумнавозӣ, илмомӯзиву донишмандӣ, сабру тоқат, бурдбориву пуртоқатӣ ва ғайраро тарғиб намуда, оммавӣ гардидани онҳоро ҷонибдор аст: Ӯ мегӯяд:

Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

Ё худ:

Рафиқ аз каф мадеҳ, душман агар хоҳӣ забун гардад,
Туро сӯзан ба даст афтод, хор аз по бурун афтад.

Барои доро гардидани инсонҳо бо хислатҳои ҳамида ҳатман тарбият зарур аст. Аз ин рӯ, ба андешаи шоир, инсон ҳатман бояд аз мактаби тарбия мегузарад.

Дар ғазалиёти Сайидо ба ҷуз мавзӯъҳои маъмулии жанри мазкур, мавзӯъҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ, танқидӣ-ҳаҷвӣ, шарҳиҳолӣ-хонаводагӣ ва ғ. хеле баланд садо додаанд, ки нигоҳи тоза ба мазмуну мӯҳтавои ғазалсароӣ мебошад. Ин ҳамин маъниро дорад, ки Сайидо ба ин восита адабиётро ба ҳаёти ҷамъият, ба рӯзгори халқ, ба зиндагии табақаҳои иҷтимоӣ хеле наздик намуда, нияту мақсад ва орзуву омоли мардумонро асосан инъикос намудааст.

Аз тарафи дигар, тозакории Сайидо дар ғазалсароӣ ба хусусиятҳои шаклии жанр тааллуқ надорад, яъне ӯ дар қофияву радиф, вазн ва сохтори дигари шаклии ғазал гардиши ҷиддӣ ворид накардааст.

Тозакориҳову навовариҳои шоир дар мундариҷаи ғазалсароӣ, моҳияти тематики ғазал дахл дорад, ки ғазали ӯ оинаи рӯзгори асри шоир гардидааст. Ғазалҳои Сайидо саршор аз тазодҳову зиддиятҳои ҳаёту зиндагӣ, низоъҳои сиёсӣ-таърихӣ, ҳаёти-иҷтимоӣ, тоифавию табақавӣ ва ғайра аст. Инҳо низоъҳо ва тазодҳои рӯзгори ҳамарӯзаи ҷомеъа мебошад, пас ғазалиёти Сайидо инъикосгари ҳаёти инсонҳост. Ӯ ин ҷанбаъро низ бо ҳунари хоси шоирона ва бо сабку шеваи фардӣ-индивидуалии худ эҷод кардааст.

Муссамматҳои Сайидо.

Муссаммат дар эҷодиёти Сайидо пас аз ғазал, дар ҷои дуюм меистад, ки аз 1050 байт иборат аст.

Сайидо бештар ба ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ, Камолу Ҳофиз, Ҷомиву Ҳилолӣ, Калиму Толиб, Мӯҳташами Кошиву Соиби Табрезӣ, Мушфиқиву Урфӣ муссаммат бастааст. Худи ҳамин ҷуръати Сайидо гувоҳи он аст, ки ӯ дар эҷоди муссаммат устод мебошад, зеро ба ғазалиёти шоирони дараҷаи аввали адабиёт тазмин бастааст. Шоир ғолибон дар ин кор ба эҷодиёти Соиб рӯ оварда, бештар ба ғазалҳои Соиб тазмин бастааст.

Муссаммат навъе аз шеъри тасмит (мусаммат) буда, аз бандҳои 3-10 мисраӣ иборат аст. Он метавонад аз 5 ё 6 банд иборат бошад ва ду навъ мешавад: яке муссаммати мустақил, ки пурра эҷоди худи шоир аст ва

дигаре се мисраъ аз худи шоир ва ду мисраи дигар аз шоири муосир ё салаф аст.

Муссаммат бо он характернок аст, ки банди якуми он пурра ҳамқофия; а, а , а ,а , а, а бандҳои минбаъда чаҳор мисраъ ҳамқофия ва мисраи панҷум ба банди аввал ҳамқофия мешавад. Масалан, «Намонд»-ном муссаммати мухаммаси Сайидо ки бар ғазали Соиби Табрезӣ (1603-1677) баста шудааст:

Арбоби ҷудро[19] кафи гавҳарфишон намонд,
Дасти кушодае ба муҳиту ба кон намонд,
Дар рӯзгори мо зи мурувват нишон намонд,
«Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд»,
То чуғзтинатон ба фазои чаман шуданд,
Чун сабза сояпарвари сарву суман шуданд,
Гулҳо зи баски ҳамдами зоғу ғаған шуданд,
Мурғони нагмасанҷ ҷалои ватан шуданд,
Ҷуз байзаи[20] шикаста дар ин ошён намонд.
Аз аҳли дил намонд дар ин хокдон нишон,
Бастанд обу оинаи рахти худ аз миён,
Хуршед гуфт вақти видоаш ба осмон,
«Равшанило чу барқ гузаштанд аз миён,
Хокистаре ба ҷой аз ин корвон намонд.
Аз дидаи басирати[21] мо хоб шуд равон,
Абёт аз сафина[22] чу симоб шуд равон,
Таҳрир аз саҳифа чу хуноб шуд равон,
«Аз чашми сурмавори давот об шуд равон,
Ширинзабонии қалами нуктадон намонд».
Эй Сайидо, ту дил ба амқоми наҷот каш,
Пой аз миёни тоифаи бесубот каш,
Чун Хизр рахти хеш ба оби ҳаёт каш,
«Соиб, забони хома ба коми давот каш,
Имрӯз чун суханталабе дар ҷаҳон намонд».

Дар муссаммати мухаммаси мазкур байтҳои дар нохунак (« ») гирифташуда моли Соибанд. Намунаи боло далели он аст, ки хусусиятҳои шаклӣ ва мундариҷавии абёт комилан риоя шудаву аз соҳибистеъдод будани ҳар ду шоир шаҳодат медиҳнд.

Аз сабаби дар ғазалҳои Сайидо оҳангҳои иҷтимоӣ садои қавитаре доранд, ин ҳолат дар мухаммасҳои ба ғазалҳои шоирони дигар навиштаи ӯ то андозае ҳис карда мешавад Яъне Сайидо ба ғазалҳои комилан ошиқона низ то дараҷае оҳангҳои иҷтимоии пуқуввате ворид сохтааст. Масалан дар муссаммати мухаммаси Сайидо, ки бо радифи «Намонд» бар ғазали Соиб иншо шудааст, ҳеҷ гумон намеравад, ки абёти ду адаб

[19] Арбоби ҷуд-аҳли сахо
[20] Байза-тухм
[21] Басират- чашм
[22] Сафина-девони ашъор

бошанд, зеро вазн, радифу қофияҳо, мазмуну мундариҷа, мавзӯъ, хусусиятҳои сабкӣ ва ғайра комилан баробаранд ва ҷанбаъҳои ҳунарии он низ яксонанд. Ҳол он ки дар ин навъи шеърӣ то дараҷае эҷодкори муссаммати мустақилу озод нест.

Дар навъи дуюми муссаммат мо комилан озод будани шоирро мушоҳида менамоем. Барои намуна як муссаммати мухаммаси мустақили Сайидоро зикр намуда, оид ба санъати назми ӯ аз намунаи мазкур натиҷагирӣ хоҳем кард:

Дидаро умре ба мардум ошно кардам, нашуд,
Синаро оинаи сидқу сафо кардам, нашуд,
Бо баду неки ҷаҳон аҳду вафо кардам, нашуд,
Дар дили ҳар кас зи рӯи меҳр ҷо кардам, нашуд,
Хонаи шодӣ ба рӯи хеш во кардам, нашуд.
Муддате чун соя будем дар қафои шайху шоб,
Рӯзгоре ҳамншин будам ба минову шароб,
Сар ба танҳоӣ барорам баъд аз ин чун офтоб,
Поси хотир то ба кай дорам дар ин дайри хароб,
Бо қаландар шӯрбу бо зоҳид риё кардам, нашуд.
Меҳрубониҳо намудам дӯстони хешро,
Ёр бо мадҳу санно кардам забони хешро,
Чун қалам гӯям манакнун достони хешро,
Хоки пок ҳар як аз ҳамсӯҳбатони хешро,
Солҳо дар дидаи худ тӯтиё кардам, нашуд.
Маҷлиси ағёр равшан кардааст он майпараст,
Эй мусулмонон, чӣ бояд кард бо он шӯхи маст?
Дар фироқи зулфи кофаркеш мехурдам шикаст,
Обрӯи рафтаро мехостам орам ба даст,
Дар ҳарими Кааба чандоне дуо кардам, нашуд!
Сайидо, дорам дили чун ғунчаи гул пур зи хун,
Кавкаби бахтам дар об афтода, толеъ шуд забун,
Меравам, занҷир дар по, дар биёбони ҷунун,
Баски ноком аз дили офоқ афтодам бурун,
Қимати худро ба нархи хоки по кардам, нашуд.

Албатта, муссаммат аз нимаҳои дуюми асри XIII зуҳур карда, дар асри XV ҳар ду навъи он хеле инкишоф кардааст ва дар ин аср (XV) хусусан устод Ҷомӣ онро басо ривоҷ додааст. Сайидо суннати адабии мазкурро дар асри XVII таҳаввули махсус бахшида, онро аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво тозагиҳо ворид сохт

Чунончӣ, ба ғазали зерини Соиб муссаммати мухаммаси «Ғаме дорам»-ро бастааст, ки

Сари пуршӯру ҷисми лоғару пушти хаме дорам,
Дар ин водӣ фаровон дарди бедармон ғамдорам,
Парешонхотирам имрӯз гӯё мотаме дорам,
«Лаби хушку дили хунину чашми пурнаме дорам,
Нигаҳ дорад Худо аз чашми бад хуш оламе дорам»
Агар гул дар замини дил нишонам, хор мерӯяд,

Ниҳоли сабз корам, неш аз гулзор мерӯяд,
Маро аз сина дил ҳамчун забони мор мерӯяд,
«Ба ҷои ҷавҳари оинаам зангор мерӯяд,
Гуворо бод айшам хуш баҳори хурраме дорам»,
Ба гардун тири оҳи ҳастагон созад асар, Соиб,
Барояд эҳтиёҷи Сайидо аз чашми тар, Соиб,
Чу шабнам гаштаам аз пеши худ соҳибназар, Соиб,
«Зи рози осмонҳо чун набошам бохабар, Соиб,
Ки ман аз косаи зонуи худ Ҷоми Ҷаме дорам».

Шоир дар ин навъи ашъор низ ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, ба мавзӯъҳои мухталифи рӯзгори инсон дахолат менамояд. Ӯ дар ҳама гуна ҳолату вазъият аз ноадолатиҳои рӯзгор шикоят дорад ва ба ҳамин мазмун ғазал меёбад ва муссаммат мебандад, ки дар мантиқи оддии ифода, ба ҳам омадани андешаҳои шуарои тоҷик дар асрҳои гуногун, дар муҳиту замонҳои мухталиф аст. Чунончи, боз дар ҳамфикрӣ бо Соиб мегӯяд:

Дар чаман имрӯз булбул масти гуфтори худ аст,
Кабк дар кӯҳсорҳо дар банди рафтори худ аст,
Сарв мағрури қаду гул маҳви рафтори худ аст,
«Ҳар киро бинам дар ин олам гирифори худ аст,
Кори ҳақ дар тоқи насён монда дар кори худ аст»,
Рӯзгоре шуд, ки дар вайронае ҳастам муқим,
Мекунам пайваста ёд аз аҳди ёрони қадим,
Ин нидо омад урун аз хоки Мӯсои Колим,
«Хизр осудаст аз таъмири девори ятим,
Ҳар касеро рӯй дар таъмири девори худ аст».
Хонабардӯшем моро ҳоҷати дастор нест,
Пайкари моро либоси тозае даркор нест,
Сайидо, моро назар ба чашми дунёдор нест,
«Чашми Соиб чун садаф бар абри гавҳарбор нест,
Зери бори миннати табъи гуҳрбори ман аст».

Яъне Миробид Сайидои Насафӣ дар таҳаввули жанри муссаммати мухаммас ва махсусан дар ғанӣ гардонидани мазмуну мӯҳтавои он рисолати таърихии хешро адо кардааст.

«Шаҳрошӯб»-и Сайидо ва сохтори он, тасвири ҳунармандон дар ин асар.

«Шаҳрошӯб»-и нахустин ба қалами шоири асри XI тоҷикзабони ҳинд Масъуди Саъди Салмон тааллуқ дорад. Маҳастии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Сайфии Бухорои, Огаҳӣ, Мирмуҳаммади Ҳошим, Мавлоно Озарӣ ва бисёр дигарон навъҳои гуногуни шаҳрошӯб навиштаанд.

Сайидо дар асри XVII суннати эҷоди чунин асарро эҳё кард, ки яке аз хидматҳои дигари адиб дар таърихи адабиёт мебошад. «Шаҳрошӯб»-и Сайидо дар навъи муайяни адабӣ (ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ…) навишта намудааст ва аз ин рӯ, асари шоир дар шакли худ озод аст. «Шаҳрошӯб»-и Сайидо аз омезиши шаклҳои гуногуни шеърӣ иборат мебошад. Аз ин нигоҳ бунёди «Шаҳрошӯб»-и Сайидоро байтҳои фард

ташкил медиҳанд ва ҳар як байт як шеъри мустақил аст. Бинобар ҳамин ҳам асар вазни ягона низ надорад ва дар вазнҳои гуногун навишта шудааст.

Миробид Сайидои Насафӣ дар «Шаҳрошӯб» намояндаи касбу корҳои гуногун мисли: заргар, бофанда, кӯлолӣ, танбӯрӣ, қаннод, хиштпаз, мӯзадӯз, чарчинфурӯш, тоқидӯз, деворзан, кабобпаз, ҳалвогар, дарзӣ ва ғайраро хеле устодона тасвир кардааст. Дар ин асари шоир ҳамагӣ 212 нафар намояндаи касбу ҳунар ба таври ҳазломезона васф карда мешавад.

«Шаҳрошӯб» нишон медиҳад, ки Сайидо то кадомин поя бо мардуми меҳнатӣ, бо табақаҳои иҷтимоӣ-истеҳсолии ҷамъият наздик аст. Ба мардум, ба нозукиҳои кору пешаи онҳо ба рӯзгору зиндагӣ ба муносибату рафтор ва гуфтору фаъолияти онҳо аз наздик ошно мебошад.

Асар арзиши адабӣ-ҳунарӣ низ дорад, зеро аз ҷониби шоири тавоно, сухансанҷи соҳибистеъдод рӯи кор омадааст. Санъати суханофаринии адиб, ҳунари эҷоди санъаткор, сабки нигоришу шеваи таълифи Сайидо дар ин асар то ба ҳадде хусусияти халқӣ гирифтааст.

Чунончи:

Дилбари ҳалвагарамро ҳаст теғе дилхарош,
Аз ғами ӯ қоматам хеле ғашт чун ҳалвотарош

ё худ:

Дилбари қассоби ман омад, дӯкони худ кушод,
Дунбаро аз пеши худ бигрифт, пеши ман ниҳод!

Мазмуну мундариҷаи шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо.

Сайидо махсусан ба табақаҳои ҳунарманди ҷамъият таваҷҷӯҳи махсус дорад. Зеро онҳоро дар ашъори лирикиаш (ғазалиёту қитъаҳо…), дар «Шаҳрошӯб» ва инчунин ашъори махсуси ба ин тоира бахшидааш васфу тавсиф кардааст. Албатта, дар таърихи адабиёт фасли тоза низ ҳаст, ки дар шакли маснавӣ рӯи кор омадаанд. Дилбастагии шоир ба ин тоифаи мардум, шояд аз он ҷиҳат бошад, ки ӯ худ аз аҳли ҳунар аст. Сайидо дар ашъори ба табақаҳои ҳунармандон бахшидаи хеш намоядаи ҳашт навъи ҳунарро васф кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо: баққол, шустагар, нонво, наққош, наҷҷор, шотир, ташгар ва қассоб мебошанд. Ин ҳашт шеъри ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо дар маҷмӯъ дорои 290 байт аст ва онҳо манзумаҳоеанд, ки аз ибтидо то интиҳо дар як мавзӯъ эҷод шудаанд. Муҳим он аст, ки дар ин манзумаҳо инсони соҳибҳунар ва меҳнаткашу заҳматқарин мавриди ситоишу васф қарор гирифтааст. Чунончӣ, дар манзумаи «Дар таърихи наҷҷор» меорад:

Бути наҷҷори ман сарвест якто,
Зи сар то пой пайванд аз тамошо.
Санвабар истода бар дӯконаш,
Тарошаш хешро аз бандагонаш.
Ба боғи орзу сарви таманно,
Занад пеши қади ӯ теша бар по.

Ҷаҳоне хидмати ӯ карда пеша,
Занад ҳар кас ба сӯи хеш теша.
Забони тешааш ширинтакаллум,
Ба хуни Кӯҳкан хӯрда тараҳҳум,
Зи оби тешааш пур устухонам,
Ба зикри сарраш бошад забонам.
Чӣ арра? Чун забони шӯъла саркаш,
Фиканда ошиқонро дар кашокаш.
Чӣ арра? Зердасташ сарбалндон,
Бувад море зи сар то пой дандон.
Ҳамеша шеваи ӯ дилхаршӣ
Ба хубон менамояд нозпошӣ
Нигоҳи ӯ камандосо кашида,
Ки бшад гӯшаи чашмаш баранда.
Чӣ ранда? Дорад аз оина сина,
Чӣ сина?-Соф дил аз меҳру кинае
Забони ӯ бувад бод ил мувофиқ,
Саре дорад ба ҳамворӣ чу ошиқ.
Асоси хонаҳоро ӯст устод,
Ба аҳди ӯст ошиқ хонаобод.
Дуконаш дар бар рӯи арш баста
Димоғаш дар сари курсӣ нишаста
Ба ҳар манзил гузорад по ҳамон дам,
Кунад чун теша синҷи хона маҳкам.
Сафед аз интизораш чашми дарҳо,
Чунон печидаи занҷир назарҳо,
Бутон бар сурати ӯ гашта ҳайрон,
Хичил аз бутпарастӣ бутпарастон,
Хароби мақдами ӯ хонумонҳо,
Гул афтода ба чашми тобандонҳо.
Намебинам ба асри хеш бунёд,
Ғами ӯ хонумонам дод барбод.
Рухаш то рафта аз кошонаи ман,
Сияҳ гардида рӯи хонаи ман.
Маро кай аз дуконаш баҳрамандист?
Зи ҷӯши ишқбозон тахтабандист.
Ба ман кай ошно аз рӯи ёрист?
Дилаш дар ошиқӣ таҳчӯбкорист.
Ба аҳди хештан устод бошад,
Вафояш лек бебунёд бошад,
Биё, соқӣ, даре бикшо ба рӯяш,
Ба ҷоми бода бишкан орзуям,
Маро чун Сайидо маъмур гардон.
Диламро хонаи пурнур гардон.

Манзумаи мазкур дорои 25 байт буда, ба қасида ҳаробат дорад. Он дар шакли маснавӣ эҷод гардида, пешаи наҷҷорӣ ва ҷузъиёти он,

лавозимоте, ки барои касби мазкур зарур аст ва худи наҷҷор ва ғайр мавриди тасвир қарор дода мешавад.

Манзума дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур таълиф шудааст, ки афъоли он чунин аст:

V---IV---IV--(V--)

Яъне: мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун.

Интиҳои асар, дар ҳаҷми ду байт муроҷиат ба соқиро дар бар мегирад, ки моҳияти сӯфиёна дорад. Инчунин, дар байти охирин тахаллуси шоир омадааст.

Яъне шоир ба ин восита меҳнатро васф мекунад, аҳамияту моҳияти ин ё он пешаро хеле бо ҷузъиёт баён менамояд. Масалан, аз пешаи наҷҷор мунтаҳо хоса-макони ошиқон бунёд мешавад, ки бе он на танҳо инсон балки ҳама махлуқи ҷондор эҳтиёҷ ба хона дорад. Пас касби мазкур сазовори васфу ситоиш ва барои мардум аввалиндараҷа мебошад.

Ё ин ки дар манзумаи дигар оид ба пешаи баққолӣ сухан меравад ва он «Дар таърихи Хоҷа мирзоҷони баққол» унвон дораду аз 53 байто иборат буда, бо чунин матлаъ шурӯъ мешавад:

Диламро бурда сарви ҷомазебе,
Биҳиштиталъате одамфиребе.

Манзумаи мазкур дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф иншо шудааст ва афоъили он чунин аст:

V---IV---IV--

Яъне: Мафоъӣлун мафоӣлун, фаъӯлун.

Дар ин манмузма низ шахсияти баққол ҳамчун донандаи пешаи худ, аз ҳар ҷиҳат: хислату рафтор, гуфтору кирдор, муносибату муомила ва ғ. бо ҷузъиёти меҳнати баққол, ороиши дӯкони ӯ, воситаҳои меҳнат ва тарзи коргирии баққоли соҳибмаърифату донно ва дар кори худ тавоно, бо кули нозукиҳои кору фаъолияташ ситоиш карда мешавад. Баъзан баёни шоир оҳанги ҳазлу шӯхӣ ва ҳатто гоҳо каме ҷанбаи тамасхур низ мегирад. Шояд дар чунин ҳолат шӯхчашмиҳои мардуми бозор дар симои чунин соҳибҳунарон мавриди тасвир қарор дода мешаванд. Чунончӣ:

Зи санҷидаш димоғи лаъли хунбор,
Зи рангаш сурх гашта рӯи бозор,

Ё худ:

Ба ҷон парварда ӯро золи даврон,
Ниҳода номи ӯро Мирзоҷон.

ва ғ.

Ба ҳамин тариқ, дар манзумаҳои дигари ба ҳунарварону соҳибипешагон бахшидаи Миробид Сайидои Насафӣ, аз ҷумла: «Дар таърифи Хоҷа Мирзомуҳаммади Шӯстагар», «Дар таърифу тавсифи нонво», «Дар таърифи Хоҷа Шафеъи наққош», «Дар таърифу тавсифи шотир», «Дар таърифи қассоб» ва ниҳоят «Дар таърифи ташгар» касбҳо, пешаҳо, ҳунарҳо, ҳирфатҳо ва соҳибони онҳо бо хислату рафтор, гуфтору кирдор, муомилаву муносибат ва асрори ҳунарии эшон ва назокати кору фаъолияти онҳо ба тасвир гирифта шудааст. Масалан, назокати пешаи наққоширо («Дар таърифи Хоҷа Шафеъи наққош») ки

боиси зебу зиннат ва ороиши ҳар як макон мегардад, чунин ба мушоҳида мегирад:

Гузорад пой бар ҳар остона,
Кунад он хонаро оинахона,
Ба килки худ намесозад ситамро,
Кунад ангушти ӯ кори қаламро.

Ё худ дар манзумаи «Дар таърифи қассоб» ҷузъиёти пешаи мазкурро аз забони гӯсфанд меорад, ки барои забҳ омадаст ва аз он боке надорад, ки барои забҳ омадаст ва аз он боке надорад, зеро тӯъмаи ҳалоли халифаи Ҷаҳонофарин шудан ормони интиҳони ӯст:

Ба дӯконаш равам дар хун тапида,
Наяндешам зи саҳрои бурида.
Агар хунам бирезанд, мотамам нест,
Зи поям гар биёвезанд, ғамам нест.

Ё ин ки дар манзумаи дигари шоир, ки «Дар таърифу тавсифи нонво»-ном дорад, ҳунари нонвоӣ ва кӯҳантаърих будани он, қадршиносӣ дидани пешаи мазкур миёни насли инсон ба тасвир оварда шудааст. Шоир макони омодашавии нон-танӯрро бо усули тоза ва басо образноку шево ба мушоҳида мегирад:

Танураш сурхрӯ аз оташи гул,
Хасу хораш бувад мижгони булбул.

Умуман ашъори ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо чанд ҷиҳати хоса дорад, ки онро таъкид намудан аз аҳамият холӣ нест:

-Сайидо ҳам дар ашъори лирикӣ, асари алоҳида ва шеърҳои ҷудогона яъне бо се роҳ ба ин мавзӯъ васфи аҳли ҳунар ва пешаи онҳо рӯ овардааст.

-Шоир анъанаи адабӣ, суннати эҷодиро ба таври васеътар эҳё намуда, дар ҳамин замина баъзе тозакориҳо кардааст.

-Адиб ба ин восита эҷоди бадеъро ба рӯзгори халқ, ба аҳли меҳнат боз ҳам наздиктар намудааст.

-Таркиби луғавии забони адабии тоҷикро дар асри XVII аз ҳисоби калимаву ибораҳои соҳавӣ нисбатан ғанӣ гардонидааст.

«Баҳориёт»-и Сайидо-сохтор, мазмун ва мундариҷаи он.

«Баҳориёт» ва ё «Ҳайвонотнома» асари тамсилии Миробид Сайидои Насафӣ буда, дар рӯзгори Абдулазизхони аштархонӣ (1645-1680) соли 1091ҳ. (1680м.) дар муддати ду-се рӯз таълиф шудааст ва дар ин бора худи шоир чунин ишора дорад:

Ин нусха, Сайидо ба ду-се рӯз шуд тамом,
Дар рӯзгори ҳазрати Абдулазизхон.
Таърих аз ҳазору навад як гузашта буд,
Аз ҳиҷрати Расул-шаҳи охируззамон.

Асар ҳаҷман чандон калон набуда аз 184 байт иборат мебошад. «Баҳориёт» дар баҳри Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур навишта шудааст ва афоъили он чунин аст:

--V|-V-V|V--V|-V- ё худ:-V

яъне: мафъулу фоъилоту мафоъилу фоъилун ё фоъилон. Асар чун суннати устувор бо ҳамду санои Худо оғоз мешавад:

Аввал ба номи он ки муббарост аз макон,
Халлоқи ваҳшу тайру Худованди инсу ҷон.
Он сониъе, ки шоҳиди ӯянд ҳар вуҷуд,
Он қодире, ки дар сифати ӯст ҳар забон.

Асар аз муқаддима, қисмати асосӣ ва хотима иборат буда, муқаддимаи он ҳамди Худо ва наъти Расули акрам (с.) –ро дар бар мегирад:

Баъд аз санову ҳамди Худованди зулҷалол,
Миннат ниҳам зи наъти Расули Худо ба ҷон.

Баъд аз он, шоир қайд мекунад, ки баҳри рафъи хастагӣ ва парешонии табъи мардумон ният дорад, ки аз вуҳуш-ҳайвонот сухан бикунад. Шоир барои мушоҳида ба саҳро баромада сараввал мушакеро мебинад, ки назди дари хонаи худ нишаста хештанситоӣ дорад:

Мехоҳам аз вуҳуш замоне сухан кунам,
Дафъи малол то шавад аз табъи мардумон.
Рӯзе мани ғариб дар айёми навбаҳор,
Аз кунҷи хона ҷониби саҳро шудам равон.
Дидам нишаста бар дари сӯрох мушаке,
Мекард худ ба худ сифати хешро баён.

Худситоӣ ва таърифкугии муш то ба ҷое мерасад, ки боиси хашм гирифтани ҷонвари дигаре мешавад:

Аҷдоди ман ба мири мушон такя мекунад,
Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон.

Гурбаи даргузаре инро шунида тоқаташ тоқ мегардад ва мушро сахт танқид намуда, худашро таъриф мекунад:

Ай беадаб, ту шарм надорӣ зи рӯи ман?
Аҷдоди ту шуданд ҳама пеши ман калон.
Обои олии[23] ту бувад кӯршабпарак
Абнои софили[24] ту ҳам аз ҷинси сифлагон.
Пур кардаӣ зи хок ба ҳар хона рафтаӣ,
Ай, хонаҳои халқ зи дасти ту хокдон!
Дандонзанист кори ту ҳар ҷо, ки дона аст,
Ҳастӣ ҳамеша душмани анбори мардумон.
Гурба худистоӣ намуда мегӯяд:
Бар ман бубину нек тамано бикун маро,
Яъне зи шер сурати ман медиҳад нишон.
Паррандае, ки бигзарад аз пеши чашми ман,
Ӯро ба чанги хеш дарорам ҳамон замон.
Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ва паҳлуи меҳмон.

Ба ҳамин тариқ, худтаърифкунии гурбаро шунида саг ба низоъ ҳамроҳ мешавад. Вай гурбаро сарзаниш намуда, худашро ситоиш мекунад. Яъне дар «Баҳориёт» ҳамагӣ 18 ҳайвон иштирок мекунад, ки яке пас аз дигаре

[23] Обои олӣ- падару бобоён
[24] Софил-паст

зуҳур карда сифатҳои манфии тарафи муқобилро як-як номбар намуда, мазаммат менамояд ва пасон ва худситоӣ шурӯъ мекунад. Тартиби ширкати ҷонварон дар асар чунин аст: муш, гурба, саг, гӯсфанд, гург, гов, уштур, сангпушт, хорпушт, рӯбоҳ, харгӯш, маймун, оҳу паланг, фил, карк, шер ва мӯрча бо баёни хислатҳои бади ҳамдигар ва зикри сифатҳои хуби хеш мунозираи хеле тезутунд менамоянд.

Шоир дар тасвири мунозираи ҳайвонот хеле мушоҳидаҳои дақиқу нозук менамояд, зеро зиддиятҳои тибии ҷонваронро, ки ҳатто мардумон низ медонанд, қайд намуда нафъу зарари расонидаи онҳоро таъкидан баён мекунад: мушу гурба, гурба ва саг, гӯсфанду гург ва ғ.

Дар асар худситоии хеле зиёдеро шер дар бораи худ ва аҷдодаш раво мебинад, ки он боиси хашм гирифтани мӯрча мегардад. Шер каркро сарзаниш мекунад, ки:

Ай сахтрӯю сустқадам, чобӯкӣ макун,
Ҳастӣ ту пеш як қадам аз гови подабон
Тифлон аз забони ту парҳез мекунанд,
Бошӣ ту дар миёнаи ин қавм бадзабон.
Аҷдоди ман ба шерри Худо даст додаанд,
Аз чашми ман ва агар на кӣ меёфтӣ Амон.
Ҳаргиз шикории дигареро нахӯрдаам,
Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.
Дар бешае, ки мераваму мекунам қарор,
Берун зи қаҳтсол шаванд аҳли он макон.
Бо ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон.

Сарзаниши шер, ки баҳодурон ба мӯрча муқоиса карда мешавад, таҳқир шудани мӯрча ба садои фахромези шер боиси хашм гирифтани мӯрча мешавад. Ҳадафи мӯрча аслам донпайдокунӣ буд, вале мазаммати шерро шунида ғазаб мекунад ва абнои ҷинси хешро мисол меорад, ки агар мо иттифоқ шавему сарҷамъ гардем, шерри ҷаҳонро пӯст хоҳем канд:

Дар фикри дона мӯрчае буд дар гузар,
Омад ба Шеру гуфт, ки:-Эй Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар,
В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон?
Хӯроки аҳли байти ман аст аз ниточи ту,
Доим пур аст хонам аз шер баччагон.
Тифлони шермасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон.

Таъсири суханони мӯрча то ба ҳадде мерасад, ки ҳамаи ҷонварон аз кирдори хеш пушаймон мешаванд ва онҳо ҳатто аз ҳамдигар узр хоста оштӣ мекунанд. Шоир лаҳзаи мазкурро чунин ба қалим овардааст:

Чун аз забони мӯрча ин ҳарф шуд баланд,
Таслим карда карда расиданд ваҳшиён.
Гуфтанд узрҳо зи таҳи дил ба якдигар,

Афтод пои оштиё андар он миён.

Мантиқан агар андеша карда шавад, «Баҳориёт» бо кибру ғурӯр оғоз шуда бо низоъҳои паёпай ҷараён гирифта то ба интиҳо қариб давом мекунад. Муҳим он аст, ки бо сулҳ ва оштӣ тамом мешавад ва ҳатто ҷонварон аз ҳамдигар узрпурсӣ менамоянд, ки мақсади эҷодкор табиши фалсафӣ мегирад. Яъне ҳама гуна ҷанг ба сулҳ хотима меёбад. Пас ин ҳамин маъниро низ дорад, ки ҷанг, кибру ғурур, ҳавобаландӣ, худхоҳӣ умри тӯлонӣ надорад ва ҳатман пушаймонӣ ба бор меорад.

Албатта, ба чунин натиҷаи фалсафӣ расидани Миробид Сайидои Насафӣ бесабаб нест. Шоир аз анъанаҳои адабии тоисломӣ ва асримиёнагӣ иттилооти комил дошта дар эҷодиёти худ аз онҳо кор гирифтааст. Сайидо дар ҳамин замина низ тозакориҳо карда метавонад ва ӯ чунин ҳам кардааст. Ӯ бо эҷоди ин асари худ ду ҷанбаи суннати адабии миллиро тақвият бахшидааст: яке осори тамсилиро таҳким бахшидаву дигаре адабиёти мунозиравиро эҳё кардааст. Намунаи комили асари тамсилӣ-мунозиравӣ «Дарахти Ассурик ва буз» аст, ки дар адабиёти асримиёнагӣ таъсири фаровон гузоштааст. Махсусан дар асри XI тавассути эҷодиёти Носири Хусрав ва бештар дар осори Асадии Тӯсӣ мунозира ҷилои тозае касб мекунанд. Намунаҳои комили мунозира панҷ қасидаи Асадии Тӯсӣ: «Замину осмон», «Тиру камон», «Шабу рӯз», «Габр ва мусулмон» «Арабу аҷам» ба ҳисоб меравад. Дар ин асарҳо интихоби мавзӯъ ва масъалагузорӣ, ҳалли масъала ва натиҷагирӣ аз он тамоман нав, ниҳоят муҳим ва арзишманд мебошад.

«Баҳориёт»-и Сайидо ҳамчун асари адабӣ, пеш аз ҳама дар нақши 18-ҷонвар нишон додани муносибатҳои табақавӣ дар ҷамъият аст. Дар рӯи замин агар пурқувваттарин ҷонвар шер бошад, ҳақиру нотавон мӯрча ба шумор меравад.

Шоир ҳушдор медиҳад, ки хисоли ҳамида фурӯтанӣ, хоксорӣ, шикастанафасӣ, ҳалимӣ, дурандешӣ, сабурӣ, хайрхоҳӣ, некӯкорӣ, дидаронӣ, тавозӯъ барои солимии ҷомеъа ҳатмӣ ва ногузир мебошад. Дар муқобили хисоли ҳамида, ки номбар кардем, хислатҳои разила: кибр, ғурур, худхоҳӣ, кӯтоҳназарӣ, ҳавобаландӣ, сабӯкандешӣ, бузургманишӣ, ҷоҳталабӣ, нодилӣ, пастфитратӣ, сифлагӣ, дунҳиммативӣ, разилӣ, ғаразхоҳӣ, фитнаангезӣ гузошта мешавад. Шоир ду паҳлуи хисоли инсониро (ҳамида ва разиларо) ҳатто дар ниҳоди як ҷонвар ҷой медиҳад. Аҷоиб он аст, ки зикри хислатҳои ҳамила ва дар ҳамин замина содир гардидани кибру ғурур ва ҳам тафохури бебунёд, аз забони худи ин ва ё он ҷонвар таъкид карда мешавад. Вале аз тарафҳои манфии ҳаёту фаъолияти худ он ҷонвар забон намекушояд. Сифатҳои зишту носавоби он аз тарафи ҷонвари муқобили вай номбар гардида, сарзаниш карда мешавад. Вале аз тарафҳои манфии ҳаёту фаъолияти худ он ҷонвар забон намекушояд. Сифатҳои зишту носавоби он аз тарафи ҷонвари муқобили вай номбар гардида, сарзаниш карда мешавад, ки хеле хуб ва табиист. Ҷараёни хатти ҳаракати сюжет ва тезутунд гардидани муносибатҳо, гӯё ҷӯёи ҳақиқати воқеӣ аст. Ин аст ки шоир онро дар нақши табақаҳои басо беозору заҳматкаштарини рӯзгор мӯрча мебинад ва хеле хуб ҳам пайдо мекунад, зеро ҷараёни бархурдҳо, муқовимати низоъҳо, баҳамоии

тазодҳо чунин роҳи ҳалли мушкилотро пеш меорад. Бузургии шоир, эҷодкор ва мафкурабардор ҳам дар ҳамин аст, ки роҳи баромадан аз вазъияти баамаломадаро пайдо карда тавонад. Ин мушкилотро Сайидо дар созгории табақаҳои иҷтимоӣ дар меёбад. Ӯ таъкид менамояд, ки ҳар як табақаи иҷтимоӣ дар ҷомеъа ҷой, мақоле ва мавқеи худро дорад.

***Пояи шоирии Сайидо*.**

Аз рӯи қазовати Муҳаммад Бадеъ Малеҳои Самарқандӣ: «…Ҳар касс шеъри ӯро медонаду ҳар шахс бошад беҳтар медонанд ва бештар мехонанд». Ин фармуда маҳбубият ва шӯҳрати шеъри Сайидо ва ҳунари эҷоди ӯро дар бар гирифтааст. Дар ҳақиқат мақому мартабаи Сайидо дар эҷоди ғазалу мухаммас ва ашъори ихтисосдодаи ӯ ба ҳунармандию ҳунармандон, инчунин осори тамсилӣ-мунозиравӣ басо сазовори таҳсин аст. Албатта, шоир вобаста ба мақоми адабии худ қадршиносӣ нашуда бошад ҳам, ҷомеъа ё худ оммаи мардум эҷодиёти Сайидоро аз бар карда, ба ҳунари шоир ва санъати назми ӯ таваҷҷӯҳи хос доштаанд. Муҳим он аст, ки ин паҳлуи масъаларо худи шоир ҳамдарк кардааст. Ҳатто борҳо дар ашъораш ба ин ҷиҳат ишораҳо кардааст:

Маро кай метавонад аз забонҳо ҷамъ кард акнун,
Ман он рози ниҳон будам, ки берун аз даҳон рафтам.

Ҳадаф дар байти боло бақои исми эҷодкор, пойдории эҷоди бадеъ, қадршиносии адабиёт ва ҳунари сухансанҷӣ мебошад. Ё худ мақсади Сайидо ба ҷуз аз шеъру сухангустарӣ чизи дигаре дар ин олам набудааст ва ӯ пайваста дар андешаи эҷоди бадеъ-шеър будааст:

Ҷуз фикри шеър пешаи мо нест, Сайидо,
Моро ба даҳр мансаби дигар надодаанд.

Яке аз хидматҳои назарраси Сайидо дар таърихи адабиёт он аст, ки ӯ адабиётро, хоса шеърро ба зиндагӣ, ба ҳаёт, ба рӯзгори мардум, ба халқ, ба табақаҳои иҷтимоии заҳматии ҳаёт наздик кард ва инро дар ин ва ё он марҳилаи эҷодӣ не, балки тамоми умри хешро маҳз ба ҳамин масъала бахшида, ба ҷуз он фикри дигаре накардааст.

Хизмати шоир оид ба пазироии суннат ва дар ҳамин замина ба даст овардани тозакориҳои адабӣ басо сазовори таҳсин аст.

Сайидо дар рушди жанрҳо, таҳаввули анвои адабӣ, тақозои тематикӣ, ҷузъиёти бадеии лирикӣ, ҳунари эҷоду маҳорати таълиф, коргирӣ аз санъатҳои шеъриву воситаҳои тасвир ва ғайра низ раҳу равиши хоси худро дорад.

Саҳри сухани ҳунарии ӯ ҳанӯз дар замони худи шоир, дар сар то сари Шарқ шӯҳрати пайдо карда будааст:

Ба мулки Исфаҳону Ҳинд мехонанд ашъорам,
Зи Туркистонаму ҳаргиз надорам эътибор ин ҷо.

Саҳми Сайидо дар ғанӣ гардонидани таркибу фонди луғавии забони тоҷикӣ низ басо бузург аст.

СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Яке аз бузургтарин симоҳои адабию фарҳангии садаи XVII, адиби навовару эҷодкори тозакор Мирзо Муҳаммадалии Соиб - фарзанди Мирзо Абдурраҳим аст, ки бо эҷодиёти ғаниву гуногунҷилои худ на танҳо ба адабиёти асри хеш, балки ба ҷараёни минбаъдаи адабиёт низ таъсири амиқу дақиқ гузоштааст.

Мирзо Муҳаммадалии Соиб соли 1603 дар шаҳри Исфаҳон по ба арсаи ҳастӣ ниҳодааст. Аз нигоҳи баромади иҷтимоӣ Соиб аз табақаи бозаргонони ҷомеъа буда, аҷдоди ӯ асосан аз Табрез будаанд ва дар рӯзгори шоҳ Аббоси Кабир бо ташаббуси ин сиёсатмадор онҳо бо гурӯҳе аз ҳампешагонашон ба Исфаҳон кӯчонида шудаанд. Дар ин бора худи Соиб баъзе ишораҳо низ намудааст:

Соиб аз хоки поки Табрез аст,
Ҳаст Саъдӣ гар аз гили Шероз.

Азбаски Соиб аз табақаи бозаргонон буд, ба ӯ муяссар шудааст, ки ҳамаи илмҳои ҷории замони худро фаро бигирад ва чунин ҳам кардааст. Хусусан, илмҳои фалсафа, ҳикмат, «Қуръон»-у тафсир, ҳадису фиқҳ, сарфу наҳв, луғат, адабиёт, калом, мантиқ, қофия, арӯз, бадеъ ва ғайраро ба хубӣ омӯхтааст.

Ба хусус, дар илми хат баҳраи комил дошт, зеро назокати ин ҳунарро аз устоду амаки худ-Шамсуддини Табрезӣ (Шамси Сонӣ), ки лақаби Ширинқалам дошт, омӯхта будааст. Ин аст, ки «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Куллиёт»-и Шамси Табрезӣ ва бисёр асарҳи дигар ба қалами ӯ китобат шудаанд.

Ба қавли сарчашмаҳо, гӯё муосирони Соиб, бузургон Ҳаким Рукно, Масеҳи Кошӣ, Ҳаким Шифоӣ аз силки устодони Соиб дар ҷодаи илми шеъру адаб бошанд, вале аҳли таҳқиқ ин фактро тасдиқ накардаанд, зеро худи Соиб мегӯяд:

Татаббӯи[25] сухани кас накардаам ҳаргиз,
Касе накарда ба ман фанни шеърро талқин.
Ба зӯри фикр бар ин тарз даст ёфтаам,
Садаф зи обилаи даст ёфт дурри санин[26].

Соиб дар овони ҷавонӣ ба зиёрати Макка ва Мадина рафта, пас аз адои ҳаҷ дар ватан бисёр наистода, муддате дар Кобул истиқомат ихтиёр мекунад. Соиб дар Кобул бо ҳукмрони он ҷо Зуфархон наздикӣ пайдо менамояд. Зеро ҳоким дар симои Соиб шахси донишманду эҷодкори соҳибистеъдодеро дармеёбад. Худи Зуфархон низ табъи шоирӣ дошта, сухану суханварро аз ин сабаб хеле хуб қадршиносӣ мекард. Ин аст, ки Зуфархон Соибро ҳатто устоди хеш мехонад. Баъдтар бо дастгирии Зуфархон Соиб ба дарбори Султони Ҳинд - Шоҳиҷаҳон низ роҳ меёбад. Аз ишораҳои шоир чунин ба мушоҳида мерасад, ки ӯ дар Ҳиндустон шӯҳрати беандоза пайдо карда будааст:

Пеш аз ин ҳарчанд шӯҳрат дошт дар мулки Ироқ,
Сайри мулки Ҳинд Соибро баландовоза кард.

[25] Татаббӯъ-пайравӣ
[26] Санин-сайқал

Ва ё ин ки:

Миллаҳулҳамд, ки буъд аз сафари ҳаҷ, Соиб,
Аҳди худ тоза ба султони Хуросон кардам.

Ё худ:

Баландном нагардад касе, ки дар ватан аст,
Зи нақш сода бувад, то ақиқ дар Яман аст.
Дили рамидаи мо шиква аз ватан дорад,
Ақиқи мо дили пурхуне аз Яман дорад.

Ё худ дар ҷои дигар низ ба ин маънӣ чунин ишорае дорад:

Шаш сол беш рафт, ки аз Исфаҳон ба Ҳинд
Афтодааст тавсани азми маро сафар.

Чун овозаи шеъраш паҳн шуд, шоҳ Аббоси Сонӣ ӯро ба Исфаҳон хонд ва ҳатто бо унвони маликушшуаро сазовораш донист. Пас аз ӯ шоҳ Сулаймон низ Соибро қадршиносӣ кардааст. Ба қавли тазкиранависи тоҷик Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ, Соиби Табрезӣ муддате сайри диёри Мовароуннаҳр низ намуда, бо аҳли шеъру адаби қаламрави мазкур низ ошноӣ доштааст.

Соиби Табрезӣ баъдҳо хидмати дарборро низ истеъфо дода, беш аз даҳ сол берун аз дарбор ба эҷод пардохтааст.

Поёни умри ӯ низ дар Исфаҳон гузашта, соли 1677 олами фониро падруд гуфтааст ва оромгоҳаш дар Исфаҳон буда, онро рамзи «Анҷумани адабии Соиб» гуфтаанд.

Соиби Табрезӣ фарзандони хешро низ дар роҳи сухандӯстию маърифатхоҳӣ парвариш намуда, яке аз писарони шоир, ки шахсияти шинохтае дар қаламрави онрӯзаи диёраш будааст, Мирзо Раҳими Соиб ном дошта, дар шеъру адаб маъруфу эътирофшуда будааст.

Эҷодиёти Соиби Табрезӣ

Эҷодиёти Мирзо Муҳаммадалии Соиби Табрезӣ хеле бою рангин ва серпаҳлӯ буда, ҷолибан дар эҷодиёти ӯ ғазал мавқеи аввалиндараҷа дорад. Дар маҷмӯъ ба қалами Соиб 120 ҳазор байт тааллуқ дошта, аз он ҷумла маснавии «Қандаҳорнома» низ ба ӯ нисбат дода мешавад. Гузашта аз он, Соиби Табрезӣ ба забони туркӣ низ эҷод карда будааст.

Муҳимтарин хусусияти таркиби девони Мирзо Муҳаммадалии Соиб он аст, ки ӯ ашъори худро-лирикаи хешро табақабандии аҷоиб мекунад. Яъне ашъори ишқии худро, ки дар он нозу истиғнои маъшуқа, васфи зебоиҳои вай, ҳусну ҷамоли ӯро васф кардааст, таҳти унвони «Миръот-ул-ҷамол» (оинаи ҳусн) меорад. Ашъоре, ки дар он ҷузъиёти ҳусни зоҳирии маҳбуба: чашму абрӯ, холу зулф, асбобҳои ороишӣ мисли шонаву оина ситоиш карда мешавад, онро «Ороиши нигор» меномад ва ё худ шеърҳои ба васоити шодию нишот, хушгузаронии умр, рӯзгор, зиндагӣ, яъне маю майгусорӣ, бодапаймоӣ ва ғайра бахшидаи худ, ин адиби мутафаккир унвони «Майхона»-ро гузоштааст. Инчунин, ашъори дидактикӣ-тарбиявӣ ва ахлоқиро бо мавзӯъҳои дигари ҳаётию фалсафӣ ва ҷанбаъҳои дигари иҷтимоидоштаро «Воҷиб-ул-ҳифз» ном ниҳодааст. Бояд гуфт, ки худи ҳамин падида дар таърихи адабиёти тоҷик доир ба мураттабсозии девони ашъор нодир буда, дар чунин шакл корбаст

намудани он хоси Соиби Табрезӣ аст. Ба ашъори дар боло зикргардида бахши қасоид илова шуда, ба ин восита «Куллиёт»-и Соиб фароҳам омадааст.

Мирзо Муҳаммадалии Соиби Табрезӣ на танҳо дар навъҳои лирикӣ: қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғ. табъи баланд доштааст, ӯ хусусан дар эҷоди ғазал шӯҳрати махсус пайдо намудааст. Инчунин, мутафаккир дар эҷоди осори манзуми калонҳаҷм низ табъи баланд доштааст. Аз ин рӯ, аз ӯ маснавиҳои «Қандаҳорнома» ва «Маҳмуд ва Аёз» низ ба ёдгор аст.

Дар ин ҷо як нуктаи дигарро месазад хотиррасон созем, ки Соиб аз замони хеш то рӯзгори кунунӣ на танҳо дар Шарқ, балки дар олам ҳамчун намояндаи мактаби сабки ҳиндӣ шӯҳрат дорад.

То кунун оид ба рӯзгору фаъолияти адабии ӯ ба ҷуз қайду ишорат, мақолаҳо, муаррифиномаҳо, баёзҳову тазкираҳои муосири адабиёти тоҷик, инчунин фаслҳои ҷудогонаи таърихҳои адабиёти форсӣ низ бахшида шудаанд, ки арзиши ниҳоят гарони илмӣ-тадқиқотӣ ва оммавӣ доранд. Зеро дар онҳо дар баробари адабиёти даври шоир, оид ба ҷараёни зиндагии Соиб, паҳлӯҳои рӯзгори ӯ, лаҳзаҳои ҳаёти адиб, камолоту эҷодиёти вай, таркиби девони адиб, саҳми ӯ дар таҳаввули адабиёти асраш ва таърихи минбаъдаи адабиёт, хусусиятҳои эҷодӣ, мавзӯъҳои ашъор, сабки гуфтору шеваи баён, ҳунари эҷоду маҳорати суханварӣ, тарзи таълифу истеъдоди сухангустарӣ ва ғ. маълумоти зарурӣ дода шудааст.

Мавзӯъҳои асосии газалиёту мусамматҳои мухаммаси Соиби Табрезӣ

Соиб яке аз шоирони тавонои ғазалсарост, ки дар таҳаввулоти жанри мазкур саҳми арзанда дорад. Ӯ дар рушди мусаммати мухаммас низ хеле қавипанҷа мебошад. Мусамматҳои мухаммасҳои ӯ аз нигоҳи мавзӯъ ва мӯҳтаво, инчунин аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ асосан суннатӣ бошад ҳам, дар ҳунари эҷод навоваронаанд. Чунончи, мусаммати мухаммаси аввали девони шоир, ки аз нигоҳи унсурҳои шаклӣ низ тозакориҳо дошта, хеле ҳунармандона эҷод шудааст ва аз чаҳор банд иборат аст:

Тулӯи субҳи содиқ сар зад аз пироҳани мино,
Насими рӯҳравар мевазад аз гулшани мино,
Суроғи духтари раз кардаам аз маскани мино,
Агар ин бор меомад ба дастам гардани мино,
Чу дурди май нахоҳам дошт дасти аз гардани мино.
Маро савдои ишқи ӯ зи хобу хур бароварда,
Сарамро муншии тақдир аз дафтар бароварда,
Барои куштани ман осмон маҳзар бароварда,
Ду субҳи содиқанд аз як гиребон сар бароварда,
Яди байзои соқӣ бо баёзи гардани мино.

Банди сеюми мусаммати мухаммаси мазкур бо назардошти мавзӯъ ва мазмуну мӯҳтаво ишқӣ буда, тавъам бо маю соқӣ идома мекунад, ки байтеро аз он метавон зикр намуд:

Чу донистам, ки гаштам ошиқу шайдои бетобаш,

Ба бедорӣ тавонам дид он маҳро на дар хобаш…

Тозакорӣ дар шакл аз он иборат аст, ки дар банди чаҳорум тахаллуси адиб ба ҳайси радифи мураккаб оварда шудааст. Албатта, ин ҳолат ҳам таъкиди маъно ва ҳам бори ғоявӣ бардоштани унсури шаклӣ ва ниҳоят таъмини оҳангнокӣ дар бандро низ дорад:

Ба куфри зулфи ҷонон тоза шуд имон маро, Соиб,
Нигоҳи гарми оташ мезанад дар ҷон маро, Соиб,
Ду мисраъ дилнишин афтод дар девон маро, Соиб,
Ду чиз афтод хуш аз базми майхорон маро, Соиб,
Зи по афтодани соқӣ, ба сар ғалтидани мино.

Мусаммати мухаммаси мазкур хеле ҳунармандона эҷод шудааст. Ҳолати хеле табиии соқӣ, ҷом, мино, ошиқ, маҳбуба ва ҷузъиёти дигари марбути он басо ҳунармандона, мушоҳидакорона ва устодона ба тасвир гирифта шудаанд. Ҳадаф висол ва хушгузаронии умр буда, баҳрабардорӣ аз ҳаёт, ғанимат донистани рӯзгор шарти асосии он дониста мешавад. Ҳар чаҳор банди мусаммати мухаммаси зикршуда дар як вазн:

v - - - / v - - - / v - - - / v - - -
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

Ҳазаҷи мусаммани салим таълиф шудааст.

Ба ҳамин тариқ, дар девони шоир 8 мусаммати мухаммаси аз чаҳор то 7- бандӣ буда, дар маҷмӯъ 42 банд мебошанд ва 210 мисраъ ё ин ки 105 байтро ташкил медиҳанд. Ҳамаи мусамматҳои мухаммаси Соиб дар мавзӯъҳои ишқӣ, маю бода, баҳору зебоиҳои табиат ва ғайра эҷод шудаанд. Аз тарафи дигар, хеле сабук бошад ҳам оҳангҳои иҷтимоиро низ фаро гирифтаанд. Вале оҳангҳои хеле қавии иҷтимоӣ, ки дар ғазалиёти шоир дида мешаванд, дар мусамматҳои мухаммаси ӯ дучор намеоянд.

Чунончи, банди аввали мусаммати мухаммаси дуюми девонро барои намуна зикр менамоем:

Гаҳ ба ман теғи тағофул он парирӯ мезанад,
Гоҳам оташ бар ҷигар аз тундии хӯ мезанад,
Рӯ матоб, ай дил, агар теғ он ҷафоҷӯ мезанад,
Ҳар ки худро бар дами шамшери абрӯ мезанад,
Чун ҳилоли ид бар хуршед паҳлу мезанад.

Мусаммати мухаммаси мазкур дорои панҷ банд (басту панҷ мисраъ) буда, ишқист ва маҳбуба аз ҳама ҷиҳат (ҳам заҳиран ва ҳам ботинам) бартарӣ дорад. Маҳбуба ҷафоҷӯ, бераҳм, бемеҳр, пурноз, фохир, ношикебо, бадзабон аст. Ошиқ баръакс: ҷафокаш, шикебо, содиқ, ҳалим, ботавозӯъ, хоксор, хушмуомила, заҳматкаш мебошад.

Мусаммати мухаммаси зикршуда мураддаф (ридфи сода) ва дорои қофияи муқайяд буда, қофияҳо бо ҳарфи равӣ («ӯ») интиҳо ёфтаанд. Аз нигоҳи вазн бошад, ҳамаи бандҳо (5 банд) дар як вазн-Рамали мусаммани маҳзуф (баъзан мақсур) эҷод шудаанд, ки афоъили он чунин аст:

- v - -/ - v - - / - v - - / - v

- v - -/ - v - - / - v - - / - v ~

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё фоъилон.

Умуман, мусамматҳои мухаммаси Соиб аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво маҳдуд буда, асосан аз баёни ишқу исёнҳои қалбии инсон, васфи ҳусну ҷамоли маҳбуба, ситоиши маънавиёти маъшуқа ва якҷоя бо ҳолати ошиқ дар иртиботи масъалаҳои мазкур бо авзои замон ва ғайра иборат мебошад. Вале аз нигоҳи ҳунари эҷод дар сатҳи ғазалиёташ эҷод шудаанд. Ин ҷиҳат барои муайян намудани пояи шоирии Соиб хеле хуб мусоидат мекунад.

Қисмати асосии девони Соиби Табрезиро ғазал фароҳам овардааст. Албатта, чун ғазал ба забон гирифта мешавад, ҳатман ишқ фарорӯи инсон меистад. Мо аз ин ҷиҳат мавзӯи мазкурро дар ашъори Соиб хеле хуб эҳсос менамоем. Аз силки чунин ғазалҳо метавон ғазали зеринро чун намуна зикр намуд, ки тобиши хеле қавии фалсафӣ низ дорад, чунончи:

Зиҳӣ рӯят баҳори зиндагонӣ,
Ба лаълат зинда номи бенишонӣ,
Бадомӯзи ҳавас ошиқ нагардад,
Намеояд зи гулчин боғбонӣ.
Ба ҳарфи ишқ саргармам, ки бошад
Ҳаёти шамъ аз оташзабонӣ.
Ду зулфат шоҳроҳи лашкари Чин,
Ду чашмат хобгоҳи нотавонӣ.
Макун чун Хизр бар худ роҳро дур,
Ки наздик аст роҳи ҷонфишонӣ.
Шароби кӯҳнаву ёри кӯҳанро
Ғанимат дон чу айёми ҷавонӣ.
Агар ошиқ намебудем, Соиб,
Чи мекардем бо ин зиндагонӣ?!

Аз мӯҳтавои ғазали мазкур пайдост, ки мавзӯи марказии он ишқ буда, дар он васфи маҳбуба, ҷузъиёти зебоиҳои ҳусни ӯ, то андозае дур афтодани ошиқ ва тадриҷан ба ҳиҷрон гирифтор шуданаш, шикебоии ошиқ, нози маҳбуба, дурӣ ҷустани ӯ аз ошиқ, вале ин ҳамаро аз гардиши рӯзгор, аз ҳукми тақдир, аз печидагиҳои зиндагӣ дидани ошиқ ба назар мерасад.

Дар баробари ин ҳама, то ҳадде моҳияти андарзӣ гирифтани образи лирикии ошиқ ба мушоҳида мерасад, ки яке аз сифатҳои хеле нозуки сабки сухани Соиб, хосса услуби ғазалсароии ӯст.

Дар ашъори Соиб оҳангҳои тасаввуфию ирфонӣ низ хеле қавист, зеро боре сари ин масъала ӯро муосирин имтиҳон низ кардаанд. Нафаре аз шогирдон боре мисраи зеринро ба санҷиши устод мефиристад:

Аз шишаи бе май маи бешиша талаб кун,

Соиб фавран мисраи мазкурро чунин комил месозад:

Ҳақро зи дили холӣ аз андеша талаб кун.

Аз тарафи дигар, ӯ дар ин ҷода то ба ҳадде ба ашъори Ҷалолуддини Балхӣ, Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, Бобофиғонии Шерозӣ асосан рӯ овардааст ва чун дар ғазал пайгири ин тоифа аст, маълум

мешавад, ки табъу салиқаи солиму баланд дорад ва аз тарафи дигар, ирфону тасаввуф дар ғазали ӯ мақоми асосӣ дорад. Чунончи, дар ин ғазалиёти, ки дар пайравии Ҳофиз эҷод шудааст, мегӯяд:

То манзили ман бодияи бехабарӣ буд,
Ҳар мавҷи саробам ба назар болу паре буд.
Чун сарв дар ин боғ зи озодагии хеш,
Боре, ки маро буд ба дил, бесамарӣ буд.
З-он рӯз, ки шуд дидаи ман боз чу наргис,
Авроқи дилам сарфи парешонназарӣ буд.
Буд аз дами шамшер дами субҳи нишотам,
То ҷавшани довудии ман бехабарӣ буд.
Расвоии шамъ аст зи пироҳани фонус,
Дар парда сухан гуфтани ман пардадарӣ буд.
Аз аҷз чу шабнам нафитодем дар ин боғ,
Афтодагии мо гули равшангуҳарӣ буд.
Ёре, ки ғубор аз дили ғамдидаи мо бурд,
Беминнату бемузд насими саҳарӣ буд.
Чун партави хуршед, ки дар оина уфтод,
Аз умр ҳамин баҳраи ман ҷилвагарӣ буд.
Соиб, чӣ тавон кард ба таклифи азизон
В-арна тарафи Хоҷа шудан бебасарӣ буд.

Ғазали мазкур, ки хеле ҳунармандона эҷод шудааст, мураддафу муқаффо буда, аз нигоҳи вазн низ ҷолиб аст. ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф эҷод шудааст, ки аркони он чунин аст:

-- -- V I V -- -- V I V -- -- V I V -- – ё: V -- ~

яъне: мафъӯлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу фаъӯлун ё мафоъӣл.

Дар ғазали мазкур бевафоии дунё, назарфиребии он, гузашти умр мисли лаҳзае нигаристан ба оина таъбир карда мешавад, ки ҳадаф ҳушдор додан аз тағофул варзидан мебошад. Гузашти умри ройгон монанд ба чизест, ки ба дами шамшер мувоҷеҳ мегардад ва аз раҳоӣ дигар илоҷу чорае надорад ва ҳадафи эҷодкор он аст, ки барои баҳра бардоштан аз умр, аз зиндагӣ кореро метавон интихоб кард, роҳеро метавон пеш гирифт, то ин ки дар охир лабу ангушти ҳайрат нагазӣ. Яъне ин роҳи ирфон, маърифати Ҳақ мебошад.

Дар таълимоти ирфонии ӯ роҳи мазкур роҳи камолот, роҳи мукаммалӣ ва ҷавонмардона аст, ки агар зарра ба он макон худро расонад, зарра нахоҳад монд ва ё шабнам агар комёб шавад, офтоб хоҳад гашт:

То дида маҳви рӯи ту шуд, комёб шуд,
Шабнам ба офтоб расад, офтоб шуд.
Як чашм хоби талх ҷаҳон дар бисот дошт,
Он ҳам насиби дидаи шӯри ҳубоб шуд.
Аз шарми зулфу рӯи ту дар нофи оҳувон
Сад бор мушк хун шуду хун мушки ноб шуд.
Аз рафтани ҳубоб чӣ парвост баҳрро,
Ишқи туро аз ин чӣ ки олам хароб шуд.

То чеҳраи ту дар арақи шарм ғӯта зад,
Ҳар орзу, ки дар дили ман буд, об шуд.
Оби ҳаёти Хизр гилолуди миннат аст.
Хуш вақти ташнае, ки диёри сароб шуд.
Соиб зи файзи ҷозибаи ишқ оқибат,
Бо офтоб зарраи ман ҳамрикоб шуд.

Агар каме амиқтару дақиқтар зеҳн монда шавад, гумон карда мешавад, ки чанд байти аввали ғазали мазкур давоми мантиқии ғазали боло бошад. Зеро давоми он роҳ дар ин ғазал тавзеҳ дода мешавад.

Ғазали боло ишқӣ буда, ифодаҳои шоир, оҳангҳои дигари иҷтимоӣ: хоби талх, бисоти ҷаҳон, дидаи шӯри ҳубоб, шарми зулфу рӯ, сайри ҳубоб, харобии олам, арақи шарм, об шудани орзу, ҳамрикоби офтоб ва ғайра хеле сахт омезиш дода шудааст.

Дар тасвири ошиқона, ки васфи ҷузвиёти ҷамоли маҳбуба аст, бо ҷузъиётҳои пуртазоди ҳаёт ба қиёс гирифта мешавад.

Вале масоили ноҳамвори рӯзгорро бо печидагиҳои сершумори зиндагӣ ишқ мувофиқи мурод сохтааст.

Ғазал бо хусусиятҳои шаклӣ низ қобили қабул аст: он мураддаф буда, радифи сода (шуд) дорад, ки бори ғоявӣ бар ӯҳда дорад ва то андозае барои оҳангнокӣ ба қофия низ таҳким мебахшад.

Қофияҳои ғазали боло муқайяд буда, бо ҳарфи равӣ - «б» интиҳо ёфтаанд.

Ғазал дар баҳри Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф эҷод шудааст, ки афоъили он чунин аст:

\- - v/ - v - v / v - - v / - v -

яъне: мафъӯлу фоъилоту мафоъилу фоъилун.

Дар баробари мавзӯъҳои ишқӣ, маю мусиқӣ, баҳору васфи табиат ва ғайра дар ғазалиёти Соиб мавзӯъҳои дигар: дӯстию рафоқати инсонҳо, дастгирии ҳамдигар, ёрӣ ба дармондагону бечорагон, ҳимояи аҳли меҳнату фуқаро, васфи илму дониш, хираду ақл, маърифату маънавиёт, мувофиқати қавлу амал, гуфтору кирдор ва ғайра манзур мегардад. Дар баробари ин амалу кирдорҳои зишт, қабоҳати инсонӣ, авомфиребиву мардумозорӣ, танбалию пурхӯрӣ, хобу хашм, бадтинатию сиёҳдилӣ, муфтхӯриву дилозорӣ, такаббуру ҳавобаландӣ, худхоҳиву худписандӣ, ғаммозиву ҷоҳилӣ, дунҳиммативу пасттинатӣ, мумсикиву бахилӣ, золимпешагиву ҳақимардумхӯрӣ, ҷафокориву бепарвоӣ ва ғайраро сахт ба зери танқид мегирад. Ба ин маънӣ, ки шахси пастҳиммат ба сарманзили мақсуд нахоҳад расид, мегӯяд:

Ба ҳеч ҷо нарасад ҳар кӣ ҳимматаш паст аст,
Пари шикаста хасу хори ошёна шавад.

Ҳол он ки агар шахс ҳимматбаланду саховатманд бошад, барояш дар ду олам мушкилие садди роҳ нахоҳад шуд. Ӯ мегӯяд:

Ба ҳиммат метавонӣ қатъ кардан осмонҳоро,
Чаро бо ин чунин теҷе ниҳон зери сипар бошӣ?

Яке аз хусусиятҳои хеле муҳимми лирикаи Соиб ва хусусан, ғазалҳои ӯ он аст, ки дар ғазал аз саромадони он Ҷалолуддини Балхӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Урфии Шерозӣ, Бобо Фиғонии Шерозӣ, Назириву Файзӣ ва дигарон ба некӣ ёд мекунад, нозукиҳо ва латофату лаҳни сухани онҳоро хеле хуб омӯхтааст ва аз ин рӯ, ҳамин ҷиҳат аз баландии табъу тавоноии шоир Соиб гувоҳӣ медиҳад.

Ба ин маънӣ, донишманди Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-аҷам» қазоват мекунад, ки: «Соиб, агарчи тамоми устодону ҳамасронашро ба адаб ёд мекарда, лекин ба баъзе асотиди (устодҳои) сухан ниҳоят ақидаманд будааст. Зиёда аз ҳама, ба Хоҷа Ҳофиз иродат меварзад ва ин далели умдаест бар завқи салими ӯ…»

Соиби Табрезӣ дар ғазалҳои ҷавобия низ қавипанҷа аст. Аввал ин, ки ӯ ба ғазалиёти ғазалсароёни дараҷаи аввали таърихи адабиёт даст мезанад ва ҷавобияҳое рӯи кор меорад, ки агар аз ғазали аввал баланд набошад, паст ҳам нест. Масалан, яке аз ғазалсароёни хеле маъруф - Бобо Фиғонии Шерозӣ ғазале дорад бо матлаъи зерин:

Ба бӯят субҳдам нолон ба гулгашти чаман рафтам,
Ниҳодам рӯй бар рӯи гулу аз хештан рафтам…

Соиби Табрезӣ ба ин ғазал чунин ҷавобия дорад:

Ба бӯят субҳдам гирён чу шабнам дар чаман рафтам,
Ниҳодам рӯй бар рӯи гулу аз хештан рафтам.

«ташбеҳи шабнам шеърро рӯҳ дода ва даъвиро комилан собит кардааст».

Яке аз далелҳои осори пешиниён ва хосса ашъори гузаштагонро хеле нозук донистани Соиб он будааст, ки ӯ аз ашъори бузургон дар шакли мунтахаб баёзе мураттаб намуда будааст ва албатта, барои он ки ин корро сомон бидиҳад, ашъору девон ва куллиёти бисёр саромадони суханро такрор ба такрор санҷидаасту мутолиа намудааст ва бешубҳа, ин кор бетаъсири мусбат нест. Зеро баёзи мураттабнамудаи Мирзо Муҳаммадалии Соиб дорои бисту панҷ ҳазор байт буда, беш аз ҳаштсад нафар шоирро фаро гирифтааст.

Соиб аз шуарои гузашта, чунон ки қаблан зикр шуд, ба Шайх Саъдии Шерозӣ ва махсусан ғазалиёти ӯ таваҷҷӯҳи махсус дорад, чунончи: байти Саъдӣ:

Қиёмат мекунӣ, Саъдӣ, бад-ин ширин сухан гуфтан,
Мусаллам нест тӯтиро дар айёмат шакархоӣ.

Аз Соиб:

Дар ин айём шуд хатми сухан бар хомаи Соиб,
Мусаллам буд, гар з-ин пеш бар Саъдӣ шакархоӣ.

Дар ғазалиёти Соиб ишқи байни инсонҳо, шӯру валвалаҳои қалбии инсонӣ, ҳиссиёти латифи одамӣ, нози ошиқу истиҷнои маҳбуба, тараннуми муҳаббати поки ошиқон хеле мавқеъ дорад. Ӯ дар ин ҷода аз пешиниён ба ашъори Саъдӣ бештар рӯ меорад. Тафовути тасвири Соиб дар он аст, ки дар ин ҷо ҷолибан байтҳои ғазал ҷанбаи ирсолимасалӣ мегиранд. Масалан, ба ин ғазали Соиби Табрезӣ зеҳн монед:

Онро, ки чашми масти ту беихтиёр кард,

Осудааш зи пурсиши рӯзи шумор кард.
Раҳме накард бар ҷигари оташини мо,
Машшотае, ки лаъли туро обдор кард.
Нагзошт чашм боз кунад дил ғубори чашм,
Ин гарди шӯхчашм чӣ бо ин савор кард.
Аз дил мапеч рӯй, ки шаккарсухан нашуд,
Ҳар тӯтие, ки пушт бар оинадор кард.
Беинтизор домани хуршедро гирифт,
Чун шабнам он ки оинае беғубор кард.
Дар коми шер бистари роҳат фикандааст,
Ҳар кас, ки хоби амн дар ин рӯзгор кард…
Ин он ғазал, ки Саъдии Шероз гуфтааст,
«Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард».

Аҷоибии баёни Соиб ҳатто дар лирикаи сирф ишқӣ он аст, ки баёни ӯ тамоман тобиши иҷтимоӣ мегирад ва дар девони Соиб шеърро, ки дур аз оҳангҳои иҷтимоӣ бошад, пайдо намудан муяссар намегардад. Ишқи ӯ муҳаббати андарзомез аст, ки аз ноҳамвориҳои зиндагӣ, печутобҳои рӯзгор, пастиву баландиҳои ҳаёт, шебу фарозҳои умр, гиру дорҳои олами инсонӣ, дороиву нодороҳо маншаъ мегирад, сарчашма пайдо мекунад. Намунаи қазовати боло ғазали зерини Соиб метавонад бошад:

Соқӣ аз ҷоме агар хотири мо шод кунад,
Беҳ аз он аст, ки сад майкада обод кунад.
Чашми хуфтаст ғизоле, ки надорад шӯхӣ,
Ману он сайд, ки хун дар дили сайёд кунад.
Охир, ай подшаҳи ҳусн, чӣ инсоф аст ин,
Ки дар айёми ту ишқ ин ҳама бедод кунад.
Ёди айёми ҷунун бар сари ман борад санг,
Кӯдаконро чу зи мактаб касе озод кунад.
Мотами воқеии Лайливу Маҷнун дорад,
Ҳар дарое, ки дар ин бодия фарёд кунад.
Бар забонаш ба ҷуз аз номи худо н-ояд ҳеч,
Ҳар ки наззораи он ҳусни Худодод кунад.
Хандаи кабк шавад нолаи хунин, Соиб,
Бесутун ёд чу аз рафтани Фарҳод кунад.

Ғазали мазкур низ ишқӣ буда, бо қавитарин оҳангҳои иҷтимоӣ қобили вуқӯъ шудааст, ки танҳо як ишораи сабуке метавон бар мӯҳтавои он намуд, то ҳадафи эҷодкор ошкортар гардад. Масалан, дар кӯтоҳтарин муддат, ки хуршед ба шабнам рух намуд, шабнам бо хуршед гӯё мепайвандад. Яъне бухор шуда ба ҳаво меравад. Вале ойинаи беғубори шабнам ҳамин маъниро дорад, ки шабнам болои чизе афтода бошад, аз сабаби софу пок буданаш, ранги ҳамон предметро мегирад. Яъне бо ӯ муқобилу мухолиф нест ва ғайра.

Хусусиятҳои шаклии ғазал низ хубу ҷолиб аст, зеро мураддаф (радифи сода) ва муқаффо буда, зеро қофияҳои он муқайяд аст, зеро бо равӣ (ҳарфи «р») интиҳо мёбад. Бори ғоявӣ дар ғазали боло бештар бар ӯҳдаи радиф қарор гирифта, ҳадафи қофия таъкиди маъно ва таъмини

оҳангнокӣ мебошад. Аз нигоҳи вазн низ ғазали зикршуда ҷолиб аст. Ғазал дар баҳри Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (ё мақсур) эҷод шудааст, ки афоъили он чунин мебошад:

- - v / - v - v / v - - v - / v ~

яъне: мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилон.

Замони Соиб низ мисли асрҳои пешина асри ғазал, айёми ғазал, замони ғазал буда, рушду инкишофи навъи адабии мазкур қонуниятҳои инкишофи адабиёти бадеиро то андозае муайян намудааст. Аз ин рӯ, як хусусияти ғазали Соиб, ғазалсароии ӯ ва адабиёти даврони ин шоири баландпоя аз доираи лирикаи сирф ишқӣ берун баромада, ба масъалаҳои рӯзгору зиндагӣ, ба ҳаёти ҷомеъа пайвастани ғазал аст ва ин ҷанбаъ пас аз асри XIV, пас аз Хоҷа Ҳофиз рӯи кор омадааст. Ба андешаи мо, ин тамоил махсусан тавассути ашъори Соиб ривоҷу равнақ пайдо намуда, боиси таваҷҷӯҳи муосирони шоир ва аҳли қалами минбаъда низ шудааст.

Беш аз ин гуфтан мумкин аст, ки ин хусусияти лирикаи ишқӣ, яъне дахолату фарогирии иллату нуқсонҳои рӯзгор ва танқиди он яке аз ҷиддитарин таҳаввулот дар таърихи инкишофи навъи адабии ғазал буд, ки тавассути ашъори Соиб ҳукми суннатӣ касб кард. Чунончи:

Эмин аз душмани хомӯш шудан мумкин нест,
Хатари роҳравон аз саги ғофилгир аст.

Ё ин ки:

То шавӣ чашму чароғи ин ҷаҳон чун офтоб,
Пӯшиши ҳар тангдасту фарши ҳар вайрона бош.

Шоир онҳоеро, ки аз номи падар, мансабу кори ӯ ифтихор доранд, сахт коҳиш мекунад. Ба қавли ӯ, бояд худи шахс боиси паҳн гардидани шӯҳрати хеш дар рӯзгор бошад:

Гавҳарнамои ҷавҳари зотии хеш бош,
Хокаш ба сар, ки зинда ба номи падар бувад.

Соиб аз шуарои қаблӣ таҷрибаи хислатҳои ҳамидаи инсониро аз қабили: халқдӯстӣ, некӯкорӣ, мардумнавозӣ, илмдӯстӣ, ҳунаромӯзӣ, ёрӣ ба дармондагону ниёзмандон, нафърасонӣ, хоксориву фурӯтанӣ, шикастанафсиву нармдилӣ, дурандешиву олиҳиммативӣ, саховатмандиву хайрхоҳӣ, меҳнатқаринию суботкорӣ, шикебоию бурдборӣ ва ғайраро пазируфта, онро бо тобишҳои нав пешкаши мардум намудааст:

Дона беҳтар дар замини нарм боло мекашад,
Сарфарозӣ бештар, чун хоксорӣ бештар.

Ё ин ки:

Шабнам ба офтоб расид аз фитодагӣ,
Бингар, ки аз кӯҷо ба кӯҷо метавон расид.

Ва ё:

Даъвии дониш бувад, Соиб, ба нодонӣ далел,
Ҳар ки нодон мешуморад хешро, донотар аст.

Ё ки:

Хоксорӣ на биноест, ки вайрон гардад,
Селҳо оҷизи кӯтоҳии ин деворанд.

Аз ин рӯ, Ҳазрати Соиб ба ин масъалаҳо ақидаи хоссаи худро дорад ва агар оддитар карда гӯем, ӯ дар ин ҷода истиқлоли андеша дорад. Ба андешаи ӯ:

Пок кун аз ғайбати мардум даҳони хешро,
Ай, ки аз мисвок доим мекунӣ дандон сафед.

ва аз ин рӯ ғайбатро сарчашмаи аъмоли бад меҳисобад. Ба назари шоир, махсусан забонро бояд эҳтиёт кард, зеро бурротарин шамшер аст, ки дигар ба ҳам намеояд:

Ҳар киро теғи забон нест ба фармон, Соиб,
Оқибат куштаи шамшери забон мегардад.

Дигар аз қавитарину муҳимтарин хусусиятҳои лирикаи Соиб ҷанбаи андарзӣ, моҳияти мавъизатӣ касб намудани он аст. Албатта, ин яке аз хусусиятҳои сабки ҳиндӣ буда, маҳз тавассути ашъори Соиби Табрезӣ тақвият пайдо намуд. Чунончи:

Умр рафту хор-хораш дар дили бетоб монд,
Мушти хошоке дар ин вайрона аз селоб монд.
Иқди дандон дар канорам рехт аз тори нафас,
Риштаи хушке зи чандин гавҳари ноёб монд.
Танпарастӣ фурсати молидани чашме надод,
Рӯи матлаб дар ниқоби пардаҳои хоб монд.
Дил зи беишқӣ даруни синаам афсурда шуд,
Доғи ин қандили равшан дар дили меҳроб монд.
Ақл аз кори дили саргашта сар берун набурд,
Дар дили баҳри вуҷуд ин қатраи ноёб монд.
Корвони Юсуф аз Канъон ба Миср овард рӯй,
Давлати бедор рафту пои мо дар хоб монд.
Аҳли дарде, Соиб, аз олам дучори мо нашуд,
Дар дили мо ҳасрати ин гавҳари ноёб монд.

Ғазали мазкур комилан ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ҳадаф ва муроди шоир пушаймонӣ аз умри барҳадар рафта ва тағофулварзӣ буда, қаҳрамони лирикӣ аз рӯзгори сипаришудааш пушаймон аст. Мақсад аз хор-хори умр ҳасрат аст, ки дар дил мондааст ва мурод аз селоб гузашти ноайёни рӯзгор мебошаду мушти хошок ҷисми фарсудаи рӯзгордида. Шоир ҷузъиёти ин тасвирро низ хеле таъсирнок баён кардааст: риштаи истеҳкоми лаззатҳои моддӣ – дандонҳо, фарсудашавии риштаи гавҳарҳо ва гусастани он-рехтани дандонҳову холӣ мондани даҳон. Ҳадаф аз танпарастӣ – ҳавою ҳавасҳо, неъматҳои инҷаҳонист, ки ҷӯяндагонаш мунтаҳо пушаймонанд. Вале чӣ илоҷ?

Мақсад аз дили беишқ-фармудаҳои нокарда ва акнун он ҷисми афсурдаи қафаси сина доғи қандилест, ки танҳо ҷойро холӣ кардаасту осораш (доғаш) пайдост.

Аз сабаби ин ки мо аз аҳли дард-ҳабибони Ҳақ дур мондем, пас аз ин гавҳари ноёб-файзи эшон баҳравар нагаштем. Аз ин рӯ, мо ҳасратзадагонем.

Ғазал радифдор (радифи сода-монд), дорои қофия (қофияҳои муқайяд) буда, ҳар кадом ба ҷуз аз вазифаи адабӣ-бадеӣ, инчунин бори ғоявӣ бар ӯҳда доранд. Ғазал дар баҳри Рамали мусаммани мақсур эҷод шудааст ва

аз ин ҷост, ки моҳияти панду андарзӣ дорад. афоъили ғазали мазкур чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~
- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилон.

Ҳатто аз ҳамин ғазали зикршуда ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки лирикаи ишқӣ тавассути ашъори Соиби Табрезӣ ҷанбаи бисёр қавии иҷтимоӣ-эътирозӣ касб намудааст ва он қариб ба кулли ашъори шуарои ин аҳд ва хосса Соиб хос аст. Чун Сайидо, ки яке аз пайравони Соиб аст ва пайравии ӯ ба эҷодиёти Соиб бесабаб нест, ин мавзӯъҳоро ба олитарин дараҷа расонидааст. Ин аст, ки Соиб мегӯяд:

Дар коми аждаҳо наравӣ то ҳазор бор,
Соиб, гули мурод начинӣ зи рӯи ганҷ.

Ё худ:

Аз тири оҳи мазлум золим амон наёбад,
Пеш аз нишона хезад аз дил фиғон камонро.

Ва ё:

Гиряи шамъ аз барои мотами парвона нест,
Субҳ наздик асту дар фикри шаби тори худ аст.

Соиб, дар баробари васфи хислатҳои ҳамида, дар ҳамин поя сифатҳои разилаи инсониро сарзаниш мекунад ва аз ҷумла ӯ худхоҳиву танпарварӣ, фиребгарию ҷоҳилӣ, нодонию мардумозорӣ, суханчинию авомфиребӣ, бодахориву бадмастӣ, кибру ғурур, такаббуру худписандӣ, дурӯғгӯиву ғайбаткунӣ, зиёнкориву фисқу фуҷур, бепарвоиву бӯҳтонкорӣ, ғафлатварзиву ҳақимардумхӯрӣ, тамаъкориву дунҳимматӣ, сифлагиву беҳаёӣ ва ғайраро сахт накӯҳиш намуда, боиси ҳама гуна футуру пастравиҳо гардидани ҷомеъаро таъкид менамояд, ки дар сифатҳои зикршуда мебошад:

Садои оби равон хобро гарон созад,
Зи хушнамоии умр аст хоби ғафлати мо.

Ва ё:

Дар номаи мо ҳарфи насанҷида набошад,
Аз ҷайби садаф суфта барояд гуҳари мо.

Услуб ва сабки баёни Соиб

Сабки сухани Соиб дорои ду ҷанбаъ аст. Шеваи эҷоди шоир, тарзи гуфтору услуби баён, ҳунари таълифи ӯ аз нигоҳи фардияти эҷодӣ хоси худи ӯст. Яъне ҳамоно ҷанбаи ҳаётӣ, оҳанги воқеӣ-реалистӣ гирифтани лирикаи ишқӣ пас аз Саъдӣ дар шеъри ин симои эҷодӣ ба назар мерасад. Ҷузъиёте, ки дар сухани ӯ ҳангоми арзи матлаб ва тасвири ҳолат ба назар мерасад, воқеӣ, мушаххас, дастрас, ҳаётӣ мебошад. Ин ҳолат пеш аз ҳама, аз муносибати қаҳрамони лирикӣ ба воқеият замина мегирад. Аз ин рӯ, қаҳрамони лирикии ӯ ғолибан дар такопӯю тараддуди рӯзгор баҳри дарёфти ризқу рӯзӣ, баҳри нафъи мардум аст. Ӯ орзую ҳавас, хоҳишу таманнои муосирони хешро дар рӯзгор дарк намуда, барои татбиқи он ҳаддалимкон мусоидат мекунад:

Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,

Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.

Дар ин байт калимаҳои ифодагари ҳадаф: об, оташ, худ, афкандан, равшанӣ, кор, мардум, шамъ калимаҳои ҳаётию ҳаррӯзаи рӯзгори инсони меҳнаткашу хайрхоҳ аст. Ба андешаи мо, низоъҳо, тазодҳо, конфликтҳо, бархӯрдҳо, зиддиятҳо ва гиру дорҳои байтҳо, мисраъҳо, бандҳо ва ғазалу жанрҳои дигари девони Соиб аз таносуби фикрии шоир, қиёси шахсият ва ҷомеъа, муҳити зист ва фард сар мезанад, ки ба ин восита истиқлоли ақоид, фардияти андешаи эҷодкор мушоҳида карда мешавад.

Бо назардошти бардоштҳои ғоявию бархӯрдҳои мафкуравӣ фардияти сабки Соиб ва услуби эҷодии ӯ муайян карда мешавад.

Яке аз ҷанбаъҳои ҳунарии Соиб дар ин ҷода кор гирифтан аз тамсил аст, ки дар ғазали ӯ мисраъҳо, байтҳо, дар маҷмӯъ ҳамин гуна хусусият дорад. Гумон меравад, ки шоир аз мақолу зарбулмасалҳо ба таври фаровон кор гирифтааст, вале дар ҳақиқат чунин ҳам ҳаст. Беш аз он ин мисраъҳо, байтҳоро худи шоир сохтааст, эҷод кардааст, ки хусусияти ирсолимасалӣ ё ирсолимасалайнӣ доранд. Чунончи:

Ба матлаб мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста,
Зи дарё мекашад сайёд дом оҳиста-оҳиста.
Ба Мағриб метавонад рафт дар як рӯз аз Машриқ,
Гузорад ҳар кӣ чун хуршед гом оҳиста-оҳиста.
Ба ҳамворӣ баландӣ ҷӯ, ки теғи кӯҳро орад,
Ба зери пой кабки хушхиром оҳиста-оҳиста.
Зи тадбири ҷунуни пухта кори ақл меояд,
Ки Маҷнун оҳувонро кард ром оҳиста-оҳиста.
Ҳамон маънист бар ҳусни мадори ҳуҷҷати нотиқ,
Ки тӯтӣ мешавад ширинкалом оҳиста-оҳиста.
Агарчи ришта аз тори гуҳар бечону лоҷар шуд,
Кашид аз мағзи гавҳар интиқом оҳиста-оҳиста.
Машав аз зердасти хеш эмин дар тиҳидастӣ,
Ки хуни шишаро нӯшид ҷом оҳиста-оҳиста.
Дилам аз оҳ, мегуфтам шавад холӣ, надонистам,
Ки печад бар саропоям чу дом оҳиста-оҳиста.
Ба шаккарханд аз он лабҳои хушдашном қонеъ шав,
Ки хоҳад талх гардид ин мудом оҳиста-оҳиста.
Агар номи баланд аз чарх хоҳӣ, сабр кун, Соиб,
Зи пастӣ метавон рафтан ба бом оҳиста-оҳиста.

Дар сабки шеъри Соиб печидагии маъно, таваҳҳумии тасвир, баёнҳои зеҳнӣ қариб, ки дида намешавад. Шеъри ӯ шеъри пандомез, ҳикматомез, мавъизатомез, андарзнома аст.

Албатта, аз мақолу зарбулмасалҳо низ бархурдор ҳаст, вале ғолибан ихтирои худи эҷодкор аст.

Дар шеъри ӯ қофия ва радиф мавқеъ дошта бошанд ҳам, нуфузи радиф бештар аст.

Лексикаи истифодакардаи Соиб бештар воқеӣ, оммафаҳм, мушаххас ва рӯзгорӣ буда, шакли мураккаби калимаҳо бештар аст, ки ғолибан худи Соиб сохтааст.

Дар ашъори шуарои ин сабк ва хосса Соиб, асосан санъатҳои маънавӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд, зеро шеъри ин аҳд асосан шеъри маънӣ буда, ба лафзбозӣ чандон эътибор дода намешавад.

Соиб ва шуарои дигари муосиру минбаъда

Таъсири Соиб ба адабиёти давр ва баъд аз асри ӯ хеле бузург аст. Шоири мутафаккир ин нуктаро худаш низ ҳис кардааст, ки ҷое мегӯяд:

Маҳв кай аз сафҳаи дилҳо шавад осори ман,
Ман ҳамон завқам, ки меёбанд аз гуфтори ман.

Ашъори Соиб, ки саропо ҳикмату андарз, панду мавъизат, насиҳату тарбият ва дарси ҳаёту зиндагӣ, таълими рӯзгору таҷрибаи умр аст, ба адабиёти асри адиб ва ба адабиёти минбаъдаи халқҳои Эрон, Осиёи Миёна, Ҳиндустон, Афғонистону Туркия ва халқҳои дигари порсигӯ таъсири фаровон намудааст.

Яке аз пайравони ҷиддии Соиби Табрезӣ дар Осиёи Миёна шоири ҳунарманд-Миробид Сайидои Насафӣ аст, ки тибқи тадқиқи муҳаққиқон, Сайидо ба беш аз чиҳил ғазали Соиб мусаммати мухаммас бастааст. Яъне мусаммати мухаммаси тазмин бар ғазали Соиб мебошад. Таъсири ашъори Соиб ба ашъори Калим, Носиралӣ, Шавкати Бухороӣ ва бисёр дигарон хеле бузург аст.

Умуман заминаи бунёдии ашъори Соиби Табрезиро шеъри ҳикмат, ашъори пандомез фароҳам меорад ва асоси ин шеър ҳамоно таносуби сухан, ирсоли масалу масалайн ва тазоду муқобала мебошад. Шеъри мазкур ҷанбаи фалсафаи амалии ашъори Соибро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, ашъори Соиб дар бедории мафкуравии мардум, дар ҷунбишҳои зеҳнии халқ, дар худшиносии омма нақши босазо дорад, зеро бардоштҳои фикрӣ, бархурдҳои ақлонию зеҳнӣ боиси бедории фикрӣ ва хештаншиносии омма хоҳад шуд.

Савол ва супоришҳо:

1. *Овони ҷавонӣ ва илмомӯзии Соиб чӣ гуна гузаштааст?*
2. *Соиб кай ва дар кадом доираи адабӣ унвони ифтихории Маликулшуароиро сазовор шудааст?*
3. *Интиҳои рӯзгори Соиб дар кадом шаҳрҳо сипарӣ шудааст?*
4. *Сохту таркиби «Девон»-и Соибро шарҳ диҳед.*
5. *Хусусиятҳои алоҳидаи лирикаи ишқии Соиб дар чист?*
6. *Мавзӯъҳои асосии лирикаи Соиби Табрезӣ аз чиҳо иборатанд?*
7. *Мазмун ва мундариҷаи мусамматҳои мухаммаси Соибро шарҳ диҳед.*
8. *Хусусиятҳои шаклии мусамматҳои мухаммаси Соибро баён кунед.*
9. *Мавқеи ғазал дар «Куллиёт»-и Соиб чӣ гуна аст?*
10. *Ӯ дар ғазал бештар ба киҳо пайравӣ кардааст?*
11. *Мавзӯи ғазалиёти Соиби Табрезӣ кадомҳоянд?*
12. *Хусусиятҳои фарқкунандаи ғазалиёти Соибро номбар кунед.*
13. *Кадом санъатҳои бадеӣ дар ашъори Соиб бештар истифода шудаанд?*
14. *Таъсири эҷодиёти Соиб ба адибони давр ва минбаъда чӣ гуна аст?*
15. *Кадом шоирони Мовароуннаҳр ба ғазалиёти Соиб тазмин бастаанд?*
16. *Ҷонишинҳои таъинӣ ва манфиро дар ғазалҳои Соиби Табрезӣ ёбед ва ба дафтаратон нависед*.

ҲАРФИ РАВӢ ВА ҚОФИЯИ МУҚАЙЯДУ МУТЛАҚ

Вобаста ба ҳарфи равӣ, қофия ба ду навъ ҷудо мешавад: к о ф и я и м у қ а й я д ва қ о ф и я и м у т л а қ.

Дар илми бадеъи классикӣ қофияеро, ки ҳарфи р а в ӣ бо ҳарфи в а с л начаспидааст, қофияи муқайяд меноманд. Ба таври дигар гӯем, қофияи муқайд қофияест, ки охирин ҳарфи он равист ва баъди он ҳарфи дигаре наомадааст. Мисол:

Касе нест бе озу ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг. (Фирдавсӣ)

Дар ин байт калимаҳои «нанг»-у «ҷанг» қофияи буда, ҷузви «-анг» р е ш а и қ о ф и я аст. Мувофиқи қоидаи илми қофия садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳамсадои «н» қ а й д ва ҳарфи «г» р а в и с т. Азбаски қофияи ин байт бо ҳарфи равӣ ба охир расидааст ва баъди он ҳарфе наомадааст, онро қофияи муқайяд (басташуда, ишкел кардашуда) меноманд. Агар дар қофия ҳарфи равӣ бо ҳарфи в а с л часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад, чунин қофияро қ о ф и я и м у т л а қ меноманд. Мисол:

Мардони қабила рахт бастанд
В-аз арса ҳаме берун нишастанд.

Дар ин байт калимаҳои «бастанд» ва «нишастанд» қофия буда, ҷузви «-астанд» решаи қофияро ташкил медиҳад. Дар ин решаи қофия садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳарфи «с» қайд, ҳарфи «т» р а в и и м у т - л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л, ҳарфи «д» х у р ӯ ҷ мебошад.

Чи тавре ки мебинед, дар қофияҳои байти боло – «бастанд» ва «нишастанд» баъди ҳарфи равӣ – «т» боз як садоноку (ҳаракату) ду ҳамсадо омадааст. Пас, ин қофия қофияи мутлақ аст.

Ҳарфҳои қофияи муқайяд инҳоянд: **таъсис, дахил, ридф (**ридфи муфрад ё аслӣ, ридфи мураккаб ё зоид), **қайд** ва **равӣ**. Яъне ҳарфҳои қофияи муқайяд ҳарфҳоеанд, ки ҳамеша пеш аз равӣ меоянд. Ҳоло ба таври мухтасар доир ба ҳар кадоми он маълумот медиҳем.

Таъсис калимаи арабист, маънои луғавиаш бунёд гузоштан, асос гузоштан аст. Дар илми қофия яке аз ҳарфҳои решагист. Таъсис садоноки дарози «о» («алиф»)-и пеш аз равӣ буда, ҳатман дар байни он ва равӣ бояд як ҳамсадою як садоноки кӯтоҳ воқеъ шавад. Садоноки «о»-ро барои он таъсис меноманд, ки он асоси қофияро ташкил медиҳад, яъне оғози ҳарфҳои қофия аз ҳамин ҳарф сар мешавад. Таъсис ҳамеша бо ҳарфи дахил меояд, ҳарфҳое, ки пеш аз таъсис меоянд, ба решаи қофия дохил намешаванд. Мисол:

Гарчи дарбастам дари мадҳу ғазал якборагӣ,
Зан(н) мабар, к-аз назми алфозу маъонӣ қосирам.
Балки дар ҳар навъ, к-аз акрони ман донад касе
Хоҳ ҷузве гир онро, хоҳ куле, моҳирам.
(Анварӣ)

Дар ин ду байти Анварӣ, ки дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст, калимаҳои «қосирам»-у «моҳирам» қофия, ҷузви «-

осирам»-у «-оҳирам» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «о» т а ъ с и с, ҳарфи «с» (дар қофияи дуюм ҳарфи «ҳ») д а х и л, ҳарфи «и» ишбоъ, ҳарфи «р» р а в и и м у т л а қ, ҳарфи «а» м а ҷ р о ва ҳарфи «м» в а с л аст.

Баъзе шоирон такрори таъсисро Дар қофияи шеър зарур намешуморанд. Мисол:

Ай лаъли ҷонфизоят нақди хазинаи дил,
З-он нақд нест моро ҷуз хуни дида ҳосил. (Восифӣ)

Калимаҳои «дил» ва «ҳосил»-и байти Восифӣ қофияи онро ташкил медиҳанд, калимаи «ҳ о с и л» таъсис дорад, аммо дар калимаи « д и л» таъсис иштирок надорад.

Ашъоре, ки дар қофияҳои онҳо ҳарфи таъсис истифода шуда бошад, хеле кам аст.

Дахил калимаи арабист, маънои луғавиаш далолаткунанда, баромада; ҳамроҳ, шарик аст. Дар илми қофия яке аз ҳарфҳои решагиеро гӯянд, ки ҳамеша дар байни т а ъ с и с ва р а в ӣ меояд. Мисол:

Фалак дар сояи барри ҳавосил,
Заминро парри тӯтӣ кард ҳосил. (Абулфараҷи Рунӣ)

Дар байти боло калимаҳои «ҳавосил» ва «ҳосил» қофия буда, ҷузви «-осил» решаи қофия аст. Дар ин решаи қофия ҳарфи «о» т а ъ с и с, ҳарфи «с» д а х и л, садоноки кӯтоҳи «и» и ш б о ъ ва ҳарфи «л» равии муқайяд аст.

Аксари шоирони адабиёти классики форс-тоҷик такрори ҳарфи дахилро дар қофия зарур намешуморанд. Агар такрори ҳарфи дахил дар қофияи шеър риоя шавад, онро аз муҳассаноти шеър ҳисоб мекунанд, зеро таъсир ва оҳангнокии каломи мавзун зиёд мегардад.

Дахил дар баъзе китобҳои адабиётшиносӣ бо номи ҳ о й и л низ дучор меояд ба ин хотир, ки байни т а ъ с и с у д а х и л гӯё ҷудоӣ афкандааст.

Ридф низ калимаи арабист, маънои луғавиаш паи ҳам даромадан, чизест, ки паси чизи дигар дарояд; тобеъи чизе буда, аммо дар илми қофия яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд, ки ҳамеша пеш аз равӣ меояд. Ридф ду хел аст.

1.Р и д ф и м у ф р а д ё аслӣ, ҳарфи садоноки дарозест, ки дар қофия пеш аз ҳарфи равӣ меояд. Ба таври дигар гӯем, садонокҳои дарози «о», «у», «ӯ», «ӣ» ва «ё» ба вазифаи ридф омада метавонанд.

Мисол:

Чашм агар ин асту абру ину нозу шива ин,
Алвидоъ, ай зуҳду тақво, алфироқ, ай ақлу дин.

Дар ин байт калимаҳои «ин» ва «дин» қофия буда, ҷузви «-ин» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия «и» ридфи муфрад ва ҳарфи «н» равии муқайяд аст.

2. Р и д ф и м у р а к к а б ё з о и д ҳарфи ҳамсадоест, ки дар байни ридфи муфрад ва равӣ меояд. Дар қавли муҳаққиқони адабиёти классикӣ, харфҳое, ки ба вазифаи ридфи мураккаб меоянд, шаштоянд: «н», «р», «с», «ш», «х» ва «ф». Пас, калимаҳои «бохт» бо «тохт», «сӯхт» бо «дӯхт», «бехт» бо «рехт», «корд» бо «орд», «мост» бо «рост», «дошт»

бо «пиндошт», «ёфт» бо «бофт», «кӯфт» бо «рӯфт», «фирефт» бо «шефт», «монд» бо «ронд» ҳамқофияанд ва ҳарфҳои «х», «р», «с», «ш», «ф» ва «н» ба вазифаи ридфи мураккаб омадаанд.

Шоире ин шаш ҳарфро ба таври зерин дар риштаи назм кашидааст:

Ридфи зоид шаш бувад, ай зуфунун,
«Хо»-ву «ро»-ю «син»-у «шин»-у «фо»-ву «нун».

Мисол:

Зи шоху зи лашкар саронро бихонд,
Сазовор бо ӯ ба ромиш нишонд. (Фирдавсӣ)

Дар ин байт, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур суруда шудааст, калимаҳои «бихонд» ва «нишонд» қофия буда, ҷузви «-онд» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «о» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «х» ридфи мураккаб (зоид) ва ҳарфи «д» равии муқайяд аст. Такрори ридфи мураккаб дар ҳамаи қофияҳо шарт аст.

Қофияе, ки дар решаи он ҳарфи р и д ф омадааст, қ о ф и я и м у р -д а ф меноманд, ва дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзиро низ м у р д а ф гӯянд.

Қайд калимаи арабист, маънои луғавиаш банд, занҷир буда, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии калимаи қофия аст, ки пеш аз ҳарфи равӣ омада бошад. Ба таври дигар гӯем, тамоми ҳарфҳои ҳамсадои забони тоҷикиро, ки пеш аз ҳарфи равӣ омадаанду пеш аз онҳо садонокҳои кӯтоҳ ҷой гирифтаанд, чун қайд истифода бурдан мумкин аст. Масалан, дар калимаҳои «сард» ва «нард» ҳарфи «р» қайд аст. Мисол:

Манеҳ дил бар ойини даври сипеҳр,
К-аз ӯ гоҳ кин зоиду гоҳ меҳр.

Дар ин байт, ки вазнаш Мутақориби мусаммани мақсур аст, калимаҳои «сипеҳр»-у «меҳр» қофия буда, ҷузви «-еҳр» решаи қофия мебошанд. Дар ин решаи қофия ҳарфи «е» ҳ а з ф, ҳарфи «ҳ» қ а й д ва ҳамсадои «р» равии муқайяд аст.

Агар пеш аз ҳарфи қайд садоноки дароз омада бошад, он ҳамсадоро қ а й д не, балки р и д ф и м у р а к к а б меноманд. Мисол:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биорост.
(Носири Хусрав)

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур) калимаҳои «хост» ва «биорост» қофия, ҷузви «-ост»-и ҳарду калима решаи он буда, садоноки дарози «о» р и д ф и м у ф р а д, ҳамсадои «с» р и д ф и м у р а к к б ва ҳарфи «т» р а в и и м у қ а й я д аст.

Мувофиқи таърифи қайд, ҳарфи «с»-и қофияи боло бояд қайд бошад, аммо дар ин ҷо ба вазифаи ридфи мураккаб омадааст, чунки пеш аз он садоноки «о», яъне р и д ф и м у ф р а д омадааст.

Аксари муҳаққиқони таърихи адабиёт такрори ҳарфи қайдро дар қофия шарт донистаанд. Фақат дар сурате такрори қ а й д р о зарур нашуморидаанд, ки агар ҳарфи р а в ӣ бо ҳарфи в а с л часпида бошад, яъне дар қофияи мутлақ такрори ҳарфи қайд шарт нест. Мисол:

Наврӯз даромад, ай Манучеҳрӣ,
Бо лолаи суруху бо гули ҳумрӣ.
Мурғони забонгирифтаро яксар
Бикшод забони сурию ибрӣ.

(Манучеҳрӣ)

Дар ин байтҳо (вазнаш – Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз) калимаҳои «Манучеҳрӣ», «ҳумрӣ» ва «ибрӣ» қофия, ҷузвҳои «-ҳрӣ», «-мрӣ» ва «-брӣ» решаи қофия буда, ҳарфи «р» р а в и и м у т л а қ, ҳарфи «ӣ» в а с л, ҳарфҳои «ҳ», «м» ва «б» қайд мебошанд, зеро ҳарфи равӣ бо ҳарфи васл пайваст шудааст. Ҳарфи қайд дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ хеле серистеъмол аст.

Равӣ низ калимаи арабист, аз решаи калимаи р и в о гирифта шудааст. Риво ресмоне бошад, ки бо он бори уштурро банданд. Дар илми қофия охирин ҳарфи решагии калимаи қофияро равӣ меноманд. Пас тамоми ҳарфҳои забони тоҷикӣ – ҳамсадо ва садонокҳои дароз (ба ҷуз садонокҳои кӯтоҳи «а», «и», «у») ба вазифаи равӣ омада метавонанд. Мисол:

Ба ёрони куҳан ёрӣ накардӣ,
Ҷафо кардӣ, вафодорӣ накардӣ.

(Камол)

Дар ин байти Камоли Хуҷандӣ, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф эҷод шудааст, калимаҳои «ёрӣ» ва «вафодорӣ» қофия, ҷузвҳои «-орӣ»-ю «ёрӣ» решаи қофия буда, ҳарфҳои «ё» ва «о» р и д ф и м у ф р а д (аслӣ), ҳарфи «р» р а в ӣ (р а в и и м у қ а й я д)[27], ҳарфи «ӣ» васл мебошанд. Равӣ ду хел аст:

1.Р а в и и м у қ а й я д (ба қайд омада, гирифтор, побанд), равиеро гӯянд, ки он бо ҳарфи в а с л начаспида бошад. Яъне қофия бо ҳарфи равӣ ба охир расидааст. Мисол:

Рӯят гули сероб нагӯем, чӣ гӯем?
Он лаб шакари ноб нагӯем, чӣ гӯем?

(Камол)

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур) калимаҳои «сероб» ва «ноб» қофия, ҷузви «-еб» р е ш а и қ о ф и я буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «б» равии муқайяд мебошад.

Мисоли дигар:

Зикри маҳ кардам шабе, рӯйи туам омад ба ёд,
Ёди шаб кардам ба маҳ, дил бо сари зулфат фитод.

(Камол)

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур) калимаҳои «сероб» ва «ноб» қофия, ҷузви «-об» р е ш а и қ о ф и я буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «б» равии муқайяд мебошад.

2.Р а в и и м у т л а қ (комил, пурра, тамом), равиеро гӯянд, ки он бо ҳарфи в а с л часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад. Мисол:

[27] Муқайяд – ба қайд афтода, гирифтор

Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,
Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.
(Ҳофиз)

Дар ин байт (вазнаш – Рамали мусаммани махбуни аслам) калимаҳои «дилшодам» ва «озодам» қофия, ҷузви «-одам» р е ш а и қ о -ф и я мебошанд. Дар ин решаи қофия ҳарфи «о» ***ридфи муфрад*** (аслӣ), ҳарфи «д» **равии мутлақ,** садоноки кӯтоҳи «а» **мачро,** ҳарфи «м» **васл** аст. Мисолҳо:

Ай дӯст, туро бар сари вақтам гузаре нест,
Аз ҳоли дили бехабаронат хабаре нест.
(Ҳасани Деҳлавӣ)

****

Ман ба бӯи ту ҳавохоҳи насими саҳарам,
К-ӯ зи бӯи ту хабар дораду ман бехабарам.
(Ҷомӣ)

****

Ки ҳайҳот, қадри ту нашнохтам,
Ба шукри қудумат напардохтам.
(Саъдӣ)

Дар байти якум калимаҳои «гузаре» ва «хабаре», дар байти дуюм калимаҳои «саҳарам» ва «бехабарам», дар байти сеюм калимаҳои «нашнохтам» ва «напардохтам» қофиянд, ки ҳарфи «р»-и қофияи байти якуму дуюм, ҳарфи «т»-и қофияи байти сеюм равии мутлақанд.

Такрори ҳарфи равӣ дар қофияи шеър шарт аст. Шеъреро, ки дар он ҳарфи равӣ истифода нашуда бошад, онро шеър намеҳисобанд.

Аз ҳарфҳои қофия **таъсис, дахил, ридф, қайд** ва аз ҳаракатҳои қофия **рас, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ** ҳамеша пеш аз равӣ ва васлу хурӯҷу мазиду нойира, мачро ва нафоз баъди равӣ меоянд.

Азбаски қофия бе ҳарфи равӣ вуҷуд дошта наметавонад, барои ҳамин муҳаққиқони таърихи адабиёт қофияро аслан аз як ҳарф иборат донистаанд. Ваҳиди Табрезӣ мегӯяд:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта инҳо дойира.
Ҳарфи *таъсису дахилу ридфу қайд*, он гаҳ *равӣ,*
Баъд аз он *васлу хурӯҷ* асту *мазиду нойира*.

Мисолҳо барои ҳарфҳои қофияи муқайяд:

Мисол барои ҳарфи равӣ:

Тозаву хуррам аст чун рухи ёр
Саҳни гетӣ зи рангу бӯи баҳор.
(Имомии Ҳиравӣ)

Мисол барои таъсис ва дахил:

Биё, ки турки фалак хони рӯза ғорат кард,
Ҳилол ид ба даври қадаҳ ишорат кард.
(Ҳофиз)

Мисол барои ҳарфи қайд:

Ғубори роҳ шав, то сарврафторон хиром оранд,

Бувад то гӯшаи чашми туро аз хок бардоранд.

(Ҳозиқ)

Савол ва супоришҳо:

1.Ҳарфи равӣ чист ва чанд хел мешавад?
2.Кадом навъи қофияро қофияи муқайяд меноманд?
3.Тафовути қофияи муқайядро аз қофияи мутлақ фаҳмонед.
4.Қофияи муқайяд аз кадом ҳарфҳо иборат аст?
5.Дар байти зер кадом навъи қофия вуҷуд дорад?

Наврӯзи бузургам бизан, ай мутриб, имрӯз,
Зеро ки бувад навбати Наврӯз ба Наврӯз.

(Манучеҳрӣ)

6.Ҳарфи таъсис бо дахил чӣ иртибот дорад?
7.Кадом ҳарфи қофия ба вазифаи равӣ омада метавонад?
8.Ридф чанд хел мешавад?
9.Маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии қайдро гӯед.
10.Ҳарфи қайд бо ридфи мураккаб чӣ муносибат дорад?
11. Дар байти зер кадом навъи ридф омадааст?

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биорост.

БЕДИЛИ ДЕҲЛАВӢ

Бедил, маро ҳарзасароӣ шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест.

Ҳаёт ва эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ

Бузургтарин шоир, мутафаккир ва нависандаи забардаст Мирзо Абдулқодири Бедил, яке аз он эҷодкоронест, ки на танҳо ба адабиёти давр балки ба ҷараёни минбаъдаи таърихи адабиёт низ ҳамаҷониба таъсир расонидааст. Бедили Деҳлавӣ соли 1644 дар шаҳри Азимободи вилояти Банголаи Ҳиндустон ба дунё омадааст. Баъдҳо ӯ дар қитъае роҷеъ ба санаи валодати хеш чунин ишораи судманд намудааст:

Ба соле, ки Бедил ба мулки зуҳур,
Зи файзи азал тофт чун офтоб.
Бузурге хабар дод аз мавлудаш,
Ки ҳам «файзи қудс» асту ҳам «интихоб».

Дар мисраи чаҳоруми қитъаи мазкур, ки моддаи таърих омадааст, агар адади ҳарфҳо тибқи ҳисоби абҷад гузошта шавад, соли 1054 ҳиҷрӣ ҳосил мешавад. Аз ин сана (1054) 32 тарҳ карда шавад, 1022 мемонад ва он бо 622 ҷамъ карда шавад, соли 1644 ҳосил мешавад, ки санаи володати Бедили Деҳлавӣ мебошад. Абдулқодир ном ва Бедил тахаллуси адабии шоир буда, унвони афтихории эҷодиаш Абулмаъонӣ мебошад. Бедил ба маънии дилдода, яъне ошиқ шарҳ дода шудааст. Падару бобоёни Бедил аз мардумони атрофи Самарқанд буда, аз сабаби нобасомониҳои авзои таърихии Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон рафта будаанд. Ба таркиби номи хешовандон ва номи худи шоир илова гардидани вожаи мирзо гувоҳи он аст, ки нафаре аз аҷдоди ӯ сардори бузург гузашта будааст. Гузаштагони Бедил аз тоифаи сипоҳиён будаанд.

Бедил дар овони тифлӣ аз падар ятим монда, тарбия ва таълими ибтидоиро аз модар гирифтааст. Ӯ дар 5-6 - солагӣ ба мактаб дода мешавад. Бедил, дар 7- солагӣ «Қуръон»-ро ҳифз намуд. Баъдтар илмҳои дигари замонаи хеш: сарфу наҳви арабӣ, мантиқу ҳикмат, фиқҳу калом, тафсиру ҳадис, адабиёт, тасаввуфу ирфон ва ғайраро комилан фаро гирифтааст. Устодони Бедил амакаш Мирзо Қаландар, тағояш - Мирзо Зариф, донишмандону орифони дигар: Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ, Шайх Камол, устод Абулқосим, Шайх Фозил ва дигарон будаанд.

Бедил аз мусоҳибаҳои аҳли илму фазл дар кошонаҳои - Мирзо Қаландару Мирзо Зариф баҳраи комил бардоштааст.

Истеъдоди шоирии Мирзо Абдулқодири Бедил дар синни 10-солагиаш ошкор шудааст. Зеро Бедил дар «Чор унсур» хотиррасон мекунад, ки солҳои мактабхониаш аллакай шеър мегуфтааст. Ӯ тақрибан дар 10-солагӣ ба яке аз ҳамсабақҳояш рубоии зайлро бахшидааст:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷабеш аз даҳан меояд.
Ин бӯи қаланфур аст, ё накҳати гул,
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд.

Бедил соли 1665 аз Биҳор ба шаҳри Деҳлӣ меояд.

Аз мулки Биҳор сӯи Деҳлӣ
Чун ашк равон шудем бекас.

Бедил дар синни 25-солагӣ хонадор мешавад ва барои касби маош ба хидмати писари Аврангзеб – Аъзамшоҳ ба ҳайси сипоҳӣ ба фаъолият мепардозад. Нафаре аз наздикони Бедил шоир будани ӯро ба Аъзамшоҳ хабар медиҳад. Шоҳ Бедилро даъват намуда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки барояш мадҳияе бинависад. Ин рафтори ҳоким Бедилро озурда мекунад ва ӯ аз хизмат даст мекашад. Аслан Бедил як марди сарбаланд, бовиқор, бонанг, худогоҳ будааст, ки мегӯяд:

Ай басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли чоҳ аст.
В-ай басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи адаб аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷаи маънии ин сустхаёлон дарёб,
То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд
Гар ҳама пой дар афлок ниҳад дар чоҳ аст.

Мирзо Абдулқодири Бедил баъд ба Акбаробод рафта дар маҳфилҳои адабӣ иштирок менамояд ва бо шоирони хушзавқу донишмандони замон - Иззат, Зуҳурӣ ва дигарон шиносоӣ пайдо мекунад.

Шоир баъдан ба шаҳрҳои Панҷоб, Лоҳур, Кашмир, Мултон, Сарҳинд ва ғайраро сайр карда, таассуроташро оид ба шаҳрҳои зикршуда дар асари худ «Чор унсур» хеле муфассал баён намудааст. Ин сафарҳо барои шоир як дарси зиндагӣ буд, чаро ки хоси ӯ тавонист ба ҳаёти табақаҳои мухталифи иҷтимоии ҷамъият шинос шавад.

Умуман, ин шоири мутафаккир аз нигоҳи тангии маишӣ басо танқисиҳо кашидааст. Бедил ҳатто то синни 41-солагӣ манзили истиқоматӣ надоштааст. Баъдтар бо дастгирии дӯстон шоир соҳиби манзили шахсӣ мешавад. Зеро ихлосмандонаш ба ӯ аз шаҳри Деҳлӣ ҳавлии истиқоматӣ ёфта медиҳанд.

Ҳамсари аввалаи Бедил дар синни 38-солагии шоир аз олам чашм мепӯшад ва ӯ бори дигар хонадор шуда, баъдҳо дар синни 64-солагӣ писардор гардидааст. Дареғо, писари шоир дар овони тифлӣ аз олам гузаштааст.

Шоири мутафаккир поёни рӯзгори хешро дар шаҳри Деҳлӣ гузаронида, дар ҳамон ҷо, дар синни 77-солагӣ, яъне соли 1721 вафот кардааст.

Муаллифи тазкираи «Хизонаи омира» - Мир Ғуломалихони Озод дар вафоти Бедил қиъаи зеринро сурудааст:

Сару саркадаи арбоби сухан
Аз ғамободи ҷаҳон хуррам рафт.
Гуфт таърихи вафоташ Озод:
«Мирзо Бедил аз олам рафт».

Дар қитъаи мазкур моддаи таърих мисраъи чорум аст. Агар қимати ҳарфҳои ин мисраъ аз рӯи ҳисоби абҷад дуруст гузошта шавад, соли 1133 ҳичрӣ ҳосил мегардад ва аз он 34 тарҳ карда шавад, 1099 боқӣ мемонад.

1099 бо 622 ҷамъ карда шавад, соли 1331 ҳичрӣ ҳосил мегардад ва аз он 34 тарҳ карда шавад, 1099 боқӣ мемонад, 1099 бо 622 ҷамъ карда шавад, соли 1721 ҳосил мегардад, ки он соли вафоти Бедил аст.

Куллиёти Бедил

Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақт он фуруд омадааст.
«Таврот» набуд, то бигӯям, ки ҳама
Якбора зи осмон фуруд омадааст.

Эҷодиёти ин шоири мутафаккир хеле гуногунмавзӯъ ва серсоҳа буда, дар шаклҳои назму наср боқӣ мондааст, ки «Куллиёт»-и ӯро фароҳам меорад. Муҳим он аст, ки Бедил аз овони хурдсолӣ ба корҳои эҷодӣ рӯ оварда, фузун аз 65 сол эҷод кардааст.

Таркиби «Куллиёт»-и Бедил дар маҷмӯъ шомили 65 ҳазор байт буда чунин аст:

1) «Дебоча», 2) «Ирфон», 3) «Тӯри маърифат», 4) « Нукот», 5) «Ишорот ва ҳикоёт», 6) «Руқаот», 7) «Чор унсур», 8) «Муҳити аъзам», 9) «Тилисми ҳайрат», 10) «Ғазалиёт», 11) «Рубоиёт», 12) «Қасоид», 13) «Қитъаот», 14) «Таркибот ва тарҷеот», 15) «Ташбеҳот ва тамсилот».

Девони Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар дохили « Куллиёт»-и ӯ омадааст, аз ғазалиёт, рубоиёт, қасоид, қитъаот, таркиботу тарҷеот, ташбеҳот ва тамсилот иборат мебошад. Миқдори умумии абёти таркиби девони Бедил 37500 байтро ташкил медиҳад.

Дар девон ҷои аввалро ғазалиёт ишғол менамояд, ки миқдоран 2165 ғазал буда, 23 ҳазор байтро дарбар мегирад.

Яке аз навъҳои адабии дигар, ки дар девони Бедили Деҳлавӣ мавқеи намоён дорад, рубоӣ мебошад. Дар девони шоир 3500 рубоӣ дарҷ гардидааст. Шояд сабаби асосии ба рубоӣ нисбатан таваҷҷӯҳ зоҳир намудани Бедил он бошад, ки дар ин жанр ҷой додани афкори фалсафӣ, ирфонӣ-тасаввуфӣ, ишқӣ, панду андарзӣ хеле мувофиқу созгор аст.

Мавқеи жанрҳои дигари шеърӣ: қасоид, қитъот, таркиботу тарҷеот, ташбеҳот ва тамсилот, ки дар девон омадаанд, ба мавзӯъҳои мухталифу масоили гуногун бахшида шудаанд. Аз ҷумла, ишқу ирфон, ситоиши инсон, тасвири манозири олам, масоили фалсафӣ, ҳаётӣ – иҷтимоӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ, адабӣ-эстетикӣ ва ғайра.

Маснавӣ дар эҷодиёти Бедил мавқеи муҳим дорад, ки номгӯи онҳо чунин аст:

1.«Тилисми ҳайрат». Нахустин маснавии Бедил буда, соли 1669 таълиф шудааст. Асар аз 3750 байт иборат мебошад ва дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур ё маҳзуф навишта шудааст, ки афоъили он чунин аст:

v - - -/ v - - - / v - ~

Яъне, мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлон. Дар ин маснавии Бедил нуфузи таълимоти маҷзубия ба мушоҳида мерасад.

2. «Муҳити аъзам». Маснавии мазкур соли 1681 таълиф шуда, аз 4500 байт иборат мебошад. Асар дар жанри соқинома навишта шудааст ва вазни он Мутақориби мусаммани мақсур буда, шакли афоъили он чунин аст:

v - - / v - - / v - - / v ~

Яъне, фаъӯлун, фаъӯлун, фаъӯлун, фаъӯл. Маснавӣ дорои ҳашт боб буда, тасаввуфист ва тасвирҳои маҷозии асбоби тараб: май, хум, ҷом, даф, най, чанг, танбӯр, қонун ва ғайра дар он мавқеи асосӣ доранд. Дар асар доир ба саргузашти симоҳои тасаввуфу ирфон ҳикоятҳо оварда мешавад.

3.«Тӯри маърифат». Маснавии мазкур соли 1687 таълиф гардида, дорои 1500 байт мебошад. «Тӯри маърифат» дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст, ки шакли афоъили он чунин аст:

v - - - / v - - - / v - ~

Яъне, мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлон. Маснавии «Тӯри маърифат»-ро Бедил «Мактуби манзум» низ номгузорӣ намуда, онро ба дӯсти худ, шоиру донишманди муосираш – Шукруллоҳхон мебахшад. Дар маснавии мазкур асосан кӯҳи Байроти Ҳиндустон ба тасвир гирифта мешавад. Чунончи, шоир мегӯяд:

Тапиш фарсуд шавқи нолатимсол,
Зи таҳрики нафас вомекунад бол.
Ки хомӯшӣ навосоз аст имрӯз,
Ғубори сурмаву соз аст имрӯз.
Зи тӯри маърифат маънӣ сароям,
Ба чандин кӯҳ менозад садоям.

Шоир манзараҳои зебои кӯҳи Байротро дар қиёс бо кӯҳи Тӯр, ки Мусо дар он ҷо нури Илоҳиро дидааст, ба тасвир гирифтааст:

Кунун дар кӯҳи Байрот обу рангест,
Ки ҳар сангаш ба дил бурдан фарангест.

4. «Ишорот ва ҳикоёт». Ин асари Бедил аз маҷмӯи пораҳои шеърӣ, ки дар шакли маснавӣ таълиф шудаанд, иборат аст. Шеърҳо дар шакли маснавӣ навишта шуда бошанд ҳам, дар вазнҳои гуногун иншо шудаанд. Ҳаҷми умумии абёти маснавӣ 1300 байт буда, асосан мавзӯи асар тасвирҳои хеле сершумори табиатро низ фаро мегирад. Масалан, намунае аз ишороти якум:

Саҳар оина ҳампардози дил буд,
Сафое имтиёзи обу гил буд.
Нахустин, ки зи таҳқиқ кардам оғоз,
Ба рамзи обу хокам чашм шуд боз.
Тааммул сарфи кори ину он шуд,
Чароғи хилвати ҳар як аён шуд.
Ниҳол аз хоки гулшан дар қафас дошт,
Ҳубоб аз оби худ ҷӯши нафас дошт.
Яқинам шуд, ки дар ҳар қатра ҷонест,
Ниҳон дар ҳар кафи хоке ҷаҳонест.

5. «Ирфон» дар мероси адабии Бедил калонтарин асар буда, аз 11 ҳазор байт иборат аст ва дар шакли маснавӣ эҷод шудааст. Санаи таълифи асар соли 1712 буда, дар ин асар шоири мутафаккир ба муҳимтарин масъалаҳои ирфону тасаввуф, масоили мухталифи ҳаёт, қонуниятҳои рушди ҷомеа, мақоми инсон дар ҳаёт, воқеияти зиндагии

пурзиддиятҳои инсонӣ рӯ овардааст. Инчунин, дар он ақидаҳои илмӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, тасаввуфӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии мутафаккир инъикос ёфтаанд, ки басо муҳиму арзишманданд. Дар асар зарару офатҳои бекорӣ баён гардида, пешаи кишоварзӣ, деҳқонӣ аз тамоми касбҳои дигар афзалиятнок дониста мешавад. Махсусан, дар ҳикояти «Комде ва Мадан» адолат ва ноадолатӣ қиёсан ба тасвир гирифта шуда, бебақоии зулму истибдод нишон дода мешавад.

Маснавии «Ирфон» дорои 10 боб бошад ҳам, иртиботи мантиқии бобҳо ба мушоҳида мерасад. Асар асосан ақоиди фалсафӣ – ирфонӣ, тасаввуфӣ, ҳаётӣ – иҷтимоӣ, ахлоқӣ – тарбиявӣ ва ғайраро фаро мегирад. Аз ин рӯ, маснавии «Ирфон» барои муайян намудани ҷаҳонбинии Бедил, мақому мартабаи ӯ дар таърихи адабиёт, ҳунари шоир дар эҷоди маснавӣ ва умуман пояи суханварии ӯ арзишманду муҳим ва ҷолибу зарурист.

Асарҳои насрии Бедил

Мирзо Абдулқодири Бедил шоир, файласуф, мутафаккир ва инчунин нависандаи забардаст низ ҳаст. Асарҳои насрии Бедил мақому пояи ӯро дар рушду таҳаввулоти насри адабии аҳди таназзули феодализм нишон медиҳад. Осори насрии Мирзо Абдулқодири Бедил низ дар мавзӯъҳои мухталиф эҷод гардидаанд ва онҳо низ дар дохили «Куллиёт»-и ӯ омадаанд:

1.«Дебоча». Бедил бо чунин унвон бар муқаддимаи девони ашъори худ ба наср навиштааст. Муҳим он аст, ки дар ин асар аз параҳои шеърӣ низ хеле устодонаву огоҳона истифода кардааст. Адиби мутафаккир пас аз ҳамду наът, моҳияти каломи бадеъ, равобити шаклу мазмуни бадеӣ, машаққат ва назокати ҷараёни эҷоди бадеъ ва умуман кори эҷодӣ, хусусиятҳои эҷодиёти хеш, хусусан осори манзум ва коргирӣ аз мавзӯъҳои мадҳӣ, ҳаҷвӣ ва ғайра баҳсҳои судманд ба миён меорад.

2. «Нукот». Ин асари Бедил насрӣ буда, дар он аз зикри параҳои гуногуни шеърӣ хеле фаровон кор гирифта шудааст. Дар ин асар Бедил ақоиди фалсафӣ, тасаввуфӣ-ирфонӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ, ҷомеашиносии худро баён намудааст. Ӯ барои таҳким бахшидан ба андешаҳову ақидаҳои гуногуни худ дар ин асар аз параҳои шеърӣ хеле устодона кор гирифтааст.

Назм ҳатто нисбат ба наср дар ин асар нуфуз дорад. Аз ҷумла дар асар бештар жанрҳои рубоӣ, мусаммати мухаммас, қитъа, ғазал, фард ё муфрадот истифода шудаанд. Чунончи: «Нукта – Маҷоз, яъне олами эътиборро ниҳоле тасаввур намудан аст, ки тухми он ҷуз ҳақиқат нест, дар мартабаи ниҳол аз тухм асло нишон натавон ёфт ва ҳамчунон аз шоху барг ҳеч натавон шикофт.

Рубоӣ:

Ай он ки гаҳе хилвату гаҳ анҷуманӣ,
Пайваста ба ваҳми ғайр оташ фиканӣ.
Найранги дуӣ боз надорад ин ҷо,
Ман бо ту туам, чунон ки бо ман ту манӣ.

Асари мазкур барои муайян намудани ақидаҳову ҷаҳонбинии Бедил, барои таъин намудани мавқеъ ва пояи адиб дар таҳаввули насри бадеии асримиёнагии тоҷик арҷманд аст.

3. «Руқаот». Руқаот ё номанигорӣ яке аз жанрҳои машҳури адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик аст, ки дар ду шакл - назму наср дучор мешавад. Санъати номанигорӣ махсусан дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ниҳоят устодона ва дар ғояти фасоҳату малоҳат ба мушоҳида мерасад. Аз асри XI сар карда намунаҳои мансуру мустақили он зуҳур мекунад. Шояд асосгузори он Ҳаким Саноии Ғазнавӣ бошад. Маълум аст, ки дар ин жанри адабӣ хусусиятҳои насри адабӣ, таърихӣ, фалсафӣ, ёддоштӣ дар шакли омехта низ меояд.

«Руқаот»-и Бедил асари насрӣ буда, дар он пораҳои шеърӣ низ истифода шудааст. Яъне маҷмӯи номаҳоест, ки Бедили Деҳлавӣ онҳоро дар вақтҳои гуногун, бо шахсони алоҳида навиштааст. Касоне, ки Бедил ба онҳо нома навиштааст, онҳо дӯстону муқаррабон, ҳамфикрону ҳамақидаҳояш, умуман шахсиятҳои боэҳтироми даврони эҷодкоранд. Мактубҳо бештар ҷавобӣ буда, ҷавоби номаи нафаре аз хамфикрону наздикони Бедил аст. Мактубҳо аз ин рӯ, арзиши адабӣ-шарҳиҳолӣ дошта, равобити адабӣ – эҷодӣ, муносибати шахсиятҳо, симоҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангии замони мутафаккирро баён менамояд. Дар номаҳо бисёр лаҳзаҳои рӯзгори Бедил, муносибату гуфтор, рафтору равобити ӯ бо муосирон инъикос ёфтааст.

4. «Чор унсур». Асари калонтарини насрии Бедили Деҳлавӣ буда, соли 1705 ба табъ расидааст. Ин асар насрӣ бошад ҳам, бо пораҳои шеърӣ ақоиду андешаҳои муаллиф таҳкиму тақвият дода мешавад. «Чор унсур» дорои чор боб буда, асосан масъалаҳои фалсафӣ, чаҳор унсури офариниш: об, хок, бод, оташ, доир ба рӯҳи мутлақ, рӯҳи табиию наботӣ, ҳаёвонию инсонӣ баҳс ба миён овардааст. Дар асар фалсафаи офариниш, ҳаёту мамот, камолёбию заволпазирӣ, фано ва бақо хеле ба тафсил баён карда шудааст.

Гузашта аз ин, асар саршор аз ҳаводису воқеоти таърихӣ - лашкаркашиҳои Шоҳшуҷоъ, задухурду кашмакашиҳои сиёсӣ, нооромиҳои даврро фаро мегирад. «Чор унсур» ҷанбаҳои гуногуни ҳолномаи Бедил, муқаррабону дӯстон, хешовандону пайвандон, ҳамсӯҳбатону устодони мутафаккирро низ дар бар мегирад. Дар асар баъзе аз доираҳои адабии замон, бурду бохти сухангустарони аср, муносибати Бедил бо баъзе аз шоирони муосири худ низ инъикос ёфтааст. «Чор унсур» боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он оид ба овони хурдсолии шоир, давраи мактабхонӣ, таҳсили мадраса ва то ба охир идома наёфтани таҳсили Бедил дар ин таълимкада, хонадоршавии ин симои эҷодӣ ва ба сипоҳгарӣ рӯ овардани ӯ ба тасвир омадааст.

Умуман «Чор унсур»-и Мирзо Абдулқодири Бедил барои баҳо додан ба адабиёти асри XVII, ба хусус насри бадеӣ, барои адибони ҷудогона ва муайян намудани ҳунари эҷодии онҳо, баҳри қиёсу тарҷеҳи пояи суханварии суханварон, оид ба сафарҳои Бедил ва дар маҷмӯъ, афкори

адабию шеваи эҷодиаш маълумоти арзишманди илмӣ, адабӣ ба даст даровардан мумкин аст.

Таркиби девони Бедили Деҳлавӣ

Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил асосан дар ҳамаи навъҳои адабӣ эҷод кардааст. Ӯ махсусан дар кадом навъи адабие, ки эҷод карда бошад, хатман тозакору навовар эътироф шудааст.

Девони ӯ дар дохили «Куллиёт»-аш ҷойгир буда, 37500 байтро дар бар мегирад. Девони Бедил аз нигоҳи навъҳои адабӣ низ нисбатан боғановат буда, аз ғазалиёт, рубоиёт, қасоид, қитъаот, таркибот ва тарҷеот, ташбеҳот ва тамсилот иборат мебошад. Навъҳои адабии мазкур дар давраҳои гуногун эҷод карда шудаанд.

Таҳлили ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ

Аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво низ девони шоир хеле ҷолиб буда, асосан ишқ (ҳам ишқи ирфонӣ - тасаввуфӣ ва ҳам ишқи заминӣ - байни инсонҳо), масъалаҳои фалсафӣ – ҳакимона, ҳаётӣ – иҷтимоӣ, тарбиявӣ – ахлоқӣ, васфи табиату манзаранигорӣ, тавсифи хисоли ҳамидаи инсонӣ ва мазаммати кирдорҳои разила, ҳимояи адолату ҳақиқат, танқиди золимон, васфи хирад, илму дониш, маърифату ақл, хоксориву фурӯтанӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Чунон ки қаблан ёдовар шудем, дар девони Бедили Деҳлавӣ пеш аз ҳама, ғазал мавқеъ дорад. Ба қавли худи ӯ, ғазалсаро беҳтарину тавонотарин эҷодкор аст:

Бедил, гуҳари назм касерост, ки имрӯз,
Дар баҳри ғазал заврақи андеша давонад.

Албатта, мавзӯи марказии ғазал ишқ ва ҷозибаҳои қалбии инсон, ҳиссиёту ҳаяҷонҳои рӯҳӣ, эҳсосоти ниҳодию сиярӣ, ғалаёнҳои ботинӣ ва ғайра мебошад. Аз ин рӯ, ишқи тасаввуфӣ – ирфонӣ дар ғазалиёти Бедил мақоми махсус дорад. Ин ишқи ҷӯё буда, асли хешро мечӯяд ва аз ин рӯ, он маънавиётсоз, тафакурсоз ва давронсоз аст. Аз тарафи дигар, ин ишқ инсони комилро ба воя мерасонад, зеро ногузиран ин инсон марҳалаҳои камолотро мепаймояд. Он ворақидан аз олами нафсонӣ ва пайвастан ба олами рӯҳонист.

Барои намуна чанд ғазалеро аз девони шоир хоҳем санҷид, ки дар онҳо офаридани мазмун, интихоби мавзӯъ, коргирӣ аз ҳунари эҷод, истифодаи радифу қофия, хусусиятҳои вазнӣ ва ғайра то кадомин поя сомон дода шудааст.

Чунончи, ғазали «Ҷоҳил аз ҷамъи кутуб соҳиби маънӣ нашавад»-ро аз назар хоҳем гузаронид:

Айш донад дили саргашта парешониро,
Нохудо бод бувад киштии тӯфониро.
Ашк дар ғамкадаи дида надорад қиммат,
Аз буни чоҳ барор ин маҳи канъониро,
Ишқ набвад ба иморатгарии ақл шарик,
Сел аз каф надиҳад санъати вайрониро.

Аз хату зулфи бутон тоза далел аст, ки ҳусн
Карда чатри бадан асбоби парешониро.
Бор ёбӣ чу ба хоки дари соҳибназарон,
Чини домони адаб кун хати пешониро.
Резиши ашки надомат зи сияҳкориҳост,
Лозим аст абри сияҳ қатраи найсониро.
Зери гардун натавон ғайри касофат андӯхт,
Нохуну мӯ-ст расо мардуми зиндониро.
Лофи озодагӣ аз аҳли фано нозебост,
Домани чида чӣ лозим тани урёниро?
Ҷоҳил аз ҷамъи кутуб соҳиби маънӣ нашавад,
Нисбате нест ба шероза сухандониро.
Нафаси сӯхта бояд ба тапиш равшан кард,
Нест шамъи дигар ин анҷумани фониро.
Натавон ёфт аз он ҷилваи беранг суроғ,
Магар оина кунӣ дидаи қурбониро.
Бозгаште набувад пои талабро, Бедил,
Сели мо нашнавад афсуни пушаймониро.

Ғазали мазкур муқаффо буда, калимаҳои парешонӣ, тӯфонӣ, канъонӣ, вайронӣ, пешонӣ, найсонӣ, зиндагӣ, урёнӣ, сухандонӣ, фонӣ, қурбонӣ ва пушаймонӣ ҳамқофия шудаанд, ки беистисно бо пасоянди **ро** омадаанд. Ҳарфи рави дар калимаҳои қофия «н» буда, танҳо дар вожаи «пешонӣ» риоя нашудааст. Ҳуруфи решаи қофия дар калимаҳои қофияшаванда «-ониро» буда, «о»-ридфи муфрад, «и»-васл, «р»-хурӯҷ ва «о» мазид аст. Яъне як унсур (ридф) то ҳарфи равӣ – «н» ва се унсур (васл, хурӯҷ, мазид) баъди равӣ омадаанд. Аз ин рӯ, қофияи мазкур мутлақ аст.

Ғазал дар баҳри Рамали мусаммани махбуни аслам эҷод шудааст, ки афоъили он чунин мебошад:

- v - - / v v - - / v v - - / - -

Яъне: фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаълун.

Аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво ғазали боло ишқӣ-иҷтимоӣ буда, оҳанги хеле қавии андарзӣ дорад. Дили саргашта - қалби ошиқ, нохудо – маллоҳ, бод аст. Парешонии дил – айши он, бод – маллоҳ ҳодии роҳи мурод мебошад. Ашк – Юсуф, чашм-чоҳ ва гиристан – зоҳиршавии Юсуф буда, ишқ – сел; хату зулф – ҷузъи ҳусн, ки боиси парешонии ошиқанд, хеле ҳунармандона корбаст шудаанд. Дар ин абёт ҳолати ошиқ мавриди тасвир қарор дорад.

Аз байти 5-ум ҷанбаи ирфонӣ қувват мегирад, ки ҳангоми мушарраф гардидан ба сӯҳбати соҳибназарон – пирон, муршидон бояд солик сахт одоби шогирдиро риоя бикунад. Агар заррае риоя нашавад, ашки пушаймонӣ рехтан фоида надорад. Тибқи назарияи сӯфиҳо ҷаҳони моддӣ – зиндон, тан ҳам барои ҷон зиндон аст. Аз ин рӯ, дунёдӯстӣ ва танпарварӣ норавост. Ҳадаф аз ҷамъи кутуб фаъолияти амалӣ накардани ориф аст. Ҳадаф аз ҷилваи баранг қурб аст, ки он на ба воситаи дидаи зоҳир, балки ба воситаи дидаи ботин муяссар мегардад.

Ибораи изофии «пои талаб» – ҳадафи ниҳоӣ, зеро он бебозгашт буда, пазирандаи афсуни пушаймонӣ нест. Яъне дар роҳи расидан ба ҳадафи ниҳоӣ пушаймонӣ ҷой нахоҳад дошт. Ориф ҳеҷ гоҳ пушаймон нахоҳад шуд.

Ғазали дигари шоири мутаффаккир, ки бо матлаи зерин шурӯъ мешавад, хеле ҷолибу ҳунармандона ва марғуб рӯи кор омадааст;

Маоли[28] кор нуқсонҳост ҳар соҳибкамолиро,
Агар моҳат кунанд, аз даст нагзорӣ ҳилолиро.

метавон онро ба пуррагӣ зикр намуд, ки то як андоза шарҳу таҳлили он аз аҳамият холӣ нест:

Рамиданҳо зи авзои ҷаҳон тарзи дигар дорад,
Ба ваҳат пеш бояд бурд аз ин саҳро ғизолиро.
Ба нақши неку бад равшандилонро дасти рад набвад,
Кафи оина мечинад гули беинфиъолиро.
Бисоти гуфтугӯ тай кун, ки дар анҷоми кор охир,
Ба ҳукми хомушӣ печидан аст ин фарши қолиро.
Вуболи ранҷи пирӣ барнатобад соҳиби ҷавҳар,
Чанор оташ занад ночор далқи кӯҳнасолиро.
Дар ин водӣ, ки хок аст эътибори ҷаҳлу донишҳо,
Ғуборе бар ҳаво дон қасри фиратҳои олиро.
Ба ваҳдатхонаи дил ғайри дил чизе намеғунҷад,
Бар ин оина ҷуз тӯҳмат мадон нақши мисолиро.
Агар хунсардии дил обёри мазраъат бошад,
Чу тухми обила нашъунамо кун поймолиро.
Ба чанги ағниё домони фақр осон намеафтад,
Ба чинӣ хок гардад, то шавад қобил сафолиро.
Чӣ имкон аст, Бедил, мунъим аз ғафлат бурун ояд,
Ҳуҷуми хоби харгӯш аст яксар шери қолиро.

Ғазали мазкур мураддаф нест, муқаффост. Калимаҳои саҳибкамолиро, ҳилолиро, ғизолиро, беинфиъолиро, қолиро, кӯҳнасолиро, олиро, мисолиро, поймолиро, сафолиро ҳамқофия шудаанд. Решаи қофия «олиро» буда, ҳарфи решагии калимаи қофия ё худ равӣ «л» мебошад. Яъне; «о» ридфи мудрад ва «и»-васл, «р»- хурӯҷ, «о»-мазид буда, пас аз рави се унсур ва пеш аз равӣ якто омадааст. Шакли қофия мутлақ мебошад. Бояд гуфт, ки дар ғазали мазкур қофия ба ҷуз талаботи жанрӣ, инчунин вазифаи хушоҳангӣ, равонӣ ва бештар аз он бори маънибофӣ, мазмунофаринӣ низ мекашад.

Аз нигоҳи истифодаи вазни ин ғазал хеле ҷолибу ҷаззоб аст. Он дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим иншо гардида, дорои афоъили зерин мебошад:

v - - - / v - - - / v - - - / v - -

яъне, мафоъӣлун, мафоъилун, мафоъӣлун, мафоъӣлун.

Ғазал аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво комилан мазмуни иҷтимоӣ дошта, таҷрибаи ҳаёт, ҳикмати зиндагӣ, андарзи рӯзгор бунёди тематикии онро фароҳам овардааст. Фалсафаи инкишофи оламу одам ва таҷрибаҳои

[28] Маол – ҷои бозгашт; оқибати кор.

ҳасилкардаи инсон асоси онро ташкил намуда, аз оғоз то анҷом давом мекунад. Яъне махлуқ пас аз ҳадди камол дучори нуқсон аст. Пас ғизолиро низ гоҳе метавон касб кард, ки мақсад сифат аст, яъне рамандагӣ аз миёни мардум ва тарки дунёву афзал донистани уқбо баён шудаасат.

Равшандилон истиора буда, киноя аз орифону сӯфиён аст, ки ба неку бад яксонанд ва ин сифати онҳо монанд ба кирдори ойина аст, ки зишту накӯро яксон инъикос менамояд. Водӣ ё худ ин водӣ-дунёи моддӣ, хок-камарзишӣ ва фитрати олӣ-шахсиятҳои соҳибмаърифат буда, ҳадафи Бедил бевафоии олам ва Ҳақшиносии инсон мебошад. Дил-каъбаи сират ва ваҳдатхона-хона барои як нафар – Худо, яъне хонаи Худо аст. Аз ин рӯ, ба ҷуз худи дил дар ӯ (дар дидаи зоҳир) чизи дигаре нест.

Мунъим – сармоядор, касе ки умре ҷуз ғановати моддӣ – танпарварӣ чизи дигареро намедонад ва инро Бедил ба ду чиз шабеҳ донистааст: яке хоби харгӯш, дигаре расми шери рӯи қолӣ ва ҳадаф аз ҳар ду монандӣ ғафлатварзӣ ва бехабарӣ аз гузашти умр ва газидани ангушти ҳайрат мебошад.

Умуман, мазмуни ғазал паймудани мароҳили камолот ва ҳушёриву зиракӣ дар ин ҷода ва беш аз он эҳтиёт аз тағофул аст, ки боиси пуштидастгазиҳо мегардад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои назми Бедил ва аз ҷумла, ғазалиёти шоири мутафаккир дар он аст, ки ӯ шеъри андеша мегӯяд. Аз ин рӯ, дар гузашта низ пас аз омӯзиши «Каломи шариф», «Чаҳор китоб», «Девон»-и Ҳофиз, баъд ба омӯхтани эҷодиёти Бедил шурӯъ менамуданд.

Умуқи андеша, паҳнои фикр, ҷавлони тахаёюл, санъати вожасозиву суханороӣ, дарёфти ҷузвиёти суварӣ ва назокати тасвир танҳо хоси ҳунари эҷодии абулмаонӣ аст. Аз ҷумла барои ифодаи мушаххастар ба ғазали зерин рӯ меорем:

Чашми ту ба ҳоли ман гар ним нахар хандад,
Хорам ба чаман нозад, айбам ба ҳунар хандад.
То чанд бар он ораз бар рағми нигоҳи ман,
Аз ҳалқаи гесӯят гулҳои назар хандад.
Дар кишвари муштоқон бепартави дидорӣ
Хуршед чаро тобад? Баҳри чӣ саҳар хандад.
Дил мечакад аз чашмам, чун абр агар гирям,
Ҷон медамад аз лаълат, чун барқ агар хандад.
Бо аҳли фано дорад ҳар кас сари якрангӣ,
Бояд, ки ба ранги шамъ аз рафтани сар хандад.
Як хандаи ӯ барқи бунёди ду олам шуд,
Дигар чӣ бало резад, гар бори дигар хандад?
Дар ҷӯи дами теғат ширинии обе ҳаст,
К-аз ҷӯши ҳаловатҳо захмаш ба шакар хандад.
Сомони тараб саҳл аст з-ин нақш, ки мо дорем,
Субҳ аз ду нафар фурсат бар худ чӣ қадар хандад?
Ҳар шабнам аз ин гулшан тамҳиди гуле дорад,
Бо гиря мадоро кун, чандон ки асар хандад.

Аз саъйи ҳавас бигзар, Бедил, ки дар ин гулшан.
Гул низ агар хандад, аз паҳлуи зар хандад.

Ғазали мазкур мураддаф буда, калимаи «хандад» радифи сода аст ва калимаҳои назар, ҳунар, саҳар, агар, сар, дигар, шакар, қадар, асар, зар ҳамқофия шудаанд. Қофияҳои дар ғазали боло зикршуда муқайяд буда, бо равӣ (ҳамсадои «р») интиҳо ёфтаанд.

Ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраб эҷод гардида, афоъили он чунин аст:

- - v/ v - - - / - - v / v - - -

яъне, мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун.

Ҷузъиёти ҳунарӣ ва дарки маънӣ вобаста ба маърифати маъноию вазифаи бадеии лафз аст, ки барои дарёфти ҳадафи эҷодкор мусоидат менамояд. Чунончи, хандидани чашм – назарафканӣ, нози хор дар чаману тамасхури айб бар ҳунар – киноя аз барҳамзании ғаразҳо ва дарки асолати сидқ аст. Рағми нигоҳ, гули назар, ҳалқаи гесӯ… ибораҳои маъмулӣ буда, ошиқ аз наззораи ҷамоли маҳбуба бенасиб аст, зеро ҳалқаҳои мӯ чун ҳиҷобанд ва ин ба он монанд аст, ки чашми холдор низ аз наззора маҳрум мебошад. Ҳадафи аслӣ висол буда, шиква аз фироқу ҳиҷрон басо шоирона рӯи тасвир омадааст. Фано – оғози бақост ва нурафканиии шамъ – гузаштан аз сар – бақои ӯст, ки дар вуҷуди маҳбуб бақоро мебинад. Хадаф аз теғу ҷӯши ҳаловатҳо ибораи рамзии теғи нигоҳ аст, ки ҳаловати гуворо дорад, ки киноя аз захми теғ-қурбони нигоҳ гардидан мебошад. Дар байтҳои минбаъда низ ҳадафҳои иҷтимоӣ матраҳ шудааст, зеро татбиқи орзуву ниёзҳои инсонӣ, ба қавли шоири мутафаккир, ки сомони тараб, мадоро, тамҳид, ҳавас ва ғайра ҷузъиёти онанд, он гоҳ даст медиҳанд, ки ғановати моддӣ бошад. Масалан, агар гул дар замири хеш зар (зардии дохили ғунча) надошта бошад, намешукуфад. Яъне аз хандидан маҳрум аст. Албатта, муроди шоир ҷаҳони моддист, зеро ин гулшан ҳамин маъниро дорад.

Дигар аз нозукиҳои санъати ғазалсароии ин мутафаккир он аст, ки ҷузъиёти лирикии тасвир комилан махсус, воқеӣ, мушаххас, дастрас, рӯзгориву табиӣ, ҳаётианд. Ӯ аз чунин ашёву ҷузъиёти табиат тасвирсозиву маъниофаринӣ мекунад, ки он танҳо хоси ҳунари эҷодии Бедил аст. Касе аз пайравонаш дар баробари шоир ҷой гирифта натавонистаанд. Ё худ саъйи ҳавас – орзу кардан, ин гулшан – дунёи моддӣ, палӯ – ба маънии нерӯ, мусъидат дастгирӣ ва ғайра, зар – гарди дохили гул, ки барои нашъунамояш мусоъидат мекунад.

Яъне, шоир беҳбудии сатҳи зиндагиро марбут ба дороӣ ё ғановати моддӣ медонад, ки дуруст аст.

Мақсади адиб дар ин ҷо он аст, ки дар олами моддӣ бе ғановати моддӣ, бе боигарӣ зиндагӣ кардан маҳол аст. Ҳамчунон ки агар гул ҳам аз зардии дохили худ маҳрум бошад, ёрои шукуфтан намекунад.

Дарёфти мақсад, дарки маънӣ, фаро гирифтани ҳадафи асосии шоир дар назми Бедил ва ба хусус, дар ғазалиёти ӯ тез ва ба осонӣ даст намедиҳад. Ӯ асосан сарбаста сухангӯӣ мекунад. Маънии шеър, моҳияти

мақсади адиб печида аст ва аз ин рӯ, маънии шеърро тавассути заҳматҳои шабонрӯзӣ метавон сарфаҳм рафт.

Барои мисол ба ғазали дигари Бедил рӯ оварда мебинем, ки он аз нигоҳи ҳунар, маҳорату малака, завқу истеъдоди шоирӣ дар кадомин поя қарор дорад. Инчунин, ғазали мазкур ба кадом мақсад эҷод шудааст ва дарки мазмуну мӯҳтаво ва маънии он чӣ гуна даст медиҳад. Чунончи:

Аз ғубори ҷилваи ғайри ту то бастам назар,
Чун сафи мижгон ду олам маҳв шуд дар якдигар.
Бастаам маҳмил ба дӯши яъсу аз худ меравам,
Боли парвозӣ надорад субҳ ҷуз чоҳи дигар.
Хидмати мӯи миёнат то киро бошад насиб,
Гулрухонро з-ин ҳавас зуннор мебандад камар.
Ваҳдати ҳасрат ба ин камфурсатӣ махмури кист?
Сурати ҳамёза дорад чини домони саҳар.
Оламеро аз тағофул рабти улфат додаем,
Нест мижгон қобили шероза бе забти назар.
Ин таносонӣ далели ваҳшати саршор нест,
Ҳар қадар афсурда гардад санг, мебандад камар.
Гар фалак беэътиборат кард, ҷои шиква нест,
Бар ҳаловат бастаи дил чун гирех дар найшакар.
Сайри рангу бӯ ҳавас дорӣ, зи гул ғофил мабош,
Шӯхии парвоз натвон дид ҷуз дар болу пар,
Чанд бояд шуд ҳавасфарсуди пар, касби эътибор,
Марҳам, ай ғофил, намеарзад ба чандин дарди сар.
Манзили саргаштагони роҳи ачз афтодагист,
То дили хок аст, Бедил, ашкро ҳадди сафар.

Ғазали мазкур дорои матлаъ ва мақтаъ, тахаллус буда, аз 10 байт иборат аст. Ғазал радиф надорад ва қофияҳои он аз калимаҳои зерин: назар, якдигар, ҷигар, камар, саҳар, найшакар, пар, сар, сафар фароҳам омадаанд. Решаи қофия «ар» буда, «р»-и ҳарфи равӣ мебошад. Аз сабаби он ки қофия бо равӣ тамом шудааст ва пас аз он унсури дигаре иштирок надорад, чунин шакли қофияро қофияи муқайяд мегӯянд.

Ғазал дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф эҷод гардидааст, ки афъили он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v -

яъне фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун.

Дар байти аввал шоир мегӯяд, ки ба ҷуз ту ман аз ҳама рӯй гардонидам ва ду олам барои ман ҳеҷ аст. Маҳмил бастан – ихтиёри сафар кардан, дӯши яъс – ҷониби навмедӣ, аз худ рафтан – нест гардидан ва ғайра, ки омадан ба ин ҷаҳон омодагӣ ба ҷаҳони дигар (боқӣ) аст. Ин мисли субҳ аст, ки баробари фароравӣ, нест мешавад ва мӯҳлати ҳастиаш низ хеле кӯтоҳ аст. Мӯи миён – нозукӣ, хидмат – омодагӣ ба кор, зуннор бастани камар – ба хидмат тайёр будан мебошад. Яъне ба умеди шарафёбӣ ба хидмати маҳбуба ҳама омодаи хизмат ҳастанд. Ваҳшат – рамандагӣ, ваҳшати ҳасрат – лаҳзаи ҳавасҳо, махмур – хуморолуда, хамёза – даҳанвоҷак – кӯтоҳии фурсат. Чини домон – ҳаракати босуръат

ва ғайра. Маънии ин ифодаҳо он аст, ки умр чунон шитоб дорад, ки ҳатто кирои орзуҳову ҳавасҳо намекунад. Ё ин ки: оламе – ҷаҳоне, дунё, ки киноя аз инсонҳост. Тағофул – ғафлат, бехабарӣ; рабти улфат – низоми хушҳолӣ, шероза – васлкунандаи авроқ ё чизи дигар, забти назар – сарфи назар ё боз доштани нигоҳ. Мақсад он аст, ки бехабарии мо боиси хушҳолии дигарон шудааст. Ҳолати қаҳрамони лирикӣ ҳолати чашм дар пайкари инсон аст. Агар боз ё пушида аст, аз фоида холӣ нест. Дар ҳолати боз будан мушоҳида мекунад, мебинад. Дар ҳолати пӯшидани чашм мижгонҳо ба ҳам меоянду осуда мешаванд.

Ва ё вожаҳои таносонӣ – танпарварӣ, осудагӣ; далел – аломат, нишонӣ… ваҳшат – одамгурезӣ; саршор – фаровон, бисёр; афсуда гаштан – корношоямӣ, фарсудашавӣ, яъне киноя аз қувватгирӣ ва омодашавӣ буда, камар бастан бошад сифати ҳамон тайёрӣ мебошад. Яъне манзури адиб соликони роҳи ҳақ аст, ки онҳо ҳар қадаре дунёбезору неъматбадбин бошанд, ба ҳамон андоза омодаву дастандаркоранд. Зеро таносонӣ инсонро ба дунёву неъматҳои он пойбанд месозад.

Лафзи ҳаловат – гуворой, ширинӣ киноя аз нозу неъматҳои дунёӣ; гирех - пардаҳои дохили найшакар, ки пас аз гирифтани ҳосил онҳо нолозим мешаванд.

Мақсади шоир он аст, ки аз беэътиборӣ шиква кардан хуб нест, зеро худи шахс гунаҳкор аст, ки ба нозу неъмат дилбастагӣ дорад. Яъне шахси ҳарис – каси беэътибор, хору залил мегардад.

Ифодаи сайри рангу бӯ – майл ба сӯи бӯю ранг, яъне дунё; гул – манбаъ, маншаъ аст, зеро манбаи накҳат ҳамоно гул аст. Шӯхии парвоз – азми парвоз, бавуқӯъой, ҳадафи адиб он аст, ки инсон олами мӯъҷизаосоро набояд зоҳирбинӣ кунад, мисли он ки ҷавҳари накҳат – гул, ҷавҳари олам – Холиқи он аст. Яъне парвозро ҳамагон мебинанду медонанд, вале асоси он болу пар аст, ки бе он парвоз номумкин мебошад.

Ё ин ки калимаҳои ҳавасфарсуд – дар ҳасрати чизе умрро сарф кардан; касби эътибор – боорӯ шудан; марҳам – дорӯ; яъне то кай баҳри эътибор саъй мекунӣ? Агар обрӯю эътибор барои инсон марҳам бошад, талош баҳри он ранҷ аст.

Ниҳоят калимаи «манзил» роҳи - ҳадафноки мусофир; роҳи ачз – роҳи тариқат; ҳадди сафар – масофаи тайкардаи солик аст. Мақсади шоир он аст, ки нозукии роҳи соликро мисли роҳи ашки мижгон медонад, ки хеле нозук мебошад. Ҳамин ки заррае азм аз низом дур шуд, ба хок афтода нобуд мешавад.

Дигар аз хусусиятҳои ғазалиёти ин симои бузург он аст, ки аз нигоҳи шакл комилан суннатист, яъне вазн, радифу қофия, теъдоди абёт, риояи матлаъ ва мақтаъ, истифодаи тахаллус ва ғайра. Албатта, дар ҷузъиёти масъалаҳои шаклӣ, хусусан ҷиҳатҳои забонӣ, тозакориҳо дорад, вале асосан ҳунари ӯ дар эҷоди маъниҳо, ҳадафнокии тасвирҳост. Маҳз ҳамин сабаб буд, ки Мирзо Абдулқодири Бедил унвони ифтихории Абулмаъонӣ»-ро сазовор гардид. Яъне пас аз Саноӣ, Аттор, Ҳоқонӣ,

Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Ироқӣ, Хусрав, Ҳофизу Камол, Ҷомӣ ва бисёр дигарон соҳиб гардидан унвон магар осон аст?!

Аз ин рӯ, мавзӯи ғазалиёти ӯ хеле бой, серсоҳаву серпаҳлу, мухталифу гуногун аст. Ӯ махсусан вассофи ишқи ирфонӣ, тарғибгари фалсафаи ирфону тасаввуф, ҳимоягари адолату адолатхоҳӣ, тавсифгари илми ҳикмат, ҳақиқату покӣ, ҳақҷӯиву ҳақгӯӣ ва ғайра мебошад.

Дар ғазалҳои ӯ мисли кулли осораш хислатҳои ҳамидаи одамӣ: эҳтироми инсон, бузургдошти илму ирфон, некӯкорӣ, ростгӯиву ростқавлӣ, илмомӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, шикастанафсӣ, дурандешӣ, сидқу садоқат, қаноатпешагӣ, сабурӣ, хотирҷамъӣ ва ғайра бо оддитарин ҷузиёт рӯи тасвир омадаанд. Баръакс, хислатҳои разилаи одамӣ: ноадолатӣ, кибр, ҳасад, бухл, дурӯғгӯӣ, хавобаландӣ, инсонбадбинӣ, мардумфиребӣ, ҷоҳиливу нодонӣ, мунофиқӣ, рибохорӣ, палидӣ ва ғайраро сахт маҳкум менамояд, ки ҷанбаҳои фалсафӣ – иҷтимоии мавзӯи ашъорашро ташкил намудаанд. Ӯ ба мавзӯъҳои суннатии ғазал рӯ оварда бошад ҳам, дар ҷузъиёт тозакорӣ дорад. Вале тозакориҳои ҷиддиро Бедил дар маънӣ, мӯҳтаво ва моҳияти масъалаҳо ворид сохтааст.

Дар маркази тематикии ашъори Бедил, ба хусус,ғазалҳои ӯ симои инсон меистад. Шоир тарҷеҳи инсонро нисбат ба дигар махлуқот қоил шуда, бартарии инсонро дар хиради ӯ, дар фаъолияти вай мебинад, шоир тавассути эҷоди бадеъ мехоҳад оламеро (инсонҳоро) аз ғафлат барорад. Аз ин рӯ, ғазали Бедил ғазали андеша аст. Бунёди ғазалиёти Бедил бар андеша асос ёфтааст. Ӯ ҳатто оид ба мақому мартаба, ҷоҳу ҷалоли инсон қасидаи ҷудогона дорад, ки метавон чанд байте аз онро зикр намуд:

Ай шамъи базми қудс[29], надонам чӣ мазҳарӣ[30],
К-аз ваҳм[31] гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ[32],
Гоҳ аз самуми[33] қаҳр чу гулхан пуроташӣ.
Гоҳ аз насими лутф чу гулшан муаттарӣ.
Дар чор рукни[34] даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх[35] ту ноёб гавҳарӣ.
Ғофил зи худ мабош, ки чун шамъи офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу[36] нӯҳ қасри ахзарӣ.
Аз ҳар шайъе[37], ки аҳли ту фаҳмад афзалӣ,
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ.
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ,
Ҳар сӯ хаёл меравад, он ҷо ту мепарӣ.
Маҳкуми нафси ин ҳама дунҳимматӣ чаро,
К-андар бисоти қудс ту садру сарварӣ.

---

[29] Қудс – покӣ.
[30] Мазҳар - зоҳиршавӣ
[31] Ваҳм – хаёл.
[32] Мукаддар – ғамгин.
[33] Самум – шамоли сӯзон.
[34] Рукн – қисм.
[35] Чарх – осмон.
[36] Маҳфил – замин.
[37] Шайъ- чиз.

Олам ҳама мусаххари амри замири[38]туст,
Ай бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?!

Бузургдошти инсон нисбат ба кулли мавҷудоти рӯи замин, яке аз масъалаҳои марказии эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ мебошад. Яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи эҷодиёти Бедил низ дар гузориши масъалаи мазкур ва роҳи ҳалли он зоҳир мешавад. Азбаски доираи фаъолияти инсон серсеҳа, худи инсон махлуқи басо мураккабтарини мавҷудот ҳаст, пас дарки моҳияти эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ низ ҳамин гуна мураккаб аст. Албатта, Бедил ғазалҳое низ дорад, ки дар онҳо зебоиҳои олами мавҷуда, тасвири манзараҳо, хусусан ҷузъиёти фасли баҳор, ҷирмҳои самовӣ ва ғайра мавриди тасвир қарор дода шудаанд.

Достони «Комде ва Мадан»-и Бедили Деҳлавӣ.

Достони «Комде ва Мадан» аввалин достони асримиёнагист, ки қаҳрамонҳои марказии он – ошиқ ва маъшуқа намояндаи аҳли ҳунар, санъатанд. Ин достон мустақил ё ҷудогона набуда, дар дохили маснавии «Ирфон» ҷой дода шудааст. Аз сабаби он, ки соли таълифи «Ирфон» 1712 эътироф шудааст, пас санаи эҷоди «Комде ва Мадан» низ бояд ҳамон сол бошад. Достони «Комде ва Мадан» аз 900 байт иборат буда, 10 бобро фаро мегирад. Достон дар шакли маснавӣ буда, дар баҳри Хафифи махбуни аслам (баъзан аслами мусаббағ, махбуни маҳзуф, махбуни мақсур) таълиф шудааст.

Афоъили он чунин аст:

- v - - / v - v - / - -

яъне: фоъилотун, мафоъилун, фаълун ё фаъилун

Мазмуни достони «Комде ва Мадан» чунин аст: Яке аз шоҳони номдори қаламрави Ҳиндустон дар ҳарамсарои хеш бо номи Комде раққосаи ҳунарманду хубрӯе доштааст. Комдеи соҳибҷамол бо ҳунари волои худ, ки дар базмҳои шоҳона барпо мешуд, ҳамаро мафтуну шайдо ва шефтаву ҳайратӣ менамудааст. Чунончи:

Базми шаҳ бе рухаш ҳузур надошт,
Бо ҳозирон чароғ нур надошт.

Овозаи ҷамоли зебо ва санъати волои Комде оламгир мешавад ва дар мулки Шимоли Ҳиндустон санъатвари дигаре - Мадан ном зиндагию фаъолият менамуд, ки хунёгари бемонанд ва сарояндаи хушсавте буд. Мадан овозаи Комдеро шунида бо як илоҷе худро ба қаламрави Комде мерасонад. Мадан дар як базми шоҳ иштирок намуда, ҳунарнамоӣ мекунад ва ба ҳозирин ниҳоят писанд меафтад ва ҳунарнамоии Мадан шоҳро ба ҳадде мутаассир мекунад, ки шоҳ шаддаи марвориди гаронарзишеро ба Мадан ҳадя мекунад. Санъати Мадан Комдеро низ тасхир карда буд ва Мадан шаддаи ҳадяшударо ба Комде мебахшад.

Бедил лаҳзаи мазкурро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

К-он чи ман дорам аз сарафрозӣ,
Беҳ, ки халхоли[39] пои худ созӣ.

[38] Замир – ботин, дил.

Рафтори Мадан боиси ғазаб гирифтани шоҳ мешавад. Шоҳ амр мекунад, ки Мадан аз шаҳр бадарға карда шавад ва агар касе ба ӯ раҳмхориро раво бинад, ба қатл расонида мешавад. Комде бошад дар ҷазои Мадан худро сабабгор медонад ва аз ин рӯ, мехоҳад Маданро бубинад:

Комде ҳар тараф «Мадан»-гӯён,
Буд чун ашк аз қафо пӯён.
Кӯчаҳо дод чок бар ҷигараш,
То расонӣ хешро ба сараш.

Комде ба сифати ришва зару зевари зиёдеро сарф намуда, Маданро ба мӯҳлати як шаб халос менамояд ва ошиқро ба хонаи худ гирифта меорад. Онҳо дар якҷоягӣ аз гардиши айёму аз ноҷуриҳои рӯзгор шикваҳо мекунанд. Рӯзи дигар золимон онҳоро ҷудо намуда, Маданро ба биёбон бурда, дар он макон ӯро танҳо мегузоранд.

Дар ҳамон сӯҳбати якшаба Мадан ба Комде гуфта буд, ки дар кадом як гӯшаи мулки Шимол дарахти муқаддасест, ки инсонро ба мурод мерасонад. Яъне, агар касе он дарахтро пайдо намуда, каме дар сояи он нишинад, ба мурод хоҳад расид. Ба ҳамин мақсад, Мадан он дарахтро ҷӯён мешавад ва аз ҷумла мегӯяд:

Меравам, то ба он дарахт расам,
Шояд аз сояаш ба бахт расам.

Лаҳзаи хайрухуш Мадан ба Комде гуле тақдим намуда, таъкид мекунад, ки агар гулро хазон бинӣ, бидон ки ҳаёти ман дар хатар аст ва умрам ба поён расидааст. Агар гул пажмурда нашавад, маро чизе таҳдид намекунад.

Мадан он дарахтро пайдо карда дар сояи он муддате хоб меравад ва ҳар замон аз Комде ёд мекунад. Аз забони Мадан номи Комдеро ҳатто паррандагони биёбон низ ҳифз карда, онҳо «Комде»-наво мешаванд. Чунончи:

Ваҳшу тайри саводо он саҳро,
Баст минқору лаб зи савту наво,
Баски бо созиш ошно гаштанд,
Як қалам «Комде»-наво гаштанд.

Боре шоҳи мулки Шимол ҳангоми шикор гузораш ба ҷавони парешонҳоле меафтад, ки дар биёбон басо афсурдаву хиҷил аст. Шоҳ ҷавонро ҳолпурсӣ мекунад ва пас аз огоҳӣ ёфтан аз ҳоли хеле парешони Мадан, ба ӯ хоҳиши ёрӣ расондан пайдо мекунад. Зеро Мадан саргузашти пурмоҷарои худро ба самъи шоҳ мерасонад. Шоҳ аз шунидани ин хеле мутаассир гардида, мехоҳад ба ошиқон ёрӣ расонад. Шоҳи мулки Шимол ба шоҳи золим нома навишта, хоҳиш менамояд, ки барои ба мақсад расидани ошиқон мусоидат бикунад. Инчунин, боисрор таъкид ҳам мекунад, ки агар ба кори ошиқон монеъ шавад, он гоҳ бо ӯ ҷанг хоҳад кард. Вале подшоҳи золим хоҳиши шоҳи одилро рад мекунад. Ниҳоят, ҷанг сар мезанад ва дар ин ҷанг шоҳи одил пирӯз мешавад:

Хоки он бевафо ба хун тар шуд,

---

[39] Халхол – ҳалқаи тилло ё нукра, ки занон барои зинат ба пой мебанданд.

Подшоҳи Мадан музаффар шуд.

Мадан аз ғалабаи шоҳи одил шод гардида, наздик омадани висолро ҳис мекунад. Комде аз ҳолати гул қиёс мекунад, ки Мадан хушҳол бояд бошад. Аз ҳолати ошиқон шоҳи одил низ хурсанд гардида, мехоҳад иродаи Маданро бисанҷад. Ӯ тавассути суханчине ба Комде мерасонад, ки Мадан дар яке аз лаҳзаҳои ҷанг ҳалок шуд. Комде баробари шунидани ин хабар, аз ҳуш меравад ва шоҳ низ аз кори худ пушаймон мешавад. Зеро ҳамон шахс хабари ҳоли Комдеро ба шоҳи одил мерасонад. Ҳангоми ба шоҳ арз намудани саргузашти Комде, Мадан дар ҳузури шоҳ буд, хабар ёфта ӯ низ аз ҳуш меравад. Шоҳи одил аз ҳазли ноҷо худ пушаймон мегардад. Шоҳ амр мекунад, ки ҷасади ошиқонро ба гармоба гузоранд. Зер шоҳ бо табибон машварат намуда буд. Онҳоро ба гармоба мебаранд ва баъди бахудоӣ, онҳо ҳамдигарро дар канори якдигар пайдо намуда, хурсандӣ мекунанд ва ба ҳамин тариқ, ба мурод мерасанд.

Достон бо ҳамин хотима меёбад. Албатта, дар адабиёти тоҷик достонҳои ишқӣ-лирикӣ хеде зиёданд: «Варқа ва Гулшоҳ», «Вис ва Ромин», «Хусрав ва Ширин»-ҳо, «Лайлӣ ва Маҷнун»-ҳо, «Фарҳод ва Ширин» ва ғайра. Вале дар асари Бедил тозакориҳо фаровон аст. Муҳим он аст, ки оптимизми бисёр қавӣ дорад. Зеро қаҳрамонҳои асосии он ба мақсад мерасанд.

Аз тарафи дигар, қаҳрамонҳои марказии достон намояндагони аҳли ҳунар мебошанд, ки ба ҷуз хунари хеш ва хизмат ба мардум, ба сиёсат ва низоъҳои дигар сару кор надоранд.

Дар ин асари Бедил шоҳи одил низ рафтори дигар дорад. Ӯ бисёр қатъӣ, ҷиддӣ ва дӯстдори ҳақиқату адолат аст. Агар ҷое ноадолатиеро бубинад, онро то ба охир месанҷад ва адолатро барқарору ҳақиқатро пойдор месозад.

Бедил исбот мекунад, ки зулм ва золимӣ бебақо ва суспоя аст.

Образҳои асосии достон

Дар достони «Комде ва Мадан» образҳои асосӣ ва лаҳзагӣ, мусбат ва манфӣ иштирок менамоянд. Образҳои марказии он: Комде, Мадан, шоҳи кишвари Комде, шоҳи мамлакати Шимол.

Ғоя ва ҳадафи эҷодии Бедил. Дуруст аст, ки достони «Комде ва Мадан» достони ишқист ва бо оптимизми бисёр қавӣ саршор аст. Ишқи дар ин асар рӯи тасвиромада дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат сахт ҳимоя карда мешавад. Ишқи ду дилдода пок, беолоиш, холӣ аз макру ҳилла, сидқӣ, софдилона ва самимӣ буда, ҳар ду дилдода ҳам муборизанд. Онҳо тарсу ҳарос аз шоҳу амиру каси дигаре надоранд. Гузашта аз ин, Комде ва ошиқи ӯ - Мадан намояндаи як табақаи иҷтимоиянд. Онҳо соҳибҳунаранд ва ҳунарашон онҳоро машҳур кардааст. На Комде ва на Мадан ҳариси молу чиз нестанд. Онҳо барои дороиву молу пул талош намеварзанд. Шоҳ ба Мадан шаддаи марворид инъом кард, вале Мадан дар ҳузури шоҳ шаддаи марворидро нисори қудуми Комде намуд.

Аз тарафи дигар, бунёди ғоявии асарро адл ва адолатхоҳиву додгустарӣ фароҳам меорад. Албатта, адлу дод дар муқобили зулму

бедодӣ меистод. Шоир ба ин восита гуфтанист, ки адлу дод ҳимоя аст. Мутафаккир асоснок менамояд, ки набояд фирефтаи ноадолатиҳо ва истеъдодҳо шуд. Зеро зулм ва золимӣ бебақо буда, мағлубпазиранд ва адлу додгустарӣ бошад, шикастнопазир ва ҷовидонаанд. Бедил бо нишон додани ду шоҳ ва усули муносибати онҳо, ҳаминро таъкид кардӣ ҳаст, ки шоҳони ҷонибдори зулм роҳи хаторо интихоб кардаанд. Онҳо хатман шикаст мехуранд ва аз арсаи таърих мераванд. Онҳоро таърих низ бо нафрат ёд мекунад. Вале шоҳони одил таърихсозанд ва мамлакати онҳо дарозумру мардумонаш меҳнатқарин мебошанд. Тавассути эҷоди бадеъ сурат гирифтани образи шоҳи одил яке аз вазифаҳои дараҷаи аввали адибони асримиёнагӣ низ ҳаст. Маҳз, ана ҳамин падидаи адабӣ ғояи шоҳи одилро тавлид карду адибон ба тарғиби он камар бастанд.

Ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои иҷтимоӣ – ахлоқии Бедил.

Маълум аст, ки зери мафҳуми ҷаҳонбинӣ системаи фалсафии таълимоти адиби мутафаккир фаҳмида мешавад. Аз ин нигоҳ, эҷодиёти Бедил ва системаи ҷаҳонбинии ӯ бо таълимоти исломи шариф муқобил нест. Зеро ӯ ҷонибдори таълимоти фалсафаи ваҳдати вуҷуд буда, ҳадди ниҳоии он Холиқ-ҳастии мутлақ ва азалӣ ва сунъи ӯ махлуқ-одам ҷӯён асли хеш аст.

Аз ин рӯ, Бедил инсонро ҳамаҷониба дар маркази эҷод мегузорад. Онро ҳамчун асрори олами сағир ба тасвир мегирад: **«Ай шамъи базми қудс, надонам чӣ маҳзарӣ»…** Қиёсҳое, ки барои маърифати инсон ба кор гирифта мешавад, ғолибан ба олами моддӣ тааллуқ дошта, таҷрибагоҳи он зиндагӣ, ҳаёт, рӯзгор ва табиат аст. Ин аст, ки инсони тасвиркардаи Бедил пайваста дар гиру дор, раду бадал буда, доираи амалиёту фаъолияташ пур аз низоъ, тазод, мухолифат, бархурд аст. Нерӯи тафаккур, қудрати ақлонӣ, зеҳну заковати ин инсон ҷӯё, кӯшо ва фаъол мебошад. Илму тадқиқ, қиёсу тарҷеҳ, созандагию ихтироъ муҳимтарин сифатҳои фаъолияти инсони тасвиркардаи Бедил аст. Ҳадафи ин инсон:

«Оламеро барорам аз ғафлат.»

Ғафлат хоси ҷаҳони инсонист ва душмани ҳушёриву зиракии инсон аст. Аз сабаби он ки ин инсон оламеро (ҷомеъаро) аз ғафлат азми наҷотдиҳӣ дорад, пас тибқи таълимот ва ҷаҳонбинии Бедил, бархурдҳои мафкуравӣ, зиддиятҳои ботинӣ, низоъҳои сиратӣ ихтилофҳои маънавии ниҳоят аҷоиб ва бозёфти шоири мутафаккир аст, ки боиси кашфи ҷузъиёти афкори ахлоқию фалсафӣ ва адабию зебошиносии мутафаккир аст. Бинобар он, инҳитоту инқирози маънавӣ ва ё рушду таҳаввули он ба огоҳӣ ё ғофилии инсон сахт вобастагӣ дорад.

Бедил ҳам мисли кулли адибони асримиёнагӣ ҷонибдори ахлоқи ҳамида ва барҳамзанандаи ахлоқи разила аст. Зеро ахлоқи разила: ришва, зино, дурӯғ, кибр, қатл, фиреб, ҷаҳл, ғазаб, таносонӣ, муфтхӯрӣ, хабаркашӣ, одамбезорӣ ва ғайра боиси завволи ҷомеа аст. Ахлоқи ҳамида: инсондӯстӣ, ростқавлӣ, вафодорӣ, сабӯрӣ, меҳнатқаринӣ,

ҳалолкорӣ, хоксорӣ, шикастанафсӣ, покдоманӣ, саховатмандӣ, софдилӣ ва ғайра сабаби болоравии маънавиёти инсон ва ҷомеа мебошад.

Дар таълимоти ахлоқии Бедил эҷоди бадеъ ҳамчун ифодагари тафаккури инсон – маънавиёти ӯ ва то ба ҳадди баланди фикрӣ расидани он дониста мешавад. Ба назари Бедил, донишу илм ирсӣ нест ва на ҳар кас барои идроки маънӣ омода мебошад. Ба ин маънӣ шоир мегӯяд:

Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,
Табъи салими фазлат ирси падар набошад.

Ҳадафи эҷодкор аз қазовати мазкур пеш аз ҳама саъй, ҷиду ҷаҳд ва кӯшишу ҳаракат низ ҳаст. Бедил чун абулмаъонӣ офариниши маъниро дар эҷоди бадеъ дар ҷои аввал мегузорад. Аз ин хотир, ҳунари эҷодкору тахайюли эҷодӣ ҷанбаи марказии шеърро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, ӯ ашъори мадҳиро хуш надорад ва ҳатто сахт накӯҳиш ҳам мекунад:

Ай басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст.
В-ай басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи адаб аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷаи маънии ин сустхаёлон дарёб,
То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст.
Сила муштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд,
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад, дар чоҳ аст.

Бедили Деҳлавӣ адибонеро, ки истеъдодро хор кардаанд ва ҳунарро тобеи зар донистаанд, сахт танқид менамояд. Асоси эҷодиёти онҳоро ҳирсу тамаъ фароҳам меораду ҳадафи онҳо аз эҷоди бадеъ ба ҷуз тамаъ ва чоплусӣ чизи дигаре нест, носазо мегӯяд:

Дар лафзи туст маънии кавнайн мундариҷ,
Баҳри чӣ бар ҳақиқат ҳуд пай намебарӣ?
Оби ҳаёт аз нафасат мавҷ мезанад,
Аммо чӣ суд, к-аз арақи мову ман тарӣ.
Ғофил зи ҳуд мабош, ки чун шамъи офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу нӯҳ қасри ахзарӣ.
Кавну макон гулест ба домони ҳиммататат,
Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ.
Олам ҳама мусаххари амри замири туст,
Ай бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ,
Аз ҳеч кас наям силаандеши бешу кам,
Маддоҳи фитратам на Заҳирам, на Анварӣ.

Албатта, панду ахлоқ, андарзу насиҳат дар таърихи адабиёти форсу-тоҷик яке аз мавзӯъҳои ҷовидона аст. Ҳатто адибе нест, ки ба ин масъала даст назада бошад. Ба фармудаи Саъдии Шерозӣ:

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

Аз ин рӯ, ҳадаф қарор додани мавзӯъ нав нест, яъне интихоби мавзӯъ суннатӣ бошад ҳам, маърифат ва роҳи ҳалли масъала тозаву нав мебошад. Ӯ ба масъалаи ахлоқу тарбия назари тоза дорад. Воқеан

эҷодиёти Бедил инъикоси марҳалаи нави эҳёгарии адабиёти тоҷик аст, ки ба қонунмандии ҳолати сиёсӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ, фарҳангӣ-адабӣ, фалсафӣ-эстетикӣ сахт вобастагӣ дорад. Равандҳои мазкур сараввал ҷаҳонбинию маърифати мартабаи инсонро муайян мекард. Ин нахустин асре буд, ки Ғарб сиёсати худро мехост дар қаламрави Ҳиндустон ҷорӣ созад. Яъне бархурдҳои мафкуравӣ низ дар ин давра хеле тезутунд гардида буд. Ғарб барои пойдор сохтани сиёсати худ ҷонибдори хурӯҷи низоъҳои мазҳабӣ миёни халқҳои ин қаламрав буд. Аз ин рӯ, Бедил ба мақому мартабаи инсон, маънавиёту шуури ӯ, ҳиссу дарку маърифати шахс таваҷҷӯҳи махсус дорад. Бедил ҷонибдори низоъҳои мазҳабӣ нест. Дар таълимоте фалсафии ӯ, ки сарчашмааш ислом аст, Холиқ офаранда ва махлуқ офаридашуда аст. Холиқ азалӣ ва ҷовид буда, махлуқ фонист. Вале дар ҷанби махлуқ аъмолу афъоли мутазод ниҳон аст. Ин аст, ки махлуқ дорои сифатҳои ноқису комил, каму зиёд, мавзуниву номавзунӣ, шайтониву раҳмонӣ ва ғайра аст. Бедил дар робита ба интихоби ҷанбаҳои ахлоқи ҳамида ва амали хайр инсонро мухтор медонад. Инсон метавонад бо роҳи нек рафта зиндагии худро беҳтар намояд. Ҳадаф аз омӯзиши нек сайқал додани шууру тафаккур аст, то инсон тағофул наварзад, ғофил намонад. Ба ин маънӣ мегӯяд:

Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам.
К-аз усули мадорики ҳикмат
Оламеро барорам аз ғайлат.

Аз ин нигоҳ, бурду бохти ҷамъият натиҷаи зиракӣ ё ғофилии инсон дониста мешавад. Ӯ ҷонибдори инсони кӯшо, закӣ, ҷӯё, соҳибмаърифат мебошад, зеро чунин инсон соҳиби истиқлоли фикру андеша аст ва метавонад ба мақсад бирасад:

Кавну макон гулест ба домони ҳиммат,
Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ!

Бедил хамчун адиби мутафиккир қасидае дорад, ки дар он инсон ҳамчун махлуқи муқаддас васф гардида, худшиносии он сахт таъкид карда мешавад.

Умуман дар ин масъала афкори фалсафӣ – иҷтимоии ӯ хилофи шариати исломӣ нест ва Бедил қазовати худро дар ҳамин замина асоснок мекунад. Танҳо мутафаккир зоҳирпарастиро сахт маҳкум месозад. Масалан, риши аз эътидол берун, саллаи калон, либоси фохирона ва ғайра, ки онҳо ифодагари маънавиёту дониш нестанд.

Аҳамияти илм. Бедил илмро яке аз роҳҳои халосӣ аз ғафлату ҷаҳолат медонад. Беш аз ин илм, шахсро соҳиби бахту иқбол месозад:

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.
Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

Аммо Бедил дар омӯзиши илм дар ҷои аввал мақсадро мегузорад, ки ҳадаф аз чунин шакл гирифтани қазоват мухторияти инсон мебошад.

Зиёни бекорӣ. Кор омили асосии пешрафт дониста мешавад ва Бедил таъкид мекунад, ки он чи инсон пас аз худ боқӣ мегузорад, самараи кору бори ӯст. Бинобар он, одамон бояд ба корҳои барои умум фоиданоку нафърасон машғул шаванд. Ба шуғли беҳуда даст назананд ва ба хар коре, ки даст мезананд, натиҷаи онро андеша кунанд. Зеро дар дунё танҳо натиҷаи фаъолияти инсон мақому мартабаи ӯро муайян намуда, чиз дигаре дар ин дунё наметавонад баҳои сазовори шахсияти инсон бошад. Бедил маҳз бо назардошти кору бори инсон нозу неъматҳои дигари дунёро муваққатӣ меҳисобад:

Аввалу охир он чӣ шуд маълум,
Кору бор аст, мобақӣ[40] - маъдум[41].

Тарғиби хислатҳои ҳамида. Бедил инсони некӯкор, хайрхоҳ, илмдӯст, ватанпараст, халқдӯст, соҳибмаърифат, ҳалим, фурӯтану хоксор, ширинсухану нармгуфтор, ростқавлу ростгӯ, вафодору устуворро дар эҷодиёташ васф мекунад. Чунончи, инсон набояд фирефтаи дониши худ шавад ва ба кибру ғурур рӯй биёрад:

Ҳарчанд ба дониш аз ҷаҳон афзунӣ,
Ё дар пирӣ муаллими гардунӣ.
Ҳар гоҳ ба пеши кас бари ҳоҷати хеш,
Тифлӣ ба ту зебад, на афлотунӣ.

Бедил ҷонибдори ҳамбастагию иттифоқӣ, якдилию муттаҳидӣ буда, парокандагию нифоқ, парешониву хусуматро танқид мекунад:

Ёрон ба тифоқ агар қадам мешикананд,
Ҷайши арабу аҷам ба ҳам мешикананд.
Аз қудрати иттифоқ ғофил нашавӣ,
Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд.

Ба назари Бедил, ҳиммatбаландӣ ҷолибтарину накӯтарин сифати инсон аст. Агар шахс ҳиммати баланд дошта бошад, ҳеҷ душворие наметавонад сади роҳи ӯ гардад. Ӯ нақши ҳамматро аз таҷрибаҳои ҳаёту зиндагӣ ҳосил кардааст. Аз ин рӯ, дар ин бора басо дилпурона ва бо боварии том қазоват менамояд.

Чунончи:

Ҳиммат ҳар ҷо беш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеҷ душвореро.
Якчанд фалоҳате[42] ба кӯшиш беҳад
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.

Дар таълимоти ахлоқии Бедил ба ҳиммatбаландӣ, шуҷоат, мардонагӣ, диловарӣ, нотарсӣ, устуворӣ, далерӣ, ҷасурӣ, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад:

Дар таҷрибагоҳи одамӣ сулҳу набард,
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард.

Бедил хислатҳои разилаи инсониро сахт маҳкум мекунад. Ӯ ба хусус мардумозорӣ, чоплусӣ, золимӣ, бераҳмӣ, ҷаҳлу нодонӣ, ҳарзагӯӣ,

---

[40] Мобақӣ – он чи боқӣ мемонад.
[41] Маъдум – адам, нестӣ.
[42] Фалоҳат – кишоварз.

танбалӣ, серхобӣ, пурхӯрӣ, сарватпарастӣ, кибру ғурур ва ғайраро танқид мекунад:

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми занбунёфтаро.
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро.

Тазодҳои рӯзгор, ноадолатиҳои зимомдорон боиси харобии халқ ва мулк дониста мешавад:

Ай нони ту гарм, аз тафи дилҳои кабоб,
Аз хиҷлати зулм боядат гаштан об.
То коми ту молида як ангушт асал,
Бунёди ҳазор хона гаштаст хароб.

Арзи чунин оҳангҳои сохти эътирозӣ низ яке аз хизматҳои Бедил аст, ки аз ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ ва ҳақбинии мутафаккир гувоҳӣ медиҳанд.

Дигар аз хидматҳои таърихии Бедил дар таърихи эҷоди бадеъ аз он иборат аст, ки ӯ ба дифои каломи бадеъ мехезад. Шоир роҳ намедиҳад, ки баъзе шуарои тамаъкор суханро хору беқадр кунанд. Мамдӯҳони нолоиқро ситоиш кунанду силаву инъом ба даст биёваранд. Ҳунару кирдори онҳоро пешаи шайтонӣ ва ҳамкорӣ бо иблис меҳисобад:

Ай, ки таърифи салотин кардаӣ,
Машқи таълими шаётин кардаӣ.
Чист таълими шаётин? –Ҳубби ҷоҳ[43]
Ай шаётин муршидат[44]**, рӯят сиёҳ.**

Дар афкори адабӣ – эстетикии Бедил ба сухан, суханвар ва суханшунав таваҷҷӯҳи махсус ба мушоҳида мерасад. Ӯ шоирони маддоҳ – сила муштоқонро хоркунандагони калом – гадотаъбон ном мебарад. Онҳо имрӯз соҳиби молу сарват ва ганҷу неъматанд ва албатта, ин рӯзаке чанд аст, вале фардо рӯсиёҳу дар чоҳи зулмонианд. Чунончи:

Ай басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли чоҳ аст.
В-ай басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Сила муштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд,
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад, дар чоҳ аст.

Ин аст, ки ӯ эҷодиёти хешро дар муқобили ҳамин гуна суханварон мегузорад ва аз эҷодиёташ, ки умре хираду дониш, ақлу заковатро сутудааст, ифтихор менамояд. Ӯ ҳушдор медиҳад, ки аз касе тамаъ накардааст ва нахоҳад кард ва санги маломатро ҷониби Анвариву Заҳири Форёбӣ ҳаво медиҳад ва мегӯяд:

Аз ҳеҷ кас наям силаандеши бешу кам,
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам, на Анварӣ…

Дӯстии халқҳои қаламрави Хиндустон ва умуман парастиши инсон низ яке аз мавзӯъҳои марказии эҷодиёти Бедил мебошад. Махсусан, дар ҳолате ки аҷнабиён ба сарзамини Ҳиндустон роҳ ёфта буданд ва онҳо

[43] Ҳубби ҷоҳ – мансабпарастӣ, шӯҳратпарастӣ.
[44] Муршид – пир, шайх.

ҷонибдори низоъҳои мазҳабӣ, нооромии авзои ин кишвар буданд. Аз ин ҷост, ки мутафаккир ҳушдор медиҳад, ки дӯстӣ ва ҳамбастагии мардум воситаи наҷоти халқ ва кишвар ба шумор меравад. Зеро дасисакорон баҳри амалӣ гардонидани дасисаҳои хешу ғаразҳои ниҳонӣ ба ҳар коре қодиранд:

Умрест, ки дар арсаи найранги ғараз,
Дорад баду нек сулҳ ё ҷанги ғараз.
Гар рабти[45] каломи куфру дин дарёбӣ,
Сози ҳама кӯк[46]аст ба оҳанги ғараз.

Дар ҷои дигар шоир ҳолати халқҳои кишварро ба дасте шабеҳ медонад, ки зери санг мондааст. Яъне ҳадаф ноилоҷӣ буда, чораандеширо ногузир меҳисобад:

Домони тааллуқе ба чанг омадааст,
К-ин халқ ба зиндони фаранг омадааст.
Осон натавон кашид монанди нафас,
Дасте, ки зи дил дар таги санг омадааст.

Услуб ва хусусиятҳои бадеии ашъори Бедил.

Осори насрӣ ва манзуми ҳар як адиб дар кадом асре, ки бошад, аз сабки умумии адабӣ берун нест. Вале истеъдодҳо дар таърихи адабиёт тавонистаанд, ки дар ҷузъиёт тозаҷӯиҳо кунанд. Масалан, Рӯдакӣ дар асри X, Носири Хусрав(XI), Саноӣ (а.XII), Низомӣ (а.XII), Ҷалолуддини Балхӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ (а.XIII), Ҳофизу Камол (а.XIV), Ҷомӣ(а.XV) ва ғайра.

Аз ин нуқтаи назар, осори Бедил низ дар заминаи сабки умумии давр – сабки ҳиндӣ эҷод шудааст ва хусусиятҳои ин сабкро комилан фаро гирифтааст. Аз тарафи дигар, эҷодиёти Бедил, ки онро истеъдоди басо ҳайратовар рӯи кор овардааст, дар ҷузъиёт тозакориҳои хеле сершумор дорад, ки ҳатто сабки умумии даврро сарчашмаҳо сабки бедилӣ ном ниҳодаанд. Ба ин маънӣ, то андозае адабиёти беш аз 700-сола ҷанбаи ҷамъбастӣ мегирад, ки ин падидаро худи Бедил, пеш аз ҳама, ҳис кардааст. Чунончи, мегӯяд:

Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ҳарфи чакида мемонад.

Зеро ҳадафи шоир жанри ҷудогона набуда, умуман, шеър, яъне адабиёт аст.

Ӯ шоирест, ки ҳангоми саррофии сухан ҳунари хоса зоҳир мекунад. Ҳатто ашёҳои муқаррарии табиат: кӯҳ, санг, хок, об, сабза, дарахт, абру борон ва ғайра моҳияти махсуси эстетикӣ мегиранд ва ба таври ҳайратовар ҷаззобу ҷолиб ва зебову назаррабо мешаванд. Ба ин маънӣ Бедил мегӯяд:

Ҳар сангпорае, ки фитад чашми мо бар ӯ,
Аз як назар ақиқи Яман[47] мекунем мо.

---

[45] Рабт – пайвастагӣ, робита.
[46] Кӯк-мувофиқ намудани овозҳо дар мусиқӣ, ҳамоҳангӣ,; ҷӯр.
[47] Ақиқи Ямин – санги қиматбаҳои машҳуре, ки дар Яман ҳосил карда мешавад.

Албатта, ин як хусусияти умуман адабиёт аст, вале адибони соҳибистеъдод тавонистаанд, дар ҳунари эҷод аз якдигар бартарӣ дошта бошанд. Ин аст, ки Бедил ҳолати эҷодро ба дами теғ монанд мекунад, ки мақсуди ӯ гузаштан аз ҳастии хеш аст. Яъне эҷодкор месӯзад, то бисозад:

Дами теғест, Бедил, роҳи борики сухансанҷӣ,
Забони хома ҳам шақ[48] дорад аз ҳарфофариниҳо.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими сабки Бедил дар он аст, ки калимаҳо, ибораву таъбирҳо дар алоҳидагӣ фаҳмо, содда, равонанд, вале дар матн хеле печида меоянд, маънии онҳо барои хонанда дастнорас мешавад. Чунончи, дар ин байт:

Гул ба дасту по кӣ баст имшаб, ки чун ранги ҳино
Бӯсамуштоқон чаманҳо зери лаб хун кардаанд.

«Маъшуқа» - менависад устод С.Айнӣ мавриди таҳлили байти мазкур, - ба дасту пои худ гул бастааст, ба ин сабаб бӯсамуштоқон – ошиқоне, ки дасту пои ӯро бӯсидан мехостанд, чаманҳоро дар зери лаб гирифта – бӯсида хун карда ба ранги ҳино гардондаанд, то ки маъшуқа дар вақти ба пою дасти худ гул бастан, шояд гулҳои ба ранги ҳиногардидаи ин чаманҳоро банданд ва ба ин восита бӯсиши ин бӯсамуштоқон ҳам ба дасту пои ӯ бирасад». Ин албатта, аз печидагии маъно гувоҳӣ медиҳад.

Ё худ дар ин байт:

Хок шуд фитрат ба пастӣ, лек мижгон бар надошт,
В-ар на аз мо то ба боми осмон як зина буд.

Дар ин байт шоир фалсафаи халлоқияти инсонро дар назар дорад, ки Худо одамро дар биҳишт офарид ва аз сабаби он ки ҷисми ӯ аз олами сифлӣ буд, тоб оварда натавонист ва агар тоб меовард, то олами тақаддус андаке буд.

Муҳим он аст, ки санъатҳои бадеӣ низ дар шакли нисбатан мураккаб ба кор гирифта мешаванд; ташбеҳоти мураккаб, муканно, кинояву маҷозҳои хеле ваҳмӣ, хаёлӣ, иҳому рамзҳои нисбатан дастнорас мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки моҳияти онҳо на ба ҳар кас фаҳмост.

Дигар аз хусусиятҳои уллубии ашъори Бедил аз он иборат ась, ки ӯ баъзан калимаҳои нави мураккаб месозад: силамуштоқ, бӯсамуштоқ, гадотабъ, рамзошно, хирасар, иқтидороҳанг, чаманкулоҳ, тарабсаро, хориҷоҳанг, ҳайратоғоз, тӯфончӯшӣ, асарпарвард, тараҳумхирман, саднаргисистонибрат ва ғайра, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудаанд, ҳатто маънии луғавиашон на ба ҳар кас фаҳмост.

Забони ашъори лирикии Бедил яксон нест, ғазалу қасидаҳои ӯ нисбатан мураккаб ва шеваи қитъаҳову рубоиёташ хеле соддаанд.

Барои намуна чанд байт аз як қитъаи шоирро зикр менамоем:

Ай басо илме, ки аз беилтифотиҳои халқ
Дар миҷози маъниогоҳон ҳамон мастур монд.
Бедимоғиҳои мастон чашми шавқе во накард,
Мавҷи май дар ҷом маҳви решаи ангур монд.
Наргисистонҳо ба ҳайрат хуфтаи бедонишист,
Оламе афрӯхт шамъу ҳамчунон бенур монд.

[48] Шақ(к) – шикоф; чок, шикофта.

Гар касе маҳрам нашуд андешаи ғафлат кирост?
Ҳусн аз бас бениёзӣ дошт, номанзур монд.

Дар ин қитъа калимаи душворфаҳм нест ва хатто хонандаи оддӣ ҳам маънии онро ба осонӣ дарёфта метавонад.

Ё худ ифодаи маънии иҷтимоӣ дар ин рубоӣ, ки хеле оммафаҳму сода аст, далели қазовати болост:

Ай ғофили имтиҳон, зи кас қарз магир,
Ҳарчанд расӣ ба ҷон, зи кас қарз магир.
Андӯҳи адо сахт гаронӣ дорад,
Аз фоқа бимиру нон зи кас қарз магир.

Вале забони қасидаҳову ғазалиёт ва маснавиҳои Бедил нисбатан мураккабу печида аст ва худи шоир, «Сайри фикраи осон нест, кӯҳаму кӯтал дорам»- мегӯяд, шояд ба ҳамин қисмати таълифоти мутафаккир бештар тааллуқ дошта бошад.

Албатта, баъзан ғазалҳои равону фаҳмо низ дучор мешавад ва махсусан, ашъори васфиаш, ки ба тасвири баҳор, ҷузъиёти табиат, ситоиши маҳбуба, баёни ҳасби ҳол ва ғайра бахшида шудааст, зиёданд. Чунончи, ин ғазали баҳорияро чун намуна метавон зикр намуд:

Чашм во кун, ранги асрори дигар дорад баҳор,
Он чӣ дар ваҳмат нағунҷад, ҷилвагар дорад баҳор.
Соате чун бӯи гул аз қайди пироҳан баро,
Аз ту чашми ошноӣ он қадар дорад баҳор.
Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфон гаштааст,
Сабзаро аз хоби ғафлат чанд бардорад баҳор.
Чашм то вокардаӣ, ранг аз назарҳо рафтааст,
Аз насими субҳ доман бар камар дорад баҳор.
Аз хазон оина дорад субҳ, то гул мекунад,
Ҷуз шикастан нест ранги мо, агар дорад баҳор.
Абр менолад, к-аз асбоби нишоти аҷуман,
Ҳар чӣ дорад дар фишори чашми тар дорад баҳор.
Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеам,
Ин маонӣ дар «Гулистон» бештар дорад баҳор.
Мӯ ба мӯям ҳасрати заҳмат табассум мекунад,
Ҳар ки гардад бисмилат, бар ман назар дорад баҳор.
З-ин чаман, Бедил, на сарве ҷасту на шамшод раст,
Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.

Таъсири эҷодиёти Бедил ба адабиёти тоҷик

Ғуломалихони Озод дар «Хизонаи Омира» минависад, ки: «…аҳли Бағдод забони арабӣ ва форсӣ – ҳар дуро медонанд, сӯфиёни он ҷо дар маҷолиси завқ ва самоъ аз забони арабӣ бештар ашъори Ибн-ул-Форизи Мисрӣ ва аз забони форсӣ аксар маснавии Носиралӣ мехонданд. Ин гувоҳи он аст, ки Носиралӣ дар қисмати ғарбии Эрон ва Бедил ғолибан дар қисмати шарқӣ машҳур шудаанд».

«Таъсири Бедил, - менависад С.Айнӣ - дар назму наср аз ҳама ҷо зиёдтар дар Осиёи Миёна ривоҷ гирифта ва то Инқилоби октябр давом кард». Вале касе аз пайравон комилан комёб нашудааст. Гӯё худи Бедил инро ҳанӯз дар замонаш ҳис карда бошад, ки мегӯяд:

Муддаӣ, даргузар аз даъвии тарзи Бедил,
Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад.

Пайравони Бедил асосан ӯро дар шакл пайравӣ кардаанд. Ба мазмуну мундариҷаи ашъори Бедил касе ворид шуда натавонистааст». Печидагии маъно ва дастнорасии умқи андешаву фикр ба он оварда расонд, ки қисми зиёди пайравон сарддил шуда даст мекашидаанд. Бо вуҷуди он чанд тан аз шоирони тоҷики Осиёи Миёна: Сарир, Сират, Исои Бухороӣ, Туғрал, Асирии Хуҷандӣ, Ҷавҳарӣ Бедилро хеле хуб пайравӣ кардаанд. Охирин шоири тоҷик, ки ба Бедил нисбатан ӯҳдабароёна тақлид кардааст, Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ мебошад, ки 16-уми феврали соли 1945 аз олам гузаштааст.

Дар мадрасаҳо пас аз китобҳои таълимии исломӣ, аз шоирон аввал Ҳофиз ва сонӣ Бедил омӯхта мешуд.

Ҳатто дар бисёр марказҳои илмӣ-адабӣ: Бухоро Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан мактабҳои умумии бедилхонӣ вуҷуд дошт.

Савол ва супоришҳо:

1.Оид ба таваллуд ва овони ҷавонии Бедили Деҳлавӣ маълумот диҳед.

2.Бедил дар синни чандсолагӣ ба шеъргӯӣ оғоз кардааст?

3.Кадом хешовандони Бедил дар камолоти маънавии ӯ саҳм гузоштаанд?

4.Бедил ба кадом шаҳрҳои Ҳиндустон сафар кардааст:

5.Сабаби бо Мирзо сар шудани номи шоир ва хешовандони ӯро шарҳ диҳед.

6.Поёни умри Бедил дар кадом шаҳр гузаштааст?

7.Таркиби «Куллиёт»-и Бедил кадом асарҳоро дар бар гирифтааст.

8.Кадом асарҳои насрии Бедилро медонед?

9.Мазмуну мӯҳтавои маснавиҳои «Тӯри маърифат» ва «Тилисми ҳайрат»-ро баён кунед.

10.Маснавии «Муҳити аъзам» дар кадом мавзӯъ эҷод шудааст?

11.Калонтарин маснавии шоир чӣ ном дорад ва мазмуну мӯҳтавои онро баён кунед.

12.Мазмуни мухтасари маснавии «Комде ва Мадан»-ро нақл кунед.

13.Кадом қаҳрамонҳои марказӣ ва лаҳзавии маснавии мазкурро медонед?

14.Гузориши адлу одилӣ дар маснавии «Комде ва Мадан».

15.Кадом асарҳои насрии Бедилро медонед?

16.Таркиби «Девон»-и Бедили Деҳлавиро баён кунед.

17.Ғазали «Айш донад дили саргашта парешониро» азёд гӯед.

18.Мазмуни ғазали «Рамиданҳо зи авзои ҷаҳон тарзи дигар дорад»-ро нақл кунед.

19.Ғазали «Чашми ту ба ҳоли ман гар ним назар хандад» ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

20.Маҳорати эҷодии шоирро дар ғазали «Аз ғубори ҷилваи ғайри ту то бастам назар» шарҳ диҳед.

21.Дар хусуси ҷаҳонбинӣ ва ақоиди иҷтимоии Бедил чӣ медонед?

22.Назари Бедил оид ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва мазаммати ахлоқи разила.

23.Услуб ва хусусиятҳои бадеии ашъори Бедилро баён намоед.

24.Пайравони Бедил дар Мовароуннаҳр киҳо буданд?

АДАБИЁТИ АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

Вазъияти сиёсии Осиёи Миёна

Вазъияти сиёсию таърихӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва оғози асри XIX басо сангину мураккаб гардида, ин ҳолат ҳанӯз аз аҳди Абдулазизхони Аштархонӣ (1645-1680) ва Субҳонқулихон (1680-1702) шурӯъ шуда буд. Убайдуллоҳхон (1702-1711) кӯшиши пешгирӣ намудани онро карда бошад ҳам, натиҷа надод ва худи ӯ ба қатл расонида шуд.

Дар замони ҳукмронии охирин намояндаи хонадони Аштархонӣ – Абулфайзхон (1711-1747) вазъияти кишвар тамоман хароб гардид. Зеро ин қариб ба корҳои мамлакатдорӣ ҳоким аҳамият намедод. Ин буд, ки ҳокими Эрон – Нодиршоҳи Афшор (1688-1747) соли 1740 ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, қувваҳои Нодиршоҳ бе дидани муқобилияти шадиде ба Бухоро ворид шуданд.

Дар ин ҷанг Муҳаммадҳаким атолик - фиристодаи Абулфайзхон барои музокирот ба назди Нодиршоҳ низ хиёнат мекунад. Ӯ бар нафъи Нодиршоҳ амал менамояд. Писари Муҳаммадҳаким - Муҳаммадраҳимбӣ дар Эрон ба боварии Нодиршоҳ даромада, баъдҳо бо баҳонаи ҷанозаи падараш ва кӯмак ба Абулфайзхон ва зарба задан ба Ибодуллоҳбӣ дар Каттақӯрғон ба Бухоро меояд. Дар ҳақиқат, Раҳимбӣ исёни Ибодуллоҳбиро шикаст дода, соли 1747 Абулфайзхонро дар мадрасаи Мири араб ба қатл мерасонад. Ба ҳамин тариқ, охирин намояндаи Аштархониҳо аз сафҳаи таърих рафта, ба ҷои ин сулола салтанати Манғитиҳо сар мешавад.

Раҳимхон соли 1754 ба як қатор шаҳрҳои Мовароуннаҳр лашкар кашида, дар шаҳрҳои Миёнколот, Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Қаршӣ, Ургут, Панҷакент, Ҳисор ва ғайра пояи давлаташро устувор мегардонад.

Раҳимхон соли 1758 вафот мекунад ва ба ҷои ӯ амакаш - Амир Дониёл (1758-1785) ба тахт менишинад. Вале дере нагузашта ҳокимони маҳаллӣ муқобили ӯ исёнҳо бармеангезанд. Аз ҷумла, ҳокимони шаҳрҳои Ӯротеппа – Фозилбӣ, Шаҳрисабз – Бекназарбӣ, Косон – Бӯтабӣ, Ғузор-Дӯстқаробӣ ва дигарон. Баъди пахши чунин исёнҳо, албатта, аҳволи мамлакат хеле бад шуда буд. Баъд аз вафоти Дониёл (соли 1785) писари ӯ - Шоҳмурод (1785-1800) соҳиби тахт шуд. Ин марди сӯфимашраб шахсияти оддиву хоксоре буда, ҳатто Давлаткушбегӣ ва Қозӣ Низомуддинро дар ҳузури омма барои гуноҳхояшон ба қатл мерасонад. Дар таърихи сулолаи Манғитиҳо ҳукмронии Шоҳмурод хеле одилона ва дар ҳадди инсоф буд. Ӯ қариб ҳамаи ҳокимони маҳаллиро иваз мекунад ва мансабдоронро санҷида, ба ҳар вазифае таъин менамояд.

Амир Шоҳмурод барои ободонии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро кӯшиш намуда, пеши роҳи бесару сомониҳоро то андозае мегирад.

Соли 1800, пас аз вафоти Шоҳмурод, писари ӯ-Ҳайдар (1800-26) ба тахт мешинад. Амир Ҳайдар мударрисӣ низ мекардааст. Баъд аз вафоти Ҳайдар писари вай - Насруллоҳ (1826-1860) ва баъди Насруллоҳ писари ӯ - Музаффар (1860-1885) амир мешаванд.

Дар оғози асри XIX мисли аминона, мӯҳрона, миробона, вакилона, муҳосилона, ҳаққи тарозу ва ғайра навъҳои андоз зиёд мешавад. Ин аст, ки дар даврaҳои гуногуни асрҳои XVIII-XIX бисёр исёнҳои халқӣ рух додаанд.

Вазъияти Хӯқанд. Вобаста ба он ки Нодиршоҳ Хӯқандро ишғол накард, ин сарзамин нисбат ба Бухоро ободон боқӣ монд. Ҳокими ин қалamрав - Олимхони Хӯқандӣ (1799-1809) низ баъзе тадбирҳои хуб баҳри амнияти кишвар андешида буд. Ӯ аз ҳисоби мардумони кӯҳистони Дарвозу Қаротегин ва Шуғнон дастаи махсусе созмон дода, даъвии истиқлолхоҳӣ менамояд.

Ин буд, ки вай Тошканд ва қавмҳои қазоқро, ки дар атрофи он буданд, ба ҳудуди давлати худ медарорад. Пас аз Олимхон бародари ӯ - Умархон (1809-1822) низ сиёсати бародарашро давом медиҳад ва муваффақ мешавад.

Умархон Туркистон ва даштҳои қазоқнишинро аз ҳудуди баҳри Арал то Ҳафтрӯд тасарруф намуда, қисми зиёди марказҳои қазоқу қирғизнишинро низ соҳиб мешавад. Баъд аз Умархон писари вай - Муҳаммадалихон (1822-1842) баҳри вусъати ҳудуди давлати худ кӯшишҳо намуда, қаламрави Дарвозу Қаротегин ва ҳатто Кӯлобро ба зери итоат медорад.

Ӯ Ӯротеппа ва Қошғарро низ тасарруф карда, ҳудуди мамлакаташро хеле вусъат мебахшад. Вале шахсияти амир чандон писанди мардум намешавад, зеро вай бештар ба айшу нӯш рӯ меорад. Ин буд, ки Амир Насруллоҳ Хӯқандро забт намуда, Муҳаммадалихон ва модару бародарашро низ нест мекунад. Идоракунии Хӯқандро ба ӯҳдаи Иброҳим Хаёл ном ҳоким мегузорад. Ҳукумати Иброҳим дер давом намекунад ва Хӯқанд боз мустақил мешавад.

Ҳолоти сиёсии Хоразм низ чандон хуб набуд, зеро миёни хонигариҳои Хоразму Бухоро ва Хӯқанд ҳамеша низоъҳо мавҷуд буданд. Аз сабаби он ки Марв ба ихтиёри ҳокими Бухоро зӯран бароварда шуда буд, хони Хоразм - Элтузархон ба Бухоро лашкар мекашад. Хони Хоразм комилан комёб нашуда бошад ҳам, вазъияти Бухороро мураккаб намуд. Зеро Хӯқанд низ як қатор шаҳрҳои тобеи Бухороро тасарруф карда буд. Аз ҷумла, як қисмати Туркистон, Ҳафтрӯд, Қазоқистони Ҷанубӣ, Шуғнон, Дарвозу Қаротегин, Вахон ба ихтиёри мири Хӯқанд даромада буданд.

Умуман, ин кашмакашиҳои бемаънӣ ва ин бесарусомониҳо ҳолати кишвар ва халқи меҳнаткашро хеле вазнину ногувор карда буданд.

Дар асри XVIII дар қаламрави Афғонистони кунунӣ низ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Шоҳи Эрон -Нодиршоҳи Афшор (1736-1747) ба хонигариҳои хурд-хурди қаламрави Афғонистон хотима гузошта, тамоми ҳудуди ҳамонвақтаи Афғонистонро ба ҳайати империяи худ дохил намуд. Баъд аз вафоти Нодиршоҳ дар Афғонистон давлати Дурронiён (1747 – 1818) таъсис ёфт, ки асосгузори он Аҳмадшоҳи Дурронӣ (1747-1773) буд. Қаламрави он дар ҳамон вақт аз Машҳад то Кашмир ва аз Аму то баҳри Араб буд. Соли 1818 давлати Дурронiён пароканда шуда, ба хонигариҳои хурд-хурд тақсим гардид. Аз ҷумла ба

хонигариҳои Кобул, Қандаҳор, Пешовар, Ҳирот, ки муқтадири онҳо Кобул буд. Ҳокими он - Дӯстмуҳаммадхон (1826-63) барои якпорчагӣ кӯшиши зиёд кард, вале ҳамаи кӯшишҳояш бенатиҷа монданд. Зеро англисҳо ба ин монеъ шуданд. Соли 1838 армияҳои англисҳо ва ҳиндуҳо ба Афғонистон ҳуҷум карда, ҳукумати **Шуҷоъро** таъсис доданд, вале озодихоҳон ӯро қабул накарданд.

Соли 1842 ӯ ба қатл расонида шуд. Соли 1878 армияи 36.000 нафараи англисиву ҳиндӣ Афғонистонро боз забт намуд ва ин кишвар расман мустамликаи Англия гардид.

Дар қаламрави Эрон бошад давлати Сафавиён, ки аввалҳои асри XVI барпо шуда буд, то асри XVIII давом кард. Охирҳои асри XVIII Қочориҳо ба сари ҳокимият омаданд ва то соли 1925 ҳукумат карданд.

Ба ҳамин тариқ, Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна зери таъсири сиёсати Россияи подшоҳӣ ва Англия монда буданд. Танҳо Россия пас аз Инқилоби Октябр сиёсати худро дар ҳамаи самтҳои давлатдорӣ тағйир дод, вале сиёсати мустамликадории Англия то миёнаҳои асри XX идома кард.

Ҳавза ва марказҳои адабӣ

Дар асри XVIII ва оғози асри XIX дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, сарфи назар аз нобасомониҳои давр, ҷунбиши тозаи адабӣ зуҳур кард. Дар ин давра ҳаёти адабӣ асосан дар се маркази сиёсӣ – маъмурӣ ва фарҳангӣ-адабӣ: Бухоро, Хӯқанд ва Хева (Хоразм) ривоҷ ёфт. Инчунин, ҳамин ҷунбиши адабӣ на танҳо шаҳрҳои зикршуда, балки тамоми қаламрави Осиёи Миёна, яъне шаҳрҳои музофотиро ҳам фаро гирифт. Аз ҷумла доираҳои адабӣ дар Самарқанд, Каттақӯрғон, Миёнкол, Шаҳрисабз, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон ва дигар шаҳрҳо фаъол гаштанд.

Яке аз доираҳои адабии бонуфузи ин давра маркази хонигарии Хева-шаҳри Урганҷ мебошад. Тафовути ин доираи адабӣ нисбат ба доираҳои дигар он аст, ки адабиёти бадеӣ дар ин марказ ғолибан ба забони ӯзбекӣ инкишоф меёфт ва осори адабии ба забони тоҷикӣ эҷодшуда нисбатан камтар ба назар мерасад. Дигар хусусияти ин ҳавзаи адабӣ ин аст, ки бисёр осори бадеӣ ва таърихӣ аз забони тоҷикӣ ба забонӣ ӯзбекӣ тарҷума карда шуданд аз ҷумла: «Тӯтинома»-и Зиёи Нахшабӣ, «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон», «Юсуф ва Зулайхо», «Саломон ва Абсол»-и Абдарраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддини Восифӣ, «Шоҳу Дарвеш»-и Ҳилолӣ ва ғайра. Аз осори таърихӣ бошад, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва аз насри халқӣ «Чор дарвеш» ба забони ӯзбекӣ тарҷума шуданд. Дар ин кор саҳми сарвари ин мактаби адабӣ - Мӯниси Хоразмӣ басо бузург мебошад.

Аз тарафи дигар, ба ин восита ин марди шариф дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро тақвият бахшида, иртиботи фарҳангӣ-адабии халқҳои Осиёи Миёнаро мустаҳкамтар намудааст.

Дигар доираи адабии шӯҳратманд дар он рӯзгор доираи адабии Хӯқанд ба шумор меравад, ки он дар аҳди Олимхони Хӯқандӣ (1799-

1809) ташаккул ёфта, дар рӯзгори амир Умархон (1809-1822) эътибори хоса пайдо кардааст.

Ба ин доираи адабӣ аз дигар гӯшаву канорҳо қуввахои адабӣ ҷамъ омада буданд. Ин албатта, аз нуфузи он шаҳодат медиҳад. Абдулкарим Фазлии Намангонӣ дар тазкираи худ «Маҷмӯат-уш-шуаро» таъкид мекунад, ки 75 тан қуввахои адабӣ аз дигар ҷойҳо ба ин ҳавзаи адабӣ омадаанд. Зеро худи амир Умархон шоир буда, шеъру адабро қадршиносӣ мекардааст. Ҳатто аз Бухоро адибони чун Умеди Самарқандӣ, Камоли Бухороӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Шавқӣ, Ваҳшӣ, Муштоқи Шаҳрисабзӣ, Маҳзуни Самарқандӣ ва дигарон ба ин доираи адабӣ омада буданд. Инчунин, баъзе адибоне ҳам буданд, ки онҳоро маддоҳони амир Умархон гуфтан мумкин аст. Онҳо Вазир, Адо, Нола, Маъюс, Афсӯс, Дабир, Нусрат, Ҳотиф, Хиҷлат, Фазлӣ ва дигарон буданд. Дар ин дира як гурӯҳи дигари адибон-эҷод корони нисбатан ҳақгӯю адолатҷӯе низ буданд, ки баъзе нуқсону камбудиҳоро рӯирост мегуфтанд. Ба ин тоифа адибон Гулханӣ, Махмур, Шӯхӣ, Нодир (Узлат), Нозил ва дигарон дохил мешаванд.

Дигар хусусияти хеле муҳими доираи адабии Хӯқанд ин аст, ки адибони ҳавзаи адабии мазкур шоирони зулисонайн (дузабонӣ) буда, бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ асар эҷод мекарданд.

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби доираи адабии Хӯқанд боз аз он иборат аст, ки ин ҷо ҳаҷв нисбатан қувват пайдо карда буд. Аз адибони ҳаҷвгӯи ин доираи адабӣ метавон чандеро номбар кард. Аз ҷумла Маҳмуди Махмур, Нозили Хуҷандӣ, Гулханӣ ва монанди инҳо, ки дар ҳунари ҳаҷвгӯӣ панҷаи нисбатан қавӣ доштанд.

Чунончи, дар ҳаҷвиёти Авазмуҳаммад Нозили Хуҷандӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод мекард, камбудиҳо ва норасоиҳои замону муҳит ошкоро баён карда шудаанд. Аз ҷумла, баъзе аз ҳаҷвияҳои адибро метавон зикр намуд: «Дар ҳаҷви Иброҳими қилтамоқ», «Дар ҳаҷви Ҳакими нонвой», «Ҳаҷв дар ҳаққи нархари ноҷинс» ва ғайра, ки дар онҳо зоҳиру ботини ҳаҷвшавандаҳо, марому ҳадафи онҳо фош карда шудааст.

Хусусияти дигари доираи адабии Хӯқанд аз он иборат аст, ки дар он бештар таттабӯот ё ҷавобиягӯӣ ривоҷ гирифта будааст. Аксари шоирони ин ҳавза ба ашъори амир Умар ҷавобияҳо гуфтаанд.

Дигар доираи бонуфузи адабии ин давра доираи адабии Бухоро ба шумор меравад. Ин доираи адабӣ аз солҳои 30-юми асри XVIII сар карда нисбатан ба инқирози адабӣ дучор гардид. Албатта, ин вобаста ба авзои сиёсӣ – таърихии Бухоро ва кашмокашҳои дохилии он буд. Танҳо аз солҳои 70-уми ҳамин аср сар карда, вазъият нисбатан рӯ ба беҳбудӣ мениҳад. Ин беҳбудӣ дақиқан аз давраи ба сари қудрат омадани амир Шоҳмурод оғоз шуд. Дар ин доираи адабӣ адибон аз ҳар шаҳру вилоят гирд омада буданд. Аз зумраи он эҷодкорон Мирзосодиқи Муншӣ, Муҳаммадшарифи Ориф, Абдурраҳмонхоҷаи Носеҳ, Ҷунайдулоҳи Ҳозиқ, Ҳасрати Ҳисфӣ, Парии Ҳисорӣ, Раҳими Ғармӣ ва дигарон (беш

аз 70 нафар) буданд, ки боиси равнақи адабиёт дар ҳавзаи адабии мазкур шуданд.

Равнақи адабиёт дар ҳавзаи Бухоро нисбат ба доираҳои дигари адабӣ сусттар буд, зеро ҳукуматдорони Бухоро ба шеъру адаб чандон рағбат надоштанд. Аз ин рӯ, доираи адабии Бухоро пеш аз ҳама, бо он характернок аст, ки адабиёт ғолибан дар шаҳрҳо ва навоҳии тобеи Бухоро нисбатан пеш рафтааст. Адибони қаламрави Бухоро бештар дар шаҳрҳои Ҳисор, Самарқанд, Насаф, Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Каттакӯрғон ва Дарвозу Бадахшон гирд омада, маҳфилҳои адабиро ободу бонуфуз мекарданд. Ба хусус, дар замони ҳукумати Абдукаримбӣ ва Яъқуб маҳфили адабии Ҳисор нисбатан фаъолтар будааст. Аз шоирони ин доираи адабӣ Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Мулло Раҷаби Парӣ ва дигарон бо Бухоро иртиботи қавӣ доштаанд.

Навъҳои асосии адабӣ. Дар ҳар се доираи адабӣ асосан жанрҳои маъмули адабӣ таҳаввул кардааст. Махсусан ғазал, мусаммат, рубоӣ, қитъа ва маснавӣ нисбатан серистифода будаанд. Яке аз жанрҳои нисбатан маъмули давр ғазал ба ҳисоб мерафт. Ғазали ин давра суннатӣ бошад ҳам, дар мавзӯи он андаке оҳангҳои иҷтимоӣ: сӯзу гудоз, оҳу нола, фироқу ҳиҷрон баландтар садо додаанд.

Дар ғазалҳо ҳасби ҳоли шоирон бештар ба назар мерасад. Заминӣ намудани сабки ғазал ва даст кашидан аз услуби печидабаёнӣ низ мушоҳида мешавад. Машҳуртарин ғазалсароёни ин давра Мирзосодиқ, Ҳозиқ, Ҳасрат, Нозили Хуҷандӣ, Музтар, Мирзо Атои Бухороӣ ва дигарон мебошанд.

Мухаммас ҳамчун як навъи мусаммат дар ин аҳд то ба дараҷае рушд кардааст. Дар ин аср мусаммати мухаммас ва ҳарду навъи он: озод ва тазмин дида мешавад. Бо вуҷуди он мусаммати мухаммаси тазмин бештар эҷод шудааст. Шоирон ба ашъори Саъдӣ, Ҳофиз, Хусрав, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Соиб, Бедил ва адибони зулисонайн, ба ғазалҳои Навоию Фузулӣ бештар мусаммати мухаммас бастаанд. Махсусан, ба ғазалиёти Ҳофизу Бедил мусаммати мухаммас бештар мушоҳида мешавад.

Рубоӣ низ яке аз жанрҳои нисбатан маъмули ин давра ба шумор меравад. Шоироне, ки барои идома додани суннати рубоисароӣ саъй кардаанд, Мирзосодиқ, Носеҳи Хатлонӣ, Шавқӣ, Нозил, Фано ва дигарон мебошанд. Муҳимтарин хусусияти рубоиёти ин рӯзгор дар он зоҳир мешавад, ки дар рубоиёти ин аҳд, хусусан дар мисраи чаҳорум зарбулмасалу мақолҳои халқӣ бештар истифода шудаанд. Умуман, рубоиҳои ирсолумасалдор бештар дучор мегарданд. Албатта, ин падидаро тамоюли халқияти адабиёт гуфтан мумкин аст.

Қитъа ҳам мисли навъҳои дигари адабӣ дар ин давра нисбатан таҳаввул кардааст. Муқаттаоти адабиёти садаи мазкур аз нигоҳи ҳаҷм низ маъмулӣ буда, ғолибан аз ду то 15-17 байтро ташкил додаанд. Аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво низ қитъаҳои ин аҳд андарзӣ, панду ахлоқӣ, шикваю эътироз нисбат ба режими ҳукмрон, танқиду мазаммати амирон, золимон ва ғайра буданд. Қитъаҳои мадҳӣ, васфӣ, таърихӣ низ хеле зиёд

мебошанд. Намунаи комили чунин қитъаҳоро мо дар эҷодиёти Мирзосодиқ, Ҷумъақулии Хумулӣ дучор меоем.

Оид ба бунёди масҷидҳо, тавлиду вафоти шахсиятҳои гуногун ва ғайра низ қитъаҳои зиёде эҷод шудаанд, ки аз ободии давру замон ва эътибори шахсиятҳо гувоҳӣ медиҳанд. Умуман, шоирон Содиқ, Носеҳ, Ҳофиз, Шавқӣ, Нозил дар таҳаввули ин жанр саҳми сазовор доранд.

Қасида аз маъмултарину машҳуртарин навъҳои адабии ин давра буда, баъзан қонуниятҳои рушду таҳаввул ва ё пастравию аз инкишоф бозмондани адабиётро таъмин намудааст. Дар охирҳои асри XVIII ва оғози асри XIX қасида басо паст рафтааст. Таназзули қасида дар ин давра дар муҳити адабии Бухоро хеле назаррас аст. Ҳатто баъзе шоирон, мисли Қонеии Насафӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ ва Фориғи Ҳисорӣ. қасида нагуфтаанд. Дар девони шоирони тавонои ин давра низ қасида хеле кам дида мешавад.

Масалан, дар девони Мирзосодиқи Муншӣ танҳо ду қасида, дар таълифоти Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ се қасида, дар девони Гулмуҳаммади Афғон се қасида мавҷуд аст. Таназзули жанри қасида гувоҳи он аст, ки амирони Манғит ба равнақи шеъру адаб чандон эътибор намедодаанд ва аз ин рӯ, аҳли адаб низ онҳоро ба сифати мамдӯҳ намепазируфтанд. Ин падида гувоҳи он аст, ки адибон аз баёни воқеият дур нашудаанд. Дар қаламрави Мовароуннаҳр нисбатан амир Умархон ба шеъру адаб таваҷҷӯҳи бештар дошта бошад ҳам, вале қасидаҳое, ки дар ин доираи адабӣ эҷод шудаанд, тақлидӣ буда, дар онҳо тозакорӣ ва ё ҷолибияте дар муқоиса бо пешиниён ба назар намерасад.

Чунончи, Ҳозиқ дар як қасидаи хеш хаёли ба хориҷи кишвар сафар кардани худро баён намуда, мартабаи эҷодии хешро таъйин кардааст:

Аторуд аз сари шафқат, ки Хизри роҳи ман аст,
Намуда хобу хаёли маро чунон таъбир:
Ки ай ситамкаши айём, ин қадар ғам чист,
Зи рӯзгор чӣ нишастай чунин дилгир?
Туро ба илму ҳунар кист дар замонаи адл,
Туро ба донишу фан дар ҷаҳон куҷост назир?
Кашида килки ту хате ба нусхаи Буқрот,
Шикаста гавҳари назми ту қадри шеъри Заҳир.
Ба гӯшае бинишин сайри олам макун ҳаргиз,
Ба ҳоли хеш мадеҳ роҳ ин ҳама таъмир,
Ту гар нишастай, шеъри ту гашта ҳафт иқлим,
Расида гавҳари назмат ба гӯши шоҳу вазир.

Дар ин аҳд қасоиди ҳаҷвӣ то андозае рушд кардааст, ки баъзе ҷузъиёти рӯзгор, нуқсону норасоиҳои даврро инъикос менамояд. Чунончи, қасидаи Ҳозиқ, ки «Дар ҳаҷви шоир Ҷалолӣ» ном дорад, намунаи даъвии болост.

Тавонотарин шоирони ин рӯзгор низ ба шоирони машҳури гузашта, аз ҷумла ба Хусраву Ҷомиву Навоӣ тазмин - ҷавобия гуфтаанд.

Чунончи, Ҷомӣ гуфтааст:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,

Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

Аз Навоӣ:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ҳозиқ дар ҷавоби онҳо гуфтааст:

Подшоҳонро куҷо бар афсаре зарринтар аст,
З-оташи савдои ҳирс он чоҳи дуде бар сар аст.

Маснавӣ яке аз жанрҳои маъмул дар ҳама давру замон буда, навъҳои ҷудогонаи он бисёр қонуниятҳои инкишофу пастравии адабиётро таъмин намудааст. Аз тарафи дигар, адибон на танҳо дар таълифи анвои лирикӣ саҳм гирифтаанд, балки дар эҷоди осори эпикӣ низ саҳм гузоштааст. Ин аст, ки дар ин давра як силсила осори достонӣ низ таълиф шудааст. Масалан, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ достони «Юсуф ва Зулайхо», Мирзосодиқ- «Дахмаи шоҳон», Салоҳи Бухоройӣ- «Юсуф ва Зулайхо», Масеҳои Бойсунӣ – «Раъно ва Зебо», Муҳаммаднабии Аҳқар - «Лайлию Маҷнун», Носеҳи Хатлонӣ- «Маҷлисафрӯз»-у «Ҳайратангез» ва «Ҳадиқат-ур-расул» ва ғайраро рӯи кор овардаанд. Ин осор, аз як тараф, анъанаро нигоҳ дошта бошад ва аз тарафи дигар, ҳолати воқеии замони адибонро низ то андозае инъикос намудаанд. Ин ҳолат, махсусан дар манзумаҳои «Рафъи тумани Оҳугиру Хайробод» ва «Ба духтаре ошиқ шудани дарвеш»- и Мирзосодиқ нисбатан ҷолиб ба тасвир омадааст.

Ривоҷи таърихнависӣ. Яке аз дастовардҳои илму фарҳанг дар ин асрҳо идома бахшидан ба суннати таърихнависӣ мебошад. Асарҳои таърихӣ дар ин давра низ эҷод шудаанд ва таълифи ин навъи осор, пеш аз ҳама, тақозои замон мебошад. Осори таърихии садаи мазкур асосан, бо наср навишта шудаанд. Ба тариқи намуна метавон чанде аз он асарҳои мансури таърихиро зикр намуд: «Тӯҳфаи хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Тоҷ-ут-таворих»-и Муҳаммадшарифи Накӣ, «Гулшан-ул-мулук»-и Муҳаммадяъқуб, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон, «Таърихи амир Ҳайдар»-и Мулло Муҳаммадшарифу Мулло Ибодулло ва ғайра. Ин асарҳо, аз як тараф, авзои таърихи давру замон, ҳолати таърихии ин ва ё он давраро равшан кунанд, аз тарафи дигар, қонуниятҳои рушду таҳаввулоти насри таърихиро низ таҳким бахшидаанд. Инчунин, осори мазкур дар баробари арзиши таърихӣ доштан, барои тадқиқи адабиёту авзои адабӣ ва ҳолати илму фарҳанг кӯмаки фаровон мерасонад.

Гузашта аз ин, дар баробари осори мансури таърихӣ, боз асарҳои манзуми таърихӣ дар ин давра таълиф шудаанд, ки аз чанд ҷиҳат муҳим мебошанд.

Ин асарҳо ҳамчун асари таърихӣ, пеш аз ҳама, арзиши таърихӣ доранд, зеро дар бораи авзои таърихӣ- сиёсии давр маълумот медиҳанд. Аз тарафи дигар, аҳамияти адабӣ- эстетикӣ доранд, зеро бо шеър- бо ҳунари адабӣ ва истеъдоди шоирона рӯи кор омадаанд. То ба имрӯз аз он осор ду номгӯй маълуму дастрас аст, ки яке «Фатҳномаи хоқонӣ»-и Абдулхолиқи Муншӣ ва дигаре «Футӯҳоти амир Шоҳмурод дар Эрон»-и Мирзосодиқ мебошанд.

Ривоҷи сабки ҳиндӣ. Сабки ҳиндӣ сеюмин сабк дар таърихи адабиёти тоҷик буда, анъанаҳои сабкҳои хуросонӣ ва ироқиро чун суннати тарзи таълиф пазируфтааст. Яъне ин сабк ҳам ҷаҳонбинӣ, системаи образҳо, воқеъоти адабӣ ва тарзи ягонаи тасвир дар давраи муайян аст.

Аз ин нуқтаи назар, заминаҳои зуҳури он аз асри XIII ва аниқтараш аз эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ оғоз гардида, аз се марҳала иборат аст. Марҳалаи аввали он то асри XVI ва марҳалаи сонӣ асри XVI – нимаи аввали асри XVII буда, ин марҳалаи комилан ташаккулёбии он ба шумор меравад. Марҳалаи сеюми он аз эҷодиёти Бедил ибтидо мегирад, зеро ин падида то ба ҳадест, ки он бо номи Бедил пайванди ногусастинӣ дошта, дар адабиёт ибораҳои «сабки бедилӣ», «услуби бедилӣ», «тарзи бедилӣ» ва ғайра маъмул гаштаанд.

Аввалин унсури ин сабк ҷаҳонбинии нав дар эҷоди бадеъ аст, ки эҷодкори сухани бадеӣ худро ҳаким меҳисобад, зеро дар эҷоди бадеъ он метавонад ҳадди эътидоли волотарин бошад: «Имрӯз на шоирам, ҳакимам…». Мушоҳидаҳои эҷодкорон низ басо муҷаррабона ва хеле санҷидаву дақиқ гардидаанд, то ба дарди ниёзманде дармон бошад. Ба қавли Мирзо Бедил:

Зи пои мӯр то боли магас сад бор санҷидам,
Нашуд беэътибориҳои ман санги тарозуе.

Маҳз, ана ҳамин дақиққории эҷодкорон дар сабки мазкур ҷанбаи ҳакимонаи шеърро тақвият бахшид. Ин падидаи хаёлангезу муассир, ки қалбу ҳиссу идроки инсонро тасхир менамояд, ирсоли масал ё ирсоли масалайн (агар дар байт бошад) аст, ки онро ҳосили истеъдод, дониш ва таҷрибаи эҷодкор метавон гуфт.

Яке аз муҳимтарин хусусиёти сабки ҳиндӣ баёни халқӣ, тасвир ва ашёву аҷзои тасвиршаванда мебошад. Образҳои шеърӣ, тасвирҳо ва ҷузъиёти тасвиршаванда ҳама аз рӯзгори рӯзмарраи мардум аст, вале дарки моҳияти ашё на ба ҳар кас даст медиҳад. Масалан, барои намуна як ғазали шоири тавонои давр Ҳусайни Донишро метавон зикр намуд:

На махмурам, на мастам- турфа найранги тамошоям,
Қиёмат нусхаи ҳолам, чунин тафсири симоям.
Тазаллум боли парвозам, таҳайюр нағмаи созам,
На анҷомам, на оғозам- садои боли анқоям.
Саводи нусхаи ваҳмам, ғубори сафҳаи баҳрам,
Надорам имтиёзи ҳастии имрӯзу фардоям.
Ҳуҷуми ваҳшатам, барқи таҳайюр, вазъи мазмунам,
Куҷо дар мулки мавҳумӣ сароб афтода ҳамтоям.
Ба чашми дӯстон хорам, на ҷуз таҳсили ғам корам,
Намуди ашки хунборам, ки ғалтон бар замин оям.
Далели ҷавҳари фардам, надими меҳнату дардам,
Нишони орази зардам, аз ин бишнос пайдоям.

Дар ғазали боло чаҳор байт мӯҳтавон пурвусъате дорад, ки ҳадафро мураккабтару доираи тасвирро фарохтар менамояд. «На анҷомам, на оғозам…» моҳияти фалсафӣ дошта, ҳадафи эҷодкорро дар маърифати пурвусаъттаре рӯи тасвир меорад.

Умуман, ғазали зикршуда ҳасбиҳолӣ буда, ҳолати қаҳрамони лирикиро хеле музтарибона ва ҳаяҷонангез ба тасвир гирифтааст.

Дар ташаккули сабки ҳиндӣ шоирон Бобофиғонӣ, Урфии Шерозӣ, Ғании Кашмирӣ, Соиби Табрезӣ, Толиби Омулӣ, Носиралии Сарҳиндӣ мақоми арзанда доранд.

Масалан, таъсири эҷодиёти Толиби Омулӣ ба шоирони минбаъда ва махсусан ба Соиби Табрезӣ хеле зиёд ҳис карда мешавад. Вале ҳанӯз дар ашъори Толиб баён, дар маҷмӯъ, мураккаб нест. Чунончи, Толиби Омулӣ мегӯяд:

Дур аз ту ранги сабзаву сунбул надидаам,
Сад раҳ ба боғ рафтааму гул надидаам.
Хубон ҳазор шева намоянду ман зи ёр,
То дидаам ба ғайри тағофул надидаам.
Толиб, забони тӯтии деҳлинажодро,
Ҷуз дар даҳони булбули Омул надидаам.

Тарзи баёни шоирон тадриҷан рӯ ба мураккабӣ овардан мегирад.

Яке аз муҳимтарин хусусиёти сабки ҳиндӣ дар сохтори байт низ зоҳир мегардад. Ин хусусият он аст, ки дар мисраи аввал андешаи шоир ба таври муҳокима баён гардида, дар мисраи дуюм бо далелҳои бисёр қавӣ асоснок карда мешавад ва мисраи дуюм ҷанбаи қатъии ҳукмро мегирад. Чунончи, ин байтҳои Нозими Ҳиравӣ:

Баски аз ширинии гуфтор талхӣ дидаам,
Чун забони мор килки тарзабонам мегазад.

Ё худ:

Сарафроз аст хуршед аз қазои ҳоҷати мардум,
Ба кори худ қалам аз ҷо чу хезад, сарнагун бошад.

Ё ин ки Ғании Кашмирӣ мегӯяд:

Одами хокӣ зи хомӣ дорад аз май иҷтиноб[49],
Кӯзаи гил пухта мегардад, наметарсад зи об.

Ва ё байти зерини Шавкати Бухороӣ, ки хеле ҳунармандона аст:

Ғариқи баҳри ваҳдат ҷилваи касрат намебинад,
Зи зери об натвон дид мавҷи оби дарёро.

Сабки ҳиндӣ дар қаламрави Ҳиндустон ва сонитар дар Мовароуннаҳр ва қаламрави Афғонистон бештар вусъат пайдо намуда бошад ҳам, дар қаламрави Эрон чандон хуш қабул нашудааст. Ҳатто яке аз бузургтарин сабкшиносон Маликушшуаро Баҳор мегӯяд:

Сабки ҳиндӣ гарчи сабке тоза буд,
Лек ӯро заъфи беандоза буд.
Фикрҳо сусту тахайюлҳо аҷиб,
Шеъри пурмазмун, вале нодилфиреб.
В-аз фасоҳат бенасиб.

Агар шоирони қаблан номбаршуда дар таҳаввулоти сабки ҳиндӣ саҳми арзанда гузошта бошанд, баъдтар симои адабие зуҳур намуд, ки ин раванди адабӣ, ин ҷараёни эҷодиро ба авҷи аълояш расонид ва ин корро то ба ҳадде сомон дод, ки ибораи «сабки бедилӣ» ба миён омад ва

[49] Иҷтиноб – парҳез.

ин тарзи баёни мураккаб ва печидагии баёни эҷодиро сараввал худи Бедил ҳис карда, мегӯяд:

Маънии баланди ман фаҳми тунд мехоҳад,
Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кӯтал дорам.

Маълум аст, ки эҷодиёти Бедил комилан дар муҳити Ҳиндустон ҷараён гирифта, дар ҳамон ҷо рушду нумӯ кардааст. Сабки Бедил, ба хусус, дар асри XVIII, дар қаламрави Ҳиндустон нуфузи бузург пайдо намуд. Ин даврае буд, ки сабки ҳиндӣ тавассути эҷодиёти Бедил ҳулул шуд ва сабки бедилӣ машҳур гардид. Ҳатто дар даврони минбаъда шоирон Муншӣ, Ирсӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Маъдан, Наҷиби Ҳиндӣ, Ҳодии Самарқандӣ ва дигарон хеле ва хеле зери таъсири Бедил эҷодиёти худро ба роҳ мондаанд.

Чи тарз ва то кадом дараҷа сурат гирифтани сабки ҳиндӣ тавассути эҷодиёти Бедил масъалаи ҳанӯз хеле печида аст, вале ҳоло ҳаминро месазад таъкид намуд, ки дар мураккабшавии сабки ҳиндӣ Бедил бо истеъдоду дониши қавӣ, бо ҳунари эҷод ва бо ҷаҳонбинии пурвусъат ворид шуд. Ин буд, ки сабки мазкур эҷодиёти ӯро натавонист тасхир кунад, вале ӯ тавонист сабки ҷории замонро ба зери таъсири хеш бигирад ва дар ҳамин замина тозакориҳо бикунад. Зеро шеъре, ки Бедил дар синни 10-солагӣ гуфта буд, ҳеҷ мураккабӣ надошт ва комилан оддиву содда буд:

Ёрам ҳар гаҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷибеш аз даҳон меояд.
Ин бӯи қаламфур аст ё накҳати гул,
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд.

Баъдтар зери таъсири сабки давр ин тарзи баён чунин ташаккул намуд:

Хомӯшнафасе, ки табъи мавзун дорад,
Сад ғунча баҳор аз дили пурхун дорад.
Тасхири паризоди сухан осон нест,
Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.

Муҳимтарин хусусиятҳо дар тадриҷан мураккаб гардидани тарзи баён дар он зоҳир мегардад, ки мо дар тарзи баёни афкори адабӣ-бадеӣ муҳокимаи тозаи фалсафӣ-ирфонӣ ва мантиқи хеле қавиро дучор мешавем, ки дарки он на ба ҳар кас даст медиҳад. Ин тарзи мураккаби баён дар лексикаи ифодаи фикр низ таъсири комил гузоштааст. Аз ин рӯ, хонанда бештар калимаҳои худсоз (яъне хоси худи шоир), мураккабро, ки баъзан аз чор ё панҷ калима низ сохта шудаанд, дучор мекунад: асарпарвард, парешонрӯзгор, хомӯшнафас, рамзошно, вусъатобод, силамуштоқ ва ғайра. Алоқамандона бо калимаҳои нодир ибораҳои ҷолиб низ ба назар мерасанд: адабгоҳи муҳаббат, паҳлуи аҷз, меҳри ашк, паризоди сухан, хуни нафас, рамзошнои маънӣ, либоси хунбофта, хасми забунёфта, хаёли қомат ва ғайра. Чунончи, ба ин ғазали Бедили Деҳлавӣ агар зеҳн монда шавад, ҳунари шоир дар интихоби лафз, ҷавобгузории калимаҳо, коргирӣ аз наҳв, интихоби

вазн, истифодаи қофия, радиф ва беш аз инҳо, мазмунсозиву хаёлбофӣ ва ғайра беҳтар манзур мегардад:

Ҳирс фурсатинтизору даври ранг аст осиё,
Дил зи навбат ҷамъ кун, пур бедиранг аст осиё.
Саъйи рӯзӣ бо банои беамон ҷӯшидан аст,
Бештар дар гардиш аз боди туфанг аст осиё.
Як надомат[50] кори чандин донаи дил меунад,
Гар тавонӣ даст бар ҳам суд, нанг аст осиё.
Аз ману мо ҳар чӣ андӯзӣ, гудози нестист,
Ошиқи ин хирмани оташбачанг аст осиё.
Санг ҳам ойинаи таҳқиқ сайқал мезанад,
Умрҳо шуд дар талоши рафъи занг аст осиё.
То қиёмат гардиши афлок дар кор асту бас,
Кас нафаҳмид он, ки мегардад, чӣ ранг аст осиё.
То нафас боқист, гирди ризқ мегардида бош,
Об чун вомонад аз рафтор, ланг аст осиё,
Зери гардун ноумеди амн то кай зистан?
Донаҳо з-ин ҷо бурун ояд танг аст осиё,
Осмон ҳам то куҷо дар фикри мардум таг занад?
Баски рӯзихор бисёр аст, данг аст осиё.
Не заминат офиятгоҳ аст, не чархи баланд,
То чӣ хоҳӣ тарф баст? Охир дусанг аст осиё
Бедил, аз гардун саломат чашм натвон доштан,
Алвидоъ, ай дона, гӯ: коми наҳанг аст осиё.

Дар ғазали зикршуда аз нигоҳи корбурди калимаҳо алфози хоси сабки Бедил ба назар мерасанд, ки ҳуд яке аз хусусиятҳои шеваи эҷоди ин шоири тавоност. Масалан, калимаҳои фурсатинтизор, оташбачанг, офиятгоҳ ва ё ибораҳои даври ранг, боди туфанг, донаи дил, гудози нестӣ, ойинаи таҳқиқ, ноумеди амн ва монанди инҳо, ки дар чунин шакл миёни мардум маъмулу ҷорӣ нестанд.

Ғазал моҳияти иҷтимоӣ дошта, ҳадаф нафси инсон ва ҳарисии ӯ баҳри аз дунё ҳосил намудани фоида буда, саъйи ба даст овардани суд мушкил аст. Кибру ғурур беҷост ва инсон бояд пайваста дар талоши ризқу рӯзӣ бошад, зеро бе ин мисли он мебошад, ки сангҳои осиё беоб ҳеҷанд.

Умуман, инсон ба донаҳои гандум ва дунё ба осиё монанд карда шудааст, ки аз нигоҳи ҳунар ва бадеиёт хеле ҷолиб мебошад.

Асрори эҷоди Бедил барин ҳайкали бузурги назм, албатта, то ба имрӯз нокушудаву пинҳон аст, вале ин ҷиҳат рӯшан аст, ки таъсири Бедил ба асри худ ва эҷодкорони минбаъда ниҳоят бузург аст. Хусусан ба эҷодиёти Шоҳин, Савдо, Асирӣ, Ҳайрат, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Нақибхони Туғрал, Зуфархон Ҷавҳарӣ таъсири мактаби Бедил хеле хуб мушоҳида мешавад. Адабиётшиносон Зуфархон Ҷавҳариро охирин намояндаи мактаби Бедил дар Осиёи Миёна гуфтаанд, ки воқеан саҳеҳ аст. Муҳаббате, ки ба эҷодиёти Бедил адибони қаламрави

[50] Надомат – пушаймонӣ, афсӯс.

Мовароуннаҳр доштанд, дар дигар кишварҳо то ба ин ҳад набудааст. Масалан, Нақибхони Туғрал мегӯяд:

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеч касро ҷои Бедил.
Намоям тӯтиёи дидаи хеш,
Агар ёбам ғубори пои Бедил.
Надидам аз сухангӯёни олам,
Касеро дар ҷаҳон ҳамтои Бедил.
Агар кӯҳ аст, бошад Тури Сино
В-агар дарё бувад, дарёи Бедил.
Дили афлокро созад мушаббак[51]
Ливои ҳиммати волои Бедил,
Ба мижгон метавонам кард берун,
Агар хоре халад дар пои Бедил.
Намеёбам кунун холӣ диламро,
Замоне аз ғаму савдои Бедил.
Қабои атласи нӯҳ чархи гардун
Бувад кӯтоҳ бар болои Бедил.
Ба рафъат[52] бартар аст аз кӯҳ, Туғрал,
Ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил.

САВОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Доир ба вазъияти сиёсӣ-таърихии Осиёи Миёна дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX чӣ медонед?
2. Дар ин давра кадом сулолаи таърихӣ ҳукмронӣ мекард?
3. Сабабҳои бечанг ба Бухоро ворид гардидани Нодиршоҳи Афшор чӣ буд?
4. Сулолаи манғитиҳо кай ба сари қудрат омад ва дар ин давра кадом тағйирот рух дод?
5. Сабабҳои таназзули ҳукмронии амир Дониёлро гӯед.
6. Айёми салтанати амир Шоҳмуродро нақл кунед.
7. Дар хусуси муносибат ва рақобатҳои хонигариҳои Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон чӣ медонед?
8. Доир ба марказҳои фараҳангӣ- адабии ин давра маълумот диҳед.
9. Умумият ва тафовути доираҳои адабии давраи мазкурро шарҳ диҳед.
10. Кадом хусусиятҳои адабиёти ин даврароро медонед?
11. Кадом навъҳои адабӣ дар ин давра бештар ривоҷ ёфтаанд?
12. Машҳуртарин шоирони ғазалсарои даврро номбар кунед.
13. Инкишофи маснавӣ ва маснависароёни машҳури ин аҳдро гӯед.
14. Оид ба ташаккул ва такомули сабки ҳиндӣ маълумот диҳед.
15. Чаро шоирони ин давра ба пояи Бедил расида натавонистаанд?

[51] Мушаббак – сӯроҳдор, сӯрох –сӯрох.
[52] Рафъат – бузургӣ; баландӣ.

МИРЗОСОДИҚИ МУНШӢ

Мирзо Муҳаммади Содиқи Муншӣ тақрибан байни солҳои 1753-58 дар деҳаи Ҷондори Бухоро таваллуд шудааст. Пас аз таҳсили ибтидоӣ Мирзосодиқ ба яке аз мадрасаҳои Бухоро дохил шуда, онро бомуваффақият хатм менамояд.

Шоир пас аз хатми мадраса ҳамчун донишманди закӣ, олими тавоно, муаррихи пухтакор ва котиби чирадаст эътироф карда мешавад. Муосири Мирзосодиқ, шоири закӣ Носеҳи Хатлонӣ ба табъу санъати Содиқ чунин баҳо медиҳад:

Хусусан Муншии маънимувофиқ,
Сипеҳри назмро субҳ аст Содиқ.
Кунад таҳрири иншо он гуҳаррез,
Қалам гардад саропо найшакаррез.

Содиқ ҳамчун шоир ва олими забардаст тез машҳур мешавад. Ӯро ба зуддӣ шоҳони манғитӣ ба дарбор даъват мекунанд. Содиқ дар дарборҳои амир Дониёл (1758-85), амир Шоҳмурод (1785-1800) ва амир Ҳайдар (1800-1827) хидмат намудааст. Содиқ баробари дафтардорӣ ва муншигӣ, инчунин ба мадҳи амирони мазкур камар бастааст. Аз баъзе ишораҳояш маълум мешавад, ки Содиқ аз хидмати дарбор чандон хурсанд набудааст. Чунончи:

Гаҳ мадҳи яке зи нафси томеъ кардам,
Гаҳ қадҳи яке беманофеъ кардам.
Шуд умри азиз сарф бо нокасу кас,
Афсӯс, ки нақди умр зоеъ кардам.

Содиқ хеле шахси ҳозиҷавоб будааст. Рӯзе ӯ ҳамроҳи амир Шоҳмурод дохили чорбоғ мешаванд. Ӯ аз он ҷо себе мечинад, ва амир фавран аз шоир талаб мекунад ки таърихи чаҳорбоғро иншо кунад. Содиқ мегӯяд:

Таърихи чаҳорбоғи гулгун кардам,
«Себе» зи «чаҳорбоғ» «берун кардам».

Дар ин байт калимаҳои «**себе**» ва «**чаҳорбоғ**», ки мутаносибанд, таърих буда, вожаи «чаҳорбоғ» ба ҳисоби абҷад 1212 мешавад. Аз он се «б»-ро берун кунем, яъне **шаш**ро тарҳ кунед, 1206 боқӣ мемонад, ки он ба соли 1792 м. баробар буда, таърихи бинои чаҳорбоғ аст.

Баъдтар Мирзосодиқ бо иғвои ҳасудон ба Дарвоз бадарға карда мешавад. Дар ин бора баъзе ишораҳои худи шоир низ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ ба ҳокими дарвоз Муҳаммад Раҳимхон ду қасида бахшидааст, ки дар яке аз онҳо чунин ишораҳои шарҳиҳолӣ дида мешавад:

Намуда нафйи ватан омадам сӯи Дарвоз,
Ки то зи худ кунам исботи фикри султонӣ.
Зи гарди роҳи Муҳаммадраҳим Баҳодурхон,
Ба чашми бахт кунам сурмаи Сулаймонӣ.

Аз ин қазоват бармеояд, ки дар пиронсолӣ шоир ба ин қаламрав бадарға гардида будааст. Шоир баъдтар ба амир Ҳайдар маъзаратномае навишта дар он ёд мекунад, ки синнаш аз 63 гузашта ва то ин муддат хидматҳои арзандае ба дарбор кардааст. Вале акнун дар айёми пирӣ ӯро

аз дарбор дур кардаанд. Пас аз ин ӯ ба ватан меояд ва соли 1819 дар Қаршӣ вафот мекунад.

Дар ин бора ҳамасри ӯ Хумулии Моғиёнӣ бахшида ба санаи вафоти Содиқ қитъаи таърихие эҷод намудааст:

Умри гузарон далели мо бас, ки ҳаким
Аз оби равон ҳаёти куллу шайъ кард.
Аз ҷоми фалак касе, ки як нӯш кашид,
Сад неши ситам нишонааш аз пай кард.
Муншии фалак ҷаноби Мирзосодиқ,
К-абнои замона офарин бар вай кард.
Бигзашт чун аз ҳаёт дар таърихаш:
«Муншии қадар номаи умраш тай кард»
Содиқ ба сухан, Хумулӣ, он Хусрав буд,
К-аз Ҳинд сипоҳи фатҳи руму Рай кард.

Яъне «Муншии қадар номаи умраш тай кард» моддаи тарих буда, ба ҳисоби абҷад 1235 (соли 1819/20) мешавад.

Мероси адабии Мирзосодиқ

Олими фозил, муаррихи шинохта, муншии мумтоз ва ниҳоят шоири тавоно Содиқ аз худ девон ва маҷмӯаи дигаре боқӣ гузоштааст. Яъне девони ғазалиёт ва дигаре маҷмӯаи мусаммати мухаммас, қитъа ва маснавиҳои ӯ мебошад. Девони ғазалиёти Содиқ аз 345 ғазал, 14 мусаммат, 59 рубоӣ, 20 қитъа, 2 қасида, 34 муаммо ва 20 фард иборат мебошад. Маҷмӯаи дигари асарҳои шоир, маснавиҳои «Дахмаи шоҳон», «Рафъи тумани Оҳугиру Хайробод», манзумаҳои «Қазову қодир», «Ба духтаре ошиқ шудани дарвеш» ва 33 қитъаи таърих мебошанд.

Мавзӯъ ва мазмуни ғазалиёти шоир

Мирзосодиқ лирик, шоири ғазалсаро аст. Ӯ дар ғазалсароӣ ғолибан ба Саъдӣ, Хусрав, Ҳофиз, Камол ва ба Соибу Бедил пайравӣ кардааст. Аз ӯ то ба имрӯз 345 ғазал боқӣ мондааст, ки 2291 байтро ташкил медиҳад. Вале аслан девони Содиқ дорои 15 ҳазор байт будааст. Шоир дар аксари жанрҳои назми замон: ғазал, қасида, рубоӣ, мусаммат, қитъа, маснавӣ ва ғайра шеър гуфтааст.

Бо вуҷуди шоири сермаҳсул будан, пеш аз ҳама, Содиқ лирик – шоири ғазалсаро мебошад. Ӯро абулмаонии сонӣ, шоҳаншоҳи иқлими сухан ном бурдаанд, ки беҳуда нест.

Барои намуна чанд ғазали шоирро метавон зикр намуд ва зимни он аз санъати сухан, истеъдоди эҷодӣ, ҳунари сухансанҷӣ ва пояи шоирии ӯро метавон муайян намуд. Чунончи:

Чанд резӣ ба ҷафо ашки ҷигаргуни маро,
Ай ҷафопеша, биё, рез дигар хуни маро.
Дил ба занҷири сари зулфи ту ороме дошт,
Шуд сабо силсилаҷунбон дили маҷнуни маро.
Бо ту, ай сангдил, афсонаи ман дарнагирифт,
Дар дили сахти ту набвад асар афсуни маро.
Шӯълаи оҳи дил оташ зада дар пираҳанам,

Сӯзи пинҳон чу дарун сӯхта беруни маро.
Гуфтӣ аз хотири маҳзуни ту шодам, Содиқ,
Шод кардӣ ба ҳамин хотири маҳзуни маро.

Ғазали мазкур аз 5 байт таркиб ёфтааст ва дорои радиф («маро») буда, шоир радифи соддаро кор фармудааст, ки ҳадаф аз он таҳким бахшидан ба мазмуни ғазал мебошад. Калимаҳои қофияшуда: ҷигаргун, хун, маҷнун, афсун, берун, маҳзун буда, ҳуруфи қофия якҷоя бо бандаки изофӣ («и») дар шакли **«…уни»** омадааст. «Н»-ҳарфи равӣ буда худи қофия мутлақ мебошад.

Аз нигоҳи вазн низ ғазали боло ҷолиб аст. Ғазал дар баҳри Рамали муасаммани махбуни маҳзуф иншо гардида, шакли афоъили он чунин аст:

- v - - / v v - - / v v - -/ v v -

Яъне: фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаъилун.

Аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво ғазали боло ишқӣ буда, маҳбуба ҷафопеша, бераҳм, бесабру тоқат, бемеҳр, сангдил, ҳатто хунрез аст. Ошиқ бовафо, пурмеҳр, ростқавл, собир, ғамноку ғамхор, ҳатто ҷоннисор мебошад. Ҳадафи ошиқ висол аст ва маҳз ба хотири вафои маҳбуба ба ҷоннисорӣ розист. Албатта, оҳангҳои қавии иҷтимоӣ касб намудани ғазалиёти ин давра ва махсусан, ғазалҳои Мирзосодиқ ба қонунияти инкишофи адабиёти давр ва авзои таърихии замон сахт вобастагӣ дорад. Зеро мантиқан нақши образҳои лирикӣ – ошиқ ва маъшуқа ба ҳам нақши образҳои лирикӣ – ба ҳам зиёд гузошта шудааст. Ба назари шоир ин дарду ранҷҳо, азобу шиканҷаҳо завқи лаззати дигар доранд:

Дарду алами ишқ аҷаб лаззати завқе,
Дарду аламе нест туро бас аҷаб аст ин.

Ишқу муҳаббатро Содиқ беолоишу пок, озодаву соф тасаввур мекунад ва чунин ишқ кори ҳар дуну сифла нест:

Бошад муҳаббат ончунин покиза дурри бебаҳо,
Натвонад ӯро доштан ҳар сифлаю дун дар бағал.

«Мо дар лирикаи ишқии Содиқ – менависад профессор У.Каримов, ду майл, ду равияи ифодаро – эҳсоси ошиқона ва тафаккуроти ошиқонаро дида метавонем». Аз ин рӯ, дар лирикаи Содиқ хеле заъиф бошад ҳам, оҳангҳои сӯфиёнаву орифона ҷой доранд ва ин майлҳо ғолибан дар ашъори ҷавобии ӯ бештар ба назар мерасад:

Ба роҳат мерасонад ранҷ бар худ ошно кардан,
Ба нохун най шикастан банд аз шаккар ҷудо кардан.
Намо паҳлу тиҳӣ аз тору пуди пастии ғафлат,
Набояд такя бар болини ин махмал бино кардан.
Хамидан пои қадди ростӣ зинат наафзойяд,
Зи пирон хуш наояд такя бар дӯши асо кардан.
Дурустиҳои имкони шикаста ваҳшате дорад,
Ки аз ғайр аз шикастан нест фикри мӯмиё кардан.
Дар ин дарё гуҳар шав, қатрае гар обрӯ дорӣ,
Ҳубосо сари холӣ чӣ лозим бар ҳаво кардан.

Зуд оят занги зулмат аз миси шаб субҳдам, Содиқ,
Ҳамин иксир мебахшад нафас аз худ раҳо кардан.

Аз нигоҳи шакл ғазали закршуда навоворие надорад. Яъне, ғазал дорои радифи содда («кардан»), қофияҳои муқайяд: ошно, ҷудо, бино, асо, ҳаво, раҳо буда, бо равӣ хотима ёфтаанд. Аз нигоҳи вазн низ ҷолиб аст, зеро сӯзу гудоз бо ранҷу машаққат баробар баён шуда, табиати жанр баҳри Ҳазаҷро тақозо намудааст. Бинобар он, ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим эҷод шудааст, ки шакли афоъили он чунин мебошад:

v - - - / v - - - / v - - - / v - - -
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

яъне: мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъилун, мафоъӣлун.

Ғазал оҳанги хеле нозук ва муассири орифона дошта, ҳадаф сайри маънавии солик ва паймудани марҳалаҳои камолот аст, ки танҳо тавассути ранҷ, азоб, сабр, ҳушёрӣ, фурӯтанӣ, шикастанафсӣ, дурӣ аз таносоӣ, парҳезкорӣ, канорагирӣ аз дунё ва алоиқи он ва ғайра мебошад. Аз ин ҷост, ки рӯ овардан ба ранҷ, бо нохун шикастани най (инкисори қолаб), банд аз шакар ҷудо кардан (барҳам задани ҳиҷобҳо), паҳлу тиҳӣ кардан аз тору пуди ғафлат (дил кандан аз дунёи моддӣ), такя бар дӯши асо кардан (ба олами бесамар дил бастан), ваҳшат (душвориҳои роҳ), гавҳар шудан (пинҳон будан), ҳубоб (худнамоӣ) ва ғайра. Интихоби калимаҳо, коргирӣ ва маънисозиву мазмунбофӣ аз онҳо, рамзу киноя касб кардани баёну ифода низ вобаста ба мазмуну муҳтаво ва мавзӯи ғазал мебошад. Ин ҳолот, албатта, хости табиати ашъори ирфонист, ки дар ашъори шоирони ин аср низ хеле кам бошад ҳам, дида мешавад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар ашъори Содиқ ва бештар дар ғазалҳои ӯ ба назар мерасад, инъикоси оҳангҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар ин аср низ вобаста ба сиёсати пешгирифтаи ҳукуматдорони амирӣ ҳолати қувваҳои эҷодӣ-адабӣ чандон хуб набудааст. Бинобар он, оҳанги шикоят аз ҳолати танги муҳит ва аҳволи нохуби аҳли адаб, бо омезиш ба панду насиҳат, андарзу мавъизат, танқиди ҷаҳолату нодонӣ, зулму бедодӣ, ноодиливу қаллобӣ, фитнагариву фиребдиҳӣ, инчунин танқиди зимомдорони замон, рафтори рӯҳониён, кирдори зоҳидону парҳезкорон ва ғайра дар лирикаи Содиқ тасвир шудааст:

Ҷуз китобам ҳамнишини нуктадон пайдо нашуд,
Ҷуз наи килкам ҳарифи ҳамзабон пайдо нашуд.
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, дилороме наёфт,
Ҷони беоромро ороми ҷон пайдо нашуд…

Ё худ:

Бо мо замона тарки хусумат намекунад,
Чун сифла ҳеҷ касби мурувват намекунад.
Чанд афканад ба маҷлиси мо шӯр мӯҳтасиб,
Он беадаб риояти сӯҳбат намекунад.

Дар лирикаи Содиқ ва махсусан, дар ғазалҳои ӯ дар баробари ишқу ошиқӣ, васфи маҳбуба, баёни олами маънавӣ ва зебоиҳои зоҳирии ӯ, ситоиши баҳор, гулу лола, насиму накҳати баҳорон, маю мусиқӣ низ ҳаст. Инчунин, мавзӯъҳои пандуандарзӣ: эҳтироми инсон, дӯст доштани

ватан, рӯ овардан ба илму таҳсил, меҳнатдӯстӣ, хайрхоҳиву хоксорӣ, фурӯтаниву шикастанафсӣ, ростгӯӣ, ширинзабонӣ, парҳезкорӣ, ҳалолкорӣ, эҳтироми падару модар, устоду омӯзгор, вафо ба аҳд ва ғайра хеле хуб ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин шоир хислатҳои бади инсониро аз қабили қатлу ғорат мардумозорӣ, авомфиребӣ, бӯҳтону дурӯғгӯӣ, муфтхӯрӣ, ҳавобаландӣ, кибру ғурур, худписандӣ, хасисиву мумсикӣ, танпарварӣ, қалтабонӣ ва ғайраро накӯҳиш менамояд. Вале мавзӯи марказии ғазалиёти ӯ суннатӣ буда, ишқу исёнҳои қалбии инсон, шӯру валвалаҳои ботинӣ, садои дилҳо, зории ошиқу истиғнои маҳбуба ва ғайра хеле қавӣ садо медиҳанд. Чунончи:

Зор мурдему рухат сер надидем, дареғ,
Нуктае аз лаби лаълат нашунидем, дареғ.
Ҷон зи бемории ҳичрон ба лаб омад аз шавқ,
Шарбати васли ту ҳаргиз начашидем, дареғ.
Дар ғамат ғунчасифат сар ба гиребон бурдам,
Чун ғул аз ғусса гиребон надаридем, дареғ.
Монд дар пои дили хастаи мо хор фурӯ,
Гуле аз гулшани васли ту начидем, дареғ,
Бими онро, ки шавад сӯзи дили мо зоҳир,
Сӯхтем аз ғаму оҳе накашидем, дареғ.
Остони ту бувад мақсади арбоби вафо,
Мо ба он мақсади олӣ нарасидем, дареғ.
Ҷон надидем чу Содиқ ба ғами дарди ту ҳайф,
Сарф шуд нақди матое нахаридем, дареғ.

Аз нигоҳи шакл ғазали мазкур анъанавӣ буда, дорои ҳафт байт, радифи сода («дареғ»), қофияи мутлақ (ҳарфи равӣ- «д»), матлаъ, мақтаъ, тахаллус ва ғайра мебошад. Инчунин, ғазали мазкур дар баҳри Рамали мусаммани махбуни мақсур (баъзан аслам, аслами мусаббағ) эҷод шудааст, ки шакли афоъили он чунин аст:

- v - - / v v - - / v v - - / v v ~ (баъзан: - - / - ~)
- v - - / v v - - / v v - - / v v ~

Радиф дар ин ғазал бори ғоявӣ мекашад ва барои муайян намудани ҳолати қаҳрамони лирикӣ - ошиқ мусоъидат мекунад.

Аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво бошад, ғазали боло ишқӣ буда, баёни ҳолати ошиқ, яъне ҳичрон ва дурӣ аз висол, интиҳои рӯзгор ва афсӯсу ҳайфу дареғ изҳор намудани ошиқ мазмуни онро фароҳам овардааст.

Ҷанбаҳои ҳунарӣ низ хеле ҷолиб аст: вобаста ба мавзӯи ишқ: зор мурдан, сер надидани рӯй, нашунидани нукта, ба лаб расидани ҷон, чашидани шарбат, дареғ ва ғайра, калимаҳои мутаносиб ҳамагӣ дар ду байт мебошанд. Ин ҳолат то интиҳо идома дорад. **Киноя,** маҷоз – яъне мурдан – гузаштани беҳудаи умр; ҷон ба лаб омадан – яъне тоқат намудан ба ҳама гуна душвориҳо; начашидани шарбати васл – иттифоқ наафтодани висол; ғунчасифат – мисли ғунча; сар дар гиребон будан – ҳанӯз нашукуфтан, яъне ба маънии ҳанӯз аз дунё баҳра набардоштан ва ғайра. **Тавсиф:** дили хаста, мақсади олӣ; **истиора –** ғунчасифат, гул, ки

танҳо монандкунандаҳо иштирок доранду монандшавандаҳо нестанд ва ғайра.

Албатта, ҷанбаҳои ҳунарӣ дар шеъри шоирони ин рӯзгор мисли асрҳои XII, XIII, XIV, XV нест, вале шоирони ҷудогона дар ҳар сурат нисбатан санъату ҳунари воло доранд, ки Содиқу Ҳозиқ, Шӯхию Парӣ аз он ҷумлаанд. Хусусан, дар ғазалсароӣ ин шоирон нисбатан панҷаи қавитаре доштаанд. Зеро ғазали онҳо дар интиҳои ҳол қонуниятҳои таҳаввули жанрро дар ин давра муайян менамояд.

Маснавии «Дахмаи шоҳон».

Мирзосодиқ на танҳо дар навъҳои хурди лирикӣ хушзавқ аст, балки дар достонсароӣ ҳам адиби тавоно мебошад. Аз ӯ чор маснавӣ низ боқӣ мондааст. Аз ҷумла: «Рафъи тумани Оҳугиру Хайробод», «Ба духтаре ошиқ шудани дарвеш», «Қазову қадар» ва «Дахмаи шоҳон». Маснавии «Дахмаи шоҳон», ки соли таълифи он аниқ қайд нашудааст, муҳаққиқон таърихи онро солҳои 1785, 1791 ва 1796 ишора кардаанд. «Дахмаи шоҳон» аз нигоҳи сохтор ва мазмуну мундариҷаи худ хеле ҷолиб аст. Достон аз муқаддима ва қисмати асосӣ иборат мебошад. Муқаддимаи асар аз се бахш фароҳам омадааст. Дар бахши аввал мулоҳизаҳои фалсафии адиб, муносибати ӯ ба мирону шоҳон, адлу дод, ноодиливу бедодӣ баён гардидааст.

Дар бахши дуюм оид ба авзои замон, муҳити зиндагӣ, бевафоии дунё, арзиши илму дониш, фазлу ҳунар баҳс карда мешавад. Бахши сеюми муқаддимаи асар доир ба мушоҳидаву сайру гашти шоир дар атрофи шаҳри Бухоро ва ҳаводиси ба ӯ дучоромада баҳс мекунад. Муқаддимаи достон бо зерфасли «Тасвири девони маъбад» интиҳо меёбад.

Қисмати асосии достон, ки пас аз муқаддима меояд, «Ибтидои шурӯъ дар мақсуд» нахустзерфасли он мебошад. Мушоҳидаҳои шоир ба тасвири «Дахмаи Субҳонқулихон» оғоз гардида, сонӣ тасвири Дахмаи Убайдуллоҳхон, «Дахмаи Абулфайзхон» ва «Дахмаи Абдулмӯъминхон» меояд ва бо ҳамин достон ба поён мерасад.

Дар қисмати асосии достон, ҳангоми сайри шоир ногаҳ аз дахмае садое баланд мешавад, ки:

Кушо сӯи мо чашми ибрат, нигар,
Ки будем шоҳони зарринкамар!

Ҳадаф зикри бебақоии дунё, пушаймонӣ аз амалҳои носавобу зишт мебошад.

Баъд шоир садои басо ҷозибу ҷолибе аз як дахмаи мармарин мешунавад, ки он аз зиндагии бемаънӣ, кирдори носавоб, амалҳои нохуби худ ҳангоми ҳукуматдорӣ бо сӯзу гудоз ривоят мекунад. Ин дахмаи ҳокими аштархонӣ - Субҳонқулихон будааст.

Мирзосодиқ баъд аз шунидани садои ин амир боз пештар меравад ва дахмаи Убайдуллоҳхон пеш меояд. Ӯ садои ин амирро мешунавад, ки аз таърихи салтанати золимонаи худ ҳикоя менамояд. Амири мазкур аз фаъолияти золимонаи хеш сахт пушаймон гардида, худро хеле сарзаниш мекунад. Убайдуллоҳхон аз кардаҳояш пурра норизост ва таъкид мекунад, то ин ки одамон чунин ғалатҳоро содир накунанд.

Мирзосодиқ ба оромгоҳи Абулфайзхон наздик мешавад. Абулфайзхон ҳам мисли дигар амирон аз кирдорҳои худ сахт пушаймон аст:

Манам шоҳ Абулфайзи мулки Бухор,
Падар то падар хусрави тоҷдор.

Абулфайзхон вақти сари қудрат омаданаш асосан ба айшу нӯш, танпарвариву фориғболӣ дода мешавад. Худи амир мегӯяд:

Маро модари даҳр рӯзе, ки зод,
Дари айшу ишрат ба рӯям кушод.
Нишонданд дар мадҳ ҳамчун сарир,
Ба комам шакар рехт, бар ҷон шир.
Дувумбора бар тахти шоҳӣ нишонд,
Ба фарқам хазойини дунё фишонд.

Шоир зулми амирро аз забони муғаннӣ ва созҳои мусиқӣ ба тариқи ташхису тамсил зикр мекунад:

Яке дод танбӯрро гӯшмол,
Ки аз дасти ман пеши шоҳам манол.
Чунин гуфт танбӯр: Ай зулмгар,
Чаро мезанӣ захмам андар ҷигар?
Расида маро корд бар устухон,
Нишаста бурун аз танам тори ҷон.
Ба ноҳун дилам хунфишон мекунӣ,
Маро манъ боз аз фиғон мекунӣ?
Ҳамегуфт танбӯр нолида зор,
Дили чангу най шуд зи дардаш фигор,
Ба якборагӣ ҷумла кардӣ фиғон,
Найистон шуд аз нола рӯи ҷаҳон.

Ин амир ҳатто барои мансаб писари худро нест мекунад:

Хусусан, ки аз мастии ҷоми ҷоҳ,
Писарро намудам ба дастам табоҳ.
Сабоҳе гузаштам ба тарфи чаман,
Чу гул лаб пур аз ханда аз анҷуман.
Шунидам ман аз боғбони ҷаҳон,
Ки мегуфт дар хидмати гулситон:
-Бибурранд гар беҳҷасти ниҳол,
Физояд бар он нахл бори камол.
Чу бишнидам аз боғбон ин сухан,
Ба сӯи ҳарам омадам аз чаман.
Ниҳоле, ки аз решаам руста буд,
Ба пеши қадам сарв дилхаста буд.
Ба теги ғазаб кардам ӯро ҳалок,
Ба хокаш супурдам, задам рӯйи хок.
Чунин кор кардам ба уммеди он,
Ки шояд маро давлати ҷовидон.

Абулфайзхонро дар мавриди зарурӣ, яъне ҳамлаи Раҳимбии манғит дӯстон-душман, итоаткорон-нофармон ва ҷамъаш-парешон шуданд.

Раҳимбӣ ӯро қатл кард, аз ин рӯ, Абулфайзхон мукофоти амалро пеши рӯ меорад ва бо сӯзу гудоз мегӯяд:

Зи бас маст будам зи ҷоми ғурур,
Мукофотро дидам аз хеш дур.
Кунун ин мукофоти кирдорҳост,
Ҳамин ранҷам озори озорҳост.
Маранҷон дили халқ аз баҳри ӯ,
Ки бошад ҷаҳон душмани дӯстрӯ.

Яъне дар достон сокини ҳар як дахма саргузашти худро бо тамоми ҷузъиёт, бо забони худаш қоил мешавад. Агар зишткору золим бошад, пас аз кардааш сахт пушаймон аст. Агар заррае кори хуб карда бошад, натиҷаи онро ҳатман дидааст. Дареғо, ки ин амирон ҳанӯз солҳои салтанатдорӣ инро фикр накрдааст. Онҳо салтанати худро «безаволу ҷовид» донистаанд. «Дахмаи шоҳон»-и Содиқ дар заминаи ривояте, ки миёни мардум паҳн шудааст, эҷод гардидааст. Он ривояти шоҳони афсонавии Эрони қадим мебошад ва бо наср таълиф шуда, аз пораҳои шеърӣ барои тасдиқи фикр кор гирифта шудааст.

Яъне Искандари Мақдунӣ бо Афлотун ва лашкараш ба қаламрави Аҷам ворид шуда, Афлотун дахмаҳоро ба ӯ нишон медиҳад. Инҳо дахмаҳои Ҷамшед, Рустам, Фаридун, Исфандиёр, Наримон, Манучеҳр, Барзӯ, Сӯҳроб ва дигарон аст.

Тавофути асари Содиқ аз дахмаи ривоятӣ аз он иборат аст, ки:

1. Дар ривоят аз кирдори нек қисса карда мешавад ва дар асари Содиқ танҳо амалҳои зишти онҳо баён шудааст.
2. Асари халқӣ бо усули ривоят, нақл буда, асари Содиқ бевосита аз забони худи қаҳрамон аст.
3. Дар асари халқӣ пир донишманду соҳибтаҷриба буда, дар асари Содиқ мушоҳидаи адиб асоси тасвир қарор дода шудааст.
4. Мавзӯъ ва мазмуни асари Содиқ дар адабиёти тоҷик нав буда, ба адабиёт таъсири амиқ мегузарад. Адибон: Мирзо Абдулазими Сомӣ, Абдурраҳмони Тамкин, Аҷзии Самарқандӣ дар пайравии Мирзосодиқ асар таълиф кардаанд.

Бояд гуфт, ки тозакориҳо ва навовариҳои Мирзосодиқ дар таҳаввули ғазал ва эҷоди маснавӣ хеле ва хеле назаррас мебошад. Аз ин рӯ, ӯ дар таърихи адабиёти охирҳои асри XVIII ва оғози асри XIX чун адиби навовар мавқеъ дорад.

Савол ва супоришҳо:

1. Доир ба овони ҷавонии Мирзосодиқи Муншӣ чӣ медонед?
2. Сабабҳои асосии ба дарбор ҷалб намудани Мирзосодиқро дар чӣ мебинед?
3. Сабаби ба Дарвоз бадарға шудани шоир чист?
4. Поёнии рӯзгори Мирзосодиқ дар куҷо ва чӣ гуна сипарӣ гардидааст?
5. Мероси адабии шоирро номбар кунед.
6. Мавқеи ғазал дар таркиби девони Мирзосодиқро шарҳ диҳед.

7. Мазмуну мӯҳтавои ғазали «Чанд рези ба ҷафо ашки ҷигаргуни маро»-ро нақл кунед.

8. Ғазали «Ба роҳат мерасонад ранҷ бар худ ошно кардан»-ро азёд гӯед.

9. Ғазали «Зор мурдему рухат сер надидем, дареғ» ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст.

10. Мазмуни мухтасари маснавии «Дахмаи шоҳон»-ро нақл кунед.

11. Тавофути достони «Дахмаи шоҳон» аз ривояти халқии онро тавзеҳ диҳед.

12. Мирзосодиқ дар маснавии «Дахмаи шоҳон» ба кадом масъалаҳои иҷтимоӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст?

13. Хусусиятҳои бадеии маснавии «Дахмаи шоҳон»-ро шарҳ диҳед.

ҶУНАЙДУЛЛОҲИ ҲОЗИҚ

Яке аз шоирони тавонои асри XIX Ҷунайдуллоҳ ибни Исломшайх Ҳозиқ буда, доир ба ному насаби хеш дар достони «Юсуф ва Зулайхо» мегӯяд:

Ҳамин «Ҳозиқ» тахаллус дораму ном,
Ҷунайдуллоҳи ибни Шайхислом.

Инчунин Абдулкарим Фазлии Намангонӣ («Маҷмӯат-уш-шуаро») низ чунин таъкид кардааст:

Ҷунайд он ҳакими билоди сухан,
Ки шаҳри Ҳирот аст ӯро ватан.
Мудаққиқ ба таҳқиқи илму сифот,
Бувад ибни Исломшайхи Ҳирот.

Ҳозиқ дар миёнаи солҳои 80-уми асри XVIII таваллуд шудааст. Зодгоҳи ӯ маҳаллаи Кархи Ҳирот мебошад. Ҷунайдуллоҳ табъи баланду зеҳни бурро дошта, дар аввалҳои Хукмронии амир Ҳайдар (1800-1827) аз Ҳирот ба Бухоро омадааст. Ӯ дар мадраса яке аз беҳтарин толибилмон буда, осори адибони асримиёнагиро низ хеле дақиқ меомӯзад. Дар баробари ин Ҷунайдуллоҳ илми тибро ҳам хеле хуб омӯхта тахаллуси «Ҳозиқ»-ро аз ҳамин ҷиҳат интихоб менамояд. Ҳозиқ соли 1805 мадрасаро хатм мекунад ва дар мадрасаи Олӣ бо фармони амир Ҳайдар имом таъин карда мешавад. Дере нагузашта Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро ба дарбор даъват мекунанд. Баъди чанде фаъолият дар дарбор тафаккури шоирро нисбат ба он дигар намуд. Ӯ хуб фаҳмид, ки шахсони нолоиқ хеле зиёд будаанд ва бо ин тоифа аҳли хирад ҳамкорӣ карда наметавонад:

Бори узви ҷоҳро ҳар сифла натвонад кашид,
Ҳеҷ тори анкабуте иқди гавҳар мекашад?

Шоирони ҳасудкори дарбор Ҳозиқро нотавонбинӣ мекарданд. Ҷалолӣ, ки худ чандон истеъдоди баланд надошт, Ҳозиқро боре ҳачви сахт намуд. Ҳозиқ бо унвони «Қасида дар ҷавоби ҳачви мавлоно Ҷалолӣ» - ро менависад, ки чанд байте аз он чунин аст:

Дар хотирам расад чу хаёли қасидаат,
Гардад дилам сияҳ зи зуғоли қасидаат.
Гуфтӣ, ки зода табъи ман ин бикр фикрро,
Сад шӯр карда духтари золи қасидаат.
Ай, карда шеъри халқ ба чандин бало дучор,
Бояд гирист, оҳ ба ҳоли қасидаат.
Худ равшан аст гавҳари мазмуни дигарон,
Торику сакта аст зулоли қасидаат.
Ай рӯбаҳак, ба шери жаён панҷа мезанӣ,
Даркаш забон, ки нест маҷоли қасидаат.
Ҳозиқ, чӣ ҳолат аст дарад пардаи туро,
Нафсат намуда рух зи «камоли» қасидаат.

Муноқиша миёни ду шоир бошад ҳам, амалан ҳадафи Ҳозиқ худи амир аст. Аз ин рӯ, ӯ аз доираи адабии Бухоро дилмонда шуда, ба

Хуқанд омадани Ҳозиқ қайд намуда бошад ҳам, дар оғози салтанати амир Умар иттифоқ афтодани он ба ҳақиқат наздик мебошад.

Ҳозиқ муддате дар ин доираи адабӣ созиш намуда, ҳатто ба амир Умар баъзан пайравиҳо мекунад. Яке аз ҷиддитарин иқдомҳои Ҳозиқ дар ин доираи адабӣ ба эҷоди достони «Юсуф ва Зулайхо» камар бастани шоир ба шумор меравад. Дар ин бора Ҳозиқ баъзе ишораҳои судманд низ дорад:

Мабош аз шеъри мардум ҳарфгустар,
Либоси орият то чанд дар бар?
Бигӯ чу Ҳозиқ, ар дорӣ димоғе,
Бикун равшан, агар дорӣ чароғе.

Шоирони маддоҳои дарборӣ: Вазир, Нола, Фазлӣ, Дабир ва Афсӯс бошанд Ҳозиқро дар ҳузури амир бадгӯиҳо мекарданд. Шоир ва тазкиранигор Абдулкарими Фазлӣ дар «Маҷмӯат-уш-шуаро» - и худ аз Ҳозиқ ёд намуда, ӯро дорои истеъдоди баланд медонад, вале «марди девона» ва «мухолифмизоҷ» ном мебарад:

Ба фанни сухан гарчи фарзона аст,
Валекин аҷаб марди девона аст.
Каландармизоҷ асту девонахӯст,
Вале дар фунуни сухан тозагӯст.

Аз баъзе ишораҳои Ҳозиқ пайдост, ки ӯ худро зиракона ба девонагӣ вонамуд карда будааст:

Гар намехоҳӣ, ки дарди сар кашӣ аз рӯзгор,
Ҳамчу Ҳозиқ бо камоли зиракӣ девона бош.

Аз қазовати боло маълум мегардад, ки моҷароҳои аҳли дарбор ва тамаллуқи шоирони тамаъкору чоплус Ҳозиқро басо озурда намуда, ба ӯ фишори маънавӣ медоданд.

Аз ин сабаб, Ҳозиқ дар дарбори амир Умархон фаъолият карданро дигар раво намебинад. Хусусан, ин ҳолат баъди ба сари тахт омадани писари ин амир Муҳаммадалихон боз ҳам ногувортар мегардад. Ин аст, ки Ҳозиқ аз дарбори Муҳаммадалихон канорачӯӣ намуда, ба Бухоро меояд ва дар ин шаҳри бостонӣ бо пешаи табибӣ касби маош мекунад.

Ӯ аз рӯи эҳтиёҷҳои зиндагӣ бо баъзе соҳибмансабон қаробат ҷустааст. Боре яке аз соҳибмансабон ба шоир ваъда медиҳад, ки ба ӯ (ба Ҳозиқ) асп инъом мекунад. Вале пас аз гузаштани чанд муддат аз қавлаш бармегардад. Ҳозиқ ба он кас чунин қитъаи ҳаҷвиро мебахшад:

Расид мехри тило лек аспи мо нарасид,
Бигӯ намедиҳамат, то ба кай баҳона кунӣ.
Муносиби ту ба он шавкату ҷалол ин аст,
Ки хешро магарам мӯҳраи замона кунӣ.
Куҷо равос(т), ки худро барои як аспе,
Миёни халқ ба беҳимматӣ фасона кунӣ…

Ҳозиқ чанд гоҳе дар Хоразм низ будааст, ки онро солҳои 1825-29 тахмин кардаанд. Зеро дар ин солҳо Муҳаммад Раҳимхон вафот карда, ба сари қудрат Оллоҳқулихон омада буд.

Муҳимтарин хусусияти доираи адабии Хоразм он будааст, ки бо ташаббуси сарвари ин доираи адабӣ -Мӯъниси Хоразмӣ тарҷумаи осори адибони асримиёнагии тоҷик ба забони ӯзбекӣ хеле авҷ гирифта будааст. Соли 1829 Ҳозиқ аз Хоразм боз ба Бухоро бармегардад ва ӯ Ҳоҷӣ Ҳакимхонро (муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих»-ро), ки аз саёҳат баргашта буд, пешвоз мегирад.

Ҳозиқ бисёр мехост, ки ба сафари олам баромада, ба ин восита аз низои ҳусудон раҳоӣ ёбад. Вале имконоти модӣ барои шоир даст намедод, ки онро аз баъзе ишораҳои шикваомези Ҳозиқ пай бурдан мумкин аст:

Даме расид ба хотир, ки сӯи Рум равем,
Ки шояд ин дили ғамгин шавад нишотпазир.
Зи сайри шом гаҳе рехт бар дилам савдо,
Ки субҳи айш дамад шоядам зи шоми замир.
Шикаст фикри Ҳалаб гоҳ шиша дар роҳам,
Намуда гоҳ Фарангам дар ойина тасвир.
Гаҳе зи Ҳинд намак рехт дар дили решам,
Гаҳе зи Миср шакар ёфт тӯтии тақрир.

Шоир дар қитъаи боло орзуи шаҳрҳои Руму Шом, Ҳалабу Фаранг (Аврупо), Ҳинду Мисрро дар сар доштааст, вале он амалӣ нашудааст. Амир Насруллоҳ мехост Ҳозиқ яке аз муқаррабони ӯ бошад, вале шоир аз амир дурӣ меҷуст. Зеро Насруллоҳ пайваста дар андешаи кишваркушоӣ, ғорату асиргирӣ буда, борҳо ҳатто ба Хуқанд лашкар кашидааст.

Ӯ бори сеюм соли 1842 ба Хуқанд ҳуҷум намуда, дар он ҷо қатли ом менамояд. Ҳозиқ дар як қасидааш оқибати ҷангро баён намуда амирро ба сулҳ даъват мекунад:

То бувад сулҳ ҷанг натвон кард,
Ҷанг бошад диранг натвон кард.
Шоҳ бояд хурад ғами олам,
На ки з-он олам фитад дар ғам.

Амир маслиҳати шоирро қабул мекунад. Баъд ӯ аз Ҳозиқ талаб менамояд, ки ин пирӯзиашро дар қасидае васф бикунад. Ҳозиқ «пирӯзӣ»-и амирро дар байти зерин маҳкум мекунад:

Бурида бар қади худ аз маломат,
Либосе то ба домони қиёмат.

Амир аз шунидани он дар ғазаб мешавад. Ҳозиқ бошад ба Шаҳрисабз дар хонаи дӯсташ-Ҳакимхон паноҳ мебарад. Амир Насруллоҳ писари шоирро, ки Мӯҳташам ном дошт, ба Шаҳрисабз фиристода, омадани Ҳозиқро талаб мекунад. Ҳозиқ байти зеринро навишта ба амир мефиристонад:

Чун ҳузурам сабаби ранҷиши табъат гардад,
Мегурезам, ки малулат накунам бори дигар.

Амир аз ин кори шоир дар ғазаб шуда, Душанбой ном дуздро барои овардани сари Ҳозиқ амр мекунад.

Ин бешараф бо се тан бадандешони дигар ба Шаҳрисабз омада, шабонгаҳ ба хонаи хоби Мавлоно Ҳозиқ ворид шуда, ӯро ба қатл мерасонанд ва сари шоирро бо худ ба Бухоро мебаранд. Ба ҳамин тариқ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ 14-уми январи соли 1843 дар вилояти Шаҳрисабз вафот кардааст.

Мероси адабии Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ

Сарфи назар аз мураккабии авзои замони зиндагии Ҳозиқ ва нобасомониҳои рӯзгори ӯ, аз ин шоир осори пур- арзише боқӣ мондааст. Он осор аз «Девони ғазалиёт» достони «Юсуф ва Зулайхо», рисолаҳои «Воқеоти исломӣ» ва «Таҳқиқ-ул-қавоид» иборат мебошад. Рисолаи «Таҳқиқ-ул-қавоид» номи дигар низ дорад, ки он «Шарҳи қонунча» аст.

«Девони ғазалиёт»-и Ҳозиқ.

Дар девони шоир ғазал мавқеи марказӣ дорад. Чун анъана мавзӯи асосии ғазал ишқ аст. Ин мавзӯъ бо тамоми ҷузъиёт: ҳиҷрону висол, сабру тоқат, васфи ҳусну ҷамоли дилбар, бевафоӣ ва сустаҳдӣ, номеҳрубонӣ, сарддилӣ ва ғайра ба тасвир омадааст. Дар иртибот бо ин мавзӯъ маю бода (ҳамчун рамзи хушгузаронии умр, зиндагӣ), васфи баҳор ва ҷузъиёти ин фасли арӯси сол: резиши борони найсону шилдир-шилдири ҷоришавии чӯйҳои баҳорӣ, накҳати гулҳову муаттарии насими субҳгоҳӣ, сафои самову гармои ҳаво ва монанди инҳо хеле ҳунармандона аст.

Чунончи, дар ин ғазал, ки шояд дар даврони нисбатан пиронсолагии Ҳозиқ эҷод шуда бошад:

Ёди айёме, ки пур аз май сабӯе доштем,
Шаб ҳама бар сари ғам ҳою ҳуе доштем.
Шаб ниҳон з-ағёр мову ёр дар базми висол,
Мо ҳам аз имои абрӯ гуфтугӯе доштем.
Гардиши даврон гули мору чунин пажмурда сохт
В-арна дар ин боғ мо ҳам рангӯ бӯе доштем.
З-инқилоб андеша кун, моро ба чашми кам мабин,
Дар диёри хеш мо ҳам обрӯе доштем.

Ман ҳамчун қаҳрамони лирикии ғазали Ҳозиқ пайваста дар изтироб, ҳаяҷон аст. Зеро ба ин ҳолат ӯро маҳбуба овардааст. Доираи фаъолият ва муносибати қаҳрамони лирикӣ - ман пурвусъат, серҷабҳа ва гуногуншакл аст. Вале асосан олами ботинии ӯ дар муносибат бо маҳбуба ошкоро мегардад. Ошиқ намехоҳад, ки ағёр аз ин сир пай барад. Ӯ пурсабру пуртоқат ва ҳифзкунандаи асрору розҳост:

Ҳозиқ, магӯ ба бехирадон рози ишқро,
Аз анбару абир кашад гову хар чӣ ҳаз.

Қаҳрамони лирикӣ - ман ғолибан ҷанбаъҳои васеи иҷтимоӣ мегирад. Дар симои ағёр бехирадиву пастфитратӣ, ноқобиливу ноӯҳдабароӣ, золимию худписандӣ, кӯтоҳназариву зоҳирбинӣ, ҳарисиву мардумфиребӣ барин амалҳои зиштро ҷамъбаст менамояд. Аз ин рӯ, вазниниҳои ҳаёт пайваста бар дӯши хирадмандону оқилон аст. Ин аст, ки Ҳозиқ мегӯяд:

Маро чун бишкуфад хотир, ки ҳамчун ғунчаву лола

Дилам хун аст ту бар ту, ҷигар доғ аст то бар то.
Дар ин айём ҳар кас ҷоми айше мекашад чун гул,
Ману доғи дилу ҳуни ҷигар чун лолаи ҳумро.

Лирикаи иҷтимоии ӯ баъзан вусъати бештаре пайдо намуда, ҳатто оҳангҳои қавии сиёсӣ низ мегирад. Ба ақидаи Ҳозиқ, соҳибмансабон бояд шахсони сазовору лоиқ бошанд. На ҳар як шахс аз ӯҳдаи корҳои роҳбарӣ баромада метавонад. Дар системаи роҳбарӣ бояд принсипи ҷиддие ҳукмрон бошад, то ин ки шахсони тасодуфии беистеъдод ба мансабҳои баланди давлатӣ соҳиб шуда натавонанд. Таърих гувоҳ аст, ки агар шахси нолоиқе сари мансабе ояд, он гоҳ ҷомеъа дучори мушкилиҳои сершумор хоҳад шуд:

Халқи оламро на ҳар дун даст бар сар мекашад,
Ин қадаҳ аз даври гардун меҳри ховар мекашад.
Бори узви ҷоҳро ҳар сифла натавонад кашид,
Ҳеҷ тори анкабуте нақди гавҳар мекашад.

Яъне ба ин восита лирикаи шоир ҷанбаъҳои воқеии ҳаётӣ гирифта, ба ҳаёти ҷамъият ва рӯзгори мардум бештар наздик мешавад. Шоир таъкид ба таъкид мегӯяд, ки шахсони ҳариси ҷоҳу мансабро набояд имкон дод, ки ҳадафҳои палиди худро амалӣ намоянд. Баръакс, пеши роҳи онҳоро бояд гирифт, то ин ки мардум аз ин тоифаи кӯтоҳ - назар халос бошанд:

Баски масти бодаи ҳирсанд абнои замон,
Табъашон хуни падар аз шири модар мекашад.

Дар оғози расидан ба ҳадаф баъзан ин тоифа усули кори худро дигар хел намуда, рафтори чоплусонаро пеш мегиранд. Ҳамин ки ба ҳадафҳои ниҳоии худ расиданд, ҳамон замон тағйир меёбанд. Ба ин маънӣ шоири мушоҳидакор огоҳ месозад, ки ба тавозӯи сохтакоронаи мансабхоҳон фиреfта набояд гашт. Онҳо ҳама чизро бо мансаб иваз хоҳанд кард. Ӯ мегӯяд:

Қади золим аз тавозӯъ нест ҷузъ тамҳиди зулм,
Мешавад хам неши ақраб заҳр, чун бармекашад.

Дигар аз мавзӯъҳое, ки дар лирикаи Ҳозиқ хеле зиёд реша дорад, мавзӯъҳои панду андарз, мавъизату насиҳат, тарбиявию ахлоқӣ мебошанд, ки шоир ба мавзӯи мазкур бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Чунончи:

Ба гиру дори бузургӣ ту бош хуш, ки дили ман,
Гирифтааст, таманнои дору гир надорад.
Зи файзи олами маънӣ ба махзани дили Ҳозиқ,
Ҷавоҳирест, ки шоҳи фалаксарир надорад.

Бояд гуфт, ки Ҳозиқ шоирест, ки ба қадри сухан ва суханвар бо тамоми ҳастии худ мерасад. Ӯ суханро дурру гавҳар мегӯяд, вале шеърро, хусусан сухани матини манзумро афзал мешуморад, яъне агар сухани насрӣ, ки он ҳам дурру гуҳар аст, накӯ аст ва агар манзум гардад, накӯтар хоҳад гашт. Шоир мегӯяд:

Суханро шеър бахшад зеби дигар,
Шавад аз назм афзун қадри гавҳар.
Агар худ шеърро ҳусне набудӣ,

Ба Ҳассон кай Набӣ эҳсон намудӣ.

Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ адиби тавоно буда, ҳунари ӯ аз навъҳои лирикӣ хусусан дар ғазал сазовори таҳсин аст. Зеро ӯ аз эҷодиёти бузургтарин ғазалсароён: Саъдию Хоҷу, Носири Бухороиву Салмони Совачӣ, Хусраву Ҳасан, Ҳофизу Камол, Ҷомию Ҳилолӣ, Мушфиқиву Шавкат ва дигарон комилан огоҳ будааст. Таъсири эҷодиёти шоирони номбаршуда дар ашъори Ҳозиқ аз нигоҳи ҷанбаъҳои ҳунарӣ: коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ, мазмунсозӣ, маъниофарӣ, дарёфти радифу маҳорати қофиясозӣ, интихоби вазнҳои мувофиқу хушоҳанг ва ғайра хеле хуб мушоҳида карда мешавад.

Сабку услуб, шеваи эҷоду ҳунари таълифи Ҳозиқ низ хеле ҷолиб аст.

Аз ин ҷост, ки нуфузи эҷодиёти Ҳозиқ ба адабиёти давр ва минбаъда низ хеле хуб ба мушоҳида мерасад.

Достони «Юсуф ва Зулайхо»

Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ на танҳо дар эҷоди навъҳои гуногуни лирикӣ табъи баланду ҳунари воло доштааст, балки дар достонсароӣ ҳам соҳиби истеъдоди фавқулодда мебошад.

Ҳозиқ дар заминаи сунати адабӣ достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро таълиф менамояд. Шоир достони мазкурро дар замони амир Умархон (1809-1822) оғоз намуда, соли 1724 онро ба итмом мерасонад:

Намуд илҳом дар таърихаш иншо:
Муфассал қиссаи «Юсуф Зулайхо».
Шурӯъаш буд аз даври Умаршоҳ,
Ки зад ба садри ҷаннат хаймаи ҷоҳ.
Набурдам худсарӣ дар ҷайби анҷом,
Ки даври салтанат з-ӯ ёфт итмом…

Ҳозиқ достони «Юсуф ва Зулайхо»-и худро дар пайравии достонҳои Ҷомию Нозим эҷод кардааст. Зимни асар шоир андешаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, ҷамъиятии худро низ баён кардааст:

Ба дӯши қиссаи Юсуф Зулайхо,
Мурассаъ хилъати дигар биоро.
Либоси тозаву ушшоқи тоза,
Баҳори тозаву авроқи тоза.
Зи ҳар гул рангу бӯи тоза ҷӯшад,
Зи ҳар булбул наво дигар хурӯшад.

Достони «Юсуф ва Зулайхо» дорои 60 боб ва 4496 байт буда, дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (баъзан мақсур) эҷод карда шудааст, ки афоъили он чунин аст:

v - - - / v - - - / v - -
v - - - / v - - - / v - -

яъне: мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун.

Сужети достон аз боби 12 оғоз мешавад.

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз машҳуртарин қиссаҳо буда, таърихи пайдоиши он ба асрҳои XV – XIV то мелод тааллуқ дорад. Қиссаи мазкур дар китоби муқаддаси «Таварот» ва баъдтар дар «Қуръон»-и маҷид зикр шудааст.

Дар осори адабӣ-бадеии халқҳои форс-тоҷик ин қисса дар осори шоирони садаи X Абулмуайяди Балхӣ, Бахтиёрӣ ва Фирдавсӣ (мансуб ба ин эҷодкор), минбаъд Амонӣ (асри XI), баъдҳо Амъақи Бухороӣ, Масъуди Ҳиравӣ, Масъуди Деҳлавӣ, Озари Тӯсӣ, Масъуди Қумӣ, Шоҳини Шерозӣ ва бисёр касони дигар манзум шудааст. Ҳатто дар адабиёти туркзабон ҳам чанд тан: Ҳамдуллоҳи Чалабӣ, Дурбек ба ин қисса рӯ овардаанд.

Чанд тан шоирони асрҳои XVI-XIX низ дар эҷоди қиссаи мазкур ранҷ бурдаанд, ки аз зумраи онҳо: Мавҷии Бадахшонӣ, Салими Табрезӣ, Муллошоҳи Бадахшонӣ, Муҳаммад Иброҳими Халилуллоҳи Бадахшонӣ, Авҳадии Балёнӣ, Ҷавҳари Табрезӣ, Шаҳоби Туршезӣ ва дигарон мебошанд. Вале машҳуртарини таълифгарони қиссаи мазкур Ҷомӣ, Нозими Ҳиравӣ ва Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ мебошанд.

Таҳлили достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ

Достон мазкур бо он характернок аст, ки он фоҷеавӣ нест. Аз тарафи дигар, дар ин қисса Зулайхо (нисбат ба достонҳои дигари ишқӣ-романтикӣ) хеле фаъол аст. Зулайхо тамоми вазнинии зиндагӣ, роҳи муҳаббатро бар дӯши худ мегирад. Ҷанбаъҳои воқеии рӯзгорӣ дар достони Ҳозиқ боз ҳам бештар ба назар мерасанд. Дар ин достон Юсуф таҷассуми иффат- покист.

Мазмуни мухтасари достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ

Дар Мағриб шоҳе бо номи Таймус ҳукмронӣ мекард. Ин шоҳ фарзанд надошт. Баъдҳо ӯ фарзанддор мешавад ва духтарашро Зулайхо ном мекунад. Зулайхо чунон зебо буд, ки дар ҳафт иқлим ҳаммонанд надошт. Зулайхо ба балоғат расида, шабе зеботарин ҷавонеро дар хоб мебинад ва мафтуни ӯ мешавад. Танҳо бори сеюми хоббинӣ Зулайхо аз ҷавон ному нишон мепурсад:

Куҷо будӣ, ки ман девона будам,
Зи хешу ошно бегона будам.
Бигӯ шаҳрат куҷо, кӯят кадом аст?
Туро, ай бенишон, охир чӣ ном аст?

Дар ҷавоб ҷавон мегӯяд:

Азизи Мисраму дигар ту худ рас,
Бувад дар хона чун кас, ин сухан бас.

Ба ӯ аз ҳар тараф хостгорҳо омада бошанд ҳам, ба касе розӣ намешавад.

Вазири шоҳи Миср - Азиз низ тавсифи ҳусни Зулайхоро шунида, бо ҳадяи зиёде хостгор равон менамояд. Таймус ба ин шахс розигӣ медиҳад. Зулайхо тӯй шуда ба Миср оварда мешавад. Зулайхо Азизи Мисрро ҳамон ҷавони дар хоб дидааш гумон карда хеле хурсанд буд. Вале маълум мешавад, ки он ҷавони дар хоб дидааш нест. Азиз базми бошукӯҳе ороста ҳокими Миср-Малик Рӯён низ дар он иштирок мекунад. Зулайхо дар қасри зеботарин зиндагӣ кунад ҳам, хурсанд набуд. Дар Канъон Яъқуб умр ба сар мебурд, ки дувоздаҳ фарзанд дошт. Юсуф фарзанди охирини ин мард буда, зеботарин мебошад. Ӯ на танҳо зоҳиран, балки ботинан ҳам ниҳоят хушодобу хушрафтор буд. Аз ин рӯ,

Яъқуб ӯро бештар дӯст медошт. Ин боиси рашки бародарон гардид ва онҳо дар паи нест кардани Юсуф мешаванд. Онҳо як рӯзи баҳор падарро розӣ кунонида Юсуфро бо худ мебаранд. Онҳо панди падарро фаромӯш намуда, Юсуфро бераҳмона мезананд, азоб медиҳанд. Ӯ аз ташнагӣ бемадор мешаваду меафтад. Яке аз бародарон ба Юсуф об медиҳад, вале Шамъун хашмгин шуда, аз ӯ обро кашида мегирад.

Вале Яҳудо бо ханҷар ба Шамъун ҳамла намуда, Юсуфро наҷот медиҳад. Онҳо ба сари чоҳе омада Юсуфро ба он чоҳ мепартоянд.

Онҳо бо нолаву зорӣ пеши падар меоянд ва пироҳани хунолуди Юсуфро ба падар нишон дода мегӯянд, ки Юсуфро гург хӯрдааст. Вақте ки падар ба иғвои онҳо чандон бовар намекунад, онҳо ба саҳро рафта гургеро пайдо мекунанд ва даҳони онро хунолуд намуда ба Яъқуб нишон медиҳанд. Вале гург ба забони ҳол омада бегуноҳии худро хабар медиҳад.

Корвони Молик аз Мағриб ҷониби Миср раҳсипор буд. Онҳо барои ҷустани об ҷӯёи чоҳ мешаванд. Башрӣ ном ғулом аз қаъри чоҳ ба ҷои об Юсуфро пайдо менамояд. Бародарони Юсуф аз ин кор хабар ёфта, Юсуфро ба ивази ҳаҷдаҳ дирҳам мефурӯшанд. Вақте корвон ба Миср мерасад, ҳокими он ҷо Малик Рӯён, вазири ӯ Азиз ва завҷаи вазир Зулайхо низ огоҳ мегарданд. Зулайхо аз равзана Юсуфро дида ҷавони дар хоб дидаашро мешиносад. Азиз бо маслиҳати Зулайхо Юсуфро ҳамчун ғулом харида ба хона меорад.

Зулайхо ба Юсуф на мисли хоҷа бо ғулом, балки ҳамчун дӯстдоштаи худ муносибат менамуд. Онҳо бо ҳамдигар саргузашти худро нақл мекарданд. Баъдтар Юсуф пешаи чӯпониро ихтиёр мекунад. Зулайхо барои висол тадбирҳо меҷуст, вале Юсуф аз рафтори ӯ ҳаросида аз Худо имдод металабид. Бо хоҳиши Зулайхо қасри мӯҳташаме сохта мешавад. Зулайхо Юсуфро ба тамошои қаср мебарад. Дар ҳуҷраи ҳафтум Юсуфро оғӯш карданӣ мешавад, вале Юсуф дурӣ меҷӯяд. Зулайхо аз қафо домани Юсуфро кашида медаронад. Пас ба назди Азиз омада Юсуфро тӯҳмат мекунад. Баъд аз ин бо дархости Зулайхо Юсуфро бо дахолати занони Миср ба маҳкама меафкананд. Зулайхо аз кардаи худ пушаймон мешавад. Дар зиндон обдор ва суфрагустори шоҳ низ зиндонӣ буданд.

Шабе обдор хоб мебинад, ки шоҳ аз ӯ оби ширин хостааст. Юсуф хоби ӯро ба некӣ таъбир менамояд, ки аз зиндон озод гардида соҳиби мансабе хоҳӣ шуд. Он гоҳ дар бораи ман,- мегӯяд Юсуф, - ба шоҳ хабар бидеҳ. Иттифоқо, шабе Малик Рӯён низ хобе даҳшатборе мебинад, вале касе онро таъбир карда наметавонад. Обдор хабар медиҳад, ки Юсуф ном шахси таъбиргаре дар зиндон ҳаст, ки бо амри Азиз зиндонӣ шудааст. Юсуфро аз зиндон озод намуда ба назди шоҳ меоранд. Ӯ хоби шоҳро мудҳиш мегӯяд ва тадбирҳоро ҳам қоил мешавад.

Рӯён Азизро аз вазирӣ холӣ намуда, Юсуфро вазир таъин менамояд. Зулайхо дар вайронае истиқомат карда, исломро мепазирад. Юсуф инро фаҳмида ба назди Зулайхо меравад. Ӯ ҳоли Зулайхоро дида раҳмаш меояд ва Зулайхоро ба боргоҳи худ меорад. Зулайхо ғаму ғуссаро аз худ

дур намуда аз нав ҷавон мешавад ва ҳуснаш бо амри Худо, барқарор мегардад:

Маро дубора бахшад зиндагонӣ,
Диҳам бозам зи сар ҳусни ҷавонӣ.
Намояд дидаам равшан зи рӯят,
Муаттар ҳам димоғи ҷон зи бӯят.
Зи лаъли ҷонфизоят ком ёбам,
Дар оғӯшат ҳамин ором ёбам.

Юсуф базм ороста бо Зулайхо хонадор мешавад. Онҳо якҷоя сӣ сол умр ба сар мебаранд. Баъд аз он Юсуф олами фониро падруд мегӯяд. Зулайхо сари қабр омада онро оғӯш мекунад ӯ низ ҷон месупорад.

Достони Ҳозиқ бо ҳамин хотима меёбад.

Образҳои достон.

Дар достони мазкур ба ғайр аз образҳои марказӣ-Юсуф ва Зулайхо як қатор образҳои дигар: Шоҳи Миср Малик Рӯён, Азизи Миср, Таймус, Яъқуб, бародарон, Молики Бишрӣ, корвониён, занони Миср, зиндониён ва зиндонбон, дастурхондор ва обдори шоҳ. Ин образҳо низ лаҳзавӣ бошанд ҳам, хеле ҳалкунанда ва ҷолибанд.

Образи Юсуф образи марказӣ ва ҳалкунандаи достон аст. Ӯ носеҳ ва пок аст. Инчунин боақлу доно, покиза ва пуртоқату поктинат аст. Танҳо дорои хислатҳои ҳамида буда, ягон хислати бад надорад. Ӯ на танҳо зоҳиран, балки ботинан ҳам зебост. Дурандеш, бо мулоҳиза, зираку оқил буда, ба оянда боварӣ дорад. Хислатҳои ҳамидаи ӯ сари ҳар як қадам ба назар мерасанд. Юсуф пайғмбарзода низ ҳаст. Ӯ боз ба ғуломӣ розӣ мешавад.

Ҳангоми таъбири хоби зиндонӣ дар маҳбас боз ҳам бузургии ӯ ошкор мешавад. Хоби Рӯёнро таъбир намудан ӯро соҳиби мансаб мегардонад.

Шоир ба ин восита иффату покӣ, ростиву росткорӣ, адлу инсоф, садоқату инсоф ва ғайраро тарғиб намуда, хисоли ҳамидаро афзалият мебахшад. Шоир хоби шоҳро чунин тасвир мекунад:

Малик Рӯён шабе чун чашм пӯшид,
Ба хобаш ҳафт гови фарбеҳе дид.
Пас аз вай ҳафт гове дид лоғар,
Ки хурд ин ҳафт лоғар ҳафти дигар.
Дар он дам хӯшаҳои сабзу хуррам,
Намудаш ҳафт буд он хӯшаҳо ҳам.
Пас он гаҳ ҳафти дигар хӯшаҳо дид,
Ки ҳар як хушктар будӣ зи хуршед.
Бар он тарҳо чу печиданд он ҳафт,
Ҳама гаштанд хушку хуррами рафт.

Хоби Маликро касе таъбир карда наметавонад ва танҳо Юсуф онро чунин таъбир мекунад:

Ки аввал ҳафт соли нек ояд,
Ба рӯи халқ неъмат дар кушоянд.
Пас аз вай ҳафт соле дур гирад,
Ки гардад зинда қаҳт, арзон бимирад.

Аз он ҳафт ин қадар гиранд хӯша,
Ки бошад дар раҳи ин ҳафт тӯша.
Ба шаҳ то нархи давлат бошад арзон,
Вазири шаҳ набояд буд нодон.
Нигаҳ гар бол накшояд ба ғафлат,
Расад кай сар ба девори мазаллат.

Ин аст, ки аз зиндон раҳо ёфтани Юсуф ҷорӣ шудани адолат, тантанаи озодӣ, вазир таъин шудани Юсуф, сари қудрат омадани адолату озодӣ, яъне ғалабаи озодиву адолат бар зулмоту ҷаҳолат мебошад. Зеро Юсуф ҳатто худи шоҳро чунин панду насиҳат медиҳад, ки чунин ҷуръатро кӣ метавонист ба ҷо биёрад?!

Чунончи:

Бувад чун бо раъият шоҳро ҷоҳ,
Раъиятпарварӣ мебояд аз шоҳ.
Ҷу бошад бар шукӯҳи шоҳ иллат,
Ғами худ мехурад, хоҳ аз раъият.
Раъият гар набошад, бо кӣ шоҳ аст?
Фалакро рӯзи беахтар сиёҳ аст.
В-агар бошад туро доно вазире,
Ки худ дарди сар аз кишвар нагирӣ.

Агар дар ин қазоват хиради сиёсӣ- иҷтимоии Юсуф намоиш дода шуда бошад, пас ӯ дар ҷодаи дигар низ бартарӣ дорад.

Юсуф дар ишқ низ симои покӣ ва иффат аст. Мо таъсири ислом ва «Қуръон» - ро ин ҷо бештар ҳис менамоем. Ӯ намехоҳад, ки ба хонадони набавӣ гуноҳу табоҳӣ биёрад. Аз ин рӯ, сабру таҳаммулро интихоб мекунад. Заррае ишқи шаҳвонӣ намудор намешавад ва ӯ дар ин роҳ ҳатто фикр ҳам намекунад.

Юсуф шахсияти бузург аст, ки ҳатто ба бародарони ҷафокору қотили худ ҳам шафқату раҳм мекунад. Ин аст, ки дар охир ба мақсад мерасад ва дар зиндагӣ ноком нест.

Образи Зулайхо. Ин симои махсуси зани нотакрор аст. Ӯ шоҳдухтар аст, вале ёде аз мансаб, боигарӣ намекунад. Ӯ миллат ва табақаи иҷтимоиро ҳам ба назар намегирад. Ӯ устувор ва мубориз аст. Зулайхо пок, бо иффату шармгин аст. Ҳамин ишқи пок дар аввал ӯро хеле уқубат медиҳад:

Маро ишқе бубин охир чиҳо кард,
Ватанбегона, ғурбатошно кард.
Азизи Миср ҷӯён хор гаштам,
Парӣ гуфтам, ба деве ёр гаштам.

Зулайхо дӯстдоштаашро ба зиндон меафканад, вале худ гӯё хешро дар он ҷо афканда бошад, ки азоби рӯҳӣ мекашад.

Ҳангоми вазир таъин гардидани Юсуф, Зулайхо боз хортар шуда, хонаву ҷои худро тарк мекунад ва дар роҳи дӯстдоштааш макон интихоб намуда, бо азоби зиёд ва гиряву нола зиндагӣ мекунад. Вале ҳамоно иффату исматро нигоҳ медораад. Ӯ низ поку беолоиш ва устувору пурсабр ва табовару пуртоқат мебошад. Зулайхо ҳам ҷонибдори барпо

намудани оилаи пок, содиқ, мушфиқ, ҳалол, самимӣ, беолоиш аст. Ӯ барои дӯстдоштаи худ аз худ мегузарад. Зулайхо бе Юсуф зиндагиро тасаввур карда наметавонад. Аз ин рӯ, ӯ ба мақсад мерасад.

Дар достон образҳои шоҳи Миср - Малик Рӯён, Яъқуб, Таймус, корвониён, обдори шоҳ низ нақшҳои мусбатанд. Яъқуб умре барои Юсуф месӯзад, Малик Рӯён ҷонибдори адолат, дурандеш, мушоҳидакор ва донову оқил аст. Таймус низ шоҳи доност. Ӯ дар роҳи муҳаббати фарзандаш монеъ нест. Ҷонибдори ишқи пок ва ахлоқи ҳамида мебошад.

Бародарони Юсуф аз хонадони муқаддасанд, вале рашк, ҳасад, бадбинӣ, ҳавасҳои бечо доранд. Аз ин рӯ, онҳо дар зиндагӣ роҳи худро пайдо карда наметавонанд.

Корвониён низ кори хайреро сомон медиҳанд, зеро онҳо боиси идомаи хатти сужети достон мешаванд.

Обдори шоҳ бошад кори ниҳоят некро сомон дода, боиси аз зиндон раҳоӣ ёфтани Юсуф ва инчунин ба мансаби баланд омадани ӯ ва ниҳоят ба мақсад расидани Зулайхо мегардад.

Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ дар таълифи достон нишон додааст, ки ӯ дар эҷоди навъҳои бузурги адабӣ маҳорати бештаре дорад. Ҳозиқ дар қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ, тарҷеоту шеъри тасмит ва ғайра табъи баланд дошта бошад ҳам, шӯҳрати ӯро ҳамчун эҷодкор ҳамин достони «Юсуф ва Зулайхо» таъмин кардааст.

Аз навъҳои лирикӣ ӯ ғолибан дар ғазал табъи баланд дошта, дар рушду таҳаввули жанри мазкур саҳми арзанда гузоштааст. Вале махсусан достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ баъд аз асарҳои ҳамноми Ҷомию Нозими Ҳиравӣ ва умуман миёни ҳамаи онҳое, ки 10 аср дар ин мавзӯъ асар эҷод кардаанд, мавқеи намоён дорад.

Ҳозиқ дар ин достон лаҳзаҳои иловагии зиёд дорад, ки дар асарҳои қаблӣ дида намешаванд: лаҳзаи тӯҳмати гург ва ба забони ҳол омадани он, ё худ бевосита Ҳозиқ аз тавлиди Юсуф асарро оғоз мекунад, вале Ҷомӣ то ин ҷо изҳори чанд андешаи фалсафӣ, шарҳу тавзеҳи баъзе чизҳо сар кардааст. Ё ки дар достони Ҷомӣ падари Зулайхо ба ҷониби Азизи Миср хостгор мефиристад, ки ин дар асари Ҳозиқ нест ва ғайра.

Ҳозиқ шоҳи идеалии худро дар симои малик Рӯён тасвир намуда, муқаддас будани хонадони набавиро дар образи Юсуф ба тасвир овардааст, ки дар ҷузъиёт хеле ҷолиб эҷод шудаанд.

Ҳунари шоирии Ҳозиқ дар сатҳи Ҷомӣ ва Нозими Ҳиротӣ набошад ҳам, пояи ӯ аз дигар шоироне, ки дар ин мавзӯъ достон эҷод кардаанд, баланд аст. Барои мисол:

Зи рӯи хашм он қавми ҷафокор,
Ба сад хорӣ дар он саҳрои хунхор.
Зи по бурданд кафш, аз сар кулоҳаш,
Саропо шуд бараҳна ҳамчу моҳаш.
Шуд он домони дашти пур зи хоре,
Зи хуни захми пояш лолазоре.

Дар ин абёт Юсуф ба моҳ монанд карда мешавад, зеро моҳ низ бараҳна дар биёбони фалак роҳ мепаймояд. Агар дар ин ҷо ташбеҳи

баланду ҷолиб бошад, дар байти дигар тавассути ғулувв аз хуни пои Юсуф рангин гардидани даштро таъкид мекунад, ки хеле хотирмон ва дилнишинанд ва хонандаро комилан мутаассир менамоянд.

Ё ин ки ба воситаи лаҳзаи тамсилӣ ва тавассути санъати ташхис гург чунин ҳолати ҳалкунандаро мусбат ҳал мекунад:

Ки ман ҳарчанд дур аз ақлу ҳушам,
Наям инсон, аз ҷинси вуҳушам.
Вале донам, ки ин феъли қабеҳ аст,
Ба ҳар нодониям қубҳаш сареҳ аст.
Ҳамин фарзанди худ гумкарда будам,
Дар ин саҳро суроғаш менамудам.
Ки шояд ёбам он гумкарда фарзанд,
Ба доми тӯҳматам карданд побанд.
Бибастанд инчунин бо ресмонам,
Биёлуданд ҳам бо хун даҳонам.
Задандам гаҳ ба чӯбу гоҳ бо санг,
Биёварданд аз саҳро бад- ин ранг.
Кашидам бе ҷиноят гарчӣ бедод,
Вале рӯи ту чун дидам, шуд аз ёд.

Яъне ба воситаи чунин санъати баланду табъи волои шоирӣ Ҳозиқ ҳатто гурги ваҳшии хунхорро раҳмдил намудааст. Ҳамчунин бо чунин ҳунару маҳорати эҷодӣ шоир кирдори бародарони Юсуфро басо ваҳшиёна тавонистааст биёфарад, то ин ки хонандаро бештар мутаассир намояд.

Достон бо назардошти гузориши масъала, ҳалли он, ҳукму муҳокимарониҳо, мантиқи ифода, корбурди калимот, интихоби он, коргирӣ аз мақолу зарбулмасал, таъбиру ифодаҳои халқӣ, ҳунари шоирӣ, истифодаву интихоби радифу қофияҳо, вазн, истифодаи санъатҳои бадеии маънавию шаклӣ ва ғайра низ басо ҷолиб ва хотирмон аст.

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ баробари арзишҳои ҳунарӣ-шоирӣ, адабӣ-бадеӣ, захираи луғавӣ-лексикӣ беш аз ин ҳама, аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқӣ дорад. Зеро покию иффат ва исмати инсонӣ дар нақшаи аввал меистад.

Хонанда намунаҳои олии ахлоқи ошиқонро меомӯзад ва ибрат хоҳад гирифт.

Савол ва супоришҳо:

1. Оид ба даврони ҷавонӣ, овони таҳсилоти Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ чӣ медонед?
2. Сабаби ба Моваруннаҳр омадани Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро нақл кунед.
3. Муносибати Ҳозиқ ва амирони манғит чӣ гуна сурат гирифтааст?
4. Мероси адабии Ҳозиқ аз кадом навъҳои адабӣ иборат аст?
5. Сахт ва таркиби девони Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро баён намоед.

6. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳозиқро шарҳ диҳед.

7. Ғазали «Ёди айёме, ки пур аз май сабӯе доштем»-ро азёд кунед.

8. Ғазалиёти Ҳозиқ дорои кадом хусусиятҳои адабӣ- бадеиянд?

9. Мазмуни мухтасари достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро нақл кунед.

10. Доир ба сайри таърихии қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» то эҷодиёти Ҳозиқ маълумот диҳед.

11. Кадом хусусиятҳои фарқкунандаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқро медонед?

12. Образҳои марказии достон-образҳои Юсуф ва Зулайхоро таҳлил намоед.

13. Образҳои мусбату манфӣ, лаҳзавӣ ва доимии достонро номбар кунед.

14. Арзиши адабии достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҳозиқ аз чӣ иборат аст?

ҚОФИЯИ МУТЛАҚ ВА ҲАРФҲОИ ОН

Дар илми бадеъи классикӣ қофияеро мутлақ меноманд, ки агар ҳарфи р а в ӣ бо ҳарфи в а с л часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад. Мисол:

Раъият ба зулми ту чун олиманд,
Зи зулми ту бар якдигар золиманд.

Дар ин байт (вазнаш – Мутақориби мусаммани мақсур) калимаҳои «олиманд» ва «золиманд» қофия, ҷузви «-олиманд» решаи онро ташкил медиҳад. Дар ин решаи қофия садоноки «о» т а ъ с и с, ҳамсадои «л» д а – х и л, садоноки кӯтоҳи «и» и ш б о ъ, ҳамсадои «м» р а в и и м у т л а қ, садоноки «а» м а ҷ р о, ҳамсадои «н» в а с л ва ҳамсадои «д» х у р ӯ ҷ аст. Чун дар ин қофия ҳарфи охирини решагӣ, яъне равӣ (ҳарфи «м») бо ҳарфҳои баъди он омада часпидааст, онро қофияи мутлақ меноманд.

Қофияи мутлақ нисбат ба қ о ф и я и м у қ а й я д навъҳои зиёд дорад ва ҳарфҳои асосии он васл, хурӯҷ, мазид, нойира мебошанд. Дар қофияи мутлақ илова бар ҳарфҳои хоси он васл, хурӯҷ, мазид, нойира ҳарфҳое, ки дар қофияи муқайяд иштирок мекунанд – мисли таъсис, дахил, ридф (ридфи муфрад ва ридфи мураккаб) низ меоянд. Мисол барои қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равии мутлақ, маҷро, васл ва хурӯҷ:

Мардони қабила рахт бастанд
В-аз арса ҳама берун нишастанд.

Вазни ин байт Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур буда, калимаҳои «бастанд»-у «нишастанд» қофияи онро ташкил медиҳанд. Ҷузвҳои «-астанд»-и ҳарду калимаи қофия решаи онанд, ки садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳамсадои «с» қ а й д, ҳамсадои «т» р а в и и м у т л а қ, садоноки «а» м а ҷ р о, ҳамсадои «н» в а с л ва ҳамсадои «д» х у р ӯ ҷ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳарфҳое, ки баъди равӣ дар решаи қофия меоянд, ба гурӯҳи ҳарфҳои қофияи мутлақ дохил мешванд ва онҳо чортоянд: васлу хурӯҷу мазиду нойира. Ҳоло ҳар кадоми онро ба таври мухтасар шарҳ медиҳем.

1.Васл калимаи арабист, маънои луғавиаш пайвастани чизе ба чизи дигар, часпондан буда, дар илми қофия номи яке аз ҳарфҳои решагист, ки баъди ҳарфи р а в ӣ омада, бо он пайваст шуда бошад.

Ҳамин тариқ, ҳамсадоҳо, садонокҳои дароз ва ҳарфҳои ётбарсар (й, е, ю, я) ба вазифаи васл омада метавонанд. Мисол:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

Дар ин байти Ҳофиз (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани солим) калимаи «моро» ва «Бухороро» қофия буда, ҷузви «-оро» решаи қофия аст. Дар ин решаи қофия ҳар «о» равии мутлақ, ҳарфи «р» в а с л ва ҳарфи «о»-и охир хурӯҷ аст.

Мисоли дигар:

Ҷони ширин, ин қадар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.

Дар ин байти Мирзо Турсунзода (вазнаш – Рамали мусаддаси маҳзуф) калимаҳои **«чангам»** ва **«дилтангам»** қофия, ҷузви «-ангам»-и ҳарду калима решаи қофия мебошад, ки садоноки кӯтоҳи «о» ҳ а з в, ҳамсадои «н» қ а й д, ҳамсадои «г» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о ва ҳамсадои «м» васл мебошад.

Садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у» баъди ҳарфи равӣ оянд ҳам, васл шуда наметавонанд, зеро онҳо дар алифбои арабӣ ҳарф не, балки ҳаракатанд. Агар в а с л аз ҳамсадо иборат бошаду пеш аз вай садоноки кӯтоҳ омада бошад, дар он сурат садоноки кӯтоҳи баъди равӣ омадаро маҷро меноманд. Мисол:

Хаёли рӯи ту дар коргоҳи дида кашидам,
Ба сурати ту нигоре надидаму нашунидам. (Ҳофиз)

Дар ин байти Ҳофиз (вазнаш – Муҷтасси мусаммани махбун) калимаҳои «кашидам» ва «нашунидам» қофия, ҷузви «-идам» решаи қофия буда, ҳарфи «и» ридфи муфрад (аслӣ), ҳамсадои «д» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о ва ҳамсадои «м» васл мебошад.

Агар шеър бо қофияе тамом шуда бошад, ки ҳарфи охири онро садоноки «а» ташкил додааст, дар он сурат ин садонок вазифаи васлро иҷро кардааст. Масалан, дар ин байт:

Ашке чу лаъл резад он лаб маро зи дида,
Дар шиша ҳарчи бошад, аз вай ҳамон чакида. (Камол)

Вазни ин байт Музореъи мусаммани ахраб буда, калимаҳои «дида» ва «чакида» ба вазифаи қофия омадаанд. Дар ин қофия ҷузви «-ида» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «и» р и д ф и м у ф р а д, ҳарфи «д» р а -в и и м у т л а қ ва ҳарфи «а» васл аст.

Хурӯҷ калимаи арабист, маънои луғавиаш берун шудан, берун рафтан буда, дар илми қофия номи яке аз ҳарфҳои решагист. Хурӯҷ ҳарфи ҳамсадоест, ки дар решаи қофия баъди ҳарф в а с л омада бошад. Мисол:

Ба давлат касоне, ки афрохтанд,
Ки тоҷи такаббур биандохтанд. (Саъдӣ)

Дар ин байти Саъдӣ (вазнаш – Мутақриби мусаммани мақсур) калимаҳои «афрохтанд» ва «биандохтанд» қофия, ҷузви «-охтанд» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «х» ридфи мураккаб, ҳарфи «т» равии м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л ва ҳарфи «д» х у р ӯ ҷ аст.

Такрори хурӯҷ дар қофия ҳатмӣ буда, тамоми шоирони гузашта ва имрӯзаи форс – тоҷик аз ин қоида берун нарафтаанд. Мисол:

Падарро муждаи давлат расонед,
Дилашро з-оташи меҳнат раҳонед. (Ҷомӣ)

Дар ин байти Ҷомӣ (вазнаш – Ҳазаҷи мусаддаси мақсур) калимаҳои «расонед»-у «раҳонед» қофия, ҷузви «-онед» решаи қофия буда, ҳарфи «о» р и д ф и м у ф р а д, ҳарфи «н» р а в и и м у т л а қ, ҳарфи «е» в а с л ва ҳарфи «д» хурӯҷ аст.

Мазид низ калимаи арабист, маънои луғавиаш зиёдшуда, афзуншуда, афзунӣ дар чизе мебошад. Дар илми қофия яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд, ки баъди хурӯҷ омада бошад. Мисол:

Ин дил, ки ба сӯи дилбаре бастемаш,
Ҳарчанд гусаст, боз пайвастемаш.

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар) калимаҳои «бастемаш»-у «пайвастемаш» қофия, ҷузви «-астемаш» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳамсадои «с» қ а й д, ҳамсадои «т» р а в и и м у т л а қ, ётбарсари «е» в а с л, ҳамсадои «м» х у р ӯ ҷ, садоноки кӯтоҳи «а» н а ф о з ва ҳамсадои «ш» мазид аст.

Такрори мазид дар қофия ҳатмӣ буда, иваз намудани он бо ҳарфи дигар ҷоиз нест.

Нойира (нойир) калимаи арабист, маънои луғавиаш шӯъла, оташ; раманда, гурезанда мебошад. Асли калимаи нойира аз н и в о р аст ба маънои рамидан ва дур шудан. Мисол:

Гар дил зи ғами ёр напардохтанистеш,
Бо ӯ ба ҳама вуқӯҳ дарсохтанистеш.

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур, ҳашви дуюми мисраъи дуюм – ахраб) калимаҳои «напардохтанистеш» ва «дарсохтанистеш» қофия, ҷузви «-охтанистеш» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «о» р и д ф и м у ф р а д, ҳарфи «х» р и д ф и м у р а к к а б, ҳарфи «т» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л, садоноки кӯтоҳи «и» н а-ф о з, ҳарфи «с» х у р ӯ ҷ, ҳарфи «т» м а з и д ва харфҳои «е»-ю «ш» нойира мебошад.

Агар дар қофия баъди мазид ду ё се ҳарф омада бошанд ҳам, ҳар кадоми он вазифаи нойираро иҷро менамоянд.

Нойира аз ҷумлаи ҳарфҳои камистеъмоли қофия буда, дар ашъори шоирон гоҳ-гоҳе дучор меояд.

Намунаҳо барои ҳарфҳои қофияи мутлақ:

1.Мисол барои ҳарфи в а с л:

Муарраф ба дилдорӣ омад бара*ш*,
Ки дастори қозӣ ниҳад бар сара*ш*. (Саъдӣ)

2.Мисол барои ҳарфи х у р ӯ ҷ:

Дарде, ки дилам дид зи ҳаҷри ту, кӣ дидаст?
В-онҳо, ки зи зулфи ту кашидам, кӣ кашидаст?
(Бисотии Самарқандӣ)

3.Мисол барои м а з и д:

Дилам аз нестӣ чи тарсонест,
Танам аз офият ҳаросонест. (Масъуди Саъд)

4.Мисол барои н о й и р а:

Он маҳ, ки ба чашмаи меҳр дидастема*ш*,
Аз ҷумлаи некувон гузидестема*ш*.
(аз «Рисолаи қофия»-и Ҷомӣ)

Савол ва супоришҳо:

1.Қофия чанд навъ аст?

2.Кадом навъи қофияро қофияи мутлақ меноманд?

3.Калимаҳои қофияи байти поёниро ёфта муайян кунед, ки онҳо ба кадом навъи қофия тааллуқ доранд?

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.

4.Ҳарфи равӣ бо навъҳои қофия чӣ иртибот дорад?

5.Маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии васлро гӯед.

6.Хурӯҷ баъди кадом ҳарфи қофия меояд?

7.Оё такрори ҳарфи хурӯҷ дар решаи қофия ҳатмист?

8.Дар байни ҳарфҳои х у р ӯ ҷ ва м а з и д чи гуна иртибот аст?

9.Маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии нойираро гӯед.

10.Агар баъди ҳарфи мазид дар решаи қофия ду-се ҳарфи дигар омада бошад, онҳоро чӣ меноманд?

11.Дар байти зер кадом ҳарфҳои қофия омадаанд?

Савдои ту аз сина фурӯ рафт*анийаст*
В-он гаҳ сухани ту низ ногуфт*анийаст*.

12.Ҳарфҳое, ки дар сохтани қофияи мутлақ иштирок мекунанд, кадомҳоянд?

13.Байте гӯед, ки дар он ҳарфи васл омада бошад.

ГУЛХАНӢ

Адиби зуллисонайн, шоир ва нависанда Муҳаммадшарифи Гулханӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ҳам дар шаклҳои гуногуни назм ва ҳам дар наср мавқеи намоён дорад. Номи адиб Муҳаммадшариф ва тахаллуси адабии ӯ «Гулханӣ» буда, дар ин бора Фазлии Намангонӣ дар «Маҷмӯаи шоирон» мегӯяд:

Хушо, Гулханӣ шоири пурфан аст,
Чӣ гулхан, ки зеботар аз гулшан аст.
Зи девонахӯиву оташфанӣ,
Тахаллус ниҳода ба худ «Гулханӣ»
Ғазалҳо навишта латифу равон,
Ба дастури алфози кӯҳистон.
Ки буданд аҷдоди ӯ дар диёр,
Писандидаи мардуми кӯҳсор.

Гулханӣ зодаи деҳаи Булқоси Қаротегин буда, тақрибан солҳои 70-уми асри XVIII ба дунё омадааст. Ӯ солҳои 90-уми асри XVIII ба шаҳри Намангон меравад. Аз сабаби тангии маишӣ шоир таҳсилро пурра фаро гирифта наметавонад. Баъдҳо бо фармони амир ба касби сипоҳигарӣ ҷалб карда мешавад. Сипоҳигарӣ барои Гулханӣ ҳамчун мактаби ҳаётӣ бисёр масъалаҳои гуногуни рӯзгору зиндагиро ёд медиҳад ва шоир аз ин мактаби ҳаётӣ баҳраҳо бардоштааст. Пас аз чанде Гулханӣ ба дарбори Умархон роҳ меёбад ва ба доираи адабии Қӯқанд мепайвандад. Ӯ тадриҷан ба амир Умар таваҷҷӯҳ пайдо намуда, ин ҳокимро одил ва саховатпеша ном мебарад ва мадҳ мекунад. Вале бо мурури вақт мебинад, ки пиндораш хатост, зеро ба меҳнати шоир ба назари хайрхоҳона нигоҳ намекунад:

Ҳунар ҳарчанд ин ҷо метаровад аз ҳар ангуштам,
Зи бахти норасо коре надорад бо зар ангуштам.

Муҳаммадшариф ба шеър таваҷҷӯҳи зиёд дошта, хеле барвақт ба эҷоди он майл кардааст. Ӯ дар ибтидо «Гулханӣ» тахаллус интихоб карда будааст. Сарчашмаҳо инчунин таъкид менамоянд, ки ӯ баъдҳо ба худ тахаллуси «Ҷуръат»-ро муносиб медонад ва бо ин тахаллус эҷод мекунад.

Фазлии Намангонӣ («Маҷмӯаи шоирон») оид ба тахассули аввалини Муҳаммадшариф ва шахсияти ӯ баҳс ба миён оварда мегӯяд:

Зи мулки кӯҳистон бувад Гулханӣ,
Кунад паҳлавонӣ зи нерӯманӣ.
Ба даргоҳи султони гетипаноҳ
Ҳавохоҳ ҳам шоиру ҳам сипоҳ.

Умуман зиндагии шоир чандон мувофиқи мақсад набуда, дар ашъори маҳфузмондааш низ доир ба ин ҷиҳат ишораҳои фаровони худи адиб ва сарчашманигорон ба мушоҳида мерасад. Масалан баъзе ишораҳои Фазлӣ низ бисёр лаҳзаҳои зиндагии иҷтимоии Муҳаммадшарифро равшан месозад:

Сипоҳигарӣ кард, роҳат надид,
Ки осоиш аз ранҷу меҳнат надид.

Мурувват накардӣ ба ҳолаш амир,
Басе бенавоӣ кашид он фақир.
Ки аз тангдастӣ ба ҷон омадӣ,
Зи бемоягӣ дар фигон омадӣ.

Поёни умри Муҳаммадшарифи Гулханӣ дар Қӯқанд гузашта, ба даврони ҳукмронии Муҳаммадалихон (1822-1842) рост омадааст. Ин амири бетадбир ба қатли Гулханӣ фармон додааст. Вафоти шоир ба ҳамин тариқ, солҳои 1826-1827 иттифоқ афтодааст.

Мероси адабии Гулханӣ

Чунон ки қаблан таъкид шуд, Гулханӣ бо ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, дар ду навъи адабӣ: назм ва наср аз худ андак бошад ҳам, мероси адабии пурмӯҳтаво ба ёдгор гузоштааст. Ҳоло аз ин адиб чанд ғазалу як қасида ва як қиссаи тамсилӣ бо номи «Зарбулмасал» ба забони ӯзбекӣ маълум аст. Яъне аниқтараш 12 ғазалу як қасида ва аз 12 ғазал 7-то ба забони тоҷикӣ ва 5 то ба забони ӯзбекӣ эҷод гардидааст:

Фаъолияти адабии Муҳаммадшарифи Гулханӣ ҳангоми таҳсил ва сипоҳигарӣ бо эҷоди шеърҳои лирикӣ оғоз гардидааст.

Муҳаммадшариф бо тахаллусҳои «Гулханӣ» ва «Ҷуръат» эҷод кардааст. Мавзӯи ғазалиёти Гулханӣ суннатӣ буда, ишқу исёнҳои ботинии инсон, васфи ҳусну ҷамоли маҳбуба, нозу ифтихори ӯ, садоқати ошиқу бемеҳрии маъшуқа, барди ҳичрону сӯзи фироқ ва ғайра мебошад. Яке аз мавзӯъҳои дӯстоштаву марказии ашъори шоир ҳаҷву истеҳзо, тамасхуру танқид аст. Вале дар ҳар сурат дар ғазалҳои шоир ишқу масоили дигари иҷтимоӣ бештар мавқеъ дорад. Чунончи:

Ай бути ширинлабу симинтану рангинқабо,
Пой то сар ҷилваи макру фану нозукадо.
Мазҳари ҷавру ҷафову зулм, ҳам бедоду кин
Дар сипеҳри дилрабоӣ моҳи бемеҳру вафо.
Мубталои холу зулфу оразу чашми ту буд,
Ҳиндуву кашмирию римиву туркони Хито.
З-оташи шамъи рухат парвона бесабру шикеб
Ҳусн – саркаш, ишқ – ғолиб, ман – забун, дил – бенаво.
Гар набошад ёди мижгонат ба дасти ӯ асо.
Аз тапиданҳои дил дар гӯш меояд садо.
Зиндагиҳо ба рағми даҳр то кай Гулханӣ
Чанд гӯӣ ёр бераҳму фалак ноошно.

Ғазали мазкур аз рӯи мавзӯъ ва мазмуну мӯҳтаво ишқӣ, иҷтимоӣ, шиквоӣ буда, бемеҳриву бераҳмиии маҳбуба, маккориву ҷафопешагии ӯ ба тасвир омадааст.

Аз нигоҳи ҳунари эҷод низ ғазали боло хуб аст. Шоир аз санъати таносуби сухан, тавсиф, ташбеҳ, муболиға, тазод, истиора, киноя, маҷоз, ҷамъу тақсим, нидо ва ғайра нисбатан хуб кор гирифта шудааст.

Аз нигоҳи хусусиятҳои шаклӣ низ ғазал нисбатан ҷолиб эҷод гардидааст. Шоир дар ин ғазал радифро ба кор набурда, дар он калимаҳои рангинқабо, нозукадо, вафо, хито, бенаво, асо, садо, ноошно

ҳамқофия шудаанд. Аз нигоҳи навъҳои қофия, калимаҳои қофияшуда бо равӣ «о» тамом шудаан ва аз ин рӯ, шакли қофия муқайяд аст.

Ғазал дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур иншо гардидааст, ки афоъили он чунин мебошад:

- v - - / - v - - / - v - - / - v - (ё худ: - v ~)

яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё ин ки фоъилон.

Муҳаммадшарифи Гулханӣ умуман дар ҳунари ғазалсароӣ чандон бад нест, зеро эҷодиёти ин шоир низ дар заминаи суннати ниёӣ зуҳур кардааст.

Аз ғазалҳои маҳфузмондаи тоҷикии ӯ маълум мешавад, ки шоир ғазалҳои ишқии худро бо оҳангҳои бисёр қавии иҷтимоӣ дар омехтагӣ эҷод намудааст:

Гудозу сӯзу дарду доғ з-инсон бар ман аст имшаб,
Чу шамъ эғозу анҷоми ман аз худ рафтан аст имшаб.
Зи ман уммеди накӣ дину дил дигар бувад нодир,
Чароғи корвонам гӯӣ чашми раҳзан аст имшаб.
Баёзи гардани соқӣ таҷаллигоҳи маҳфил шуд,
Гилеми тӯри моро гӯӣ водӣ Эман аст имшаб.
Зи поям барфикандӣ, по ба поят ман сарафкандам,
Барафкан парда аз рухсор, афкан-афкан аст имшаб.
Кулаҳ бишкаст соқи, мӯҳтасиб паймонаи майро,
Ту бишкан фарқи он бадхӯй, бишкан-биштан аст имшаб.
Ба имшаб-имшаб додӣ навиди васл дере шуд,
Ҳанӯзам гӯш дар роҳи ту чашми равзан.

Ғазали боло дорои шаш байт буда, аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво ишқӣ-иҷтимоӣ нест. Зеро шамъ барин сӯхтаму аз худ гузаштан ва фурӯравӣ ба хотири таҷаллии маҳфил ифодаҳои сӯфиёна мебошад. Ҷанбаи ҳунарии ғазал низ чандон бад нест. Шоир аз санъатҳои бадеии таносуби сухан, ташбеҳ, маҷоз, киноя, истиора, муболиға, тазод, тавсиф, талмеҳ ва ғайра хуб кор гирифтааст.

Аз нигоҳи хусусиятҳои шаклӣ низ ғазали зикршуда ҷолиб аст: Ғазал мураддаф буда, калимаҳои **«аст имшаб»** радиф аст, зеро аз оғоз то анҷом такрор мешавад. Радифи мазкур мураккаб мебошад, зеро аз ду калима иборат аст. Калимаҳои радифшуда бори ғоявии шеърро бар ӯҳда гирифтаанд.

Дар ғазали зикршуда калимаҳои ман, рафтан, раҳзан, Эман, афкан, ишкан, равзан ҳамқофия шудаанд. Аз сабаби он ки қофияшавандаҳо бо ҳарфи равӣ «н» ба охир мерасанд, ин навъи қофияро қофияи муқайяд мегӯянд.

Аз нигоҳи вазн, ғазали зикршуда дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим эҷод гардидааст, ки афоъили он чунин аст:

v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

яъне, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун.

Дар ашъори Муҳаммадшарифи Гулханӣ ҳаҷву истеҳзо, мазаммату танқид низ мақоми махсус дорад. Ин ҷанбаъ ҳам дар назм ва ҳам дар наср ба хубӣ мушоҳида карда мешавад. Масалан, шоир бо радифи бидеҳ

ғазале дорад, ки қофияву радиф дар он на танҳо вазифаи хушоҳангиву хотирмонӣ, равонию дилнишинӣ, ҷолибию ҷаззобӣ дорад, балки беш аз он бори ғоявию маъноӣ мекашад.

Чунончи:

Ҳазратам, аз гушнагӣ мурдам, ба ман нунам бидеҳ,
Кофирам, гӯям агар инам бидеҳ, унам бидеҳ.
Гандуму мошу биринҷам деҳ, ки даркорӣ ҳамӯст.
Ман намегӯям ақиқу лаълу марҷунам бидеҳ,
Бар танам як лоғ дору ишкамам пур кун зи нун,
Бо ту, биллаҳ, ман намегӯям, ки имунам бидеҳ.
Аз тиҳидастӣ агар нӯкор мурад ҳайф аст, ҳайф,
Ай, табиби ҳозиқи нӯкар, ту дармунам диҳед.
Ҷума деҳу нун, зи ранҷу фоқа мегардон халос,
Кай туро гуфтам, ки бар ман ганҷи Қорунам бидеҳ.
Аз тағуёни дарат кас нест чун ман беасос,
Ҳавливу боғу сарову қасру айвунам бидеҳ.
Гулханиро ай қатури баччамардон кам мадон,
Футтаву шофам бидеҳ, аспам бидеҳ, тунам бидеҳ.

Хусусан бори ғоявию мавзӯӣ ва маъноиву мундариҷавӣ бар душ доштани радиф дар ғазали боло, аз он ҳам маълум мегардад, ки дар мисраи интиҳоии ғазал, калимаи радифшуда **бидеҳ** се дафъа таъкид карда мешавад. Яъне мақсади шоир аз зикри ашёи зарурӣ ҳамин аст, ки бо он эҳтиёҷ дорад. Аз ин рӯ, ин калима, ки эҳтиёҷи қаҳрамони лирикиро қонеъ мегардонад.

Аз нигоҳи ҳунарӣ, албатта, ин ҷолиб аст. Аз тарафи дигар, ҷанбаҳои дигари ҳунарии шеър, масалан, коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ ҳам хеле писандида мебошад. Шоир аз санъатҳои бадеии таносуби сухан, нидо, тазод, муболиға, маҷозу киноя, тавсиф, ташбеҳу истиора ва ғайра хуб истифода кардааст.

Хусусиятҳои шаклии ғазал низ хеле ҷолиб аст. Шеър мураддаф буда, чунон ки ишора кардем, калимаи **бидеҳ** қофия қарор дода шудааст. Ин калима эҷодиёти номбаркардаи адибро фаро мегирад. Аз ин рӯ, бори ҳадафӣ низ бар ӯҳда дорад. Радифи содда аст.

Қофияҳои ғазали мазкур: нунам, унам, марҷуам, им унам, дармунам, қорунам, айвунам ва ғайра мебошад.

Аз нигоҳи сохтор қофияҳои интихобшуда мутлақ буда, пас аз равӣ «н» унсурҳои дигар низ ҳаст:

Вазни ғазал низ ҷолиб аст. Он дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст. Аз нигоҳи афоъил он чунин аст:

- v - - / - v - - / - v - - / - v - (ё - v ~)

яъне: мафоъилун, фоъилотун, фоъилотун

ё ин ки - v ~ мебошад.

Умуман, лирикаи Гулханӣ аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво ва мавзӯъи ишқӣ, иҷтиомӣ ва ҳаҷвӣ буда, дар он унсурҳои шеваи гуфтугӯии мардумони кӯҳистони тоҷик хеле мавқеъ дорад.

«Зарбулмасал»: мавзӯъ ва мазмуну мӯҳтавои он.

Ҳаҷву истеҳзо ва танқид яке аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти бадеист. Ин суннати адабӣ дар адабиёти охири асри XVIII ва оғози асри XIX буд. Маҳз чунин талаботи ҳаёт дар он рӯзгор «Зарбулмасал»-и Гулханӣ барин асарҳои ҷавобгӯи даврро ба миён овардааст.

«Зарбулмасал»-и «Гулханӣ асари насрат-тамсилӣ буда, ҳадафи нависанда аз эҷоди асар бе восита танқиди салтанати амир Умархон набудааст. Ин асари мансури Гулханӣ ба забони ӯзбекӣ таълиф шудааст. Муаллиф асосан аз ҳикоёти «Калила ва Димна» хеле хуб истифода бошад ҳам, бунёди хати сужаи асар бар як ҳикоят «Махзан-ул-асрор» гузошта шудааст. Дар ҳикояи Низомӣ саҷараи ду бумро мушоҳида намудани Анӯшервон тасвир карда мешавад. Яъне дар вайронае ду бум ба ҳам саҷара мекарданд. Зеро буме ба назди буми дигаре бо мақсади хостгорӣ омадааст. Мехоҳед барои писари худ духтари буми дигарро хостгорӣ кунад. Ба ҳамин тариқ, дар ҳамин ҳолат аз назди ҳамон макони вайрона Анӯшервон бо вазири донишманди худ Бузургмеҳри Бахтакон мегу зоштанд. Анӯшервон саҷараи бумҳоро мушоҳида намуда аз вазираш мепурсад, ки гӯш кун, то он ду парранда дар бораи чӣ сӯҳбат доранд? Бузургмеҳр лаҳзае ба саҷараи бумҳо гӯш дода, аз мақсади онҳо бохабар гардида, ба Анӯшервони одил мегӯяд, ки онҳо фарзандони худро хонадор кардан мехоҳанд. Бум барои ширбаҳои духтараш панҷоҳ ҳазор деҳи вайрона талаб карда истодааст. Буми дигар ба шумо ишора намуда гуфт, ки: -Агар ҳамаи шахс шоҳ бошад, сад ҳазор деҳаи хароб хоҳам дод.

-Анӯшервони ҷавоби бузургмеҳрро шунида хеле мутаассир мешавад, ки ҳоло ҳам дар сиёсати пешгирифтаи ман усули мамлакатдории ман, нуксонҳо зиёд будаанд. Бояд аз паи ислоҳи нуқсонҳо шуд…

Гулханӣ дар ҳамин заминга сӯҳбати ду кабутари қудошавандаро зикр намуда, ба ин восита амир Умархонро одилу адолатпарвар нишон медиҳад.

Образҳои амалкунандаи асари Гулханӣ намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъият буда, нависанда нуқсонҳои онҳоро хеле соддаву оддӣ фош месозад. Қаҳрамонҳои асар ҷонварҳои гуногун ва бештар паррандаҳо мебошанд. Образҳои тансилии асар: Бойӯғлӣ, Япалоққӯш, Қӯрқуш, Маликшоҳин, Худҳуд, Шӯрнӯл ва ғайра буда, ҳар кадом хислату характер, рафтору кирдор, муносибату гуфтори ба худ хос доранд.

Дар маркази асар амалиёти қудогии Япалоққуш ва писари ӯ Қуланкир султон ва инчунин Бӯйӯғлӣ ва духтари зебои вай Гунашбону меистанд.

Муаллиф писарӯ падарро, ки аҳли меҳнатанд, ҷонибдорӣ мекунад. **Маликшоҳин** аз хизматҳои Қуланкир хуб розӣ аст. Вале Бойӯғлӣ марди мағрур, худписанд, ҳавобаланд ва инчунин мумсик аст. Аз ин ҷост, ки ӯ япалоққушу писари ӯро писанд намекунад. Ҳатто Япалоқ куҷову ман куҷо? – мегӯяд.

Агар сухан дар бораи шахсиятҳои сиёсии давр, рӯҳониён, амалдорони муосираш равад, адиб ба образҳои тамсилӣ: паррандаҳо, ҷонварҳои

дигарро ба кор мегирад. Агар сухан дар бораи табақаҳои дигари иҷмоӣ: савдогаро, муфтиҳо, баққолон, судхӯрдҳо равад, Гулханӣ номи ҳақиқии онҳоро ба кор мебарад. Чунончи Саид Азимҷони Сӯфӣ, Муҳаммад Қосим – даллоли рангфурӯш, Муҳаммад Аминхӯҷаи Муфтӣ ва дигарон, ки ҳар кадом бо ному касбу пешаашон зикр шудаанд. Усули корбурди ҳикояҳо ва ҳикоясозӣ дар асари Гулханӣ ва «Калила ва Димна» монанд аст. Масалан, «Қӯрқуши хостгор дар ҳузури Бойӯғлӣ ҳикояти Муҳаммадқосими даллоли рангфурӯшро нақл мекунад:

-Қӯқуш гуфт: Омади суханони ту ба Муҳаммадқосими далоли рангфурӯш монанд аст, ки як рӯз барои деворзанӣ мардикор андохтааст.

Дар вақти намози аср, ҳангоми таҳорат ба мардикор нигоҳ карда истода тақияшро ба оби равон афтонда аст. Ӯ гирифта танавониста тавонашро аз мардикор гирифтанӣ шудааст. Баъд аз кор мардикор музд талаб кардааст. Муҳаммадқосим тоқии ман се танга буд, тоқии ту базӯр як танга аст. Бо як тангаи музди корат ду танга мешавад. Ҳаққи як тангаи ман дар гардани туст. Зеро ман ба ту нигоҳ кардам ва тоқиям ба об афтод. Акнун товони онро ту медиҳӣ. Боз як рӯзи дигар кор карда деҳ. Дар ин ҳикоя образи даллол – манфӣ аст, ки ба образи мусбат – мардикор муқобилгузорӣ шудааст. Дар асар порчаҳои шеърӣ ва ҳикояҳои хурд-хурд манзхум низ зиёданд. Аз ҷумла ҳикоёти «Сангпушт» ва Каҷдум» (насрӣ), «Маймуни наҷҷор» (манзум) мебошанд. Умуман Гулханӣ аз ҳикоёти классикони дигари таърихи адабиёт истифода кардааст:

Муҳим он аст, ки асари Гулханӣ барои соддабаёнӣ ва мактаби вуқуъгӯии минбаъдаи (девори шӯравӣ) адабиёти тоҷик заминаи хуб фароҳам овард.

Савол ва супоришҳо:

1.Оид ба овони ҷавонии Гулханӣ чӣ медонед?

2.Сабаби ба дарборҳо роҳ ёфтани Гулханиро шарҳ диҳед.

3.Поёни умри Гулханӣ чӣ гуна сипарӣ шудааст?

4.Аз осори аабии Гулханӣ чиҳо боқи мондаанд?

5.Кадом тахаллусҳои аабии шоирро медонед?

6.Мазӯъ ва мазмуни ғазалҳои Гулханиро баён намоед.

7.Ғазали «Ай бути ширинлабу симинтану рангқабо»-ро азёд кунед.

8.Мазмуни ғазали «Ҳазратам, аз гушнагӣ мурдам ба ман нунам бидед»-ро нақл кунед.

9.Мазмуну мӯҳтаво ва хусусиятҳои ҷудогонаи «Зарбулмасал»-ро баён намоед.

10.Образҳои тамсилии асар ва маънии иҷтимоии онҳоро шарҳ диҳед.

ҚООНӢ

Адиби тавоно Мирзо Ҳабибуллоҳ мутахаллис ба Қоонӣ 20-уми октябри соли 1808 дар шаҳри Шероз ба дунё омадааст. Падари ӯ Мирзо Муҳаммад Алӣ худ шоир буда, бо тахаллуси Гулшан шеър мегуфтааст. Гулшан аслан аз Кирмоншоҳон буда, баътар ба Шероз меояд. Дар овони мактабхонии Коонӣ падараш аз олам гузаштааст. Қоонӣ баъдтар барои таҳсил ба Исфаҳон рафта, сипас бо шоҳзода Мирзо Шуҷоуссалтана – писари Фатҳалишоҳ дӯстӣ пайдо намуда, ба ин восита бо ёрии моддии шоҳзода барои таҳсил ба Машҳад меравад. Қоонӣ худ мегӯяд, ки дар Машҳад зиндагиаш нисбатан хушҳолона будааст. Чунончи, «… бахтам қавӣ, кисаам фарбеҳ, хостаам зиёд», - ба ёд меорад шоир. Ин ёрии моддӣ имкон медиҳад, ки Қоонӣ ба омӯзиши илмҳо боз ҳам ҷиддитар машғул шавад. Ин аст, ки Қоонӣ ба омӯзиши илмҳои гуногун хеле ҷиддӣ машғул шуда сарфу наҳв, мантиқ, бадеъ, маонӣ, баён, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, калом, фиқҳ ва ғайраро ҳамаҷониба меомӯзад. Ӯ аз илми мусиқӣ низ комилан бохабар будааст. Аз рӯи шаҳодати сарчашмаҳо ва баъзе ишораҳои тарҷумаиҳолии худи Қоонӣ, ӯ дар синни 16-17 солагӣ ба ҷами арӯзро аз худ мекунад. Сарчашмаҳо ба забондонии Қоонӣ низ ишора намуда таъкид кардаанд, ки шоир забонҳои арабӣ ва туркиро хеле хуб медонистааст. Ӯ дар ҳамин поя забонҳои франсавӣ ва англисиро низ омӯхта будааст. Ҳатто Қоонӣ ба писари 7-солаи худ Сомонӣ забони франсавиро то ба ҳадде бо тамоми нозукиҳояш омӯзондааст, ки Сомонӣ дар он синну сол ба забони мазкур озодона сӯҳбат менамудааст.

Шеъргӯии шоир хеле барвақт оғоз гардида, ӯ дар ибтидо бо тахаллуси «Ҳабиб» эҷод мекардааст.

Баъдтар шоир ба хидмати Ҳасаналӣ Мирзо, ки ҳокими Машҳад буд, дохил шуда, се сол хидмат мекунад. Фарзанди Ҳасаналӣ Мирзо Уктои Қоон ном дошт ва шоир тахаллуси худро аз Ҳабиб ба Қоонӣ иваз менамояд. Баъдтар шоҳзодаро ҳокими Кирмону Язд таъин мекунанд ва Қоонӣ низ ба ин макон меояд.

Қоонӣ пас аз он ки бо Фатҳалишоҳ шинос мешавад, муддате хидмати ӯро ихтиёр менамояд, Фатҳалишоҳ ба шоир унвони эҷодии муҷтиҳидушшуаро дода, ба ӯ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд.

Соли 1835 дар Теҳрон Муҳаммадшоҳ ба тахт менишинад. Қоонӣ худи ҳамон сол ба Теҳрон омада, ба хидмати ӯ дохил мешавад. Муҳаммадшоҳ ба ӯ лақаби «Ҳассон-ул-аҷам»-ро медиҳад, ки баҳри сазовор гардидан ба ин унвон садри аъзам Ҳоҷ Мирзо Оқосӣ мусоидат намудааст:

Худовандо, шунидам мар маро Ҳассон лақаб додӣ,
Бале, Ҳассон бувад ҳар к-ӯ, ту бигзинӣ зи эҳсонаш.
Кадомин фахр аз ин бартар, ки гӯяд осафе чун ту,
Муҳаммадшаҳ Муҳаммад ҳасту Қоонист Ҳассонаш.

Қоонӣ ду дафъа хонадор шуда бошад ҳам, дар зиндагии оилавӣ бахташ омад накард. Пас аз ранҷу азобҳои хеле тӯлонӣ, ки ҳам аз ҳар ду ҳамсараш ва ҳам аз хешовандони онҳо дида буд, вай сахт бемор мешавад.

Мирзо Ҳабибуллоҳи Қоонӣ сеюми майи соли 1854 вафот кардааст. Оид ба санаи вафоти ин адиби хушзавқ шоире чунин моддаи таърих гуфтааст:

Таърихашро яке бурун омаду гуфт:
Сад ҳайф, ки рафт аз миён Қоонӣ.

Қоонӣ серфарзанд буда, яке аз писарони шоир Муҳаммад Ҳасан адиби хеле рангинхаёл будааст.

Муҳаммад Ҳасан аз овони хурдсолӣ ба шеъргӯӣ машғул шуда, бо тахаллуси Сомонӣ эҷод мекардааст.

Мероси адабии Қоонӣ.

Қоонӣ ба шеъргӯӣ дар овони 11-12- солагӣ шурӯъ намуда, аз худ осори адабии бое боқӣ гузоштааст. Мероси адабии маҳфузмондаи Қооиро беш аз сад ҳазор байт донистаанд. Он осор асосан аз қасида, ғазал, қитъаоту рубоиёт иборат мебошад. Дақиқан таркиби девони Қоонӣ чунин аст: қасида 330-то, ғазал 78-то, рубоӣ 29-то, мусаммат 6-то, таркиббанд 13-то, тарҷеъбанд 1-то, қитъа 155-то, маснавӣ-2то;

Ҳунари Қоонӣ дар қасидасароӣ.

Сабаби ба қасида бештар рӯ овардани шоир он аст, ки шоҳони қоҷорӣ адабиётро асосан дар дарбор мутамарказ намуда будаанд. Аз ин рӯ, шоир ба мақсади беҳбуди рӯзгори хеш асосан ба эҷоди қасида камар бастааст. Ҳукумати қоҷорӣ усули кишвардорӣ ва муносибат ба адабиёту адибонро мисли Ғазнавиёни давраи аввал ба роҳ монда буд. Аз ин ҷост, ки Қоонӣ дар қасида ба Унсурӣ, дар тарҷеъбанд ба Фаррухӣ ва дар мусаммат ба Манучеҳрӣ пайравӣ намудааст.

Қоонӣ асосан қасидаҳои мадҳӣ сурудааст. Ӯ дар тағаззули як қасидаи мадҳии худ ба маҳбуба аз омадани фасли баҳор, аз эҳёи табиат ва зебоиҳои он, накҳати гулу лола, вазидани насими гуворо, атрогин гардидани ҳаво ва резиши борони найсон ва ғайра хабар медиҳад.

Чунончи:

Ай турки ман, ай баҳори ҷонафзо,
Бурқаъ бикаш аз рухи биҳиштосо.
К-аз боғи биҳишт навбаҳор инак
Ҳамвор фурӯ чамид зӣ дунё.
Иди аҷамӣ ба фарри Фарвардин,
Дар сабза гирифт соҳати ғабро.
Баст абри сафед килла бар гардун,
Зад лолаи сурх хайма бар саҳро.
Домони чаман аз он пур аз лӯълӯ,
Сомони замин аз ин пур аз дебо.
Андар даман аз шақиқу озаргон
В-андар чаман аз бунафшаву мино.
Оварда бурун баҳори лӯъбатгар,
Аз парда ҳазор лӯъбати зебо.
Навшоду ҳисор гашт, пиндорӣ,
Боғ аз гулу сарву сунбули бӯё.
Ҳар субҳ орад сабо ба пинҳонӣ,

Бас нағз сувар зи ҳар карон пайдо.
Бозори Хутан шудаст, пиндорӣ,
Дашту даман аз шавоҳиди раъно.

ва ғайра.

Тағаззули мазкур, албатта, комилан ба тағаззулоти Фаррухӣ нарасида бошад ҳам, дар тасвири ҷузъиёти фасли баҳор хеле ҳунармандона мебошад. Хусусан, дар мазмунсозӣ табъи баланд доштани шоир ҳис шавад ҳам, дар кор гирифтан аз унсурҳои шаклӣ: вазн, қофия, радиф, матлаъсозӣ ва ғайра чандон ҳунармандона нест. Алоқамандона ба тасвири баҳор, мавзӯъҳои дигари қасидаҳои Қоонӣ васфи маю бодагусорӣ, мусиқиву суруд, таваҷҷӯҳ ба маҳбуба ва умуман шодиву нишот яке аз мавзӯъҳои марказии қасидаҳои ӯ ва хусусан тағаззулоти Қоонӣ аст. Ҳатто тағаззули як қасидаи шоир, ки ба васфи баҳор ва ҷузъиёти он бахшида шудааст, 38 байтро дар бар мегирад.

Дар қасидаҳои Қоонӣ мавзӯъҳои шикоятиву эътирозӣ, танқиду ҳаҷвӣ **мисли шиква** аз ноадолатиҳои рӯзгор, бадкории ҳасудон, бадгӯиҳои ҳаннотону нотавонбинон, танқиди муфтхӯрону айёшон, ҳокимону соҳибмансабон, амалдорон, ҳамкасбони ҳасадхӯр, қалтабонҳову авомфиребон ва ғайра хеле хуб мушоҳида мешавад.

Қасидаҳои Қоонӣ, гуногунмавзӯъ буда, дар онҳо панду андарз, ситоиши шахсиятҳои динию мазҳабӣ, васфи инсони комил, тасвири шаҳрҳову қасрҳо, тарғиби адлу одилӣ ва адолатхоҳӣ, танқиди риёкорону мутаассибон, манзаранигориву хушгузаронии умр ва ғайра ба назар мерасад. Масалан, баъзе қасидаҳояш арзиши таърихӣ доранд, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, шахсиятҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо, лашкаркашиҳо, фатҳу ғалабаҳо, кишваркушоиҳо ва ғайра баён шудаанд. Яке аз ҳамин гуна қасидаҳои шоир 268 байтро дар бар гирифта, калонтарин қасида дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад. Ё худ қасидаи «Дар манқабти Алӣ», ки аз 337 байт иборат аст, аз қасидаи қаблан зикршуда ҳаҷман калон буда, достонро ба ёд меорад.

Ӯ дар пайравии Фаррухӣ қасидае дорад, ки дар он воқеаи фатҳи Ғуриёну Ҳирот ба тасвир гирифта шудааст. Қасидаи Фаррухӣ «Фатҳи Суманот» ном дошта, корномаи Маҳмуди Ғазнавиро дар бар мегирад, ки дар он қиссаҳои шоҳони гузаштаро афсона меҳисобад:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.

Қоонӣ мегӯяд:

Сухан газофа чӣ ронӣ зи хусравони куҳан,
Яке зи шавкати шоҳи ҷаҳон сарой сухан.

Шоир ғалаба дар қалъаи Ғуриёну Ҳиротро ба тасвир гирифта, корномаи шоҳро ба зафару пирӯзӣ ҳангоми кишваркушоиҳо ба қалам додааст:

Ба соли панҷоҳу анд аз паси ҳазору дувист,
Чу кард оҳуи ховар ба бурҷи шер ватан.
Ба азми чолиши афғонхудо зи Рай ба Ҳирот
Сипаҳ кашиду барангехт азмро тавсан.

Ин ҷо низ ҳайбати лашкари шоҳӣ ва васоити ҷангии ӯ ситоиш карда шудааст:

Ҳазор бухтии сармасту ҳар кадом ба шакл,
Чу завраке, ки аз ӯ чор лангар астован.
Ҳазор арродаи гарданда тӯпи қалъакушоӣ,
Чунон ки бар китфи бод садде аз оҳан.

Шоир лаҳзаҳои пирӯзии лашкари шоҳ ва мағлубияти ҳиротиёнро чунин мавриди арзёбӣ қарор медиҳад:

Яке анишаи маккорпеша бурд хабар,
Ба марзбони Ҳарӣ, к-ай ҳамеша ёри меҳан:
Шаҳ аз Рай омаду бигирифт Ғуриёну парер,
Ба шода омаду дар ҷода ҷой дошт паран.

Шоир омодагии ҳиротиёнро ба муқобили ин ҳуҷум чунин баён кардааст:

Ҳам аз миёна гузин кард шаш ҳазор далер,
Ҳужабрзаҳраву пӯлодпӯшу тоғожан.

Ба ҳамин тариқ, дар боби чӣ тавр таввасути сафорати Англия ёрӣ расонидан барои пешгирии минбаъдаи паҳншавии ҷанги мазкур ва анҷоми ин кишваркушоӣ шоир чунин мефармояд:

Шунидаам, ки сафире зи англисхудой,
Ду сол рафт, ки сӯйи Рай омад аз Ландан.
Паём дех, ки малик гар гирифт мулки Ҳарӣ,
Инони рахш нагирад магар ба мулки Дакан,
На Қандаҳор бимонад ба ҷой, на Кобул
На Бомиён, на Лаҳовур, на Ғазна, на Парван.

Аз ин муҳокимаронихо бармеояд, ки қасоиди Қоонӣ арзиши бисёр қавии таърихӣ низ доранд. Хонанда аз онҳо бисёр лаҳзаҳои ҳассоси ҳаёти мадуми кишвар ва умуман Шарқро меомӯзад, аз худ менамояд.

Ба ҳамин тариқ, Қоонӣ дар шаклҳои дигари шеърӣ: тарҷеот, рубоӣ, ғазал, мусаммат ва ғайра низ панҷаи қавӣ доштааст. Вале маҳз дар қасида ва махсусан, қасоиди мадҳӣ Қоонӣ шӯҳрати оламгир дорад. Қасоиди ӯ мадҳӣ бошад ҳам, арзиши волои таърихиро дорост.

Мавзӯъ ва мазмуни асари насрии Қоонӣ - «Парешон».

Қоонӣ на танҳо дар навъҳои гуногуни адабии манзум: қасида, таркиббанду тарҷеъбанд, мусамматот, ғазал, рубоӣ, қитъаот ва ғайра, балки ӯ дар наср низ табъи фавқулодда баланд доштааст. Агар ӯ дар навъҳои адабии манзум: дар қасида ба Анварӣ ва Хоқонӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ; дар мусаммат ба Манучеҳрӣ; дар қитъа бештар ба Анварӣ ва Саъдӣ; дар рубоӣ ва тарҷеот ба Фаррухӣ дунболравӣ карда бошад, дар наср маҳз ба Саъдӣ пайравӣ намудааст. Ин аст, ки Қоонӣ дар зери таъмири «Гулистон»-и Саъдӣ асари насрии худ - «Парешон»-ро таълиф менамояд. Гузашта аз ин асар Қоонӣ номаҳо ва зиндагиномаи худро низ ба наср таълиф намудааст.

«Парешон»-ро Қоонӣ дар овони 29-солагии хеш, соли 1836 таълиф намудааст. Дар асар зимни фасли «Сабаби таълифи китоб…» аз Муҳаммадшоҳи ҳоким (солҳои салтанаташ 1834-1848) ёд карда мешавад,

ки шояд китоб бо хоҳиши ӯ таълиф шуда бошад. Қоонӣ сабаби «Парешон» ном ниҳодани асари худро дар вазъи ногувору нооромии аҳволи шахсии хеш медонад: «чидду ҳазле чанд дар ҳам рехтам ва бархе назму наср бо ҳам омехтам ва он чамъро ба муносибати ҳоли худ «Парешон» ном ниҳодам».

Сохтори асар чунин наст: Муқаддима, фасли «Сабаби таълифи китоб», қисмати асосӣ ва хотима. Қисмати асосии асар дорои 123 ҳикоят буда, ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, инсондӯстиву накӯкорӣ, саховатмандию баландҳиммативӣ, сабру таҳаммул, дӯстиву рафоқат ва ғайра бахшида шудааст. Аз сабаби он ки «Парешон» зери таъсири «Гулистон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ рӯи кор омадааст, дар он тарбияи инсон ва адолату адолатхоҳӣ аз масъалаҳои марказӣ ва асоситарин ҳисоб мешаванд.

Усули офариниши ҳикоят дар «Парешон»-и Қоонӣ мисли «Гулистон»-и Саъдӣ мебошад. Яъне ҳар як ҳикоят бо порчаҳои шеърӣ, бештар бо қитъаот зеб дода мешавад. Вазифаи пораҳои шеърӣ, ки ғолибан дар интиҳои ҳикоят оварда мешаванд, тақвияту пуррасозии маънии ҳикоёт, муассириву ҷозибанокии он мебошад. Ҳар он маънию мақсаде, ки дар ҳикоя дарҷ гардидааст, таввасути пораҳои шеърӣ асоснок карда мешаванд, ки дигар хонанда комилан аз мутолиаи он қаноатмандӣ ҳосил менамояд ва чуну чаро намекунад. Барои мисол ба ҳикояте аз китоби «Парешон»-и Қоонӣ муроҷиат мекунем:

Подшоҳе аз соҳибдиле суол кард, ки аз подшоҳон чӣ монад?

-Гуфт:

Як чиз, валекин ба ду сифат.

Пурсид, ки он кадом аст?

Гуфт:-Ном, ки чун адлу эҳсон кунанд, ба некӣ ва илло ба зиштӣ.

Ҳазор сол, ки Заҳҳок подшоҳӣ кард,
Аз ӯ намонд ба ҷуз номи зишт дар олам.
Агарчи давлати Кисро басе намонд, вале,
Ба адлу дод шудаш ном дар замона алам.

Қоонӣ адлу зулмро бо образҳои шоҳони таърихӣ Анӯшервон, Ҳотам, Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ва ғайра ба таври муқоиса зикр намуда, афзалияти адлро бар зулм, бартарии одилро аз золим нишон медиҳад. Ҳикояти мазкури Қоонӣ бо андаке ихтисор доир ба ин мавзӯъ хеле ҷолиб аст:

Подшоҳе кисаи тамаъ дӯхта ва анбони ҳирс аз шаҳвати золимон андӯхта, бад- ин сабаб ҷониби мазлумон нагирифтӣ ва насиҳати носеҳон напазируфтӣ…

Ҳадяи золим ар ситонад шоҳ,
Донишу чашму гӯш хира шавад.
Доди мазлумро бигир аз ӯ,
Субҳи умраш чу шоми тира шавад.

Аз ин лаҳзаҳои ҳикояти мазкур маълум мешавад, ки пояи зулм дар ҳама давру замон ва дар ҳама гуна ҳолат бебақою ноустувор будааст. Баръакс, бунёди адл ва арзиши адолат ва нақши одил дар ҳама гуна

ҷомеъа ва дар ҳама гуна давру замон устувору побарҷо, бобақову пойдор аст.

Азбаски «Парешон» асари ахлоқӣ-тарбиявист, пас ситоиши хислатҳои ҳамида: инсондӯстӣ, халқпарварӣ, ватанхоҳӣ, некӣ ва некӯкорӣ, саховатмандӣ, олиҳиматӣ, адолатпарварӣ, илмдӯстӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ, хайрхоҳӣ, некандешӣ, пуртамкинӣ, таҳаммулкорӣ, дурандешӣ, пурсабрӣ ва ғайра дар он бо тамоми ҷузъиёт ба тасвир гирифта шудааст.

Хислатҳои разила аз қабили: бадӣ, бадандешӣ, кибр, ғурур, золимӣ, худхоҳӣ, мардумозорӣ, ғоратгарӣ, қатлу куштор, сабукфикрӣ, кӯтоҳназарӣ, дунҳиматӣ, такаббур, рибохорӣ, ришваситонӣ, авомфиребӣ, қалтабонӣ, даюсӣ, нокасӣ, бодахорӣ, майпарастӣ, муфтхӯрӣ ва ғайра дар ин асар хеле ба таври ҷиддӣ маҳкум карда мешаванд. Масалан, дар ин ҳикоят, ки мастию бодапарастӣ ҳамчун унсури дуркунандаи инсон аз ақл ва аз ҳадди одамӣ ба тасвир гирифта мешавад, хеле муҳокимаронии ҷолиб ба назар мерасад. Хонанда мавқеи адибро ба тезӣ ҳис карда метавонад. Ин ҳикоят «Бодапаймои тавбакор» ном дошта, басо ҳазломезу ҳаҷвӣ ба назар мерасад. Дар ин ҳикоят симои нохуши бадмасте тасвир шудааст, ки бодаи дусола обрӯву эътибори сисолаашро барҳам задааст ва дар охир ӯро ба марг расонидааст.

Дар асар, албатта, таъсири дин ва тасаввуф хуб ҳис карда мешавад. Дину тасаввуф ҳамчун ду омили марказию безарари тарбиявӣ- ахлоқии инсон қаламдод мегардад. Бояд гуфт, ки «Гулистон»-и Саъдӣ ба таърихи адабиёт ҳамчун як кашфиёти нодири адабӣ ворид шудааст. Аз ин рӯ, «Гулистон» ба адабиёти давр ва минбаъда таъсири фаровон гузошта, «Нигористон», «Хористон», «Баҳористон», «Парешон» барин асарҳо бевосита дар пайравии «Гулистон» таълиф шудаанд. Яке аз чунин асарҳо, чунон ки қаблан низ ишора намудем, «Парешон»-и Қоонист, ки охирин ҷавобия ба асари Саъдист. Ин асар ҳам дар шакл (сохтору таркиб) ва ҳам дар мазмуну мӯҳтаво ба «Гулистон» монанд аст, вале дар арзиши адабӣ- эстетикӣ, таъсирнокии мазмуну моҳият, ҳунари эҷоду санъати баён, ҷозибияти сухану маҳбубияти ифода, баҳрабардорӣ аз мутолиаи он ба асари Саъдӣ баробар шуда наметавонад. Саъдӣ ягона адибест, ки дар назму насри адабӣ – бадеӣ мақому мартабаи якхела дорад. яъне ӯ он мавқее, ки дар шеър дорад, айнан ҳамон пояро дар наср низ соҳиб аст.

Қоонӣ низ шоири тавоно ва нависандаи забардаст мебошад. Агар мақоми Қоонӣ ва ҳунари ин шоир дар назму шеър ва санъати эҷодии ӯ дар наср бо эҷодиёти Саъдии Шерозӣ муқоиса карда шавад, ҳеҷ гоҳ Қоонӣ ҳамрадифи Саъдӣ шуда наметавонад. Ҳол он ки то замони Қоони назму насри форс-тоҷик мароҳили комили камолот паймуда, таҷрибаи фаровони эҷодӣ мавҷуд будааст. Албатта, он ашъореро, ки Қоонӣ аз Мавлавӣ зикр кардааст, дар назар дошта намешавад. Аз ҳама муҳим он аст, ки «Гулистон» аз муқаддима, 8 бобу хотима иборат аст, вале ин низом дар «Парешон» нест ва шояд унвони асар ба мӯҳтавои он (дар нисбати «Гулистон») низ ишорае бошад.

Сохтори ҳикояҳо низ дар ин ду асар яксон нест. Ҳикояҳои Саъдӣ хеле кӯтоҳ, пурмазмун, сертаъсиртар ва аз нигоҳи ҳунар ҳам басо ҳунармандонаву ҷолибанд.

Ин тарзи офариниш дар асари Қоонӣ нисбатан заъиф ва аз нигоҳи ҳунар суст аст. Ӯ бештар ҳикоятҳоро тӯлонӣ баён намуда, ҳадафро кашол медиҳад.

Дар асари Саъдӣ санъати дӯстдоштаи ӯ дар баёнаш насри мусаҷҷаъ аст, ки аз саҷъ хеле хуб кор мегирад. Ин ҳолат дар асари Қоонӣ каме костааст. Саҷъро Қоонӣ хеле зиёд ба кор мебарад, вале тӯлониву маснӯъ. Хонандаро хаста мекунад, зеро дарки маъно каме душвор мегардад. Саъдӣ дар ҳикояи ишқие менависад:

-Порсоеро дидам ба муҳаббати шахсе гирифтор, на тоқату сабр ва на ёрои гуфтор»…

Коргирӣ аз саҷъ дар «Парешон» чунин сурат гирифтааст:

«Дар фасли зимистон, ки ҳаво бурди бард» пӯшидан гирифт ва чашмаи чашми саҳоб ҷӯшидан, нафас дар ҳалқ танг шуд ва мардуми чашм дар чашми мардум санг».

Бо вуҷуди ин ҳама, Қоонӣ дар таърихи адабиёт бо таълифи ин асар суннати адабиро эҳё кард ва чун охирин ҷавобиягӯ ба «Гулистон» машҳур шуд. Беш аз ин, Қоонӣ бо эҷоди ин асари худ ба насри реалистӣ ва рушди адабиёти маорифпарварӣ тақвияти махсус бахшид.

Савол ва супоришҳо:

1. Оид ба овони ҷавонии Қоонӣ чӣ медонед?
2. Қоонӣ ба ҷуз забони модарӣ боз кадом забонҳои Шарқу Ғарбро медонист?
3. Қоонӣ бо кадом шоҳони қоҷорӣ иртиботи наздик дошт?
4. Поёни умри шоир чӣ гуна сипарӣ шудааст?
5. Оид ба мероси адабии Қоонӣ маълумот диҳед.
6. Саҳми Қоонӣ дар қасидасароӣ чӣ гуна аст?
7. Ӯ дар қасоиди мадҳӣ бештар ба киҳо пайравӣ кардааст?
8. Саҳми Қоонӣ дар таҳаввули насри адабӣ чӣ гуна аст?
9. Оид ба умумият ва тафовути «Гулистон» ва «Парешон» нақл кунед.
10. Симои майпарастон дар ҳикоёти «Парешон» чӣ гуна аст?

АДАБИЁТИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

Вазъияти сиёсии Осиёи Миёна

Нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёеа давраи нави сиёсӣ мебошад. Зеро Россия аз ибтидои асри XVII бо Осиёи Миёна робитаҳои тиҷоратӣ дошт. Аврупои Ғарбӣ низ ба Шарқ таваҷҷӯҳ мекард. Хусусан, Англия мехост нуфузи худро дар Осиёи Миёна бештар намояд.

Дар нимаи дуюми асри XIX як қатор тағйироти сиёсӣ дар қаламрави Осиёи Миёна ба вуқӯъ пайваст. Ин иртиботи тарафайн боиси зуҳури баъзе мушкилот ва омилҳои монеъшавии мамолики дигари ғарбӣ низ мегардид. Авзои сиёсии дохилии Осиёи Миёна низ хеле мураккабу печ дар печ буд. Хони Хӯқанд – Олимхон бо мақсади ба давлати хонии худ тобеъ кардани Ӯротеппа понздаҳ мартиба ба он ҷо лашкар кашид, амири Бухоро – Насруллоҳхон дар тӯли бист сол барои тасарруфи ноҳияи Шаҳрисабз сиву ду дафъа лашкар кашидааст. Дар ин ҷангҳо қаламрави Мурғоб, ноҳияҳои Ӯротеппа, Хуҷанд, Фарғона ва дигар шаҳру навоҳии Осиёи Миёна хеле харобу заъиф гардида буд.

Ҳангоми лашкаркашии давлатҳои парокандаи саркаш ҳазорон ҳазор одамон нобуд мегардиданд.

Ҳокимони хонигариҳои Бухоро ва Хӯқанд қисми коршоями мардуми вилоятҳои забткардаашонро барои амалӣ намудани ноҳияҳову нақшаҳои худ истифода мебурданд. Масалан, амир Шоҳмурод аз музофотҳои гуногуни Ургут, Зомин, Ҷиззах, Ӯротеппа, Панҷакент ва ғайра шахсони дастандаркорро муҳоҷир намуда, харобазорҳои Самарқандро обод менамуд. Аз тарафи дигар, қаламрави Осиёи Миёна таваҷҷӯҳи Англияро ҳам ҷалб карда буд. Аз ин нуқтаи назар, зиёд гардидани нуфузи Россия барои халқҳои Осиёи Миёна беаҳамият набуд. Аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Хӯқанд мунтазам байни ҳам дар муносибати душманона буданд. Ин аст, ки Англия барои суст намудани нуфузи Россия дар Осиёи Миёна чораандешиҳо мекард. Ҳолати пешомада Россияро ҳамаҷониба ҳушёр менамуд. Зеро бо роҳҳои дипломатӣ ва ё иқтисодӣ ҳал намудани қазияи мазкур аз имкон берун мегардид. Россия роҳи беҳбудии ин пешомадҳоро дар чораҷӯиҳои ҳарбӣ медид. Соли 1864 миёни Хӯқанду Бухоро ҷанг буд. Россия соли 1865 Тошкандро ишғол кард. Маҳз ба ҳамин хотир, байни солҳои 1865-1868 нуфузи ҳарбии Россия дар ин сарзамин бештар гардида буд. Солҳои 1865-68 Хӯқанд, Ҷиззах, Самарқанд, Фарғона ба Россия тобеъ карда шуданд. Амалан Хева ва Бухоро, ки истиқлоли сиёсӣ доштанд, ба Россия тобеъ карда шуда буданд. Ба ҳамин тариқ, солҳои 60-уми асри XIX Осиёи Миёна аз нигоҳи сиёсӣ ва ҷуғрофӣ ба империяи Россия ҳамроҳ карда шуда буд. Дар Тошканд генерал – губернатори Туркистон ташкил ёфт. Натиҷаи ин рӯйдодҳои сиёсӣ ангезаҳои зеринро пеш оварда:

1.Низоъҳои сиёсии дохилии хонигариҳои Осиёи Миёна аз байн рафт.

2.Россия низ мавқеъи худро дар Шарқ аз нигоҳи стратегӣ таҳким бахшид.

3. Россия нисбат ба Осиёи Миёна аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ пешрафта буд. Аз ин рӯ, дар қисмати шимоли Осиёи Миёна ҳолати гузаштан аз зироат ба саноат андаке бошад ҳам, ҷараён мегирифт.

4. Низоми фаъолияти бозорҳо, бонкҳо, ривоҷи тиҷорат, хоҷагии қишлоқ, роҳҳо ва ғ. андаке ҳам бошад назаррас гардид.

Вазъияти илму фарҳанг

Ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Россия на танҳо дар ҷодаи сиёсату иқтисодиёт тағйирот ворид сохт, инчунин дар соҳаҳои илм, таълим, фарҳанг ва ҷомеъшиносӣ низ ҷунбишҳо ба вуҷуд омад.

Россия аз нигоҳи техника, саноат ва ихтироъкорӣ нисбатан пешрафта буд, зеро дар он ҷо капитализм марҳалаҳои баланди инкишофро аз сар мегузаронд. Дар чунин шароит ва бо чунин давлати нисбатан пешрафта ҳамроҳ кардани осиёи Миёна, ба ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ ва адабии тарафайн албатта, таъсири мутақобила ба назар мерасад. Зеро бе ашёи хом рушди саноат низ аз имкон хориҷ мебошад.

Албатта, пас аз ҳамроҳкунӣ дар ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ тағйиротҳо рух додаанд. Вале ин ҳолат ба таҳсилоти мадрасавӣ таъсир нарасонида бошад ҳам, умуман дар системаи маорифи мардумӣ асар кард. Дар баъзе шаҳрҳои калони сернуфус мактабҳои русии маҳаллӣ ташкил карда шуда буд. То андозае забону адабиёти рус ва аврупоӣ ба қаламрави Осиёи Миёна (қисмати шимоли минтақа) роҳ меёфт. Зуҳури ҷараёни маорифпарварӣ ва таҷдиди назар ба фарҳангу маънавиёт, усули таълим, мактабу маориф, соҳаҳои мухталифи афкори иҷтимоӣ, ҳаёти адабӣ хеле хуб ба мушоҳида мерасид.

Миҳим он аст, ки дар қаламрави Осиёи Миёна матбуоти даврӣ зуҳур карда ва ҳар хел рӯзномаҳову маҷаллаҳо нашр мешуданд. Беш аз ин, дастгоҳҳои китобчопкунӣ, нашриётҳои хусусӣ фаъол мешуданд, ки барои рушди ҳаёти фарҳангӣ-адабии кишвар хеле пурфоида буданд. Бештар дар ин ҷараён нақши мактабҳои илмӣ-фарҳангии Қазон хеле калон аст. Бо ташаббуси ҳамин марказ мактабҳои нави тарҷумонӣ ба миён меомаданд. Ба ин восита адабиёт ва фарҳанги миллии бостонии халқи тоҷик эҳё мегардид, яъне аз нав чоп мешуд. Аз тарафи дигар, кутуби чопҳои Россия, Қафқоз, Эрон ва ғайра дар Осиёи Миёна тарҷума ва нашр мешуданд.

Ба Россия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна як ҷиҳати дигари нисбатан пуразиши бурунмарзӣ низ дошт, ки ин кишвар бо як қатор кишварҳои ғарбӣ равобит пайдо менамояд.

Вазъияти адабиёт дар нимаи дуюми асри XIX

Адабиёти нимаи дуюми асри XIX, ҳамчунон ки аз унвони мавзӯъ низ пайдост, давоми мантиқӣ ва бевситаи таърихи куҳанбунёди адабиёти тоҷик аст. Ин адабиёт тӯли чандин ҳазорсолаҳо, ки марҳалаҳои камолот мепаймояд, аз бисёр бархурдҳо, монеаҳо, мушкилиҳову нобасомониҳо гузаштааст. Эҷодкорони ин адабиёт дар ҳар давру замон ҳамчун мафкурабардорону мунавварфикрони халқу миллати хеш ҷилва намудаанд. Онҳо гоҳе дучори бисёр шикастурехтҳо ва гоҳе ноили ҷумла пешравиҳо гардидаанд. Дар маҷмӯъ дар ҳама гуна давру замон,

новобаста ба фишору таъқибҳо ҳолат ва рӯҳияи халқи худро ифода кардаанд.

Барои рушди ин адабиёт дар асрҳои миёна, махсусан ду омили марказӣ: яке идеологияи ҳукмрони давр – идеологияи исломӣ ва дигаре сохтори сиёсӣ-сохти феодалӣ буд. Албатта, ин ду омил-яке омили идеологӣ ва дигаре иқтисодӣ дар рушду таҳаввули таърихи адабиёт нақши муайян гузоштаанд.

Нуфузи идеологияи исломӣ ғолибан дар соҳаи фарҳангу маориф басо бузург мебошад. Қонунҳои ҳуқуқии инсон ва ҷомеа дар асоси шариати исломӣ амал менамуд. Русуму ахлоқ ва низоми давлатдорӣ низ дар ҳамин замина созмон дода мешуд. Бояд гуфт, ки адабиёт ойинаи таърихи ҳамон халқест, ки эҷодкор ба он халқ тааллуқ дорад. Ин на инъикосгари даврони муайянест, ки рӯзгори адиб дар он мегузарад. Аз ин нуқтаи назар, адабиёт воқеият, ҳақиқатро инъикос менамояд. Бинобар ин вобаста ба сиёсати давр ва сиёсатмадорон, яъне амирон, усули мамлакатдории онҳо, дарбор ва мардум, муносибати соҳибмансабон бо халқ, ҳимояи адолати иҷтимоӣ ва ғайра дар ҳама давру замон муносибати адибон гуногун аст. Адибоне ҳам ҳастанд, ки дидаву дониста амири нолоиқу ноӯҳдабароро ситоиш кардаанд ва зулму бедодҳои ӯро дар либоси адолатхоҳиву мардумннавозӣ ба қалам медоданд. Баръакс, адибони дигар низ буданд, ки ба сиёсат ва ҷомеъа назари танқидӣ доштанд. Онҳо дар осри худ нуқсону норасоиҳоро гоҳе пардапӯшона ва гоҳе ошкоро баён мекарданд.

Дар ин давра ягона доираи адабии овозадору шукӯҳманд доираи адабии Бухоро буд, ки бисёр қонунмандии рушду таҳаввули адабиётро муайян менамуд. Албатта, доираҳои адабии дурдаст мисли Бадахшон, Ҳисор, Хатлон ҳам буданд, вале ба ҷуз Бухоро инҳо чандон машҳур нестанд. Албатта, Бухоро ҳамчун қадимтарин маркази фарҳангӣ то ба охир нуфузи худро нигоҳ дошта тавонист. Дар нимаи дуюми асри XIX низ Бухоро яке аз машҳуртарин марказҳои адабӣ хидмати таърихии худро ба ҷо овард.

Маорифпарварон сараввал ба ҳамкасбони худ-адибони муосирашон таъсир расониданд. Ин буд, ки оҳангҳои ҳақиқатҷӯӣ, адолатхоҳӣ, башардӯстӣ, илмдӯстӣ, танқиди зулму золимӣ, мазаммати истисморгарон, ҳимояи фақирон ва ғайра дар ин аҳд хеле баланд-баланд садо додаанд. Чунончи, Шоҳин дар танқиди тоифаи мардумозор мегӯяд:

Аз ин қавм умеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост.
Аз ин фирқа донишкашон даргузар,
Чу биншастӣ, аз хирқа афтӣ бадар.
Маро бину барзан ба ибрат дуҳул,
Пасояндагонрост пешина пул,
Аз он рӯ зи гетӣ шикоят задам.
Зи гетӣ шикоят бағоят задам.
Ки дастур бофад ба ояндагон,
Ба абнои гетист ояндагон.

Ба ҳамин тариқ, Шоҳин дар ғазалу маснавиҳояш аҳволи вазнини сахт, амир ва ситамгарони атрофи ӯро танқид менамояд:

Зи моли ятимон ситонанд боҷ,
Ба қуттоъи тамғо бубахшанд тоҷ.
Ба золим бароти аморат диҳанд,
Ки номуси мардум ба ғорат диҳанд.

Шоҳин дар «Тӯҳфаи дӯстон» таъкид менамояд, ки давлат бояд бунёди худро бар адлу адолат, ақлу хиради солим, ба илму маърифат ва росткориву садоқат, халқдӯстӣ гузорад. Агар чунин омилҳо ба назар гирифта нашаванд, он гоҳ чунин давлат умри дароз намебинад:

Ҳамин аст расми ҷаҳонхусравон,
Ки доноситоянду душманситон.
Хилофи амирони ин марзу бум,
Ҳуморо надонанд фарқе зи бум.
Дареғо, ки ин аблаҳон беҳисанд,
Тавонгар ба зар, дар ҳунар муфлисанд.

Возеҳ, ки шоҳиди сиёсати ду амир-Музаффар ва Абдулаҳад буд, мегӯяд:

Рафт то ҳадду камоли нуқсу нуқсони камол,
Соҳиби ҷаҳли мураккаб бошад он, к-ӯ аълам аст.
Дил ба нони хону оши косаи дунон мабанд,
Филмасал гар қурси хуршед аст в-ар Ҷоми Ҷам аст.

ва ғайра.

Пас аз он ки Осиёи Миёна бо Россия ҳамроҳ карда мешавад, чунон ки маълум аст, дар ин қаламрав дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ андозае рух доданд. Ҳатто боиси тавлиди ҷараёни нави мафкуравӣ - иҷтимоӣ гардид, ки ин ҷараён дар таърихи халқи тоҷик нақши басо созандае бозидааст. Ин равияи маорифпарварӣ буд, ки дар афкори сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии Осиёи Миёна таъсири бунёдӣ гузошт. Бунёдгузор ва тарғиботчии барҷастаи он нависанда, шоир, мутафаккир ва олими забардасти тоҷик Аҳмади Дониш буд. Нуфузи ин ҷараёни мафкуравӣ хусусан ба адабиёт хеле зиёд буд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш аз шумори аҳли қалам ҳамақидаҳо-шогирдони тавоно пайдо намуд, ки ҳар кадом дар таърихи бархурҳои мафкуравӣ ва солимгардонии ҷамъият саҳми арзанда гузоштаанд. Аз қабили адибони маорифпарвари тоҷик, эҷодкорон: Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷа Савдо, Муҳаммад Шамсуддин Шоҳин, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва дигарон буданд, ки ин равияи тозазуҳурро ҷонибдорӣ ва тарғиб мекарданд.

Дар эҷодиёти шоирони равияи пешқадам фош намудани нуқсону норасоиҳои сиёсатмадорон, амирон, ҳокимони маҳаллӣ, мансабдорону амалдорон, ҳимояи адолати иҷтимоӣ, маҳкум намудани истисмору зулм, беқадрии инсон ва ғ. буд. Инчунин, онҳо дар эҷодиёти худ илму фарҳанг, мактабу маориф, таълиму тадрис то андозае озодии инсон ва монанди инҳоро тарғиб менамуданд.

Аслан маорифпарварӣ ҷараёни идеологӣ-мафкуравӣ ва ҷунбиши фикрие буд, ки дар Аврупои Ғарбӣ тайи асрҳои XVII-XVIII сараввал дар Англия ва баъдҳо дар Франсия зуҳур карда буд. Дар Аврупо маорифпарварӣ бо зуҳури синфи нави буржуазия ҳамчун табақаи иҷтимоӣ марбут буд. Агар ин падида бо чунин шакл дар Англия зуҳур карда бошад, дар Франсия идеологияи маорифпарварӣ ҳамчун таҳкимбахши инқилоби буржуазӣ ба миён омад.

Дар мамлакатҳои Шарқ бошад ин ҷунбиши мафкуравӣ ва бедории фикрӣ алорағми бунёди пӯсидаи ҷомеаи феодалӣ ва инчунин дифои адолати иҷтимоӣ рӯи кор омадааст.

Маорифпарварон муқобили зулму ноадолатиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра нафрати сӯзон доштанд. Ин яке аз хусусиятҳои характерноки ҷараёни маорифпарварӣ ва сифати фаъолияти маорифпарварон мебошад.

Хусусияти дигари ин падидаи зеҳнӣ, ки қисман ба маорифпарварони тоҷик рост меояд, он аст, ки маорифпарварони рус дар осорашон тарзи зиндагии мардумони Аврупои Ғарбиро тарғиб кардаанд. Ин ҷанбаъ тибқи идеологияи исломӣ дар осори адибони мо хеле ҷузъӣ, дучор меояду халос. Зеро Аҳмади Дониш низ шаҳрсозӣ, усули мамлакатдории Россияро дар қиёс бо аморати Бухоро беҳтар меҳисобад. Вале дар масоили дигар: тарғиби маорифу илм, озодии инсон, муносибатҳои табақавӣ, ҳимояи адолат ва ғ. маорифпарварони мо низ ҳамфикрӣ доранд.

Хусусияти сеюми ҷолиби ҷараёни мазкур он аст, ки онҳо табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, оммаи халқ ғолибан деҳқононро ҳимоя ва ҷонибдорӣ намудаанд. Инчунин, баҳри беҳбудии аҳволи мамлакат ва оммаи мардум ва роҳҳои халосӣ аз инқирозро мувофиқи ҷоҳонбинии хеш пешниҳод намудаанд.

Масалан, Аҳмади Дониш дар осори адабӣ, фалсафӣ, сиёсии худ қафомондагию бесаводӣ, иртиҷопарастӣ, ноодилӣ, золимпешагӣ ва нолоиқии амирони манғитро хеле хуб фош мекунад. Дар асарҳои ӯ фикрҳои тағйир додани тартиботи давлатии аморати Бухоро, ислоҳи куллии тартиби мактабу маориф, таълими асримиёнагиро ба миён гузошта буд. Албатта, қазоватҳои ин мутафаккир ва ҷасурии ӯ ба ҳаёти маънавии ҷамъияти онрӯзаи Бухоро ва эҷодиёти шоирони пешқадами муосири Аҳмади Дониш бетаъсир намонд. Аз ин рӯ, эҷодкорони муосири ӯ ақидаҳои ин мутафакирро вобаста ба ҷаҳонбинии худ тарғиб намуда, ҷонибдорӣ кардаанд. Яъне мавзӯъҳои танқиди нуқсонҳои ҷомеъа, кӯтаҳназариву нодонии зимомдорон, беадолатиҳову ноодилии амирон, паст будани сатҳи рӯзгори мардум ва нигоҳ доштани халқ дар бенавоию қашшоқӣ ва ғайраро дар осори худ ҷой додаанд.

Пеш аз ҳама худи Аҳмади Дониш дар асари беназири худ «Наводир-ул-вақоеъ», ба хусус дар бобҳои «Фаромӯшхона», «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо» ва ғайра, ки ҳангоми сафарҳояш ба таври муқоисавӣ ба мушоҳида гирифта буд, хеле барҷаста тасвир кардааст. Ҳамфикрони Аҳмади Дониш, шоирони тавоно,

нависандагон Возеҳ (дар асари худ «Савонеҳ-ул-масоилик ва фаросих-ул-мамолик»), Шамсуддин Шоҳин (дар осори лирикӣ: қасида, ғазалҳо, қитъаҳо, маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» ва асари мансураш - «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва дигарон таълимоти Донишро тақвият додаанд.

Аҳмади Дониш андешаҳои худро на танҳо дар асарҳои адабӣ – бадеӣ, балки дар асарҳои дигари худ, ба хусус дар асари сиёсиаш - «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» аз низому қонуни давлатҳои фарангу (Аврупову) Русия ва қиёси афзалияти онҳо аз усули кишвардории Бухоро ба миён гузоштааст.

Албатта, маорифпарварии Аврупои Ғарбӣ ва Россияро бо маорифпарварии Осиёи Миёна як шуморидан зоҳирпарастии маҳз хоҳад буд. Маорифпарварии Осиёи Миёна дар қиёс бо Россия ва Аврупо то андозае дигархелтар буд. Яъне ин ҷараён дар қаламрави Осиёи Миёна бештар алорағми сиёсати аморат буд, ки оммаро дар хориву зорӣ, бесаводиву ҷаҳолат нигоҳ медошт.

Дигар ин ки маорифпарварони Осиёи Миёна гуногунтабақа набуданд. Зеро табақаҳои дигари ҷамъияти онрӯзаи Бухороро моҳияту мӯҳтавои ин ҷараён ҳанӯз фаро нагирифта буд. Аз тарафи дигар, ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX миқдори маорифпарварон низ чандон зиёд набуданд. Барҷастатарин намояндагони ҷараёни мазкур: Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин ва чанд тан аз наздикону ҳамфикрони онҳо мебошанд.

Аҳмади Дониш ба муқобили сохтори мавҷуда ва зимомдорон беибо эътироз менамуд. Мо наметавонем ҳукму муҳокимаҳои ӯро ормону орзу ном бидиҳем. Зеро ӯ бо қатъияти том ба натиҷаҳои мушаххас расида буд, ки мегӯяд: «Ва ин фармонфармоён, ки ҳоло мо «ҳазрати амир» ва «ҷаноби вазираш» мехонем, онҳо монанди чорпоянд, балки аз онҳо ҳам гумроҳтаранд. Ба далели аҳкоми шаръия ҳар соате чанд мартаба ба азли эшон зоҳир мегардад ва касеро инқиёди ҳукми эшон низ нахоҳад гардид». Чунин тарзи муҳокимаронӣ хоси Аҳмади Дониш буда, пайравони ӯ то ба ин поя нарасида буданд. Вале дар ҳар сурат, бартарии онҳо дар ҳамин буд, ки онҳо Аҳмади Донишро фаҳмида буданд.

Афкору андеша ва ақидаҳои Аҳмади Дониш ба ҷараёни рушду инкишофи пешқадамони адабиёти он рӯзгор таъсири фаровони мусбат гузошт. Зумрае аз адибони пешқадами он замон дар таҳти нуфузи ҳамон ғояҳо буданд ва аз ин нигоҳ дар иртибот бо афкору ақоиди Аҳмади Дониш як навъ консепсияи алоҳидаро ҳимоя ва тарғиб менамуданд. Ин ҳавза ва ин доираи мунавварфикронро метавон мактаб ё равияи ҷории маорифпарварӣ қаламдод кард.

Дар афкор пешқадами сиёсиву иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX ҷараёни маорифпарварӣ барои бедории фикри миллӣ, баҳри худшиносии халқу миллат ва истиқлолхоҳӣ замина гардид.

Афкор ва ақоиди маорифпарварӣ дар ин аср дар адабиёти бадеӣ ба воситаи жанрҳои адабӣ баён мегардид. Муҳим он аст, ки як зумра адибони тараққихоҳу пешқадам ба моҳияти осори маорифпарварии

Аҳмади Дониш пурра сарфаҳм нарафтаанд. Аз ин ҷост, ки ин адибон дар осори худ ақоиди Аҳмади Донишро инкишоф надодаанд. Ин адибон ба монанди Музтариб, Исо-махдум, Ошиқ, Шаръӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва дигарон мебошанд, ки онҳо дар рушду инкишоф ва тарғиби афкори маорифпарварӣ чандон саҳм надоранд. Аниқтараш, онҳо маорифпарварии танҳо асри худро як андоза ҳис кардаанду халос.

Ҳол он ки таъсири осори Аҳмади Дониш дар қаламрави Осиёи Миёна хеле хуб паҳн гардида буд. Нуфузи ақоиди Аҳмади Дониш на танҳо ба ҳаммиллатони ӯ, балки ба халқҳои дигари Осиёи Миёна низ бетаъсир намондааст. Аз ҷумла осори мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш ба эҷодиёти муосирони дигари ӯ Муҳаммадхоҷа Муқимӣ (1850-1903), Зокирҷон Фурқат (1858-1909), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929) ва дигарон таъсири фаровон гузоштааст.

Ин адибон низ аз осори Аҳмади Дониш баҳра бардошта, дар эҷодиёти онҳо ҳимояи фақирон, танқиди зулму золимӣ, ноадолатӣ, мазаммати худоҳиву худпарастӣ, бераҳмӣ, авомфиребӣ, тарғиби илму маориф, маърифату фарҳанг ва ғайра хеле амиқу саҳеҳ ба мушоҳида мерасад.

Умуман, осори Аҳмади Донишро эҷодкорон Возеҳ, Шоҳин, Асирӣ, Савдо, Ҳайрат, Мирзо Сироҷ ва дигарон хеле хуб пазируфта буданд. Зеро онҳо низ андешаҳои танқидии худро фошофош баён кардаанд. Масалан, Мирзо Сироҷи Ҳаким дар асари худ «Тӯҳафи аҳли Бухоро» менависад: «Бубинед, ки илму сарват кори миллати Урупоро ба куҷо расонида, беамаливу танбалӣ кори мо, аҳолии Осиёи Миёнаро ба чӣ пояи пастӣ кашонида. Зиндагии онон ба чӣ вусъат гузарон, мо мардум ба чӣ машаққату хорӣ? Қаҳвахонаҳои сарибозории онон аз иморати аъёни мо ҳазор дараҷа беҳтару поктар. Ай вой бар мо, вой бар мо!» ва ғайра.

Адабиёти дарборӣ ва хусусиятҳои он.

Адабиёти дарборӣ аслан ҷараёни адабиест, ки одатан дар шакли маҳфилҳои адабӣ дар дарбори подшоҳон, ҳокимон ва амирон фароҳам омада, одатан аз сиёсати роиҷи давр ва адеологияи ҳукмрон ҳимоя менамуд. Аз асри XI сар карда ба ин адабиёту эҷодкоронаш маликушшуаро роҳбарӣ менамуд. Маликушшуароро бошад бевосита худи амир таъин менамуд. Ин адабиёт дар аҳди маорифпарварӣ низ двом мекард. Аз навъҳои лирикӣ жанри асосии дарборӣ қасида буда, аз навъҳои қасида бошад, қасоидаи мадҳӣ бештар ба назар мерасад. Навъҳои дигари хурди лирикӣ: ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, тарҷеъот, мусаммат ва ғ. низ ҳаст, вале на мисли қасоиди мадҳӣ.

Аз осори мансур бошад, бештар сиёсатномаҳо, дастурмулукҳо, дастурулфузароҳо ва ғ. низ характерноканд.

Дар адабиёти дарборӣ тазкираву тазкиранигорӣ низ дар ин давра хеле пеш рафтааст.

Яке аз хусусиятҳои аввалиндараҷаи адабиёти дарборӣ аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво он аст, ки мадҳу ситоиш мавзӯи асосӣ ва айёшиву бодапарастӣ мавриди тасвири он мебошад. Ин ҳолат, албатта, сабқати адабиро пеш меорад ва ба ин восита ҳокимон рӯ ба шеъру адаб оварда

дар дарбори худ беҳтарин суханварон, соҳибистеъодҳоро ҷамъ меоваранд.

Албатта, дар асрҳои миёна чунин ҳам шудааст, ки адибон зимни довариҳои шоирона, дар фахрияҳо ҳусни ашъори худро баён намуда, нуқсони шуарои дарбориро низ нишон додаанд. Агар бодиққаттар мушоҳида карда шавад, дар ашъори широни дарбор бештар тамаллуқ ба назар мерасад. Аз ин ҷост, ки бисёр шоирон: Низомӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон дар ашъори худ шоирони тамаллуққорро танқиду мазаммат намудаанд. Вале дар ҳар сурат адабиёти дарборӣ низ сар то сар беҳудаву ёва нест. Ин адабиёт низ дар заминаи суннат рӯида, дар ҳамин замина рушду таҳаввул менамояд. Адабиёти дарбориро бо адабиёти берун аз дарбор на бояд муқобил гузшт. Ширone ҳам буданд, ки дар дарборҳо зиндагӣ ва эҷод кардаанд, вале дар ашъори онҳо оҳангҳои хеле қаввии халқӣ дучор мешавад. Аз ҳама муҳим он аст, ки саҳми он адиб дар ғановати маърифати адабии дарбору дарбориён хеле бузург мебошад.

Саҳми дарборҳо дар рушду таҳаввули илми адабиётшиносӣ низ назаррас аст. Аз ин рӯ, дар миёни қувваҳои адабии дарбор, шоирону нависандагони ин ҳавзаи сиёсии адабӣ, тазкиранависон ҳам зуҳур кардаанд, ки онҳо ду хизмати таърихӣ ба ҷо овардаанд: яке зикри шумораи шоирон, ному насаби онҳо, мақому мартабаи онҳо, шахсияту муносибати онҳоро баён кардаанд. Дигаре намунаҳои эҷодиёти эшон, пояи шоирии онон, ҳунари суханварии онҳо ва хусусиятҳои ҷудогона ва ё фардии эҷодиёти шуарои дарборӣ ва ғайраро таъкид намудаанд. Ин ду ҷанбаъ арзиши илмӣ-адабии осори тазкиравии олимони адабиётшиноси дарбориҳо мебошанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX чандин тан тазкиранависон умр ба сар бурдаанд ва асарҳои эшон то кунун маҳфуз мондааст, ки зикри баъзе аз онҳо барои донистани адабиёти ин давра хеле аҳамиятнок мебошад.

Яке аз чунин асарҳо ё худ тазкираҳо ба қалами Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ тааллуқ дошта «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб» ном дорад. Маълум аст, ки муаллифи ин асар шоир, маорифпарвар, олим, нависанда ва мутафаккир мебошад. Ин тазкира соли 1871 таълиф гардидааст. Он аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки дар бораи 130 нафар адибони Осиёи Миёнаи асри XIX маълумот медиҳад. Аз осори ин адибон намунаҳо зикр намуда, хусусияти ашъори онҳо, ҳусну қубҳи эҷодии онҳо ва ғайраро қайд менамояд. Ин тазкира соли 1914 аз ҷониби Мирзо Салимӣ ном донишманд бо такмилу иловаҳо ба табъ расидааст. Аниқтараш М.Салимӣ тазкираи мазкурро ба табъ расонида, ба он 80 нафар шоирони дигари охири асри XIX ва ибтидои садаи XX-ро илова менамояд. Аз ин ҷост, ки тазкираи Возеҳ аз нигоҳи зикри шумораи қувваҳои адабӣ ва аз лиҳози овардани намунаҳои ашъори онҳо, аҳамияти илмӣ-адабӣ дорад. Он барои омӯхтани адабиёти давр ва умуман баҳри тадқиқи таърихи адабиёти тоҷик хидмат менамояд.

Инчунин, дар ин давра тазкиранависони дигар зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки тазкирахои онҳо низ ҳар кадом дорои аҳамияти илмӣ – адабӣ мебошанд.

Тазкиранигорони дигари давра, ки дар инкишофи илми адабиётшиносӣ саҳми сазовор гузоштаанд ва тазкираҳои онҳо, ки суннати мазкурро дар ин давра рушд бахшидаанд, инҳоянд.

Яке аз тазкиранависон, ки худ шоир низ ҳаст, эҷодкори дарборӣ Афзал Махдуми Пирмастӣ мебошад, ки ӯ соли 1900 ба хидмати дарбор дохил шудааст. Ӯ ар солҳои ҳукмфармоии амир Абдулаҳад (1885-1910) бо супориши ин ҳоким ба навиштани тазкираи худ оғоз кардааст. Тазкираи Афзал Махдуми Пирмастӣ «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр - уш-шуаро ва-л-ашъор» ном дорад.

Дигар аз такзиранависони ин давра Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ аст, ки ӯ соли 1904 асари худ - «Тазкират-уш-шуаро» ва ё «Тазкираи Абдӣ», ё ин ки «Тазкират-уш-шуарои мутааххирини Бухоро»-ро (номҳои як тазкира) таълиф менамояд. Ин тазкира аз 28-боб (мақсад) иборат буда, дар бораи 118 нафар адибон ва намунаҳои асори онҳо маълумот медиҳад.

Ҳамчунин яке аз тазкиранависони маъруфи замон Мирсиддиқи Ҳашмат мебошад, ки ӯ ду тазкира таълиф намудааст.

Тазкираи аввали Ҳашмат, ки солҳои 90-уми асри XIX таълиф шудааст, «Тазкират-уш-шуаро» ном дошта, аз ду қисм иборат мебошад. Қисми аввали тазкираи мазкур дар бораи 85 нафар адибон ва қисми дуюми он доир ба рӯзгору осори 88 тан шоирон маълумот медиҳанд. Дигар аз тазкиранависони маъруфи давраи мазкур Мулломуҳаммад Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ ибни Қозӣ Шарафуддин аст, ки ӯ бо тахаллусҳои «Нозук» ва «Мӯҳтарам» шеър мегуфтааст. Мӯҳтарам соли 1910 асари худ - «Тазкират-уш-шуаро»-ро таълиф менамояд. Ин тазкира дорои арзиши баланди илмӣ-адабӣ буда, дар бораи рӯзгору осори 175 тан қуввахои адабӣ маълумот медиҳад.

Арзиши тазкираҳои дар боло номбашуда, пеш аз ҳама аз ин иборат аст, ки агар дар давраҳои пешин дар асре як тазкира ё худ дар ду-се аср як тазкира бошад, дар ин давра суннати адабии мазкур хеле ва хеле инкишоф ёфтааст. Аз тарафи дигар, ахбори як ё ду тазкира баъзан такрор, гоҳо якранг мебошад. Вале чун тазкиранигорон зиёд шаванд, тазкираҳо низ бештар бошанд, арзиши илмӣ-адабии онҳо афзуда, маълумоти онҳо қобили муқоиса мебошад.

Дар ин аср шоирону нависандагони зиёде зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки онҳо, аз як тараф, анъанаҳои адабиро эҳё намуда, ба он умри бардавом бахшидаанд. Аз тарафи дигар, онҳо бо эҷодиёти манзуму мансури худ рӯҳия, ахлоқ, урфу одат, зиндагии ҳамарӯза ва тафаккури баеӣ-эҷодии халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XIX ифода кардаанд. Аз сабаби он ки тазкираҳо ва тазкиранигорон зиёданд, адабиёти давраи мазкур хеле хуб қазоват ҳам шудааст.

Баъзе адибони ин давра дар таърихи адабиёт, ба достонҳои ишқӣ-романтикии наздик ба ҳазорсола мӯҳри ҷамъбастӣ гузоштаанд. Охирин адибе, ки достони «Лайлӣ ва Маҷнун» эҷод кардааст, ё худ охирин

эҷодкоре, ки достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро таълиф намудааст, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ба шумор меравад ва ғайра.

Дар адабиёти давраи мазкур бузургтарин падидаи сиёсӣ-таърихӣ, мафкуравӣ-иҷтимоӣ ҷунбиши фикрии маорифпарварӣ аст. Ин ҷараёни мафкуравӣ, ки тавассути мактаби адабии Аҳмади Дониш заминагузорӣ шуд, дар таърихи халқи тоҷик нақши бузурги созандагӣ дорад. Аз ин нигоҳ, ин яке аз хидматҳои бузурги таърихии адабиёти бадеии тоҷик ба шумор меравад. Зеро ин ҷараён ҳамчун зуҳуроти таърихӣ тавассути адабиёти бадеӣ кашф шудааст. Муҳим он аст, ки на танҳо тафаккури муосирон, балки фикри мутааххиринро низ тағйир дод. Арзиши мероси адабии Аҳмади Дониш, пеш аз ҳама дар кашфи ҳамин падидаи аср мебошад. Ин ҷараёни сиёсӣ-таърихӣ на танҳо ба худшиносии халқи тоҷик ва ҷараёни ташаккулёбии он гардид, балки дар ҳамин поя ба худшиносии халқҳои дигари Осиёи Миёна низ мусоидат намуд.

Дар тарғиби он нақши пайравони Аҳмади Дониш, адибони маъруфу соҳибистеъдод Шамсуддин Шоҳин, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Муҳаммадсидиқи Ҳайрат ва дигарон хеле бузург аст. Онҳо дар дарки падидаи мазкур то ба сатҳи Аҳмади Дониш нарасида бошанд ҳам, дар тарғибу ташвиқи андешаҳои ӯ саҳми бунёдӣ гузоштаанд

Савол ва супоришҳо:

1.Дар нимаи дюми асри XIX дар Осиёи Миёна чӣ тағйироти сиёсӣ рӯй дод?

2.Ба Россия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна барои мардумони қаламрави мазкур чӣ дод?

3.Доир ба вазъияти илму фарҳанг дар ин давра чӣ медонед?

4.Омилҳои пайдоиши ҷараёни маорифпарвариро шарҳ диҳед.

5.Вазъияти адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX-ро нақл кунед.

6.Кадом омилҳои инкишофу таҳаввули адабиёти ин даврароро медонед?

7.Марказҳои адабии адабиёти давраи мазкур кадомҳоянд?

8.Ҷараёни маорифпарварӣ ва хусусиятҳои онро номбар кунед.

9. Аҳмади Дониш дар инкишофи илму фарҳанги ин давра чи гуна мақом дошт?.

10.Доир ба адабиёти даборӣ ва хусусиятҳои он маълумот диҳед.

11.Кадом тазкираҳои дар ин аҳд таълифшударо медонед?

12.Доир ба тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб»-и Возеҳ маълумот диҳед.

13.Арзиши илмӣ-адабии тазкираҳои ин давра аз чӣ иборат аст?

14.Кадом адибони пайрави Аҳмади Донишро медонед?

САДОНОКҲОИ КӮТОҲ (ҲАРАКАТҲО) ДАР ҚОФИЯ

Дар системаи қофияи шеъри форсӣ – тоҷикӣ мафҳумҳои ҳ а р ф, ҳ а р а к а т ва ҳ и ҷ о мақоми махсус доранд. Ин қоида ба забоншиносӣ ва шеършиносии мо аз забони арабӣ омадааст. Дар алифбои арабӣ мафҳуми ҳарф ва мафҳуми ҳаракат аз ҳамдигар тафовут доранд. Ҳарфҳо навишта мешаванд ва шакли муайян доранд, аммо ҳаракатҳоро наменависанд, фақат ҳангоми хондан талаффуз менамоянд.

Гоҳе ҳаракатҳоро дар мавриди зарурӣ мегузоранд. Ин ҳаракатҳо бо номҳои «забар» ё «фатҳа» (а), «зер» ё «касра» (и) ва «пеш» ё «замма» (у) маъмуланд. Дар забоншиносии имрӯза ҳаракатҳоро (яъне, а, и, у) садонокҳои кӯтоҳ меноманд.

Ҳарфҳо дар якҷоягӣ бо ин ҳаркатҳо, яъне садонокҳои кӯтоҳ ҳиҷоро ба вуҷуд меоранд.

Ҳарфҳои «алиф», «вов» ва «йо» дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ овози садонокро медиҳанд ва онҳоро барои фарқ кардан аз ҳаракатҳо садоноки дароз мегӯянд, ки «о», «ӯ» («у») ва «ӣ» мебошанд. Ҳамин тариқ, дар илми қофия ҳ а р ф ҳ о (ҳамсадо ва садонокҳои дароз) ва ҳ а р а к а т ҳ о (садонокҳои кӯтоҳ) иштирок менамоянд.

Мо дар боло доир ба ҳарфҳои қофия маълумот додем ва барои ҳар кадоми онҳо мисолҳо овардем. Ҳоло дар хусуси ҳаракатҳои қофия (садонокҳои кӯтоҳ), ном ва мавқеъи онҳо дар р е ш а и қ о ф и я маълумот медиҳем.

Дар илми қофия садонокҳои кӯтоҳеро, ки дар сохтани решаи қофия иштирок менамоянд, ҳ а р а к а т ҳ о и қ о ф и я меноманд. Аксари донишмандони илми қофия ба ҳар як ҳаракат ном ниҳодаанд. Ҳаракатҳои қофия шаштоянд: р а с, и ш б о ъ, ҳ а з в, т а в ҷ е ҳ, м а ҷ р о, н а ф о з.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар байте номи ҳаракатҳои қофияро чунин ба назм овардааст:

Расу ишбоъу ҳазву тавҷеҳ аст,
Боз маҷрову баъд аз ӯст нафоз.

Аз ин ҳаракатҳо чортояш дар қ о ф и я и м у қ а й я д меояд (рас, ишбоъ, ҳазв ва тавҷеҳ) ва дутои дигараш (маҷро ва нафоз) ба қ о ф и я и м у т л а қ таалуқ дорад. Ба таври дигар гӯем, ҳаракатҳои р а с , и ш - б о ъ, ҳ а з в ва т а в ҷ е ҳ пеш аз ҳарфи равӣ, аммо ҳаракатҳои м а ҷ р о ва н а ф о з баъди равӣ меоянд. Насируддини Тӯсӣ аз ҳарфҳои аввали номи ҳаракатҳои қофия ибораи «Роҳати ман»-ро ( ) сохтааст (бо ҳуруфи арабӣ), ки барои ба осонӣ дар хотир нигоҳ доштани номи ҳаракатҳо ба хонанда ёрӣ мерасонад, яъне аз р а с ҳарфи «р», аз ишбоъ ҳарфи **алиф** (яъне, «о»), аз ҳазв ҳарфи «ҳ», аз тавҷеҳ ҳарфи «т», аз маҷро ҳарфи «м» ва аз нафоз ҳарфи «н».

Ҳаракатҳои қофия дар алифбои имрӯза шакли овозӣ ва ҳарфӣ надоранд, аз ин рӯ, аз аввал маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии онҳоро шарҳ дода, сипас дар асоси мисолҳои шеърӣ шакл ва мавқеъи онҳоро дар р е ш а и қ о ф и я нишон медиҳем.

1.Рас калимаи арабист, маънои луғавиаш ибтидои чизе; чоҳи кӯҳна буда, дар илми қофия ҳаракати пеш аз т а ъ с и с ро гӯянд. Рас садоноки кӯтоҳи «а» аст, ки дар решаи қофия пеш аз ҳарфи «о», яъне таъсис дар назар дошта мешуд. Рас фақат ба ҳарфҳои арабӣ тааллуқ дошта, дар навишти имрӯза ифодаи ҳарфӣ надорад.

2.Ишбоъ калимаи арабист, маънои луғавиаш сер кардан, пур кардан буда, дар илми қофия ҳаракати ҳамсадоест, ки дар қофия ба вазифаи д а х и л меояд, яъне садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у», ки дар байни д а х и л ва р а в ӣ ҷой гирифтаанд.

Мисол:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта инҳо дойира.
Ҳарфи таъсису дахилу ридфу қайд, он гоҳ равӣ,
Баъд аз он васлу хурӯҷ асту мазиду нойира.

Дар ин қитъа калимаҳои д о й и р а ва н о й и р а қофия, ҷузви «-ойира» решаи қофия буда, садоноки дарози «о» т а ъ с и с, ҳарфи «й» д а х и л, садоноки кӯтоҳи «и» и ш б о ъ, ҳарфи «р» р а в и и м у т л а қ ва ҳарфи «а» в а с л мебошад.

Дар калимаҳое, ки ба вазифаи қофия омадаанду дар таркибашон ҳаракати ишбоъ доранд, хеле кам аст. Масалан:

Калимаҳои «муборакӣ»-ю «ровакӣ» қофия, ҷузвҳои «-оракӣ» ва «-овакӣ» решаи қофия буда, ҳарфи «о» т а ъ с и с, ҳарфи «р» (дар калимаи «ровакӣ» ҳарфи «в») д а х и л, садоноки кӯтоҳи «а» и ш б о ъ, ҳарфи «к» р а в ӣ ва ҳарфи «ӣ» васл аст.

3.Ҳазв калимаи арабист, маънои луғавиаш баробар кардани ду чиз бошад. Дар илми қофия садоноки кӯтоҳеро (а, и, ӯ) гӯянд, ки пеш аз ҳарфи **қайд** омада бошад. Мисол:

Набандад то сари нофи замин санг,
Намонад дона дар нофи замин танг. (Бозор Собир)

Дар ин байт (вазнаш-Ҳазаҷи мусаммани мақсур) калимаҳои «санг» ва «танг» қофия, ҷузви «-анг» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» ҳ а з в, ҳарфи «н» қ а й д, ҳарфи «г» равии муқайяд мебошад.

Аксари муҳаққиқони таърихи адабиёт дар ин ақидаанд, ки такрори ҳазв дар қофияҳои муқайяд (қофияҳое, ки дар он ҳарфи равӣ бо ҳарфи в а с л начаспидааст) ҳатмӣ, вале дар қофияҳои мутлақ (қофияҳое, ки дар онҳо ҳарфи р а в ӣ бо ҳарфи в а с л часпидааст) шарт нест.

Мисол:

Барафканд, ай санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуда зебо,
Ҳаво бар сони нилолуда муште. (Дақиқӣ)

Дар ин чор мисраъ (вазнаш-Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф) калимаҳои «биҳиштӣ», «урдибиҳиштӣ» ва «муште» қофия, ҷузвҳои «-иштӣ», ва «-уште» решаи қофия буда, ҳарфи «ш» қ а й д, ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «ӣ»-и «биҳиштӣ»-ю «урдибиҳиштӣ» ва «е»-и «муште» в а с л, садоноки кӯтоҳи «и»-и «-иштӣ»-ю «у»-и «-уште» ҳазв мебошанд. Азбаски

қофияи ин абёт қофияи мутлақ аст, яъне баъди ҳарфи р а в ӣ («т») ҳарфи в а с л («ӣ», дар калимаи «муште» «е» омадааст, ҳаракати ҳ а з в такрор нашудааст.

Дар рубоии Ҳабиб Юсуфӣ:

Боз о, ки дил аз омаданат маст шудаст,
Аз шавкати ту зӯру забардаст шудаст.
Дил аз ту чи сарбаланд гаштаст, ки кӯҳ
Дар пеши баландии сараш паст шудаст.

Калимаҳои «маст», «забардаст» ва «паст» қофияи муқайяд, ҷузви «-аст»-и ҳарсе калима р е ш а и қ о ф и я буда, ҳарфи «с» қ а й д, ҳарфи «т» равии муқайяд ва садоноки кӯтоҳи «а», ки пеш аз ҳарфи қайд омадааст, ҳ а з в мебошад. Азбаски қофияи ин байтҳо муқайяд аст, ҳ а з в такрор гардидааст.

Такрори ҳ а з в дар қофия оҳангнокии шеърро зиёд мекунад, барои ҳамин, шоирони тавонои адабиёти гузашта ва имрӯзаи форс-тоҷик дар қофияи мутлақ низ ҳазвро такрор кардаанд.

4.Тавҷеҳ калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш ба сӯи чизе рӯ овардан, муроҷиат кардан мебошад. Дар илми қофия яке аз ҳаракатҳои қофияи муқайядро гӯянд. Тавҷеҳ садоноки кӯтоҳест (а, и, у), ки дар қофия пеш аз равии муқайяд омада бошад.

Мисол:

Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст. (Мирзо Турсунзода)

Дар байт (вазнаш – Рамали мусаммани махбуни мақсур) калимаҳои «Ватан» ва «чаман» қофия буда, ҳарфи «н» равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи «а», ки пеш аз равии муқайяд омадааст, тавҷеҳ мебошад.

Муҳаққиқони илми қофия дар ин ақидаанд, ки такрори тавҷеҳ дар қофияҳои муқайяд ҳатмӣ, вале дар қофияҳои мутлақ шарт нест. Мисол:

Аз паси тиреза духтар мегирист,
Навниҳоли ғунчаи тар мегирист.
Завқи ноҷури муҳаббат дар дилаш,
Дам ба дам бо сӯзи дигар мегирист. (Гулназар)

Дар ин шеъри Гулназар (вазнаш – Рамали мусаддаси мақсур) калимаҳои «духтар»-у «тар»-у «дигар» қофия, ҷузви «-ар»-и ҳарсе калима решаи қофия буда, ҳарфи «р» равии муқайяд ва садонокӣ кӯтоҳи «а», ки пеш аз равии муқайяд омадааст, тавҷеҳ мебошад. Чи тавре ки мебинед, дар ин се калима ҳаракати тавҷеҳ такрор шудааст.

Мисоли дигар:

Дунё наарзад он ки парешон кунӣ диле,
Зинҳор бад макун, ки накардаст оқиле.
Гар ман сухан дуруст бигӯям, ту нашнавӣ,
Беҷаҳд аз ойина набарад занг сайқале.

Дар абёти боло (вазнаш – Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф) калимаҳои «диле»-ю «оқиле»-ю «сайқале» қофия буда, ҳарфи «и» (дар қофияи «сайқале» ҳарфи «а»-и дуюм) т а в ҷ е ҳ, ҳарфи «л» р а в и и м у т л а қ, ҳарфи «е» васл мебошад. Чи тавре ки мебинед, дар ин се

қофия ҳаракати т а в ҷ е ҳ такрор нашудааст, сабаб он аст, ки т а в ҷ е ҳ бо равии мутлақ омадааст. Азбаски такрори т а в ҷ е ҳ оҳангнокии шеърро зиёд мекунад, аксари шоирони гузашта ва имрӯзаи адабиёти тоҷик дар қофияи мутлақ низ ҳаракати тавҷеҳро такрор кардаанд.

5.Мачро калимаи арабист, маънои луғавиаш пӯшида, ҷои равон шудани об буда, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳаракатҳои қофияи мутлақ аст. Дар асл мачро садоноки кӯтоҳи «а» мебошад, ки дар қофияи мутлақ баъди р а в ӣ омада, ҳарфҳоеро, ки ба вазифаи в а с л омадаанд, ба ҳарфи равӣ пайваст менамояд.

Шояд дигар садонокҳои кӯтоҳ, яъне ҳаракатҳои и, у ба вазифаи мачро оянд, аммо аз мисолҳое, ки то имрӯз дастраси мо шудааст, маълум гардид, ки қариб дар ҳама маврид фақат садоноки «а» ба вазифаи мачро омадааст. Мисол:

Раъият ба зулми ту чун олиманд,
Зи зулми ту бар якдигар золиманд. (Ҷомӣ)

Дар ин байт (вазнаш – Мутақориби мусаммани мақсур) калимаҳои «олиманд»-у «золиманд» қофия буда, решаи ҳарду қофия «-олиманд» аст, ки ҳарфи «о» т а ъ с и с, ҳарфи «л» д а х и л, садоноки «и» и ш б о ъ, ҳарфи «м» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л ва ҳарфи «д» х у р ӯ ҷ мебошанд. Такрори мачро дар қофия ҳатмист.

Нафоз калимаи арабист, маънои луғавиаш гузаштани чизе ба чизе, берун шудани тир аз нишона, дар илми қофия номи яке аз ҳаракатҳои қ о ф и я и м у т л а қ ро гӯянд. Нафоз садоноки кӯтоҳест (а, и, у), ки дар қофияи мутлақ баъди васл омада бошад. Мисол:

Гар дил зи ғами ёр напардохтанистеш,
Бо ӯ ҳама вуҷуҳ дарсохтанистеш. (аз «Ал-мӯъҷам)

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур) калимаҳои «напардохтанистеш» ва «дарсохтанистеш» қофия, ҷузви «-охтанистеш» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «х» р и д ф и м у р а к к а б, ҳарфи «т» р а в и и м у т л а қ, садоноки кӯтоҳи «а» м а ҷ р о, ҳарфи «н» в а с л, садоноки кӯтоҳи «и» н а ф о з, ҳарфи «с» х у р ӯ ҷ, ҳарфи «т» м а - з и д, харфҳои «е» ва «ш» н о й и р а мебошанд. Садонокҳои кӯтоҳеро, ки баъди х у р ӯ ҷ ва м а з и д меоянд, низ нафоз меноманд. Мисол:

Ин дил, ки ба зулфи дилбаре бастемаш,
Ҳар чанд гусаст, боз пайвастемаш. (Котиб)

Дар ин байт (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаммани мақбузи абтар) калимаҳои «бастемаш» ва «пайвастемаш» қофия, ҷузви «-астемаш» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а»-и аввал ҳ а з в , ҳарфи «с» қайд, ҳарфи «т» р а- в и и м у т л а қ, ҳарфи «е» в а с л, ҳамсадои «м» х у р ӯ ҷ, садоноки «а»-и дуюм н а ф о з ва ҳарфи «ш» м а з и д мебошанд. Такрори нафоз дар қофияи мутлақ ҳатмист. Қофияе, ки дар решаи он ҳаракати нафоз омада бошад, хеле кам аст.

Мисолҳо барои ҳаракатҳои қофия:

1.Мисол барои ҳаракатҳои **ишбоъ, мачро** ва **нафоз:**

Ёри маҳру мойи*ласташ*,**
Ҳарчи хоҳад, ҳоси*ласташ*,**

2.Мисол барои ҳаракати **ҳазв:**

Гар сӯзи дилам як нафас оҳи*ста* шавад,
Аз дуди дилам роҳи нафас б*аста* шавад. (Камоли Исфаҳонӣ)

3.Мисол барои ҳаракати **тавҷеҳ:**

Ҳадисе аз лабаш гуфтам, даҳони ғунча бо ҳам шуд,
Чу номи абрӯяш бурдам, аз ин пушти камон хам шуд. (Котибии Туршезӣ)

4.Мисол барои **маҷро:**

Агар ба давлат ба Рӯдакӣ наменонам,
Аҷаб макун сухан аз Рӯдакӣ на кам донам. (Абӯзироа)

5.Мисол барои **нафоз:**

То кай ба хуни дидаву дил парваремашон,
Аз раҳ бурун раванду ба роҳ оваремашон. (Ҷомӣ)

***Савол ва супоришҳо*:**

1.Дар илми қофия ҳарф ва ҳаракат аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

2.Кадом ҳаркатҳо ба қофияи муқайяд тааллуқ доранд?

3.Мисолҳои шеърӣ оварда, ҳаракатҳои қофияи муқайядро нишон диҳед.

4.Кадом ҳаракатҳо баъди ҳарфи равӣ меоянд?

5.Дар хусуси ҳаракатҳои қофияи мутлақ маълумот диҳед.

6.Дар байти зери Ҷомӣ:

Сабзаҳо навдамида ёр наёмад,
Тоза шуд боғу он нигор наёмад.

Калимаҳои «ёр» ва «нигор» ба кадом навъи қофия дохил мешаванд?

7.Ҳаракатҳои қофия бо кадом номҳо машҳуранд?

8.Кадом ҳаракатҳо пеш аз ҳарфи равӣ меоянд?

9.Маъноҳои луғавию истилоҳии р а с с у и ш б о ъ у ҳ а з в ро гӯед.

10. Ҳаракате, ки пеш аз ҳарфи қ а й д меояд, чӣ ном дорад?

11.Кадоме аз ин ҳаракатҳо дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ истифода намешаванд?

12. Тафовути байни ҳаракатҳои и ш б о ъ у м а ҷ р о ро фаҳмонед.

13.Ҳаракати дахил чӣ ном дорад?

14.Умумият ва тафовути ҳаракатҳои и ш б о ъ ва м а ҷ р о ро фаҳмонед.

15.Дар қофияҳои «ғорат» ва «ишорат»-и ин байти Ҳофиз:

Биё, ки турки фалак хони рӯза *горат* кард,
Ҳилоли ид ба даври қадаҳ *ишорат* кард.

садоноки кӯтоҳи «а» и ш б о ъ аст ё м а ҷ р о?

16.Маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии ҳ а з в ро гӯед.

17.Мисоли шеърие оред, ки дар он ҳаракати тавҷеҳ омада бошад.

18.Нафоз чист?

19.Ҳаракате, ки баъди ҳарфҳои хурӯҷу мазид меояд, чӣ ном дорад?

20.Ин байти Ҷомиро азёд кунед ва шарҳ диҳед:

Расу ишбоъу ҳазву тавҷеҳ аст,
Боз маҷрову баъд аз ӯст нафоз.

АҲМАДИ ДОНИШ

Нависандаи забардаст, шоир ва мутафаккир Аҳмад Махдуми Дониш, ки бо лақаби «Калла» ҳам шӯҳрат дорад, соли 1826 дар Бухоро таваллуд шудааст. Падари Аҳмад Мулло Мирносир ном дошта, аслан аз тумани Шофирком буда, баъдҳо барои таҳсил ба Бухоро омада муқимӣ шудааст.

Падару модари Аҳмади Дониш аз аҳли фазл буданд. Аз ин рӯ, ӯ саводи ибтидоиро пеши модари бузургвораш баровардааст. Баъдтар Мулло Мирносир писарашро дар овони 12-солагӣ, яъне соли 1838 ба мактаби қоригӣ месупорад.

Соли 1842 Мулло Мирносир писарашро аз он мактаб гирифта, ба мадраса медиҳад. Аҳмади Дониш дар баробари таҳсили мадраса, инчунин нозукиҳои ҳунари хаттотию лавҳакории китобҳоро хеле хуб ёд мегирад. Ӯ барои таъмини зиндагӣ ва кӯмак ба хонаводаашон девонҳои шоиронро бо хати зебои худ хаттотӣ ва бо ҳунари валои хеш лавҳакорӣ менамуд. Аз ин рӯ, ӯ дар ин ҳунарҳо низ ба тезӣ дар Бухорои онрӯза шӯҳрат пайдо мекунад.

Аҳмади Дониш ҳамаи илмҳои ҷории замонаашро аз қабили забони арабӣ, мантиқ, нуҷум, ҳайат, табииёт, риёзиёт, фалсафаи калом, тиб, таърих, адабиёт ва шеършиносиро хеле хуб аз худ менамояд.

Баъдҳо яке аз олимони шарифи дарбор, ки ба Аҳмади Дониш ҳақи устодӣ доштааст, ин марди шариф сармуҳандиси дарбор буда, ба Дониш некӣ намуда, ӯро ба дарбор даъват менамояд. Аҳмади Дониш ба пешаи хаттотӣ ва асосан маслиҳатчии амир оид ба илми нуҷум дар дарбор ба фаъолият мепардозад. Пас аз вафоти устодаш Амир Насруллоҳ соли 1855 Аҳмади Донишро сарвори мактаби муҳандисону меъморони дарбор ба ҷои устодаш таъин мекунад. Ӯ боз ҳам ба амир наздиктар мешавад ва нуфузаш ниҳоят беш мегардад. Ин аст, ки дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию мадании мамлакат амир аз Аҳмади Дониш маслиҳат мепурсад. Яъне Аҳмад ҳамчун яке аз тавонотарин олимон пазируфта мешавад. Бинобар ҳамин ҳам Аҳмад тахаллуси худро «Дониш» интихоб кардааст. Хусусан, амир дар илми нуҷум ягонаи замон будани Аҳмади Донишро ҳис намуда, дар ин ҷода низ танҳо бо маслиҳати ӯ амал мекунад.

Соли 1857 сафорати амир азми Петербург карда буд. Ин сафорат бо сардор элчӣ Муллоҷони Мирохур бояд ба вуқӯъ мепайваст. Ҳадафи сафорат таъзия бар вафоти подшоҳи рус - Николаи I ва табрики ба тахт нишастани Александри I буд. Сафари мазкури сафорат дар шаҳри Петербург се моҳ давом намуда, ҳайати сафорат бояд дар ин муддат ба як қатор корхонаҳои саноатӣ, ёдгориҳои маданиву таърихӣ, китобхонаву музейҳо ва марказҳову доираҳои илмию фаннии пойтахти Россия ошно мешуданд. Чунин ҳам шуд. Аҳмади Дониш ва дигар бузургони қаламрави Бухоро тахмин мекарданд, ки шояд шаҳре, ки дар зебоӣ ба шаҳрҳои Осиёи Миёна рақобат мекарда бошад, нест.

Аҳмади Дониш акнун фаҳмид, ки гумони ӯ ва ҳамақидаҳояш ботил будааст. Сохтори давлатӣ ва усули мамлакатдорӣ, донишу ҷаҳонбинии

амиру аморат ва ғайра то чӣ андоза пучу бемаънӣ ва ноӯҳдабароёна буда, фарсахҳо аз пешравии давлатҳои ғарбӣ, ба хусус, аз Россия қафо мондаанд. Аҳмади Дониш қарор дод, ки мушоҳидаҳояшро ба амир хоҳад гуфт ва амир хоҳишҳои Донишро амалӣ хоҳад намуд. Албатта, маълум нест, ки амир маслиҳату машваратҳои Донишро то кадом андоза пазируфта буд. Вале ин ҷиҳат маълум аст, ки амир Насруллоҳ соли 1860 вафот намуд ва ба тахт амир Музаффар ба тахт нишаст. Ин амир бештар ба хушомалгӯён таваҷҷӯҳ дошта, ба олимон чандон эътиборе намедод.

Соли 1866 қӯшунҳои рус ба Тошканд ҳуҷум мекунанд. Амир ба муқобили онҳо мехезад. Аҳмади Дониш ин амали амирро носавоб ҳисобида бошад ҳам, амир ӯро гӯш намекунад. Дар натиҷа Бухоро аз Россия сахт шикаст хурда, ҳам товони ҷанг ва ҳам як қатор заминҳояшро низ аз даст медиҳад.

Соли 1869 амир Музаффар барои изҳори дӯстӣ ва мустаҳкам гардонидани иртиботи ду кишвар сафорати навбатӣ омода месозад. Аҳмади Донишро котиби сафорати мазкур таъин мекунанд. Аҳмади Дониш дар ин сафар Россия ва мамолики Аврупоро боз ҳам амиқтар меомӯзад. Бори дигар яқин сохт, ки амиру аморат хеле аз давлатдорӣ дуранд. Ӯ дар ин бора менависад: «Салотини Бухоро дар боби суфаро (элчиҳо) одамони камтаомул ва бедонишро ихтиёр кунанд, ба гумони он ки асрори давлати мо фош наградад… Ва ҳол он ки ихтиёри ин маслак айни безайбӣ ва беназмии давлат бошад».

Баъди бозгашт амир Музаффар ба Аҳмади Дониш рутбаи илмию ифтихории «Ӯроқ»-ро медиҳад. Зеро Дониш обрӯи Бухороро ҳимоя намуда, бисёр масъалаҳоро бар нафъи Бухоро ҳал карда буд. Аз ин рӯ, амир ӯро ба яке аз мансабҳои баланди давлатӣ таъин карданӣ мешавад. Аҳмади Дониш ба тезӣ розӣ нашуда, то андозае корро ба таъхир меандозад. Зеро Аҳмади Дониш каме пештар ин қасидаро дар васфи амир Музаффар суруда буд, ки ҷое дар он қасида овардааст:

Шунидаам ки ҳакиме, ки подшоҳонро
Ба чанд тоифа бояд кушод роҳи висол:
Нахуст олими доно ба илми дин, зи усул
Фурӯъро бишиносад ба ҷумлаи аҳвол.
Дигар табиби масеҳодаме, ки гоҳи касал,
Барад зи тинати гул сардии насими шимол.
Дигар дабири ҳумоюнхате, ки гоҳи рақам
Ниҳад зи хушқадамӣ бар рухи Уторуд хол.
Дигар, суханвари шоир, адиби болиғфан,
Ки васфи шоҳ кунад дар ҷамеи ҳолу муҳол (л).
Дигар мусаввири Беҳзоддасту Моникилк,
Ки нақшаи фалаку арзро кашад тимсол.
Вуҷуди ҳар як аз ин қавм зеби мамлакат аст,
Ҳузури ҳар як аз ин фирқа мулкрост ҷамол…

Вале амир Музаффар ниҳоят кӯтоҳназарӣ зоҳир намуда, ба сари мамлакат шиканҷаҳои зиёде овард. Зеро Россия ба Бухоро ҷанг эълон

кард. Ин дафъа ҳам Бухоро шикаст дид ва амир Музаффар шартномаи сулҳ имзо карду розигӣ ба супоридани товони ҷанг дод.

Пас аз ин амир соли 1869 ба Петербург сафорати нави худро омода месозад. Аҳмади Дониш боз ба ин ҳайат дохил карда мешавад. Ин дафъа Дониш сармушовир таъин мегардад.

Охирҳои соли 1873 ҳайати сафорат фиристода мешавад, ки Дониш дар ин сафар се моҳ дар он ҷо мемонад ва марти соли 1874 ба Бухоро бармегардад. Александри II дар ин сафар ба Аҳмади Дониш таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд. Дар ин сафар Дониш андешаҳои худро ба таври ҷудгона дар «Рисола дар назми тамаддун ва «таовун» дохил намудааст. Ӯ баъдтар ин рисолаи худро ба таркиби «Наводир-ул-вақоеъ» ҷойгир кардааст. Таклифҳои Дониш ба амир писанд наафтод ва аз ин рӯ, амир Аҳмади Донишро аз Бухоро дур кард. Баъдтар амир Аҳмади Дониш ба Ғузор ва пас аз чанде ба Наҳрнай мефиристонад.

Соли 1885 дар Бухоро тағйирот ба вуҷуд меояд. Дар ин сол амир Музаффар вафот мекунад ва ба тахт писари ӯ Амир Абдулаҳад соҳиб мешавад. Ин амир худро илмдӯст нишон дода, Аҳмади Донишро аз Наҳрнай ба Бухоро баъват мекунад.

Аҳмади Дониш ба Бухоро омада, танҳо ба фаъолияти илмӣ-эҷодӣ мепардозад. Ӯ тӯли солҳои дароз дар дарбор кӣ будани амирони манғитиро донист ва омӯхт, ки аз онҳо умеди некӣ нест. Се сафари Аҳмади Дониш ба Россия ӯро ба кишвари пешрафтаи аврупоӣ, усули мамлакатдорӣ, низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра шинос намуд. Пеш аз ҳама, Аҳмади Дониш фарҳанги миллӣ, илм ва таърихи миллиро хеле хуб медонист. Аз ин рӯ, ӯ дар назария қиёс намуд, ки ҳукуматдорони Бухоро аз ин падидаҳо умуман хабар надоранд. Онҳо танҳо бо роҳи зӯрӣ, қатл, зиндон мардумро дар чаҳорчӯбаи сиёсат нигоҳ медоранду ҳукумат мекунанд. Аҳмади Дониш тавассути Россия то андозае ба Аврупои Ғарбӣ низ шиносоӣ пайдо намуд. Зеро ӯ бо шахсиятҳои ҷудогона ошно гардида, як андоза онҳоро омӯхт. Масалан, Аҳмади Дониш соли 1869 ҳанӯз дар шаҳри Тошканд бо П.И.Пошино ном тараққихоҳи рус шинос шуда, бисёр масъалаҳои иҷтимоиро бо ӯ машварат мекунад. Ё худ дар сафари аввалааш бо яке аз шарқшиносони рус В.Григорев дар Оренбург чандин мулоқотҳо барпо намуда буд. Аҳмади Дониш бо намояндагони артиши Россия низ шинос гардида, бо онҳо ҳам сӯҳбат дошт. Аз он ҷумла, бо полковники рус Колзаков (дар сафари сеюм) ва дар бозгашти ҳамин сафар аз Тошканд то Шаҳрисабз бо капитан Стремоухов шинос гардида бо онҳо дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбатҳо меорояд.

Баъди сафарҳо Аҳмади Дониш мулоҳиза ва андешаҳои худро оид ба усули кишвардорӣ дар шакли китоб ба амир пешниҳод менамояд. Дар муқаддимаи он менависад, ки агар амир таклифҳои ӯро қабул накунад, ӯ ба дарбор барои фаъолият дар ягон мансаби давлатӣ нахоҳад омад. Зеро амир боисрору пайваста аз Аҳмади Дониш талаб мекард, ки ягон мансаби давлатиро қабул кунад. Таклифҳои Аҳмади Дониш ва

кушодагӣиҳои ӯ амирро акнун хашмгин сохт. Амир дид, ки таклифҳои Аҳмади Дониш мавқеи ҳокимро суст мекунанд.

Амир дигар Донишро на танҳо таклиф накард, балки мехост ӯро аз худ дур нигоҳ дорад. Амир Музаффар боре ба наздикони худ гуфта будааст, ки: «Ман фалониро бо суфарои (элчиёни) давлат ба ҷониби Россия ҳамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд. Ман баъд аз ин ӯро намефиристонам» Аҳмади Дониш пас аз фаҳмидани чунин ҷавобҳои ноадешидаи амир ба назидикони худ гуфтааст, ки: «Ман ҳам ба нӯкарии ин каллахарон толиб нестам».

Аҳмади Дониш соли 1889 аз мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра мегирад ва танҳо ба корҳои илмӣ-эҷодӣ машғул мешавад. Яъне он корҳоеро, ки то ин муддат ба итмом нарасонида буд, хотима мебахшад.

Поёни умри ин мутафаккир низ дар Бухоро гузаштааст. Ӯ дар байни моҳҳои март-апрели соли 1897 дар шаҳри Бухоро вафот кардааст.

Мероси адабӣ ва илмии Аҳмади Дониш

Аҳмад Махдуми Дониш нависанда, шоир, мутафаккир, файласуф ва ҷомеъашиноси бузурги тоҷик аст, ки тӯли 71-соли умри хеш аз ӯ осори гаронарзиши адабӣ-бадеӣ ва илмӣ боқӣ мондааст. Осори Дониш гуногунмавзӯъ, серсоҳа ва серпаҳлу буда, доир ба мӯҳтавои осор ва арзиши он худи адиб чунин ишора дорад:

Ҳунар кадом, ки бо ман нагашт рӯй ба рӯй.
Кадом илм, ки бо ман накард, истиқбол?

Асарҳои Аҳмади Дониш

1. «Манозир-ул-кавокиб» («Манзараи ситораҳо»). Асари мазкур доир ба илми нуҷум-ситорашиносӣ буда, оид ба мавқеъ, мақому ҳолоти ситораҳо, ҷойгиршавии онҳо ва зуҳури бисёр ҳаводису воқеоти марбути ситораҳо ва ғайра баҳс мекунад. Муаллиф ин асари худро ба яке аз дӯстонаш бахшидааст. Санаи таълифи китоб соли 1865 мебошад.
2. «Рисола фӣ аъмол ил-кӯра» («Рисола доир ба амалиёт бо кӯра»). Аҳмади Дониш дар ин рисола оид ба кашфиёти илмии асри худ, доир ба кайҳон маълумоти нодири илмӣ медиҳад. Хусусан, баъди мулоқоти ӯ бо капитани рус Стреомухов, ки капитан ба Дониш ду глобус: ҳам глобуси замин ва ҳам глобуси саморо тӯҳфа менамояд. Аз ин рӯ, Дониш баъзе ахбори тоза оид ба ҷанбаъҳои ҷуғрофӣ ва астрономӣ медиҳад.
3. «Таъодули хамсаи мутаҳайира» («Ҳаракати панҷ ситора»). Ҳадафи Аҳмади Дониш ҷойгиршавӣ ва ҳаракати Уторуд, Зӯҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал буда, рисолаи мазкур низ ба илми нуҷум бахшида шудааст. Яъне ҳар яке аз ин ҷирмҳои самовӣ бо хосиятҳои ҷудогонаи худ шарҳ дода мешавад. Аҳмади Дониш ин асарашро соли 1883 дар шаҳри Ғузор таълиф намудааст.
4. «Меъёр-ут-тадайюн» («Ҳадди диёнат»). Аҳмади Дониш ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва

ҷамъиятиву ҳуқуқӣ аз нигоҳи илми шариат низоми муайян таъин менамояд. Ҳадафи муаллиф амиру аморат ва сохтори роҳбарии ҷомеъаро, ки аҳли диёнат мебошанд, ба адлу адолат ва инсоф даъват мекунад. Дониш ин асарро соли 1894 таълиф намудааст.

5. Дар мероси илмии Аҳмади Дониш боз як асари таърихии ӯро низ метавон номбар кард, ки мутахассисон онро «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-ном ниҳодаанд. Дар ин асар сари қудрат омадани амирони манғития аз Дониёл то Абдулаҳад маълумот дода мешавад. Асар оид ба шахсияти амирон, усули кишвардории онҳо, муносибатҳои дохилӣ-дарборӣ ва хориҷии онҳо, хусусан бо Россия, ҳолати раъият ва ғайра хеле маълумоти пуразришу судманд медиҳад, ки дар ин бора баъдтар маълумот хоҳем дод.

Мероси адабии Аҳмади Дониш асосан аз анвои гуногуни манзум ва мансур иборат мебошад. Осори манзуми Аҳмади Дониш жанрҳои хурди лирикӣ: ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва ғайраро дар бар мегирад. Адиб ин шаклҳои шеъриро дар вақтҳои гуногун эҷод кардааст. Осори манзуми Дониш дар шакли пароканда дастрас шудааст. Ӯ осори манзуми худро дар шакли девон ба таври алоҳида боқӣ нагузоштааст.

Мавзӯъҳо ва мандариҷаи ғоявии ашъори Аҳмади Дониш гуногун буда, дар онҳо васфи инсонҳои соҳибкасбу соҳибмаърифат, ҳунарварону санъаткорони хориҷӣ, дӯстию рафоқат, хислатҳои неки одамӣ, тарғиби маданияти пешқадам, васфи хираду дониш, некиву накӯкорӣ, адлу адолатхоҳӣ, васфи илму фарҳангу ҳунар ва ғайра мебошад. Масалан, дар ин қитъа шоир зоҳирпарастии инсон, ба шакл таваҷҷӯҳ намудани касон, оҷилу шитоб, бесабриро танқид мекунад. Баръакс сабру таҳаммул, ботинбинӣ, рӯ овардан ба сират-маънавиёти инсон, подоши ҳаётро ҷонибдорӣ мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон пок ба дунё меояд, набояд нопок равад, балки пок бояд зиндагӣ кунад ва пок биравад. Ӯ мегӯяд:

Ба шакли ҳайати инсон зи раҳ марав зинҳор,
Тавон ба сабру таҳаммул шинохт ҷавҳари мард.
Агар на пок бувад, аз бало нахоҳад ҷаст
В-агар дар асл бувад пок, сабр хоҳад кард.

Албатта, мавзӯи ишқ ва исёнҳои қалбии инсонӣ, эҳсосоти нозуки одамӣ ва васфи маҳбубаву назокати гуфтори ошиқ яке аз мавзӯъҳои ҷовидона дар таърихи адабиёт мебошад. Ин яке аз мавзӯъҳои асосии лирикаи Аҳмади Дониш низ ҳаст. Чунончи, дар ин ғазал мегӯяд:

Абрӯи чун ҳилоли ту ҷонро шикор кард,
Мижгони обдори ту дил беқарор кард.
Дасти булӯрранги ту қадри гуҳар шикаст,
Лабҳои чун ақиқи ту ёқут хор кард.
Аз хоки пираҳан чу намуд он тани ҳарир,
Олам пур аз таровати бӯи баҳор кард.

Калпӯши зар, ки маст ба торак ниҳодааст,
Бо қомати чу дурру гуҳар интишор кард.
Ту осмону ман чу замин, чун кунам, валек,
Лутфи дигар ба бӯсаам уммедвор кард.

Ғазали мазкур хеле хуб аст, вале дар ҳар сурат ҳунармандона нест. Зеро Аҳмади Дониш нависандаи забардаст, мутафаккир, файласуфу ҷомеъашинос аст. Ашъори ӯ пеш, аз ҳама, бо ягон сабабе, баҳонае ва ё дар мавридҳои зарурӣ рӯи кор омадааст.

Сохт ва мундариҷаи «Наводир-ул-вақоеъ».

«Наводир-ул-вақоеъ» дар мероси адабии Аҳмади Дониш мавқеи марказӣ дорад. Ин асар заҳмати 15-сола ва маводи якумраи гирдовардаи муаллиф аст. Нависанда ба таълифи асар соли 1870 оғоз намуда, онро соли 1885 ба итмом расонидааст. Таълифи ин асар муаллифи онро миёни аҳли ҷомеаи онрӯзаи Бухоро ҳамчун адиби тавоно ва мутафаккири забардаст шиносонид. Аҳмади Дониш дар ин асар бисёр масъалаҳои муҳимми фалсафию иҷтимоиро, ки мавриди қазовати файласуфон ва мутафаккирони гузашта буд, аз дидгоҳи нав ва дар аҳди бархурдҳо бо тамаддуни Аврупоӣ ба таҳлилу тасвир гирифтааст. Аз ин рӯ, «Наводир-ул-вақоеъ» барои бедории фикрӣ, барои ҷунбиши мафкуравии миллат ва умуман муосирони Аҳмади Дониш, пайравони ӯ ва зиёиёни пешқадами охири асри XIX ва ибтидои садаи XX таъсири амиқу дақиқ гузоштааст. Зеро солҳои таҳсил дар мадраса, робита бо дарбору дарбориён, махсусан сафарҳои ӯ ба Россия, муносибат бо олимон, ҳарбиён, сиёсатмадорони Аврупо ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ӯро нисбат ба сиёсат ва иқтисодиёти аморати бухоро тағйир дода буд.

Сохтори асар «Наводир-ул-вақоеъ» аз нигоҳи сохту таркиб бисёр ҷолиб аст. Асар хати яклухти дорои сужети муайян нест ва қисматҳои сужетро ҳам дар бар намегирад. Асар дар маҷмӯъ аз бисту се боб иборат мебошад, вале боби 15-уми он фарқ дорад. Зеро ин боб «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ном дошта, дорои муқаддима ва се боби ҷудогона мебошад, ки баъдтар онро шарҳ хоҳем дод. Бобҳои «Наводир-ул-вақоеъ» гуногунмавзӯъ буда, чаҳордаҳ боби асар таҳлилу тадқиқи муаллиф аст, ки дар боби понздаҳ ҷамъбасти он ба сифати як навъ рисолаи ҷудогона оварда шудааст.

Умуман, ҳамаи бобҳои асар аз нигоҳи ғояву мазмун ва мақсади муаллиф ба ҳам як навъ пайванди минтиқӣ дошта, яке дигарро тақвият медиҳад, пурра мекунад. Мушоҳидакор ё таҳлилгар, ки баёни бобу нақли ҳикоёт низ ба ӯ тааллуқ дорад, шахсияти олиму доно, мутафаккир ва ҷомеъашиноси бузургест, ки Шарқро бо тамоми ҷузъиёт ва Ғарбро ҳам хуб медононад. Метавонад мушоҳидакор шахсияте бошад, ки ҷаҳонбинии ниҳоят васеъ, сафаркарда, таълимдида ва қиёскунанда бошад. Дар асл чунин ҳам ҳаст. Аҳмади Дониш ҳамчун ҷомеъашинос ҷамъиятро бе сардор имконпазир медонад. Аз ин рӯ, дар «Наводир-ул-вақоеъ» оид ба тарбияи авлоди инсон, муносибати ниҳоят ҷиддӣ ва эҳтиёткорона нисбат ба фарзандон ва тарбияи мунтазами онҳо, хусусан

оид ба ахлоқ ва муомилаи табақаҳои ҷамъиятӣ, ахлоқи табақаҳои ҳукмрон, риояи адолат ва маҳкум намудани ноадолатӣ, нақши амир, қозиву муфтӣ, вазиру қушбегӣ ва ғайра дар бобҳои ҷудогонаи асар андешаҳои шахсии худро баён намудааст.

Аҳмади Дониш маориф, таҳсил ва таълиму тарбияро асоси ҷомеа медонад. Вай барномаи таҳсил, сабку усули таълим, китобҳои дарсӣ, ҷараёни дарсҳо ва ғайраро дар таълимдиҳандаҳои Бухорои замони муаллиф, яке аз масъалаҳои марказии асари худ медонад.

Масъалаҳои мазкур дар бобҳои «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн (падару модар) ва ҳадду ҳуқуқи онҳо», «Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он», «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» ва ғ. хеле бо далелу бурҳони қотеъ баён шудааст.

Мазмуну мӯҳтавои асар. Мазмуни мухтасари «Наводир-ул-вақоеъ» тақрибан чунин аст:

Муқаддима. Дар ин ҷо муаллиф сабаби таълиф шудани асарро бо мазмуну мундариҷаи он зикр мекунад.

Боби якум. «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн…» Оид ба тарбияи фарзандон ва шинохти падару модар аст.

Боби дуюм. «Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он». Др ин боб бештар кормандони корҳои давлатӣ ва фаъолияти онҳо ба таҳлил гирифта шудааст, ки бояд онҳо маънавияти бой дошта бошанд, то аз ҳарисӣ парҳез кунанд.

Боби сеюм. «Дар таҳқиқи таърихи олам ва тафтиши ҳудусу қидам». Ҳатто аз унвони боб пайдост, ки оид ба пайдоиши олам ва умуман фалсафаи офариниш баҳс рафтааст.

Боби чаҳорум. «Дар иллати накбати уқало ва сабаби давлати суфаҳо». Дар ин боб оид ба сабабҳои бадбахтии оқилон ва хушбахтии бедонишон баҳс меравад. Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки инсон маҳз ба хотири манфиатҳои моддӣ талош наварзад, балки бештар ба маънавият таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Бояд инсон танҳо нафърасони ҷомеъа бошад.

Боби панҷум. «Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат».

Боби шашум. «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» Доир ба саргузашти марди бухоройӣ, ки ба сайҳат баромада хеле тӯлонӣ сафар кардааст, нақл карда мешавад.

Боби ҳафтум. «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари русия».

Боби ҳаштум. «Дар сафорати Абулқодирбек ва аҳоиби ҷашни Руссия».

Боби нӯҳум. «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ».

Боби даҳум. «Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва маҷозӣ ва одоби ишқбозӣ». Ин боб низ мисли дигар бобҳо бо усули суолу ҷавоб навишта шудаанд.

Боби ёздаҳум. «Дар одоби никоҳ ва баёни хусусияти модаршӯ».

Боби дувоздаҳум. «Дар таҳқиқи қазову қадар» Дар ин бахш Аҳмади Дониш вуҷуди зиндагиро дорои чор рукн: хӯрдан, пӯшидан, зану фарзанд кардан ва маскан сохтан медонад.

Боби сездаҳум. «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо».

Боби чордаҳум. «Дар таҳқиқи рӯҳ ва нисбати тааллуқи он ба абдон».

Боби понздаҳум. «Рисола дар назми тамадун ва таовун». Ин ягона боби «Наводир-ул-вақоеъ» аст, ки комилан мустақил буда, аз муқаддима, се фасл ва хотима иборат мебошад.

Дар муқаддима сабабҳои пайдоиши одамӣ, хайри он ва ихтиёри ӯ дар чист… ва ғ. баҳс рафтааст.

Фасли аввал - «Дар фазилати аморат ва раёсат ва муомилати салотин бо Ҳақ».

Фасли дуюм - «Дар сулуки умаро бо сипоҳ ва хадам ва ҳашам».

Фасли сеюм - «Дар тариқи раиятдорӣ ва фуқаропарварӣ ва расидан ба ғаври муҳоммии зердастон».

Хотима. Дар таъйини мулук ба нудамо ва муқаррабон.

Дар ин рисолаи хурд оварда мешавад, ки инсон шарифтарини махдуқот аст. Ҳама чиз барои инсон офарида шудааст. Зоти инсон аз ақли шарифа ва нафси касифа мураккаб аст.

Инсон бояд илму маърифат омӯзад ва аз рӯи илму маърифат ва ақлу фаросат роҳи дурустро паймояд.

Боби шонздаҳум. «Дар таҳқиқи ҳайати арз ва такаввуни маодин ва мо юносаба золика». Дар ин боб Аҳмади Дониш оид ба ҷинсҳои кӯҳӣ, конҳо, маъданҳои зеризаминӣ, заминҷунбӣ, вулконҳо маълумот медиҳад.

Боби ҳабдаҳум. «Дар фараҷ баъд аз яъсу хамул».

Боби ҳаждаҳум. «Дар наводири ҳолоти ашхос, ки аз ҷанги сибоъ ҷастанд».

Боби нуздаҳум. «Дар таъбири рӯъёи ҳоила, ки далолат бар ҳудуси воқеа мекард». Муаллиф доир ба хобҳои дидаи хеш ҳикоят мекунад. Ин хобҳо баъзе лаҳзаҳои шарҳиҳолии худи муаллиф низ ҳаст. Яъне бисёр лаҳзаҳои тарҷумаиҳолии Донишро низ равшан месозад.

Боби бистум. «Дар таҳрири маъноии баъзе абёт, ки афозили аср истадъо намуда буданд». Дар ин боб Дониш баъзе байтҳои Бедилро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Боби бисту якум. «Ҳикояти бӯзинаи таббох».

Боби бисту дуюм. «Дар маънии ҳадиси «Сақф-ул-ҷаннати аршу-р-Раҳмони ва баёни ҳашру Нашр».

Боби бисту сеюм. «Дар ташхиси ахлоқи инсон». Аҳмади Дониш дар ин боб менависад, ки инсон дар хулқу атвор мисли тилло ва нуқра аст, зеро тилло ва нуқра то ин ки холис шаванд, аз чандин кӯраву бӯта мегузаранд. Инсон ҳам бояд аз чандин таҷрибаҳои рӯзгор гузарад, то ин ки хислатҳои разилаву бади худро рафъ созад. Ӯ бештар аз сокинони ҷомеаи онрӯзаи Бухоро намунаҳо меорад. Барои он ки инсони оқил ва инсони ҷоҳилро аз ҳам фарқ гузоред, бояд онҳоро санҷид.

Лаҳзаҳои тарҷумаҳолии Дониш дар асар хеле зиёданд. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» аз оғоз то анҷом мо нақши эҷодкори онро мушоҳида мекунем. Зеро аксари бобҳои асар ба тариқи суолу ҷавоби муаллиф бо образи асосии боб, ки дӯстони муаллиф мебошанд, сомон ёфтаад. Чунончи, дар боби панҷум «Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат» омадааст:

«Навбате муҳаррири сутурро бо ҷамъе аз дӯстон дар зиёфате иттифоқи маҷлисе афтод. Мизбон ба тақрибӣ ҳикояте овард, аз он чи бар ӯ гузашта буд. Ва ман чун гӯшу чашм ба иборат кушода доштам, сурати он базмро дар силки тақрир кашидам.

Мизбон чун аз нақизу радди сухани ёрон оҷиз буд, дар аксари муқаддимот муҳаррири сутурро ба шаҳодат мекашад, ки агар бовар надоред ва дар шак бошед, аз меҳмон пурсед, ки вай дидааст ва хуб шунида ва медонад ва дар аксари ин маорику маҷолис расида ва хуб медонад.

Ва ман низ дар он чи дида будам ва яқин дониста, гувоҳӣ медодам…»

Агар дар ин бобҳо ҷараёни воқеаҳо ба тариқи суолу ҷавоб сурат гирифта бошад, дар баъзе ҳикоёти дигар адиб комилан саргузашти худро баён месозад. Масалан, бобҳои ҳафтуму ҳаштумро метавон номбар кард. Ин бобҳо сафарҳои Аҳмади Донишро ба Россия дар бар мегирад. Чунончи: «Навбате, ки ба масҳуби Сайид Абдулфаттӯра ва рафоқати Абулқосим-бӣ ба сафорати Рус иттифоқи вуруд афтод, расм аст, ки дар ҷо элчиёнро барои изҳори ҷоҳу дастгоҳи давлати хеш ва маҷолису маҳофили бузург ва тамошохонаҳо имороти олия ва хазоину дафои мегардонанд ва бад-он тафохуру мубоҳот мекунанд…

Ва билҷумла шабе мутарҷим аз қибали вазир омада, моро ба маҷлисе «суронияя» ном таклиф намуд. Бо чаҳор нафар дар он базм рафтем… Дар иморате рафеъ ва манеъи олии зарандуд даромадем, мабно бар хонаҳо ва ҳуҷароти бисёр ва дарҳои ойинакорӣ ва аз ҳама дарҳо пардаҳои ҳарир фурӯҳишта, муштамил ба кату каровати зарнигор ва ойинаҳои ситабри бузург баробари қадди одамӣ ниҳода»… ва ғайра. Яъне фаъол гардидани симои адиб дар ин боб, чунон ки маълум шуд, бештар ба назар мерасад. Зеро мушоҳидагар ва нақлкунанда худи адиб аст. Аз тарафи дигар, боби мазкур холӣ аз ҳама гуна хаёлбофиву тасвирсозиҳост. Зеро муаллиф ҳар он чизеро мебинад, мушоҳида мекунад, онро айнан ба қалам меорад. Ин бобро метавон очерки сафарӣ номид. Воқеан чунин тарзи сафарноманависӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аз Носири Хусрав («Сафарнома»-асари насрӣ) шакли манзуми он бошад аз Ҳоқонии Шарвонӣ («Тӯҳфат-ул-Ироқайн») оғоз шудааст. Давоми мантиқии боби ҳафт боби ҳаштум ба шумор меравад, ки «Дар сафорати Абдулқодирбек ва аҷоиби ҷашни Русия»-ном дорад. Ин боб низ мисли очерки сафарӣ буда, Аҳмади Дониш саргузашти худ ва мушоҳидаҳои сафарашро ба қалам додааст. Чунончи: «Навбате ба масҳуби Абдулқодирбеки Додхоҳ дар мавриди тӯи императури Рус ҳам

ва ҳукми давлати Бухорои Шариф ва пойтахти давлати Русия ба расми таҳният ва сафорат бо тӯҳаф ва ҳадоёи лоиқа иттифоқи вуруд воқеъ шуд… Ва ҳар боре, ки мутарҷим бо мо мулоқот мекард, аз ман мепурсид, ки:

-Охир агар шеъре бастаӣ, дар назар ор, то бинам, ки чӣ мазмун гуфтаӣ?

-Ман гумон кардам, ки мабодо маро имтиҳон кунад ва оҷиз ёбад. Дар охир номи домод ва номи арӯс пурсидам.

-Гуфт:

Алфред ва Морӣ… Маҷмӯъ нӯҳ ҳарф буд. Пас нӯҳ ҳарфро ба аввали нӯҳ байт мувашшаҳ намуда ба дасташ додам…» ва ғайра.

Ин аст, ки «Наводир-ул-вақоеъ» баробари таълиф як ҷунбиши фикрӣ, ангезаи зеҳнӣ ва бархурдҳои мафкуравиро ба вуҷуд овард. Махсусан, барои адибони ибтидои асри XX. Устод С.Айнӣ, ки бо ин асари Аҳмади Дониш дар охири солҳои 90-уми асри XIX шинос шуда буд, аҳволи рӯҳия ва таассуроти одамони пешқадами он даврро аз хондани ин асар аз забони худ чунин баён намудааст:

«Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зидагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки дунё ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард? Аммо вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ, бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, хондам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам, ки ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст. Инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод».

Умуман, дар «Наводир-ул-вақоеъ» масъалаҳои сиёсӣ: усули мамлакатдории Бухоро ва Россия, муносиботи давлат бо раъият, мақомоти қудратии ин ду кишвар; масъалаҳои иқтисодӣ: зироатӣ будани Осиёи Миёна ва саноатӣ будани Россия; фарҳангӣ: нашри рӯзномаву маҷаллаҳо, нашриёту китобчопкунӣ, шаҳрсозӣ ва зебу зинати хиёбонҳову гулгаштҳо, толорҳои консертӣ ва биноҳои мӯҳташам; ороиши кушкҳову манзилҳои истиқоматӣ, системаи абёрии шаҳрҳо ва ғайра.

Дар масъалаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ бошад, баъзе ҳикоёту бобҳои асар хеле ҷолибанд. Хусусан боби панҷум «Дар ҳикояти фаромӯшхона» ё худ дар он ҷойҳое, ки Шукурбек ширкат варзида ва ӯ ба аҳли ҷоҳу мансаб бархурдҳои фикрӣ зоҳир намудаву аҳли заҳматро ҷонибдорӣ кардани вай ба тасвир омадаанд ва ғайра.

Дар асар андешаҳои Аҳмади Дониш ҳамчун адиби маорифпарвар дар баъзе бобҳо бисёр ҷолиб аст. Андешаҳои адиб дар ҳикоят ва қиссаҳои бадеӣ хеле хуб ифода шудааст. Мутафаккир ба воситаи образҳои бадеӣ ҳадафи худро ифода мекунад. Масалан, «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» чунин омадааст, ки марди

Бухорие, ки ба мақсади зиёрати Каъба сафар кардааст. Нависанда дар ин фасл нишон додааст, ки аз қаламрави Бухоро ба берун баромадан ва сайри олам кардан то чи андоза инсонро аз нигоҳи маънавӣ ғанӣ мегардонад. Марди ҳоҷӣ ҳангоми сафар ба Ҳиндустон меравад, дар он ҷо бо шахсони олиму фозил сӯҳбат мекунад, дар шаҳрҳои Ҳиндустон иншоотҳои саноатӣ, киштиҳои азими боркашу сафарӣ ва ғайраро тамошо мекунад, дар шаҳрҳо ба маърифату маориф, илму фарҳанг то андозае шинос мешавад. Марди сафарӣ ин пешравиҳоро дида, хаёлан ин шаҳрҳоро ба Бухоро муқоиса мекунад. Кӯчаву хиёбонҳои пур аз лой, роҳҳои каҷу ноҳамвор, иморатҳои бетартиби бе нақша сохташуда ва гилин, хусусан шабҳангом торику ваҳмнок ва ғайра. Ё худ:

«-Марди ҳоҷӣ бо ҳусни хати хеш ба саркори як шаҳр хеле маъқул мешавад ва он саркор, ки аслан забону адабиёти форсиро намедонист, марди хоҷиро ба хидмат қабул карда, ба ӯ пули бисёре дода, асарҳои олимони форсу тоҷикро нависонда мегирад. Марди ҳоҷӣ дар шаҳр сайр мекард ва боре дид, ки одамони бисёре ба лаби баҳр хок мерехтанд ва мехостанд дар он ҷо банде андохта, дӯконҳо кушоянд. Марди ҳоҷӣ дар ҳайрат афтода меандешад, ки барои як оё ин қадар заҳмат кашидан раво бошад? Саркор дар ҷавоб мегӯяд:

-Ақли шумо (мардуми Бухоро) ба ин кор намерасад ва агар гӯем ҳам, дарк карда наметавонед. Ва моро ба дунё оварданд, ки ҷаҳонро обод дорем ва баҳрҳову конҳо бикшоем ва аҷоиботи олами моддиро зоҳир гардонем… Миллатҳои гуногуни олам аз ҷаҳон манфиати бисёре бардоштанд, аммо онро ба ҳоли худ гузоштанд, наздик буд, ки ҷаҳон хароб шавад… Набинӣ, ки токи ангур, агар тарбият накунӣ, ҳар соле мева аз соли гузашта камтар медиҳад ва охир хушк мешавад. Шумо мева аз ток мехӯред, дигар ғам надоред, агар бехи ӯро кирм занад ва сарашро сармо»…

Дар қазовати боло назири Аҳмади Дониш ба қафомондагии Бухорои феодалӣ баён шудааст.

Дар лаҳзаҳои боло Бухорои замони Аҳмади Дониш тасвир шуда бошад, акнун мебинем, ки Петербург-пойтахти давлати Россия дар муқоиса чӣ гуна аст. Яъне Аҳмади Дониш Петербургро чӣ гуна дарёфтааст.

Аҳмади Дониш мушакпарониеро, ки дар ҷашни шоҳона дар Петербург барпо гардида буд, чунин тасвир кардааст: «Ва аз ҷумлаи аҷоиботи он тӯй яке чароғоне тартиб дода буданд дар болои яхбанди дарё, ки тахминан шаш ҳазор қадам мушаки рангин дар ҳаво сар дода буданд, ки рӯи осмон пӯшида шуд ва ҳаво ҳама аз моҳҳои сурху зард ва сапеду зангорӣ пур шуда буд, то ки зарраҳо бар рӯи замин намоён мешуд»… ва ғайра.

Чунон ки дида мешавад, дар мамлакатҳои пешрафта аҳволи мардумонаш, ки нисбатан хуб аст, ҷаҳонбинӣ ва муносибати мардум, сатҳи зинагӣ ва тафаккури онҳо дигар аст. Албатта, ин пеш аз ҳама, ба системаи сиёсии давлатдорӣ, усули роҳбарӣ, ҷаҳонбинию маҳорат ва донишу истеъдоди сиёсатмадорон сахт вобастагӣ дорад.

Боби аввали «Наводил-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш чунон ки қаблан ҳам зикр намуда будем, «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди уқуқи онҳо»-ном дошта, боби мазкур асосан ҷанбаи назариявӣ дорад. Яъне назари Аҳмади Дониш ба фарзанд, падару модар, оила, одоби муошират, инсон ва ҷомеа ва ғайра баён шудааст».

Дар ин боб омадааст, ки дар маҷлисе ҳар кас аз ҳар бобе сӯҳбат мекарданд. Баъзе аз бедирамӣ, ҷамъе аз душвории касбу зироат, ҷавқе аз суубати роҳи ишқу муҳаббат. Яке мегуфт: Падарам ҷафокор аст. Дигаре мегуфт: Модарам саросар озор, то сухан дар ҳадди ҳуқуқ ва меъёри ҳуқуқи абавайн қарор гирифт. Яке мегуфт:

-Чун ман дар иёли падарам, агар изҳори эҳтиёҷ кунам ва дар мутолаба ибром барам, ҳукм ба куфру исёни ман мекунад. Дигаре мегуфт: Дар умури саҳлатулҳусул, ки карду нокарди он дар шариату футувват базаҳ ва исме надорад, агар иқдом намоям, модар садои иқоқу ишқоқ мезанад. Яке гуфт: Падар маро барои инфоқи явмия ба умури номашрӯъ рухсат медиҳад ва агар ибо кунам, озурда мешаваду оқ мекунад. Дигар мегуфт: Модарам мутриба аст, хоҳарамро ба рақсу самоъ тарғиб мекунад, вай мутанаффир аст, бонг бар ӯ мезанад…»

Дар муҳокимарониҳои боло муносибатҳои гуногуни оилавӣ дар хонадони мардуми Бухоро дида мешавад. Падаре фарзандро бо баҳонае бо роҳи носавоб ҳидоят мекунад. Модаре барои ривоҷи кори худ, духтарашро ба он роҳ ғайри ихтиёри фарзандаш бурданӣ мешавад.

Бисёрҳо мешавад, ки ин корҳои абавайн хилофи ахлоқи исломист, вале онҳо ин корро барои рӯзгорашон пеш мегиранд.

Баъзан чунин ҳам шудааст, ки бисёр оилаҳо аз рӯи талаби волидайн дигар шудаанд. Яъне аз ҳам ҷудо шуда, оилаҳои дигар бунёд кардаанд:

«-Дигаре истифто менамуд, ки модаре дорам ҳариф шуда, агар саранҷоми муҳимми манзил ба модар супорам, аз ӯҳда барнамеояд, агар ба дасти зан ниҳам, норозӣ аст. Ва бар сари ҳар обу таом ғавғо бунёд мекунад ва зиёдасарию зиёдаталабӣ мекунад, то ҳадде, ки гӯё дигаронро ҳеҷ ҳаққе наменонад, гӯё ҳама аз они ӯст ва барои ӯ. Собиқ ду зан аз ман ба талоқу фироқ оварда ва дар зани сеюм низ ҳол ҳамон аст, ки дар аввал ва дуюм. Агар ба ҳуқуқи зан қиём орам, модарам хушнуд намешавад, магар ба талоқ, ки ҷабре ихтиёр кунам… Ман ташхис наметавонам кард, ки риояти кадом тараф кунам. Агар ҷониби модар гирам, бояд, ки аз ҳаққи зан даст бардорам ва агар тарафдории зан кунам, бояд ки оқи модарро ихтиёр намоям.»

Албатта, ҳамаи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳое, ки марбут ба рӯзгори инсонист, дар асоси қонунҳои исломӣ матраҳ, ҳаллу фасл шудаанд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш ин масъалаҳоро дар ҳамин замина хеле нозук ба муоина мегирад. Ӯ ба баҳсҳои дар боло оварда аз ҳамин мавқеъ, вале на чун мутаассиб, балки басо ҷиддӣ ва огоҳ ба кор мегирад. Аз ин ҷост, ки Аҳмади Дониш ба он баҳс чунин ҳамроҳ мешавад:

«Гуфтаанд: Бале, матлаб ҳамин аст, ин ишколро аз пеш бардорӣ ва ҳақиқати ҳолро камоҳӣ мутобиқи офоқу анфус шарҳ диҳӣ.

Гуфтам: Падару модар мавриди эҳсону шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзанди худ некихоҳанда ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянда, ки агар фосиқ бошанду ба фарзанд некӣ намехоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯро наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд, мавриди он ҳукуқ, ки дар оёту аҳодис омада нестанд. Ва ҳол он ки ҳар як аз абавайн муддаии инанд, ки мо дар ҳама ақволу афъол, ки аз мо содир мешавад, хайри фарзандро мехоҳем… Яъне бояд, ки қавлу феъли абавайн муфзӣ ба хилофи шаръ нашавад ва дар дину муруввати фарзанд халал наёрад, то фарзанд барои дарёфти ризогии онҳо муртакиби маҳзуроту маҳҷурот нагарад. Масалан, барои нафақаи онҳо дуздию қимор пеша накунад ё барои дарёфти хушнудии модар зани солеҳаи худро талоқ дода ба фисқу фасод ва **зинову ливотат** наяфтад.»

Ё худ агар масъалаҳои боло тамоман иҷтимоӣ бошанд, дар «Наводир-ул-вақоеъ» масъалаҳои сиёсӣ низ ҷои намоён доранд. Масалан, дар боби «Муомилаи салотин ба фуқаро ва раъият»… омадааст, ки:

«…Раъият маҳалли дахли вилоятанд ва аскария маврии харҷ. То дахл набувад, харҷ мутаҳаққиқ нашавад, балки салтанат бе раъият мутасаввир нагардад ва раъият бе истимолату марҳамати султон муҷтамеъ нагардад. Пас подшоҳ, ки мушфиқи дарвеш аст, нигаҳбони мулку давлати хеш аст, адлу раъфати султон муҷиби амну истиқомат аст мар раъиятро, то иморату зироат беш иттифоқ афтад. Ва чун иморату зироат ва адлу раъфати султон ва арзонӣ баландовоза шавад, бозаргону мусофирон дар ин шаҳр рағбат оранд ва ғаллаву қумош ва дигар матоъ биёваранд, пас мулк ободон шавад ва хазоин маъмур гардад. Ва бад ин сабаб лашкариён серу фарохдаст гарданд. Ва чун лашкар қавӣ бошад, ҳавзаи миллат маҳфуз монад ва шариат ривоҷ ёбад.»

Доир ба донистани ҳудуди кишвар ва арзиши минтақаҳо ва кадом минтақа чӣ дороӣ доштану ҳолати он ва дар ин бора муносибати шоҳ бо сарзамини худ ва ҳамҷиворон ҳикояти хеле олиҷанобе аз тарафи як сайёҳе ва муносибати он дар муколимае миёни, ӯву марди аврупоӣ чизҳои ҷолиб мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад:

«Яке аз сайёҳон гуфт: Дар Пешовар пеши ҳоким будам, ки аз қибали фарангӣ фармонраво буд. Рӯзе ба тақриб пурсид, ки Бухоро чӣ миқдор замини солеҳи заръ дорад?

Гуфтам: Тақрибан сӣ фарсах шарқану ғарбан ва понздаҳ фарсах шимолану ҷанубан.

Гуфт: Самарқанд чанд аст?

Гуфтам: Нисфи он.

Гуфт: Насаф?

Гуфтам: Сулси он.

Гуфт: Аксарияти дохилии Бухоро чанд аст?

Гуфтам се ҳазор, дар вақти ошӯб дувоздаҳ ҳазор, ба замми атроф бист ҳазор.

Гуфт: Мавоҷиби онҳо аз куҷост?

Гуфтам: Аз ушру хироҷи иртифоот.

Гуфт: Агар осмон набораду замин надиҳад?

Гуфтам: Аз ҷӯълу андоз.

Гуфт: Агар халқ оҷиз оянд ва натавонанд?

Гуфтам: Аз мусодараю ярғӯ, ки тавонгаронро афтад…

Гуфт: Аз Шумо то Бадахшон чӣ миқдор роҳ аст?

Гуфтам: Тахминан ҳаштод фарсах.

Гуфт: Аз маҳкуми кист?

Гуфтам: Ба сари худ аст.

Гуфт: Чаро подшоҳони шумо онро дар тасарруфи худ намеоранд?

Гуфтам: Он чӣ замин аст?

Бихандиду гуфт: Шумо турфа мардуми бетамизед, ҷое ки зар бояд сарф кард, шумо зар металабед ва ҷое, ки зар аст, намеҷӯед. Бадахшон замине аст, ки дар он чаҳор маъдан: тилло, нуқра, лаълу лоҷувард…

Пас, ҳиммати подшоҳона он иқтизо дорад, ки зар аз кону дурр аз баҳр биталабад ва ба фуқарою раият сарф кунад, то ҷаҳонро обод дорад ва ба кушодани наҳрҳо ва буридани кӯҳҳо ва зироати арозии майита. Ва кушодани кон бе раъият имкон надорад ва ғайра…»

Дар қазоватҳои зикршуда мо ҷаҳонбинии шоҳон, масъулиятшиносии онҳо, усули кишвардорӣ, муносибат бо халқ ва мақомоти давлатиро ба хубӣ фаҳмида метавонем. Мибинем, ки амирони манғитӣ ба ҷуз роҳи зӯриву тарсонидани мардум кори дигареро фикр ҳам накардаанд. Аз ин ҷост, ки оддитарин аврупоӣ дар боби кашвардорӣ нуқсону сустии амирони мазкурро медонад. Ин аст, ки назари Аҳмади Дониш низ ба ин сулола хуб нест ва онҳоро мутанаффир, кӯтоҳандешу бетамиз меномад.

Чизи дигареро низ метавон таъкид намуд, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» мавзӯъҳои ҳамосӣ ҳам ба назар мерасанд. Масалан, боби XVIII, саргузашти муллои Бойсунӣ – Холмуҳаммад, ки марди шуҷоъу далер ва шикорпеша аст. Рӯбарӯшавии ӯ бо ҳайвоноти даррандаи ваҳшӣ, мисли шер, хирс ва ғ. ки гоҳе бо зӯрӣ ва баъзан бо ҳилла ҷон ба саломат мебарад, аз ҷасурию далерии Холмуҳаммад шаҳодат медиҳад. Ҳатто аспи худро ба болои дарахт мебардорад. Яъне таҳамтан ҳам ҳаст.

Ҳамин Холмуҳаммад нақл мекунад, ки:

«-Дар он овон Шукурбек ном дузди шабрав дар Бухоро истило ёфта, басе захиму ҷасим ва айёрипеша буд. Дар шаб бо сад нафар муқобил шудӣ. Ҳарчанд диловарони зӯрозмо ва баҳодурони разморо сари роҳаш мегирифтанд, тоби муқобала наёварда рӯй ба гурез мениҳоданд.

Бо ин ҳама ҷабборӣ ва мардумозорӣ карампеша, олиҳиммат буд, ки мол аз тавонгарони бахил ситада ба мустаҳаққиқони алил расонидӣ ва бо аҳли илм ва талабаи мадраса ионоӣ кардӣ. Амир барои ӯро дастгир кардан 100 динор зари сурх ба гарав монда буд.

Мулло Холмуҳаммад инро шунида назди мударрис меояд ва иҷозат мепурсад, ки барои дастгир намудани Шукурбек ба ӯ иҷозат бидиҳад. Мударрис мегӯяд: Зинҳор ин ҷуръат мекунӣ, ки пои хасмро надида, сар

ба бод диҳӣ. Надонӣ, пил шикорӣ гавазн нашавад ва шер мусаххараи рӯбоҳ нагардад:

Ҳар ки бо фӯлодбозу панҷа кард,
Соида симини худро ранҷа кард.

Хулоса, мударрисро бовар кунонидам ва ӯ ба ман иҷозат дод ва таъкид намуд, ки эҳтиёт кунам. Ман - мегӯяд Мулло Холмуҳаммад, ба назди асас рафтам ва арзи мақсад намудам. Ӯ низ хандид. Чун ӯро низ бовар кунонидам, ӯ як миқдор пул ба ман доду гуфт, ки мондагиашро баъд аз овардани Шукурбек мегирӣ. Ман рафтам. Роҳи омадани Шукурбекро аниқ кардам. Ӯро шабонгаҳ ёфтам ва хостам бо калтак ба сари ӯ фурорам, вале намедонам, ки чӣ шуд. Ҳамин қадар ёд дорам, ки рӯи синаам кӯҳи гароне афтида буд.. Шукурбек мақсади маро пурсид ва ман чизеро аз ӯ пинҳон накарда росташро гуфтам. Ӯ дигар маро азоб надод ва бо худ ба мадрасаи Кӯкалтош, ба яке аз ҳуҷраҳои он бурд. Ӯ дар он ҷо аз мақсади ман комилан огоҳ шуду як панҷа зари сурх ба ман дод ва гуфт, ки ба зодгоҳат рав. Агар бори дуюм фирефта шавию ба дастам афтӣ, зинда намераҳӣ.

Ман чунин кардам.»

Дар ин ҳикояти саргузаштии воқеӣ Шукурбек айёрпеша, дузд ва роҳзан аст. Гумон меравад, ки ноадолатиҳои замона ӯро ба ин роҳ бурдааст. Агар ӯ ноодил мебуд, баробари ҳуҷуми Мулло Холмуҳаммад ӯро бо андак зарба нобуд мекард. Вале ӯ ин амалро дар нисбати як нафар толибилми бебизоат раво надид.

Холмуҳаммад низ як тан толибилми дилсофу поктинат, вале ҳарису комҷӯ аст. Аз ин рӯ, ӯ ҳам аз таҳсил ва ҳам аз истиқомат дар Бухоро маҳрум мемонад.

Образи Шукурбек аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки ӯ ба муқобили ноадолатиҳо мебарояд. Онҳоеро, ки аз ҳисоби истисмор соҳиби сарват гардидаанд, ба онҳо кинаварзӣ мекунад. Моли ба яғмо бурдаашро ба толибилмон, бенавоён, дармондагон, тангдастон тақсим менамояд.

Умуман, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар адабиёти асримиёнагии тоҷик як падида, як бозёфти адабӣ аст, ки дар он ҳам аз сиёсат, аз иҷтимоиёту иқтисодиёт, аз илму фарҳанг ва аз таъриху адабиёт, аз бархурди фарҳангҳову тамаддунҳо, аз нақши инсон ва ҷамъият баҳсҳои сершумор ба миён меорад.

Ӯ барои пешрафти давлат, инқилобҳои фикрии мутафаккирон, эҷодкорон зимомдорони вақт, амирони манғитиро сахт ба зери тозёнаи танқид мегирад. Баробари хондани асар дар пеши назари хонанда шахсияте намудор мешавад, ки аз илму маърифат, фарҳангу таърих, сиёсат, усули кишвардорӣ, шеъру адаб, дину ойин, тамаддуну ҳикмати миллӣ хеле ва хеле амиқу дақиқ огоҳ аст. Яъне нависандаи китоби мазкур сиёсат, иқтисодиёт, илму фарҳанги миллиро комилан медонад. Дар баробари ин, ӯ аз сиёсат, иқтисодиёт ва илму фарҳанги Аврупоӣ низ огоҳӣ дорад. Ин аст, ки Аҳмади Дониш мушаххасан Бухоро ва қаламрави онро бо Россия ва ба ин восита бо Аврупои Ғарбӣ то ба андозае муқоиса мекунад. Аз ин ҷиҳат танқиди Аҳмади Дониш танқиди

зоҳирӣ ва ҳар чи бодобод нест! Ӯ он масъалаеро, ки маҳкум карданӣ шавад, хеле хуб аввал паҳлуҳои онро месанҷад, муойина мекунад. Ҷанбаҳои нораво ва нуқсондори онро дармеёбад ва бо далелҳои сершумор ба зери тозёнаи танқид мегирад.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» бештар масъалаҳои хеле муҳими фалсафиву иҷтимоиро, ки мавзӯи баҳси бузургони пешин қарор доштанд, ба миён мегузорад. Онҳоро таҷдиди назар мекунад. Аз дидгоҳи нав, аз рӯи талабу тақозои замони нав, шароиту заминаҳои нави таърихӣ ба тадқиқу мушоҳида мегирад.

Албатта, дар оғози сари қудрат омаданаш назари амир Музаффар ба Аҳмади Дониш дигар будааст. Аҳмади Дониш ҳайати сафорати Бухороро дар бесаводию бедонишӣ муттаҳам намуда, онҳоро кӯтоҳназар, худбину худхоҳ, бемасъулият, қафомонда меномад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, амир Музаффар хидмати Аҳмади Донишро қадр менамояд. Аз рӯи салоҳияте, ки амир дар ихтиёр дошт, ӯ ба Аҳмади Дониш рутбаи илмӣ-ифтихории **Ӯроқро** раво мебинад. Зеро Амир борҳо ҷанбаи амалии машваратҳои Аҳмади Донишро таҷриба намуда, дар амалияи муносибат бо Россия дидаву санҷида буд.

Аз ин рӯ, ба Аҳмади Дониш чанд мансаби давлатиро низ пешниҳод мекунад. Аҳмади Дониш ҳолати дохилии дарбору дарбориёнро дида, супоришҳои амирро ба таъхир меандохт. Аҳмади Дониш хуб медонист, ки «ба як гул баҳор намешавад». Танҳо бо омадани Аҳмади Дониш ба дарбор тағйироти ҷиддие дар сиёсат пайдо намешавад. Зеро ҳасудону чоплусон амирро хеле хуб иҳота кардаанд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар аксари бобҳои он масъалаҳои муҳимтарини назариявию амалиро аз мавқеи ҳикмати тамаддуну таовун ба таҳлилу тадқиқ мегирад. Чордаҳ боби асар (то рисолаи сиёсӣ) ба масъалаҳои басо муҳим-фалсафаи зиндагӣ, ҳикмати амалӣ бахшида шудаанд. Дар ин фаслҳо масъалаҳои ҷамъияти инсонӣ, беҳбудии рӯзгори мардум, ҳимояи адолати иҷтимоӣ ва роҳҳои он ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Умуман, бобҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ҳарчанд ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шудаанд, муҳим он аст, ки ба мақсади ягонаи муаллиф-яъне чӣ гуна ташкил намудани ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсияти инсон равона карда шудааст.

Ғояи асосии «Наводир-ул-вақоеъ» Аҳмади Дониш як бошад ҳам, вале мавзӯъҳои бобҳо мухталифанд. Дар бобҳои асар масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва ғайра баён шудаанд.

Маълум аст, ки «Наводир-ул-вақоеъ» барин асар наметавонад маҳсули меҳнати як ё дусола бошад. Аҳмади Дониш ин асарашро дар тӯли наздик ба понздаҳ сол рӯи кор овардааст. Вале муносибати мантиқии бобҳо хеле қавӣ аст. Аз тарафи дигар, дар ҳар як боб муаллиф ҷонибдори адолати иҷтимоӣ буда, онро пайваста ҷонибдорию ҳимоя менамояд. Танҳо бобҳои 16-23 андак дигартар буда, дар ин бобҳо нақши фалсафа ва шеъру адаб зиёдтар аст. Аз сӯи дигар, ашъори ахлоқӣ-

тарбиявӣ дар ин қисмат зиёдтаранд. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш ба ашъори Саъдии Шерозӣ бештар рӯ оварда, бо пораҳои шеърӣ ҷанбаъҳои тарбиявӣ ахлоқӣ ва таълимии ҳикояҳои асари худро тақвият медиҳад. Ин аст, ки пораҳои шеърӣ низ барои тасдиқи андешаву афкори муаллиф оварда шудаанд.

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва мазмуни мухтасари он

Дигар аз асарҳои Аҳмади Дониш, ки дар он афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва маорифпарварии ӯ хеле дақиқу амиқ баён шудааст, «Рисолаи таърихӣ»-и мутафаккир мебошад. Рисолаи мазкур қисмати аввали асарест, ки Аҳмади Дониш онро тамом карда натавонистааст. Азбаски асар нотамом мондааст, муҳаққиқон вобаста ба мазмуну мундариҷаи он ба ин асар унвонҳои «Таърихча», «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Тарҷумаи ҳоли амирони санғития» мондаанд. Маълум аст, ки рисола дар овони пиронсолии олим таълиф шудааст, зеро танҳо наздиктарин эҷодкорон аз таълифи он хабарор шудаанд. Ин асар тақрибан пас аз даҳ соли таълифи «Наводир-ул-вақоеъ» эҷод шудааст. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш тӯли даҳ сол тавонистааст сохтори сиёсии Бухоро, амиру аморат, сиёсатмадорону усули кишвардории онҳоро боз ҳам чуқуртар омӯзад.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» оид ба аморати Бухоро ва тартиботи сиёсиву иҷтимоии он ва иқтисодиёти кишвар, бо ислоҳот ва бартараф намудани як қатор нуқсонҳо беҳбудии онро чашмдор буд. Ӯ дар давоми даҳ соли омӯзиши минбаъда хеле фикру ақидаи худро оид ба ин масъала тағйир дод. Ана ҳамин ҷанбаъ рисолаи «Таърихча»-ро рӯи ҳастӣ овард.

Сохту таркиби асар

Аслан Аҳмади Дониш рисолаи «Таърихча»-ро ба фаслу бобҳо ҷудо накардааст. Ин рисола тақрибан аз нигоҳи сохтор чунин аст: муқаддима, қисмати асосии асар, ки дар навбати худ аз ду бахш иборат мебошад. Баъд аз ин хотимаи рисола пеш меояд, ки муаллиф андешаҳои худро натиҷагирӣ мекунад.

Мазмуни мухтасари рисола

Дар қисмати муқаддимавии рисолаи «Таърихча» андешаҳои Аҳмади Дониш ҳамчун олими ситорашинос ва ҳам донандаи фалсафаи инкишоф баромад мекунад.

Муқаддимаи рисола ва бобҳои минбаъдаву хулоса ҳам унвонгузории махсус нашудаанд.

Мутафаккир Аҳмади Дониш дар қисмати муқаддимаи рисола таъкид менамояд, ки: «Сабаби ободии ҷаҳон **ҳаёт, об** ва **адл** бувад ва боиси харобии маргу беобӣ ва зулм бошад, ки воситаи он аз олами улвӣ шаш кавкабанд. **Вуҷудиёт** аз натоиҷи табъи **Офтоб** ва **Зӯҳраву Муштарӣ**

ва **адамиёт** аз таъсироти Миррих ва Зуҳалу Қамар ва Аторуд муовини ҳар кадом аст».

Ба назари Аҳмади Дониш, дунё ва ҷамъияти инсонӣ пайваста дар ҷараёну рушд ва таназзулу харобишавӣ қарор дорад. Ӯ ин фалсафаи инкишофро дар заминаи сайри сайёраҳо қазоват менамояд.

Ӯ чунин мешуморад, ки агар 4 ва ё 100 сол давраи рушд бошад, ҳатман боз таназзул пеш меояд. Барои раҳоӣ аз ин дар ҳар як давраи муайян аз шоҳон ё аз донишмандон як ё якчанд гурӯҳ ба миён меоянд, ки онҳоро муҷаддиди (навкунандаи) алф (ҳазор) ё миа (сад) мегӯянд. Темур Ҳусайн Бойқароро, Абдуллоҳхон ва Субҳонқулихонро нишон медиҳад. Махсусан, Аҳмади Дониш нисбат ба амир Шоҳмуроди манғитӣ назари мусбат дорад. Зеро баробари сари қудрат омадани ин амир дар Бухоро навкарди соҳаҳо оғоз шудааст. Аҳмади Дониш ба Шоҳмурод баҳои баланд медиҳад.

Дар рисола нахуст воқеаи сиёсӣ тасвири ҳукумати Дониёл ва фаъолияти сиёсии ӯст, ки «Харобии назми аморат дар замони амир Дониёл ва тарзи салтанати амир Шоҳмурод» унвонгузорӣ шудааст. Назари Аҳмади Дониш ба ин амир ва усули мамлакатдории ӯ манфӣ мебошад. Аҳмади Дониш амир Шоҳмуродро нуқтаи баланд дониста, таназзулро аз аҳди амир Музаффар меҳисобад. Муаллиф менависад: «Аз ҷумлаи тадбирҳое, ки амир Музаффар дар назми ҳукумат ниҳод, барои ҷалби дилҳо ва ҷамъияти халқ яке он буд, ки ҳамаи нуқуд, дираму динорро ба нияти ғазо ва аскардорӣ аз миёни халқ бардошт ва дар хазина ниҳод, то агар касеро ба дираму динор эҳтиёҷ афтад, бояд, ки сари иродат ба давлатхона ниҳад ва хидмати амир кунад ва зар бибарад. Дигар аксар заминҳои фуқароро барои чаҳорбоғи султонӣ баргузида бихарад ва ҳар ҷо, ки боғе медиҳанд, барои подшоҳ мехариданд, то агар касеро иштиҳои ангуру анҷир, сар дар ин дарбор ниҳад»…» Инчунин боз мегӯянд:

«-Назми дигаре, ки амир Музаффар дар боби вилоятдорӣ ниҳод, рақси бачагон ва қавлу ғазали масхарабозон ва дорбозии эшон буд, ки дар тамоми солу фасул ин шева дар ҳамаи қаламрав ҷорӣ буд ва шабу рӯз овози нойу дуҳул аз ҳама ҷо баланд буд, то халқ гумон кунад, ки ҳама ҷо орамидааст…»

Назари Аҳмади Дониш ба амир Абдулаҳад низ хеле бад аст. Ин амир ягон беҳбудӣ барои кишвар накард,-« мегӯяд муаллиф.

Дар хотимаи рисола бошад, Аҳмади Дониш оид ба заволёбии аморати Бухоро сухан ронда –«Осмон бар сари инҳо фуруд ояд!» - мегӯяд. Ин аз як тараф, аз рӯи муоинаи ситораҳо бошад, аз тарафи дигар, Дониш хобҳои дидаи дӯстонашро низ чунин таъбир мекунад, ки натиҷаи аз осмон рехтани ситораҳо, танҳо монанди шер, пора - пора гардидани ӯ аз аз дасти даррандагони дигар ва ғайри ба ин гувоҳ мебошад.

Бояд гуфт, ки асари Аҳмади Бониш, ҳамчунон ки аз унвони он пайдост, яъне «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғиятия» таърихӣ-адабӣ буда, дар афкори адабии тоҷик мақоми арзанда дорад. Аз сабаби он ки таърихи асри муаллиф аст, ҷанбаи бисёр

қавии публитсистӣ низ гирифтааст. Вале он на публитсистика, балки асари таърихист, ки аз ҷониби адиби нависанда ва шоир рӯи кор омадааст. Дар рисолаи мазкур Аҳмади Дониш давлатдорони кишварашро бо усули пешгирифтаи давлатдориашон тасвир менамояд. Мушоҳидаҳои худро ошкору пинҳонӣ баён мекунад. Таваҷҷӯҳ танҳо ба амир Шоҳмурод дорад. Амирони дигари манғитро хеле сахт накӯҳиш мекунад. Дар муқобили амир Шоҳмурод ҳамон амирони дигари ин сулола меистанд. Масалан, амир Музаффар ва сари қудрат омадани ӯро сабаби бадбахтӣ барои ҷомеъа медонад. Зеро ӯ дар фикри беҳдошти кори мардум нест. Ӯ қудратро воситаи беҳтарини хушгузаронии умр меҳисобад. Аз ин рӯ, ҳолати кишварро басо табоҳ намуда, халқу мамлакатро ба вартаи ҳалокат расонида буд. Аз ҷумла, системаи тамоман вайрон ва бенизоми идораи давлат ва ҳокимияти амир, ахлоқи разилаи аъёну ашроф ва дигар табақаи ҳукмрон, бехирадӣ ва бетадбирӣ, кӯтоҳназарӣ ва беандешагии нахуствазири Бухоро, ахлоқи паст ва хислатҳои манфии худи амир кишварро ба гирдоби ҳалокатбор андохта буд.

Умуман, хизмати таърихии Аҳмади Дониш дар он аст, ки ӯ мероси адабӣ-илмӣ ва таърихии миллиро басо амиқу дақиқ омӯхта, ҳамчун таълимдиҳандаи мадраса ва фарди аз таърихи ислом огоҳ рӯ ба эҷод овардааст. Хусусан, таъсири «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз осори мансури бадеӣ дар эҷодиёти Аҳмади Дониш хеле фаровон ҳис карда мешавад.

Аз тарафи дигар, се сафари ӯ ба Россия – ба олами Ғарб, шиносоии мутафаккир ба симоҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, илмӣ, фарҳангӣ, адабӣ, инқилобӣ ва дигарон роҳи зеҳнии ӯро ба тафаккури нав муҳокимарониву натиҷагирии дигар равшан намуд. Ин аст, ки тозакориҳои мутафаккир низ дар ҳамин замина зуҳур кардааст. Ҳамин инқилоби фикрӣ, ҷунбиши зеҳнӣ, ғановати ақлонӣ ӯро водор намудааст, ки тарҳафкани ҷараёни нави мафкуравӣ дар таърихи адабиёту фарҳанг эътироф гардад.

Аҳмади Дониш ва маорифпарварони дигар.

Ҷараёни маорифпарварӣ яке аз дастовардҳои таърихии адибони тоҷик дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад. Хидмати таърихии Аҳмади Дониш аз он иборат аст, ки ӯ тавассути эҷодиёти худ ба зуҳуру ташаккули ҷараёни маорифпарварӣ бунёд гузошт.

Аҳмади Дониш афкори маорифпарвариро ҳам ба воситаи эҷодиёти худ, ҳам ба воситаи ҳамфикронаш оммавӣ намудааст. Мутафаккир дар асарҳои «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ», фасли понздаҳуми «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ва ғайра ба ин масъала таваҷҷӯҳи бештар кардааст.

Бузургтарин адиб, шоир, олим ва мутафаккир, устод С.Айнӣ оид ба баҳрабардории худ аз Аҳмади Дониш ва махсусан, аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ менависад: «Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки дунё

ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?»… Аммо, вақте ки ман он аҳволро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ-бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, хондам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман аслоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст… Инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод».

Албатта, дар ин қазовати устод С.Айнӣ мо ҷунбишҳои фикрӣ, бедории мафкуравии аҳли қаламро ба ҳаёт, ба рӯзгор мебинем. Яъне аз чунин тарзи муҳокимаронӣ пай бурдан мумкин аст, ки муносибати рӯшанфикрон нисбат ба рӯзгору зиндагӣ, ба сохти давлатдорӣ дигар шудааст.

Чунин бедории фикрӣ дар замони зиндагии Аҳмади Дониш зуҳур карда будааст. Минбаъд ҳам он доираи васеътареро фаро гирифтаву барои худшиносии мардум мусоидат кардааст. Аз ҷумла, дар интиҳои садаи XIX ва оғози асри XX як зумра аҳли қалами Осиёи Миёна: Шамсуддин Шоҳин, Абдулқодирхоҷа Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Тошхоҷа Асирӣ, Мирзо Сироҷ, Фитрату Муқимӣ ва дигарон дар осори адабии худ барои бедории фикрии омма хидматҳои бедареғ кардаанд.

Ба хусус, тасвирҳои реалистии Аҳмаи Дониш ба таҷрибаи эҷодии устод С.Айнӣ таъсири бузург расонидааст. Ҳатто тасвирҳои реалистии Аҳмад Маҳдуми Дониш ҷавони болаёқат – устод С.Айниро ба ваҷду ҳаяҷон овардааст. Ин аст, ки С.Айнӣ таассуроти худро пас аз хондани ҳикояти «Баққол»-и Дониш дар асари худ «Ёддоштҳо» чунин баён кардааст:

«-Ин тасвири Аҳмад Махдум ба ман ончунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт. Баққолеро, ки дар раставу бозор дар ду тарафи кӯча, дар дӯконҳояшон нишаста молҳояшонро мефурӯхтанд, дуру дароз пешашон истода тамошо кардан барои ман мумкин набуд…

Охир дар рӯ ба рӯи гӯшаи ҷанубу ғарбии саҳни мадрасаи Кӯкалтош баққолеро ёфтам, ки аз ҷиҳати қиёфаи зоҳирӣ ҳам ба баққоли Аҳмади Дониш монандӣ дошт… Ман ҳар рӯз соатҳо дар гӯшаи саҳн нишаста, кору кирдори он баққолро дар зери назари диққат мегирифтам ва ҳама кори ӯро мувофиқи кирдори баққоли Аҳмад Маҳдум меёфтам ва дар ин ҳол ба назари зиндагибинӣ ва ҳақиқатнигории муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» таҳсин бар таҳсинам муафзуд».

Аз ин рӯ, осори илмӣ, таърихӣ, адабӣ-бадеии насрӣ ва манзуми Аҳмади Дониш на танҳо барои илму адабиёт арзишманд аст, балки барои халқу давлат ва умуман ҷамъият аҳамияти бунёдӣ дорад. Зеро осори ӯ бедории фикрӣ, ҷунбишҳои маънавиётсоз ва инқилоби мафкуравии миллиро таъмин намуд. Барои худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ заминаҳои асосӣ бунёд кард.

Савол ва супоришҳо:

1.Оид ба овони тифлӣ ва ҷавонии Аҳмади Дониш чӣ медонед?

2.Дар бораи таҳсили ибтидоӣ ва мадрасавии Аҳмади Дониш маълумот диҳед.

3.Аҳмади Дониш ҳангоми таҳсил дар мадраса боз ба кадом касбҳо машғул шудааст?

4.Сабаби ба дарбор даъват карда шудани Аҳмади Дониш чӣ буд?

5.Аҳмади Дониш чанд дафъа ба Россия сафар кардааст?

6.Кадомин амири Бухоро ба Аҳмади Дониш унвони илмӣ-ифтихориро сазовор донист?

7.Оид ба Дониш натиҷаи сафарҳои Аҳмади Дониш ба Россия нақл кунед.

8.Сабабҳои норизоии амир Музаффар аз Аҳмади Дониш чӣ буд?

9.Ҳангоми сафарҳояш Аҳмади Дониш бо кадом шахсони сиёсӣ-таърихӣ, илмӣ ва фарҳангӣ шинос гардидааст?

10. Оид ба поёни рӯзгори Аҳмади Дониш чӣ медонед?

11.Мероси илмӣ ва адабии Донишро номбар кунед.

12. Асарҳои илмии Аҳмади Дониш кадом мавзӯъҳоро дар бар мегиранд?

13.Мазмуни мухтасари «Наводир-ул-вақоеъ»-ро нақл кунед.

14.Дар «Наводир-ул-вақоеъ» кадом лаҳзаҳои шарҳиҳолии нависанда инъикос шудааст?

15.Дар кадом фаслҳои ин асар мусофирати нависанда ба Россия баён гардидааст?

16.Назари Аҳмади Дониш ба авзои Бухоро ва муқоисаи он бо Россияро нақл кунед.

17.Аҳмади Дониш оид ба муносибатҳои ахлоқ ва оиладорӣ чӣ алоқа дорад?

18.Доир ба фаслҳои ҳамосии «Наводир-ул-вақоеъ» маълумот диҳед.

19.Дар хусуси шахсият ва корномаи Шукурбек чӣ медонед?

20.Тафовути боби 15-уми «Наводир-ул-вақоеъ» аз дигар бобҳои он дар чист?

21.Мазмуни мухтасари «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-ро нақл кунед.

22.Таваҷҷӯҳи Аҳмади Дониш ба кадоме аз амирони манғития бештар аст?

23.Тафовути «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисола»-ро дар чӣ мебинед?

24.Аҳмади Дониш дар таълифи «Рисола» ба кадом хулоса омадааст?

25.Оид ба ҷараёни маорифпарварӣ чӣ медонед?

26.Чаро Донишро асогузори ҷараёни маорифпарварӣ медонанд?

27.Таъсири Аҳмади Дониш ба маорифпарварони дигарро шарҳ диҳед.

САВДО

Яке аз шоирони хушзавқи нимаи дуюми асри XIX–1-8 Абдулқодирхоҷа Савдо дар рушди адабиёти давр саҳми сазовор гузоштааст. Ӯ асосан шоири ғазалсаро буда, дар таҳаввули навъҳои адабии дигар низ ҳиссагузор аст.

Абдулқодирхоҷаи Савдо дар Бухоро ба дунё омадааст ва санаи валодати ӯро миёнаи солҳои 1823-1825 муқаррар кардаанд. Тибқи шаҳодати Возеҳ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб…», баромади иҷтимоии Савдо ба хонадони олими маъруфи асри XVII - Мавлоно Шариф тааллуқ доштааст. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар хусуси дониши ҳаматарафаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва тақрибан дар овони 20 - 22 - солагӣ мадрасаро хатм намудани ӯ хабар медиҳад, ки хеле муҳим ва арзишманд мебошад. Савдо чи дар илмҳои табиатшиносӣ мисли риёзиёт, табииёт, нуҷум, ҳандаса ва чи дар илмҳои инсоншиносӣ ба монанди таърих, адабиёт, сарфу наҳв, луғат, мантиқ, ҳикмат ва ғайра баҳраи хеле комил дошта, нозукиҳои улуми мусиқӣ ва аз ҷумла, «Шашмақом»-ро низ азбар намуда, ҳатто дар навохтани асбоби мусиқии танбӯр соҳибтабъ будааст. Тазкиранигорон-Ҳашмат ва Садри Зиё афзудаанд, ки Савдо илми хатро ҳам хуб омӯхта, ба хаттотӣ низ машғул будааст. Вале пеш аз ҳама, Савдо дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири лирик-ғазалсаро шӯҳрат дорад. Савдо ҳанӯз аз овони хурдсолӣ, ҳангоми таҳсил дар мадраса ба эҷоди шеър низ шуғл варзидааст. Муҳим он аст, ки шоир дар эҷоди ғазалиёту мусамматҳо тахаллуси «Савдо»-ро ба кор бурда, дар эҷоди осори тамоюли ҳаҷвидошта тахаллуси «Бепул»-ро кор фармудааст. Зиёда аз ин, Мирзо Абдулазими Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл» хабар медиҳад, ки Савдо дар аҳди Насруллоҳхон (1826-1860) ба дарбор ҷалб карда мешавад ва ӯ дар ин ҷо бо пешаи тарроҳӣ (кашидани тарҳи иморатҳо) ва наққошӣ касби маош мекардааст.

Муаллифи ҳамин тазкира, яъне дар аҳди амир Насруллоҳхон ба дарбор роҳ ёфтани Мирзоабдулқодирхоҷа Савдоро хотиррасон менамояд. Аз ҷумла, ӯ таъкид менамояд, ки:

Дар айёми султони волоҷаноб,
Амир Насруллоҳи баҳодурхитоб.
Ба тарроҳию нақш маъмур буд,
Зи инъоми алтоф масрур буд.

Баъди ба сари қудрат омадани писари Насруллоҳхон-амир Музаффархон (1860-1885) Савдо ҳамчун яке аз надимони хоси Музаффархон фаъолият кардааст. Вале маълум аст, ки амир Музаффархон хеле шахси айёшу камҳавсала ва нисбати мулку давлат бепарвотаре будааст ва аз ин рӯ, ин хислати ӯ ба Савдо чандон писанд наомадааст. Соли 1873 Абдулқодирхоҷаи Савдо бо як супориши амир Музаффархон роҳи Балҷувонро пеш мегирад, вале аз рӯи тасдиқи устод С.Айнӣ, шоир дар синни 50-солагӣ дар дарёи Вахш ғарқ шудааст.

ЭҶОДИЁТИ САВДО

Савдо, асосан дар эҷоди ғазал, рубоӣ, мусаммат табъи баланд доштааст, вале бисёр афсӯс, ки тангии маишӣ ӯро имкон надодааст, ки

ашъорашро мураттаб намуда ба табъ бирасонад. Аз тарафи дигар, Абдулқодирхоҷаи Савдо дар таҳаввули насри бадеӣ низ саҳми босазо дорад. Ашъори ғиноии Савдо аз мавзӯъҳои ишқу ошиқӣ, шӯру исёнҳои қалбии инсонӣ, ҳиссиёти нозуку латифи одамӣ, бемеҳрии маҳбуба, вафодории ошиқ, бесабриву ношикебоии маъшуқа ва бовафоиву шикебоии ошиқ ва ғайра иборат аст. Умуман, лирика ва осори манзуми Савдоро муҳаққиқон иборат аз ду қисмат донистаанд: лирикаи ошиқӣ ва ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ. Дар рӯзгори Савдо таъсири Бедил ва ҷараёни бедилизм дар шеъру адаби Осиёи Миёна махсус буд. Аз ин рӯ, ин таъсир дар ашъори Савдо низ ба хубӣ ба мушоҳида мерасад. Албатта, ашъоре, ки то андозае оҳангҳои тасаввуфӣ доранд, ӯ дар тақлид ба ғазалиёти Ҳофиз эҷод кардааст ва чунин муносибати Савдо дар пайравии ашъори Бедил низ ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, ғазали зерин, ки онро зери нуфузи ашъори абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил гуфтааст, мунтахабан зикр хоҳем кард:

Ғайри ранҷурон зи кас аҳволи ранҷурон мапурс,
Захм донад чист ҳоли ҷисми лоғар теғро.
Донишат гар ҳаст, асбоби тамаллуқ гӯ, мабош,
Зевараш лозим набошад, ҳаст гавҳар теғро.
Аз мувосоҳои[53] софитинатон эмин мабош,
Фитнаҳо дар табъи ҳамвор аст музмар теғро.
Фитнаҷӯёни замонро тарбият кардан хатост,
Чарх аз моҳи нав охир хӯрд бар сар теғро.
Аз фусуни тарбиятҳои замон эмин мабош,
Рӯй бар санг аст аз дасти фасонгар[54] теғро….
Табъи Савдо пур зи истеҳсоли дунон тира аст,
Санги нохуш аз фасон[55] созад мукаддар[56] теғро.

Ғазали мазкур хеле ҳунармандона эҷод шудааст, мундариҷаи ғазал ва мавзӯи асосии он иҷтимоӣ-шиквоӣ буда, ҳолати қаҳрамони лирикиро фаро гирифтааст. Азбаски бунёди тематикии он ҳолати иҷтимоист, аз ин рӯ, хусусиятҳои шаклии он низ ба мундариҷа пурра тобеият кардаанд ва ин аст, ки теғ асбоби бераҳмтарин ба сифати радиф қарор дода шудааст.

Аз нигоҳи вазн ғазали боло хеле ҷолиб аст ва пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки ғазал тобиши қавии андарзӣ-мавъизатӣ, насиҳатӣ дорад ва аз ин рӯ, эҷоди он дар баҳри Рамал қарор дода шудааст. Яъне ғазал дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур иншо шудааст, ки аркони он чунин аст:

-- V -- -- I – V -- -- I – V -- -- I – V – ё: --V~
-- V -- -- I – V -- -- I – V -- -- I – V –

фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ё фоъилон ва ғайра.

Бояд гуфт, ки то ба имрӯзҳо ҷамъоварии абёти парешони Савдо идома дорад ва он чи ки аҳли илм то кунун дастрас намудаанд, бо назардошти

---

[53] Мувосо-созиш, ёрӣ
[54] Фасонгар-чархчӣ
[55] Фасон-қайроқ
[56] Мукаддар – тира, сиёҳ

шумораи аниқ чунин аст: 5 қасида, 56 ғазал, 2 мусаммати мухаммас, 6 маснавӣ, 9 рубоӣ, 11 фард, 1 марсия, 1 тарҷеъбанд, 1 таърих ва ҳафт ҳикояти мансур, ки яке аз онҳо ба номи «Музҳикот»[57] машҳур аст.

Дар ашъори ғиноии ӯ, ки ғазалиёт қисмати марказии онро фароҳам овардааст, ишқ ва мавзӯъҳои ишқӣ, нозу истиғнои маъшуқа, азоби ҳичрону дарди ҷудоӣ, умеди висолу дурии фироқ, таъҷили маҳбубаву шикебоии ошиқ ба таври хеле воқеӣ, мушаххас, дилпазиру хушоҳанг, гӯшнавозу ҷаззоб, матлубу мақбул ва бо ҳунари хеле волои шоирона эҷод гардидааст:

Омадӣ, ҳарфи ниҳонӣ ба ту дорам, бинишин,
Дарди ҳичрон ба ту як-як бишуморам, бинишин.
Нафасе сабр намо, ин ҳама таъҷил макун,
Пеши ту қиссае аз хуни дил орам, бинишин.
Ҳама сармоя ба савдои ту дорам, ҳайҳот,
Ним ҷон мондаву он ҳам бисупорам, бинишин.
Хуштар аз ҷони ҷаҳон донамат, аммо чӣ кунам,
Мадади толеъу иқбол надорам, бинишин.
Омадӣ бар сару имрӯз тараҳҳум кардӣ,
Рӯи худ бар кафи пои ту гузорам, бинишин.
Аз ғами турраи ошуфтаат ошуфта шудам,
Ҷамъ гардон ба мурувват дили зорам, бинишин.
Солҳо з-он нигаҳи масти ту будам махмур,
То зи сар дур шавад ранҷи хуморам, бинишин.
Ҳаст сармашқи дабистони дилам ёди хатат,
Рӯзу шаб нест ҷуз ин шева шиорам, бинишин.
Бармачин домон аз хоки ман, андеша макун,
Пок бар боди фано рафт ғуборам, бинишин.
Ҳар кас андӯҳи дили хеш ба ёраш гӯяд,
Дар ду олам набувад ғайри ту ёрам, бинишин.
Дил ба ҷуз васли ту бо ҳеч тасалло нашавад,
Нест дар ҳаҷри ту оромў қарорам, бинишин.

Яке аз ҷанбаъҳои ҳунарии ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо дарёфту корбасти радиф аст ва ҳунари ӯ дар истифодаи радиф ба ҳаддест, ки шояд кам шоире бошад, ки онро ҳис намояду дар шеъраш дар чунин шакл аз он кор бигирад. Масалан, қаблан мо огоҳ шудем, ки чун ғараз ҳасби ҳол, авзои қавии иҷтимоӣ бошад, ӯ аз теғ кор гирифта, барои таъкиди маъно онро (теғро) радиф қарор медиҳад. Дар ғазали зикршуда, ки ҳадаф ҳичрон, фироқ, дурӣ, сангдилию бемеҳрии маҳбуба аст, лаҳзаи висол, ки даме даст додааст, онро ғанимат медонад ва калимаи бинишинро (сабри маҳбубаро) барои таъкиди маъно ва қавӣ баромадани мундариҷаи ғазал радиф қарор медиҳад. Дар ғазали зикршуда, ки аз ёздаҳ байт иборат аст, дувоздаҳ маротиба калимаи (феъли амрии) бинишин ба сифати радиф таъкидан оварда мешавад, ки мақсад ҳамоно пойдории висол мебошад. Дар ашъори ғиноии Савдо, инчунин

[57] Музҳикот-мутоибот

мавзӯъҳои дигар аз қабили ҳаҷву танқид ва ҳазлу шӯхӣ низ хеле амиқ реша дорад ва хеле қавӣ садо медиҳад. Ӯ дар ашъори ғиноии худ, ба хусус аҳли амирону ҳокимон, золимону мумсикон, фиребгарону қалтабонон, рӯҳониёни мутаассибу риёкоронро сахт накӯҳиш менамояд ва дар айни ҳол, ба ҳимояи адолати иҷтимоӣ мехезад. Чунончи, дар ин шеъраш Савдо зоҳидонро, ки ба зӯҳди риёӣ рӯ овардаву асосҳои динро дуруст намедонанд, сахт танқид мекунад:

Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо?
Чун панди ту нест судмандо.
Ман нӯш гирифтам аз лабонаш,
Дигар чӣ кунӣ ҳадиси қандо?
Ишқидани мо на ихтиёрист,
Моро накунед ришхандо.
Тарзи дигаре биёр, Савдо,
Чун тарзи туро намехарандо.

Албатта, дар танқиди зоҳидони риёӣ ӯ ба пояи Камоли Хуҷандӣ нарасида бошад ҳам, пазироии анъанаро идома додааст. Зеро ҳаҷву танқиди Савдо ҷанбаи ҳазлу шӯхии киноямезе дорад, ки ин падида хоси худи ин шоир аст. Ин ҷиҳатро Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Шамсуддин Шоҳин низ тақвият додаанд. Ҳамин ҳиссиёти баланди ҳазлу шӯхӣ ҳатто дар ғазалиёти ишқии шоир низ ба мушоҳида мерасад. Чунончи:

Дил гум шуда ман ба пеши раммол
Рафтам, ки барои ман бизан фол.
Оҳид, ки : «Ин матоъ бурдаст,
Маҳбубаки шӯхи хурдакаксол».
Як зарра вафо бурун наомад,
Хоки ҳама бехтам ба ғирбол,
Саҳл аст, ки дар ҷафо бисабрам,
Хосияти сабр ҳаст исҳол.
Ай ҷони балокашида, меоҳ
В-ай қалби ситамрасида менол.
Акнун ту ба дасти ишқи ӯӣ.
Монандаи мурда пеши ғассол.
Пас дар ҳама умри худ надидам
Ороми тану фароғати бол.
Хубон чу ба мо баилтифотанд,
Моро чӣ зарурат аст ин ҳол?
Савдо, сари ишқбозият ҳаст,
Аввал ба каф ор маблағу мол.

Ин шеър аслан ишқӣ буда, оҳанги бисёр нозуки шӯхиомезе дорад, ки хоси сабки Савдо аст.

Ҳадафи шоир баёни арзи ҳоли ошиқ буда, зимнан ҳаҷви раммол низ хеле устодона ба тасвир омадааст, ки танқиди хурофот мебошад. Шоир дар маъниофариву мазмунсозӣ аз санъатҳои шеърии иғроқ, киноя,

маҷоз, тавсиф, таносуби сухан, нидо, ташбеҳ, истиора ва ғайра хеле ӯҳдабароёнаву ҳунармандона кор гирифтааст.

Аз нигоҳи хусусиятҳои шаклӣ низ ғазали боло ҷолибу хонданист. Ғазал мураддаф нест. Қофияҳои ғазал калимаҳои раммол, фол, хурдакаксол, ғирбол, исҳол, менол, ғассол, бол, ҳол, мол аст. Дар ин калимаҳои қофия ҷузви «-ол» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад ва ҳарфи «л» равист. Худи қофия қофияи муқайяд мебошад, зеро пас аз равӣ унсури дигар надорад.

Ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур (ё маҳзуф) эҷод шудааст, ки афоъили он чунин мебошад:

- - v / v - v - / v - ~
- - v / v - v - / v - ~

яъне: мафъӯлу мафоъилун, фаъӯлон ё ин ки фаъӯлун.

Вале аз нигоҳи истифодаи калимаҳо чанд феъли худсоз (ихтирои худи Савдо) дида мешавад. Он калимаҳо: оҳид-ба маънии сабр кардан, меоҳ-оҳ кашидан ё оҳ гуфтан мебошад. Албатта, чунин тарзи калимасозӣ хоси сабки Савдо буда, хилофи иштиқоқ аст. Вале барои оҳанги шӯхиомез касб кардани ғазал хизмат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар лирикаи Савдо андешаҳои маорифпарварӣ ва ҷунбишҳои мафкуравию бархӯрдҳои сиёсӣ ҳанӯз мушоҳиданашаванда аст, зеро чунин ҷунбишҳо, бедоршавиҳо, растохезҳои зеҳнӣ, бардоштҳои ақлонӣ, раҳоӣ аз тафаккури сирфан ғуломона то андозае пас аз нашрҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад Махдуми Дониш, «Савонеҳ-ул-масолик…»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тӯҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ ва ғайра ба миён омад ва аз ин рӯ, яке аз хидматҳои хеле шоистаи Савдо дар инъикоси мафкураи аср дар лирика ва насри бадеист. Дар ашъори ғиноии ӯ мавзӯъҳои дигари иҷтимоӣ аз қабили: шиква аз камбизоатӣ, аз тангии маишӣ, норизоӣ аз беқадрии аҳли илм, маориф, фарҳанг, санъат, беқадрии ҳунар, эҷоди бадеъ, танқиди хислатҳои разилаи инсонӣ аз қабили: кибру ғурур, бузургманишиву худхоҳӣ, ҳавобаландиву такаббур, пастфитратӣ, мардумфиребӣ, ғаммозиву чоплусӣ, муфтхӯриву ҳаннотӣ ва ғайра хеле хуб ба тасвир омадааст. Аз тарафи дигар, дар ашъори Савдо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ васф карда мешавад ва аз ҷумла, шоир чунин сифатҳои инсонӣ, саховатмандӣ, олиҳиммативӣ, хайрхоҳӣ, некӯкорӣ, илмдӯстӣ, хирадмандӣ, раиятнавозӣ, халқдӯстӣ, ватанпарварӣ, меҳнати софдилона, фурӯтанӣ, шикастанафсӣ, хоксорӣ, пуртоқатӣ, сабурӣ ва ғайраро ҷонибдорӣ менамояд. Албатта, Савдо дар оғози эҷодиёти хеш бештар ба шуарои номии таърихи адабиёти тоҷик мисли Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил барин шоирони соҳибмактаб пайравӣ намуда, ашъори ӯҳдабароёна эҷод кардааст. Вале мо ҳеҷ гоҳ чунин даъво надорем, ки эҷодиёти Савдо ба куллӣ тақлидист. Аз тарафи дигар, агар мантиқан андеша карда шавад, пас ҳар шоире наметавонад ба Ҳофизу Бедил барин симоҳои ҷаҳонии адабиёти тоҷик сару кор бигирад. Аз ин рӯ, худи далели ба ашъори Ҳофизу Бедил рӯ овардани Савдо башорати

истеъдоду маҳорат ва донишу малакаи эҷодии ӯст, ки тавассути осори маҳфузмондаи ӯ қазоват карда мешавад.

Дигар аз ҷанбаъҳои фурӯзони ашъори Савдо ва осори мансури ӯ тобиши хеле қавии ҳаҷвӣ доштани онҳо мебошад. Ӯ ҳам дар назм ва ҳам дар наср аз ҳикоёту латифаҳо, аз таъбироту суханҳои вирдизабонӣ хеле нозук кор мегирад ва дар натиҷаи он ҳаҷви малеҳе рӯи кор ҳувайдо мешавад. Инчунин, оҳанги тасвир тобиши ҳаҷвию танқидӣ касб мекунад. Адабиётшиносон мероси Савдоро, ки ҷанбаи мутоибавӣ дорад, дорои се бахш донистаанд:

1. Ашъори мутоибавие, ки ба тариқи зарофат-ҳазломезу шӯхиомез эҷод шудааст;
2. Ашъоре, ки дар пайравии Абӯисҳоқи Атъимаи Шерозӣ таълиф гардидааст;
3. Ашъори мутоибавие, ки тавассути он иллатҳои ҷомеъа танқиду мазаммат шудаанд.

Чунин табақабандӣ, ки зикраш дар боло рафт, ҳатто ашъори ошиқонаи Савдоро низ фаро мегирад. Ҷанбаи ашъори мазкури Савдоро муосирони ӯ-Шоҳину Ҳайрат идома бахшидаанд ва гуфтан мумкин аст, ки ҳатто муваффақият ҳам пайдо кардаанд. Албатта, ин мавзӯъ дар эҷодиёти Савдо нав нест, зеро ҳаҷву мутоиба дар адабиёти тоҷик яке аз мавзӯъҳои ҷовидона мебошад ва ғолибан яке аз мавзӯъҳои марказии ашъори шоирони то устод Рӯдакӣ будааст. Танҳо ба ёд овардани он кифоя аст, ки ҳатто дар адабиёти шифоҳӣ низ он мавқеи махсус дорад ва далели ин қазоват як қитъаи ҳаҷвии мардумони Балх дар ҳиҷои Асад ибни Абдуллоҳ аст, ки тибқи шаҳодати «Таърихи Табарӣ», ки соли 725 эҷод шудааст ва ҳаҷви сиёсӣ аст:

Аз Хуталон омадаиҳ,
Рӯ ба табоҳ омадаиҳ.
Хушку низор омадаиҳ,
Овора боз омадаиҳ.

Албатта, дар ашъори шоирони асри Х ин мавзӯъ хеле устувор гардида, ҳатто ба ҳамосаҳои миллӣ ворид шудааст ва далели қавии он эпизодҳои ҳаҷвӣ-танқидӣ ва мутоибавии «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ мебошад. Мо дар ин асар, яъне «Шоҳнома», ҳаҷви сиёсиро мебинем, ки ғолибан шоҳон, сиёсатмадорон танқид карда мешаванд, ба хусус Ковусшоҳ, Афросиёб, Заҳҳок, Ҷамшед, Салм, Тур ва дигарон. Инчунин рӯҳониёни зардӯштӣ, ки риё кардаанд, сарлашкарон, паҳлавонон ва ғайра. Дар асри XII Сӯзании Самарқандӣ ҳаҷвро аз ҳадди эътидол бароварда ба ҳаҷви қабеҳ бадал сохт. Дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ оҳанги хеле ҷиддӣ касб намуд. Анъанаи ӯро то андозае Абдурраҳмони Мушфиқӣ қабул карду тақвият бахшид ва ғайра.

Вале ҷанбаи малеҳи онро адабиёти тасаввуфӣ пазируфт, ки намунаҳои беҳтарини он дар маснавиҳо ва ашъори лирикии Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ (махсусан, дар «Корномаи Балх») тақвият бахшид. Дар осори Фаридуддини Аттор ва махсусан, дар маснавии Ҷалолуддини Балхӣ ҷилои тозаву нодир гирифт ва писанди

ҳамагон шуд. Аз ин нуқтаи назар, Савдо анъанаи мазкурро дар давраи тамоман нав, бо тобиши дигар эҳё кард. Муосирони ӯ ба ин ҷанбаи умумибашарӣ бахшиданд ва манзури мо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Мирзо Сироҷи Ҳаким мебошад. Тозакориҳои Савдо ҳам дар назм ва ҳам дар наср идома бахшидани мавзӯи мазкур мебошад.

Савдо на танҳо шоири тавоно, балки дар насри адабӣ ҳам табъи баланд доштани худро нишон додааст. Аз ӯ асари насрӣ низ боқӣ мондааст, ки намунаи хеле хуби насри мутоибавӣ мебошад. Ин асари мутоибавӣ таҳти унвони «Музҳикот» машҳур аст. Асари мазкур аз панҷ қисм иборат буда, муаллиф онҳоро таҳти унвони «Нағма» ёд кардааст. Жанри «Музҳикот» анъанавӣ нест. Масалан, ба асарҳои машҳуртарин нависандаи ҳаҷвнигори асри XIV-Убайди Зоконӣ («Ахлоқ-ул-ашроф», «Сипанд», «Даҳ фасл» ё «Таърифот» ва ғайра) монанд нест. Яъне аз ҷиҳати хусусиятҳои жанрӣ асари Савдо навоварӣ дар насри бадеист. Аз ин рӯ, дар лексикаи забони адабии тоҷик низ таъсири фаровон гузоштааст. Аз жанри дигар, дар насри ҳаҷвию мутобавии Савдо унсурҳои насри мусаҷҷаъ ба назар мерасад, ки ин унсур яке аз хусусиятҳои насри бадеии мутоибавии нависандаро фароҳам овардааст: «Аммо мисрае намехонд, ки каломоташ пӯла нашуда бошад ва аркони авзонаш шӯла. То ҳалворӣ гоҳе лӯндае ҳалвое дар кори мулло кардӣ ва муллоро аз ин ҳавлои бедуд хушнуд сохтӣ. Мулло бо даҳони ширин ба ширинмақолӣ ба мадҳи зуҳур-ул-ғайбаш низ пардохтӣ.

Баъзе аз бобҳои «Музҳикот»-и Савдо хеле хотирмону ҷолибанд Аз ҷумла, боби «Нағмаи чаҳорум: Достони Бибипанирии Кайвонӣ ва Она Маҷони Ходим». Эпизоде дорад, чунончи:«Рӯзе дар маҷлисе, ки ҷамъе аз занони акобиру аъён ҳозир буданд, келинбикаи баландҳиккаро зиён гирифт (бемор шуд). Лаб мегазиду дандон мехоид. Бибипанирии Кайвонӣ ба тарзи муомилашиносӣ ва қоидадонӣ ба дастур дар кораш кард, муфид наяфтод. То Она Маҷони Ходим пеш омада гуфт:

-Эй, дугона, корро бебаёна (номаълум) бояд кард ва тадбирро мавқеъ бояд шинохт, то ки чарх чун тир бар нишона ояд. Биби Маҳрӯй-модаршӯи ман, дасте дорад эм ва таҷрибае дорад қадим, касе ӯро биёрад, то аласе фармояд.

Чун ӯро овардаанд, чӯбе гирифту латтаву дастмони чарбӣ бар он печида, оташ дардода алиларо (беморро) чодире дар сар андохта, дар ҷое нишонда, оташро дар гирди сараш чарх гардонда, хондан оғоз кард, ки:

Алас, алас, алас,алас!
Кулли балолардан халас,
Чӯлларга бор, кулларга бор!

Чанд бор бар ӯ дамиду кафи обе бар рухсорааш пошид. Фурсате ҳанӯз нарафта, ки келинбикка чашм кушода ба ҳол омад ва мутаранними ин мақол гардид:

Ай очаҷон, бар нафаси покат офарин,
Бар хиштаки эзори дусад чокат офарин.

Ҷӯгизанони шаҳру мазангони бодия
Доранд бар фатонату идрокат офарин.
Бо ин ҳама наҳифию[58] барҷоймондагӣ
Бар дасти чусту бозуи чолокат офарин…»

Ҳикояти мазкур ба нодонии хусусан занони он рӯзгор бахшида шудааст, ки чунин рафтори онҳо боварӣ ба дин нею балки бадномкунии дин аст. Инҳо тоифаи занону бонувони оддӣ набуда, ашрофзодагонанд. Онҳо дар камақлию эътиқод ба хурофот ҳачв карда мешаванд. Аз ин рӯ, шеъри ҳачвиро Савдо аз забони ҳамон «келинчаки беморшуда» меорад, ки ба риёи зани аласкунанда дахл дорад.

Як хусусияти ниҳоят ҷолиби дигари эҷодиёти мутоибавии манзуму мансури Абдулқодирхоҷаи Савдо боз дар он аст, ки ӯ таркиби луғавии хеле аҷоиб дорад. Истифодаи калимаҳову ибораҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, эзор, хиштак, даму нафас, алас, дугона, бебаёна, дастмол ва ғайра. Инчунин Савдо баъзе калимаҳоро худ месозад, кашф мекунад, ки онҳо ба қоидаҳои сарфу наҳв чандон итоат намекунанд. Масалан: сихи хала (чӯбчае, ки маркабро бо он идора мекунанд), ишқидан (ошиқ шудан), меоҳ (оҳ гуфтан), палавидан (ош хӯрдан), чико (чи кор), тӯғрӣ (рост), фиребидан (фиреб додан), чалидан (мутобиқ шудан) ва ғайра. Яъне ӯ исмҳоро ҳамчун феъл ба кор бурдааст ва ин тарзи корбурд дар забони адабӣ нест.

Бояд гуфт, ки дар таърихи адабиёти тоҷик, агар чуқуртар андеша шавад, оддитарин адиб ҳам мавқеъ дорад, зеро анъана дар ин адабиёт, ки ниҳоят қавист, пас андак адиб ҳам, дар заминаи он даъвии тозаҷӯӣ мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, Савдо низ дар таърихи адабиёт мақоми худро дорад. Ӯ яке аз он шахсонест, ки сабки бедилиро қадре ҳам бошад, заминаҳои воқеӣ бахшид. Дар рушди адабиёт, истиқболи суннат саҳм гирифт. Ба адабиёти давр, муосирон ва адабиёти минбаъдаи тоҷик андаке бошад ҳам таъсир гузошт ва мавқеи худро ёфт.

Савол ва супоришҳо:

1. *Овони ҷавонӣ ва илмомӯзии Абдулқодирхоҷаи Савдо чӣ гуна гузаштааст?*
2. *Аз муосирони Савдо доир ба рӯзгору фаъолияти ӯ кадом тазкиранигор бештар маълумот додааст?*
3. *Савдо дар кадом мавридҳо тахаллусҳои «Савдо» ва «Бепул»-ро ба кор бурдааст?*
4. *Савдо дар дарбори киҳо хидмат намудааст?*
5. *Поёни умри Савдо чӣ гуна гузаштааст?*
6. *Мероси адабии Савдо аз чиҳо иборат аст?*
7. *Ашъори гиноии Савдо кадом мавзӯъҳоро дарбар мегирад?*
8. *Савдо аз шоирони ғазалсарои гузашта ба киҳо пайравӣ кардааст?*
9. *Хусусиятҳои фарқкунандаи ғазалиёти Савдоро шарҳ диҳед.*
10. *Хусусиятҳои ҳачвии ашъори Савдоро баён кунед.*
11. *Саҳми Савдо дар ташаккулу таҳаввули насри бадеӣ аз чӣ иборат аст?*
12. *Хусусиятҳои насри бадеии адибро шарҳ диҳед.*
13. *Таъсири эҷодиёти Савдо ба муосирон ва адабиёти минбаъдаро нақл кунед.*

[58] Наҳифӣ-сустӣ

НАВЪҲОИ ҚОФИЯ

Дар боло гуфтем, ки вобаста ба ҳарфи равӣ ва иштироки ҳарфҳои дигар қофияро ба ду навъ ҷудо мекунанд: қ о ф и я и м у қ а й я д в а қ о ф и я и м у т л а қ.

Қофияи муқайяд ва қофияи мутлақ ба ҳарфи равӣ вобаста аст. Агар баъди ҳарфи равӣ, ҳарфи дигаре наомада бошад, онро р а в и и м у- қ а й я д ё қофияи муқайяд меноманд. Агар баъди ҳарфи равӣ боз ҳарфи дигаре омада бошад, онро р а в и и м у т л а қ ё қофияи мутлақ мегӯянд. Азбаски ҳарфи равӣ ҳарфи асосии решагии қофия аст, қофияро низ ба қофияи муқайяд ва қофияи мутлақ ҷудо кардаанд.

Донишмандони илми қофия вобаста ба истифодаи ҳарфи равӣ ва ҳарфҳои дигари қофия (таъсис, дахил, ридф, қайд, васл, хурӯҷ, мазид, нойира) дар шеъри форсӣ – тоҷикӣ 35 навъи қофияро муайян кардаанд.

Аз байни ин миқдор 25 навъи он дар ашъори шоирони форс-тоҷик бештар маъмуланд. Ҳар як калимаи решагии қофия вобаста ба он ки дар таркибаш кадом ҳарф ё ҳаракат иштирок дорад, бо номи ҳамон ҳарфҳою ҳаракатҳо ёд карда мешавад. Масалан, агар қофия аз калимаҳои «бурдамешон»-у «озурдамешон» таркиб ёфта бошад, онро **қофияи мутлақ бо қайд, васл, хурӯҷ, мазид, нойира** меноманд. Сабаби чунин ном гирифтани қофия он аст, ки дар таркиби ҳарфҳои решаи қофия («-урдемашон») садоноки кӯтоҳи «у» ҳ а з в, ҳамсадои «р» қ а й д, ҳамсадои «д» р а в и и м у т л а қ, ҳарфи «е» в а с л, ҳарфи «м» х у р ӯ ҷ, садоноки кӯтоҳи «а» н а ф о з, ҳарфи «ш» м а з и д, ҳарфҳои «о» ва «н» н о й и р а мебошанд.

Аз ҳарфҳое, ки дар сохтани қофия иштирок менамоянд, т а ъ с и с, д а х и л, р и д ф, қ а й д ҳамеша пеш аз равӣ, ҳарфҳои в а с л, х у р ӯ ҷ, м а - з и д, н о й и р а доимо баъди ҳарфи равӣ меоянд. Тарзи ҷойгиршавии ҳаракатҳо низ мисли ҷойгиршавии ҳарфҳои қофияанд, яъне ҳаракатҳои р а с, и ш б о ъ, ҳ а з в, т а в ҷ е ҳ пеш аз ҳарви р а в ӣ, аммо ҳаракатҳои м а ҷ р о ва н а ф о з ҳамеша баъди р а в ӣ меоянд. Илова бар ин, дар илми қофия бо номҳои **қофияи пурбаҳо ва қофияи камбаҳо ё ноқис,** инчунин, **қофияи муҷаррад** дучор меоем. Қ о ф и я ҳ о и п у р б а ҳ о гуфта қофияҳоеро меноманд, ки ҳарфҳои решаи онҳо дар ҳамаи мавридҳо бе ҳеҷ гуна нуқс омада бошанд. Ба гурӯҳи қ о ф и я и к а м б а ҳ о ё н о қ и с қофияҳое дохил мешаванд, ки аз қонунҳои маъмулии он сарфи назар шуда бошад. Масалан, агар ҳарфи р а в ӣ дар калимаҳои қофия тағйир ёфта бошад (мисли т ӯ п бо х у б ва ғайра) ё ин ки дар байни ҳ а з в у т а в ҷ е ҳ ихтилофе афтода бошад (мисли б у р д ва г и р д).

Ҳамин тариқ, дар шеъри шоирони гузашта ва имрӯзаи форс-тоҷик бисту панҷ навъи қофияи пурбаҳо мавриди истифода қарор гирифтааст, ки аз инҳо иборатанд:

1.Қофияи муқайяди муҷаррад, яъне қофияие, ки решаи он фақат аз як ҳарфи равӣ иборат мебошад (мисли «д и л» ва «г и л». Мисол:

Даҳани танги ту аз писта шакар мерезад,
Лабат аз ҳуққаи ёқут гуҳар мерезад. (Исмати Бухорӣ)

Мисоли дигар:

То ҷон ба вафои ту даҳани танги ту дам зад,
Аз шаҳри бақо хайма ба саҳрои адам зад. (Хаёлии Бухоро̄й)

Боз як мисол:

Хатти тақдир аст холӣ аз *ғалат,*
Аз хато холӣ набошад ҳеҷ *хат*.

Дар байти аввал калимаҳои «шакар»-у «гуҳар» қофия, ҷузви «-ар» решаи қофия буда, ҳарфи «р» р а в и и м у қ а й я д ва садоноки кӯтоҳи «а» т а в ҷ е ҳ аст.

Дар байти дуюм бошад, калимаҳои «дам» ва «адам» ба вазифаи қофия омада, ҳарфи «м» равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи «а», ки пеш аз равӣ омадааст, м а ҷ р о мебошад. Дар байти сеюм «а»-и дуюми калимаи «ғалат» ва «а»-и калимаи «хат» тавҷеҳ, ҳарфи «т»-и ҳарду калима равии муқайяд мебошад.

2.Қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд, яъне қофияе, ки решаи он аз ҳаракати ҳазв, ҳарфи қайд ва ҳарфи равӣ иборат аст (мисли «ф а р қ» ва «б а р қ».

Мисол:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд. (Рӯдакӣ)

Мисоли дигар:

Макун тарки раҳил, ай турки сармаст,
Ки хоҳад шуд инони ақлам аз даст. (Ҷомӣ)

Дар байти аввал садоноки кӯтоҳи «у» ҳазв, ҳарфи «р» қайд, ҳарфи «д» равии муқайяд; дар байти дуюм садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв, ҳарфи «с» қайд, ҳарфи «т» равии муқайяд мебошад.

3.Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад (аслӣ), яъне қофияе, ки решаи он аз ридфи муфрад ва равии муқайяд (мисли «х е з» ва «р е з» иборат аст.

Мисол:

Дили зинда ҳаргиз нагардад *ҳалок*,
Тани мурдадил гар бимирад, *чӣ бок*? (Мавлавӣ)

Мисоли дигар:

Маро то кай *ҷигархун* дорӣ, ай дил?
Сиришкамро *ҷигаргун* дорӣ, ай дил.

Дар ҳарду байт калимаҳои «ҳалок»-у «бок» ва «ҷигархун»-у «ҷигаргун» қофия, ҷузвҳои «-ок»-у «-ун» решаи қофия буда, садонокҳои «о» ва «у» ридфи муфрад, ҳарфҳои «к» ва «н» равии муқайяд мебошад.

4.Қофияи муқайяд бо ридфи мураккаб (аслӣ ва зоид), яъне қофияе, ки дар решаи он ҳарфи ридфи муфрад (аслӣ) ва ридфи мураккаб (зоид) омадааст (мисли «г у з о ш т» ва «н а д о ш т»).

Мисол:

Маҷнун чу кушод номаи *дӯст,*
Афтод бурун чу писта аз *пӯст*. (Мактабии Шерозӣ)

Мисоли дигар:

Ишқ аст, ки чун шарора *афрӯхт,*
Хошоки вуҷуди хушку тар *сӯхт*. (Шайхам Суҳайлӣ)

Дар байти якум садоноки дарози «ӯ» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «с» ридфи мураккаб (зоид), ҳарфи «т» равии муқайяд; дар байти дуюм садоноки дарози «ӯ» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «х» ридфи мураккаб (зоид), ҳарфи «т» равии муқайяд мебошад.

5.Қофия муқайяд бо таъсис ва дахил, яъне қофияе, ки решаи он аз равии муқайяд иборат аст (мисли «с о ҳ и л» ва «ш о ғ и л»)

Мисол:

Чу равшан гашт мазмуни *китобат*,
Мутобиқ шуд саволаш бар *иҷобат.* (Ҳозиқ)

Мисоли дигар:

Чашми бадат, ай бадеъ шамойил,
Моҳи манӣ, шамъи ҷамъу мири қабойил. (Саъдӣ)

Дар байти аввал калимаҳои «китобат»-у «иҷобат» қофия буда, садоноки дарои «о» т а ъ с и с, ҳарфи «б» д а х и л, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ ва ҳарфи «т» р а в и и м у қ а й я д мебошанд. Дар байти сонӣ, дар калимаҳои «шамойил»-у «қабойил» «о» т а ъ с и с, «й» дахил, «и» ишбоъ ва «л» равии муқайяд аст.

6.Қофияи мутлақи муҷаррад, яъне қофияе, ки решаи он аз ҳаракати т а в ҷ е ҳ, ҳарфҳои равии м у т л а қ у в а с л ва ҳаракати маҷро иборат аст (мисли «модараш» ва «додараш»). Мисол:

Тиру теғ аст бар дилу *ҷигарам,*
Ғаму тимори духтару *писарам*. (Масъуди Саъд)

Мисоли дигар:

Ай хубтар зи пайкари дебои *арманӣ,*
Ай поктар зи қатраи борони *баҳманӣ.* (Мунҷик)

Дар байти якум калимаҳои «ҷигарам»-у «писарам» қофия, ҷузви «-арам» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро ва ҳарфи «м» васл аст. Дар байти дуюм калимаҳои «арманӣ»-ю «баҳманӣ» қофия, ҷузви «-анӣ» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» т а в ҷ е ҳ, ҳарфи «м» р а в и и м у т л а қ ва ҳарфи «ӣ» васл аст.

7.Қофияи мутлақ бо қайд, яъне қофияе, ки дар решаи он ҳаракати ҳ а з в, ҳарфҳои қ а й д, р а в и и м у т л а қ ва в а с л омадааст (мисли: «р а н г а ш» ва «н а н г а ш»). Мисол:

Аз сад хати ӯ яке *нагуфта,*
Аз сад гуҳараш яке *насуфта*. (Туғрал)

Мисоли дигар:

Болои сараш зи *ҳушмандӣ,*
Метофт ситораи *баландӣ.* (Саъдӣ)

Дар байти аввал калимаҳои «нагуфта» ва «насуфта» қофия шудаанд, ки садоноки «у» ҳ а з в, ҳарфи «ф» қ а й д, ҳарфи «т» р а в и и м у т л а қ ва ҳарфи «а» васл; дар байти сонӣ дар қофияҳои «хушмандӣ» ва «баландӣ» садоноки «а» ҳ а з в, харфи «н» қ а й д, ҳарфи «д» р а в и и м у т л а қ ва ҳарфи «ӣ» в а с л мебошад.

8.Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад ё аслӣ, яъне қофияе, ки дар решаи он ридфи муфрад, равии мутлақ, мачро ва васл омадааст (мисли: «ч о м а ш», «н о м а ш»).

Мисол:

Ҳар он шамъе, ки Эзид барфурӯзад,
Ҳар он кас пуф кунад, сиблат[59] бисӯзад. (Абӯшакури Балхӣ)

Мисоли дигар:

Чаҳоне, ҳамоно фусуниву бозӣ,
На бар кас камоиву бо кас насозӣ. (Мусъабӣ)

Дар ҳарду байт калимаҳои «барафрӯзад» бо «бисӯзад» ва «бозӣ» бо «насозӣ» қофия шудаанд. Дар байти якум чузви «-ӯзад» решаи қофия буда, садоноки дарозӣ «ӯ» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «з» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» мачро, ҳарфи «д» васл; дар байти дуюм чузви «-озӣ» решаи қофия буда, садоноки дарози «о» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «з» равии мутлақ ва ҳарфи «ӣ» васл аст.

9.Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад (аслӣ) ва ридфи мураккаб ё **зоид,** яъне қофияе, ки дар решаи он ҳарфҳои ридфи мураккаб (зоид), равии мутлақ, ҳаракати мачро ва ҳарфи васл меояд (мисли: «п и н д о ш т а ш» ва «д о ш т а ш»). Мисол:

Агар бо чафопеша *биштофтӣ,*
Ки аз дасти қаҳраш амон *ёфтӣ.* (Саъдӣ)

Мисоли дигар:

Чу дар дӯстӣ мухлисам *ёфтӣ,*
Инонам зи сӯҳбат чаро *тофтӣ*? (Саъдӣ)

Дар ҳарду байт калимаҳои охири онҳо бо ҳам қофия шудаанд, ки чузви «-офтӣ» («-ёфтӣ», решаи қофия мебошанд. Дар ин решаи қофия садоноки дарози «о» (дар қофияи **ёфтӣ** «ё») ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «ф « ридфи мураккаб ё зоид, ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «ӣ» васл аст.

10. Қофияи мутлақ бо таъсис ва дахил, яъне қофияе, ки дар решаи он ҳарфҳои таъсис, дахил, равии мутлақ, васл ва ҳаракатҳои ишбоъю мачро омадааст (мисли: «қ о с и р а м» ва «м о ҳ и р а м»). Мисол:

В-ар ӯ низ дарсохт бо *хотираш,*
Зи Машриқ амал баркану *нозираш.* (Саъдӣ)

Мисоли дигар:

Ки бечорагонро ҳаме *ёварӣ,*
Ба некӣ ба ҳар доварон *доварӣ.* (Фирдавсӣ)

Дар байти аввал дар калимаҳои «хотираш» ва «нозираш» чузви «-отираш» (дар қофияи дуюм – «озираш», решаи қофия буда, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «т» («з») дахил, садоноки кӯтоҳи «и» ишбоъ, ҳарфи «р» равии мутлақ, садоноки «а» мачро, ҳарфи «ш» васл аст. Дар байти сонӣ дар калимаҳои «ёварӣ» ва «доварӣ» чузви «-оварӣ» («ёварӣ») решаи қофия буда, ҳарфи «о» («ё») таъсис, ҳарфи «в» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ, ҳарфи «р» равии мутлақ ва ҳарфи «ӣ» васл мебошад.

***Савол ва супоришҳо*:**

[59] Сиблат, саблат, - мӯйлаб, бурут; риш.

1.Қофия ба чанд навъ ҷудо мешавад?

2.Кадом навъи қофияро қофияи муқайяд мегӯянд?

3.Қофияи мутлақ чист?

4.Байте бигӯед, ки дар решаи қофияаш равии муқайяд ё аслӣ омада бошад.

5.Тафовути қофияи муқайяду мутлақ дар чист?

6.Кадом навъи қофияро қофия муқайяди муҷаррад меноманд?

7.Қофияе, ки дар решаи он ҳарфи қайд ва равӣ омада бошад, чӣ меноманд?

8.Дар байти Ҷомӣ кадом навъи қофия омадааст?

Аз шаҳи Юнон Ҳакими тезҳуш
Кард чун афсонаи фарзанд гӯш.

9.Дар қофияи муқайяде, ки ридфи мураккаб дорад, боз кадом ҳарфҳои қофия омада метавонад?

10.Дар қофияи муқайяд бо таъсису дахил кадом ҳаракати қофия ҳатман бояд биояд.

11.Қофияи муқайяди муҷаррад аз қофияи мутлақи муҷаррад чӣ фарқ дорад.

12. Номи ҳаракатҳоеро гӯед, ки дар қофияи мутлақ бо таъсис ва дахил омадаанд.

13.Ҳаракатҳои, ки пеш аз ҳарфи равӣ меоянд, кадомҳоянд?

14.Дар байти:

Хатти тақдир аст холӣ аз ғалат,
Аз хато холӣ набошад ҳеҷ хат.

кадом навъи қофия омадааст?

15.Ҳарф ва ҳаракатҳои қофияро азёд гӯед.

АНВОЪИ ҚОФИЯ БО ҲУРУФИ ХУРӮҶ, МАЗИД ВА НОЙИРА

Донишмандони илми қофия вобаста ба иштироки ҳарфҳо, ҳаракатҳои қофия ва мавқеъи ҳарфи равӣ 25 навъи қофияи пурбаҳоро ҷудо кардаанд, ки дар шеъри шоирони гузашта ва имрӯзаи форс – тоҷик мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мо дар дарси гузашта даҳ навъи қофияи пурбаҳоро бо мисолҳои шеърӣ шарҳ додем. Ҳоло понздаҳ навъи онро пешкаши шумо менамоем:

11.Қофияи мутлақ бо хурӯҷ, яъне қофияе, ки дар решаи он равии мутлақ, васл, хурӯҷ ва боз ҳаракате аз кабили тавҷеҳ ва маҷро омадааст (мисли: «б а р в а р е м» ва а р ъ а р е м»). Мисол:

Мазан бо сипоҳе зи худ *бештар,*
Ки натвон зад ангушт бар *нештар.* (Саъдӣ)

Мисоли дигар:

Бо ту ба ҷуз роҳи ҳаво *наспарем*,
Ҷуз ба ғараз рӯи туро *нангарем*. (Ҷомӣ)

Дар калимаҳои қофияи байти якум ҷузви «-ештар» решаи қофия буда, ҳарфи «е» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «ш» равии мутлақ, ҳарфи «т» васл, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «р» хурӯҷ аст. Дар байти дуюм ҷузви «-арем» решаи қофия, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ мебошад.

12.Қофияи мутлақ бо қайд ва хурӯҷ, яъне қофияе, ки дар решааш ҳаракати ҳазв, ҳарфи қайд, равии мутлақ, васл ва хурӯҷ мавҷуд аст (мисли: «пайвастанд»-у «бастанд»). Мисол:

Чу ҳастандат ҳама *поинпарастон*,
Забардастӣ макун бар *зердастон*. (Амир Хусрав).

Мисоли дигар:

Тавони бетавонон ҳаст *чандон,*
Ки печад сахт дасти *зӯрмандон*. (Ҷомӣ).

Дар байти аввал ҷузви «-астон» ва дар байти сонӣ ҷузви «-андон» решаи қофия буда, дар решаи қофияи аввал садоноки «а» ҳазв, ҳарфи «с» қайд, ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «о» васл, ҳарфи «н» хурӯҷ; дар решаи қофияи сонӣ садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв, ҳарфи «н» қайд, ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи «о» васл ва ҳарфи «н» хурӯҷ мебошад.

13. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад ё аслӣ ва хурӯҷ, яъне қофияе, ки дар решаи он ридфи муфрад, равии мутлақ, тавҷеҳ, васл, хурӯҷ бошад (мисли: «н и ҳ о д а н д» ва «к у- ш о д а н д»). Мисол:

Аз ғамаш то чанд ояд бар дилам *бедодҳо*
В-аз лабам фаввора хезад шӯълаи *фарёдҳо*. (Шӯхии Хӯҷандӣ)

Мисоли дигар:

Нафрин кунам зи дард фиоли *замонаро*,
К-ӯ кибр доду мартабат ин *қуфшонаро*[60].(Шокири Бухороӣ)

[60] Қуфшона – шонаи бофандагӣ.

Калимаҳои «бедодҳо»-ю «фарёдҳо»-и байти Шӯхии Хуҷандӣ ва калимаҳои «замонаро»-ю «қуфшонаро»-и байти Шокири Бухороӣ бо ҳам қофия шудаанд. Дар решаи қофияи байти якум «-одҳо» ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи «ҳ» васл, ҳарфи «о» хурӯҷ дар решаи қофияи байти дуюм «-онаро» ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «р» васл, ҳарфи «о» хурӯҷ аст.

14.Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб ва хурӯҷ, яъне қофияе, ки дар решаи он р и д ф и м у ф р а д ё а с л ӣ, р и д ф и м у р а к к а б ё з о и д, р а в и и м у т л а қ, м а ҷ- р о, в а с л в а х у р ӯ ҷ омада бошад (мисли: «б и н в о х т а н д» ва «м е б е х т а н д). Мисол:

Бузургон нишастанд, хон *хостанд,*
Бихурданду маҷлис *биоростанд*. (Саъдӣ)

Мисоли дигар:

Зи пеши шаҳаншоҳ *бархостанд*,
Забонро ба нафрин *биоростанд*. (Фирдавсӣ)

Дар ҳарду байт ҷузви «-останд» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «с» ридфи мураккаб ё зоид, ҳарфи «т» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «н» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ аст.

15. Қофияи мутлақ бо таъсис, дахил ва хурӯҷ, яъне қофияе,ки дар решаи қофияи он ҳарфи таъсис, ҳарфи дахил, ҳаракати ишбоъ, ҳарфи равии мутлақ, ҳаракати тавҷеҳ, ҳарфи васл, ҳарфи хурӯҷ омада бошад (мисли: «з о л и м а с т» ва «о л и м а с т») . Мисол:

Ай ки атфол ба гаҳвора дарун аз ситамат,
Сур нодида бичӯянд ҳаме *мотамро*.
Қафасе шуд зи ту олам ба ҳама оламиён,
Ин-т заҳмат зи вуҷуди ту бани *Одамро*.
Ваҳ,ки то рӯзи қиёмат пайи олоиши мулк
Тоҳире аз ту наҷистар набувад *оламро*. (Саноӣ)

Дар ин байтҳо ҷузви «-отамро» («одамро» ва «оламро») решаи қофия буда, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфҳои «т», «д» ва «л» дахил, садоноки «а» ишбоъ, ҳарфи «м» равии мутлақ, ҳарфи «р» васл, ҳарфи «о» хурӯҷ аст.

16. **Қофияи мутлақ бо қайд, хурӯҷ ва мазид**, яъне қофия, ки аз ҳаракати ҳазв ҳарфи қайд, ҳарфи равии мутлақ, ҳарфи васл, ҳарфи хурӯҷ, ҳаракати нафоз ва ҳарфи мазид сохта шудааст (мисли: «ҷ а с т е м а ш» ва «б а с т е м- а ш»). Мисол:

Хорҳо буд дар раҳат, *кандемаш*,
Лолаҳои чида ор, *бандемаш*. (М. Солеҳ)

Мисоли дигар:

Ин дил, ки ба зулфи дилбаре *бастемаш*,
Ҳарчанд гусаст, боз *пайвастемаш*. (аз « Арӯзи тоҷикӣ»).

Дар байти аввал ҷузви «-андемаш», дар байти сонӣ ҷузви «-астемаш» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв, ҳарфи «н» (дар қофияи байти дуюм ҳарфи «с», қайд), ҳарфи «д» (дар байти дуюм ҳарфи «т»,

равии мутлақ, ҳарфи «е»васл, ҳарфи «м» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз ва ҳарфи «ш» «мазид» мебошад.

17. **Қофияи мутлақ бо хурӯҷ ва мазид**, яъне қофияе,ки дар решаи он тавҷеҳ, равии мутлақ, маҷро,васл, хурӯҷ, нафоз, мазид омада бошад (мисли: «д и л а с т а ш» ва «г у л а с т а ш»).Мисол:

Дар гулистони висолат чун *гуластам*,

Дар раҳи васли ту, ҷоно, *булбуластам*. (М.Солеҳ).

Мисоли дигар:

Ҷустуҷӯ кардам, ки ёбам розу асрори *дилашро*,

Бехабар будам, ки дилбар тарк карда *манзилашро*. (М.Солеҳ).

Дар ҳарду байт ҷузвҳои «-уластам» ва «-илашро» решаи қофия буда, дар решаи қофияи байти аввал садоноки қӯтоҳи «у» тавҷеҳ, ҳарфи «л» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «с» васл, ҳарфи «т» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «м» мазид; дар решаи қофияи байти сонӣ садоноки кӯтоҳи «и» тавҷеҳ, ҳарфи «л» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «ш» васл, ҳарфи «р» хурӯҷ, ҳарфи «о» мазид аст.

18. **Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, хурӯҷ ва мазид,** яъне қофияе,ки дар решаи он ридфи муфрад, равии мутлақ, маҷро, васл, хурӯҷ, нафоз ва мазид омада бошад (мисли: «р у х о н а с т а ш» ва «н и ш о н а с т а ш»). Мисол:

Аз харобот чун *бихонандаш*,

Рӯй ношуста *медавонандаш*. (Масъуди Саъд).

Мисоли дигар:

Гарчи бесомонам, аммо дар насаб *Сомониям*,

Хоҷаи Сайёд аёли бандаи *султониам*. (Абдӣ)

Дар байти аввал ҷузви «-онандаш» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «н»-и дуюм васл,ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз ва ҳарфи «ш» мазид аст. Дар байти дуюм ҷузви «-ониам» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ,ҳарфи «и» васл, ҳарфи «а» (дар навишти арабӣ-алиф) хурӯҷ ва ҳарфи «м» мазид мебошад.

19. **Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб, хурӯҷ ва мазид**, яъне қофияе,ки дар решаи он ридфи муфрад ё аслӣ, ридфи мураккаб ё зоид, равии мутлақ, васл, хурӯҷ, нафоз ва мазид омада бошад (мисли: « ш и т о ф т е м а ш» ва «н а ё ф т е м а ш»).

Ҳар чанд зи пай *шитофтемат*,

Ай гумшудадил, *наёфтемат*.

Дар ин байт ҷузви «-офтемат» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «ф» ридфи мураккаб, ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз ва ҳарфи «т»-и охир мазид мебошад.

Мисоли дигар:

Гарчи фалак зи пеш *бирондастӣ* маро,

Бо банди гарон фурӯ *нишондастӣ* маро.

Дар ин байт ҷузви «-ондастӣ» решаи қофия буда, дар он ҳарфи «о» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «н» ридфи мураккаб ё зоид, ҳарфи «д» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «с» васл, ҳарфи «т» хурӯҷ, ҳарфи «ӣ» мазид аст.

20. **Қофияи мутлақ бо таъсис,дахил,хурӯҷ ва мазид**, яъне қофияе, ки дар решаи он ҳарфи таъсис, ҳарфи дахил, ҳаракати ишбоъ, ҳарфи равии мутлақ, ҳаракати маҷро, ҳарфи васл, ҳарфи хурӯҷ, ҳаракати нафоз ва ҳарфи мазид омада бошад (мисли: « м о й и л а с т а ш » ва « ҳ о с и л а с т а ш»).Мисол:

Гарчи шоҳи ҳафт мулкам, *одиластам*,
Чун гадоён баҳри васлат *мойиластам*. (М.Солеҳ).

Мисоли дигар:

Дар роҳи ишқ оқилонанд гӯйё чун *гофилоне*,
Ғофилонанд аз тағофул гӯйё чун *оқилоне*. (М.Солеҳ).

Дар қофияҳои «одиластам» ва «мойиластам» ҷузвҳои «-одиластам» ва «ойиластам» решаи қофия буда, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфҳои «д» ва «й» дахил, садоноки кӯтоҳи «и» ишбоъ, ҳарфи «л» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «с» васл, ҳарфи «т» хурӯҷ, садоноки «а» нафоз, ҳарфи «м» мазид аст. Дар қофияи байти дуюм бошад ҷузвҳои «-офилоне» ва «оқилоне» решаи қофия буда, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфҳои «ф» ва «қ» дахил, садоноки кӯтоҳи «и» ишбоъ, ҳарфи «л» равии мутлақ, ҳарфи «о» васл, ҳарфи «н» хурӯҷ ва ҳарфи «е» мазид аст.

21.**Қофияи мутлақ бо хурӯҷ, мазид ва нойира**, яъне қофияе,ки дар решаи он ҳаракати тавҷеҳ, равии мутлақ, васл, хурӯҷ, нафоз, мазид ва нойира омада бошад (мисли: «п а р в а р е м а ш о н» ва «о в а р е м а ш о н»).Мисол:

То кай ба хуни дидаву дил *парваремашон*,
То кай зи раҳ раванд, ба раҳ *оваремашон*. (аз «Арӯзи тоҷикӣ»)

Мисол дигар:

Маро бо ёди ҷонон *парвариданд*,
Ба ҷои асли ӯ ҷон *оваридан*. (М. Солеҳ).

Дар байти аввал ҷузвҳои «-аремашон» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «ш» мазид, ҳарфҳои «о» ва «н» нойира мебошад. Дар байти дуюм ҷузвҳои «-ариданд» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии мутлақ, ҳарфи «и» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «д» нойира аст.

22. **Қофияи мутлақ бо қайд, хурӯҷ, мазид ва нойира**, яъне қофияе, ки дар решаи он ҳаракти ҳазв, ҳарфҳои қайд, равии мутлақ, васл, хурӯҷ, ҳаракати нафоз ва ҳарфи нойира омада бошад (мисли: «б у р д е м а ш о н» в а «о з у р д е м а ш о н»). Мисол:

Дӯстонро рахт аз кӯи вафо *бурдемашон*,
Худ биозурдем, аз худ низ *озурдемашон*.(аз «Арӯзи тоҷикӣ»)

Мисоли дигар:

Дар кӯи васли ҷонон ёбам чу *гардашонро*,

Беҳ з-он,ки дида бошам як лаҳза *дардашонро*. (М.Солеҳ)

Решаи қофияи байти аввал «-урдемашон» ва решаи қофи байти дуюм «-ардашонро» мебошад.Дар решаи қофияи байти аввал садоноки «у» ҳазв, ҳарфи «р» қайд, ҳарфи «д» равии мутлақ,ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «ш» мазид ва ҳарфҳои «о»-ву «н» нойира аст. Дар решаи қофияи байти дуюм бошад садоноки «а» ҳазв, ҳарфи «р» қайд, ҳарфи «д» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» мачро, ҳарфи «ш» васл, ҳарфи «о» хурӯҷ, ҳарфи «н» мазид ва ҳарфҳои «р»-ву «о» нойира мебошад.

23.**Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, хурӯҷ, мазид ва нойира,**яъне қофияе, ки дар решаи он ридфи муфрад, равии мутлақ, ҳаракати мачро, ҳарфи васл, ҳарфи хурӯҷ, ҳаракати нафоз, ҳарфҳои мазид ва нойира омада бошад (мисли: «й о р а с т а м е» ва «к о р а с т а м е»). Мисол:

Бишнав, ки ман насиҳати пирон *шунидаам*,

Пеш аз ту халқ будаву баъд аз ту *будаанд*.(Саъдӣ)

Мисоли дигар:

Ҷидди ӯ асли *некномиҳост*,

Ҳазли ӯ асли *шодкомиҳост*. (Масъуди Саъд)

Дар байти якум фақат як калима («будаанд») ба вазифаи қофия омадааст, зеро байти мусарраъ нест, яъне ин байти аввали ғазал набуда, яке аз байтҳои ғазал аст. Дар ин қофия ҷузви «-удаанд» решаи қофия мебошад ва ҳарфи «у» ридфи муфрад, ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи «а» (дар алифбои арабӣ «ҳо»-и ҳавваз аст) васл, ҳарфи «а»-и дуюм (дар алифбои арабӣ ҳарифи «алиф» аст)хурӯҷ, ҳарфи «н» мазид ва ҳарфи «д» нойира аст. Дар байти дуюм бошад ҷузви «-омиҳост» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «м» равии мутлақ, ҳарфи «и»васл, ҳарфи «ҳ» хурӯҷ, ҳарфи «о» мазид ва ҳарфҳои «с»-у «т» нойира мебошад.

24.**Қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб, хурӯҷ, мазид ва нойира,** яъне қофияе,ки дар решаи он ридфи муфрад, ридфи мураккаб, равии мутлақ, ҳаракати мачро,васл, хурӯҷ, мазид ва нойира (мисли « **н а п а р д о х т а н и с т а ш**» ва «д а р с о х т а н и с т а ш»). Мисол:

Гар дил зи ғами ёр *напардохтанисташ*,

Бо ӯ ба ҳама вуҷуд *дарсохтанисташ*. (аз «Арӯзи тоҷикӣ»)

Мисоли дигар:

Ки кассон дар ин раҳ фарас[61] *рондаанд*,

Бо лоҳис[62] аз так фурӯ *мондаанд*.

Дар байти аввал ҷузви «-охтанисташ» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «х» ридфи мураккаб ё зоид, ҳарфи «т» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» мачро, ҳарфи «н» васл, садоноки «и» нафоз, ҳарфи «с» хурӯҷ, ҳарфи «т» мазид, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз ва ҳарфи «ш» нойира мебошад. Дар байти дуюм ҷузви «-ондаанд» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи «н» ридфи мураккаб ё зоид, ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи

[61] Фарас-асп.

[62] Лоҳас, лоҳис-ночор.

«а» («ҳо»-и ҳавваз) васл, ҳарфи «а» (алиф) хурӯҷ, ҳарфи «н» мазид ва ҳарфи «д» нойира аст.

25.**Қофияи мутлақ бо таъсис, дахил, хурӯҷ, мазид ва нойира,** яъне қофияе, ки дар решаи он ҳарфҳои таъсис, дахил, ҳаракати ишбоъ, равии мутлақ, васл, хурӯҷ, ҳаракати нафоз, мазид ва нойира (мисли: «й о в а р е м а шо н» ва «о в а р е м а ш о н»).Мисол:

Тимори ҳаҷри ёрон *оварандашон*,
Висол аз чоҳи ғам *бароварандашон*. (М.Солеҳ)

Мисоли дигар:

Гар корашон ба ҷанг расад, *йоваремашон*,
Бо байрақи зафар ба сарой *оваремашон*. (аз « Арӯзи тоҷикӣ)

Дар байти аввал ҷузви «-оварандашон» решаи қофия буда, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «в» дахил, садоноки кӯтоҳи «и» ишбоъ, ҳарфи «р» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «н» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «ш» мазид ва ҳарфҳои «о»-ю «н» нойира мебошад.Дар байти дуюм ҷузви «-оваремашон» решаи қофия, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «в» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ, ҳарфи «р» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз ва ҳарфи «ш» мазид ва ҳарфҳои «о» ва «н» нойира аст.

Аз ҷумлаи ин 25 навъи қофия, ки дар боло овардем, як қисмашон хеле камистеъмоланд ва аксари муаллифони китобҳои қофия худашон барои онҳо байтҳои алоҳида сохтаанд. Ба ин гурӯҳи қофияҳо навъҳои 16-25 дохил мешаванд.

Илова бар ин, дар ашъори баъзе шоирони адабиёти классик форсу-тоҷик ба шеърҳое дучор меоем, ки нисфи калимаи қофияшавандаро аз арӯз (рукни охири мисраъи аввал) ба ибтидо (рукни аввали мисраъи дуюм) ва нисфи калимаи қофияи мисраъи сеюмро ба аввали мисраъи чаҳорум ва нисфи калимаи охири мисраъи чаҳорумро ба аввали мисраъи панҷум ва нисфи калимаи охири мисраъи панҷумро ба аввали мисраъи шашум ва ҳамин тарз то охири шеър мегузаронанд.Дар чунин ҳолат ҳарфи равӣ аз ҳарфи охирини решагӣ иборат нашуда, аз ҳарфҳои муқарарии калима таркиб меёбад, ки ба сари худ ҳеҷ гуна маънӣ надорад.

Сӯзании Самарқандӣ қасидае дорад, ки абёти он ба ҳамин тарзи қофиябандӣ иншо шудааст. Барои мисол ду байти онро меорем:

Саъди дин мадҳи хоҷаи *мустав*-
Фӣ шунидаву дар дил омад *сав*-
Дои он навтариқу кардӣ *таҳ*-
Син бар он вазни шеъру қофия *мав*…

Дар байни анвоъи қофия қофияҳои муқайяд бо ридф, бо ҳарфҳои қайд, таъсису дахил, қофияҳои муқайяди муҷаррад ва мутлақи муҷаррад хеле серистеъмоланд.Ин навъи қофияҳо якҷоя бо радиф дар шеър оҳанги хушу гуворо ба вуҷуд меоранд.Дар ин ғазали Камоли Хуҷандӣ қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ё аслӣ ва радифи «т у х у ш м е о я д» хеле хушоҳанг омадааст:

Навбаҳорон зи лилам *бӯйи* т у х у ш м е о я д,
Ҳамаро боғу маро *рӯйи* т у х у ш м е о я д.
Ҳамчу наргис наниҳам чашм ба сарви лаби ҷӯй,
Ки маро қомати *дилҷӯйи* т у х у ш м е о я д.
З-он ҳама ҳалқа , ки шамшод занад бар сари гул,
Бандаро ҳалқаи *гесӯйи* т у х у ш м е о я д.
Бӯйи гулзор хуш ояд ҳама касрову маро
Накҳати хоки сари *кӯйи* т у х у ш м е о я д.
Печи сунбул ба чаман ҳеҷ намеояд хуш,
Пеши рӯйи ту хами *мӯйи* т у х у ш м е о я д.
Шеваи чашм чу наргис чи кунад ишваву ноз?!
Шева аз наргиси *ҷодуйи* т у х у ш м е о я д.
Чашм накшуда ба рӯйи гул аз он рӯй, Камол,
Ки назар бар гули *худрӯйи* т у х у ш м е о я д.

Дар боло мо садоноки кӯтоҳи баъди дахилро (ҳаракати дахилро) ишбоъ гуфтем, зеро ин барои донистани таълимоти гузаштагон ёрӣ мерасонад. Баъзе донишмандон, аз ҷумла устод Баҳром Сирус таъкид мекунанд, ки садоноки кӯтоҳи пеш аз равӣ омадаро тавҷеҳ гӯем. Ин тарзи таълим хонандаро ба иштибоҳ меорад, зеро дар китобҳои қофияи классикӣ байни ишбоъву тавҷеҳ фарқ гузоштаанд. Барои ҳамин, хуб мешавад,ки садоноки кӯтоҳи баъди дахилро ҳаракати дахилро и ш б о ъ, садоноки кӯтоҳи пеш аз қайдро ҳ а з в садоноки кӯтоҳи пеш аз равиро (агар ҳарфи дахил набошад)тавҷеҳ, садоноки кӯтоҳи баъди равиро маҷро ва садоноки кӯтоҳи баъди васлу хурӯҷу мазидро нафоз гӯем.

Савол *ва супоришҳо*:

1.Миқдори анвоъи қофияи пурбаҳо чандтоянд?
2.Аз байни 25 навъи қофия кадомҳояшон серистеъмоланд ?
3.Кадом навъи қофияҳо камистеъмоланд?
4.Дар қофияи мутлақ кадом ҳарфҳои қофия иштирок мекунанд?
5.Агар баъди ҳарфи равӣ ҳарфи васл наомада бошад, онро ба кадом навъи қофия дохил мекунем?
6.Охирин ҳарфи қофияи мутлақ чӣ ном аст?
7.Мисоле биоред,ки дар он ҳарфи қайд, хурӯҷ омада бошад.
8.Дар қофияи мутлақ бо ридфи мураккаб ва хурӯҷ боз кадом навъи ридф омада метавонад?
9.Дар қофияи мутлақ бо таъсис, дахил ва хурӯҷ кадом ҳаракатҳои қофия омада метавонанд?
10.Барои чӣ навъҳои қофияҳои 16-25 камистеъмоланд?
11.Харакате, ки баъди ҳарфи дахил меояд, чӣ ном дорад?
12.Кадом ҳаракатҳо баъди равӣ меоянд.
13.Ҳаракати пеш аз ҳарфи равӣ чӣ ном дорад.
14.Қофия ва радиф дар шеър чи аҳамият доранд?

ШАМСУДДИН ШОҲИН

Шамсуддин Муҳаммад махдуми Шоҳин соли 1859 дар Бухоро, дар оилаи мулло Амони Хатлонӣ таввалуд шудааст. Мулло Амони Хатлонӣ дар овони ҷавонӣ барои илмомӯзӣ ба Самарқанд омада, баъди ду соли таҳсил азми Бухоро намуда, дар ин маркази илмию адабии Мовароуннаҳр мадрасаро хатм мекунад. Пас аз хатми мадраса Мулло Амон чанд муддат дар яке аз мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ ҳам кардааст. Шоҳин баъдҳо дар маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» ғамхории волидайнашро дар бораи худ аз забони падараш чунин ёдоварӣ мекунад:

Агарчанд умрам ба ҳафтод рафт,
Кунунам ғами пирӣ аз ёд рафт.
Падар чун ба модар суруд ин калом,
Ба таҳсили илмам намуд эҳтимом.

Шоҳин ҳангоми мактабхонӣ тахминан дар ҳашт ё нӯҳсолагӣ ба шеър гуфтан шурӯъ кардааст. Инчунин, ӯ дар хушнависӣ маҳорати том дошта, баъди хатми мактаб падараш ин ҳунари Шоҳинро дида, вайро пешаи мирзоӣ меомӯзонад. Хаттотон нозукиҳои ин пешаро ба Шоҳин ёд медиҳанд. Ӯ тӯли ду-се соли шогирдӣ тарзи хатнависӣ ва иншоро хуб ёд мегирад. Баъдтар дар синни 15-16- солагӣ Шоҳин барои таҳсили илм ба мадраса дохил мешавад.

Падару бобоёни Шоҳин аз тоифаи аҳли фазлу адаби Хатлон будаанд. Баъдтар падари Шоҳин ба Самарқанд ва аз он ҷо ба Бухоро меояд, ки мақсадаш танҳо таҳсили илм будааст. Аз рӯи ишораи сарчашмаҳои ин аср, Шоҳин фарзанди хурдтарини хонадон мебошад ва аз баъзе ишораҳои шоир маълум мешавад, ки дар хонадони онҳо духтаре ҳам ба дунё омада будааст. Зеро Шоҳин вафоти хоҳарзодаҳои худро дар як қитъаи таърих ишора мекунад:

Таърихи фавти ҳар ду зи Шоҳин бихостанд,
Маъсумаву Муаззама гуфту кашид оҳ.

Ин ҷо моддаи таърих 1300 мешавад, ки ба соли 1883 мелодӣ баробар аст.

Баъд аз хатми мадраса Шамсуддин Шоҳин чанд гоҳе имоматӣ низ мекунад. Шоир дар «Тӯҳфаи дӯстон» 87сол умр дидани падарашро таъкид кардааст. Таъмини рӯзгор пас аз вафоти падараш бар ӯҳдаи ӯ меафтад. Дар ин айём яке аз шайхони Бухоро - Абӯтоҳир Зарири Ҷӯйборӣ ба шоир ҳаматарафа ёрӣ мерасонад. Ба ин маънӣ Шоҳин мегӯяд:

Шукри Худо, ки чун падар аз ман канора ҷуст,
Шуд илтифоти хоҷаи офоқ ёварам.

Вале баъд аз чанде Зарири Ҷӯйборӣ низ вафот мекунад ва Шоҳин дар ин бора низ дар як тарҷеъбандаш, ки ба номи қозикалони Бухоро - Бадруддин навиштааст, мегӯяд:

Он ки будӣ маро ба ҷои падар,
Рахт барбаст аз ин сароча бадар.
Ман дар ин кунҷи узлат аз ғами ӯ
Чун сипанде, ки сӯхт дар миҷмар.

Ман ятиму туӣ карим, зи лутф
Бармадор аз ятими хеш назар.

Дар ҳар сурат қозикалон низ ба шоир то ба ҳадде ёрии моддии хешро дареғ надоштааст, зеро баъзе ишораҳои Шоҳин ба он гувоҳанд. Аммо касби имоматӣ Шоҳинро қонеъ кунонида наметавонад ва ӯ дар баъзе шеърҳои худ ин ҳолро шарҳ додааст:

Соҳибо, гар накунад арзи ман эҷоби малол,
Аз имомат қадаре шарҳ диҳам сурати ҳол.
Ҳафтае нест, ки андар паи наъше наравам,
То сари пушта зи масҷид ману қавм аз дунбол.
Аз сари кӯча гар овози муаззин ояд,
Ба умеди хабари мурда кунам истиқбол.
Гаҳ занад ханда ба ман ходиму гаҳ кадбону,
Гаҳ ниҳад таъна ба ман сӯфию гаҳ оқсақол.
Ҳукми ҳар масъала гуфтам чи савобу чи хато,
Нони ҳар моида хӯрдам чи ҳарому чи ҳалол!
Нест суре, ки дар ӯ ман наравам чун лӯлӣ,
Нест сӯге, ки дар ӯ ман наравам чун ғассол.
Ҳар чи ҳосил шавад аз мурдаву аз зинда маро,
Бе таваққуф равад аз даст чу об аз ғирбол.
З-ин ҳама бори ғаму ғусса, ки дар дил дорам,
Синаи ман шуда чун мӯҳраи нушби ҳаммол.

Аз ин шеър маълум мегардад, ки рӯзгори Шоҳин аз нигоҳи моддӣ чандон мувофиқи мақсуд набудааст. Аз ин рӯ, дар ин касб чандон зиёд машғул нашудааст. Баъдтар аз соли 1885 сар карда чанд гоҳе яке аз муқаррабони дарбори амир мешавад.

Абдулаҳад ба хизмати мирзоӣ Шоҳинро пазируфта, ӯ дар дарбор ҳамчун хушнависи машҳур ва хаттоти номӣ маълум мегардад. Парвоначии дарбор - Абдулқодир шоири ҷавонро ҳамаҷониба месанҷад. Яъне на танҳо касби ӯро, балки илму дониш ва фазилату истеъдоди Шоҳинро пай бурда, вайро ҳамчун фарзанди худ эҳтиром менамудааст. Ҳатто бо дахолати парвоначӣ Шоҳин дар ситоиши Абдулаҳад қасидаҳо низ менависад. Ин ҳолат ҳасудони Шоҳинро бедортар менамояд ва онҳо ба шоир фишор меоваранд. Аз тарафи дигар, бо фармони амир Абдулқодири парвоначӣ ҳокими Шеробод таъин карда мешавад ва ӯ аз Бухоро меравад. Дарбориён аз фурсат истифода намуда ба Шоҳин сахттар ҳуҷум мекунанд. Ин аст, ки парвоначӣ Абдулқодир бо баҳонаи ҳимояи Шоҳин ба ӯ духтарашро хонадор менамояд. Домод шудан ба ҳокими Шеробод Шоҳинро аз ҳамлаи ҳасудон то андозае эмин мегардонад. Аз тарафи дигар, амир Абдулаҳад низ ба Шоҳин аз наздик шинос гардида, донишу маҳорати шоирро ҳис намуда, мехоҳад ӯро ҳамсӯҳбати бевоситаи худ намояд. Амир чунин ҳам кард ва ҳатто дар сафарҳояш Шоҳинро бо худ гирифта мебурд.

Дар ин миён завҷаи шоир вафот мекунад ва ин мусибат ба Шоҳин таъсири сахт менамояд. Аз тарафи дигар, Шоҳин баъзе нуқсонҳои мушоҳидакардаи худро мехоҳад, ки таввасути панду андарз бевосита ба

худи амир расонад. Бинобар ин ӯ асари «Тӯҳфаи дӯстон»-ро менависад ва мехоҳад ба ин восита баъзе нуқсонҳои ҷиддиро нишон бидиҳад. Аммо ин ба амир Абдулаҳад писанд намеояд.

Каме пештар аз ин Шоҳин достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф намуда буд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо, шоир ин достонашро дар вафоти завҷаи худ-духтари Абдулқодири парвоначӣ эҷод кардааст. Санаи таълифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» соли 1305 (1887-1888) буда, асар зоҳиран ба амир Абдулаҳад эҳдо шудааст. Аз баъзе фахрияҳои Шамсиддин Шоҳин бармеояд, ки ӯ басо оқилу фарзона, донишманду закӣ, фозилу доно будааст:

Ман аз ин воқеа бишкуфтаму гуфтам, ки манам,
Истиқоматчии дарбори шаҳаншоҳи ҷаҳон.
Чун шуниданд ҳадиси ман аз ҷумла касе,
Натавонист намудан ба камолам китмон.
Алҳақ, аз халқи ҷаҳон гӯи фатонат бурда,
Ҳар ки шуд ходими ин боргаҳи файзрасон.

Албатта, Шоҳин дарборро аз рӯи зарурат «боргаҳи файзрасон» мегӯяд.

Агар эҷодиёти Шамсуддин Шоҳин нозуку дақиқ омӯхта шавад, пай бурдан душвор нест, ки аз оғози солҳои 90-уми асри XIX дар лирикаи ӯ оҳангҳои шикоятӣ, майлҳои хеле қавии танқидӣ қувват гирифтаанд. Намунаи чунин оҳангҳову майлҳо, ки боз тобиши фахриявӣ низ гирифтаанд, ғазали зерини Шоҳин шуда метавонад:

Сухан ҳар он чи ки хуштар бувад, манаш гуфтам,
Гуҳар ҳар он чи ки беҳтар бувад, манаш суфтам.
Вале чӣ суд, ки умрам ба ғунчагӣ бигзашт,
Ба бод рафтаму чун гул ба боғ нашкуфтам.
Надидам ин ҳама ҳосил зи рӯзгори вуҷуд,
Ҷуз ин қадар, ки ба шоми адам фурӯ хуфтам.
Набаста сурати ҷамъияте ба худ Шоҳин,
Зи тундбоди аҷал чун ғубор ошуфтам.

Албатта, ин бесабаб набуд. Шоир дар ин давра ба асари оламшумули Аҳмади Дониш «Наводир- ул-вақоеъ» ошноӣ пайдо намуда буд. Мутолиаи асар тафаккури сиёсии адибро қавитару гиротар намуд. Ҷуръати Шоҳин аз таълифи «Тӯҳфаи дӯстон» тақвият пайдо менамояд. Ӯ ҳатто бевосита ба худи амир муроҷиат намуда мегӯяд:

Ту бишнав манорам сухан дар сурӯш,
Ки аз аҳди пешин барояд хурӯш.
Гаҳе мадҳ, гаҳ панд гӯям туро,
Раҳи расми некӣ бичӯям туро.
Ва гар ҳарфи талхе ба маъҷуни панд,
Сириштам чу Сабри Сақутар ба қанд.
Ба нафъаш нигар, не ба талхии он,
Ки талх оварад суду ширин зиён.
Гар аз панд холӣ бувад мадҳи шоҳ,
Масал осмонест холӣ зи моҳ.

Чунин тарзи таҳаввули фикрӣ амирро водор намуд, ки дар хусуси ин шоири ҷавон андешаи дигар дошта бошад. Ин тарзи баёни андеша миёни шоиру шоҳ мухолифати фикрро тезонд. Шояд яке аз сабабҳои нотамом мондани маснавӣ низ ҳамин низоъи шоир бо шоҳ бошад.

Бо вуҷуди ин ҳама Шоҳин аз эҷоди адабӣ даст накашид. Танҳо инро ҳам ҳис кард, ки тавассути ҳикмату панд, мавъизоту андарз ақидаи ин амирони ҷаҳилро тағйир дода намешавад. Бинобар ҳамин ҳам Шоҳин асари дигари худ - «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро таълиф намуд.

Мо ошноии комил пайдо намудани Аҳмади Донишро аз як маснавии хурди ӯ, ки дар охирҳои умраш навишта буд, пай бурда метавонем. Зеро Шоҳин аз мадҳу санои салотин ва амирон сахт мутаассир гардида, пушаймонии худро чунин изҳор кардааст:

Ду-се рӯз ҷӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон[63] шудам.
Бибурдам ба ороиши назм ранҷ
В-аз он кардам офоқро пур зи ганҷ.
Хареро Масеҳо насаб рондаме,
Суро[64] Сурайё[65] лақаб хондаме.
Сагеро, ки ҷома даридӣ ба дев,
Фаришта аз ӯ даргирифтӣ ғирев.
Чунон барзадам сирати мардумӣ,
Ки гӯӣ назода ҷуз ӯ одамӣ.
Камоле, ки аз ҳар фан омӯхтам,
Ба тавсифи бедонишон сӯхтам.
Ба подоши он нуқтаҳои баланд,
Ба по қайдам уфтод, дар ҳалқ банд.
Турушҷабҳагон сирка ангехтанд,
Сириштанду дар коми ман рехтанд.
Нагуфтанд, к-ин ринди ширинзабон,
Табарзад[66] ба мо карда буд армуғон.
Ба лавзинааш[67] сир чун афканем.
Чаро шири софӣ ба хун афканем?

Шоҳин нимаҳои аввали солҳои навадум ба дарбор сахттар ҷалб карда шуда буд. Ӯро дар ҳар як сафари дуру наздики хеш амир ҳамроҳ мебурд. Бар болои ин шоир ба бемории сил мубтало гардида буд. Боре дар яке аз сафарҳои амир, ки Шоҳин бо шоҳ ҳамроҳ буд, ҳолаш хеле бад мешавад. Ин сафари навбатӣ ба Қаршӣ буд. Амир ӯро дар Қаршӣ гузошт ва Шоҳин соли 1894 дар ҳамон ҷо вафот намуд. Оромгоҳи шоир дар шаҳри Қаршӣ воқеъ гардидааст.

Мероси адабии Шоҳин.

Ба навиштан натавон шеъри маро кард тамом,
Гарчи з-ошуфтадилӣ завқи сухан кам дорам.

---

[63] Дунон- нокасон
[64] Суро – қабати пасти замин
[65] Сурайё – ситораи парвин
[66] Табарзад - набот
[67] Лавзина – ҳалво.

Осори Шамсуддин Шоҳин ба таври нисбатан ҷомеъ танҳо пас аз 42 соли вафоти шоир гирдоварӣ шудааст. Дар мероси адабии лирикии Шоҳин ҷои асосиро, пеш аз ҳама ғазал ишғол менамояд. Пас аз ғазал қасида, рубоӣ, қитъа, мусаммати мухаммас, тарҷеот таркиби девони ӯро фароҳам овардаанд. Инчунин, осори достонӣ: «Лайлӣ ва Маҷнун», «Тӯҳфаи дӯстон» ва асари мансури «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и адиб то кунун дастрас шудааст.

Ғазалиёти Шоҳин

Кунад ба шеъри ту, Шоҳин, ақидаи комил,
Касе, ки мухлиси ашъори табъи мавзун аст.

Дар лирикаи Шамсуддин махдуми Шоҳин ғазал мавқеи марказӣ дорад. Ӯ дар ин ҷода давомдиҳандаи анъанаҳои назми беш аз ҳазорсолаи тоҷик мебошад. Хидмати таърихии ӯ ҳамчун шоир аз он иборат аст, ки дар заминаи суннат навпардозиву тозакориҳо кард. Аз ин рӯ, дар лирикаи Шоҳин ва хусусан дар ғазалиёти ӯ ишқу ошиқӣ, нозу ҷафои маҳбуба, васфи ҳусну ҷамоли маъшуқа, исёнҳои қалбиву садои дилҳои лабрези муҳаббат, ҳолати ошиқи ҳайрону истиғнои маҳбубаи бемеҳр, пойдорию устувории ошиқу ношикебоию аҳдшиканиҳои маҳбуба, муҳаббати қалбию садоқати ошиқ ва носабуриву ҷафопешагии дилбар, азоби ҳичрону фироқ, нозбардориву пуртоқатии ошиқу кибру ғурур, фахру таннозии маҳбуба аз мавзӯъҳои аввалиндараҷаи ғазалиёти Шоҳин аст. Ба ин маънӣ, «ман»-и қаҳрамони лирикӣ маънии васеътар мегирад. Ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ: қувват гирифтани зулм, пешгириии ноадолатиҳо, ҳимояи бенавоёну бечорагон, софдиливу раҳмхорӣ, дурандешиву назарбаландӣ ва ғайра бештар ворид мешавад. Дар баробари мавзӯъҳои мазкур: васфи табиат ва махсусан манзаранигорӣ, ситоиши баҳорон ва ҷузъиёти пурнафосати ин фасли зебои сол: абрҳои нилгуну мурғобипайкар, пахтамонанду кӯҳҷусса, резиши борони найсону шилдир-шилдири обҳои ҷӯйборон, вазидани насими субҳу накҳати гулҳои муаттари баҳорӣ, чаҳ - чаҳи булбулону нағмаи гунҷишкҳо, дамидани сабзаҳои махмалину гулҳои гуногунранги дарахтон ва ғайра, ки ин ҳама дар ғазалиёти Шоҳин ҷанбаъҳои қавии иҷтимоӣ мегиранд, ифодагари ҳадафҳои муайяну розҳои гуногунанд. Ин мавзӯъҳоро ҷузъиёти дигар: маю бодагусорӣ - ҳамчун рамзи хушгузаронии умр, баҳрабардорӣ аз ҳаёт, дурӣ аз ғаму кулфат ва ноҷуриҳои рӯзгорон ва ғайра пурра мегардонад.

Дар баробари инҳо мавзӯъҳои боз ҳам қавитари иҷтимоӣ: шикоят аз зулму золимӣ, норизоӣ аз ноадолатиҳову ноодилии зимомдорон, нотавонбинию ҳасудхуриҳо, найрангбозиву мардумфиребӣ, кибру ғурур, бӯҳтону дурӯғгӯӣ ва ғайра низ сахт маҳкум карда мешавад, ки Шоҳин дар ҷузъиёти ифодаву тасвири онҳо низ тозакориҳо дорад.

Албатта, дар ғазалиёти Шамсуддин Шоҳин ишқу ошиқӣ, васфи ҷамоли маҳбуба бо кулли ҷузъиёт, ҳолати ошиқ ва саргузашти пурпечутоби ӯ дар ҷои аввал меистад, ки шоир дар ин ҷода хеле қавипанҷа ва соҳибҳунар аст. Чунончи, ба ин ғазали ишқии шоир рӯ меорем:

Ай, ки аз қадди расо ғояти сарви чаманӣ,
Сарвӣ, ай моҳ, ба қад, лек ба ораз сумани.
Лабу дандони ту, ай сарвқади симандом,
Беҳтар аз лаъли Бадахшониву дури аданӣ.
Гуфтамаш шонасифат панҷа ба зулфи ту занам,
Ханда зад, гуфт: Илоҳӣ ба бало панҷа занӣ.
Турки ман дӯш ғазаб карду бигуфт: «ӯлдураман»,
Гуфтам оҳиста ба гӯшаш, ки киро? Гуфт: Санӣ.
Кард хосияти лаъли лаби ҷонон, Шоҳин,
Тӯтии табъи маро шӯҳра ба шаккар шиканӣ.

Ғазали боло ишқӣ буда, дар он симои маҳбуба аз ҳар ҷиҳат: рӯй, лабу дандон, қаду баст, мӯю зулф, инчунин олами ботинии дилбар: оташин шудану ғазаб кардан, хандаи зоҳирӣ намудану қасди ҷон доштан ва ғайра басо зебою дилкаш, гуворову ҷолиб, ҷаззобу назаррабо ба тасвир гирифта шудааст. Тасвирҳо низ ӯҳдабароёна ва мувофиқи ҳадафанд.

Бо мақсади кор гирифтан аз хусусиятҳои шаклӣ низ ғазали зикршуда ҳунармандона мебошад. Ғазал радиф надорад, вале қофияҳои он хеле ҷолибанд ва ҳатто калимаи ӯзбекӣ низ ҳамқофия оварда шудааст, ки аз забондонии шоир дарак медиҳад.

Дар ғазали боло калимаҳои **чаманӣ,** суманӣ, аданӣ, занӣ, санӣ, шаккаршиканӣ ҳамқофиянд. Решаи қофия дар шакли **-анӣ** буда, «н» ҳарфи равӣ ва ҳарфи «ӣ» васл аст. Қофия аз нигоҳи навъии он мутлақ мебошад.

Аз нигоҳи коргирӣ аз вазн бошад, ғазали мазкур дар баҳри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф иншо шудааст ва шакли афоъили он чунин аст:

\- v - - / v v - - / v v - - / v v –
\- v - - / v v - - / v v - - / v v –

яъне, фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун фаъилун.

Аз нигоҳи ҷилои ҳунарӣ бошад, шоир бо ёрии санъатҳои шеърӣ: **таносуби сухан**-чаман, сарв, суман; даҳон, лаб, дандон, гуфтан, лаъли лаби ҷонон, шаккаршиканӣ ва ғайра **истиора**-эй моҳ, турки ман, сарвӣ ва монанди инҳо. Умуман санъатҳои ташбеҳ, нидо, тавсиф, муболиға, ширу шакар, суолу ҷавоб, ташхис ва ғайра истифода гардидаанд, ки хеле гуворову мақбулу матлубанд. Онҳо барои тасвири зебоиҳои дилбар, ҷузъиёти ҳусни ӯ, олами ботинӣ, офаридани хулқу атвор, муносибату гуфтори вай, адаби муомила ва шахсияти қаҳрамони лирикӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Аз мутолиаи ғазал маълум мешавад, ки шоир хеле маҳорату дониш, истеъдоду ҳунар, завқу салиқа, табъу тавони воло дошта, аз ин суннати адабӣ ва таърихи пайдоишу рушду инкишофи ғазал ва саромадани он: Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва Бедил басо хуб бехабар мебошад.

Дар ғазалиёти Шоҳин маҳбуба бештар яклухт баҳо дода намешавад. Шоир ин образи лирикиро хеле эҳтиёткорона ва бо ҷузъиёти симои

зоҳирӣ ва олами маънавии ӯ ба тасвир мегирад. Барои мисол ба ғазали зерин рӯ меорем ва мебинем, ки қаҳрамони лирикӣ-ман, мани эҷодкор, мушоҳидакор, ҳунарманд, донишманд низ ҳаст.

Ҳама аҷзои ту хубу *ҳама аъзои ту хуш*,
Ҳама ҷои ту ба хубӣ зи ҳама *ҷои ту хуш*.
Нест сарве ба чаман чун қади *раънои ту хуб*,
Нест моҳе ба фалак чун рухи зебои *ту хуш*.
Хуштар аз ҷон набувад тӯҳфа *агар фармоӣ*,
Кунам ин тӯҳфаи хуш *назри кафи пои ту хуш*.
З-он чунон зиндагие, к-аз ту *ба ҳирмон гузарад*,
Ба ту савганд, ки мурдан ба таманнои ту хуш.
Хуш бувад таъми шакар, лек ба коми ман аз ӯст,
Заҳрханде зи лаби лаъли шакархои ту хуш.
Ҳама дилбастагии хуш ба яке дораду ман,
Бастаам дил ба ҳама зулфи сумансои ту хуш.
Пеши он моҳ бинеҳ ҷону дилу сар, Шоҳин,
То кадомин кунад аз ин ҳама колои ту хуш.

Ғазали зикршуда бо тақозои мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво ишқӣ буда, дар он симои маҳбуба ҳам куллӣ ва ҳам ҷузъ-ҷузъ васф карда мешавад. Ҳадаф аз аъзо ҷузъиёти аъзост. Зеро ҳар аъзо дар навбати худ, аз маҷмӯи ҷузъҳо иборат аст. Аз ин рӯ, шоир ҷузъҳоро алоҳида ва узвҳоро ҷудогона ба тасвир гирифтааст. На моҳи осмон мисли рӯи ёр асту на сарви чаман монанди қади ӯ. Шакар сарчашмаи ширинӣхост, вале коми шоир на аз ӯ, балки аз лаъли лаби ёр ширин аст. Касон бо ҳар чизе дилбастагие доранд, вале шоир ба зулфайни сумансои ёр дилбаста мебошад. Аз ин рӯ, аз ҷон хуштаре барои инсон ва азизтаре дигар вуҷуд надорад. Қаҳрамони лирикии шеър-ошиқ розест, ки онро нисори кафи пои маҳбуба созад. Зеро зиндагӣ бидунӣ ӯ бемаъност. Байтулавҷи шеър бо байти тахаллус якҷо эҷод гардида (дар ғазали боло), шоир зимни он се узве, ки бе ҳар кадоми онҳо инсон наметавонад зинда бошад, ба маҳбуба пешниҳод месозад, то кадоми онҳоро ихтиёр кунад. Ин аст, ки ғазали мазкур дар ғояти шевоию равонӣ, салисиву ширинӣ, гувороиву дилнишинӣ, марғубиву мақбулӣ эҷод шудааст.

Аз нигоҳи коргирии ҳунар низ ғазал басо ҳунармандона мебошад. Шоир тасвирҳои лирикиро тавассути санъатҳои шеърии таносуби сухан, ташбеҳ, истиора, муболиғаву иғроқу ғулув, маҷозу рамзу киноя, тавсиф ва ғайра хеле ва хеле ӯҳдабароёна ба кор мебарад. Дар натиҷа баёнашгуворо, тасвирҳо-зебову дилнишин, ҷобаҷогузории калимаҳо, ибораҳо мувофиқи табъ ва мазмунсозиву маъниофаринӣ басо устодона мебошад. Чунин ҳунари эҷод, албатта на ба ҳар адиби қаторӣ даст медиҳад. На ҳар эҷодкори хоҳишдошта метавонад бо чунин санъату бо чунин ҳунари эҷодӣ асари санъату адабиётро таълиф намояд. Аз тарафи дигар, агар Шамсуддин Шоҳин шоири камҳунару пастистеъдод мебуд, бо саромадони жанри ғазал, шоирони дараҷаи аввали таърихи адабиёти форс-тоҷик пайравӣ намекард. Ҳол он ки худи пайравӣ, дар навбати

аввал омӯзиш, мутолиа, ҷустуҷӯ аст. Шоир барои он ки пайравӣ кунад, онро хуб меомӯзад.

Аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ низ ғазали боло ҷолиб мебошад. Ғазали зикршуда мураддаф буда, радифи он мураккаб («ту хуш») аст. Радиф дар ин ғазал дар баробари таъкиди маънову мақсад, бештару зиёдтар бори ғоявӣ мекашад. Мақсади шоир дар ҳадди баланд васф намудани маҳбуба буда, аъзову аҷзои васфшавандаро бо беҳтарин шабеҳот, ҷолибтарин қиёсҳо, накӯтарин хисол мехоҳад ҷилва бидиҳад, то писанди омма бошад. Аз ин рӯ, бештар меҷӯяд, меомӯзад, муқоиса мекунад ва натиҷа мегирад. Дар мантиқи оддии ифода ҳунару дониш, маҳорату истеъдод, санъату заковати худро ба намоиш мегузорад. То хонанда қазоват кунад, ки асари санъат барои ӯ чӣ арзише дорад ва оё қалби ӯро тасхир мекунад?! Радифи мураккабе, ки Шоҳин барои ғазали боло пайдо кардааст, ана ҳамин гуна ҷанбаъҳо, таъкидҳоро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, маҳз радифи мазкур ба ғазал оҳанги хубу марғуб низ дода тавонистааст. Дарёфти қофияҳо низ дар ғазали мазкур хеле ҷолиб ва ҳунармандона мебошад. Дар ғазал калимаҳои **аъзои, ҷои, зебои, пои, таманнои, шакархои, сумансои**, **колои** бо ҳамдигар ҳамқофия шудаанд. Кофияҳо аз рӯи навъ мутлақ буда, дар калимаҳои ҳамқофия ҳарфи равӣ «о» мебошад ва пас аз равӣ унсури дигар - васл омадааст. Ҳадаф ваҳдати мавзӯъ ва таъмини адои хуш дар ғазал аст. Ғазали мазкур аз нигоҳи интихоби вазн ҳам хеле ҷолиб мебошад. Зеро дар баҳри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф иншо шудааст, ки шакли афоъили он чунин аст:

- v - - / v v - - / v v - - / v v -
- v - - / v v - - / v v - - / v v -

Яъне: фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилун

Яке аз тозакориҳои Шоҳин дар мавзӯъ ва мазмуну мӯҳтавои ғазалсароӣ он аст, ки баёни шоир дар пурсӯзтарин ғазалҳо ҳам, то андозае ҷанбаи зарофат касб мекунад. Ӯ ғазалҳои басо пурсӯзу оҳро бо як тарзу усули ба худ хоси шӯхиангезу зарифона мавриди эҷод қарор медиҳад, ки дар ғояти салосату ҷазолат ва дилкашиву гӯшнавозӣ мебошанд. Чунин тарзи баёни шоир то ба ҳадде устодона аст, ки ба мавзӯи марказии ғазал-ишқу исёнҳои қалбӣ заррае ҳам мухолиф нест, ҳадафи қаҳрамони лирикиро халалдор намекунад. Масалан, ғазали зерин далели гуфтаҳои болост:

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, ай шӯх, надонам, ки чӣ гӯӣ,
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.
Як ҷои ту тахсис ба гаштан натавон кард,
Ай, ман ба ту шайдо, зи ҳама ҷои ту гардам.
Ҷон назри саропои ту гуфтам ба шаби васл,
Рухсат бидеҳ акнун зи саропои ту гардам.
Гуфтӣ, ки ба Шоҳин занадам дарду балоҳо,
Кай мезанад, аз дарду балоҳои ту гардам.

Ғазали мазкур аз нигоҳи мавзӯъ ва мазмуну мӯҳтаво ишқӣ буда, симои маҳбуба ҳамчун образи лирикӣ аз калимаи нахустини мисраи аввал маълум мешавад. Ошиқ танҳо барои лаби лаъл худро қурбон кардан мехоҳад. Зеро мафтуни абрувону гесувони ғолияпирост. Лаб газидани маҳбуба – киноя аз рондани ошиқ ва огаҳӣ аз ағёр аст. Вале инро ошиқ назокати адо меҳисобад. Умуман, маҳбуба таннозу саркаш, бемеҳру бемурурват аст. Ошиқ бовафову устувор, ростқавлу фидоӣ мебошад, вале ҳанӯз соҳибихтиёр нест. Чунин ҳолати қаҳрамони лирикӣ хоси ғазали аср буда, дар жанрҳои достонӣ (ҳатто дар эҷодиёти худи Шоҳин) вазъият дигархелтар аст. Яъне ошиқ нисбатан бепарво ва ҳар чӣ бодобод аст.

Аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ низ ғазали боло ҷолибу матлуб аст. Радифи ғазал мураккаб буда, аз ду калима фароҳам омадааст: «Ту гардам». Аз моҳияти маъноии радиф пайдост, ки ошиқ саргардону овора аст. Пас радифи ғазали боло дар баробари таъмини хушоҳангию равонӣ, инчунин бори ғоявӣ бар дӯш дорад. Қофияҳои ғазали боло низ ҷолиб буда, калимаҳои шакархо, ғолияпиро, адоҳо, ҷо, саропо, балоҳо ҳамқофия шудаанд. Ҳамаи калимаҳои ҳамқофияи боло бандаки изофии «и» доранд. Дар калимаҳои мазкур ҳарфи решагии қофия «о» буда, аз рӯи хелҳои қофия мутлақ аст. Ғазали мазкур дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф иншо шудааст. Шакли афоъили ғазал чунин аст:

- - v / v - - v / v - - v / v - -
- - v / v - - v / v - - v / v - -

яъне: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъӯлун.

Вазни мазкур яке аз маъмултарин авзон дар эҷоди ғазал ва ба хусус ғазалҳои ишқӣ ба шумор меравад.

Дигар аз хусусиятҳои ғазалҳои Шоҳин аз он иборат аст, ки вобаста ба авзои сиёсӣ-таърихии замон оҳангҳои шиквоӣ, ҳасбиҳолӣ нисбатан қувват мегирад. Албатта, баландтарин нуқтаи чунин оҳангҳо ҳанӯз дар асри XIII ба назар мерасанд. Эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ, Сайфи Фарғонӣ, Камоли Исмоил ва дигарон оҳангҳои бисёр қавии иҷтимоӣ доранд. Вале бунёди оҳангҳои иҷтимоии ин давра дар эҷодиёти Шамсуддин Шоҳин комилан дигар хел аст.

Тозакориҳои Шоҳин пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки ноҷуриҳои рӯзгор, ноадолатиҳои зимомдорон, зулму золимӣ, бухлу ҳасад, яъсу ноумедиҳо, нокомиҳо ва ғайра дар омезиш бо мавзӯъҳои ишқӣ хеле дилнишину гуворо ва басо ҳунармандона рӯи кор омадаанд. Муҳимтар он аст, ки ошиқ ноком ва маҳбуба комёб мебошад. Чунончи:

Касе чу ман набувад дар ҷаҳон нишони фироқ,
Ҳазор тири бало хӯрда аз камони фироқ.
Нахуст рӯз, ки ошиқ шудам ба завқи висол,
Набуд дар дили ман ҳеҷ аз ин гумони фироқ.
Чӣ сон ба ғунчаи табъам шукуфтагӣ бахшад,
Баҳори васл, ки дорад зи пай хазони фироқ.
Ҳаёти ман ҳама вобаста бар висоли ту буд,

Аҷал, биё, ки кунун мерасад замони фироқ.
Ҳамон наволаи заҳри аҷал бувад, Шоҳин,
Нахуст тӯъма, ки гирӣ агар зи хони фироқ.

Дар ғазали боло ба ҷои висол фироқ пеш омадааст, ки хеле ҷонгудоз, дилхарош, ҷигарсӯзу синакабоб аст. Ин ҳама шӯридагию сӯзи ошиқро баландтар намуда, баръакс маҳбуба ҳамфикру қарини рақиб мебошад. Ошиқ ҷонибдори висол аст, вале маҳбуба дӯстдори ҳаҷру фироқ. Ошиқ ҷидду ҷаҳд дорад, ки висолро дарёбад, вале маҳбуба гурезпо ва фироқҷуву ҳиҷронхоҳ аст. Аз ин рӯ, ошиқ ғарқи яъсу нокомиҳо ва навмедиву номуродиҳост, вале маҳбуба бераҳму золимтабиат ва бемеҳру бевафо мебошад. Ошиқ ягона илоҷи воқеаро дар шикваю ноилоҷӣ дармеёбад, вале маҳбуба бепарвою фориғбол аст. Ин аст, ки Шамсуддин Шоҳин баҳри таъкиди маъно ва таъсирпазирии мазмуни ғазал фироқро ҳамчун радиф интихоб кардааст. Ӯ фироқро хазони умр ва висолро баҳори ҳаёт меномад, ки дар маъниофарӣ падидаи тозаву ҷолиб аст.

Аз нигоҳи бадеиёт ва ҷанбаъҳои ҳунарӣ низ ғазали боло хеле хушоянда аст. Дар ғазали зикршуда санъатҳои бадеии таносуби сухан, тазод, муболиға, иғроқу ғулув, ташбеҳ, тавсиф, киноя, маҷоз ва ғайра басо ҳунармандона истифода шудаанд.

Унсурҳои шаклии ғазали зикршуда: қофия, радиф, матлаъ, мақтаъ, истифодаи тахаллус, интихоби вазн ва ғайра низ матлуб аст. Ғазал дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур иншо шудааст, ки афоъили он чунин мебошад:

v - v - / v v - - / v - v - / v v ~

яъне: мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фаъилон.

Аз нигоҳи радифу қофия бошад ғазали боло боз ҳам ҷолибтар аст. Зеро ғазали мураддаф бо он характернок аст, ки дар матлаъ алакай мазмуну мӯҳтаво ва моҳияту мақсад аз эҷоди он барои хонанда комилан маълум мегардад. Чунки тавассути радиф таъкиди маъно ва шаҳомати ғоявии ғазал ба намоиш гузошта мешавад.

Радифи ғазали боло аз нигоҳи шакл радифи сода аст.

Ғазали мазкур аз нигоҳи қофия ҳам ҷолиб мебошад. Дар он калимаҳои нишони, камони, гумони, хазони, замони, хони ҳамқофия буда, шакли қофия муқайяд мебошад. Дар калимаҳои қофияшуда ҳарфи равӣ «н» буда, пас аз равӣ ҳарфи дигаре наомадааст. Калимаҳои қофияшаванда ҳам ҳадафи муайян доранд, ки ҳолати қаҳрамони лирикиро ифода менамоянд. Зеро нишони фироқ, камони фироқ, гумони фироқ, хони фироқ ҳамагӣ ибораҳое ҳастанд, ки ҳолати рӯҳӣ ва ҳадафу мақсади қаҳрамони лирикиро ифода кардаанд. Ҳолати мазкур қариб дар ҳамаи ғазалҳои Шоҳин ба мушоҳида мерасанд. Вобаста ба авзои замон ва муҳити зиндагии Шоҳин қаҳрамони лирикии ғазалҳои ӯ, хусусан ошиқ парешону нотавон, ноилоҷу шикастадил аст. Шикояти Шоҳин тадриҷан дар баъзе ҳолатҳо оҳангҳои эътирозӣ низ гирифтаанд:

Ҳама чун куштаи теғи ту шуд инак, Шоҳин,
Биниҳод аз сари таслим ба поят гардан.
Ҳамаро куштӣ, агар мекушиям, зуд бикуш,

То бубинам, ки маро кушта чӣ хоҳӣ кардан.

Шикояти қаҳрамони лирикӣ аз омилҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеъа, аз ноӯҳдабароии зимомдорон нест, бошад ҳам хеле ҷузъӣ аст. Ӯ бештар аз тақдиру аз саршавишт, аз чархи гардун шиква дорад. Чунончи:

То кай, ай чархи муарбад, зи паи кинаи ман,
Фитнаи даҳр барангезиву ошӯби замон.

Ё худ:

Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
Варна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.

Дар баъзе мавридҳо шоир зиндагии хешро дар ҳадди интиҳо мебинад, ки нишони лашкари ғаму кулфатҳои рӯзгор шудааст. Дар чунин ҳолат ба Офаридгор мурочиат мекунад, ки дигар ба зимомдорон боварӣ надорад:

Ҷаҳонпарвардигоро, нотавонам,
Ягона нотавоне дар ҷаҳонам.
Яке мурғам ҷудо аз ошёна,
Зи ҳар сӯ новаки ғамро нишона.
Ба дӯшам баски бори ғам нишастаст,
Сарам бар дӯши зону нақш бастаст.
Чӣ бадбахтам, ки ҳар сӯе ниҳам рӯй,
Зи оби дида бинам пеши рӯ чӯй…

Чунин оҳангҳои қавии иҷтимоӣ дар ашъори Шоҳин кам нестанд. Қариб дар ҳамаи шаклҳои шеърии эҷодкардаи шоир шиква аз гардиши айёму чархи тезрав ба назар мерасад.

З-ин сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад.

Дар баъзе ҳолатҳо андешаҳои ӯ то андозае ба ақидаҳои Аҳмади Дониш шабоҳат пайдо мекунад. Аз ин монандӣ метавон чунин натиҷа гирифт, ки ин ҳолат пас аз мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» рух додааст:

Ҳар давлате, ки бинам, омодаи завол аст,
Дар даҳр бо чунин ҳол будан басе маҳол аст.

Ҳасби ҳол ва оҳангҳои баланди иҷтимоӣ дар ғазалиёти Шоҳин каме ба ҷилои нав ва хос садо медиҳанд. Шоҳин тавассути чунин оҳангҳои ҷасуронаи шикоятиву ҳасбиҳолӣ на танҳо ҷомеаи онрӯзаи феодалиро танқид менамояд, балки сарварону зимомдорони вақтро низ сахт мазаммат мекунад:

Ман он гулам, ки зи ошӯби бесуботии даҳр
Накарда тоза димоғи касе, хазон шудаам.
Ба ҳеҷ боб маро нест рӯи хурсандӣ,
Ҷуз ин қадар ки ғуломи шаҳи ҷаҳон шудаам.

Оҳангҳои ҳасбиҳолӣ ва шиквоию танқидии ашъори Шамсуддин Шоҳин арзишманд низ ҳастанд. Зеро мо пеш аз ҳама рӯзгори зиёиёни эҷодкор, табақаҳои дигари иҷтимоӣ ва умуман мардумро дар давраи муайяни таърихӣ меомӯзем. Аз тарафи дигар, хонанда муносибати эҷодкоронро бо зимомдорон, бо шахсиятҳои сиёсӣ ва пеш аз ҳама, шоир ва шоҳро пай бурда метавонад. Ҳолати мазкур барои баҳо додан ба адабиёти давр ва муайян намудани арзишҳои адабӣ мусоъидат

менамояд. Эҷодиёти Шоҳин аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар нимаи дуюми асри XIX яке аз намоёнтарин симоҳои адабиёти тоҷик будааст.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ва мазмуни мухтасари он

Дар эҷодиёти Шоҳин достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз чанд ҷиҳат муҳим ва арзишманд аст. Аз як тараф, пазируфтани суннати адабӣ ва иртиботи ӯ ба эҷодиёти пешиниён муайян карда шавад, аз тарафи дигар, саҳму ҳиссаи Шоҳин дар эҷоди маснавиҳои ишқӣ-лирикӣ маълум мегардад. Инчунин барои донистани пояи шоирӣ ва ҳунари эҷодии шоир низ достони мазкур дорои аҳамият мебошад.

Агар сабаби таълифи достон тақозои замон бошад, баҳонаи эҷоди достон мусибати оилавӣ-вафоти завҷаи шоир аст. Чунончи:

Ай дидаи дудмони[68] исмат[69],
Навбоваи[70] бӯстони исмат.
Ай хонаи сад ҳазор нозам
В-эй пардаи сад ҳазор розам.
Ай хуфта миёни хоку хора,
Ҷуста зи канори ман канора…

Шамсуддин Шоҳин достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро соли 1305ҳ. (1888м.) барои хотираи поки ҳамсари худро пос доштан дар тӯли як моҳ эҷод кардааст.

Оид ба мӯҳлати таълиф, санаи эҷод ва писанди умум гардидани он мегӯяд:

Сад шукр, ки шуд пазира[71] ин ганҷ,
Дар соли ҳазору сесаду панҷ.
Дар муддати як маҳ андаке кам,
Ин ҳисни[72] рафеъ[73] гашт маҳкам.

Миқдори абёти асар беш аз 2242 байт буда, дар таърихи адабиёт яке аз асарҳои басо ҷолиб ба мавзӯи анъанавист.

То Низомӣ ишораҳои шоирон ба қаҳрамонҳои марказии он – Лайлӣ, Маҷнун дар ашъори шоирон хеле зиёд аст. Низомӣ аввалин касест, ки ин қиссаро ба шакли достон даровардааст. Пас аз ӯ Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷӯи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон чунин достон навиштаанд. Достон аз фаслҳои суннатӣ оғоз ёфта, сонӣ марсия дар вафоти завҷааш, зерфаслҳои насиҳат ба фарзанд ва сабаби назми китоб меояд. Баъд аз ин ҳама асли достон шурӯъ мешавад.

Яке аз сарватмандони араб Саиди Омирӣ бефарзанд буд. Пас аз назру ниёз дар роҳи Худо соҳиби писар мешавад, ки ӯро Қайс ном мениҳанд. Қайсро пас аз чанд сол ба мактаб медиҳанд. Дар мактаб духтаре бо номи Лайлӣ ҳамсабақи Қайс буд. Лайлӣ духтари сардори қабилаи Наҷд мебошад. Қайс Лайлиро дӯст медорад. Ин овоза дар ҳар ду қабила паҳн мешавад:

---

[68] Дудмон – хонадон; қабила.
[69] Исмат- покдомонӣ, бегуноҳӣ.
[70] Навбова- тӯҳфа.
[71] Пазира – қабул.
[72] Ҳисн – қалъа.
[73] Рафеъ – баланд.

Моҳе, ки ниҳода даври айём,
Аз нисбати зулф Лайлиаш ном.
Чун номи худаш зи тура донист,
Озодию дигараш равонист.
Акнун, ки маҳе бад-он тамоме,
З-он тура кашад сиёҳноме.
Чун Қайс сафедном гардад
В-он сайд буруни дом гардад.
Чун кори хирад тамом кардаш,
Маҷнуни замона ном кардам.
Алқисса ба ҳам асир гаштанд,
Омеза чу шаҳду шир гаштанд.
Маҷнун рақами камол мешуст,
Лайлӣ варақи хаёл меҷуст.

Падари Лайлӣ пас аз шунидани овозаи ишқи онҳо Лайлиро аз мактаб мегирад. Қайс худ мактабро тарк намуда, ба кӯҳу биёбон меравад. Аз ин рӯ, мардум ӯро Маҷнун ном мениҳанд. Саиди Омирӣ ба ҷустуҷӯи писараш баромада ӯро пайдо мекунад. Ба Қайс қавл медиҳад, ки онҳоро ба мақсад хоҳад расонид. Қайсро ба хона меорад ва Лайлиро хостгорӣ мекунанд. Вале падари Лайлӣ Маҷнунро девона мегӯяд ва таклифи хостгориро рад мекунад. Маҷнун боз ба кӯҳ меравад. Падараш боз ӯро пайдо карда ба Каъба мебарад. Ҳангоми иҷраи маносики ҳаҷ Маҷнун пуршӯр гардидани ишқи Лайлиро илтиҷо менамояд. Солори қабилаи Омирӣ - Навфал бо Маҷнун шинос шуда, ба ӯ қавл медиҳад, ки ӯро ба муродаш хоҳад расонид. Навфал воқеан Лайлиро барои Қайс хостгорӣ мекунад, вале падари Лайлӣ ҷавоби рад медиҳад. Навфал ба қабилаи Наҷд ҳуҷум мекунад. Қабилаи Наҷд шикаст меёбад. Падари Лайлӣ мехоҳад духтарашро нобуд созад, то ин ки асир наафтад. Маҷнун хоҳиш менамояд, ки ҷанг бас карда шавад. Навфал ҷангро бас карда ба падари Маҷнун ваъда медиҳад, ки духтари зебое дорад ва агар хоҳанд, ӯро ба Маҷнун медиҳад. Бо розигии тарафайн тӯй мешавад ва Маҷнун аз ҷамоли маҳбубааш хело шод мешавад. Лайлӣ ин хабарро шунида таввасути нома ба Маҷнун ва чунин сурат гирифтани ҳолат гилаҳо мекунад. Маҷнун сабабгори ҳамаи нокомиҳо Лайлиро дониста, завҷаи худро ситоиш менамояд. Аз баъзе ишораҳои Маҷнун дар мактуби ҷавобӣ Лайлӣ хеле мутаассир мешавад. Лайлӣ бовар мекунад, ки Маҷнун ҳанӯз ҳам содиқ аст ва ӯро дӯст медорад. Бинобар он Лайлӣ дар номаи ҷавобиаш аз Маҷнун узр мехоҳад. Ин узрхоҳӣ ба Маҷнун таъсири сахт расонида, арӯсро ба ҳоли худ мегузорад ва боз роҳи кӯҳу саҳроро пеш мегирад.

Саиди Омирӣ боз ба ҷустуҷӯи Маҷнун рафта, ӯро меёбад ва панд медиҳад, вале ин кораш чандон натиҷа намедиҳад. Падари Маҷнун мактуби қалбакие навишта ба Лайлӣ меорад. Ӯ аз ғами писари худ вафот мекунад. Маҷнун ба мазори падар омада зор – зор мегиряд. Лайлӣ низ барои тасаллии Маҷнун ба хонаи онҳо меояд, вале дар роҳ Ибни Салом ӯро дида ошиқ мешавад. Ибни Салом ба хонаи онҳо хостгор

мефиристад. Онҳо тӯй мешаванд. Маҷнун ин воқеаро шунида, Лайлиро накӯҳиш мекунад ва Лайлӣ устувор будани худро таъкид менамояд. Дар ин айём модари Маҷнун вафот мекунад. Лайлӣ барои тассалӣ додани дили Маҷнун ба назди ӯ меояд. Онҳо ба ҳам дидор дида хеле хуб сӯҳбат мекунанд. Лайлӣ аз Маҷнун ҷудо шуда аз ғаму дарди Маҷнун вафот мекунад. Зайди араб, ки қосиди онҳо буд, ин хабарро ба Маҷнун мерасонад. Маҷнун ҳангоми дафн ба қабри Лайлӣ даромада, ӯро оғӯш намуда ҷон медиҳад. Бо ҳамин достон ба охир мерасад.

Таҳлили образҳои достон.

Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шоҳин мисли дигар достонҳо образҳои доимӣ ва лаҳзагӣ, мусбат ва манфӣ амал мекунанд. Дар асар образҳои марказӣ: Лайлӣ, Маҷнун волидайни онҳо ва махсусан, падарони онҳо, қосид мебошанд. Образҳои мусбати достон: Маҷнун, Лайлӣ, падару модари Маҷнун, Навфал ва лашкариёни ӯ, духтари Навфал, қосид, устодону ҳамсабақҳо мебошанд. Образҳои манфии асар: падару модари Лайлӣ, Ибни Салом, сардори қабилаи Наҷд ва ҷонибдорони онҳоянд.

Ибни Салом, Навфал ва ҷонибдорони онҳо образҳои машҳур, вале лаҳзагианд, ки дар лаҳзаҳои ҳалкунандаи хатти сужет иштирок намуда, воқеаро басо мураккабу тезутунд менамоянд.

Маҷнун ҳамчун образи асосӣ ва ҳалкунанда дар достони Шоҳин хеле фаъол аст. Ҳатто ӯ духтари Навфалро дӯст медорад ва қариб ки баробари бо ӯ хонадор шудан, аз зиндагӣ қонеъ шавад. Ӯро номаи Лайлӣ ба шӯр меорад. Аз ин рӯ, **Лайлӣ** дар муҳаббат устувортар аст. Зеро пас аз тӯй ҳам аз Ибни Салом дурӣ меҷӯяд ва устуворию садоқати ӯ дар ишқ зоҳир мешавад. Ӯ талаби дигар ё норизоии дигареро аз ягон ҷиҳат ҳатто тасаввур ҳам намекунад. Дар достони мазкур образҳои падари Лайлӣ ва падари Маҷнун ҳалкунанда мебошанд. Онҳо хеле фаъоланд. Танҳо фарқ дар он аст, ки яке аз рӯи хоҳиши фарзанд амал мекунад (падари Маҷнун), дигаре тамоман муқобил (падари Лайлӣ).

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шоҳин ва муносибати он бо баъзе достонҳои ҳамноми гузаштагонаш.

Дар таърихи адабиёт, ба қавле 147 кас дар ин мавзӯъ асар навиштаанд, ки ҳамаи онҳо дар пайравии Низомист. Аввалин касе, ки ба Низомӣ ҷавобия гуфтааст, Хусрави Деҳлавист. Аз ин рӯ, бо асарҳои ин ду тан эҷодкор такя намудан бисёр қонуниятҳои адабиро муайян ҳам месозад. Маълум аст, ки унвони асарҳо ва сужети онҳо дар маҷмӯъ як аст. Фарқият дар лаҳзаҳои ҷудогонаи хатти сужет мебошад. Зеро ба ин мумкин нест. Аз ин ҷост, ки Шоҳин мегӯяд:

То кай ба саманд медиҳӣ дав,
К-он ҳарфи Низомӣ асту Хусрав.
Он сони вай аст, ту зи худ гӯй,
Гард аз рухи худ ба оби худ шӯй.
З-ин бехирадӣ бувад фузунтар,
Гар ҷой равӣ ба пои дигар.

Албатта, Шамсуддин Шоҳин ҳангоми эҷоди асар таҷрибаи хуби эҷодӣ дошт. Аз ин ҷост, ки қонуниятҳои ҷавобияро риоя кардааст. Бо вуҷуди он шоир барои ҷолибияти асари хеш, барои фардияти эҷодиёти худ дар хатти сужети достон ва афзалияти образҳо баъзе ҷузъиёти ҳалкунандаро илова намудааст. Аз ҷумла, лаҳзаи ба саҳро рафтани Маҷнун ва раҳо кардани ӯ оҳувонро аз банди сайёд, озод намудани Маҷнун гавазнро аз дом, Маҷнунро ба қабилаи Лайлӣ бурдани пиразан ва ғайра, ки дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ дида мешаванд, дар достони Шоҳин сарфи назар шудаанд. Шоҳин ҳатто дар зиндагиномаи қаҳрамони марказӣ - Маҷнун лаҳзаи ҳалкунандаи дигарро илова мекунад. Ин лаҳзаи нав хонадоршавии Маҷнун ба духтари Навфал мебошад. Инчунин, лаҳзаҳои дигари нодир: вафоти падару модари Маҷнун, ба хонаи Лайлӣ овардани Маҷнун лаҳзаҳоеанд, ки на танҳо дар достони Низомӣ, балки дар достонҳои Амир Хусрав, Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва дигарон дида намешавад.

Сабабҳои тавофути лаҳзаҳои ҷудогона дар мақсади адибон ва усули пешгирифтаи онҳо низ ҳаст. Низомӣ дар асараш ба тасвирҳои психологӣ ва рӯҳии образҳои Лайлӣ ва Маҷнун бештар таваҷҷӯҳ кардааст. Аз ин рӯ, тасвирҳои ӯ нисбатан тафсил меёбанд, ҷузъиёти бадеӣ ва баёни ҳолату рӯҳия дар асари Низомӣ муфассалтар сурат мегирад. Дар асари Шоҳин бошад, ҳадафи эҷодкор нишон додани лаҳзаи фоҷеавии ишқи Лайлӣ ва Маҷнун буд. Шоҳин нисбат ба тасвирҳои психологӣ бештар ба воқеияти ҳаётӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Албатта, ин ҳолатҳо бесабаб набуд. Ӯ пайваста дар рикоби амир буд. Завҷааш аз олами фонӣ барвақт сафар кард. Тарбияи тифли навзод ва ғайра Шоҳинро водор намуда буданд, ки ҷанбаъҳои воқеияти тасвирро бештар пурқувват бисозад. Яъне Шоҳин ба нақши замону муҳит ва шароиту ҳолати воқеӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Саволе пеш меояд, ки воқеиятҳои тасвир дар кадом лаҳзаҳо бештар ба назар мерасанд? Барои намуна метавон ишора намуд, ки Лайлӣ ва Маҷнунро бо зӯрӣ аз ҳам ҷудо мекунанд, Лайлиро ба каси дигар медиҳанд, Маҷнунро низ маҷбуран бо духтари Навфал хонадор мекунанд. Онҳо дар муқобили ноадолатиҳо ҳеҷ коре карда наметавонанд. Инҳоро метавон лаҳзаҳои шарҳиҳолии худи Шоҳин гуфт. Амир ғайри хоҳиши Шоҳин мақсадҳои худро дар ҷои аввал мегузошт. Вазъияти шоирро комилан сарфи назар мекард ва ғайра.

Аз ин ҷост, ки мавзӯи достони Шоҳин суннатӣ бошад ҳам, лаҳзаҳои фаровони ҳалкунандаи воқеӣ, ҳаётӣ ва шарҳиҳолӣ дорад, ки марбут ба эҷодкори достон – Шамсуддин Шоҳин мебошад. Ба ин восита Шоҳин ба масъалаҳои сиёсию иҷтимоии замон, нақши адлу адолат, муносибати шоиру шоҳро низ то ба ҳадде дар асари худ ҷой додааст. Аз ин рӯ, достони Шамсуддин Шоҳин арзиши адабӣ – бадеӣ ва ҳаётӣ- воқеӣ низ дорад.

Мундариҷаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва гузориши масъалаҳои иҷтимоӣ дар он.

Шамсуддин Шоҳин мехост дардҳои ҷомеаи худро ба воситаи панду насиҳат, андарзу мавъизат даво бахшад. Ӯ ин корро бо эҷоди маснавии

«Тӯҳфаи дӯстон» то андозае сомон ҳам дод. Вале донист, ки амирони бемаърифат омодаи шунидану кор гирифтан аз он нестанд. Амирони мағитиро бо Атобакҳои форси замони Саъдӣ наметавон муқоиса намуд. Ғайр аз ин, Шоҳин дар ин муддат тавассути эҷодиёти Аҳмади Дониш аз нигоҳи тафаккури идрок хеле пеш рафта буд. Хусусан, дар таҳаввули зеҳниву фикрии Шоҳин нақши «Наводир-ул-вақоеъ» басо бузург аст. Аз тарафи дигар, ӯ дар дарбор амиру атрофиёни вайро хуб омӯхт. Дид, ки ислоҳи ҷиддӣ зарур аст. Бинобар ин Шоҳин асари навбатӣ ва охирини худ - «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро эҷод кард. Аз сабаби он ки амиру аморат барои ҳимояи худ ба ҳама чиз қодир буданд ва аз ҳеҷ кори зиште рӯй намегардониданд, бинобар он ҳам Шоҳин марому мақсади худро дар зери пардаҳои киноя ва маҷозу рамзҳои бадеӣ ифода намудааст. Ана ҳамин далел боиси он гардидааст, ки «Бадоеъ-ус-саноеъ» асари охирини Шоҳин бошад. Аз тарафи дигар, Шоҳин дар даврaҳои нисбатан охири рӯзгори хеш аз амиру аморат хеле хастадилу ноумед гардида будааст. Ин ҳолат ба таври васеъ ва бо оҳанги қавии фалсафиву сиёсӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» хеле ҷиддӣ ба тасвир омадааст. Ӯ менависад: « Мир Муҳаммад Шамсуддин алмутахаллис ба Шоҳин аз он ҷиҳат, ки тарокуми навоиб ва тазоҳуми масоиб муҷиби ихтилоли афкор ва боиси инҳирофи атвор гардида буд, хост ки ба муқтазои ҳол маҷмӯат-ушшикоят пардозад ва дар адои шикоят дастури ғариб оғозад, чунончи нигорандаро алалфавр эҷоби ханда ва баъдалғавр эроси гиря тавонад намуд». Яъне дар мантиқи оддии ифода шоир гуфтааст, ки: «Аз он ҷо ки буд, хостам ки мувофиқи ҳолам маҷмӯаи шикоят сохта дар адои ин шикоят тарзи иншои аҷибе вазъ кунам, ба он тарзе ки хонанда баробари хондан бихандад, аммо баъди ба фаҳми мазмуни он расидан, бигиряд».

Бо назардошти мавзӯъ дар ин асар се ҷанбаъ ба мушоҳида мерасад:

1. Танқиди муҳит ва ҷамъияти он давра,
2. Танқиди аҳли замон, арбоби давлат ва соҳибмансабон.
3. Тасвири ҳолу рӯҳия ва вазъияти худи шоир, шахсияти мушоҳидакор, ки ҳолии дигаре надорад.

Асар ба фаслҳову зерфаслҳо ҷудо нашавад ҳам, ҳадафи эҷодкор тақрибан чунин баён шудааст:

1. Зикри ибораҳои киноявие, ки пеш аз баёни воқеа меоянд.
2. Инъикосу таҳлили воқеаву ҳодисаҳо, ки аз танқиди замон ва ё аз баёни ҳолати худи муаллиф иборатанд.
3. Ҳикоёти хурде ба тарзи тамсилӣ.
4. Истифодаи ибораҳои маҷозиву киноявӣ.
5. Хулоса ва натиҷагариҳои худи муаллиф.

Шоҳин огоҳ менамояд, ки ба зоҳири ҳодисаву воқеаҳо фирефта набояд шуд. Ҳар кас бояд пардаро аз рӯи зиннату ороишҳо бардорад ва ҷамъиятро дар воқеияти ошкоро бубинад:

«Субҳоналлоҳ, каҷкули гадо сафинаи кадом дарё шуда ва ба деги мадраса оши кадом маърака сурати имзо ёфта. Агар аз барф, масалан, бинои манора осон аст, пас манора чаро махсуси Масҷиди калон аст?

Ҳамин ҷоҳилон манораи аз барф сохтаро чун манораи хиштӣ тавсиф мекунанд ва каҷкӯли қаландариро заврақ гумон мекунанд.

Дареғо, ки ин ҷоҳилон зимомдорони вақтанд ва он ҷойҳо бар ин тоифа сазовор нест. Онҳоро бояд дар ҷойҳои барояшон муносиб шинонд, то ин ки сади роҳи ҷамъиятиву халқ нашаванд. Ба ин маънӣ Шоҳин менависад: «Каллаи гӯсола чун таҳаммули юғ надорад, садои он зери хок ва хараки хокӣ чун токати кашша (авзори асб) надорад, ҷои он миёни хасу хошок. Аммо ҳайронам аз инқилоби даҳр, ки онро бо мехи ҷафо набастаанд ва аз инъикоси давр инро (яъне харро) ба ҷул наороста».

Ба назари Шоҳин низому тартиб дар кори чомеаи онрӯза то ба дараҷае аз даст рафтааст, ки ислоҳи он имконпазир нест. Ин ҳолат ба он монанд аст, ки сурма агар зеби чашму давои он бошад, вале чун дараҷаи худ наомадааст, пеши чашмонро сиёҳ мекунаду бас! Бинобар он дардҳои ҷомеъа бедаво шудаанд:

«Бода он ҷо ки хумор нашиканад, пунба дар даҳони шиша неҳ, об ки ҳар гоҳ бар номияи нахл қувват наафзояд, дами теша беҳ». Камақлон ин нуқсонҳоро агар бубинанд, мехоҳанд нафъ созанд, вале решаҳои онро, сабабҳои пайдоиши онро намедонанд. Ин хираду донишро мехоҳад:

«Доғам аз дасти фикри нақис, ки муаддӣ ба ҳусули камол нест, кайк аз муза берун мекунанд, аммо воқиф на аз ҳодисаи саг дар ҷувол». Яъне адиб гуфтан мехоҳад, ки ақл сазовори роҳбарист ва беақлу бехирад набояд, ки роҳбари ҷамъият бошад, зеро ӯ ба кадом роҳ ва ба куҷо бурдани мардумро дарк карда наметавонад.

Ба назари Шоҳин, сабабгори асосӣ мансабдорони хурду поёнӣ нестанд, балки гунаҳкори асосӣ худи амир аст. Шоҳин таъкид менамояд, ки: «Обмӯрӣ агар аз боғ калон аст, гила на аз кундаи хору пастии девор аст, балки аз аблаҳии боғбон аст». Яъне агар боғбон оқил мебуд, обмуриро хурд месохту деворро баланд мекард, то дузд роҳ ёфта натавонад ва харобкорӣ накунад. Чунин тарзи муҳокимарониҳои фалсафию ҳакимонаи Шоҳин гувоҳи он аст, ки ӯ ба инкишофи ҷамъият, системаи роҳбарӣ бар он, усули ба роҳ мондани корҳо, муносибат ба табақаҳои иҷтимоӣ, коргирӣ ба арзишҳои илмӣ, гиреҳҳои фарҳангӣ ва мушкилҳои иқтисодиро то ба андозаи сарфаҳм меравад. Зеро хеле оддӣ бошад ҳам, баъзан роҳҳои халосиро нишон доданӣ мешавад:

«Чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диҳанд, доман мезананд, чӣ умеди рушноӣ ва кӯдаки навомӯхтаро ҷое сим диҳанд, бим медиҳанд, чи тамъаи ошноӣ…

Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ба ҷои шир хун медиҳанд»…

Ҳадафи эҷодкор ин аст, ки чароғи афрӯхта корест, ки андак баъд натиҷа медиҳад, зимомдорон ба ҷои онро аз сари бод эмин нигаҳ доштан, ба доман бод ҳосил карда, онро хомӯш мекунанд, то ин ки торикӣ ҳукмрон бошад ва сиррашон фош нашаванд. Ҳадаф аз доман сади роҳ гардидан мебошад. Ё худ мақсад аз кӯдаки навомӯз одамони хоҳишдор, вале камтаҷриба ё бетаҷриба аст. Ба ҷои дасти ӯро гирифтан,

баръакс ӯро ин доягони бемеҳр - мансабдорон, ба ҷои шир хун медиҳанд. Яъне ҷонибдорони нашъунамои ӯ нестанд.

Шоҳин соҳибмансабони замонро бо кӯтаҳназариву зоҳирбинӣ айбдор мекунад. Ҳар як зуҳури номатлубро бояд пеш аз ҳама сабабҳои пайдоиш, омилҳои зоҳиршавӣ ва решаҳои онро ҷустуҷӯ намуд, то ин ки гунаҳкор бечазо намонад ва адолат пойдор шавад. Барои дарки масъала адиб чунин далел меорад, ки:

«Шуллони (маоши) мир агар ба навкар нарасад, гилаи мир аз танхоҳ (рутбаи пасттар аз мир) аст ва ротибаи (моҳонаи) вазир агар ба аскар нарасад, шикваи вазир аз подшоҳ аст… Туфанги бетир киро аз по нишонад ва паланги бечанг киро аз ҷо фишонад. Оҳан то тофта (сурх) накунӣ, дар чӯб наравад ва тир то оташ надиҳӣ, аз чӯб наҷаҳад. Заминро дона деҳ, то хирман даравӣ ва тӯтиро шакар деҳ, то сухан шунавӣ».

Ҳадаф дар казовати боло набудани низоми давлатдорӣ, харачу марач, бесару сомонӣ дар корҳои соҳибмансабон ва пеш аз ҳама, дар дарбор аст. Яъне бо давлат гуфтани танҳо низом барқарор намешавад. Низому тартибро бояд дар мадди аввал барқарор намуд, то адолат барқарор шавад. Агар адолат набошад, он давлат бозичаи дасти мансабдорон аст. Аз ин рӯ, мақсад аз маоши мир, моҳонаи вазир, туфанги бетир ва паланги бечанг мавчудияти миру вазир, давлату ҳукумат буда, ин ҳама зоҳири давлатдорӣ аст, вале фаолияти онҳо, мавҷудияти адолати иҷтимоӣ ва риояи он ҷанбаҳои ботинии давлатанд.

Дар баъзе ҳолатҳо Шоҳин ҳолати худро тасвир менамояд, ки дар муқобили ин ноадолатиҳо истодагарӣ кардааст ва аз ин рӯ адиби ҳақиқатгӯ хору залил ва беҳимояву танҳост. Бинобар он размӣ сухан гуфтани адиб бесабаб нест. Ӯ менависад:

«Агар чун гунҷишк хона кунам, ҳоҷиби остона тузоқи… тифлон аст ва агар чун гӯсфанд азми саҳро намоям, қоиди тариқ (қаравули роҳ) таёқи чӯпон… Замона ҳар заҳри қоғазпече, ки омезад, ки чун кадуи нос дар коми ман мерезад ва гетӣ ҳар дуди талхе, чун ангезад, ки найи калён (чилим) дар димоғи ман мебезад… Шир дар косаи ман ҷурғот аст ва мавиз дар кисаи ман қарақот аст… Чун бахт баргашт, ҳол ин аст ва чун хотир ошуфта шуд, мақол чунин…»

Тасвирҳои боло характери фардӣ дошта шарҳи холи худи адибро инъикос кардаанд: мисли гунҷишк хона сохтан - бо азоби зиёд ва ҳакирона бунёд кардани чизе, мисли гӯсфанд агар азми саҳро… кардан - киноя азми коре, мақсадеро пеш гирифтан; заҳри коғазпечи замона - киноя аз ягон навъи воқеаву ҳаводиси нохуше, ки рух медиҳад, ҳатман мисли нос ба коми адиб рехта мешавад, ки дар ниҳояти кор номуродӣ ва беиқболӣ дар назар дошта шудааст.

«Бадоеъ-ус-саноеъ» - и Шамсуддин Шоҳин аз нигоҳи мазмуну муҳтаво мисли айбномаест бар муқобили амиру аморат ва умуман соҳибмансабони замонаи адиб. Маҳз ҳамин тоифа, - ба қавли Шоҳин, - мамлакатро аз пой афтонидаанд. Онҳо аз илму дониш, фарҳангу маърифат дуранд. Ҳамчунон аз фаҳму идроки идораи давлат маҳруманд.

Рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» аз нигоҳи шакл ва мундариҷа падидаи тоза дар насри бадеии асримиёнагии тоҷик аст. Ҳатто унвони рисола номи асарҳои илмӣ – назариявиро ба ёд меорад. Аз тарафи дигар, асар дорои фаслу бобҳои ҷудогона ё тақсимбандии дигаре аз ягон ҷиҳат нест. Пас маълум мешавад, ки ҳадафи як самт- интиқод аз сохти давлатдорӣ ва сардори он мебошад. Усули нигориши асар, образҳо ва шахсиятҳои тасвиршаванда, ки адиб зикр мекунад, ном гирифта намешаванд. Амали онҳо, кору муносибати онҳо зикр мешаваду халос. «Агар гулӯла (тир) ба гӯр (гӯрхар) расад ҳам, бо воситаи борут аст ва агар мурда ба гӯр равад ҳам, низ ба дастёрии тобут»… Ё ин ки: «Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ба ҷои шир хун медиҳанд».

Иштирокчиёни муҳокимаҳо, образҳои тасвиршаванда рамзӣ-киноявӣ, тамсилӣ-маҷозӣ буда, аз рӯи амалашон маълум мегарданд, ки киҳоянд.

Насри асар сода ва тарзи баёни адиб хеле шавқангез аст. Саропо Шоҳин аз санъати саҷъ ва навъҳои он истифода кардааст. Ин ҳунари адиб хонандаро барои мутолиаи асар омода месозад. Хонанда аз мутолиаи он лаззати маънавӣ мебарад ва хастагиро ҳис намекунад: «Шалғами пухта бо нуқраи хом ҳамранг аст, тафовут ту медонӣ; обгина бо алмос ҳамсанг аст, агар метавонӣ» ва ғайра.

Аз калимаю ибораҳо, таъбирҳо, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ адиб хеле фаровон кор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки санъаткорӣ ё худ кор гирифтан аз рамзу киноятҳо, маҷозу иҳомҳо фаҳмиши моҳияту мӯҳтавои асарро мушкилтар намудааст. Хонанда баъзан мақсади ниҳоии адибро ба таври ошкоро фаҳмида наметавонад. Дар ҳар сурат, асар аҳамияти фарҳангию маърифатӣ ва тарбиявӣ дорад.

Асари мазкур гувоҳи он аст, ки эҷодкори он донишманд, соҳибхирад, боистеъдод ва пуртаҷриба мебошад. Зеро тавассути «Бадоеъ-ус-саноеъ» ӯ намунаи волои афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ, маданӣ-маърифатӣ ва фарҳангӣ-адабии даврро баён карда тавонистааст.

Мазмуни манзумаи «Тӯҳфаи дӯстон»

Маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» дуюмин асари калони Шоҳин буда, дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ таълиф шудааст. Ин асар нотамом аст. Шоҳин онро дар мавзӯи панду андарз, мавъизату насиҳат ва умуман тарбияи инсон хостааст эҷод намояд. Вале шоир мебинад, ки тавассути андарз сиёсатмадорони асрро бо роҳи рост ҳидоят кардан маҳол ва ҳатто номумкин аст. Шояд аз ҳамин сабаб шоир асарро ба поён намерасонад. Маснавӣ бо хоҳиши устод ва роҳнамоиҳои пири маънавии Шоҳин-Зарири Ҷӯйборӣ дар чунин шакл тарҳрезӣ гардида будааст:

Боби аввал: Дар адл.
Боби дуюм: Дар эҳсон.
Боби сеюм: Дар ишқ.
Боби чорум: Дар тавозӯъ.
Боби панҷум: Дар ризо.
Боби шашум: Дар қаноат.
Боби ҳафтум: Дар тарбият.

Боби ҳаштум: Дар шукр
Боби нуҳум: Дар сабр
Боби даҳум: Дар хотима

Дареғо, ки аз ин нақшаи мураттабсохта танҳо муқаддима ва фасли аввали боби нахустини « Тӯҳфаи дӯстон»-ро Шамсуддин Шоҳин навиштаасту халос.

Дар асоси ҳамин бахшҳои сомондодаи Шоҳин метавон ба натиҷае омад, ки шоир авзои сиёсӣ, ҳолати рӯҳии зимомдорони аср, равиши ҷамъияти онрӯза, муносибати дарбор бо илму фарҳанг, шеъру адабиёт, эҷодкорону қувваҳои зеҳнию фикрӣ, раъиятро хеле хуб таҳлил кардааст. Ин таҳлилу мушоҳидаҳо шоирро водор сохтааст, ки баъдан фикри дигар кунад. Аз ин рӯ, шоир бо таълифи муқаддимаву қисме аз нахустбоб қаноат кардааст.

Ӯ зоҳиран амир Музаффар ва Абдулаҳадро васф ҳам кардааст ва аз тарзи муносибат бо тасвирҳои офаридааш, онҳоро сахт танқид низ кардааст. Яъне Музаффарро ба Ҷамшед ва Абдулаҳадро ба Заҳҳок монанд мекунад:

Чу гетӣ зи Ҷамшед пардохт тахт,
Бар он тахт Заҳҳок андохт рахт.
Шукӯҳе дар ойини давлат намонд,
Ба Тӯронзамин зебу зиннат намонд.

Ба ҳамин тариқ, Шоҳин ин асари ахлоқии худро аз шикваю танқиди замонааш оғоз менамояд:

Маро шиква поён надорад гузор,
Ки худ шиква баҳре бувад беканор.
Фиғон, к-ин ҳарифони кинозмой,
Ба меҳр андар оранд халқе зи пой.
Чу фарзанд аз онат ҳамепарваранд,
Ки чун гурба фарзанди худ мехуранд.
Ман идбор дидам, ту фирӯз бош,
Зи аҳволи ман ибратомӯз бош.

Ё худ дар фасли «Дар гузориши айёми нофарҷом ва шикояти хосу авом» меорад:

Ду-се рӯз чӯёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам.
Бибурдам ба ороиши назм ранҷ
В-аз он кардам офоқро пур зи ганҷ.
Кафи хушки эшон, к-аз он нам нарехт
Ва гар рехт ҷуз хуни мардум нарехт.
Сагеро, ки ҷома даридӣ ба дев,
Фаришта аз ӯ даргирифтӣ ғирев.
Чунон барзадам сирати мардумӣ,
Ки гӯӣ назода чу ӯ одамӣ.

Забони маснавӣ, шеваи таълиф ва услуби эҷоди Шоҳин дар «Тӯҳфаи дӯстон» хеле дилнишин аст. Дар ин ҳикоят, ки ҷавоне пиреро мегӯяд, ки чаро ниҳол парвариш мекунӣ? Охир, ин шояд пас аз чандин сол самар

диҳад, вале ба ту чӣ фоида? –Пир мегӯяд, ки пешиниён шинонданд, мо хӯрдем, мо ҳам мешинонем, то ки ояндагон бихӯранд:

Яке аз салотини дерингаҳе,
Гузар карда бар нахлаи анбуҳе.
Ки биншонда пиреш аз нав ба хок,
Ба теғе ҳамекардаш аз ҳашв пок.
Бад-ӯ гуфт: ай марди деринасол,
Бад-ин умр кай бар хурӣ з-ин ниҳол.
Худ ин нахлро отдат ин аст кор,
Пас аз бист сол оварад баргу бор.
Чунин гуфт деҳқони донишвараш,
Ки гар ман нахурдам, хурад дигараш.
Чу худ хурдаӣ барги пешинагон,
Дарахте пасояндагонро нишон.

Ҳикояти мазкур моҳияти тарбиявӣ-ахлоқӣ дошта, дар он инсондӯстӣ ва некӯкорӣ ба тасвир омадааст. Дар симои ҷавон бошад, худхоҳӣ ва кӯтоҳназарӣ баён шудааст.

Хусусиятҳои бадеии ашъори Шамсуддин Шоҳин

Ҳарифи табъи расои ту кас нашуд, Шоҳин,
Зи бас ягонаи офоқ дар сухандонист.

Шамсуддин Шоҳин дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX яке аз он шоиронест, ки дар ҳамаи навъҳои шеър эҷод кардааст. Тозакриҳои Шоҳин дар қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, тарҷеот, мусаммати мухаммас, маснавӣ ва ғайра хеле устодона аст. Шоҳин аз тарафи дигар, ба бузургтарин шоирон: Анварӣ, Саъдӣ, Камол, Ҳофиз, Нозим, Низомӣ, Бедил пайравиҳо кардааст. Ӯ дар қасида бештар ба Хоқониву Анварӣ, дар ғазал ба Саъдию Ҳофиз ва Бедил, дар маснавӣ ба Низомӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Шоҳин, ба хусус, дар ғазал табъи басо баланд дорад, зеро Туғрал барин шоир ӯро устоди хеш медонад. Шоҳин дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ соҳибҳунар буда, санъати нозуки баён дорад:

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, ай шӯх, надонам, ки чӣ гӯӣ,
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.

Аз сабаби он ки маҳбуба дар ғояти нафосату зебоӣ ба тасвир омадааст, бинобар он ҷузъиёти тасвири образҳои лирикӣ низ хеле ҳунармандона аст: лаби лаъли шакархо, хати ғолияпиро, нозукии тарзи адоҳо ва ғайра тавсифҳо, истиораҳо, ташбеҳот, кинояву маҷоз ва махсусан, таносуби сухан ҷолибу қобили қабул истифода шудаанд. Чунин тарзи мазмунсозиву маъниофарӣ ба хусус, дар лирикаи ишқии Шоҳин хеле зиёд мушоҳида карда мешавад. Мавзӯъҳои ишқӣ якҷоя бо тасвири ҷузъиёти баҳор, гулу лола, насими атрогин, садои паррандаҳои хушилҳон, навои обшорону гоҳ-гоҳе резиши борони найсон, лаҳзаҳои тобиши офтоби тобон дар тасвирсозиҳои Шоҳин ҳунари хосанд.

Ай ҳарифон, вақти гул дар гулситон маҷлис кунед,
Лоларӯе иттифоқ афтад, ба худ мӯнис кунед.

Ин мавзӯъҳо бо ҳамовозии мусиқиву суруд ва маю бодагусорӣ тасвирҳои хеле хотирмону таъсирбахши лирикаи Шоҳин мебошад. Хусусияти ҷудогонаи лирикаи шоир ба хусус ғазалиёти вай дар он аст, ки он то андозае тобиши зарофатомез дорад, ки қаблан дар ашъори шоирони дигар дучор намешавад. Ин тарзи маъниофариву мазмунсозӣ аз ҳадди камолоти маънавии Шоҳин башорат медиҳад.

Дар лирикаи Шоҳин мавзӯъҳои ахлоқӣ, панду андарзӣ, таълимӣ-тарбиявӣ низ мавқеъ доранд.

Инчунин шикояту танқид, оҳангҳои яъсу навмедӣ дар лирикаи шоир хеле ҳунармандона баён шудаанд.

Санъати шоирӣ, ҳунари эҷод, пояи сухангустарӣ, хаёлбофиву мазмунсозӣ, маъниофарӣ ва ҳадафнокӣ дар лирикаи Шоҳин хеле дилкашанд.

Сабки сухан, тарзи баён, шеваи эҷод, ҳунари таълифи шоир низ ҷолиб аст. Ӯ аз калимаю таъбирҳо, мақолу зарбулмасалҳо, ифодаҳои халқӣ, инъикоси урфу одатҳои мардумӣ, расму русум ва ғайра ба ҳунармандии ба худ хос кор мегирад. Ҳадафро ҳунармандонаву ӯҳдабароёна баён карда метавонад:

Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман
Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро.

Ё худ:

Гӯ наваршад ишқ ҳар касс, барнатобад ҷаври ёр,
Ҳар ки аз гунҷишк тарсад, бояд аз арзан гузашт.

Дар ин абёт: «Чашмро об додан» ба маънии лаззат бурдан аз тамошо ва дар байти дуюм мақоли «Аз гунҷишк тарсӣ, арзан макор» хеле ҳунармандона кор гирифта шудаанд.

Аз ин рӯ, нақши эҷодиёти Шоҳин барои соддаву оммафаҳм намудани забони адабии асримиёнагӣ ва ба зиндагии халқ боз ҳам наздик намудани адабиёти бадеӣ хеле бузург аст.

Савол ва супоришҳо:

1. Оид ба овони ҷавонии Шоҳин маълумот диҳед.
2. Таҳсили ибтидоӣ ва мадрасавии Шоҳин дар куҷо гузаштааст?
3. Сабабҳои ба дарбор роҳ ёфтани шоирро нақл кунед.
4. Мероси адабии Шоҳин аз чиҳо иборат аст?
5. Саҳми Шоҳинро дар рушди ғазали адабиёти нимаи дуюми асри XIX баён намоед.
6. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Шоҳинро нақл кунед.
7. Ғазали «Ай, ки аз қадди расо ғояти сарви чаманӣ»-ро таҳлил намоед.
8. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазали «Ҳама аҷзои ту хубу ҳама аъзои ту хуш»-ро шарҳ диҳед.
9. Фаъолияти достонсароии Шоҳин аз кай оғоз шудааст?
10. Мазмуни мухтасари достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро нақл кунед.
11. Образҳои асосии мусбату манфӣ, лаҳзагӣ ва доимии «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таҳлил намоед.

12. Умумият ва тавофути «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шоҳин аз асарҳои ҳамном аз чӣ иборат аст?

13. Мазмуну мӯҳтавои асари «Бадоеъ-ус-саноеъ»- и Шоҳинро нақл кунед.

14. Дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» Шоҳин бештар кадом масъалаҳои иҷтимоиро баён кардааст?

15. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии маснавии «Тӯҳфаи дӯстон»-ро баён кунед.

16. Дар таълифи «Тӯҳфаи дӯстон» Шоҳин ба кадом асари асримиёнагӣ пайравӣ кардааст?

17. Мазмуни ду се ҳикоятро аз «Тӯҳфаи дӯстон» нақл кунед.

18. Арзиши адабии маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» аз чӣ иборат аст?

19. Оид ба санъати эҷод ва ҳунари шоирии Шоҳин чӣ медонед?

20. Мақоми Шамсуддин Шоҳин дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX аз чӣ иборат аст?

МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ

Яке аз шоирони тавонои ибтидои асри ХХ тоҷик Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат аст, ки бо эҷодиёти худ ба адабиёти давр ва минбаъда таъсири муайян гузоштааст. Ҳайрат соли 1878 дар гузари Арӯсони Бухоро таваллуд ёфтааст. Номи шоир Муҳаммадсиддиқ буда, «Ҳайрат» тахаллуси адабии ӯст. Падари шоир дар масҷиди гузари Арӯсон муаззин буда, барои тарбияи писараш ҳаматарафа саъй доштааст. Шоир дар овони ҳафтсолагӣ аз модар ва дар дувоздаҳсолагӣ аз падар ятим мемонад. Ҳайрат дар синни 15-солагӣ ба мадраса дохил шуда, илмҳои ҷории замонро комилан фаро мегирад. Вай соли 1895 бо устод Садриддин Айнӣ рафоқат пайдо намуда, онҳо аз ҳамдигар хеле баҳраҳо мебаранд.

Ҳайрат аз нигоҳи иқтисодӣ чандон доро набуд ва аз ин ҷиҳат танқисӣ мекашид. Ин аст, ки шоир барои беҳбудии ҳолати иҷтимоии хеш, соли 1898 ба сифати мирзо, ба хидмати Ашӯрбек ном даллоли пӯсти қароқӯлӣ дохил мегардад. Аз сабаби он ки Ҳайрат бемор шуда буд, соли 1900 бо маслиҳати дӯстону наздикон барои тағйири муҳит ба Фарғона меояд. Бемории шоир вазнин гардида соли 1902 Ҳайрат аз дунё чашм мепӯшад.

Ҳайрат махсусан бо таъсири мактаби адабии Шарифҷон Махдум назокати илми шеърро хеле барвақт аз худ менамояд. Аз тарафи дигар, муҳити илмӣ-адабии шаҳри Бухоро низ ба эҷодиёти ӯ таъсири зиёд менамояд. Ин аст, ки ӯ ба шеъргӯӣ аз овони хурдсолӣ шурӯъ мекунад.

Мероси адабии Ҳайрат

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ то таҳсили мадраса ба шеъру шоирӣ рӯ оварда буд. Устод Садриддин Айнӣ дар ин бора менависад, ки: «… аз камоли истеъдод ва ишқи адабиёт дар хурдсолӣ ба мартабаи устодӣ расида буд». Ҳайрат тавонист дар муддати кӯтоҳ аз худ ашъори зиёде ба ёдгор гузорад. Ашъори шоирро баъд аз вафоти ӯ яке аз бузургону фозилони замон-Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ба сифати девон мураттаб намудааст. Ба ҳамин тариқ, девони ашъори Ҳайрат дорои 2447 байт буда, аз шаклҳои шеърии зерин: ғазалу қасида, қитъаву рубоӣ, мусаммати мухаммас, мусаммати мусаддас ва ғ. иборат мебошад.

Дар девони ӯ ғазал нисбат ба шаклҳои дигари шеърӣ мавқеъ дорад. Мавзӯи марказии ашъори Ҳайрат ишқу ошиқӣ, шӯру валвалаҳои ботинии инсон, садои дилҳои лабрези вафодирию муҳаббат, садоқату самимият мебошад. Бахусус ғазалиёти ӯ аз ин ҷиҳат афзалияти бештаре дорад.

Масалан, ғазали зерини Ҳайрат, ки аз нигоҳи мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво ишқӣ - васфӣ буда, дар он ҳусну ҷамоли маҳбуба васф карда мешавад, хеле ҷолиб аст. Ин ғазал, ки аз ҳар ҷиҳат аз нигоҳи хусусиятҳои мундариҷавӣ: маъниофарӣ, мазмунсозӣ, интихоби лафзу назокати ифода, ҳунари коргирӣ аз санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ ва ғ. ҷолиб аст.

Аз ҷиҳати талаботи хусусиятҳои шаклӣ ҳам хеле дилнишину хотирмон мебошад. Зеро ҳатто диққати устод С. Айниро ҷалб намудааст ва устод

ин ғазалро яке аз беҳтарин ғазалҳои суннатӣ меҳисобад. Чунончи, матни пурраи он ғазал:

Ай сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ!
Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ?
Ороми сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,
Ай сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидаӣ.
Ӯ сарви дилбар асту равон аст дар хиром,
Ту сарви бебариву ба кунҷе хазидаӣ!
Ӯ реша дар дил асту зи дил об мехурад,
Ту реша дар гил астиву аз гил дамидаӣ.
Ӯ нозпарвар асту бувад шох-шохи лутф,
Ту боғпарвар, аз ду- се шохи буридаӣ.
Ҳайрат, зиёда мӯътакиди сарви нози ӯ
Гаштӣ, магар мунозираи мо шунидаӣ?

Ғазали зикршуда бешубҳа хеле ҳунармандона эҷод шудааст. Бунёди тасвири шеъри боло ду сарв буда, яке дарахт ва дигаре маҳбуба мебошад. Аз ибтидо то интиҳо ташбеҳи баргаштаву ташбеҳи тафсилӣ ба кор гирифта шудааст, то ин ки шоир бартарии маҳбубаро нишон бидиҳад. Сарви чаман, ки аз дарахтони дигар дар қаду қомат бартарӣ дорад, ифтихор мекунад. Шоир ӯро огоҳ месозад, ки фахри ту беҷост, зеро аз рӯи тамоми хусусияту аломатҳои муқоисашаванда қомати маҳбуба бартарӣ дорад. Хусусиятҳои шаклии шеъри боло низ басо ҷолиб ва хотирмон аст. Зеро интихоби калимаҳову ибораҳо, хусусиятҳои табии дарахту инсон, ҷобаҷогузорӣ, мантиқи бадеии сухан ва ғайра радифро талаб намекунад. Вале калимаҳои қафияшаванда: кашидаӣ, надидаӣ, орамидаӣ, хазидаӣ, дамидаӣ, буридаӣ, шунидаӣ низ бозёфти шоиранд. Онҳо хеле хуб «чинда» шудаанд. Дар калимаҳои ҳамқофия решаи қофия - **идаӣ** буда, ҳарфи равӣ «д» мебошад. Аз ин рӯ, қофияҳои ғазали боло мутлақ мебошанд.

Аз нигоҳи вазн низ ғазали мазкур нисбатан дилнишин аст, зеро дар баҳри Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур иншо шудааст. Афоъили он чунин шакл дорад:

- - v/ - v - v / v - - v / - v -
- - v/ - v - v / v - - v / - v -

Яъне: мафъулӯ, фоъилоту, мафоъӣлу, фоъилун

Ҳайрат шоири ғазалсарост ва дар ин ҳунар хеле панҷаи қавӣ дорад. Ӯ ғазалҳои тақлидкорона ҳам дорад, вале дар тақлид ҳам на ҳар кас муваффақият пайдо карда метавонад. Масалан, ба ғазали мазкури Ҳайрат агар таваҷҷӯҳ карда шавад, хеле ҳунармандона эҷод карда шудааст:

Чашм андозам, ки он гулпираҳан ёдам кунад,
Гӯш як дам аз тараҳҳум сӯи фарёдам кунад.
Чанд бошам аз фироқаш банда бо оҳу фиғон,
Кош сӯям як назар он сарви озодам кунад.
З-он лаби ширинлабе ширин нашуд, охир маро,
Ҳамнишини кӯҳи ғам монанди Фарҳодам кунад.

Хоки раҳ гардидаам боре ба роҳи тавсанаш,
Як нигаҳ аз лутф ё якбора барбодам кунад.
Абрӯяш тири ғазаб ҳар лаҳза бар дил мезанад,
Наргиси масташ ба ҷон сад фитна эҷодам кунад.
Заҳр менӯшам зи ҷоми дида аз саҳбои ашк,
Шоядам ҷоми май он маҳ нӯш бар ёдам кунад.
Зору маҳҷуру ҳазинам, Ҳайрат, аз ҳичрони ӯ,
Бар умед он маҳ зи васли хеш дилшодам кунад.

Дар ғазали зикршуда истеъдоди воқеии Ҳайрат, ҳунари волои ӯ, донишу ҷаҳонбинӣ, табъу тавони суханварии вай боз ҳам бештар ошкор мешавад. Чашм андохтан-киноя аз пиндоштан, ба умед будан ва гулпироҳан-истиора, зеро ташбеҳшаванда нест ва танҳо ташбеҳкунанда зикр шудааст. Гӯш сӯи фарёд кардан- гапи касеро гирифтан, розӣ шудан ба фикри касе; ҳамнишини кӯҳи ғам будан-ғамшарикӣ; абрӯ-тири ғазаб ва ғ. Ғазали боло ишқӣ буда, ҳадафи шоир шикоят аз ҳаҷри ёр, фироқу дурӣ аст. Ошиқ муштоқи висол аст, вале маҳбуба ғазабноку бадқаҳр мебошад.

Аз нигоҳи ҳунари эҷод низ ғазали зикршуда хуб эҷод шудааст. Ғазал дорои радифи содда буда, калимаи **кунад** ба ҳайси радиф оварда мешавад. Радиф танҳо аз таъкиди маъно иборат набуда, бештар бори ғоявӣ мекашад. Ғазал бо тақозои қофия ҳам ҷолиб буда, дар он калимаҳои ёдам, фарёдам, озодам, Фарҳодам, бодам, эҷодам, ёдам, дилшодам ҳамқофиянд. Аз ҷиҳати навъҳои қофия бошад, қофияҳои ғазали мазкур мутлақ аст, зеро пас аз равӣ («д») унсурҳои дигари қофия омадаанд. Ҳадафи шоир аз истифодаи чунин тарзи қофия баёни ҳолати пешомада мебошад.

Дар эҷоди ғазал шоир аз баҳри Рамал истифода кардааст. Ин аст, ки ғазал дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф таълиф шудааст. Афоъили вазни ҳосилшуда чунин аст:

\- v - - / - v - - / - v - - / - v –
\- v - - / - v - - / - v - - / - v -

Яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун.

Намунаҳои дар боло овардашуда далели онанд, ки ашъори Ҳайрат дар адабиёти замони худ нисбат ба дигар муосирон аз ҳар ҷиҳат бартарӣ дорад.

Дар ғазалиёти Муҳаммадсидиқи Ҳайрат мавзӯъҳои танқидӣ, ҳаҷвӣ хеле зиёданд. Масалан, ӯ зоҳидро хеле сарзаниш менамояд:

Зоҳид аз дайр ба масҷид зада саъйи ботил,
Кист ин гумшударо дар роҳи Ҳақ гардонад.
Ҳарфи имрӯзи ту бо моҳ ҳамагӣ кину ҷафост,
Худ муаллим зи вафо кош сабақ гардонад.

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби ғазалиёти Ҳайрат аз он иборат аст, ки ҳатто мавзӯъҳои ишқӣ низ тобиши ҳазлу шӯхӣ гирифтаанд.

Чунончи:

Мо ба узлат мурда, ёди дилситони мо ба хайр,
Барнамегирад хабар, сарви равони мо ба хайр.

Ёди ӯ дорем аҳде, ҳеҷ ёди мо накард,
Ёди бепарводили номеҳрубони мо ба хайр!
Мо ба фикри он ки дорад ёр фикри ҳоли мо,
Боракаллаҳ фикри мову ҳам гумони мо ба хайр.
Нуқли маҷлис ҳар куҷо зикри парешонии мост,
Мо ба худ ҷамъем, асрори ниҳони мо ба хайр!
Ӯ намерафтаст худ ҷуз дар раҳи шарри рақиб,
Ёди чоқи кардаю чӯту нишони мо ба хайр.
Хостем аз лаъли ӯ як ҳарфеву расво шудаем,
Дар бари ёрони дерин имтиҳони мо ба хайр.

Ғазали зикршуда андаке тамоили ҳазломез дорад. Ошиқ-қаҳрамони лирикӣ ҳамоно гирифтори ҳичрон аст, вале маҳбуба хеле бепарводилу номеҳрубон мебошад.

Ин аст, ки ошиқ ӯро: **аҳсант,** мегӯяд. Аҳсанти гуфтаи ӯ маънии зоҳиран офаринро дорад. Маҳз бори ғоявӣ бардоштани радифи мураккаби «**мо ба хайр**», тобиши ҳазлангези мақсади қаҳрамони лирикиро таъмин кардааст. Аз ин рӯ, шоир онро ба ҳайси радиф баргузида, то ба охири ғазал ба кор мебарад.

Аз нигоҳи ҳунари шоирӣ низ ғазали дар боло овардашуда хеле ҳунармандона аст. Шоир аз санъатҳои бадеии таносуби сухан, истиора, маҷоз, киноя, ташбеҳ, муболиға, тазод, тавсиф ва ғ. хеле ӯҳдабароёна истифода мебарад.

Аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ низ ин ғазал хуб аст. Чунон ки қаблан ишора рафт, шоир дар ин ғазал радифи мураккабро ба кор мебарад, то ин ки бори ғоявии ҳадафро вазнинтару таъсирбахштар намояд.

Қофияҳои ғазал калимаҳои дилситон, равон, номеҳрубон, гумон, ниҳон, нишон, имтиҳон, ҷон… буда, қофияҳои муқайяд мебошанд, зеро баъди ҳарфи равӣ («н») унсури дигар иштирок надорад.

Ғазали боло дар баҳри Рамали мусаммани мақсур эҷод шудааст. Афоъили вазни мазкур чунин шакл дорад:

\- v - -/- v - -/- v - -/- v ~
\- v - -/- v - -/- v - -/- v ~

Яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилон.

Ҳайрат дар эҷодиёти худ махсусан дар эҷоди ғазал ба шоирони пешина пайравӣ кардааст. Ӯ ба ашъори Саъдӣ, Бадруддини Ҳилолӣ, Мушфиқӣ бештар пайравӣ мекунад. Хусусан дар муносибат ба образи лирикии маҳбуба Ҳайрат асосан ба Ҳилолӣ ва эҷодиёти ӯ рӯ меорад. Барои намуна ба ин ғазали Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат муроҷиат менамоем, ки хеле ҳунармандона рӯи кор омадааст. Албатта, сӯзу гудоз дар ғазалиёти Ҳилолӣ ва назокати ифодаи ҷузъиёти тасвирҳои лирикӣ дар шеваи эҷоди ӯ афзалияти том дорад. Чунончи:

Ай мӯниси дил, дӯш ту меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон омаду ҷонони кӣ будӣ?
Маст аз маи ишқат ману бо ғайр задӣ ҷом,
Ранҷури ту ман будаму дармони кӣ будӣ?
Ҳамсӯҳбати ағёриву як бор нагуфтӣ,

Бо худ, ки қарини дили бирёни кӣ будӣ?
Бурдӣ ту, қарор аз ману ороми кӣ гаштӣ?
Мурдам зи фироқи ту, бигӯ, ҷони кӣ будӣ?
Аз гиряи ман киштии афлок равон гашт,
Ай рӯҳи равон, лӯъбати хандони кӣ будӣ?
Боре накашидӣ зи дилам хори ҷафоро,
Бо орази гул сарви гулистони кӣ будӣ?
Ханҷар ба кафу маст паи қатли ту омад,
Ҳайрат, бинигар захмии пайкони кӣ будӣ?

Ғазали мазкур пайравӣ бошад ҳам, басо ӯҳдабароёна ва ҳунармандона аст. Мавзӯи ғазали боло ишқӣ буда, бемеҳрӣ, ҷафокорӣ, бепарвоӣ, бераҳмӣ, ситамгорӣ, золимӣ, бесабрӣ, дилсардӣ, бевафоӣ дар симои маҳбуба мавриди тасвир қарор дорад. Ошиқ бошад баръакс: бовафо, бомуҳаббат, пуртоқату пурсабр, ҷафокашу раҳмдил, хушмуомилаву хушсухан аст. Ошиқ аз маҳбуда шиква кунаду нолад ҳам, амалҳои ӯ аз сидқи дил нест. Зеро ӯ сидқан маҳбубаро дӯст медорад. Рӯзгори хешро бе маҳбубааш ҳеҷ меҳисобад.

Маҳбубаро баробари ҷон пазмон аст. Ин аст, ки бунёди мавзӯии ғазал ишқӣ буда, ҳиҷрон, фироқ, дурӣ аз висол, канорагирӣ асоси онро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, шоир барои таъсирнокӣ, дилчаспӣ, гӯшнавозӣ дар коргирӣ аз хусусиятҳои шаклӣ, унсурҳои ёвари мазмунсозӣ хеле хуб ҳунарнамоӣ мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳунарманд аст.

Истифодаи радиф дар ғазали боло хеле ҷолиб буда, шоир барои таъсирнокии баён радифи мураккабро истифода бурдааст. Албатта, дар ғазали Ҳилолӣ ин ҷиҳати баён боз ҳунармандонатар аст. Яъне радифи мураккаби «кӣ будӣ?» бори ғоявӣ ба дӯш дошта, суоли ошиқ бар маҳбуба мебошад.

Калимаҳои қофияшаванда низ ҷолибанд: меҳмон, ҷонон, дармон, бирён, ҷон, хандон, гулистон, пайкон дар ғазали боло ҳамқофиянд ва ба воситаи бандаки изофии «и» миёни радифу қофия иртиботи забонӣ сурат гирифтааст. Аз сӯи дигар, мантиқи ифода низ хеле баланд арзёбӣ шудааст.

Қофияшавандаҳои боло аз нигоҳи навъҳои қофия муқайяд буда, пас аз равӣ («н») ҳарфи васл наомадааст. Ин унсур барои низоми калимаҳо ва рабти мисраъҳову байтҳо то тамомияти ғазал, бо таъмин намудани оҳангнокӣ идома мекунад.

Аз нигоҳи истифодаи вазн низ ғазали боло хеле ҷолиб ва дилкаш аст. Ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (ё мақсур) иншо шудааст, ки афоъили он дар чунин шакл сомон ёфтааст:

- - v / v - - v / v - - v / v - - (v - ~)

Яъне: мафъӯлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу, фаъӯлун.

Ба ҳамин тариқ, Ҳайрат ба воситаи ашъори лирикии худ ва махсусан ғазалиёташ ба адабиёти нимаи асри XIX ва ва оғози садаи XX ва ҳамчунин ба адабиёти муосири тоҷик нуфузи судманде расонидааст. Саҳми ӯ дар ғановати таҷрибаи эҷодӣ, ҳунари шоирӣ, санъати

маъниофарӣ, ҷузъиёти тасвирсозиҳо, коргирӣ аз радифсозиву қофияёбӣ ва ҳамчунин боигарии таркиби луғавию фонди лексикаи забони адабӣ ва ғайра ниҳоят бузург аст.

Савол ва супоришҳо:

1. Оид ба овони ҷавонии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат чӣ медонед?
2. Шиносии Ҳайрат бо устод Айнӣ кай ва чӣ гуна сурат гирифтааст?
3. Таҳсили ибтидоӣ ва мадрасавии Ҳайрат дар куҷо гузаштааст?
4. Мероси адабии маҳфузмондаи Ҳайратро номбар кунед.
5. Мавзӯъ ва мазмуну муҳтавои лирикаи Ҳайратро нақл кунед.
6. Хусусиятҳои ҳунарии ғазалиёти Муҳаммадсидиқи Ҳайратро шарҳ диҳед.
7. Ғазали «Ай сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ»-ро азёд кунед ва хусусияти образҳои лирикӣ-ҳарду сарвро баён кунед.
8. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ғазали «Чашм андозам, ки он гулпироҳан ёдам кунад»-ро нақл кунед.
9. Ғазали «Мо ба узлат мурда ёди дилситони мо ба хайр» - ро аз нигоҳи маъниву мазмун ва ҳунари шоирӣ шарҳ диҳед.
10. Мақоми Ҳайрат дар рушди адабиёти давр ва анвои ҷудогонаи шеър чӣ гуна аст?

ҚОРӢ РАҲМАТУЛЛОҲИ ВОЗЕҲ

Яке аз шоирони тавонои адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ буда, соли 1818 дар шаҳри Бухоро дида ба дунё кушодааст. Возеҳ дар ибтидо дар дабиристони Қориён таҳсил намуда, баъди хатми таълимкадаи мазкур ба мадраса дохил мешавад. Яке аз устодони бонуфузи ӯ дар мадраса домулло Ҳоҷибойи Хӯҷандӣ буда, аз ин шахс Возеҳ улуми ҷории даврро омӯхтааст. Шоир илмҳои дигарро аз қабили улуми адабӣ, таърих ва инчунин табииётро низ хеле хуб аз худ мекунад. Баъди хатми мадраса Возеҳ ба хидмати ҳокими Кармина-Музаффархон роҳ меёбад. Муҳити ҳукмронии дарбори Музаффархон ба Возеҳ чандон писанд намеафтад ва аз ин рӯ, дере нагузашта шоир боз ба Бухоро бармегардад. Вақте ки Музаффархон ба тахти ҳукумати марказӣ менишинад, кори Возеҳ боз омад намекунад, зеро муносибати ҳоким бо Возеҳ чандон хуб набудааст.

Возеҳ аз фурсат истифода намуда ду корро сомон медиҳад: аввал ин ки дар як қасидаи худ аз амир Музаффархон хеле ва хеле бо самимияти хосса ёд намудааст, аз ҷумла:

Хуршедфитрато, малико, хусраво, даме
Чашми ризо ба сӯи мани бенаво кушой.
Гар муфлисам ба симу зар, аммо ба синаам
Бас ганҷҳои фазлу маъонӣ намуда ҷой.
Рӯ карда омадам ба дарат бо ҳазор умед,
Дил баста омадам ба ҷанобат ба сад раҷой[74]…

Дуюм ин ки соли 1871 вай тазкираи худро таҳти унвони «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» («Тӯҳфаи дӯстон ва зикри ёрон»)-ро ба итмом расонида, онро ба амир Музаффархон пешкаш мекунад. Дар тазкираи Возеҳ беш аз 145 нафар қувваҳои адабии охири асри XVIII ва оғози садаи XIX ҷой дода шудаанд, ки онҳо дар қаламрави Бухоро, Қӯқанд, Самарқанд ва дигар марказҳои илмӣ-фарҳангии Осиёи Миёна зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Дар муносибат бо чунин корҳои Возеҳ амир чӣ гуна иқдом намудааст, равшан нест ва ин чиз мусаллам аст, ки Возеҳ асосан бо пешаи хаттотӣ касби маош мекардааст. Инчунин, Возеҳ аз улуми табииёту риёзиёт, фиқҳ ва тиб низ ба таври бояду шояд баҳраманд будааст.

Соли 1885 дар аморат тағйирот ба вуҷуд меояд, ба ҷои Музаффархон писари ӯ-амир Абдулаҳадхон сари қудрат меояд.

Баҳори соли 1886 Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ бо нияти ба ҷо овардани ҳаҷ роҳи Арабистонро пеш мегирад. Ӯ тавассути Туркманистон, Қафқоз, Истамбул ба Арабистони Саъудӣ меравад ва дар бозгашт соли 1887 ба Бухоро роҳи ӯ аз Қаламрави Ироқу Эрон мегузарад.

Пас аз сафар ӯ хотираҳои хешро дар шакли китоби сафарӣ таълиф менамояд, ки дар ин асар оид ба рушди мамолики хориҷа ва аз ин бояд сарварони ҳукумати Бухоро ба ягон хулосаи зарурӣ биёянд ва ба ҳамин маъно тасвирҳо дида мешавад. Вале ин асар ба аморати Бухоро ва

[74] Раҷой-орзу

балегӯёни дарбор писанд наомад ва суханони Возеҳро онҳо ҳамчун ношукрӣ пазируфтанд ва ба ӯ тамоман аҳамият надоданд. Дар ин бора аз баъзе намунаҳои ашъори Возеҳ иттилоот метавон пайдо намуд, ки гуфтааст:

Зи бас гирифта дил аз вазъи олами пирам,
Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам.
Чу дил шикаставу ошуфтаю парешонам,
Ки ҳамчу мавҷ набошад қабули таъмирам.
Насиби ман ба ҷаҳон ғайри талхкомӣ нест,
Магар, ки рехта айём заҳр дар ширам.
Ҳадиси ояти ҳичрон рақам задӣ, Возеҳ,
Ки нест ҳоҷати шарҳи саҳеҳу тафсирам.

Умуман, дар лирикаи Возеҳ оҳангҳои яъсу навмедӣ, шикастадиливу шикастанафсӣ, шикваҳо аз нодориву тангдастӣ, бенавоию қашшоқӣ хеле баланд садо медиҳанд. Намунаи қазовати мазкур ғазали зерин аст, ки шояд шоир дар ҳамин айёми камбағалии хеш таълиф намуда бошад. Чунончи:

Ман, ки аз ташвиши даврон хотирам зери ғам аст,
Рӯзи идам дар назар монанди шоми мотам аст.
Карда ғамҳои ҷаҳон ҷо дар дили ношоди ман,
Лоҷарам ҷуз ман ба олам ҳар ки бинӣ хуррам аст.
Одамият дар мизоҷи аҳли олам ёфт нест,
Бошад аз ҳайвон басе кам, он ки гӯӣ одам аст.
Рафт то ҷое камоли нуқсу нуқсони камол,
Соҳиби ҷаҳли мураккаб бошад, он к-ӯ аълам аст.
Бошад эмин аз ғурури ин шаётинофатон,
Чун Сулаймон ҳар ки таслимаш нигини хотам аст.
Дил ба нони хону оши косаи дунон мабанд,
Филмасал гар қурси хуршед аст в-ар Ҷоми Ҷам аст.
Баъд аз ин, Возеҳ, чу Урфӣ аз фалак фарёд хоҳ:
«Ман ба ҷое меравам, к-он ҷо қадам номаҳрам аст».

Албатта, тахмин метавон намуд, ки чунин абёти моҳияти бисёр қавии иҷтимоидошта шояд аз нигоҳи эҷод ба даврони пирии шоир рост омада бошанд. Чунин ашъори лирикии шиквоӣ дар осори маҳфузмондаи Возеҳ кам нест. Ӯ бештар ранҷу кулфатҳо, тангдастию шиканҷаҳои замонро зимни нақши лирикии маҳбуба хеле ва хеле хуб ба тасвир мегирад. Ҷузъиёти тасвир дар лирикаи ишқии Возеҳ бо ин характернок аст, ки пурра воқеӣ, ҳаётӣ, мушаххас, муқаррарӣ буда, аз ноҷӯриҳои рӯзгор ҳосил шудаанд. Масалан, ғазали зерини Возеҳ намунаи бисёр хуби чунин қазоват мебошад:

Ёр темори дили хастаи мо кард?-Накард,
Гузаре ҷониби арбоби вафо кард?-Накард.
Чашмаш аз лутф сӯи ғамзадагон дид?-Надид,
Дилаш аз меҳр ба мо майли сафар кард?-Накард.
Соате мӯниси ғамхонаи мо буд?-Набуд,
Тарки ҳамсӯҳбатии аҳли дуо кард?-Накард.

Бар муроди дили аҳбоб даме рафт?-Нарафт,
Дарди ушшоқи ҷигархора даво кард?-Накард.
Аз парешонии ман зулф туро гуфт?-Нагуфт,
Ё ки тақрири ғамам боди сабо кард?-Накард.
Бар ғами бекасиам ҳеч касе сӯхт?-Насӯхт,
Аз шиканҷи ситами чарх раҳо кард?-Накард.
Коми Возеҳ фалаки шаъбадабоз[75] дод?-Надод,
Раҳм бар вай нафасе баҳри Худо кард?-Накард.

Поёни умри Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар Бухоро сипарӣ гардида, ӯ соли 1894 дар ҳамин ҷо олами фониро падруд гуфтааст.

МЕРОСИ АДАБИИ ВОЗЕҲ

Дар суханпардозиву иншои насрам нест мисл,
Нест касро андарин фазлам маҷоли мункирӣ.
Дар луғоти форсиву туркиву лафзи араб
Бурдам аз майдони маънӣ гӯйи сабқу бартарӣ.

Бо вуҷуди ҳамаи мушкилоти зиндагӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ, тангии маишӣ, нооромиҳои замон Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ тавонистааст аз худ осори гаронарзиш боқӣ гузорад. Возеҳ се забонро: тоҷикӣ, арабӣ ва туркиро хеле хуб омӯхта будааст ва бо ин забонҳо эҷод кардааст, вале бисёр афсӯс, ки на ҳамаи он осори гаронқадр то ба ин рӯзҳо омада расидааст. Аз мероси адабии Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ то кунун чунин асарҳо маҳфуз мондаанд: «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб», «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» ё «Ғароиб-ул-хабар фи аҷоиб-ус-сафар», «Кони лазат ва хони неъмат». Ин асари Қорираҳматуллоҳи Возеҳ дар хусуси тайёр намудани таъомҳои миллӣ, ширинихо ва анвоъи нон, ки дар миёни мардумони Осиёи Миёна ва ба хусус бухороиён ҷорӣ будааст, маълумоти судманду муфид медиҳад. Асари дигари Возеҳ «Ақоид-ун-нисо» («Эътиқоди занон») ном дошта, дар ин асар урфу одат, расму хурофоте, ки миёни занони нодону нохондаи ватани шоир-Бухоро ҳукмфармо будааст, ҳаҷву танқид карда мешавад.

Ниҳоят, осори манзуми Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, ки аслан бо забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ эҷод гардида, қисми зиёди он осор аз миён рафта будааст. Ҳоло қисман ба забонҳои тоҷикиву арабӣ маҳфуз мондааст, ки онҳо на дар шакли девон, балки дар шакли парешон, аз сарчашмаҳои асри шоир қисман гирдоварӣ карда шудаанд.

Инчунин баъзе асарҳои дигари ӯ низ то кунун маҳфуз мондаанд ва ё дастрас нестанд, танҳо унвони онҳоро муаллифони сарчашмаҳо ёдрас кардаанд. Ба силки чунин осор: «Шақоиқ-уд-дақоиқ»-дар тавсифи илмҳо ва олимони ҳамон соҳа, «Ароис-ул-абкор ва наводир-ул-афкор»-асари бадеӣ буда, аз ҳикоёти манзуму мансури мухталифи ба забонҳои тоҷикию арабӣ эҷодшуда иборат мебошанд ва ниҳоят «Тӯҳфаи амонӣ», ки оид ба илми тиб аст, дохил мешаванд.

---

[75] Шаъбадабоз-найрангбоз

«Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба ин асари худ ду ном гузоштааст: «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» («Воқеаҳои роҳ ва масофаи байни мамлакатҳо») ва унвони дигари ҳамин асар «Ғароиб-ул-хабар фи аҷоиб-ус-сафар» («Ҳикоёти ғариб аз аҷоиботи сафар») мебошад. Ин асари сафарӣ буда, соли 1887 таълиф шудааст. Асар зоҳиран ба ҳокими вақт амир Абдулаҳад бахшида шудааст.Ин асар аз муқаддима, бахши асосӣ ва хотима иборат аст. Муқаддимаи асар суннатӣ буда, аз таҳмид, наът оғоз мешавад ва муаллиф дар ҳамин бахш мақсади худро аз сафари Ҳиҷоз баён менамояд. Дар қисмати асосии асар Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ тасвир менамояд, ки ӯ соли 1886 чӣ гуна бо нияти ба ҷо овардани маросими ҳаҷ ба сафари Ҳиҷоз баромадааст. Возеҳ аввалан роҳи хешро тариқи саҳроҳои Туркманистон, шимолии Эрон, соҳилҳои баҳри Хазар (Каспий), қаламрави мулки Қафқоз, баҳрҳои Сиёҳ ва Миёназамин ва баҳри Сурх ба Ҳиҷоз рафта расидааст. Пас аз адои маросими муқаддаси ҳаҷ ӯ зимистони соли 1887 тавассути роҳҳои Эрон ба Бухоро омадааст. Дар ин асар оварда мешавад, ки муаллиф ҳангоми мусофират бисёр шаҳрҳои мутараққии олам мисли: Марв, Ашқобод, Боку, Искандария, Машҳад, Ироқ, Эрон ва ғайраро дидааст, ба тарзи зиндагӣ, урфу одат, рӯзгор, забон, маданият, муносибат, пешрафт, усули давлатдорӣ, ободонии шаҳрҳо, машғулияти халқҳои ин ё он шаҳру кишвар, боигарии онҳо, истеҳсолоту истеъмолоти онҳо, зироату боғдориҳо, дарёҳо, иқлимҳо, раставу бозорҳо, масҷиду мадрасаҳо, таълимкадаҳо, машғулияти дӯстдоштаи баъзе халқу кишварҳо ва ғайраро мушоҳида намудааст. Возеҳ, хусусан ба шаҳрҳои Боку, Тифлис, Батуми ва дар як қатор шаҳрҳои Русия ва ғайра чанд муддат меистад, аз ободонию маданият ва усули кишвардории онҳо амирро мехоҳад огоҳ созад. Ҳатто амирро барои беҳбудии мамлакат ба чорачӯӣ мехонад, вале бисёр афсӯс, ки хидмати адибро дар Бухоро ба амир чоплусҳову чокарони ӯ дигархелтар шарҳ медиҳанд, ки амир Абдулаҳад ба Возеҳ ба чашми таҳқир менигарад. Миёни шоҳ ва шоир низоъ ба амал меояд.

Ғояҳои пешқадам ва маърифатпарваронаву маорифхоҳонаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар ин асар, дар он ҳам зоҳир мегардад, ки шоир маданият, санъат, илм ва фарҳанги пешқадамро тарғиб мекунад. Бояд гуфт, ки аввалан асар барои тарғиби макони муқаддаси ислом, Макка ва Мадина, ба ҷо овардани ҳаҷ таълиф шудааст ва муаллиф аслан ҳамин ҷиҳатро мехоҳад ба мардум шиносонад. Зеро дар ин муддат робитаи Бухоро ба Шарқу Ғарб чандон ҷоннок набуд ва аз ин рӯ, Возеҳ мехоҳад мардумони Бухоро ва атрофи онро бо муқаддасоти исломӣ шинос намояд ва ба хусус, насли миёнсол ва ҷавони қаламрави Бухороро бештар воқиф созад. Танҳо пас аз роҳ ёфтани Русияи подшоҳӣ, бо вуҷуди бисёр ҷанбаҳои манфӣ, тарафҳои пешқадам низ ба мушоҳида мерасад ва ин ҷанбаи пешқадам пайвастан ба тамаддуни Ғарб ва техникаву тахнологияи Аврупо мебошад.

Возеҳ дар ин ҷода то ба дараҷае пайрави Аҳмади Дониш аст, зеро ӯ мутаассиб нест. Возеҳ бештар ба он шаҳрҳо рафта буд, ки он ҷойҳо нисбат ба Бухоро хеле пешрафта ба шумор мерафтанд.

Возеҳ асосан ба се ҷиҳат бештар диққат додааст: а) сохтори сиёсии кишварҳо, мамлакатҳо, б) сатҳи рушди иқтисодиву сиёсӣ, в) ҳолати илму маданият, адабиёту ҳунар, техникаву технологияи то дараҷае пешрафта. Возеҳ ба шаҳри Марв аз он ҷиҳат таваҷҷӯҳ мекунад, ки он аллакай тавассути роҳи оҳан ба Аврупо пайваста буд. Ӯ менависад: «Аз ҳангоми убури доӣ (яъне ман, банда) то алҳол, ки ёздаҳ моҳ аст, Марв бисёр обод шуда ва тафовути куллӣ дар умроноту (ободонӣ) асвоқ (бозорҳо) ба ҳам расонидааст. Ва ба ҷиҳати дарё пуле сохтаанд муштамил бар сездаҳ хона аз чӯб…»

Ё худ дар тасвири осиёби шаҳри Истамбул менависад: «Мошин дошт, ки сабӯсро аз орд ҷудо мекард ва мошини дигар дошт, ки орди аълоро аз авсату (миёна) адно (пасттар) имтиёз медод».

Возеҳ ин ҳама техникаву технологияро аз мувофиқати илму амал ва пешрафти илмҳои табиатшиносӣ медонад. Возеҳ Теҳронро аз он ҷиҳат тасвир мекунад, ки дар баробари мадрасаҳо мактабҳои усули нави ҳарбӣ-низомӣ ва техникаву технологияи Аврупоиро кор гирифтааст. Ӯ менависад: «Ба иморати муаллимхонаи шаҳрӣ рафтем, ки ба даруни ҳуҷароти онҳо мардумон ва кӯдакони дигар ҳастанд, ки забонҳои мухталифа аз русиву фарангӣ ва арабию юнонӣ ва ғайра илми низоми сарбозӣ таълим медиҳанд».

Ҳангоми сафар Возеҳ ба бисёр миллатҳо ва намояндагони динҳои дигар вомехӯрад. Ӯ ба як тан тоҷири арман дар бораи худ чунин нақл мекунад: «Ман марди толибилми фақирам ва на моле хариданӣ ва на бизоате фурӯхтанӣ дорам. Он чи ман дорам, ҳамин мояи илму ҳунар аст, ки касе онро намеписандад…».

Аз ин қиёсҳо бармеояд, ки асари Возеҳ то ба ҳадде бо сабки реалӣ иншо шуда, арзиши адабӣ, бадеӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, этникӣ, фарҳангӣ, фолклорӣ, иқтисодиву сиёсӣ дошта, халқи сарзамини Бухоро ва пеш аз ҳама, ҳукумати ин қаламравро аз тамаддуни Шарқу Ғарб то андозае огоҳ месозад. Ба туфайли асари Возеҳ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ як қатор калимаҳои нав: миқнотис (магнит), физика, вогун (вагон), оҳан, ҷелиз (железо), мошин, аробаҳои оташӣ, рейл ва ғ. ворид шудаанд ва ҳатто ба қадри тавоноии худ муродифи тоҷикии онҳоро пайдо мекунад.

Умуман, Возеҳ, барои он ки забони асараш ба хонандаи Бухоро фаҳмо бошад, бештар аз луғоти гуфтугӯӣ-халқӣ низ кор гирифтааст. Инчунин дар баъзе мавридҳо гумон меравад, ки сабки адиби охири асримиёнагӣ нест. Масалан, «Қолинҳои абрешимӣ ва пашмӣ… паҳну фарш карданд..», ё ки: «Хидмати мекардагиашон ҳамин ки лосаву молидан аст» ва ё дар ҷои дигар: «Ва ҳамин ки шахс аз дар медарояд, ба ҳар ду ҳуҷра роҳ дорад». Ё ин ки дар ҷои дигар чунин менависад: «…се ҳарами дарунбадарун воқеъ шуда…»

Бояд гуфт, ки як сифати бисёр ҷолиби кори Қорираҳматуллоҳи Возеҳ он аст, ки ӯ монанди Аҳмади Дониш калима, ибора ва истилоҳоти

русиро хеле зиёд ба кор мебарад. Ҳангоми истифода аз калимаҳою ибораҳо ва истилоҳоти ҷудогона, ӯ аввал онро шарҳ медиҳад ва баъд муродифи онро зикр менамояд. Чунончи: «Ва аробаи оташӣ, ки ба истилоҳи Русия «ҷелиз» (железо, яъне железная дорога) ва «рейл» (калимаи англисӣ мебошад) ва мошин (машина) хонанд».

Дигар ин ки Возеҳ калима, ибораҳоро баъзан бе тарҷума низ зикр менамояд. Дар ин маврид тарҷума накардани калимаҳои овардаи ӯ сабаб дорад, зеро дар ин маврид ҳамон калимаву ибораҳоеро зикр менамояд, ки онҳо кайҳо дар забони халқҳои Осиёи Миёна ва ба хусус, тоҷикҳо маъмуланд ва аз ин рӯ, ӯ онҳоро бе тағйироти тарҷумавӣ зикр менамояд: устал-стул, физик-физика, тилгироф-телеграф ва ғайра.

Давраи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ бо назардошти даврaҳои насри форсӣ-тоҷикӣ, насри давраи бозгашти адабӣ аст, ки бо мақсади содагардонӣ то андозае луғату ибораҳои арабӣ дар забони ин давра, албатта, бо таъсири мадраса хеле зиёд мебошад. Аҷоиб он аст, ки Возеҳ гӯё истисно бошад, зеро баъзе ҷумлаҳои ӯ ба фаҳми хонандаи имрӯза хеле наздик аст. Нависанда ҳангоми тасвири воқеаҳо, ҳодисаҳо, ҷойҳои таърихӣ, сӯҳбатҳо бо мардуми дигар хеле оддӣ суханварӣ менамояд. Вай сайъ мекунад, ки баёнаш нисбатан оддиву сода ва оммафаҳм бошад, то хонанда бе ягон душворӣ аз мақсади вай огоҳ шавад. Чунончи, ба ин тасвири хурдакаку мӯъҷази ӯ зеҳн монед: «Дар пешгоҳи ин мадраса ба тарзи хонақоҳ ҷои намоз таъбия (ҷой додан) намудаанд, ки бе муболиға, агар касе ба болои он назар кунад, кулоҳу дастораш аз сараш меафтад».

Аз тарафи дигар, нависанда аз санъатҳои бадеӣ хеле моҳирона кор мегирад. Ин албатта, бо он мақсад аст, ки таваҷҷӯҳ ва диққати хонандаро ба худ ҷалб намояд ва хонанда монда нашуда асарро то ба охир мутолиа кунад. Чунончи, ҳаммоми шаҳри Истамбулро ба тасвир гирифта равшании дохили онро хеле ҷолиб ба қалам медиҳад: «Ва дар равшанӣ то ба ҳаддест, ки агар сӯзане дар як тарафи хонае афтода бошад, аз ин тарафи дигар, дида мешавад» ва ғайра.

«Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ ба ҷуз аҳамиятҳои дар боло зикргардида боз аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки нависанда, пеш аз ҳама суннати гузаштагонро тақвият бахшидааст. Мо медонем, ки дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин асари сафарӣ ва ё сафарномаи нахустини насрӣ ба шоир, нависанда, файласуф ва мутафаккири садаи XI Ҳаким Абӯмуъинуддин Носири Хусрави Қубодиёнӣ тааллуқ дорад ва асари ӯ «Сафарнома» ном дошта, ҳосили сафарҳои ҳафтсолаи мутафаккирро дар бар мегирад. Воқеан, нахустин сафарномаи манзум бошад, каме баъдтар аз тарафи шоири тавонои асри XII Афзалуддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ рӯи кор омадааст, ки он «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» ном дорад. Суннати мазкур сонитар бо шаклу намудҳои дигар низ ба назар мерасад ва ҳатто «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ то андозае асарҳои саргузаштӣ низ мебошанд ва ғайра.

Возеҳ дар ин давра суннати мазкурро аз нав эҳё намуда, идома дод ва тозакориҳои хеле зиёду назаррас намуд. Ба ғайр аз ин, «Савонеҳ-ул-масолик» боз аз он ҷиҳат пуразриш аст, ки ӯ зимни сайру саёҳатҳо ва

ҷамъ намудани хотироти сафарӣ дар бораи ашъори баъзе аз муосирону шуарои дигар бо ягон сабабу баҳонае рӯҷӯъ намудааст ва аз ашъори шуаро пораҳои шеърӣ меорад. Аз ҷумла, дар асари Возеҳ 130 байт (260 мисраъ) оварда шудааст ва ё ин ки дар ин асари сафарӣ се ҳикоят низ зикр карда мешавад.

Бояд гуфт, ки «Савонеҳ-ул-масолик» намунаи беҳтарини насри адабӣ-бадеии нимаи дуюми асри XIX буда, барои рушди асарҳои сафарномавӣ мусоидат низ намудааст.

Умуман, «Савонеҳ-ул-масолик» дар рушду инкишофи каломи бадеъ, насри адабӣ ва адабиёти нимаи дуюми асри XIX мақоми арзанда дорад.

МАЗМУНИ МУХТАСАРИ «КОНИ ЛАЗЗАТ ВА ХОНИ НЕЪМАТ»

Ин асарро Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ солҳои 1880-81 таълиф кардааст. Асар аз ду ҷилд иборат буда, дорои муқаддима, ду матлаб ва хотима мебошад. Муқаддима ва матлаби якум дар ҷилди якум, матлаби дуюм ва хотима дар ҷилди ду ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима оид ба 18 навъи нон, дар матлаби якум, ки аз 22 боб иборат аст, оид ба 109 навъи таом маълумот медиҳад. Дар матлаби дуюм, ки аз бист боб иборат мебошад, оид ба 169 навъи ҳалво маълумот додааст.

Маълум аст, ки дар ин соҳа асарҳои зиёде навишта шудааст. Аз ҷумла: «Қарободини Қодирӣ», «Захираи Хоразмшоҳӣ», «Тӯҳфат-ул-мӯъминин», «Амал-ус-солиҳин», «Қарободини кабир», «Матлаъ-ул-улум», «Иксири аъзам», «Махзан-ул-адвия», «Тарёки имомӣ», «Ганҷи шоиқон», «Лаззат-ул-висол» ва ғайра. Соли 1434 Абӯисҳоқ Ҳаллоҷи Атъимаи Шерозӣ «Канз-ул-иштиҳо»-ном девоне мураттаб сохт, ки он аз ғазалҳо оид ба навъҳои гуногуни хӯрокҳоро дарбар мегирад. Вале асари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ арзишмандтар аст, зеро дар ин рисола хусусиятҳои таому таркиби онҳо ва усули тайёр намудани онҳо хеле ба тафсил баён карда мешавад. Муаллифи асар навъҳои таъом, аснофи ҳалвою мураббо ва ғайраро бо тартиби алифбои арабӣ зикр намуда, ба он бобҳо чунин номгузорӣ менамояд. Масалан, «Боби алиф», «Боби дол», «Боби син» ва ғайра.

Дар матлаби аввали рисола аз ҷумла навъҳои зерини онҳо номбар карда мешавад: Иброҳимия, оши анбарборис, оши угро, олуболупалав, оши орд, оши ришта, анорпалав, боқилапалав, барро, барӣ, барии кашмирӣ, бурони ҷазар, исфаноҷ, бурони бодинҷон, бурони хиёр, бурони морчӯба, бовардӣ, буғро, буғрои ҳиндӣ, буғрои анор, буғрои хоразмӣ, палав, яхнипалав, луқмапалав, шибетпалав, палави сода, палави зард, палави қурма, палави ҳанонӣ, бурак, баҳат, ҷамолпалав, чукпалав, ҷавозиба, ҷазария, чалов, ҷӯшира, рангинак, сумоқия, уҷҷа, асида ва ғайра.

Аз ҳама муҳим он аст, ки «Кони лаззат ва хони неъмат» на фақат нону ошҳо ва ширинҳои маъмулии халқҳои Осиёи Миёна, инчунин таъомҳои машҳури халқҳои баъзе аз мамлакатҳои берун аз Осиёи Миёнаро низ

дарбар мегирад. Муаллифи асар инро мавриди баён сохтани таркиби аксари онҳо махсус қайд карда мегузарад. Чунончи: «Барро (як навъи таъом дар Ҳиндустон) аз ағзияи (ғизои) аҳли Ҳинд аст». Ё ин ки: «Бӯрони хиёр (номи хӯрок). Ин таъомро дар Язд мепазанд». Ё худ: «Бӯрони бодинҷон (номи таъом) – ин хӯрокро дар Шероз мепазанд» ва монанди инҳо.

Метавон таъкид намуд, ки «Кони лаззат ва хони неъмат» бештар таъому ширинихои дар байни мардумони Осиёи Миёна, Хоразм, дар баъзе шаҳрҳои Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Туркия ва Арабистон машҳурро фаро мегирад. Хусусан, қисми зиёди навъҳои нону таъом, ҳалвою мураббо, ки дар асар омадаанд, миёни халқҳои Бухоро, Хуҷанд, Самарқанд, Кӯлоб, Қӯқанд ва дигар ҷойҳо маъмуланд. Аз ҷумла: нони ширмол, нони кӯмоч, нони варақӣ, нони нахудӣ, нони сагак, нони тафтон, палов, шӯрбо, қавурма, кабоб, кӯфта, ширбиринҷ, дӯлма, оши орд, оши софӣ, оши ришта, тушбера, оши угро, боқилапалов, шавла, кичирӣ, ҳалвои тар, ҳалвои ордӣ, ҳалвои кунҷит, ҳалвои лавзӣ, ҳалвои шакархамир, ҳалвои ангур, ҳалвои писта, ҳалвои собунӣ, ҳалвои мағзӣ, мураббои олуча, мураббои пӯсти тарбуз, мураббои сабзӣ, мураббои биҳӣ, мураббои тут, мураббои райҳон, мураббои амруд ва ғайра дар шаҳрҳои номбаршуда басо серистифода машҳуранд.

Муҳим он аст, ки Возеҳ дар асари худ хусусиятҳои шифобахшии таъомҳо ва таркиби кимиёвии таъомҳо, усули тайёр намудани онҳоро хеле хуб баён мекунад. Барои намуна метавон чанд навъи хӯрокворирo тибқи тасвиру баёни Возеҳ зикр намуд.

Нони бодомӣ. – Нонест бисёр латифу лазиз ва муқаввии меъда. Бигиранд мағзи бодом ним-то, равғани зард - ду дирам, сафедии байзаи мурғ-як адад ва пӯсти мағзи бодомро дар об тар карда ҷудо намоянд ва ба офтоб хушк созанд, то таровати об зоил шавад, он гоҳ бориксудаи наботро дар андак об шира кашида, бодоми сударо дар он биандозанд ва ба дегча карда бар сари оташи зӯғол, яъне ангишт ниҳанд ва ба кафча лат кунанд, чун қариб ба бастагӣ расад, сафедӣ ва равғанро чун бо ҳам омехта дар он биандозанд, чун пухта шавад, баранд ба болои коғаз. Аз он нонҳои борик ба тарзи нони хитоӣ сохта бар сари хони биринҷӣ ё мис ҷудо-ҷудо баркашанд ва оташи ангишт дар зери хон ба болои хон ҳар чаҳор тараф ба андак фосила бигзоранд ва чун ба сурхӣ дарояд, пухта шуда бошад, аз оташ бардоранд ва ба кор бароранд».

Ё ин ки дар ҷои дигар оид ба омода намудани **мураббои олуча** мегӯяд: «… Ғалабаи сафро биншонад ва ташнагиро сокин гардонад. Бигиранд олучаи султонӣ ҳар қадар ки хоҳанд ва дар деги сангӣ кунанд ва ду-се ҷӯш дода фӯруд гиранд, дигарбора бо асал ё қанд ё шакар табх (қиём) намоянд» ва ғайра.

Умуман, асари насрие, ки оид ба навъҳои таъом ва хӯрокворихо то ба ин дараҷа маълумоти ҳаматарафа медода бошад, нест. Илова бар ин, дар асар аз пешрафту инкишофи мадданияти моддӣ-маъишии халқи тоҷик дар даврони муайян шаҳодат медиҳад. Аз сӯи дигар, аҳамияти асар боз

дар он аст, ки ин аҳамияти шифобахши хӯрокҳо баён карда мешавад, ки арзиши тиббӣ доштани онро нишон медиҳад.

«АҚОИД-УН-НИСО» ВА МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ ОН.

Соли таълифи асар зикр нашудааст ва аз ишораҳои муаллиф пайдост, ки он пеш аз «Кони лаззат ва хони неъмат» эҷод карда шудааст. Муаллиф ин асарашро «…мухтасарест дар баёни аҳволу афъоли занон» мегӯяд.

«Ақоид-ун-нисо» аз нигоҳи сохтор низ ҷолиб буда, дорои муқаддима ва 16 боби хурд-хурд мебошад.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф панҷ нафар занони обруманди замонро ном мебарад. Онҳо: Бибишоҳ Зайнаб, Бибихоли Ҷӯйборӣ, Бибимоҷони Базморо, Хола Панир, Бибиқалмоқи Оллоҳгӯй мебошанд. Муаллиф ин бибиҳоро аз «уламову фуқаҳои замони худ» ном бурда, қайд мекунад, ки: «…ҳар зане, ки хилофи фармудаи эшон кунад, гунаҳкори азим бошад».

Баъд аз муқаддима бобҳои китоб оғоз мешавад, ки чунин унвонгузорӣ шудаанд:

Боби якум: «Дар баёни вузӯъ ва ғусл»…

Боби дуюм: «Дар баёни авқоте, ки намоз соқит аст ва тарки он воҷиб аст»

Боби сеюм: «Дар баёни рӯза»…

Боби чорум: «Дар никоҳ дар шаб ё рӯзи зифоф».

Боби панҷум: «Дар баёни аъмоли шаби зифоф».

Боби шашум: «Дар баёни зоёнидани занон».

Боби ҳафтум: «Дар баёни ҳаммом рафтан».

Боби ҳаштум: «Дар баёни созҳо ва феъли он».

Боби нӯҳум: «Дар баёни фаслҳо ва авқоти он».

Боби даҳум: «Дар баёни муошират занону шавҳарон».

Боби ёздаҳум: «Дар баёни матбуоте, ки ба назар воҷиб аст».

Боби дувоздаҳум: «Дар баёни таъвиз ба ҷиҳати захми чашм».

Боби сенздаҳум: «Дар баёни маҳраму номаҳрам».

Боби чордаҳум: «Дар баёни истинҷоби дуо».

Боби понздаҳум: «Дар баёни меҳмон».

Боби шонздаҳум: «Дар баёни хоҳар хондан».

Мазмуни бобҳо киноямез буда, ин занҳо, ки асилзодаву ашрофзодаанд, ҳар кадоме муҳокимарониҳои хеле аҷоиб доранд.

Масалан, дар боби якум менависад, ки вузӯъ ва ғуслро ҳамаи уламо (панҷ нафар бибиҳо…) воҷиб медонанд, вале дар ҳолатҳои зерин: вақте ки зан ба дасти худ ҳино баста бошад, ё бар абрӯяш усма кашида бошад, ё шавҳар ба ӯ иҷозати ҳаммом рафтан надода бошад, ба ақидаи Бибишоҳ Зайнаб, то панҷ рӯз ин ҳолат давом бояд кунад ва ба қавли Бибихоли Ҷӯйборӣ, то як ҳафта ва ба гуфтаи Бибимоҷони Базморо, то ба як моҳ тарки ғуслро воҷиб медонад ва ғайра. Ё худ оид ба муносибати занон бо модаршӯён менависад: «…арӯс бо модари шавҳар ва модаршӯй бо арӯс,

албатта, душманӣ кунанд, ҳарчанд дар дил бо ҳам дӯст бошанд, дар зоҳир албатта-албатта душман бошанд… ва Бибӣ Шоҳ Зайнаб аз қавли муршиди худ иблиси лаъин гуфта, ки акси онро ба амал орад. Ба арӯс воҷиб аст, ки рӯзу шаб дурӯғ ва ифтирои (сафсаттаи) бисёр аз қавли шайтони лаъин ба шавҳар нақл кунад» ва монанди инҳо.

Умуман маълум мешавад, ки «Ақоид-ун-нисо»-и Возеҳ дар таърихи адабиёти тоҷик яке аз комилтарин ва арзишмандтарин асар ба ҳисоб меравад. Ин асар назари шахсии муаллиф набуда, асосан ақидаҳои 5 тан занони «уламо»-и давр мебошад.

Асар маҷмӯи урфу одат, тафаккуру ҷаҳонбинии занони табақаи муайяни ҷамъияти онвақтаи Бухорост, ки аз тарафи Возеҳ мушоҳида карда шудааст. Аз тарафи дигар, мо муоинаи табақаҳои иҷтимоии ҷамъияти ҳамонрӯзаи Бухоро ва ба хусус, авзои занон ва мақоми онҳоро дар оила ва ҷамъият мебинем.

Савол ва супоришҳо:

1. Овони ҷавонӣ ва таҳсили илм кардани Қорираҳмалуттоҳи Возеҳ чӣ гуна сурат гирифтааст?
2. Возеҳ кай ба дарбор роҳ ёфтааст?
3. Сабабҳои хидмати дарборро тарк кардани Возеҳ чист?
4. Поёни умри Қорираҳматуллоҳи Возеҳ чӣ гуна гузаштааст?
5. Мероси илмию адабии Возеҳро номбар кунед.
6. Сабаби таълифи асари «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ чӣ буд?
7. Мазмуну мӯҳтавои «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ аз чӣ иборат аст?
8. Возеҳ дар ин асараш кадом андешаҳои пешқадамро тарғиб намудааст?
9. Возеҳ дар «Савонеҳ-ул-масолик» бештар ба кадом масъалаҳо рӯ овардааст?
10. Сафарҳои Возеҳ ба ҷаҳонибинии ӯ чӣ гуна таъсир бахшидааст?
11. Мазмуни мухтасари «Кони лаззат ва хони неъмат»-ро нақл кунед.
12. Дар «Кони лаззат ва хони неъмат» кадом навъҳои таъом шарҳу тавзеҳ дода шудаанд?
13. Сохт ва мундариҷаи «Ақоид-ун-нисо»-ро баён кунед.
14. Возеҳ дар «Ақоид-ун-нисо» бештар ба кадом масъалаҳо диққат додааст?
15. Аҳамияти илмию маърифатии «Ақоид-ун-нисо»-ро фаҳмонед.
16. Истифодаи истеҳсолоту таъбироти хӯрокворирo дар асари «Кони лаззат ва хони неъмат шарҳ диҳед.

РӮИХАТИ АДАБИЁТ

Асрҳои XVI - XVII

I

1. Соиби Табрезӣ — Мунтахабот. Душанбе: Адиб. 1980.
2. Соиби Табрезӣ — Дар китоби «Гулшани адаб». ҷ.4. Душанбе.

II

1. Маъсумӣ Н. — «Адабиёти тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XIX» Душанбе. 1962.
2. Мирзоев А. — Из истории литературных связей Мовароуннахра и Индии во второй половине XVI начале XVII вв. М.1963.
3.Саъдиев С. — «Адабиёти тоҷик дар асри XVII». Душанбе: Дониш. 1985.
4.ТоировУ., Солеҳов М. — Соиби Табрезӣ / Маърифат, 2004, №7-8, с.19-25.

Асрҳои XVIII - XIX

I

1. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ — Гулшани адаб.
2. Абдулқодирхоҷаи Савдо — Ашъори мунтахаб. Сталинобод. 1958.

II

1. Амирқулов С. — Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX. Душанбе. 1997.
2. Неъматзода Т. — «Возеҳ». Душанбе. 1967.
3. Раҷабов З. — «Маорифпарвар-Аҳмади Дониш». Душанбе. 1964.
4. Ҳодизода Р. Каримов У. ва Саъдиев С. — «Адабиёти тоҷик». Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX Душанбе: Маориф. 1988.
5.Коллектив. — Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тои ҷ к. ҷ.3, - Душанбе. 2004.